АХТАРОНИ АДАБ



40

ҲАЙАТИ МУШОВАРА ВА ТАҲРИРИЯИ
50-ҶИЛДАИ ОСОРИ КЛАССИКОН ВА МУОСИРОН
АЗ СИЛСИЛАИ «АХТАРОНИ АДАБ»

ҲАЙАТИ МУШОВАРА

Абдуҷаббор Раҳмонзода
Зулфия Давлатзода
Фарҳод Раҳимӣ
Низом Қосим
Гулназар
Носирҷон Салимӣ
Давлат Сафар

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ

Абдулҳамид Самад
Кароматулло Олимзода
Абдураҳмон Абдуманнон
Абдунабӣ Сатторзода
Аламхон Кӯчарзода
Мирзо Муллоаҳмад
Алии Муҳаммадии Хуросонӣ
Муҳтарам Ҳотам

САДРИДДИН АЙНӢ

МУНТАХАБОТ

Душанбе
«Адиб»
2020

ББК 84 Тоҷик 7-5
А-14

Мураттиб ва муаллифи сарсухан
Аламхон Кӯчарзода

Муҳаррир *Меҳрӣ Саидова*

А-14 **Садриддин Айнӣ. Мунтахабот.**
– Душанбе, «Адиб», 2020, 480 саҳ.

ISBN 978-99947-2-590-8

© Нашриёти «Адиб», 2020

УСТОД АЙНӢ ВА ИСТИҚЛОЛИЯТИ МИЛЛИИ ТОҶИКОН

Умри Айнӣ аз барои халқ сарфи хома шуд,
Халқи моро дафтари Айнӣ шаҳодатнома шуд.
Сарзамини мо худ аз осори ӯ сар мешавад,
Ин замин бо ӯ ба дунёе баробар мешавад.
(Бозор Собир)

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маросими баъди азнавсозӣ ба истифода додани Боғи фарҳангу фароғати ба номи Садриддин Айнӣ таъкид доштанд, ки: «Корномаи беназири устод дар таърихи миллати мо камназир буда, тамоми умри бобаракати ӯ барои ҳифзи ҳувияти тоҷикон ва ба сифати миллати қадимӣ эътироф гардидани онҳо сарф шудааст».

Тавъамии устод Айниро ба халқи азизаш Мирзо Турсунзода дар сарсухани чопи русии «Ғуломон» чунин таъкид карда буд: «На ҳама вақт мешавад, ки зиндагиномаи як кас қариб тамоман ба зиндагиномаи халқи ӯ қаробат пайдо кунад, чунонки ин ҳолат ба Садриддин Айнӣ рух додааст. Ҳаёти ӯ ба ҳаёти тоҷикон – аз солҳои сиёҳи гузашта то рӯзҳои хушбахтии даврони мо иртиботи ногусастанӣ дорад. Ва агар сол ба сол, қадам ба қадам, тӯфони пуршӯри воқеаҳои қариб як асрро, ки Айнӣ зиндагӣ кардааст, мушоҳида кунем, ин ҳикоя оид ба тақдири тамоми халқ мешавад, ҳикоя дар хусуси он мешавад, ки чӣ тавр мардуми меҳнатӣ аз камбағаливу беҳуқуқӣ ба хушбахтиву рӯшноӣ расид. Аввал тифл, баъд ҷавон ва дар охир марди камолёфта – Айнӣ он чиро дидаву аз сар гузаронидааст, ки қавми ӯ дидаву аз сар гузаронидааст. Айнӣ барои мо рамзи тай намудани роҳи пурмашаққати халқаш мебошад».

Оре, тамоми зиндагинома ва фаъолияти илмӣ, публитсистӣ ва эҷодии устод Айнӣ бозгӯи муҳаббату садоқат ба халқи азизаш ва талош баҳри озодиву истиқлолияти миллати азияткашида, вале сарбаланди тоҷик мебошад. Андешаҳои истиқлолиятхоҳии устод Айнӣ нахуст солҳои аввали мадрасахонӣ, вақте ки ба асари Аҳмадмахдуми Дониш «Наводир-ул-вақоеъ» шинос мешавад, зуҳур мекунад.

Бардошти Садриддин Айнии ҷавон аз «Наводир-ул-вақоеъ» боиси тақвияти ҷаҳонбинии сиёсиву иҷтимоӣ, доираи тафаккур ва завқи эстетикиву ҳунари нигорандагии нависандаи оянда гардид ва ӯ аз хаёлпарастии шарқиёна даргузашта, ҷиддан ба тасвири реалистӣ рӯ овард. Ин нуктаро худи Айнӣ чунин тавзеҳ медиҳад: «Шиносоии ман ба «Наводир-ул-вақоеъ» ба ман танҳо инқилоби фикриро бедор карда намонд, балки ба сарам савдои насрнависиро ҳам андохт. Дар ҳамон вақтҳо ман орзу мекардам, ки бояд кас насрнавис шавад ва агар ин мақсад ба даст дарояд, монанди Аҳмадмахдум насрнавис шавад, ки воқеаҳоро дар пеши хонанда бо забони сода таҷассум кунонда нишон дода тавонад»[1].

Чизи дигаре, ки боиси бедории фикрӣ ва худшиносии устод Айнӣ дар айёми мадрасахонӣ мегардад, шиносоӣ ба матбуоти даврии аз Россия, Туркия, Ҳиндустон, Эрон, Афғонистон ба Бухоро омада мебошад. Матбуоти даврӣ, аз ҷумла рӯзномаву маҷаллаҳои бисёре, аз қабили «Ҳабл-ул-матин» (Ҳиндустон), «Чеҳранамо» (Миср), «Сироҷ-ул-ахбор» (Афғонистон), «Тарҷумон» (Боғчасарой), «Мулло Насриддин» (Тифлис), «Вақт» (Оренбург), «Садои Фарғона» ба забонҳои тоҷикӣ, туркӣ, тоторӣ ва русӣ ворид гардида, ба Айнӣ ва Абдулвоҳиди Мунзим, Аҳмадҷони Ҳамдӣ, Ҳомидхоҷаи Меҳрӣ, Мирзо Назруллои Ғафурзода, Мирхон Порсо барин ҳаммаслакони ӯ қисми таркибии фаъолияти иҷтимоӣ гардида буд ва табиист, ки барои ба амал баровардани ормонҳои худ дар соҳаи маорифу мактаби замонавӣ, ки мебо-

[1] **Айнӣ С.** Куллиёт. – Ҷ. 7. – Душанбе: Нашрдавлтоҷик, 1962. – С. 464.

ист ҷомеаро аз чанголи ҷаҳолату нотавонӣ берун мебарорвард, аз ин минбари иттилоотиву тарғиботӣ ҳам истифода мекарданд.

Бояд гуфт, ки дар қаламрави аморати Бухоро шумораи зиёди мактабу мадраса мавҷуд буд. Мувофиқи маълумоти баъзе сарчашмаҳо дар ибтидои асри XX танҳо дар шаҳри Бухоро зиёда аз 200 мадраса фаъолият доштааст, ки шумораи умумии муҳассилини онҳо ба 10 ҳазор мерасидааст. Вале дар ин мактабу мадрасаҳо асрҳо боз барномаҳои таълим якранг давом карда, боиси қафомонии илму фарҳанг ва рушди ҷомеа мегардидаанд. Бинобар ин, зиёиёни тоҷик дар фикри барпо намудани мактабҳои сохти нав шуданд ва яке аз он равшанфикрони собитқадаме, ки ҳанӯз солҳои аввали мадрасахонӣ мушкилот ва норасоиҳои зиёди барномаҳои таълимии мактабу мадрасаҳои куҳнаро эҳсос карда, бо тамоми ҷиддият ба ислоҳи маориф камар мебандад, устод Садриддин Айнӣ буд.

Бояд гуфт, ки устод Айнӣ нисбат ба сохти амирӣ душмании сӯзон мепарварид ва баъди он ки бо дасти амир ва думравонаш худ 75 чӯб хӯрда, охири соли 1917 ба Самарқанд паноҳ мебарад ва бародаронаш Сироҷиддинхоҷа ва Муҳиддинхоҷа ба қатл расонда мешаванд, фаъолияти озодихоҳӣ ва ислоҳталабии устод ба дараҷот тақвият меёбад ва дар Самарқанд сохти нави ҷамъиятиро, ки ҳукумати амириро барҳам зада, ба халқи меҳнатӣ ваъдаи озодиву истиқлолият дода буд, ба тамоми ҳастӣ пазируфта дар тарғибу ташвиқи ғояҳои инқилобӣ ва маорифпарварӣ камари ҳиммат мебандад.

Устод Айнӣ фаъолияти адабии худро аз шеър оғоз намуда буд ва аз солҳои 1893 сар карда бо тахаллусҳои «Сифлӣ», «Ҷунунӣ» ва «Муҳтоҷӣ» шеър менавишт, вале ин ғазалҳои шогирдонаашро худ нест кардааст ва аввалин шеъре, ки бо тахаллуси «Айнӣ» соли 1895 эҷод кард, ғазали «Гули сурх» буд, ки матлааш ин аст:

Рози дил мегуфтам, ар як марҳаме медоштам,
Шикваҳо мекардам аз ғам, ҳамдаме медоштам.

Устод Айнӣ ба тамоми жанрҳои суннатӣ чун ғазал, қасида, қитъа, маснавӣ, мусаддас, тарҷеот, мустазод, рубоӣ, фард шеър навиштааст ва аввалин шеъри нав дар адабиёти тоҷик низ ба қалами ӯ тааллуқ дорад, ки намунаи барҷастааш «Суруди озодӣ» ё «Марши ҳуррият» (1918) мебошад. Ин шеър чун аксари шеърҳои баъди инқилоби Октябр эҷод кардаи устод рӯҳи амиқи иҷтимоӣ ва тарғиботӣ дошта, тараннумкунандаи адолату баробарӣ ва бародарӣ мебошад:

Эй ситамдидагон, эй асирон,
Вақти озодии мо расид.
Муждагонӣ диҳед, эй фақирон,
Дар ҷаҳон субҳи шодӣ дамид.

Вале табаддулоти сиёсӣ ва иҷтимоие, ки бар асари инқилоби Октябр ва дар Осиёи Миёна таъсис гардидани Ҷумҳуриятҳои шӯравии сотсиалистӣ ба вуқӯъ пайваст, ба халқи тоҷик басо гарон афтод. Ҷараёни иртиҷоии пантуркизм, ки ҳанӯз аз ибтидои садаи XX бо шиори авомфиребонаи ислоҳоти мактабу маориф таваҷҷуҳи равшанфикрони Бухорову Самарқандро ба худ ҷалб намуда буд, аз мусоидати сиёсати болшевикӣ истифода карда, тамоман ба инкоркунии миллати тоҷик майл намуд. Дар ин давраи барои миллати тоҷик ва забони тоҷикӣ басо хатарнок ба устод Айнӣ лозим омад, ки тавассути осори публитсистӣ, илмӣ ва бадеии худ ба пуштибонии миллати соҳибтамаддун, вале азиятдидаи хеш бархоста, онро ҳамроҳи дигар фарзандони сарсупурдаи халқи азизаш аз вартаи гумномӣ раҳоӣ бахшад.

С. Айнӣ ба матбуоти хориҷи Бухоро, чун «Мулло Насриддин», «Шӯро», «Вақт», «Ойина», низ робита дошта, дар мақолаҳои худ ҳамватанонашро ба бедориву хештаншиносӣ ва рӯ овардан ба мактабу низоми нави иҷтимоӣ ҳидоят

намудааст. Вале бояд гуфт, ки фаъолияти рӯзноманигории устод дар шаҳри Самарқанд дар ҳафтаномаи «Шуълаи инқилоб» маҷрои тоза ва густурда пайдо карда, ба дараҷаи касбӣ мерасад.

Мутахассисон фаъолияти ҳафтаномаи «Шуълаи инқилоб»-ро ба ду давра ҷудо намуда, 22 шумораи онро ба давраи аввал (аз 10 апрел то 16 октябри соли 1919) ва 69 шумораашро ба давраи дувум (аз 7 декабри соли 1919 то 8 декабри соли 1921) мутааллиқ медонанд ва ҳамкории С.Айнӣ ба «Шуълаи инқилоб» ба давраи дувум рост меояд. Устод сабаби асосии таваққуфи камтар аз думоҳаи «Шуълаи инқилоб»-ро дар ниҳоят камшумор будани муштариёни он медид. Бинобар ин, дар аввалин мақолаи худ – «Танвири афкор» аз ин нашрия баҳра бардоштани ҳамзабононашро хоҳишу тавалло мекунад: «Ҳар ҳафта як соат умратонро ба хондани ин рӯзнома сарф кунед, ба қадри иқтидоратон аз ҷаридае, ки ба забони худатон нашр мешавад, истифода намоед, дар бадали ин як соат умре, ки ба бехабарӣ гузарондед, талофӣ намоед. Ҳар фоидае, ки аз рӯзнома мегиред, ба бародарони бесаводатон бо ҳам бинед, то ки худатон ва ҳамзабонони худатонро танвири афкор ҳосил ояд, то ки ба худ як хатти ҳаракат муайян карда, ба дарди худатон ва ҳамватанатон ва қавматон ва бани навъатон бархӯред».

Устод Айнӣ чун мебинад, ки дар зарфи шаш моҳи муроҷиат аз тамоми аҳолии тоҷикзабон, ки «дар Ӯротеппа, Хуҷанд, Конибодом, Исфара ва ғайра ҳастанд, асари таваҷҷуҳе намешавад», дар мақолаи «Сайфу қалам» аз нав бо оҳанги боз ҳам муассиртар ҳамзабононро ҳушдор медиҳад, ки: «Агар мо шараф хоҳем, агар мо номус хоҳем, агар мо иззату обрӯй хоҳем, агар мо ҳуқуқ хоҳем, ба иборати кӯтоҳ – агар мо ҳаёт хоҳем, бояд ки фурсат нагузаронда, чанг ба домони **сайфу қалам** занем… Эҳтиёҷоти ҳаррӯза ва нуқсоноти воқеаи худамонро ба воситаи матбуот музокара намуда, ба ҳар дарди худ аз ин маъҷуни мураккаб, яъне матбуот даво ҷӯйем!» Муаллиф дар зери мафҳуми **қалам** илму маориф ва

таҳти унвони **сайф** зарурати хидмати аскариро дар назар гирифта буд.

Дар «Шуълаи инқилоб» бо имзоҳои гуногуни мустаор чоп гардидани асари калонҳаҷми «Таърихи силсилаи Манғития, ки дар Бухоро ҳукм рондаанд» ва 93 мақола, очерк ва тарҷумаи адиб гувоҳ бар он аст, ки Айнӣ маҳз дар ҳамин ҳафтанома ҳамчун нависанда ба камол расида, дар Афғонистон, Эрон ва Ҳиндустон низ чун суханвари воқеанигор шинохта шудааст.

Давраи дигари фаъолияти рӯзноманигории С.Айнӣ ба таъсиси рӯзномаи «Овози тоҷик» (1924 – 1930) иртибот мегирад ва устод дар он чун яке аз муассисон, муҳаррирон ва ходимони доимии адабӣ саҳми муносиб мегузорад.

Шояд, калимаи **тоҷик**, ки бори аввал чун мафҳуми сиёсиву ҷуғрофӣ дар номи рӯзнома низ корбаст шуда буд, устод Айниро зиёда болидахотир ва шавқманд намуд, то ҷойе ки Баромад оқибат «Овози **тоҷик**» гӯён ин дастоварди таърихии миллатро ба кулли ҳамватанон шодбош мегуфт. Устод нахустмақолаи индавраинаи худро, ки дар шумораи аввали нашрия дарҷ гардида буд, «Қавми **тоҷик** ва рӯзнома» номид ва боз вожаи **тоҷик**ро зевари унвони як қатор мақола ва китобҳои илмию бадеияш намуд: «Дар бораи мактаб ва маорифи **тоҷик**», «Дар бораи китобҳои мактабии **тоҷикон**», «**Тоҷикони** кӯҳистон», «Аҳволи иқтисодӣ ва иҷтимоии **тоҷикони** кӯҳистон», «Қобилияти ташкилотӣ дар **тоҷикон**», «Китобҳои **тоҷикӣ**», «Саргузашти як **тоҷики** камбағал», «Намунаи адабиёти **тоҷик**» ва ғайра.

Устод Айнӣ чунин мешуморид, ки «рӯзномаи ҳар қавм ва миллат забони эшон аст. Ҳар қавме, ки рӯзнома надорад, гӯё забон надорад» ва халқи тоҷик, ки акнун соҳиби ҷумҳурият ва рӯзнома шудааст, то метавонад, тавассути ин минбари иттилоотӣ муҳимтарин масъалаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангиро мавриди муҳокима ва натиҷагирӣ қарор дода, дар ташаккули ҷомеаи навбунёд ҳиссагузор бошад. Худи устод басо огоҳона ва боҷуръатона мавзӯъҳои бунёдӣ ва

мубрами рӯзро мавриди баррасӣ қарор медод, ки ин ҳолат аз 33 маводди хурду калони дар «Овози тоҷик» дарҷшуда равшану возеҳ эҳсос мегардад.

Устод Айнӣ дар ҳар давраи барои халқу Ватан тақдирсоз ба таълифи осори публитсистӣ даст мезанад ва ба ин восита рӯҳи озодипарастӣ ва ватанхоҳии ҳамватанонашро тақвият мебахшад. Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ чанд асари публитсистӣ, аз ҷумла, очерки таърихӣ-тадқиқотии «Исёни Муқаннаъ» ва очерки адабӣ-таърихии «Қаҳрамони халқи тоҷик – Темурмалик»-ро таълиф намуд, ки хонанда аз муборизаи пешгузаштагони барӯманди худ – Муқаннаъ ва Темурмалик ба муқобили аҷнабиёни истилогар ба ваҷд омада, моҳияти озодӣ ва масъулияти ватандориро ҳарчи бештар дарк менамояд.

Устод Айнӣ ба таълифи асарҳои публитсистӣ агар ҳанӯз айёми дар Бухоро буданаш оғоз намуда бошад, таълифи осори илмиро асосан дар Самарқанд роҳандозӣ мекунад ва яке аз аввалин асарҳои илмии устод «Намунаи адабиёти тоҷик» аст, ки таълифи он ба соли аввали баъди таъсиси Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон рост меояд. Ин китоб, чунонки худи муаллиф дар сарсухан ёдоварӣ кардааст, бо дархости Ҳукумати Мухтори Тоҷикистон дар шахси раиси Шӯрои комиссарҳои халқ Абдулқодир Муҳиддинов таълиф меёбад ва хусусияти тазкиравӣ дошта, аз Рӯдакӣ то Пайрав Сулаймонӣ оид ба 220 адиби дар асрҳои Х-ХХ дар хоки Мовароуннаҳр зиндагӣ ва эҷод кардаи тоҷик сухан рафта, намунаи эҷодиёти онҳо оварда мешавад. Дар сарсухани «Намуна…» устод таъкид мекунад: «Аз бозе, ки вақоеъро таърих кайд мекунад, то имрӯз дар диёри Мовароуннаҳру Туркистон чунонки як қавми муаззам бо номи тоҷик ё ки тозик истиқомат дорад, ҳамчунин забону адабиёти эшон ҳам ривоҷ ёфта омадааст. Ривоҷи забону адабиёти тоҷик дар Мовароуннаҳру Туркистон махсус ба асре ё тасаллути подшоҳею амире нест. Чунонки мо мебинем, адабиёти тоҷик дар ин сарзамин дар аҳди Сомониён, ки

ирқан форсизабон ҳастанд, чӣ қадар ривоҷ дошта бошад, дар замони авлоди Чингиз, Темур, шайбонӣ, астархонӣ ва манғит, ки ирқан муғул, турк ва узбак ҳастанд, ҳамон қадар ривоҷ ёфтааст. Пас, маълум мешавад, ки дар ривоҷи забону адабиёти тоҷик дар ин ҷоҳо маҳз ба сабаби тасаллути Сомониён ё ки муҳоҷирати эрониён набуда, сабаби ҳақиқӣ мавҷудияти як қавми бузург ба номи тоҷик, ки мансуб ба ирқи орист, дар ин ҷоҳост».[1]

Ин асар дар айни авҷи ҳаракати пантуркистӣ, ки дар Мовароуннаҳр мавҷуд будани миллатеро бо номи тоҷик инкор намуда, даъво мекарданд, ки инҳо турконе мебошанд, ки дар зери таъсири мадраса забони форсиро омӯхтаанд, таълиф гардид ва муаллифи он ҳаққи тоҷиконро на танҳо ба мероси фарҳангӣ, инчунин ба сарзамини миллӣ исбот карда, «бо фактҳои таърих пардаи он иғвогаронро дарронда ба даҳони онҳо муҳри хомӯшӣ зад»[2]. Аз таъсиси Ҷумҳурии Мухтори Тоҷикистон, ки бо талошҳои зиёди фарзандони асили миллат ба вуқӯъ пайваста буд, пантуркистон қисман шикаст хӯрда буданд, бинобар ин онҳо даъвои дигарро пеш оварданд: «Агар тоҷик ном миллате вуҷуд дошта бошад, пас тоҷикон бояд фарҳанги қадимаи худро исбот намоянд, зеро Саъдӣ, Ҳофиз, Хайём, Низомӣ, Румӣ, Ҷомӣ ва … моли эрониёну афғонҳост». Ва устод Айнӣ дар таълифи «Намунаи адабиёти тоҷик» принсипи ҷуғрофии таҳқиқро истифода карда, бо овардани намунаи эҷодиёти 220 адиби таҳҷоии Мовароуннаҳр нишон дод, ки миллати тоҷик халқи қадима ва бумии Осиёи Миёна буда, дорои фарҳанг, адабиёт ва урфу одати хоси худ мебошад.

Бадхоҳони миллати тоҷик далелҳои мантиқӣ ва сиёсии «Намунаи адабиёти тоҷик»-ро инкор карда наметавонистанд, ин аст ки онҳо бо роҳҳои дигар ҳуҷум оварда, оқибат муваффақ шуданд, ки асарро ба «утилсирё» супоранд,

[1] **Айнӣ С.** Намунаи адабиёти тоҷик. – Душанбе: Адиб, 2010. – С. 7.
[2] «Намунаҳои адабиёти тоҷик» ва аҳамияти таърихии он (таҳияи М. Имомов ва М. Абдуллоҳ). – Душанбе, 2009. – С.3.

аммо, «тазкира дигар ба ҳадаф расида буд, Айнӣ ва Муҳиддинов нақши таърихии худро адо намуданд. Як сол пеш аз манъи пурраи тазкира ва соли 1930 ба «утилсирё» супурдани он Тоҷикистон аз ҷумҳурии худмухтор ба ҷумҳурии иттифоқӣ табдил ёфт».[1]

Акнун дар пеши Айнӣ масъалаи пуштибонӣ аз мероси доманфарохи адабии тоҷикон меистод ва ин масъаларо низ тавассути як қатор асарҳои илмии дар солҳои 30-юм таълиф намудааш, аз ҷумла «Дар бораи Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ», «Шайхурраис Абӯалӣ Сино», «Шайх Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ» ва махсусан китоби дастҷамъии «Намунаҳои адабиёти тоҷик» бомуваффақият ҳаллу фасл намуд. Устод Айнӣ дар ин ҳолат аз принсипи илмӣ-таърихӣ истифода карда, таъкид намуд, ки тоҷикон то асри ХУ бо дигар халқҳои форсизабон дорои мероси адабии муштарак мебошанд, бинобар ин, метавонанд, ки чун меросбари Абулқосим Фирдавсӣ, Низомии Ганҷавӣ, Саъдии Шерозӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Убайди Зоконӣ барин классикони ин адабиёти оламшумул низ дониста шаванд. Бо ин мақсад устод истилоҳи илмии «адабиёти форсу тоҷик»-ро пешниҳод мекунад. Дар сарсухани «Намунаҳои адабиёти тоҷик», ки бо таҳрири устод Айнӣ корбаст шудааст, аз ҷумла, омадааст: «Агар асрҳои Х–ХУ-ро гирем, мебинем, ки дар ҳақиқат тақдири таърихии қавм ва халқҳои форсизабон дар ҳарду тарафи дарёи Ому, дар ин муддати таърихӣ, аз нашъунамои маданияти давраи Сомониҳо сар карда то ба фалокатҳои зулми Муғулон чунон ба ҳамдигар печдарпеч буд, ки ҳамаи ин халқҳо дар он вақт дар як забон эҷодкори ягона адабиёт шуда мебароянд… Бинобар ин, адабиёти тамоми ин даврaро монополияи Эрон дониста ва ҳуқуқи мероси онро танҳо ба Эрон тааллуқ додан ҳаргиз мумкин нест… Адабиёти ин даврaро адабиёти форсӣ-тоҷикӣ номидан дурусттар мешавад».[2]

[1] «Намунаҳои адабиёти тоҷик» ва аҳамияти таърихии он. – С. 4.
[2] Ҳамон ҷо. – С.10.

Устод дар рисолаи «Шайх Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ» ин ақидаашро боз ҳам мушаххастар асоснок мекунад: «Баъзе шарқшиносон розӣ намешаванд, ки Саъдӣ шоири форс-тоҷик номида шавад… Аммо худи Саъдӣ на ин ки аз шоири форс-тоҷик будан метарсад, балки беибо ва нотарсона худро тоҷик мешуморад, сабаби ин дар ин аст, ки ӯ дар миёнаи форс-тоҷик ҳеҷ фарқ намегузорад. Чунончи, ӯ дар як банди аз тарҷеъбандҳои худ, ки бо мисраи «Гуфтори хушу лабони борик» сар мешавад, баъди ба маҳбуб бо як-ду мисраи арабӣ «ту маро бо шамшер куштӣ» гӯён хитоб кардан менависад:

Аз баҳри Худо, ки моликон ҷавр
Чандин накунанд бар мамолик.
Шояд, ки ба подшаҳ бигӯянд,
Турки ту бирехт хуни тоҷик.

Бинобар ин, мо ҳам Саъдиро шоир ва нависандаи тоҷик ва яке аз устодҳои гузаштаи худ мешуморем ва аз вай меомӯзем».[1]

Оқибат ин пофишориҳои илман асосноку эътимодбахши устод Айнӣ самараи дилхоҳ медиҳад ва дар илми адабиётшиносӣ ва шарқшиносӣ ин истилоҳ роиҷ мегардад.

Дар хусуси моҳияти истиқлолхоҳии асару мақолаҳои Айнӣ сухан ронда, боз як масъалаи басо муҳим – талошҳои пайгирона ва ҷоннисоронаи устодро оид ба дараҷаи истифода ва мақоми забони адабии тоҷик аз назар гузарондан лозим мешавад. Пантуркистон ва мухолифони мафҳуми «дар диёри Мовароуннаҳр ва Туркистон истиқомат доштани як қавми муаззам бо номи тоҷик» (С.Айнӣ) ҳанӯз аз ибтидои солҳои 20-ум аз нигоҳи сиёсӣ ва бузургманишӣ ба муқобили забони тоҷикӣ баромада, онро дар шароити нави таърихӣ корношоям ва куҳнашуда мешумурданд. Соли 1924 дар рӯзномаи

[1] **Айнӣ С**. Куллиёт. –Ҷ.7 (Китоби якум). – Душанбе: Ирфон, 1964. – С. 228.

«Туркистон» мақолаи иғвогаронае чоп мешавад, ки дар он аз ҷумла омадааст: «Хоҳиши ҷорӣ кардани ин забон (яъне, забони тоҷикӣ – А.К.), аввалан, барои даромадан ба зиндагӣ монеъ мешавад, чунки муҳит ва ҷараёни таърих монеи ин кор аст. Аз тарафи дигар, ин забон барои қабул кардан фоидадор набуда, балки забони бефоида ва зиёдатӣ аст». Зиёда аз ин, онҳо мавҷудияти забони тоҷикиро тамоман инкор мекунанд. Соли 1928 дар маҷаллаи «За партию» М.Шевардин навишта буд: «Тоҷикон забони адабии худро надоштанд ва ҳанӯз надоранд, онҳо ба забони форсӣ менависанд, ки на ҳамеша ба тӯдаи мардум фаҳмо меояд». Ё худ «забони адабиёти тоҷик як забони куҳна ва аз истеъмол баромадааст», – мегуфт шарқшиноси рус Дяков.

Ана, дар ҳамин давраи барои тақдири забони тоҷикӣ басо ҳассос устод Айнӣ ба ҳимояи он баромада, аз ҷумла, дар мақолаҳои «Дар атрофи забони форсӣ ва тоҷикӣ» (1928), «Забони тоҷикӣ» (1928), «Ҷавоби ман» (1929), «Оид ба вазъияти забоншиносии тоҷик» (1952) таърихи ҳазорсола доштан ва дар давраи нав низ қобили истифодаи комил будани забони тоҷикиро бо далелҳои муътамади илмӣ собит намуд.

Ҳамин тариқ, устод Айнӣ оид ба таъмини истиқлолияти забони тоҷикӣ, поку беолоиш нигоҳ доштани он, истифодаи бамавриди вожаҳо аз забони зиндаи халқ ва луғатҳои адабиёти классикӣ, роҳҳои самараноки тарҷума ва таҳрирҳои адабӣ боз корҳои зиёдеро анҷом додааст, ки аз тарафи академик Муҳаммадҷон Шакурӣ чунин натиҷагирӣ шудааст: Устод дар маҷмӯъ «доираҳои забони адабиро афзун кард, ба забони адабӣ ранги имрӯзӣ дод, онро барои посух гуфтан ба хосту ниёзи имрӯз омода сохт».[1]

Чи хеле ки ишора шуд, устод Айнӣ ҳанӯз ҳангоми таҳсил дар мадраса, вақте ки ба «Наводир-ул-вақоеъ» шинос гардид, ба сараш ҳавои насрнавис шудан пайдо шуда буд. Вале

[1] **Шакурӣ М.** Нигоҳе ба адабиёти тоҷикии садаи бист. – Душанбе, 2006. – С. 243.

ин орзу танҳо баъди инқилоби Октябр, дар Самарқанд, ҷомаи амал пӯшид. Истеъдоди фитрии нигорандагӣ, таҷрибаи зиёди зиндагӣ, майли беҳамтои инъикоси ҳаёти душвору нобасомони мардуми меҳнатӣ нависандаро водор карданд, ки дар солҳои 20-ум ва 30-юм ва баъди Ҷанги Бузурги Ватанӣ чун «Ҷаллодони Бухоро», «Одина», «Дохунда», «Марги судхӯр», «»Ғуломон», «Ятим», «Мактаби куҳна», «Аҳмади девбанд», «Ёддоштҳо» як силсила асарҳои насрие офарад, ки дар онҳо ҳаёти иҷтимоӣ ва фарҳангии мардуми тоҷик дар як давраи таърихӣ чун дар оина инъикос ёфтааст. Адиб дар қиссаи «Одина» ва романи «Дохунда» ҳаёти мардуми кӯҳистони тоҷикро мавриди тасвир қарор медиҳад, кӯҳистоне, ки дар давраи ҳукумати амирӣ сокинони он дар торикӣ ва нодорӣ умр ба сар мебурданд ва акнун, дар даврони шӯравӣ, соҳиби ҷумҳурии ба ном Тоҷикистон гардида, ба ҳаёти нав қадам гузоштаанд. Асарҳои мазкур ба наслҳои гуногуни хонандагони солҳои 20-ум ва 30-юми тоҷик вобаста ба ҷаҳонбинӣ, муносибати ҷамъиятӣ ва завқи эстетикиву адабиашон таъсири калони маърифатӣ ва бадеӣ расондаанд ва ҳоло ҳам дорои аҳамияти калони таърихӣ ва эстетикиву омӯзандагӣ мебошад.

Макони баргузории воқеаҳои романи бузургҳаҷми «Ғуломон» бошад, шаҳри Бухоро ва гирду атрофи он буда, дар асар тавассути тасвири кору пайкори як авлоду се насли мардуми меҳнатӣ (Неқадам, Эргаш ва Ҳасан) таърихи зиёда аз садсолаи халқи тоҷик (аз соли 1825 то соли 1932) ба таври реалистӣ ба қалам омадааст. Вақте ки хонандаи имрӯз дар баробари молҳои Абдураҳимбой тамғазании Неқадами ғуломбачаро ва чун мол рӯйирост харидуфурӯш кардани канизак Ҷаҳонороро бо далелҳои ҳуҷҷатӣ мехонад, зиёда мутаассир шуда, ба қадри арзишҳои волои айёми истиқлолият ва ободии ин сарзамини зархез яке бар чанд мерасад. Ва ҷойи ифтихори миллати тоҷик аст, ки романи «Ғуломон» чун намунаи адабиёти бадеии халқҳои Осиёи Миёна дар 200-ҷилдаи китобхонаи адабиёти ҷаҳон ҷой гирифтааст.

Асари охирини бузургҳаҷми устод Айнӣ – «Ёддоштҳо»-ро, ки ҷамъулҷамъ аз 1000 саҳифа иборат буда, ба 23 забони дунё тарҷума ва чоп гардидааст, қомуси халқи тоҷик номидан ба мақсад мувофиқ аст, зеро дар он ҳаёти адабӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоии халқи тоҷик дар як давраи муайяни таърихӣ бо тамоми паҳлуҳояш пешкаши хонанда гардидааст. Маълумоти нависанда оид ба сохту намуди биноҳои мадраса, хонақоҳ ва масҷидҳои Бухоро, расму русум, урфу одатҳои халқӣ, маросимҳои мардумӣ, чун маъракаҳои моҳи шарифи Рамазон, иди Наврӯз, тӯй, гулгардонӣ, зочабозӣ, рафтору гаштори табақаҳои гуногуни иҷтимоӣ, дар шароити Тоҷикистони соҳибистиқлол низ дорои арзишҳои баланди илмӣ ва таърихӣ мебошад. Соли 2018 ва баъдтар солҳои 2019- 2021 аз ҷониби Сарвари муаззами давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон гардидааст. «Ёддоштҳо» барои дуруст ба роҳ мондани ҳунарҳои мардумӣ маводди фаровон дода метавонад.

Соли 1951 дар шумораи 45 маҷаллаи «Новое время» мақолаи устод Айнӣ бо номи «Тақдири як халқ» ба табъ мерасад ва дар он муаллиф, аз ҷумла, иброз медорад, ки: «Дар муддати умри худ ман китобҳои бисёре навиштам ва ҳамаи онҳо ба як мавзӯъ бахшида шуда, аз як мавод таркиб ёфтаанд. Ҳамаи ин китобҳо дар бораи тоҷик ва Тоҷикистон, оид ба мамлакати кӯҳистони ман, бо қуллаҳои осмонбӯси Помираш, оид ба сарзамини азизам, ки дар гузашта аз тарафи яғмогарони зиёде поймол гардид, оид ба фарзандони ин диёр, ки дар асри VIII солшумории мо номи «тоҷик»-ро ҳаккокӣ карданд, маълумот медиҳанд». Ин аст ки роҳи ҳаёт, кору пайкор ва осори безаволи Қаҳрамони Тоҷикистон устод Садриддин Айнӣ дар замони истиқлолияти миллии тоҷикон арзишҳои боз ҳам бештари илмӣ, фарҳангӣ ва таълимиву тарбиявӣ касб карда, қишрҳои гуногуни ҷомеаи моро ба худшиносӣ, масъулияти ватандорӣ, ҳувияти миллӣ ва таҳкими сулҳу субот ҳидоят мекунанд.

* * *

Ин китоб ба силсилаи «Ахтарони адаб» мансуб буда, аз қиссаҳои «Одина», «Марги судхӯр», ҳикояҳои «Аҳмади девбанд», «Мактаби куҳна» ва мунтахаби ашъори устод Айнӣ фароҳам омадааст.

«Одина» чун аввалин қиссаи реалистии адабиёти давраи нави тоҷик шинохта шудааст, зеро қиссаи «Ҷаллодони Бухоро» ҳарчанд соли 1920, яъне пеш аз «Одина» таълиф гардида бошад ҳам, он ба забони тоҷикӣ бори нахуст соли 1937 ба табъ расидааст. «Одина» дар муддати кӯтоҳ на танҳо дар байни хонандаи тоҷик ва собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, инчунин дар бисёр мамолики хориҷӣ низ маълуму машҳур гардид. Повест танҳо дар байни солҳои 1929-1931 дар тарҷумаҳои П.П. Введенский ва З.Л. Хатсревин чор маротиба ба забони русӣ ба табъ расида, баъдтар ба забонҳои ӯзбекӣ, украинӣ, белорусӣ, литвонӣ, уйғурӣ, форонсавӣ, лаҳистонӣ… тарҷума ва чоп гардид. Ин асар то имрӯз ба ғайр аз матни рӯзномаи «Овози тоҷик» солҳои 1927, 1931, 1935, 1938, 1948, 1958, 1992, 2014… ба забони тоҷикӣ чоп гардида, диққати мутахассисони соҳаи филология ва таърихи мамлакатро низ ҷиддан ба худ ҷалб намудааст. Матни ҳозир дар асоси татбиқи матнҳои чопӣ ба дастхати қисса фароҳам омадааст. Мафҳумҳои эзоҳталаби матнҳои Мунтахабот дар поварақ ҳам аз тарафи устод Айнӣ ва ҳам аз тарафи мураттиб шарҳу тафсир ёфтаанд ва шарҳу эзоҳи нависанда дар қавсайн таъкид ёфтааст.

Умед аст, ки мунтахаби осори гаронбаҳо ва фарогири ин нависандаи ҷаҳоншумул хонандаи гиромиқадрро шодоб менамояд.

ОДИНА

Зи сар бигзашт бе ту оби чашмам[1]*,*
Яке аз саргузаштам бе ту ин аст.

ҚИСМИ ЯКУМ

I. ОДИНА

Одина ба синни дувоздаҳсолагӣ аз падару модари худ ҷудо шуда, ятиму бекас монда буд. Падари Одина камбағалу бечиз буд, ки ғайр аз модагов ба писари сағири худ меросе нагузошт. Баъд аз мурдани падари Одина, ки хонааш дар деҳае аз музофоти Қаротегин[2] буд, қозии он ҷо мулозим ва муфтӣ фиристода моли ӯро тарака[3] кунонид. Ҳаққи таракаи қозӣ, харҷи муфтӣ, хизматонаи мулозим, ошпулии арбобу оқсақол ба маблағе расид, ки баъд аз фурӯхта додани гов боз Одинаи сағир аз арбоби деҳа даҳ танга қарздор буд. Бинобар ин, аз забони модаркалони Одина, ки ӯро аз ҷиҳати шавқат ба тарбияи худ гирифта, аз нӯги чарху дуки худ парвариш мекард, ба ҳузури ноиби қозӣ ба ин мазмун хат (санад) гирифтанд: *«Ман, ки мусаммоти*[4] *Бибиоиша бинти Шоҳмурод ҳастам, аз барои харҷи мурдаи падари набераи худам Одинаи сағир валади Бобокалон аз арбоб Камол васоятан даҳ тангаи роиҷа*[5] *қарздор шудам. Аз ҷониби Одинаи сағир ба гардан гирифтам, ки ҳар вақт ӯ калон ва аз дасташ кор меомадагӣ шавад, ба*

---

[1] Муаллифи эпиграф маълум нест, ки инро Садриддин Айнӣ низ дар нашри 1927 дар гӯшаи рости байт дар қавсайн (…?) – ишора кардааст.

[2] **Қаротегин** – номи таърихии ноҳияи кӯҳии Тоҷикистон аст, ки дар ҳавзаи дарёи Сурхоб (болооби Вахш), байни кӯҳҳои Қаротегин, Зарафшону Олой ва Дарвоз воқеъ гаштааст.

[3] **Тарака** – тақсим намудани моли мерос (шарҳи нависанда).

[4] **Мусаммот** – исм дода шуда, ном дода шуда.

[5] **Танга** – воҳиди пулиест, ки аз тилло, нукра, мис, никел, алюминий… сикка зада ҳамчун воситаи хариду фурӯш истифода мешавад. Қурби танга дар ҳар давра мухталаф аст. Дар асри XIX дар аморати Бухоро як тангае, ки аз нукра сикка зада мешуд, ба 15 тин ва дар хонигариҳои Хӯқанду Хева як танга ба 20 тини Русия баробар буд. Тангаи роиҷа – тангаи эътиборнок, тангаи дар хариду фурӯш ба кор раванда.

бадали маблағи мазкур ба арбоб Камоли мазкур хизмат менамояд».

Бибиоиша Одинаро муддати се сол парвариш карда, дар синни понздаҳсолагиаш ба хизмати арбоб Камол супурд.

Арбоб Камол 50 сар гӯсфанду буз ва як сар маркабро ба дасти Одина супурда, ӯро ба хизмати чӯпонӣ ва ҳезумкашӣ фармуд.

Одина ҳар рӯз пагоҳӣ аз оғил молҳоро гирифта, ба чаро мебурд ва бегоҳ ҳезумҳои он рӯз аз дараву кӯҳ шикаста ғундоштагиашро ба хар бор карда, рамаро пеш андохта, ба хонаи хӯҷаини худ меовард.

Одина ду сол ба ҳамин тарз хизмат карда, ҳафдаҳсола шуд. Лекин дар муддати ин ду сол аз хӯҷаини худ рӯйи хӯроки серӣ ва пӯшоки дурустро надид. Парчаҳои латтаҳои куҳнаву шолҳои даридаро аз роҳ ва аз даруни хасрӯбаҳо чида, онҳоро бо ресмонҳое, ки аз пашми гӯсфанду буз, ки дар вақти чаронидан метофт, дӯхта ба пушти худ андохта, номи инро «ҷома» мениҳод. Чармҳои пӯсидаро бо сардӯз ба пойи худ печонида, номи онро «чоруқ» ё ки «мукӣ» мегуфт, талқону курутҳои кирмзадае, ки ҳар рӯз аз тарафи арбоб дода мешуд, он ҳам на ба қадри серӣ, бо бехҳои гиёҳи кӯҳӣ таоми пагоҳӣ, пешину бегоҳии ӯ ба шумор мерафт.

Бечора Одина бо ин ҳама сахтиҳо аз хӯҷаин ягон бор забони хуше ва рӯйи кушодаеро надид, балки ҳар вақт ки ба ӯ рӯ ба рӯ мешуд, бесабаб ҷанг, дашному ҳақорат мешунид. Арбоб Камол агар аз ҷойи дигаре ва ба сабаби дигаре хашмгин шуда бошад ҳам, дили худро ба дашном додани Одина холӣ мекард ва кинаи дигаронро аз ӯ мекашид. Масалан, як қарздораш қарзи худро дар сари ваъда ба ӯ надодааст, Одина ҳақорат мешунид ё роҳи Самарқандро барф гирифта гузаронидани гӯсфанд ба он тараф кам ва ин сабаб дар Қаротегин нархи чорпо арзон мешуд, Одина сазовори дашном мегардид.

Агар баногоҳ кӯтоҳие аз Одина сар мезад, агарчи ин кӯтоҳӣ бе ихтиёри ӯ шуда бошад ҳам, Арбоб рӯзи равшанро ба чашми ин бечора шаби торик мекард.

Рӯзе аз рӯзҳои баҳорон кӯҳистон бо вазидани бодҳои баҳорӣ аз фаровонии сабзаи навхез монанди дарёи пуроб

мавҷ мезад, мавҷҳои сабзагиро танҳо харсангҳое, ки ҷо-ҷо аз камари кӯҳ барҷаста истода буданд, халал мерасониданд. Лекин ин гуна сангҳо бо вуҷуди нотарошидагӣ, азбаски ба сабаби боронҳои баҳорӣ покиза ва мусаффо шуда буданд, дар ҳусну зебоии сабзазор меафзуданд. Агарчи барфҳои камарҳои кӯҳ аз таъсири офтоби баҳор кайҳо об шуда, ба ҷойи барфи сафед гиёҳҳои кабуд рӯйида буданд, вале қуллаҳои кӯҳ ҳанӯз кулоҳҳои сафеди худро аз сар бадар накарда буданд, ки ин ҳол низ ба чашми бинанда олами дигареро ҷилвагар мекард.

Қуллаҳои кӯҳ натанҳо бо кулоҳи барфини худ манзараи хушнамоеро ҷилва медод, балки бо ҷӯйчаҳои пуробе, ки аз хазинаи чандинсолаи худ кам–кам мебахшиданд, дар камару доманаҳо ҷӯйборҳо равон карда, ҳусну зебоии ин марғзорро яке бар сад меафзуданд.

Шумо гумон накунед, ки ин ҷӯйборҳо ҷӯйҳои калон ва обҳояшон ғурришдори ғалтон бошанд. Не! Мо аз тангии иборат ба ин ном ёд кардем, вагарна паҳнобе буд, қадаш аз қомати сабза ва себаргаҳои навхезе, ки дар роҳи ҳаракати ӯ рӯида буданд, баландӣ надошт ва садои ҳаракаташ аз овози зангӯлаи симини сари зулфи симбарони нозукхироми тоҷик тафовуте намекард. Зеро ин тамошогоҳе, ки ба шумо нишон доданашро хоҳонам, ки нишеби бисёр нишеб ва на ҳамвори тамом ҳамвор буд, балки дар ҳақиқат ин ҷо ҳамвор буд, лекин чун муҳбубаи шармгине, ки нохост ба пеши назари ошиқи худ рост омада аз ҳаё сари худро андаке хам медорад, як сараш ба нишебӣ майлон дошт. Табиист, ки дар ҳамчунин ҷойе об, хусусан агар кам бошад, бисёр ба паҳниву оромӣ равон мешавад ва қуввате намеёбад, ки сангрезаҳову хоку хошокҳоро аз роҳи худ ғелонда барои худ роҳи чуқуре тайёр намояд. Сабзаву себаргаҳое, ки мо онҳоро ҳамқадди ин оби нозукхиром шумурдем, аз вазиши боду равиши об ҷунбиши бисёр нозук пайдо карда, гоҳе ба таги об ва гоҳе бар рӯйи он бозӣ мекарданд, ба тарзе ки бинанда гумон мекард: об болои сабзаву себарга, сабзаву себарга болои об ғел мезананд ё ҳукм мекард, ки сабзаю себарга барои бӯсидани рӯйи об ва об барои шустушӯ кардани сару рӯйи сабзаю себарга дар ҷавлон аст.

Одинаи мо, ки ҳеҷ гоҳе чашмаш аз ашки ятимӣ хушк нашудааст, рамаи худро ба чаро сар дода, имрӯз танҳо дар ин тамошогоҳи табиат худро аз ҳама ғаму кулфат фориғ ва дилашро аз андешаи ҷафоҳои арбоб Камол холӣ дида, ба болои тахтасанге баромада, якпаҳлу хобида дар дарёи бехудии тамошо ғарқ шуда буд, ба андозае ки ғам чист, алам кадом аст, ба хотираш намегузашт. Агарчи гоҳо «как…как…»-ҳои кабки дарӣ, ки аз теғаҳои дурдасти кӯҳсор ба гӯшаш расида, ӯро аз олами бехудии тамошо андаке ба худ меовард, вале худи ин ҳол ҳам як олами тамошои дигар буд. Дуруст, гоҳо порчаи абри сиёҳ чун чини доимии ҷабини арбоб Камол намудор шуда, рӯйи офтобро гирифта оламро ба назари Одинаи бечора тираву торик мекард, лекин фурсате нагузашта офтоби оламтоб ба кӯшише, ки духтарони Шарқ ба он гуна кӯшиш пардаи сиёҳро аз рӯйи худ хоҳанд андохт, аз зери абри сиёҳ баромада ба олам равнақу шукӯҳи дигар медод.

Одина дар болои тахтасанг гоҳ ба ин паҳлу, гоҳ ба он паҳлу ва гоҳе пуштнокӣ ёзида оқибат хобаш даррабуд, дигар надонист, ки рама куҷо рафт, маркаб чӣ кард ва ҳезум чӣ шуд?

Бузу гӯсфандоне, ки пас аз сер шуданашон дар атрофи нигаҳбони худ ҳалқа зада хобида буданд ва хӯрокҳоеро, ки аз аввали рӯз то ҳол бо як ҳирси ҳайвонона ба шиками худ ҷой кардаанд, ба «кавша» кардан машғулӣ доштанд, баъд аз соате шиками худро қадре холӣ дида боз дар пайи баҳраандӯзӣ афтоданд ва ба талаби гиёҳҳои тару тоза ба ҳар тараф пароканда шуданд.

Поёнтари ин ҳамвории ба нишебӣ моил, ки мо ҳанӯз аз тамошояш сер нашудаем, дараи чуқуре буд, ки девораи он то канори ҳамворӣ аз зер ба боло гӯё ки рост баромада буд. Бузе ҳамроҳи гӯсфанде дар вақти чаридан то сари девори табиии ин дара омаданд. Ногоҳ чашми буз ба буттаи гиёҳе афтод, ки дар поёнтари ин баландӣ аз буни санге раста, монанди як банд алафи юнучқаи кӯрпа ҳим–ҳим метофт. Бузи гурусначашм, ки дар устоӣ ва маҳорати худ дилаш пур буд, худро якбора ба тарафи он гиёҳ андохта ва ба як ҳаракати чолокона ду пойи пеши худро дар буни санг банд карда, бо иштиҳое, ки

гӯё дар ин наздикиҳо чизе нахӯрдааст, ғирич–ғирич карда, бунчаҳои гиёҳро бо дандонаҳои арравори худ буридан гирифт. Гӯсфанди бечора, ки он қадар ҳарис нест ва ҳеҷ гоҳе барои хӯрок худро дар таҳлука наандохтааст, лекин аз он ҷо, ки дар роҳ рафтан ва истодан ҳамеша бузро пайравӣ мекунад, бе ҳеҷ андешае ин низ худро аз паси буз ба поён партофт. Аммо дар ин пайравӣ на то ҷойе, ки буз истодааст, рафта истод, балки вақте ки кӯр-кӯрона худро ҳаво дод, пояш ба ҷойе банд нашуда муаллақзанон то ба қаъри дара рафт.

Ҳар сангеро, ки дар аснои ғалтидани худ бархӯрда аз ҷояш беҷо мекард, ин санг низ ба санги дигаре бархӯрда ӯро дар ҷунбишу ҳаракат меовард. Ба ҳамин тариқ, аз расидани санге ба санге ғулғулае дар кӯҳсор бархоста буд. Аз тараққотуруққи ба ҳам хӯрдани сангҳову акси садои кӯҳсор ва рамидани рама аз ин овозҳои ҳавлангез Одина саросемавор аз хоб бедор шуд ва чашми худро молида ба ҳар тараф назар андохта, воқеаро фаҳмидан мехост. Лекин ин вақт садои ба ҳамдигар бархӯрдани сангҳо хомӯш гашта, танҳо рамида ба ҳар тараф гурехтану давидани гӯсфандон барқарор буд.

Одина аз ин ҳол гумон бурд, ки ба рама гург вохӯрдааст, барои донистани чигунагии аҳвол ором додани гӯсфандонро лозим донист, бинобар ин, «ҳей-ҳей» гӯён ба нармиву оҳистагӣ онҳоро ба як гӯша ғундошт ва ягон-ягон аз назар гузаронда дид, ки як буз бо як гӯсфанд дар миён нест. Гӯсфандон тарсон-тарсон ба тарафи ҷарӣ нигоҳ карда, қадқад мепариданд. Одина аз ин ҳол пай бурд, ки ҳар чӣ ҳаст аз он тараф аст. Барои таҳқиқи воқеа рамаро ба ҳоли худ гузошта, худ ба лаби ҷарӣ рафта, ба поён чашм андохт ва дид, ки буз бепарво ба девори ҷарӣ дар буни сангҳо айёрона қадам ниҳода, ҳанӯз саргарми чаридан аст ва чунон ба оромӣ хӯрок мехӯрад, ки гӯё дар дунё ҳеҷ воқеае рӯй надодааст. Одина аз будани буз ба ёфт шудани гӯсфанд умедвор шуда, қадре поёнтар назар андохт ва дид, ки гӯсфанд дар даруни об хобидааст ва сари худро боло бардошта меҷунбонад. Аз ёфт шудани гӯсфанду зинда будани он аз ҳад афзун хурсанд шуда, дар пайи аз ҷарӣ баровардани он афтода, роҳи муносибтаре ёфта, ба даруни дара фуромад ва ба сари гӯсфанд рафта дид, ки ду

пойи пешаш шикаста, дунбааш дарида ва чанд ҷойи дигари баданаш низ захмдор шудааст. Ба дидани ин ҳол рӯзи равшан ба чашми Одинаи бечора шаби торик гардид. Дар натиҷаи ин кор чӣ ҷафоҳо аз арбоб Камол ба худаш расидаро андеша мекард, чӣ кор карданашро намедонист. Ҳоло ҳам хайрият, ки афтодани гӯсфанд дар ҳангоми пур шуда омадани селоб наомадааст, ҳам ба ҷойе афтодааст, ки дар вақтҳои гузаштани сел гирдобгоҳ шуда мондани як ҳавзча дар он ҷо об пайдо шуда будааст, вагарна гӯсфандро ё сел мебурд ё бо силдами[1] худ ба сангҳои таги дара бархӯрда реза–реза мешуд.

Одина пас аз ҳайронию ошуфтаҳолӣ ҳуши худро ба сар овард, аз тамом барҳам хӯрдани гӯсфанд ёфт шудани ӯро, агарчи маиб ҳам бошад, беҳтар шумурда аз почааш гирифта кашолакунон аз роҳе, ки фуромада буд, боло баромад. Лекин хотираш аз тарафи арбоб Камол ҷамъ набуд ва медонист, ки монанди арбоб Камол як нобакор ин воқеаро бо як ҳақорат ва дашноми муқаррарӣ нахоҳад гузаронид: оё бо кинаи гӯсфанди маибшудаи худ дасту пойи ӯро хоҳад шикаст ё баданашро бо корд чок намуда, намак хоҳад ҷо кард ва ё бо тариқи дигаре, ки монанди арбоб Камол як сагдили хунхореро сазовор аст, ҷазо хоҳад дод?!

Одина ба ҳамин гуна фикрҳову андешаҳо аз даҳшат ба даҳшат меафтод. Як вақт ҳушёр шуд, ки рӯз бегоҳ шудааст, ғайр аз ба хонаи хӯҷаин рафта ҳар чӣ, ки шуданӣ аст, дидан чорае надошт. Ҳезумеро, ки аввали пагоҳ чида монда буд, ду баст карда ба хар бор кард ва ба ҷойи сарборӣ ба сари ҳезум гӯсфанди маибшударо гузошта бо чилбуре маҳкам барбаст. Харро пеш андохта, рамаро аз дунболи он ронда, раҳи хонаро пеш гирифт. Ҳар қадар, ки ба хона наздиктар мешуд, тапиши дил ва ларзиши дасту пояш зиёдтар мегашт.

Оқибат ба худ андеша кард, ки арбоб Камол ҳар чӣ кунад, аз куштанам зиёдтар кор карда наметавонад, аз ин зиндагие, ки мегузаронам, мурдан ҳазор бор беҳтар аст. Пас, чаро ин қадар метарсам, чаро мурданро ба хушиву шодмонӣ пешвоз намегирам?

---

[1] **Силдам** – вазн

Дар натиҷаи ин муҳокима дилаш қадре ором гирифт, дасту пояш қувват пайдо кард ва ба дари хонаи хӯҷаин ҳам омада расид. Аввал гӯсфанди маиброаз хар фуроварда, ба таги деворе гузошт, ҳезумро фуроварда, дар таги собот ниҳод ва рамаро ба оғил даровард.

Арбоб Камол аз ҳанг задани хар омадани рамаро фаҳмида ошеро, ки хӯрда истода буд, нимкора монда берун баромад ва ба одати ҳаррӯзааш бузу гӯсфандонро ягон–ягон аз назар гузаронид, ҳамин ки дид як гӯсфанд нест:

– Одина! Шишаки сиёҳ куҷост? – гуфта фарёд кард.

– Ана ин ҷост, – гуфта Одина ҷавоб дод.

Арбоб Камол:

– Падарлаънат! Ин модар бахатоиро аз кӣ ёд гирифтӣ? Ҳамоно ин гӯсфандро дуздидан мехостӣ, ки ба оғил надароварда дар берун гузоштӣ. Занам, ки сию ду дандонат ба ҳалқат фурӯ равад!.. – гӯён ба сари гӯсфанди маиб рафт ва онро ба он ҳол дида, якбора шӯриду ба Одина нигоҳ карда:

– Бигӯ ин чӣ ҳол аст? – гуфта бонг мезад ва ба ҳар чизе, ки ба даҳонаш меомад, ӯро дашном медод.

Одина воқеаро ҳикоя карданӣ шуда «ман… ҳезум.. чинӣ…» гуфта забонаш гирифта-гирифта сухан сар карда буд, ки арбоб маҷоли гап задан надода, монанди шағоли гуруснае, ки ба мурғе ҳамла оварад ё саге, ки ба гадое дарафтад, ба тарафи Одина ҳуҷум карда ва сангеро аз замин бардошта чунон ба сари Одина зад, ки сараш торс кафида худаш ба замин афтод.

Бо ин қадар оташи хашми арбоб фурӯ нанишаста, Одинаи мазлуми ба замин афтодаро ҳай мезад, ҳай лагадкорӣ мекард, ҳам то овозаш мерасид, бонг зада ҳақорат медод. Одина дар аввали шатта хӯрдан як–ду бор «вой мурдам» гуфта бо ҳавли ҷон фарёд карда бошад ҳам, сониҳо бемаҷол шуд ва ёрои овоз баровардан надошт.

Аз шарту шурти шатта, бонг зада дашном додани арбоб ва аз фарёди мазлумонаи Одина имоми деҳа мулло Хокироҳ бо ду-се нафар калоншавандагони дигар як ҳодиса воқеъ шуданашро фаҳмида ба ҳавлии арбоб даромада омаданд.

Ин вақт хашми арбоб қадре паст гардида, худаш ҳам аз задан бисёр монда шуда буд. Ба муносибати омадани аҳли деҳа Одинаро ба ҳоли худ гузошта, пеш аз пурсидани онон ҳикоят сар карду гуфт:

– Ин кӯрнамаки модарсеталокро бубинед чӣ кардааст? Оши маро мехӯрад, нони маро мехӯрад, пӯшоки маро мепӯшад ва мурдаи падарашро, ҳамаатон медонед, ман гӯрондам, имрӯз рамаро ба сари худ гузошта ба хоб рафтааст ё ба бозӣ саргарм шудааст, ки ин гӯсфанди шишак дар ҷарӣ ғалтида ба ин ҳол, мебинед, омадааст. Магар ман ҳоло ҳам ҳақ надорам, ки ин ҷувонмаргро бизанам? Не, задан он тараф истад, ба куштан ҳам ҳақ дорам. Як гӯсфанд аз сад чунин сакалту беҳтар аст. Агар шумоён намеомадед, то ҳол мекуштамаш. Акнун чораи ин корро худи шумоён, ки калоншавандагони деҳа ҳастед, бубинед…

Калоншавандагон, ки дар монанди ин воқеаҳо рамузфаҳманд, замири дили арбоб ба куҷо роҷеъ бударро дониста, ба сари Одина омаданд, захмҳои хуншори ӯро дида:

– Зарар надорад, зарар надорад, як порча намади сӯхта баста шавад, ҳамааш ба ҳам меояд. Ту бачагӣ кардӣ, нодонӣ кардӣ, ин шӯриши арбоб ба ту ва заданаш туро аз дилсӯзӣ аст, туро «ҳушёр шав, одам шав!» мегӯяд. «Моли муъмин хуни муъмин» гуфтаанд. Ту моли арбобро талаф кардӣ, гӯё ки хуни ӯро рехтӣ. Арбоб рост мегӯяд, ки ӯ ҳақ дошт ба ин гуноҳат туро кушад. Ҳоло, хайрият, мо даромада омадем, акнун ба ту насиҳати падаронаи мо он аст, ки дар корҳо ҳушёр бош, моли арбобро аз они худат барин дониста хабардорӣ кун, падар надорӣ, арбоб ба ҷойи падари туст!..

Калошавандагон рӯйи суханро ба арбоб гардонда гуфтанд:

– Як бор беақлӣ кардааст, бубахшед, аз хурдон гуноҳ, аз калонон бахшидан аст; аз талаф шудани гӯсфанд ғам нахӯред, илоҷи ин кор осон аст. Ба ҳамаи мо маълум аст, ки Одина аз шумо қарздор аст, аз ин вақҳ ба дасти шумо васиқа[1] ҳаст. Ин гӯсфанди талафшударо ҳам як чиз нарх мекунем ва дар пуш-

[1] **Васиқа** – ҳуҷҷат ва шартномаи расмии хариду фурӯш, доду гирифт. Ризояти қонунии хаттӣ; забонхат.

ти он санад менависем. Агар умраш бокӣ бошад, Одина хизмати шуморо карда ҳамаи қарзашро адо намуда шуморо розӣ хоҳад кард. Ҳамин тавр нест? – гуфта ба Одина нигоҳ карданд.

Одина ҳам бо ишорати сарҷунбонӣ ғайр аз «оре» гуфтан чораи дигар надошт, ҳатто «ин таҳлука бо ҳамин осонӣ гузашт» гуфта, дар дили худ хурсандӣ ҳам мекард.

Калоншавандагон гӯсфандро даҳ танга нарх карда, дар пушти санад навиштанд.

– Ба ширинкомаи ин оштӣ ягон зиёфат хоҳед кард, – гуфта хандакунон бо арбоб хуш бошед намуда, баромада рафтанд.

Арбоб Камол фардои он рӯз агарчи гӯсфанди маибшударо ба қассоб ба ҳашт танга фурӯхт, лекин Одина боз ҳам даҳ тангаи комил қарздор шуда монд.

II. ҲИСОБӢ

Гулбибӣ аз падари худ Султонмурод дар синни яксолагӣ ятим мондагӣ буд, то синни ҳафтсолагӣ ба дасти модараш Раҳимабегим, ки холаи Одина буд, парвариш ёфт. Раҳимабегимро ягона муддао ин буд, ки Гулбибиро қадрас карда, ба хоҳарзодаи худ ба занӣ бубахшад, ба ин восита чароғи худу чароғи ҳамшираи худро фурӯзонад.

Лекин Раҳимабегим ба ин орзуи худ нарасида, вафот кард. Дар вақти мурдани худ ягона васияте, ки ба модараш Бибиоиша намуд, ин буд, ки нури чашми ӯ Гулбибиро ба қатори Одина парвариш намояд, вақте ки қадрас шавад, бо Одина ҳамхона кунад.

Албатта, Бибиоиша ин васиятро фаромӯш накард ва шабу рӯз дар пайи ин буд, ки Одина зудтар калон шавад ва аз хизмати арбоб халосӣ ёфта, асбоби тӯйро тайёр намуда, дар вақти зиндагии ӯ амонаташ (яъне Гулбибӣ)-ро аз дасти ӯ бигирад. Рӯзе Бибиоиша ба Одина гуфт, ки:

– Ҷони модар, солат ҳафдаҳи пурра шуд. Ду сол аст, ки ба арбоб хизмат мекунӣ, бояд ба бадали музди хидмати дусолаат ҳаққи ҳисоби арбоб ба ту баробар шуда бошад. Акнун вақти

он аст, ки аз хӯҷаини худ рухсат гирифта, дар пайи кори худ шавӣ ва панҷу чоре пасандоз карда, дари хонаи модаратро кушоӣ ва чароғи падаратро фурӯзонӣ…

Одинаро ҳам ягона орзу ҳамин буд, ки ҳарчи зудтар аз дасти арбоб Камол халос шавад. Монанди дигар ҳамватанони худ ба тарафҳои Фарғона[1] рафта муздурӣ ва ҳаммолӣ намояд. Вақте ки соҳиби як миқдор чизу чора шуд, ба диёри худ бозомада ба духтари холаи худ Гулбибӣ ҳамхона шуда, ба хушию хуррамӣ рӯзгор гузаронад.

Аммо чӣ гуна ва ба чӣ роҳ аз дасти арбоб халосӣ ёфтанро намедонист. Дашномҳо, шаттаҳо, шапалоққҳои арбоб чунон чашмашро тарсонида буд, ки ёрои сар бардошта ба ӯ нигоҳ карданро надошт. Чӣ ҷойи ҳисобталабию рухсатхоҳӣ. Лекин бо вуҷуди ҳама тарсу бим аз супориши модаркалонаш далерӣ пайдо карда рӯзе фурсат ёфта, ба арбоб матлаби худро изҳор кард.

Арбоб Камол аз шунидани ин моҷаро мисли шери дарранда ғурридан гирифт ва зери лаби худ мегуфт:

– Рухсат… ҳисобӣ… Ин чист?.. Ҳамоно шиками ин модарбахато аз нон сер шудааст.

Пас аз он чашмашро, ки аз ғояти хашму ғазаб монанди кӯраи оташ шуълавар шуда буд, ба тарафи Одина андохта гуфт:

– Сакалтуи кӯрнамак! Чиҳо мегӯӣ? Магар кадом зансеталоқ туро бероҳа кардааст?.. Ту дониста бош, ки баъд аз мурданат устухонат аз дасти ман халос хоҳад шуд, боз ту аз таги қарзи ман раҳоӣ намеёбӣ. Рав додатро ба Худо гӯй!..

Одина ба камоли адаб сар хам карда ва ба пушти пойи худ назар дӯхта гуфт:

– Модаркалонам мегӯяд, ки…

Арбоб ба Одина маҷоли гапи худро тамом карданро надода, ба сӯяш давид ва чӯбдасти чӯпониро, ки Одина ларзида ба он такя карда истода буд, аз дасташ рабуда ба сараш чунон

[1] **Фарғона** – яке аз водиҳоест дар Осиёи Миёна, ки дар ҳудуди он қисми вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилоятҳои Фарғона, Намангон, Андиҷони Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва вилояти Ӯши Ҷумҳурии Қирғизистон дохил мешавад.

зад, ки ҷо ба ҷо ба замин фарш шуда, хун аз фарқи сараш монанди нӯл (чӯмак)-и офтоба равон гардид. Ба ин қадар ҳам хашми арбоб бартараф нашуда, пасу думбол чӯб мезад. Одина аз ҳавли ҷон наъраву фиғон кашида, мардумро ба ёрмандӣ мехонд. Аммо кист, ки ба фарёди ӯ бирасад.

Арбоб Одинаи бо шатта шалпаршударо ба ҳоли худ гузошта, монанди касе, ки ногоҳ чизе ба хотираш расида бошад, давида ба сари кӯча баромада, ба пеши масҷид рафт, дар он ҷо имом ва чанд нафар каллачунбонони деҳаро дид:

– Биёед, бубинед, ки ин чӣ ҳол аст! – гуфт.

– Чӣ гап, чӣ шудааст? – гуфта ҳарчанд аҳли деҳа пурсиданд, арбоб:

– Биёед, худ бубинед, ки чӣ шудааст, яъне, шумо дар ҳаққи ман чӣ кардед? Ин кореро, ки шумо кардед, бояд худатон дуруст кунед! – гӯён мақсади худро равшан накарда онҳоро ба хонаи худ овард.

Вақте ки калонон ба ҳавлӣ даромаданд, Одинаро хоку хун оғушта дида, ба арбоб гуфтанд:

– Хуб, ту ятиматро задӣ, дар ин кор айби мо чист?

– Шумо набудед, ки харҷи мурдаи падари инро аз ман гирифта додед, шумо набудед, ки дар бадали товони гӯсфанди маибкардааш ба ман хизмат кардани инро мутасаддӣ шуда, аз ман ширинкома хӯрдед. Акнун, ки ин аз ман ҳисобӣ, рухсат металабад, бояд шумо қарзи маро рӯёнида диҳед ва ё чорае ёбед, ки пули ман насӯзад, вагарна ман ҳаққи худро аз шумо талаб мекунам…

Мулло Хокироҳ ба ин ҳама шӯриши арбоб ханда карда гуфт:

– Ҳамин дардатро нашӯрида гӯйӣ ҳам мешавад. «Аз дӯст як ишорат, аз мо ба сар давидан» гуфтаанд. Ту ишорат кун, ман ислоҳ кардан мегирам, барои ин ҳамаи моро ба қозихона кашола кардан лозим нест.

Яке аз мӯйсафедон ба мулло Хокироҳ:

– Биёед, монед, домулло, шумо ҳам як ҷанҷоли дигарро барпо накунед! – гуфту ба сари Одина омада насиҳат кард:

– Ту ҳанӯз бачаи нодон ҳастӣ. Гарму сарди дунёро надидаӣ ва намедонӣ, ки пул аз куҷо мерӯяду чӣ гуна ба даст медарояд. Дониста бош, ки дар дунё пули бекор нест. Ба касе дар

муддати дароз қарзулҳасана[1] намедиҳанд. Ҳамон даҳ тангае, ки арбоб ба мурдаи падарат харҷ кардааст, ҳар моҳе як танга фоида мезояд.

Мулло Хокироҳ сухани мӯйсафедро бурида:

– Фоида нагӯ, танзил[2] бигӯ! – гуфта луқма дод.

Мӯйсафед ба сухани худ давом карда:

– Хуб, – гуфт,– ба қавли домулло гӯем, ҳар даҳ танга ҳар моҳе як танзил дорад, имсол, ки соли панҷуми қарздории туст, аз ғайри тани пул ба ҳисоби фоидаи он…

Ин даъфа мулло Хокироҳ сахт шӯрида:

– Гӯш дорӣ? Як бор ба ту гуфтам, фоида нагӯ! – гуфт.

Мӯйсафеди дигаре ба гап ҳамроҳ шуда ба мулло Хокироҳ гуфт:

– «Ғараз аз тушбера гӯшт хӯрдан» – гуфтаанд, хоҳ фоида гӯяд, хоҳ танзил, мақсад он аст, ки болои даҳ танга моҳе як танга зиёд мешавад. Барои ин ҷанҷол лозим нест, домулло!

– Чаро лозим нест, гуфт мулло Хокироҳ, фоида, яъне рибо аст. Рибо[3] дар шариат бешак ҳаром аст; бинобар ин, ҳар гоҳ судхӯрони тақводори[4] Бухорои шариф барои «ҳоҷатбарории мардум» фоида хӯрданӣ шаванд, номашро «танзил» меноманд.

– Худат – гуфт мӯйсафед, – судхӯрӣ карданӣ шавӣ, «танзил» гуфта хӯрдан гир. Арбоб мисли мардуми Бухоро тақводор нашудааст ва аз фоида гуфта хӯрдан ҳам рӯй намегардонад. Агар фоида ҳаром бошад, бо номаш «танзил» мондан ҳалол намешавад, хар бо номашро «гӯсфанд» мондан гӯсфанд намешавад. Беҳуда ба ҷойи «фоидаи» аз падару бобо шунида омадаамон сухани номаълум «танзил»-ро оварда чӣ мекунӣ?..

Мулло Хокироҳ:

– Ту ҳақ надорӣ, ки ба кори шариат забонрасонӣ кунӣ,–

---

[1] **Қарзулҳасана** – қарзи хуб. Қарзе, ки аз он фоида намегиранд.

[2] **Танзил** – дар истилоҳоти ҳуқуқии пештара даромаде, ки аз пули қарз додашуда гирифта мешуд.

[3] **Рибо** – фоидаи пул, ки судхӯрон аз қарздорони худ мегирифтанд; судхӯрӣ, фоидабарӣ.

[4] **Судхӯрӣ** – касе, ки пулро ба шарти зиёд карда гирифтан қарз медиҳад. Судхӯрии тақводор – судхӯрони парҳезкор.

гуфта мехост ба мӯйсафед дарафтад, арбоб ба мобайн даромада гуфт:

– Домулло! Ин гапҳо ба ин ҷо дахл надорад, биё мон, ислоҳи корро бинем!

Мулло Хокироҳ дигар маҷоли дам задан наёфта, ду дасти худро ба синааш оварда, ба арбоб нигоҳ карда:

– Хуб, хуб, – гӯён хомӯш монд; мӯйсафеди ислоҳкор озодона ба сухани худ давом карда гуфт:

– Имсол, ки соли панҷуми қарздории туст, аз ғайри тани пул (сармояи аслӣ) ба ҳисоби фоидаи он аз арбоб шаст танга қарздор шудаӣ! Соли гузашта аз ваҷҳи гӯсфанди маибшуда низ даҳ танга қарздор шуда будӣ. Ин ҳам моҳе як танга фоида мезояд. Агар арбоб ҷав–ҷав ҳисоб кунад, фоидаи ҳарсоларо ба тани пул зам карда ба он чиз фоида мезоёнад, ки дар ин сурат қарзи ту аз хунбаҳоят ҳам зиёд мешавад. Бинобар ин, ту паси хаёлҳои фосид магард, ба сухани дӯсту душман фирефта машав, ба иғвоҳои модаркалонат, ки зани ноқисулақл аст, гӯш мадеҳ ва ҷони ҷавони худро дар таҳлука наандоз! Ба як порча ноне, ки арбобат медиҳад, шукр гуфта ба ҷону дил хизмат кардан гир, ба ҳарфҳои беҳуда ва ҳаракатҳои нолоиқ рӯйи гарми худро сард макун! Ин аст насиҳати падаронаи мо ба ту!

Одина ба сабаби ин воқеа ва аз шунидани суханони «маслиҳатомезонаи» мӯйсафедон хоб буд, бедор шуд ва маст буд, ҳушёр гардид ва ба хубӣ донист, ки рӯйрост, ба хушию хурсандӣ аз ин доми бало халос шуда наметавонад. Бинобар ин, ҳозир як дараҷа аз халосӣ умеди худро канда, то расидани фурсати муносиб тапиданро бефоида, балки зарараноқ донista, ночорона хизмат кардан гирифт.

III. ФУРСАТ

Одина як соли дигар дар ин зиндони бало, яъне хизмати арбоб Камол, дандон ба дандон истодагӣ мекард. Дар ин муддат ҳеҷ чорае намеёфт, ки роҳи гурезро пеш гирад ва сари худро ба ягон диёри ғурбат кашида озодона нафас барорад.

Дар ин миён воқеае рӯй дод, ки ҳарчанд ба сабаби ин воқеа Қаротегин зеру забар шуд, ба Одина роҳи гурез омода гардид.

Тафсили ин воқеа чунин аст: ширкати роҳи оҳани Бухоро – Тирмиз[1], ки яке аз саҳмдорони калонаш амири Бухоро Олимхон буд, ба фикри ба даст даровардани коргарони арзон афтода аз амир мардикор талаб карда ва ба мардикорони талабгор харҷи роҳу музди кор доданро ваъда намуд. Аммо Олим ин маъноро ба ҳокими Қаротегин, ки аз ҷиҳати иқтисодӣ яке аз пасмондатарини қаламравҳои Бухорост, навишта аз аҳолии он ҷо дар ин кор фоида бурданӣ шуд.

Ҳоким ин ҳодисаро барои пулёбии худ фурсати ғанимате шумурда мардумро, ки ҳанӯз аз ҳақиқати кор хабар надоштанд, ба зӯру ҷабр ғундошта ба Бухоро фиристоданӣ шуд. Мардум аз ин ҳодисаи ногаҳонӣ дар андешаҳои дуру дароз афтода, барои наҷоти худ чораҷӯӣ карданд. Аз рӯйи одат, дар монанди ин воқеаҳо ягона наҷотдиҳанда пораву ришва буд. Ононе, ки пул ва чизе доштанд, ба ҳокиму шогирдпешагонаш дода халос шуданд ва ононе, ки фақир буданд, лекин ҷавониву қувват доштанд, нафси худро ба ятимии чандинсола, ба иборати дигар, ба ғуломии умрӣ ба боёну судхӯрон фурӯхта бадалашро барои ришва пешкаш карданд. Баъзе касон ба фурӯхтани писар ё ки духтари сағири худ маҷбур гардидаанд. Гурӯҳе, ки на пул доштанду на қувват, на зан доштанду на фарзанд ризо ба қазо дода, Бухоро рафтанӣ шуданд. Арбоб Камол ҳам дар навбати худ аз ин воқеа фоида бурданӣ шуда, дар пеши калоншавандагон ба Одина гуфт, ки:

– Ман барои халос кардани ту аз ин таҳлука ба ҳоким сад танга пора додам, акнун қарзи ту аз ман боз вазнинтар шуд, агар то қиёмат зинда бошӣ ва тамоми умратро ба хизмату авлоди ман сарф намоӣ, ҳаққи маро адо кардан наметавонӣ.

---

[1] **Ширкати роҳи оҳани Бухоро – Тирмиз** – Ҳукумати подшоҳии рус ба мақсади дар ҷануби Осиёи Миёна боз ҳам мустаҳкам намудани мавқеи стратегии худ қарор мекунад, ки роҳи оҳани Бухорои нав – Тирмизро созад. Сохтани ин роҳи оҳан (Когон – Қаршӣ –Келиф – Тирмиз бо шохаҳои Қаршӣ – Ғузор – Китоб) 19 июни 1914 сар шуда, бо ёрии мардикорони Бухоро, аз ҷумла бенавоёни қаротегинӣ пеш аз муҳлат, яъне июни соли 1916 сохта ба истифода дода шуд.

Ва ҳол он ки қиссаи арбоб тамом дурӯғ буд. Оре, вай ҳам ба ҳоким сад танга пора дода буд, лекин на аз барои раҳоии Одина, балки барои халосии Ибод ном писари бисту дусолаи худаш буд.

Одина аз воқеаҳои гузашта ҳушёр шуда, аҳволу феъли арбоб Камолро хуб санҷида гирифта буд, вагарна ба ҷавоби арбоб мегуфт:

– Барои раҳоии ман беҳуда заҳмат кашида, пора надеҳ, маро ба ҳоли худ вогузор, ки ба қатори равандагон аз ин диёр биравам, агар натиҷа мурдану ҳалок шудан бошад ҳам, ман розӣ ҳастам. Ҳамин «давлат» маро бас аст, ки аз мурданам пештар аз дасти монанди ту золими нобакор халос шавам.

Лекин аз ин мулоҳизаҳое, ки ба дилаш мегузашт, чизеро ба арбоб изҳор накард, балки тадбире ба кор бурда, дар зоҳир худро чунон намуд, ки аз ин кирдори арбоб миннатдору хурсанд шудааст. Аммо пинҳонӣ дар пайи кор ва фикри гурези худ афтод.

Сахтиҳои рӯзгор Одинаи хурдсолро хеле соҳибтадбир ва таҷрибакор карда буд: баъд аз як рӯзи ин гуфтушунидҳо хати роҳи халос шуданро кашида худро бемор нишон дод, ин бозиро чунон ҳунармандона бозӣ кард, ки арбоб Камол пиндошт, ки имрӯз ё фардо Одина аз дунё хоҳад гузашт. Бинобар ин, ба фарзанди худ Ибод гуфт:

– Писарам! Ҳарчи зудтар як-ду нафар ёфта ин салмаро[1] ба хонаи модаркалонаш кӯчон! Агар ин ҷо бимирад, харҷи гӯру кафанаш ба гардани мо афтода болои мурда сад чӯб мешавад.

Ибод ҳамон соат фармоиши падарашро ба ҷо оварданӣ шуда, аз деҳа ду–се нафарро ҷеғ зада, ду чӯбро сароҷа баста ва Одинаи беморро ба болои он хобонида, бардошта хонаи Бибиоиша бурда супорид.

Бибиоиша набераи худро ба он ҳол дида соате беҳуш афтод, баъд аз ба ҳуш омадан ба рӯйканӣ ва мӯйкашӣ оғоз

[1] **Салма** – кас ё чизи нодаркорест. Салмаи сақат – чизи дар роҳ афтодаи беистифодаест, ки барои бардошта бурдан ба гардани касе маҷбуран бор кардаанд. Маҷозан одами бефоидаест, ки ба касе часпида гирифтааст ва аз ӯ халосӣ ёфтан душвор аст.

кард, ба андозае ки мӯйи сафедаш аз хуни рухсорааш лолагун гардид.

Одина вақте аз бозгашта рафтани Ибод ва рафиқонаш хотирҷамъ шуд, чашми худро кушода ба модаркалонаш гуфт:

– Бибиҷон! Беҳуда худро ба андуҳу алам наандоз! Ман дар ҳақиқат бемор нестам, лекин барои халос кардани худ аз дасти ин ҷаллодон тадбире андешида худро бемор нишон додам.

Одина пас аз оне ки қадре дам истод, гуфт:

– Тадбир ин аст, ки ман имшаб сари худро гирифта аз ин деҳа меравам, ту то як ҳафта ин розро пинҳон дор ва ба ҳар касе, маро мепурсад, «сахт бемор аст» гӯй! Баъд аз як ҳафта ба пурсандагон «дирӯз офият ёфта ба хонаи хӯҷаини худ рафт» гуфта ҷавоб деҳ.

Бибиоиша аз шунидани ин воқеаи ногаҳонӣ, ки хабари фироқи доимии ягона фарзанди дилбандашро мерасонид, зор–зор чун абри навбаҳор гириста бетоқатӣ мекард ва:

– Рафтани ту мурдани ман аст, раво мадор, ки дар ин пиронсолагӣ ман ба сабаби ҷудогии ту, гӯё ки ба дасти ту ҳалок шавам, – гуфта навҳаву зорӣ мекард.

Одина бо ҳазор гуна лобаву забоноварӣ модаркалони худро ба сабру шикебоӣ далолат карда гуфт:

– Бибиҷон! Ҳеҷ ғам нахӯр, агар ман зинда аз ин диёр ба саломат биравам, дар андак муддат соҳиби молу кола шуда ба хизмати ту пас хоҳам омад. Дар он вақт Гулбибиро ба ман никоҳ намуда як фарзандатро ду карда ба муроди дилат хоҳӣ расид: гар зиндагист, дида ба дидор мерасад[1], аммо агар бесабриву бетадбирӣ намуда, ба нолаву шева сирри маро фош намоӣ, дур нест, ки аз тарафи ғаним дастгир шавам, дар ин сурат ин нобакор маро дар ин дунё зинда нахоҳад гузошт, воқеаи гӯсфанди маибшуда ва ҳикояи рухсатталабии маро аз хотир фаромӯш накарда бошӣ. Аз он ҳодисаҳо ба хубӣ маълум мешавад, ки одамкушӣ дар пеши ин ҷаллод аз

[1] Дар ҷумла мисраъ аз ин байти Бедил истифода шудааст.

Гар зиндагист, дида ба дидор мерасад,
Боз омадан зи рафтани хуршед дур нест.

гӯсфандкушӣ осонтар аст. Агар сиррам фош гардида, ба дасти ин номарди ғаддор талаф шавам, аз ман абадӣ ҷудо мешавӣ ва баъд аз он пушаймониат ҳеҷ суд намекунад.

Бечора Бибиоиша, ки аз атвору кирдори арбоб ба хубӣ хабардор буд, аз гуфтугузори донишмандонаи набераи хурдсоли худ дигарбора ҳушёр шуда, заҳри ҷудоии чандрӯзаро ба умеди шаҳди висоли дуру дарози оянда коми ҷони худ гуворо дид ва аз фироқи абадӣ, ки ба сабаби фош гардидани роз ҳамон соат воқеъ буданаш дур набуд, тарсида ба ночорӣ ба сабру худдорӣ тан дардод.

Одина пас аз гирифтани ризои модаркалони худ чоруқи даридаи худро ба по кард. Ба халтае қадре талқону қурутро андохта, тӯшаи сафарро тайёр намуд. Шаб баъд аз фурӯ рафтани олам ба торикӣ кӯлворро ба пушт бардошта, чӯбдасте ба мушт гирифта роҳи Фарғонаро пеш гирифт. Ду пос аз шаб гузашта буд, ба қофилаи мардикороне, ки ба нияти сафари Бухоро ба роҳ баромада ба дараи кӯҳе хобида буданд ва аз бими гурехтани онҳо давро-даврашонро шогирдпешагони ҳоким қаровулӣ мекарданд, расид ва худро беихтиёр дар қатори он ғарибони маҷбурӣ андохт.

Шогирдпешагони ҳоким пагоҳирӯз ҳанӯз офтоб набаромада аз хоб бархостанд, аз нон ва яхнӣ, ки барои тӯша бардошта буданд, шикамҳои худро пур карданд. Пас аз он қофилаи мардикоронро ки бисёртарашон пир, мафлуку гурусна буданд, рамавор пеш андохта, ба сӯйи Фарғона ронданд, кадом мардикоре, ки дар роҳ рафтан сустӣ мекард, ба сараш қамчин (тозиёна) ва чӯби ясавулии шогирдпешагон ҳозир буд. Дар ҳақиқат ҳам ин мардикорон ба рамаи гӯсфандон монандӣ доштанд, ё бемор шаванд, ронандаи он гӯсфандонро ба хар бор мекард, аммо бемору пасмондагони инҳоро барои пеш рондан мезаданд, то вақте ки дар роҳ мурда монанд.

Қисса кӯтоҳ, гурӯҳе дар роҳ мурда бақия ба ҳолати беморӣ ва нотавонӣ, ки мурдан аз ин гуна зиндагонӣ ҳазор бор беҳтар аст, ба хоки Фарғона расиданд.

Одина, ки ҷавониву қувват дошт, ҳам талқону қурут қути лоямуташ[1] муҳайё буд, дар роҳ ба осебе дучор нашуда аз ин дарёи фалокат ба канор саломат баромад.

Одина чанд рӯзи худро ба диду боздиди ҳамватанонаш, ки баъзе ҳаммолӣ, гурӯҳе қаровулӣ, чанде муздуриву мардикорӣ мекарданд, пас аз он бо далолати яке аз онҳо, ки дер боз дар Андиҷон дар заводи пахтатозакунӣ кор мекард, бахшид.

IV. ҲИҶРОН

Дар хотирҳост, ки Одина модаркалони худ Бибиоишаро як ранг тасалливу таскин дода, ба сафар баромада буд. Шумо гумон мекунед, ки Бибиоиша бо суханони умедбахшоёнаи Одина ҳақиқатан таскину тасаллӣ ёфта буд. Не! Чӣ гуна ором мегардад як зани муштипаре, ки умраш ба ҳафтод расида бошад, дар дунё ғайр аз як набера каси мардинае надошта бошад, ки дар вақти пиронсолагӣ ӯро даст ба сар намояд, дар вақти бемориаш парастӣ кунад, дар ҳангоми ҷонканиаш ба ҳалқи хушкидаи он об чаконад ва пас аз мурданаш гӯру кафанашро тайёр карда, ба хобгоҳи абадиаш супорад, ин ягона набераш ҳам як азми сафари дуру дарозе намояд… Кӣ медонад, балки ин набера дар диёрҳои ғарибӣ мемурад? Агар зинда ҳам монад, эҳтимол он аст, ки барои бозгаштан ба ватан харҷи роҳ намеёбад, агар асбоби боз омадан муҳайё гардад ҳам, ин давлат ба чандин сол муяссар намегардад. Гумони ғоиб он аст, ки то он вақт ин кампири ҳафтодсолаи пояш ба лаби гӯр расида ба бекасиву бенавоӣ ҷон медиҳад…

Ин андешаҳову мулоҳизаҳо хирмани сабру шикебоии Бибиоишаро ба бод медод. Баъд аз соате, ки Одина аз хона дур шуд, Бибиоиша хост ҳой-ҳой гириста нолаву фарёд бароварад, лекин аз он ҷойе ки ин фарёди бемаҳал фош гардидани рози Одина ва боиси гирифториаш мешуд, ночор оҳи сарде аз дили пурдард кашида лаб фурӯ баст. Аммо чунон лаб фурӯ бастане,

[1] **Қути лоямут** – хӯроки ниҳоят каме, ки барои зинда мондан зарур аст. Хӯроки аз марг раҳонанда.

ки дарунаш аз оташи ҷудоиву фироқ чун кӯраи ангиштгарон аланга мезад. Оре, аз ду чашми хунбораш сиришк равон шуда кӯшиш мекард, ки ин оташро қадре фурӯ нишонад.

Аммо чӣ фоида ки:[1]

Шиддати оташи дил сард нашуд з-оби сиришк,
Ин танӯрест, ки андеша зи тӯфонаш нест.

Сухан кӯтоҳ, Бибиоиша то як ҳафта бе он, ки овозе баланд кунад, чун мӯйи оташдида ба худ мепечид, аз ғайри он ки шуълаи равшане барорад, чун тӯдаи коҳи ба зераш ахтар гузошташуда дарун-дарун месӯхт:

Не тоқати он ки сабр орад,
Не ёро, ки фиғон барорад.

Арбоб Камол баъд аз як ҳафтаи бемории Одина, ки дар ин миён аз мурданаш хабаре нагирифт, ба саломатӣ ёфтанаш умедвор шуда писари худ Ибодро гуфт:

– Бирав, аз хонаи Одина хабар гир! Агар зиндаасту қуввати ба по гаштан дорад, биёяд ва рамаро саровонӣ кунад, вагарна зудтар фикре намоем ва дастёре ба даст дарорем, то ки гӯсфандон дуру дароз бе нигоҳубин монда лоғар нашаванд, ҳоло ҳам гӯшту равғани онҳо хеле костааст.

Ибод, мувофиқи фармоиши падар, ба хонаи Бибиоиша рафта аз ҳоли Одина пурсон шуд. Бибиоиша ҳамон ҷавоби сохтаеро, ки Одина дар вақти рафтанаш ба ӯ омӯхта буд, ба ёд оварда гуфт:

– Дар рӯзҳои охир қадре беҳтар шуда, сар аз болишт бардошта буд, ду рӯз шуд, ки ба хонаи шумо рафт, то ин дам дигар барнагаштааст.

[1] Ин воқеа соли 1333 ҳичрӣ рӯй дода буд – нависанда соли дар Қаротегин мардикориро дар назар дорад. Соли 1333 ҳичрӣ ба 12 ноябри 1914 – 8 ноябри 1915 баробар аст. Азбаски амир Олимхон дар оғози сохтмони роҳи оҳани Бухоро – Тирмиз ба он ҷо фиристодани 3000 мардикорро ваъда карда будааст, пас сафари Одина тирамоҳи соли 1914 ба вуқӯъ пайвастааст.

Бибиоша ба сухани худ илова карда гуфт:

– Магар ту дар хонаатон набудӣ ва аз ҷойи дигар меоӣ, ки нишонаи Одинаро мепурсӣ?

Ибод ба ин сухан тааҷҷуб карда гуфт:

– Не, ман ҳозир аз хонаи худамон, бо фармоиши падарам, барои пурсиш ва хабаргирии Одина омадам. Аз он рӯзе, ки ба ин ҷо оварда супоридемаш, то ба ҳол ба хонаи мо бар-нагаштааст. Ба куҷо рафта бошад? Ин воқеа хеле аҷоиб аст.

Бибиоиша вазифаи худро ба хубӣ адо карда буд, рози набераи худро то имрӯз пӯшида дошт ва ҷавоби сохтаро ҳам мавриду камоли ҳунармандӣ дода буд. Акнун ба ошкоро фарёд кашидани ӯ ва дили худро холӣ карданаш монеае намонда буд. Лекин барои нолаву шеван кардан баҳонае даркор буд, ки онро ҳам омадани Ибод ва саволу ҷавоби дар боло навишташуда тайёр карда дода буд.

Бибиоиша худро ба Ибод чунон намуд, ки гӯё то ҳол Одинаро ба хонаи хӯҷаинаш рафта мепиндошт, ҳоло фаҳмид, ки аз Одина дар он ҷо нишонае нест, ба ҳолати модаронае, ки ногоҳ аз гум шудани фарзандашон хабар ёбанд, дар изтиробу беқарорӣ афтода гуфт:

– Ин чӣ мусибат аст ба сари ман? Дар ин ду рӯз ба сари нури дидаи ман чиҳо омада бошад? Агар ба хонаи шумо намерафт, албатта мебоист ба ин ҷо бозмегашт. Магар ба дарае афтода талаф шуд? Ё ки аз нотавонии ӯ фоида бурда гургон дарронидандаш? Ё деве заҳматаш расонд ва ё дар камингоҳе ғаниме будааст, ки аз ӯ интиқом кашид?..Во балам! Во, Одинаҷонам! Во, чашму чароғам! Во, қуввати дилам! Во, рафиқи шаби танҳоиям! Во, парастори шаби бемориам! Вой! Вой! Вой!

Оре, Бибиоиша имрӯз фарзанди худро гум кардааст, боз як ранг гум кардане, ки ба ин наздикиҳо ба ёфт шуданаш умед надорад. Ҳарчанд таърихи мусибати ин аҷузаи нотавон як ҳафта пештар аз имрӯз аст, аммо бинобар сабабе, ки дар боло гуфта шуд, то ҳол роҳи изҳори он баста буд. Имрӯз метавонад дилхоҳи худ рӯйканию синазанӣ намояд. Бинобар ин, Бибиоиша ҳой-ҳой гиряву зорӣ карда, ба мазмуни ин ғазал нолаву шеван менамуд:

То маро ин нури чашми меҳрубон аз даст рафт,
Тоқати тан, сабри дил, ороми ҷон аз даст рафт.
Рафт он гул аз назар, ёрои фарёдам намонд,
Булбули шӯридаам, ки фиғон аз даст рафт.
Дар ҷаҳони бевафо дилбанди ман он буду бас,
Рафт дилбандам, сазад гӯям, ҷаҳон аз даст рафт.
Рафт то домони ороми дилу ҷонам зи каф,
Қисса кӯтоҳ мекунам, гӯё ки ҷон аз даст рафт!

Ибод, баъд аз он ки соате ин азохонаи ногаҳониро тамошо кард, ба пеши падараш баргашта сурати ҳолро баён кард.

Арбоб Камол, ки дар муддати панҷоҳсола айёми зиндагии худ чандин нафар монанди Одина бечорагони бекасу кӯйро бо фиребу найранг ба доми хизматгории худ кашида буд ва бисёртарини онҳо ҳам ба оқибати кор бо гурехтан аз ин доми бало худро халос карда буданд, ба зудӣ ба ҳақиқати ҳол пай бурда донист, ки Одина гурехтааст. Пас ба писари худ Ибод:

– Сад ҳайф, ки шикорро муфт аз даст додам, албатта, ин кӯрнамак сари худро гирифта аз диёр рафт. Бо вуҷуди ин, бояд ба пеши модаркалонаш биравам ва худ таҳқиқ намоям, шояд нишонашро аз ҷойе дарёбам. Агар Одинаро ба даст дароварда натавонам ҳам, аз ин кампир ниқори худро бигирам,– гуфта чӯбдастеро ба даст гирифта ба роҳ даромад.

Арбоб ба хонаи Одина омада Бибиоишаро ба гиряву зорӣ дарёфт. Бибиоиша вақте ки арбобро дид, оби чашмони худро бо остинаш пок карда, аз нолаву зорӣ хомӯш гардид ва муҳайёи гуфтугузор шуда салом дода, ба арбоб нигоҳ карда истод.

Арбоб ба ҷойи салом бо қаҳру ғазаби тамом:

– Одина куҷост? – гуфта пурсид.

Бибиоиша бо нармиву мулоимат моҷарои сохтаро ҳикоят кард.

Арбоб гуфт:

– Ман ҳилаҳои мисли ту занҳои девсириштро ба хубӣ мефаҳмам, албатта, Одинаро худ бадроҳӣ дода гурезондаӣ! Имрӯз худро ба нодонӣ андохта ба ман суханҳои сохта мезанӣ. Албатта, албатта, бо раҳнамоиву далолати ту гурехтааст.

Лекин рост бигӯ, кай рафт ва нияти куҷо дошт? То имкон бошад, худ ӯро ба даст дарорам ва ту аз чанги интиқоми ман халос шавӣ. Вагарна ба ҷойи Одина ба дасти ману ба зери ин чӯб (чӯбдасти худро нишон дода) ту ҳалок хоҳӣ шуд.

Бибиоиша дид, ки аз дасти ин сахтдили нобакор ба нармзабонӣ халос шудан мумкин нест. Ночор ба душман фурсат надода, ҳар чӣ бодо бод худ ҳуҷум карданӣ шуд ва гуфт:

– Ӯй Арбоб! Ман яқин медонам, ки писарамро худат кушта ба кадом дара гӯрондай! Акнун ба ман дурӯғи пешопешакӣ мезанӣ. Ту гумон набар, ман роҳи ҳокиму қозиро намедонам. Ҳозир меравам ба ҳукумат ариза дода аз дасти ту додхоҳӣ мекунам, таҳқиқчиву ясавул меорам, мебинӣ, ки ба сарат чӣ қиёмат барпо хоҳад шуд!

Инро гуфту чодари пора–пораи худро ба сар андохта ба роҳ даромад.

арбоб Камол аз ин рафтори Бибиоиша андешаманд шуд, зеро ӯ ба хубӣ медонист, ки ҳарчанд ҳокиму қозӣ парвои кушта шудани Одина надоранд, лекин додхоии як нафар, хоҳ ҳақ асту хоҳ ноҳақ, баҳонаи хубе хоҳад шуд ба дасти эшон барои порагирӣ ва пулситонӣ. Агар ин зан рафта ба ҳокиму қозӣ арз кунад, ҳамон соат мулозиму навкарони эшон омада бе таҳқиқу тафтиш Одинаро ба дасти арбоб Камол кушташуда шумурда, аз арбоб бо номи пули хун маблағи калоне ситониданашон муҳаққақ буд. Оре, агар дар ин миён Одина ба даст афтад, пас аз таҳқиқ кардан ба арбоб Камол ба ғуломии абадӣ месупуранд, аммо Одина дар он ҷойе набуд, ки дасти ҳокимони Қаротегин ба он ҷо бирасад.

Арбоб ҳарчанд дар зоҳир ба кибру ғурури нафси худ шикасте надода, «ба куҷое, ки меравӣ бирав! Ман аз касе бим надорам» – гуфта дӯғ зад, аммо дар ботин ба сабаби андешаҳое, ки дар боло навишта шуд, бағоят дар тарсу ҳарос афтод. Бинобар ин, ба як–ду нафар мӯйсафедони қишлоқ моҷароро хабар дода, аз роҳ боз доштани Бибиоишаро аз онҳо илтимос намуд.

Калоншавандагон аз думболи Бибиоиша рафта ба ӯ рӯй андохтанд ва аз сари ин даъво гузаштанашро хоҳиш карданд.

Баъд аз ин аз тарафи арбоб ба ӯ ҳеҷ зулму осебе нарасиданро ваъда доданд.

Бибиоиша ҳам, ки аз талаф нашудани Одина ба дасти арбоб дилҷамъ буд ва ин ғавғои дурӯғро барои ҳифз намудани шахси худ аз ҳуҷуми ин мардака[1] барпо карда буд, илтимосу илтиҷои калононро баҳонаи хубе шумурда, гӯё ки «барои поси хотири эшон» аз роҳи ҳокимхона баргашт ва ба ёди Юсуфи гумгаштаи[2] худ ба байт–ул–эҳзонаш[3] оромид.

V. ҲУСНИ ТАБИЙ

Шумо бояд кӯҳистонро тамошо карда бошед, ҳеҷ набошад доманае даште ё дараеро дар айёми баҳорон дидаед: ҳамин ки доманаи кӯҳе ё марғзоре мерасед, ҳамроҳи боди форами баҳорӣ ба димоғатон як хушбӯии латифе мерасад. Ин бӯйи хушро то мумкин аст, мешамед ва то қувват доред, ин ҳавои латифро фурӯ мебаред, лаҳза ба лаҳза ҷонатон тозагӣ, дақиқа ба дақиқа миҷозатон покизагӣ пайдо мекунад. Чашм мекушоед: як тараф чаман–чаман лолаи сурху сафед ва зарду нофармон шукуфта, тарафи дигар шохҳои дарахтони худрӯйи кӯҳӣ монанди арча (бурс), илғай (юлгун), чормағзу писта ба якдигар печида; ба боло менигаред то чашматон кор мекунад, давроварди сангҳои шаффофу дағалро баргҳои ревоҷ, шохаҳои сунбулу гулҳои бунафша фурӯ мебинед. Дар зери қадаматон чашм медӯзед, аз таги сангҳо ҷӯйчаҳое, ки обашон дар софӣ ба шишаи булӯр ва дар сардӣ ба ях баробарӣ меку-

---

[1] **Мардака** – дар «Фарҳанги Онанд Роҷ» чунин шарҳ ёфтааст: «Мусағғири мард бошад ва ин коф (ҳамсадои охири калимаи мазкур – А. К) барои таҳқир аксар оранд (Муҳаммад Дабир Сиёқӣ, Фарҳанги Онанд Роҷ, Теҳрон, ҷ.6, с.3936). Дар «Одина» бо мақсадҳои услубии таҳқир калимаи занака низ истифода шудааст.

[2] **Юсуфи гумгашта** – ишорааст ба афсонаи «Юсуф ва Зулайхо». Мувофиқи он Яъқуби пайғамбар дар байни 11 писар хурдиаш – Юсуфро ниҳоят дӯст медоштааст, ки ин боиси рашки бародарон мегардад ва онҳо рӯзе Юсуфро ба саҳро бурда, ба чоҳ меандозанд ва ба падар «Юсуфро гург хӯрд» гӯён ҷавоб медиҳанд. Яъқуб дар ғами Юсуфи гумгашта нобино мешавад.

[3] **Байт-ул-эҳзон** – ғамхона, хонаи ҳузн; киноя аз хонаи Яъқуб, ки аз ҳаҷри писараш Юсуф хонаи андуҳ гардидааст.

над, ҷорианд. Ин ҷӯйчаҳое, ки аз чашмаҳои хурд равон шудаанд, ба дараи чуқуртаре рехта ба андозае се–чор санг[1] об расида, бо камоли тундиву тезӣ равон мешавад, ки ин манзара шуморо тамом ба олами дигаре сайр мекунонад. Чаҳ–чаҳи булбулон бо нағмасароиҳои дигар мурғон шуморо таъсире мебахшад, ки дастаҳои мусиқии олами маданиро тамоман фаромӯш мекунед.

Дар ин чарогоҳҳои пуралаф бозӣ кардани бузону бузғолагон, ҷастухези гӯсфандону баррагон, рамидану давидани оҳувон, рақсу бозии духтарон ва арӯсонро, ки дар саҳнаҳои шаҳрҳои обод мебинед, аз ёди шумо мебарорад.

Ин манзараҳоеро, ки тамошо кардед, бе сарфи зар ва бе ранҷи дасти касе қуввати табиат рӯёнда, ба ин обуранги хушрабо ҷилва кунондааст.

Ба муқобили ин манзараҳои табиии худрас боғҳои шаҳрҳои ободро, ки бо сарфи маблағҳои калон ва меҳнати бепоён ба вуҷуд овардаанд, ба назар оред, дар онҳо бисёр самараҳои олии меҳнатро мебинед, аммо ин гуна ҳусни табииро намеёбед.

Инак, арӯси ҳикоягии мо, ки Гулбибӣ аст ва дар замони хурдтаракиаш шумо бо ӯ шинос шуда будед ва дубора мехоҳем, ки ӯро ба тамошогоҳи шумо ҷилва диҳонем, ба ҳамаи ҳусну латофати табиӣ доро буд. Тафовути ӯ аз соҳибҷамолони шаҳрӣ монанди тафовути манзараву марғзорҳои табиии кӯҳистон аст аз боғҳои сохтаи дастии олами маданият.

Гулбибиро мо намегӯем, ки аз дебо қабо, аз катон пироҳан аз зарбофт камзӯл, аз махмал калтача, аз фарангӣ сарбанд, аз дурру марворид овезаву гарданбанд, аз зари холис даспона ва аз алмос ангуштарин дошт, зеро ин ҳама асбоби зинату зевар, ки шумурда шуд, на ин ки ба монанди Гулбибӣ як духтари фақири ятима, балки аз сарватдорони кӯҳистон ҳам ёфт намешавад.

Лекин Гулбибӣ ҳусну ҷамоле дошт, ки танҳо духтарони гармобанадидаи кӯҳистон, соҳибҷамолони шаҳрӣ, ки ҳамеша

[1] **Санг** – воҳиди ченаки вазн, ки дар ноҳияҳои гуногуни Бухорои амирӣ аз се то панҷ кг-ро дарбар мегирифт.

худро бо ӯсма, сурма, ғоза, сафедӣ ва сурхӣ меороянд, ин ҳусну ин ҷамол, ин лутфу ин камолро надоштанд.

Бо ин ҳусну ҷамол Гулбибӣ хаёли он надошт, ки мисли баъзе духтарони сабукпои шаҳрӣ ҷилвафурӯшӣ намояд ва оламеро асиру волаи худ гардонад. Ҳатто назар ба софигарии кӯҳистонӣ ва содадилии табииву хурдсолиаш гумон бурда мешуд, ки ҳанӯз аз дараҷаи зебоии худ чандоне хабар ҳам надорад,

Лекин бо ҳама бехабариву содагӣ дилаш ҳамеша вобастаи хаёли Одина буд. Модараш ва модаркалонаш ҳамеша сухан аз ҳамхонагии Одина мезананд ва ӯро абадиву рафиқи умриаш мешуморанд. Ба сабаби ин талқинот ӯ ҳам ба Одина ба назари як рафиқи умрӣ нигоҳ мекард. Дар аввалҳои кор ҳарчанд ин муносибат аз як муомилаи тифлонаи маъсумона дарнамегузашт, вале рафта–рафта кор ба як унсияту улфияти ошиқона даррасид.

Вақте ки Одина 17-18 сола шуд, Гулбибӣ ҳам ба 15-16 - солагӣ қадам монд, ин ду шефта ҳақиқатан ошиқи шайдои якдигар шуданд. Лекин тарбияи шарқӣ, ҳаёву шарми ирсӣ ва одати хонагӣ намегузошт, ки дарди дили худро ба якдигар ошкоро гӯянд. Танҳо нигоҳҳои дуздидае, ки ошиқонро миёнараву марҳамест, дар байни онҳо пайғомрасонӣ мекард. Тапиши дил, паридани ранг, ларзидани аъзо ва кашидани оҳҳои сарди бемаҳал ба забони ҳоли ин ду гирифтор неку тарҷумон буданд.

Акнун мулоҳиза фармоед: ҳамин ранг дилаздастдодагон ба фироқе дучор шаванд, ки оқибаташ маълум набошад, ба чӣ ҳолҳои табоҳу рӯзҳои сиёҳ меафтода бошанд?

Оре, аз он ҷо, ки Одина мард буд, синнаш ҳам нисбат ба Гулбибӣ болотару муҳокимааш зиёдтар, ҳама корро танҳо ба ҳиссиёти ошиқона мулоҳиза намекард, балки дар бисёр ҷойҳо хоҳиши ақлро аз фармоиши ишқ болотар медонист. Дар пеши Одина ду мушкил омада буд: яке ба ватан монда ба дасти арбоб Камол талаф шудан, дувум аз ин ҷо гурехта рафтан. Натиҷаи ин ду кор ҳам аз маҳбубаи худ ҷудо шудан буд, лекин дар нахустин ҷудоии абадии навмедона ва дар дувум ҷудоие, ки дар пешашон умеди висол ҳаст, зеро бар тақдири

гурехтан дар фурсати муносиб боз омадан дар назар буд. Бо ин мулоҳизаҳо Одина фироқи чандсолаи ҳозираро ба умеди висоли оянда ихтиёр кард ва ҳарчанд душвор буд, бори тоқатфарсои ҳичронро бардошт.

Аммо ҳоли Гулбибии бечора тамом дигар буд, аввал он ки ӯ ба ҳиссиёти ошиқона чунон мағлуб шуда буд, ки қуввати ақлияш ба ҳеҷ муҳокима дастёб намегардид. Дувум он, ки шароити зиндагониаш нисбат ба Одина чанд дараҷа душвор буд, зеро Одина ӯро, чунон ки маҳбуби аз ҷон ширинтар буд, инчунин ягона парастораш ҳам ӯ буд: падару модараш мурда, модаркалонаш ба мурдан наздик расида, душманони ғаддоре, ки аз ғайри ризоии ӯ ба номусаш эҳтимоли қасд кардан доранд, атрофашро фурӯ гирифта… Дар ин сурат Гулбибӣ ба сабаби ҷудо шуданаш аз Одина, гӯё ки аз ҳама чиз ҷудо шуда буд. Дарвоқеъ, дар ин ҳолу шароит ҳоли як духтари бекас чиҳо хоҳад шуд?

Мушкилтар ин буд, ки маҳрами розе надошт, ки ба ӯ дарди худро гӯяд ва шарм медошт, ки ба пеши модаркалони худ ба ҳой–ҳой бигиряд, то дили пурдардаш қадре холӣ шавад. Оре, аз ин мушкилтар рӯзе нест, ки ошиқи шайдое ба дарди ҷонсӯзи ҳичрон гирифтор ояд ва мумкин набошадаш, ки ба дилхоҳи худ ба нолаву фиғон дарояд… Дар ин ҳол чорае ҷуз ин нест, ки гӯшае гирад ва аз ғайри он, ки овозе барорад, аз ҷигаргоҳи худ дарун–дарун бинолад.

Дарди Гулбибӣ, чунончи дар боло ишорат рафт, танҳо дарди ҷудоӣ ва доғи ҳичрон набуд; ӯ метарсид, ки дилдодааш, яъне Одина ба ин зудӣ аз диёри ғурбат бар нагардад, модаркалонаш ҳам ба хоҳиши аҷали табиӣ аз дунё даргузарад; ситамгарони бедодгар, ки дар он деҳа ҳастанд ва одату ахлоқашон як дараҷа ба Гулбибӣ маълум аст, ӯро ба ҳоли худаш нагузоранд ва ба зӯру зулм дар панҷаи як марди аҷнабӣ, ки ному нишони ӯро намедонанд, гирифтораш созанд ва «рафиқи умри ту ҳамин аст» гуфта, ба зиндони абадиаш андозанд. Пас дар ин ҳол чӣ мекарда бошад?

Инҳо ҳам саҳл аст. Мушкили бисёр бимнок он аст, ки Одина ин ҳолро бишнавад ва гумон кунад, ки Гулбибӣ ба хоҳиши худ домани муҳаббати дигареро ба даст гирифта ва ҳаққи ишқу муҳаббати худашро поймол кардааст…

Гоҳо дар хотираш васвасаҳои дигаре ҳам мегузашт: кӣ медонад? Вақте ки Одина ба Туркистон меравад, дар он ҷо ёру дӯст пайдо мекунад, мумкин аст, ки рафта-рафта Гулбибиро аз хотир фаромӯш кунад ва ба хоҳиши ҷавонӣ ба дигаре дил бандад, дасти худро, ки ҳаққи ҳалоли Гулбибӣ аст, ба гардани он бегона андозад. Дар он вақт агар хаёли Гулбибӣ ба хотираш гузарад, ба ӯ бо назари истеҳзо нигоҳ кунад.

Инҳо дардҳое буданд, ки ҳеҷ сангдил ба бардоштанашон тоқат карда наметавонист, чӣ ҷойи монанди Гулбибӣ як духтари чордаҳсолаи[1] дил аз даст додаи таҷрибанадида.

Кӯҳ бо он ҳама сангиндилию хоробӣ
Натавонад, ки таҳаммул бикунад вулқонро[2]
Дили ошиқ, ки фасурда зи ғаму андуҳ аст,
Ба чӣ сон сабр намояд алами ҳиҷронро?

[1] Дар порчаи «чӣ ҷойи монанди Гулбибӣ як духтари чордаҳсола…» дар соли Гулбибӣ саҳв рафтааст. Лаҳзаи тасвир ба айёми понздаҳ – шонздаҳсолагии Гулбибӣ рост меояд, ки инро худи нависанда дар ҳамин боб андаке пештар гӯшзад кардааст: Гулбибӣ ҳам ба 15-16 – солагӣ қадам монд.

[2] **Вулқон** – кӯҳи оташфишон аст, ки дар вақти оташфишониаш кӯҳҳо мекафанд, замин меларзад, сангҳо об шуда монанди дарёи оташ равон мегардад.

ҚИСМИ ДУВУМ

I. ЗОВУДИ ПАХТА[1]

Дар Андиҷон ба наздикии роҳи оҳан дар майдони фарохе як иморати бисёр бузургеро мебинед. Дару девори ин бино он қадар баланду назаррабо бошад ҳам, бо мӯриҳои сар ба фалак кашидааш, ки нафаси қиромези онҳо рӯйи ҳаворо чун абри сиёҳ фурӯ мегирад, аз як фарсах роҳ диққати бинандагонро ба тарафи худ мекашад. Ин бино ду дарвозаи паҳлуи ҳам дошт: яке бисёр бузург, ки танҳо дар вақти даромад–баромади аробаҳо кушода мешуд, дувумӣ ду газ қад, як газ бардошта, ба даромади пиёдагон махсус буда, ҳамеша боз буд.

Агар шумо зовудро тамошо кардан мехоҳед, марҳамат карда аз ҳамин дари хурдакак, ки «дари партав»-аш меноманд, ба дарун дароед. Ба тарафи дасти ростатон як иморат мебинед, ки тахминан чил газ[2] қад, даҳ газ бар ва даҳ газ баландӣ дорад, агарчи ин иморатро дари даромад–баромади бисёр бошад ҳам, шумо аз дари пешгоҳ, яъне аз даре, ки ба мунтаҳои бино воқеъ шудааст, дароед, то ки ин корхонаро як сар бояду шояд тамошо карда тавонед! Вақте ки аз ҳамин дар ба дарун даромадед, даррав ба рӯятон як зинаи тахтагӣ рост меояд. Шумо қадре заҳмат кашида, бо ҳамин зинапоя ба ошёнаи дувуми ин иморат боло равед. Вақте ки ба болохона баромадед, дар муқобилатон як дари бузургро мебинед, ки дарояндаи аз ин дар бо як зинаи тахтагии васеи дарозе, ки ба он ҷо ниҳодаанд, бе он ки ба хонаи зерин дарояд рост ба замин мефурояд. Шумо андаке ба сари ин зинаи бузург истода тамошо кунед: мебинед, ки мардикорони тоҷик, ӯзбек, пирси-

[1] **Зовуди пахта** – Садриддин Айнӣ дар зовуди пахтаи Қизилтеппа аз сентябри соли 1915 то охирҳои апрели соли 1916 ба сифати фурӯшандаи пунбадона кор кардааст ва таассуроти худро аз он, аз кору маишати коргарони русу мардикорони маҳаллӣ, ки дар байни онҳо тоҷикони қаротегинӣ кам набуданд, дар эпизоди зовуди пахтаи Андиҷон мафассал баён намудааст.

[2] **Газ** – воҳиди андозаи дарозӣ, ки дар Осиёи Миёнаи тоинқилобӣ, аз ҷумла дар Андиҷону Марғилон баробари 83-85 см буд.

ён[1] ва дигар миллатҳо қанорҳои калонро, ки дар ҳар кадом аз 8 то 10 пуд[2] пахтаи тозакунанда (чигитнок) ҷой шудааст, ба сар бардошта ба зинапояи мазкур аз замин то ин болохона мебароранд. Коргарони дигар пахтаи ин қанорҳоро ба хонае, ки аз он ҷо ба хонаи зерин роҳи махсус ҳаст, мерезанд. Ман ба шумо маслиҳат медиҳам, ки аз дидани ин манзара сарсарӣ нагузаред: хуб диққат диҳед, фарзанди одам чӣ гуна даҳ пуд бори ноҳинҷорро, ки панҷ газ қаду якуним газ ғафсӣ дорад, ба сари худ бардошта, бо як зинае, ки 20–25 поғунданок аст, ба боло мебароранд?.. Ин одамон мавсими ин корро як бор намекунанд, балки дар соле 7–8 моҳи мавсими пахта ҳар рӯз дувоздаҳ соат ба ҳамин ранг бор мекунанд…

Холӣ кардани қанорҳо ҳам кори осон нест, агарчи холикунандагон бо як каҷкорд қанорро чок карда бе заҳмате пахтаашро ба поён мерезанд, лекин ҳамеша рӯ ба рӯйи чангу ғуборе, ки аз хонаи зерин монанди оби фаввора ҷӯш зада мебарояд, ба истодан маҷбуранд.

Агар шумо ба сари зинаи пеши дари шамолкаш намебудед, ба муқобили ин чангу хокҳои қафаси бадбӯ нафасе истода натавониста, беҳуш шуда ба замин меафтидед. Акнун мулоҳиза фармоед: монанди шумо як фарзанди одам дар даруни ин хонае, ки шумо як дақиқа тоби истодан надоред, чӣ гуна рӯзе дувоздаҳ соат истода кор мекунад?.. Зеро агар накунад, аз гуруснагӣ мемурад.

Дар ин болохонаи пурчангу ғубор аз ин зиёда аз ҳикмат нест, марҳамат кунед! Зудтар бо як зинаи дарунӣ, ки ба ошёнаи зерин пайваст аст, поён шавед, дар ин ҷо чиҳо мебинед?

Сар то сари ин хона пур аз чарху ҳаллоҷӣ аст. Дар пешгоҳаш як чархи бисёр калони фӯлодин дар гардиш аст, ин чарх ба воситаи як тасмаи ғафсе, ки аз пӯсти гавазн сохта шудааст, ҳаракат мекунад. Як тарафи ин тасма дар хонаи зерин, дигараш ба гардана (губчак)–и чархе андохта шудааст,

---

[1] **Пирсиён** – порсиён. Нависанда мардикорони эронӣ (форсҳо)-ро дар назар дорад.

[2] **Пуд** – воҳиди ченаки вазн, ки ба 16,35 кг баробар буда, дар Русия, Украина ва Белорусия то соли 1924 эътибор дошт. Дар Осиёи Миёна як пудро 16 кг меҳисобанд.

ки он низ ба воситаи тасмае ба мошинхона вобаста аст ва қуввати аслиро аз он ҷо мегирад.

Дигар чархҳое, ки дар ин хона мебинед, нисбат ба чархи нахустин хурдтаранд. Лекин ҳамагӣ ба воситаи тасмаҳо аз ҳаракати ҳамон чархи калон дар гардишанд. Ин чархҳои хурд, ки дар ин хона ба ду қатор нишонда шудаанд, хизматашон гардондани тирҳои ҳаллоҷӣ ва тақсим карда рехтани пахтаи хом ба даҳони ҳаллоҷиҳо ва монанди ҳамин дигар корҳо мебошад. Ҳаллоҷӣ, ки ба иборати дигар ӯро «ҷин» мегӯянд, иборат аз ду тири ғафси дандонадорест, ки ба ҳам пайваста, рӯйиҳам ба воситаи чархе гардиш мекунад. Шумо дар болохона дида будед, ки мардикорон пахтаҳоро аз қаторҳо бароварда ба даҳони чуқурие мерезанд. Инак, ҳамон пахтаро бо роҳҳои махсус ба воситаи ҳаракат додани чархҳои махсус ба даҳони ҳаллоҷиҳо мерезанд. Вазифаи ҳаллоҷиҳо ҷудо кардани пахта аст аз пунбадона.

Пахта вақте ки аз ҳаллоҷӣ тоза шуда мебарояд, ба новаи тахтагии фарохе, ки ба даруни он тири морпече дар гардиш аст, мерезад. Ин новаи дароз пахтаҳои аз таҳти ҳаллоҷиҳо ба дарунаш рехтаро ба воситаи тири морпечи худ кашида то ба болохонаи дигаре, ки онро тойхона ё ки прессхона меноманд, бурда мерезад.

Аммо пунбадонаи аз пахта ҷудо шуда аз шикофи махсус ба таҳхона мерезад ва дар он ҷо ба даруни ҳаллоҷии дигаре даромада дубора тоза шуда мебарояд: пас аз он ба новаи махсусе, ки он ҳам ба даруни худ тири морпеч дорад, ба ҷойе, ки барояш муайян кардаанд, рафта мерезад. Пахтаи дубора аз пунбадона ҷудо шуда ба наварди калоне печида монанди пахтаи бо сабадчӯб сохташуда мешавад. Номи ин пахтаи дувумбораро «лентир» мегӯянд, ки ба даруни кӯрпа, болиш ҷома ва ба баъзе саноеъ сарф мешавад.

Тамошои ҳаллоҷихона, ба иборати дигар «ҷинхона»-ро ҳанӯз тамом накардаед: дар ин хона ба сари чархҳо ва ҳаллоҷиҳо коргарони моҳир нигоҳбонӣ мекунанд, аз дуруст кор кардани ҳаллоҷиҳо хабардорӣ менамоянд, тасмаҳои аз ҷояш бечӯшударо ба ҷояш меандозанд, ба тиру губчаки чархҳо равған мерезанд ва монанди онҳо…

Ин хона аз боло ҳам зиёдтар пургарду ғубор аст, ғайр аз ин аз бӯйи равғани ғализе, ки бе вай чарххо дуруст ҳаракат намекунанд ё месӯзанд, хеле бадбӯ ва муттафин мешавад. Ба замми инҳо аз шараққо-шуруқ ва тараққо-туруққи чарххо гӯши одам ба карӣ наздик мерасад ва хаёлҳо пароканда мешавад.

Биёед, аз ин хона зудтар бароем! Аз ин ҷо ба воситаи зинапоя ба болохонае мебароед, ки пахтаи тозашуда он ҷо мебарояд. Дар ин болохона каҷобаҳои калон ё ки қуттиҳои чорраҳи дарозеро мебинед, ки ҳар тарафаш тахминан якуним газ ва дарозиаш 6 ё 7 газ аст.[1] Мардикорон пахтаҳои тозашударо ба даруни ин қуттӣ ё ки каҷобаҳо ҷой мекунанд. Паз аз он қуттии аз пахта пуршударо ба сари сутуни чӯбие, ки дар муқобили он аз тарафи боло низ чӯяне ба шакли пошнаи сутун вазъ шудааст, тела медиҳанд. Вақте ки роҳи қувватро мекушоянд, сутун ба воситаи ғулбаи оҳанине, ки аз зери замин ба мошинхона мерасад, ба қоидаи «тазйиқи обӣ» дар ҳаракат омада бо қуввати тамом пахтаро ба даруни қуттӣ пахш мекунад. Пахта хурд шуда ба дараҷае мерасад, ки зиёда аз он хурд шуданаш мумкин нест. Ин дараҷа ба аломате, ки монанди соат ба даруни он хона овехта шудааст, маълум мегардад. Вақте ки ҳаҷми пахта ба ниҳояти хурдӣ мерасад, роҳи қувватро мебанданд ва тойи пахтаро ба мошини борбандӣ бо симҳо печонда, аз зери сутун мебароранд ва порчаҳои кандириро, ки ба тойи пахта печонда шудааст, бо ҷуволдӯз дӯхта аз дари дигар ба берун меғелонанд ва коргарони пурқуввате, ки дар он ҷо кор мекунанд, ҳар яке як тойро мисли як бузғола ба пушт бардошта бурда ба анбор мегузоранд.

Акнун биёед, биравем ба мошинахона: аз дари тойхона ба майдони иморати зовуд баромада дар пеши ҳаллоҷихона ба хонаи ҷудогонае медароем. Дар ин ҷо чарххои хурду калони бисёр дар гардишанд, ин чарххо қувваи худро аз бухорхона

[1] Дар ҷумлаи «Дар ин болохона каҷобаҳои калон ё қуттиҳои чорраҳи дарозеро мебинед, ки ҳар тарафаш тахминан якуним газ ва дарозиаш 6 ё 7 газ аст» аз ҷиҳати шумора мувофиқат накардани аъзои ҷумла ҳис мешавад. Вале ҷумлаи мазкур дар дастхат ва ҳамаи матнҳои чопӣ дар ҳамин шакл истифода шудааст.

мегиранд, ки дар он ҷо ба воситаи гармии оташ ба даруни деги бисёр калоне об ҷӯшида бухор пайдо мекунад ва ин бухор мошин ва чархҳоро дар ҳаракат меандозад.

Дар як гӯшаи мошинхона як даста чархҳои ҷудогонаро мебинед, ки онҳо аз зӯри бухор дар ҳаракат омада қуввати электрикӣ пайдо мекунанд. Ин қувват шабҳо ба воситаи симҳо ба чароғҳои шишагӣ, дар тамоми хонаҳо, мошинхона, анборҳо ва роҳравҳо овехта шудаанд, рӯшноии электрикӣ расонида ҳама ҷойи он иморатро монанди рӯз равшан мекунад.

Дар ин хона дар як гӯшае як бӯчкаи оҳанинеро мебинед, ки тахминан даҳ сатил ё зиёдтар обро ғунҷоиш дорад, дар болои он бӯчка як мили борики монанди нойчаи дарунковоке ҳаст, ки як сараш ба хазинаи қуввати электрикӣ пайваст аст. Агар ба шумо касе чӣ будани ин бӯчка ва барои чӣ дар ин ҷо гузошта шуданашро нафаҳмонад, албатта, барои обнӯшии коргарон ва ё ҷойи дастшӯии онҳо аст гуфта гумон мекунед. Лекин дар ҳақиқат ин тавр нест, балки ин бӯчкаи назарногир корномаҳо нишон медиҳад: агар ин бӯчкаро аз замин бардоред, дар таҳташ низ як мили оҳанини борики дарунковок (ғулба – труба)–и шинондашударо мебинед. Як сари ин мил ё ғулба (қубур) аз зери замин рост меравад то тойхонае, ки шумо тамошо карда омадед. Дар ин ҷо сари мил ба зери сутун пайваста аст, ки дар вақти даркорӣ сутунро дар ҳаракат оварда, чунон ки дидед, тойҳои пахтаро пахш ва хурд мекунад. Акнун биёед, дафтархонаҳо ва ҷойҳои истиқоматии ин биноро тамошо кунед: се тарафи иморати мошинхона ва ҳаллоҷихона майдони фарохе аст. Ба гирдогирди ин майдон айвонҳои бисёр васеъ бино ёфтаанд, ки дар онҳо пахтаҳои хому пумбадонаҳоро рехтаанд. Ба наздикии дарвозаи калони зовуд борхонаи бисёр баланди боҳавое бино шудааст, ки дар он ҷо пахтаҳои той басташударо мегузоранд.

Дар тарафи дигар, рӯ ба рӯйи ҳаллоҷихона як иморати зебо ба тартиби аврупоӣ бино ёфтааст. Доираи аввалини ин бино иборат аз се хона аст, ки онҳо ҳуҷраҳои дафтардорӣ, мирзоӣ ва ҳуҷраи кории мудир аст. Доираи дувумиаш иборат аз панҷ хонаи бисёр базеб аст, ки дар он ҷо мудири зовуд бо хонаводааш зиндагӣ мекунад. Як тарафи ин доира ба боғчаи бисёр

мусаффое пайваст аст, ки дар айёми баҳорон ва рӯзҳои офтобноки зимистон мудири зовуд бо аҳлу аёлаш дар он ҷо истироҳат ва ҳавогирӣ мекунад. Ҳамаи ин хонаҳо бо палос ва асбобҳои пурбаҳо музайян буда бо чароғҳои электрикии пуркувват равшан мешавад.

Дар мобайни ин иморати олӣ ва айвони борхона як тангкӯчае ҳаст, ки агар шумо ба он кӯча равона шавед, ба як майдони борики дарозе мебароед. Як тарафи ин майдон ба пушти айвон пайваста, тарафи дигараш девори пахсаи зовуд аст. Дар сар то сари ин майдон хонаҳои пасту торики бадҳавое бино ёфтааст, ки аз ғояти камҳавоӣ ва рутубат деворҳои ин хона аз таҳт то шифт зах задааст. Ҳарчанд деворҳои ин хонаҳо оҳак ё қаҷ молида нашуда бошад ҳам, аз мағору каррароҳое, ки аз зах пайдо шудаанд, мунаққаш менамояд. Дар ин хонаҳо, ки ҳеҷ оғил монанди онҳо бадбӯ ва бадҳаво нест, муздурону коргарони зовуд зиндагӣ мекунанд.

Рӯ ба рӯйи ин хонаҳо, ки девори пахсаи иморати зовуд аст, ҳар рӯз чошгоҳӣ ба зери он офтоб метобад, вақте ки шумо ба ин офтобрӯя нигоҳ кунед, симоҳои аҷиби қатор нишастаро мебинед: Рангҳо парида, чашмҳо дарун рафта, биниҳо теғ кашида, дастҳо кубла зада, кафида ва хуншор шуда, пойҳо обила карда ва ҷароҳат пайдо карда ва либосҳо дарида, ба андозае ки аз пероҳан танҳо шерозаи гиребону аз эзор фақат нефа мондааст…

Аз ин сияҳбахтон яке дароз кашида ва аз дарди миён нола мекунад, дигаре латтаи ба пойи худаш бастаро кушода ҷароҳатҳояшро аз хуну чирк тоза менамояд, севумӣ порчаҳои қанорҳои даридаро ғундошта омадааст, ки бо онҳо либоси порашудаашро ямоқ кунад.

Агар шумо дар мавсими кори солҳои 1915–16 ба ин зовуд меомадед, дар охири сафи ин меҳнатрӯзиён як ҷавони 17–18 соларо медидед, ки либосашро аз тан кашида шабушчинӣ мекунад ва куҳнаколаи худро аз ин душмани хунхор, ки ҳама шаб дар изтироб андохта бедораш медорад, ба қадри имкон пок менамояд.

Аз ғайри шиносондану таърифи мо, албатта, шумо медонед, ки ин ҷавон қаҳрамони қиссаи мо Одинаи аз ёру диёр ҷудошуда аст.

Пас, ин фарзандони инсон бо ин ҳолати парешон чаро ин ҷо нишастаанд?

Ҷавоби ин саволро ҳам бояд худатон ёбед:

Шумо аз тамошои мошинхона, тойхона, ҳаллоҷихона ва борхона ҳозир баромадед. Дар ин ҷо дидед, ки садҳо коргар кор мекунанд. Албатта, шабу рӯз беором кор кардан мумкин нест. Барои хобу хӯр ҳеҷ набошад якчанд соат аз кор фориғ шудан лозим. Бинобар ин, ҳар 12 соат мардикорон бадал мешуданд. Ин сияҳбахтоне, ки шумо ба зери ин девори бекасӣ дидед, мунтазири буғ задани зовуданд. Ҳар гоҳ вақти бадал шудани коргарон расад, зовуд бонги бадале мезанад. Ҳамон соат ин мардикорон ба кор ҳозир мешаванд ва онҳое, ки ба кор машғуланд, озод мегарданд.

II. ОДИНА ДАР ЗОВУД

Одина дар зовуде, ки шумо дар фасли боло даруну берунашро тамошо кардед, кор мекунад. Барои тамом воқиф шуданатон ба гузориши аҳволи ӯ андаке тафсил лозим аст. Одина маҷбур буд, ки ҳар рӯз қанору ҷувол бардошта ба зинапояе, ки дар таърифи зовуд дидед, боло барорад ё ки дар ҳар шабонарӯз дувоздаҳ соат ба даруни пахтахонае, ки шумо 5 дақиқа тоб оварда натавонистед, истода ҷувол холӣ кунад. Ба чунин хизматҳо натанҳо Одина кор мекард, балки як сад нафар мардикорони тоҷик, ӯзбек ва барбарӣ дар таҳти дасти як нафар пудратчӣ кор мекарданд.

Пудратчӣ аз майдони зовуд боло баровардан ва ба даҳони ҳаллоҷӣ резондани пахтаро аз соҳиби зовуд қарор карда гирифта буд. Ин пудратчӣ бечорагони бекасукӯйро, ки аз ҷабру зулми ҳокимону молдорон ва ба сабаби тангии аҳволи иқтисодиву ногузаронии зиндагониашон аз ватан фирорӣ шуда буданд ё ин ки ба сабаби гузаштани заминашон ба дасти боёни судхӯр бекор монда буданд, ба нархи арзоне ба мардикорӣ гирифта кор мефармуд. Вақте ки мардикор ба чанги пудратчӣ гирифтор омад, дигар касе аз қуввату тоқати ӯ намепурсад, хоҳ-нохоҳ мисли гови корӣ кор кунад. Мардикорон ҳақиқатан монанди гови корӣ ба шумор мерафтанд. Пудратчӣ чӯбдасте

монанди халачӯби говронӣ ба даст гирифта, онҳоро аз ин сӯ ба он сӯ меронд. Танҳо фарқ дар ин ҷо буд, ки агар гов тоқати кор надошта бошад, соҳибаш чанде осудааш гузошта тарбият мекунад. Аммо мардикоре аз кор фурӯ монад ё ки ба бемории сахте гирифтор ояд, пудратчии ноинсоф ҳамон соат аз хизмат бароварда ба кӯчаи нокомиаш меандохт ва ба ҷояш одами дигар мегирифт.

Одина ҳам аз бими бекорӣ ба ин ҳама корҳои тоқатгудоз бардошт карда хизмат мекард. Аз ғайри ин ки нафасе дам гирад, қанор мебардошт ё холӣ мекард.

Ягона орзуи Одина ин буд, ки ҳар қадар душвор аст, тобоварӣ намояд, то аз музди кор чизе пасандоз карда ба ватани худ бозгардад ва маҳбубаи меҳрубони худро ба никоҳи худ дароварад.

Музди хизмати Одина бисёр кам буд. Дар кор фармудан агарчи ӯро аз одамони калон фарқ намекарданд, аммо дар музд додан ба қатори бачагонаш мешумурданд. Бинобар ин, ҳар рӯз музди хизматаш тақрибан 30 тин меафтод. Бо 6 тин ду қадоқ[1] нони сиёҳ гирифта, дар шабонарӯзӣ наҳорӣ мекард. Боқимондаро ба нияти тӯйи худ захира менамуд. Оре, бо ин гуна хӯрок кор кардан, хусусан корҳои сиёҳи вазнинро ба ҷо овардан душвор буд. Аммо чӣ чора? Агар ба ҳаррӯза хӯрок қадре гӯшту равған ҳам ҳамроҳ мекард, музди хизмат ба харочоти ҳаррӯза намерасид. Чӣ ҷойи пасандоз!

Пӯшоки Одина ҳам монанди дигар мардикорони он зовуд фартуту чиркин буд. Парча-пораҳои қанорҳои дарида ва ҷуволҳои аз кор баромадаро ба ҳам дӯхта ба ҷойи ҷома кор мефармуд. Ҷойи истиқоматаш ҳам дар ғояти фалокат буд. Ба як хонаи пастаку торики мартубе[2], ки шумо тарҳашро дар фасли гузашта дидед, 15–20 нафар якҷо хобу хез мекарданд. Барои шустушӯ собун ва барои ҳавогирӣ боғча, албатта, набуд.

Ба ин гуна зиндагӣ тоб овардан зӯру қуввати бисёреро талаб мекард. Одина, ки ҳанӯз аз сад гулаш як гулаш нашукуф-

[1] **Қадоқ** – воҳиди ченаки вазн дар охири асри XIX ва аввали асри XX дар Осиёи Миёна, ки баробари 409 грамм ҳисоб меёфт.

[2] **Мартуб** – рутубатнок, намнок.

та буд, ба ин ҳама машаққат чӣ гуна тоқат мекард? Агар зиндагӣ ҳамин аст, бояд соле намонда мемурд, чунонки як қисми аз мардикорон ба касалии арақӣ (тиф) ва баъзе ба бадҳазмӣ гирифтор шуда бо садҳо хориву зорӣ ҷон доданд. Аммо Одина бо ин ҳама душворӣ бо як умедворӣ зиндагӣ мекард ва барои ба даст овардани мақсад ба ҳар гуна балову ҷафоҳо бо як азми маҳкам ва бо як дили қавӣ истодагӣ менамуд. Чӣ будани талаби Одина ба шумо маълум аст: кор кардан, қадре пул посира намудан, бозгашта ба ватани худ рафтан ва ба маҳбубаи дилороми худ восил шудан буд. Дуруст, дарди ҳиҷрон худ балои дигарест. Ин балоест, ки бисёр навҷавононро аз бистари ноз ба мағоки хоки бемаҳал андохтааст. Аммо ҳиҷроне, ки дар дунболаш умеди висол аст, ошиқи маҳҷурро хеле тасаллӣ мебахшад ва ба бардоштани машаққатҳо қувват медиҳад.

III. КОРПАРТОЙ

Соли 1915 ҳосилоти пахта аз ҳад зиёда бисёр шуда буд. Бо вуҷуди ин, азбаски саноати бофандагии Русия ба муносибати ҷанги умумӣ[1] аз хориҷ пахта дароварда наметавонист ва инчунин пахта ғайр аз бофандагӣ ба асбоби ҷанг ҳам сарф мешуд, бозори пахта аз одат берун гарм шуда рафт. Ҳарчанд доираи тиҷоратии Русия ба пахта нархи қатъӣ монда бошад ҳам, ин нарх расман шуда, ба бозори амалӣ ҳеҷ таъсир намекард, дар бозори амалӣ ва ғайрирасмӣ гӯё ки ба равиши «кӣ зиёд мекунад» («торги») ба ду-се баробари нархи расмӣ фурӯш мешуд. Ин аҳвол дар Маскав ва умуман дар пахтаи тозашуда буда, аз деҳқон бошад, пахтаи хом пахтаи пунбадонадор аз рӯйи нархи қатъӣ харида мешуд. Ба ин сурат фоидаи пахтаҷаллобон ва зовудчиён яке бар се меафзуд. Ҳар қадар ки фоида зиёд мешуд, иштиҳои пахтачиёни гурусначашм ҳам ҳамон қадар зиёд мегардид. Пахтачиён одатан монанди сархуше, ки ба андозаи бисёр дар нӯшидан боз бисёртар шароб

[1] **Ҷанги умумӣ** – ҷанги якуми ҷаҳонии солҳои 1914 – 1918.

талаб мекунад, дақиқа ба дақиқа ба гирдоварии фоида зиёдтар мекӯшиданд; бозор ба бозор, қишлоқ ба қишлоқ, хона ба хона гумоштагони худро давонда пахтаи хом меғундоштанд. Зовуд пахтаҳои ғундоштаро тоза намуда наметавонист; анборҳо ва айвонҳои зовуд аз пахтаҳои хом пур шуданд. Оқибат пахтачиён маҷбур шуданд, ки пахтаҳои барзиёдро дар майдони болояш яла гузоранд.

Аз паси барфҳои зимистонӣ, ки ба болои пахтаҳо борида буданд, боронҳои сел гармии ҳавои баҳорони соли 1916 сар шуданд; бо гарм шудани ҳаво пахтаҳои таршуда ҳам гарм шудан гирифтанд; кӯмаҳои пахта, ки ба қадди бом мерасиданд, монанди ҳолати пеш аз ҳаракати кӯҳи оташфишон ба осмон ба ҷойи бухор дуд баровардан гирифтанд; бо таъсири ин ҳол димоғи пахтачиён ҳам сӯхта дуд баровардан гирифт.

Лекин пахтачиён бисёр саросема нашуда зуд илоҷи ин корро ёфтанд: пахтаи ба сӯхтан саркардаро паҳн карда шамол додан ягона чораи онҳо буд. Аммо барои ин кор боз коргари бисёре даркор мешуд; барои пахтачиён бошад, ҳалвои бедуд – фоидаи бемузду меҳнат даркор буд. Аз тарафи дигар, ба муносибати омадани баҳор ва сар шудани корҳои деҳқонӣ коргари барзиёд ёфтан душворӣ мекард; бинобар ин, ин масъаларо бо Қурбоналии пудратчӣ[1] ҳал кардан осонтар намуд. Масъала ҳал шуд: Қурбоналӣ бо гирифтани мукофоте аз хӯҷаин ба воситаи коргарони зердасти худ адо кардани ин хизматро ба гардан гирифт.

Қурбоналӣ коргарони дар зери дасти худаш коркунандаро як нахӯдшӯрбои бегӯшт зиёфат карда, ба онҳо гуфт:

– Ободии зовуд фоидаи мост; агар зовуд хароб шавад, мумкин аст, ки мо бекор монем; ободии зовуд бошад, ба сабаби хароб шудани молҳои хӯҷаин ба даст намедарояд. Агар шумо ғайрат карда, зиёда аз корҳои муқаррариатон кор карда пахтаро шамол надиҳед, ҳама чиз хароб мешавад. Дар он сурат аҷаб нест, ки мо бекор монем ё ин ки хӯҷаин моро бебуриш гуфта, пеш карда, ба ҷойи мо коргарони дигар гирад.

[1] **Қурбоналии пудратчӣ** – шахси воқеист, нависанда ҳангоми дар зовуди пахтаи Қизилтеппа кор кардан ба вай вохӯрда будааст.

Акнун маслиҳат он аст, ман шавам, шумо шавед, ҳар рӯз чанд соат барзиёд кор карда ҳамин пахтаҳои сӯхтаистодаро кафонда паҳн карда партоем, боз дар охири кор, Худо хоҳад аз давлати хӯҷаин вақти шуморо хуш мекунем.

Коргарон ин кори барзиёдро ба умеди «аз давлати хӯҷаин» вақташон хуш шудан қабул карданд. Кор сар шуд: коргарон ҳар рӯз пас аз тамом кардани як баст (смена) кори 12 – соатаи муқаррариашон нони сиёҳро ба оби сард тар карда хӯрда, панҷшохаҳои оҳанинро ба даст гирифта ба паҳн кардани пахтаҳои ба сӯхтан саршуда медаромаданд. Ин кори барзиёд аз кори аслии муқаррарӣ вазнintар ва сахттар буд: кӯмаҳои пахтаи ба сӯхтан саршуда, ки қабатҳои зеринаш ҳатто ба дар гирифтан наздик буд, аз нӯги пойи коргарон то миёнашон месӯзонид, бӯйи бад димоғҳоро метарконид, сарҳоро мегардонид, дилҳоро мефишорид. Коргаре, ки дар ҳамин аҳвол 15 дақиқа кор мекард, аз ҳуш рафта ба ғалтидан маҷбур мешуд: коргарони аз худ рафта ғалтидаро чӯбдасти Қурбоналӣ ба по хезонда дубора ба корашон меандохт. Дар миёни коргарон дарунравӣ, тиф ва марг зиёд шудан гирифт. Қурби пул рӯз то рӯз мефуромад, аммо ба муқобили ин музди кори асосиро зиёд кардан он тараф истад, барои кори барзиёд ҳам чизе дода намешуд. Давлати хӯҷаин рӯз то рӯз зиёд мешуд, аммо «аз давлати хӯҷаин» хуш кардани вақти коргаронро «Худо ҳеҷ намехост». Қурбоналии пудратчӣ, ки коргарон то ҳол ӯро яке аз худашон ва дилсӯзи худашон медонистанд, ба ҷуз аз анбори холӣ сад ман шолӣ бахшидан дигар коре намекард.

Оқибат коргаронро кор ба ҷону корд ба устухон расид, миёни худ машварат карда аз хӯҷаин зиёд кардани музди хизмати аслиро, барои кори барзиёд музди ҷудогона муайян кардanро, ҳеҷ набошад ин кори барзиёдро аз гарданашон бардоштанро талаб карданӣ шуданд. Агар хӯҷаин яке аз ин талабҳоро ҳам қабул накунад, ҳама якҷоя якборагӣ корро партофтанӣ шуданд.

Ин машварати коргарон пеш аз ба амал омадан ба воситаи Қурбоналӣ ба хӯҷаин маълум шуд. Хӯҷаин ҳам сурати ҳолро ба ҳукумати маҳаллӣ хабар дода, ба сари коргарон пристав (миршаб)-ро бо полисҳо оваронид. Дар беруни зовуд як даста

солдатҳои казак[1] ҳам бо панҷтира ва найзаю тозиёнаҳои худ барои ҳар эҳтимол тайёр шуда истоданд. Пристав ба коргарон гуфт:

– Ин вақт вақти ҷанги умумӣ аст, дар мамлакат идораи ҳарбӣ ҳукмфармо аст: коргарони ҳар зовуд ва корхона монанди идораи ҷангӣ ва сафҳои аскарӣ бечуну чаро ба кор кардан маҷбуранд. Ҳар кас, ки аз кор гардан тобад, мисли сарбози аз сафи ҷанг гурехта ба шумор меравад; ҷазои сарбози аз сафи ҷанг гурехта як тири милтиқ будан ба ҳама маълум аст. Агар бе чуну чаро ва бе ҳеҷ шарту қавл кор мекунед, бубинед, вагарна пеш дароед, равон шавед ба миршабхона!

Коргарони мо, ки аз ташкилоти коргарии даруни Русия бехабар буданд, ҳатто бо коргарони аврупоии худи ҳамин зовуд ҳам алоқа надоштанд, ба ҳамин як дӯғи пристав дил бой дода, ба кор кардан маҷбур шуданд.

Одина, ки бо бӯйи бади пунбадонаҳои мағоркардаи гармшуда тобоварӣ карда натавониста бемор шуда буд, дар казармаи зовуд ба тарбияи яке аз ҳамватанони худ хобид.

IV. ҲАМДАРДОН

Хӯҷаини зовуд барои нигоҳдории тандурустии коргарон, барои хуб кардани хобгоҳ ва хӯроку пӯшоки онҳо ягон пул харҷ накунад ҳам, барои гардонидани сари онҳо ба воситаи мулло ва пӯпҳо пули худро дареғ намедошт. Коргарони ба ҳар гуна дину миллат (тоҷик, ӯзбек, порсиён, арманӣ, рус ва барбарӣ)[2] мансубро, ки дар он зовуд кор мекарданд, муллову пӯпҳояшон бо талқиноти дин иғво карда, аз як шудану ба ҳам пайвастан боз медоштанд: ҳар кадоми муллоён ва пӯпҳо ҳамдини худро иғво мекарданд ва мегуфтанд:

---

[1] **Солдатҳои казак** – табақаи ҳарбиёни имтиёзнок дар Русияи тоинқилобӣ, ки ҳукумати подшоҳӣ онҳоро барои муҳофизати сарҳадҳо ва умуман тартиботи ҳукуматдории худ истифода мебурд. Дар Осиёи Миёна, аз ҷумлаи дар даргоҳи амири Бухоро казакҳо такягоҳи ҳукумат ҳисоб меёфтанд.

[2] **Барбарӣ** – халқе, ки як қисми аҳолии мамлакатҳои Африқои Шимолиро ташкил медиҳад.

– Шумо аз ғайри миллати худу аз ғайридини худ боэҳтиёт бошед. Ғофил нашавед, ки мабодо шуморо аз роҳ бароваранд ва ба дини худ дароранд, дар роҳи дини худ садақа диҳед ва ба Худои худ ибодат кунед. Имомону пешвоёни дини худро муҳтарам шуморед ва аз гуфту фармони онҳо набароед. Ба нозу неъмати одамони дунёдор ҳасад набаред ва ғамгин нашавед, ки ин ҷаҳон зуд гузаранда аст. Давлати дунё ба дунё мемонад, шумо аз давлати ҷовиди охират умедвор бошед! Ба хонадоне, ки хизмат мекунед ва аз ҷойе, ки нон мехӯред, ҳаққи намакро пос доред, ҳаққи намак бо ҳаққи Худо баробар аст. Ба манфиати хӯҷаини худ хиёнат накунед. Хизмате, ки хӯҷаин мефармояд, аз таҳти дил ба ҷо оваред. Хизматгор бошед, лекин хизматгори содиқ бошед. Ҳуш доред, ки бечорагӣ айб нест, аммо куфрони неъмату кӯрнамакӣ гуноҳи азим аст. Итоати подшоҳи замону маъмурони ӯро воҷиб донед, ки подшоҳ сояи Худост ва соҳибнеъмат (валинеъмат)-и ҷаҳониён аст.

Бечора муздурон ба ин иғвоҳо фирефта шуда ба якдигарашон бо чашми душманӣ назар мекарданд ва аз ҳамдигар эмин набуданд. Ҳар муомилае, ки аз ҳар кадоми ғайри дину ғайри миллати худ медиданд, ба як нияти бад ҳамл менамуданд ва гумон мекарданд, ки он ғайри дин мехоҳад онҳоро аз мазҳаби[1] бобоиашон ҷудо кунад ва ба роҳи худ дарорад.

Аз 40-50 тангае, ки ҳар моҳ аз меҳнати сиёҳу арақи ҷабини худ меёфтанд, як қисмашро бо номҳои ҷудогона, мисли хатми Қуръон, садақаи сар, закоти тани сиҳат[2] ё ки ба нияти аз гуноҳ пок шудан ба муллоёну пӯпҳо медоданд.

Аммо дар солҳои охирӣ аҳвол дигаргун шудан гирифт: нахустин коргарони аврупоӣ, ки ба ҷамъиятҳои махфии инқилобӣ аъзо буданд, ба ташвиқот сар карданд, бо шиори «Пролетарҳои ҳамаи мамлакатҳо як шавед!»[3] ҳамаи мардико-

---

[1] **Мазҳаб** – шохаи ягон дин, ки қисме аз диндорон ба он эътиқод доранд.

[2] **Хатми Қуръон, садақаи сар, закоти тани сиҳат** – пулу ашёе, ки барои наҷоти рӯҳу ҷон ва омурзиши гуноҳ аз тарафи мусулмонон дода мешуд. **Закот** – яке аз талаботи дини ислом аст, ки иҷрои он ҳатмист. Вале барои рафъи гуноҳ садақа додан ва пул дода ояти Қуръонро хондан низ дар ҳукми одат буд.

[3] **Пролетарҳои ҳамаи мамлакатҳо, як шавед!** – шиори инқилобие, ки

ронро ба бародарӣ ҷеғ заданд. Аз зулму тааддии соҳиби зовуд, аз туршрӯйиву дуруштгӯии пудратчӣ, аз ҳимояти политсиягону маъмурони подшоҳӣ ин золимонро суханҳо заданд ва шикоятҳо карданд ва гуфтанд:

– Ин ҳама давлату ҳашамат, ки соҳиби зовуд андухтааст, ҳама самараи ранҷи дасти мо аст. Сармоя ва пули нақд, ки хӯҷаин ба воситаи ин моро ғулому бандаи худ кардааст, агар ба ҷойе гузошта шавад, ба худии худ сад тангааш саду як танга нахоҳад шуд. Соҳибони зовуд ба воситаи даллолону гумоштагони худ ғӯзаву пахтаро аз деҳқонон, ки онҳо ҳам мисли мо ранҷбару мазлум ҳастанд, ба нархи дилхоҳи худ харид мекунанд, ба зовуд оварда, ба ранҷи дасти мо, ки барои ором додани нафси худ ва дафъи гуруснагии занону бачагони худ дар ин ҷо бандаи як лаб нон ҳастем, тоза мекунонанд, пас аз он ба воситаи роҳи оҳан, ки он ҳам бо кӯшиши ҳампешагони мо барпо шуда дар гардиш аст, ба Маскав фиристода фоидаи нақдро мегиранд, бойи калон мешаванд, соҳиби кошонаҳои олӣ ва дорои боғҳои зебо мегарданд. Бо гулрӯёни нозукандом, бо шароби ноб ва айши мудом умр ба сар мебаранд.

Шумо мулоҳиза кунед! Соҳиби зовуд ғайр аз банд кардани чил–панҷоҳ хазор танга, ки онро ба мурури замон аз ранҷи дасти мову шумо муздорону деҳқонон андухтааст, чӣ меҳнат ва машаққат кашид, ки мустаҳаққи ин ҳама айшу ишрат шуд?..

Не!.. Соҳибони зовуду гумоштагони онҳо ба ҳеҷ чиз мустаҳақ нестанд. Ин гуна зиндагӣ ҳеҷ дуруст нест, ки онҳо дар неъмат бошанду мо дар фалокат; онҳо дар роҳат бошанду мо дар меҳнат, онҳо сер бошанду мо гурусна; онҳо шароб нӯшанду мо хуни ҷигар; онҳо лаби лаъли дилоромро бибӯсанду мо хоки замини сиёҳро билесем; занону духтарони онҳо дар боғчаҳои ирамоин бо либосҳои рангини атрогин ба сад нозу карашма хироманду занони мо мисли мо дар меҳнати сиёҳ гирифтор бошанд; фарзандони онҳо дар мактабҳои олӣ бо либосҳои нафису хӯрокҳои лазиз илми фиребандагиро омӯзанду фарзандо-

---

бори аввал соли 1847 аз тарафи Карл Маркс ва Фридрих Энгелс дар «Манифести Партияи Коммунистӣ» ба миён гузошта шудааст.

ни мо бесавод монда дар хурдсолӣ ба меҳнатҳои сахт гирифтор оянд, сиҳатии худро барбод диҳанд ва бисёртаринашон ба камол нарасида талаф шаванд…

Ин гуна маишат, ин ранг зиндагонӣ, инчунин ранги ҳаёт ва усули иҷтимоӣ ҳеҷ раво нест ва пойдор шуданаш ҳам мумкин нест.

Моро лозим аст, ки ҷудогонагии дину миллатро дар назар наоварда ҳама як шавем, рус, мусулмон, арманӣ, тоҷик, ӯзбеку барбарӣ нагуфта, якдигарро бародар донем ва манфиати ҳамаамонро як шуморем. Барои салоҳи кори худ ва интиқом гирифтан аз ин ғосибон ва дар роҳи ситонидани ҳаққи ғасбшудаи худ шӯрову кенгош намоем. Ҳар гоҳ мо муттаҳид ва муттафиқ шавем, ҳаққи худро хоҳем гирифт. «Оре, ба иттифоқ ҷаҳон метавон гирифт»[1], чӣ ҷойи ҳаққи худ!

Ҳар кас ва ҳар қуввате, ки моро аз як шудан бозмедорад ва ба ҳақталабии мо монеъ мешавад, душмани ҷониву хунии худ шуморем. Касоне, ки худро ноиби «Худо» ва вориси «пайғамбар» ба қалам дода, аз мо садақа меситонанд, ба ҷойи он ки ба мо ёрмандӣ кунанд, моро аз иттиҳоду иттифоқ боз дошта, сабаби заифу бекувватии мо ва ба ин восита сабаби ба даст надаромадани ҳаққи мо мешаванд, муллоёну пӯпҳо ҳастанд. Онҳо ба замми ин моро ба итоат кардан ба душмани мо далолат мекунанд; фармонбардории подшоҳро, ки дар ҳаққи мо ҷуз қассобӣ кори дигар накардааст, вомешуморанд. Дар ҳақиқат онҳо на «ноиби Худо» ва на «вориси пайғамбаранд», балки бандаи садақа, ғуломи хӯҷаин, фармонбардори супориши подшоҳ ва гирифторони ором додани нафси худ ба ин воситаҳо ҳастанд. Ноиби Худову вориси пайғамбар чаро садақа ситонад, чаро ба пулдорону боён банда ва фармонбардор бошад?.. Не! Эшон муфтхӯрони беномусанд. Масали онҳо масали зоғу сиёҳгӯш аст, ки худ дасту бозуи шикор надоранд, пеши по ё болои сари даррандагони бузург медаванд, то онҳо шикоре аз по дароранд ва инҳо аз бозмондаи лошаи онҳо шикам пур кунанд. Бинобар ин, моро аз иттиҳод

[1] Дар ҷумла мисраи дуюми байти зерини Ҳофиз истифода шудааст.

Ҳуснат ба иттифоқ малоҳат ҷаҳон гирифт,
Оре, ба иттифоқ ҷаҳон метавон гирифт.

боз медоранд; бинобар ин, моро ба пос доштани ҳаққи намаки хӯҷаин далолат мекунанд ва бинобар ин, моро ба итоати подшоҳ мехонанд.

Ягон вақт касе надидааст, ки инҳо бойеро ваъз карда бошанд, то хизматгорашро озор надиҳад; ё подшоҳеро далолат намуда бошанд, то мазлумонро ҳимоят намояд. Бояд мо ба суханони эшон ҳеҷ гӯш надиҳем ва бо иғвояшон аз иттиҳоду иттифоқи худ боз намонем. Агар аз ин зиёд ба кори мо халал расонанд, аввал онҳоро аз миён бардорем.

Як қуввати дигаре, ки соҳибони сармоя, хӯҷаинҳои зовуд ва дигар корхонадоронро нигаҳдорӣ мекунад, ҳукуматӣ ва полиси ӯст. Модоме ки даромади ҳукумат, хӯроку пӯшоки маъмурон ва миршабони ӯ аз зироату саноат аст, ки ин ҳам ҳосили ранҷи дасти монанди мо деҳқонони хокпошу коргарони меҳнаткаш аст, чаро ӯ ҳомии мо нашуда ба душманони мо ёрмандӣ мекунад?

Пас маълум мешавад, ки ҳукумати подшоҳӣ нон аз мо мехӯрад ва бо хуни мо теғи худро тез мекунад; пас маълум мешавад, ки ҳукумати подшоҳӣ шарики сармоядорону гумоштагони соҳибони корхона ва заминдорони калон будааст. Ба иборати дигар, маълум мешавад, ки ҳукумати подшоҳӣ сардори дуздону панҷякхӯри роҳзанон будааст. Моро лозим аст, ки ҳарчи зудтар арбоби ҳукумати подшоҳиро ва тартиби ҳукуматдории эшонро аз миён бардорем ва ихтиёри корро ба дасти касоне супорем, ки баргузидаи мо бошад. Чун аксарияти азимаи аҳолии мамлакат мо муздурон ва деҳқонон ҳастем, ба шарти иттиҳод ва иттифоқ ба қувваи ҳукумати подшоҳӣ ғолиб хоҳем омад. Қувваи намоёне, ки ба дасти подшоҳ аст, аскар аст. Агар нек нигаред, он ҳам аз синфи мо буда фарзандони деҳқонони фақир ва коргарони ранҷбар аст. Кадом писари бой милтиқ бардошта ба сарҳад рафтааст ва кадом домоди соҳибони зовуду фабрик ба нони сиёҳ қаноат карда, дар гармову сармо кӯҳу биёбонро пиёда паймудааст.

Ғояташ ин аст, ки аскарро ҳукумати подшоҳӣ фирефтааст, бо ваъзу насиҳати муллоён, бо тавбаву қасам додани пӯпҳо аскар асири дарбори ҳукумат шудааст.

Агар мо ҳақиқати ҳолро ба воситаи ташвиқотчиёни суханвари худ ба эшон фаҳмонда тавонем, тӯпу милтиқе, ки ҳукумати подшоҳӣ ба дасти эшон барои дар чанбари итоат доштани мо додаст, ба сӯйи худи ӯ оташфишонӣ хоҳад кард…

Ҳарчанд дар аввалҳои кор ин гуфтугузорҳо танҳо дар миёни коргарони аврупоӣ мерафтанд, кам–кам мусулмононро ҳам дар доираи музокироти худ даровардand, ҷиддиёна, танҳо ба камоли эҳтиёту пинҳонӣ ташвиқот мекарданд, дарси инқилоб ёд медоданд ва сабақи ихтилол меомӯхтанд.

Аз миёни коргарон касе, ки аз ҳама бештар ин суханонро хақиқат дониста гӯш кард, Одина буд. Одина аз саргузашти худ, хурд бошад ҳам, ба ин суханон мисолҳо ёфта метавонист: ӯро дар сояи тартиби ҳукумати амир магар ба арбоб Камол ғулом карда надода баданд? Барои ин ғуломӣ калонони қишлоқ, хусусан мулло Хокироҳ магар кам кӯшиш кард?..

Холо чизе, ки Одинаро хурсанд мекард, ин буд, ки акнун вай монанди пештара танҳо набуд, акнун вай барои кушода гуфтани дардҳои худ ё ин ки барои тарҷума кунонидани забони ҳоли худ ҳамдардҳо дошт; акнун вай ҳақ надошт, ки «дард ҳаст, ҳамдард нест» гуфта бинолад.

Танҳо дарди Гулбибӣ – дарди гули аз булбул ҷудо монда Одинаи дурафтодаро як дам ҳам бошад, осуда намегузошт. Зӯрии ин дард дар ин ҷо буд, ки барои кушода гуфтани ин ягон ҳамдард ёфт намешуд, дардҳои сиёсиву иқтисодии дар зовуд буда аҳли дарди он ҷоро аз шунидани дарди Гулбибиҳо ва аз аҳамият додан ба он дур карда буд.

Одина маҷбур буд, ки ин дардро танҳо кашад, ин талхиро танҳо чашад ва ин борро танҳо бардорад.

V. ФЕВРАЛ – МАРТИ 1917

Аз аввалҳои моҳи феврали 1917 сар карда нолиданҳои аз ҳукумати подшоҳӣ аз таҳхонаҳо – аз хонаҳои зеризаминӣ ба майдонҳои кушода даромадан гирифт, хиёнатҳои аҳли дарбор, гурусначашмӣ ва ҳаннотии аҳли бозор, хусусан бо тиру дору, яъне бо ҷони одам савдогарӣ кардани идораҳои ҳарбӣ ва вазири ҷанг ҳар ҷо ошкоро гуфтугузор меёфт. Бозиҳои

мурдоркоронаи Распутин[1] аз чашми ҳар гуна коргарони бесаводу деҳқонони пасмонда ҳам қудсият – покии подшоҳро афтонда буд.

Дар мамлакат нон нест, пӯшокӣ нест, дору ва даво нест; дар сафи ҷанг тир нест, дору нест, милтиқ нест, тӯп нест, касалхона нест. Хоҳ дар сафи ҷанг бошад, хоҳ дар паси ҷанг танҳо як чиз ҳаст: марг! Мурдан! Аз гуруснагӣ, аз бараҳнагӣ, аз бепарастorӣ **мурдан**! Дар фабрикаҳо дар зовудҳо **мурдан**! Дар роҳҳо, дар кӯчаҳо, дар даштҳо, дар биёбонҳо **мурдан!** Дар сафи ҷанг бо дастҳои холӣ, бе милтиқу дору дар дами тиру тӯпу милтиқ ва пулемёт **мурдан**! Дар ҳар ҷо ва ба ҳар ҳол **мурдан**, **мурдан**, **мурдан** буду бас.

Ин аҳволи умумӣ ба зовуди пахтатозакунӣ, ки яке аз мавзӯъҳои қиссаи мост низ бетаъсир намонда буд; дар ин ҷо ҳам коргарон аз гуруснагӣ, аз бадҳазмӣ, аз тиф, аз варами шуш мемурданд.

4 марти соли 1917 (ба ҳисоби куҳна) буд. Чарҳҳои зовуд бо губчак – гарданаҳои хӯрдашуда, бо дандонаҳои судашуда ва бо тасмаҳои фарсудаи худ монанди идораҳои ҳукумати подшоҳӣ базӯр мегаштанд. Як усто чархи калонро аз назар мегузаронид: як коргар ба гарданаи ҳамин чарх равған мерехт; як ҷинчӣ пай дар ҳам ба ду баст, ду баст – ду смен кор карда пинак рафта, бо як чӯби ниморшинӣ[2], ки дар даст дошт, тирҳои ҳаллоҷии пунбадона хоидаро пок мекард. Ҳамин ҷинчӣ якбора як фарёди ҷонхароше карда, ба даруни хонаи паси ҳаллоҷӣ афтод. Устое, ки ба чархи калон нигоҳубин мекард, мехост фуромада ба ҷинчии фалокатзада ёрмандӣ расонад, чоки либоси мешии даридааш ба дандонаи чарх андармон шуда худаш ҳам ба либоси худ ба чарх печида рафт.

---

[1] **Распутин** – аслаш аз Сибирия, як аспдузд буда, бо либосҳои рӯҳонигӣ ба ҳарами подшоҳ роҳ ёфта буд; дар ин ҷо аз худи подшоҳ гирифта то зану духтарони ӯ ба вай ихлос пайдо карда барои ичро кардани ҳар гуна мурдоркориҳои ӯ, ки қалам ба навиштани он мешармад, роҳ кушода буданд. Оқибат яке аз хешовандони подшоҳ дар арафаи инқилоби Феврал вайро кушта, теғи коргаронро аз олуда шудан ба хуни мурдори ӯ халос карда буд (шарҳи нависанда).

[2] **Чӯби ниморшинӣ** – оршин – воҳиди андозаи дарозӣ, ки дар Русия ба 71см баробар ва онро дар тоҷикӣ олчин гӯянд.

Чарх, ки аз ҳаракати одиаш берун шуда бо зӯрӣ мегардид, тасмаро, ки дар асл фарсуда буд, канда партофт; нӯги тасмаи кандашуда ба миёни коргаре, ки ба гардана равған мерехт, бархӯрда ӯро ҳам ба коми чарх фиристод.

Ҳамаи ин ҳодисаҳо дар як дақиқа ва чунон ба зудӣ воқеъ шуд, ки бонг (гудок)-и фалокати аз тарафи зовуд задашуда бо фарёди ҷонхароши ҷинчии фалокатзада ҳамроҳ шуда, ҳавои як марши мотамро ба майдон оварданд. Дар ҳақиқат ҳам барои коргарон мусибати сахте рӯй дода буд: дасти ҷинчӣ то оринҷ бо тири ҳаллоҷӣ хоида шуда, худаш ба ҳолати марг афтода буд; усто ва мардикори равғанрез бошад, инҳо фурсати фарёд кашидан ҳам наёфта сар то пояшон реза–реза шуда аз дунё гузашта буданд.

Дар ҳамаи сеҳҳои зовуд кор хобид, коргарон ба майдони зовуд ғун шуданд, ҷасади ниммурдаи ҷинчӣ ва ҷасади пора-пора шудаи устову равғанрезро дар пеши ҷамоат гузошта буданд.

Митинг сар шуд, коргарон яке аз думболи дигарӣ ба болои тойи пахта баромада гап мезаданд, аз тартиби ҳукумати подшоҳӣ, аз гурусначашмии зовудчӣ шикоят мекарданд, махсусан айби имрӯза фоҷиаро ба гардани хӯҷаину директори зовуд бор мекарданд, дар ин бора яке аз устоҳо эзоҳ дода гуфт:

– Ман як моҳ аст ба хӯҷаин ва директори ӯ мегӯям: «тирҳои чарх хӯрда шуда, гарданаҳо кафида, тасмаҳо фарсудаанд; бо ин ҳол роҳ равондани зовуд хатарнок аст; ё бояд корро хобонем, ё асбобҳои нав ёбед». Онҳо мегуфтанд: «Як асбоб ин вақт чанд сӯм меистад? Вазифаи ту то мумкин аст кор фармудани ҳамин асбобҳо аст. Хатар – магар нест, ягон фалокат шавад ҳам ба ту чӣ?..»

Коргарон, ки то ҳол бо андак ҳаракати худ ба сари худ шофи полис ва тозиёнаи казаконро медиданд, имрӯз ба ҳар ҳодиса тайёр шуда буданд. Онҳое, ки монанди таппонча яроқҳои оташбори пинҳонӣ доштанд, бо худ бардоштанд, касоне, ки яроқи оташбор надоштанд, хоискҳо, оҳанпарчаҳоро ба даст гирифта мусаллаҳ шуданд, ба муқобили эҳтимоли ҳуҷуми казакон ба дарвозаи калони зовуд тойҳои пахтаро чида шинак бастанд ва ба дарвозаи хурд посбон гузоштанд, ки дарояндаву барояндаро тафтиш мекард.

Зовуд намуди майдони ҷангро ба худ гирифта буд, митинг давом мекард, аммо на аз полис ва на аз казакон асаре не. Ба ҷойи онҳо аркони ҳукумати маҳаллӣ бо либосҳои фуқароӣ ва аъзои идораи зовуд бо гарданҳои хам ба пеши коргарон омаданд. Инҳо ба «Долой! Долой! Дафъ шав! Нест шавед!» гуфтани коргарон нигоҳ накарда ба гап даромаданд, назар ба қавли онҳо ҳар коре, ки то ҳол дар ҳаққи коргарон шуда будааст, гӯё ба хоҳиши шахси подшоҳ будааст, имрӯз, ки подшоҳ бекор шудаст, зовуд барои коргарон «ҷаннат» мешудааст ва онҳо бо расонидани ин мужда ба когарон худро бахтиёр мешумурдаанд ва ба ин муносибат коргаронро аз «сидқи дил» табрик мекарданд…

Дар ҳақиқат ҳам хабари бекор шудани подшоҳ, ки сабаби кушода шудани дари саодат ба рӯйи коргарон аст, шоёни табрик буд, ин хабар митинги нафрату норозигиро ба намоиши шодӣ бадал карда, маҷлиси мотамро маҳфили тӯю суруд гардонид.

* * *

Ҳодисае, ки имрӯз дар зовуд воқеъ шуда буд, хурдтараки он ҳодисае буд, ки се–чор рӯз пеш аз ин (27–28 феврал ба ҳисоби куҳна) дар Петроград рӯй дода буд: коргарон ва оммаи меҳнаткашони Петроград ба ҷонашон расида «интиқом!» гуфта ба кӯча баромада буданд, аскарон, ки ҳукумати подшоҳ аз онҳо ёрмандӣ мехост, низ ба сафи коргарон ҳамроҳ шуда, ба муқобили ҳукумати подшоҳ бархоста буданд.

Думаи давлатӣ[1], ки ба ҳар восита бошад, ҳукуматро ба дасти худ нигоҳ доштан мехост, подшоҳро аз тахт фуромада эълон карда, худ ба роҳбарӣ гузашта ҳукумати муваққатӣ[2]

[1] **Думаи давлатӣ** – муассисаи намояндагии давлатии Ҳукумати подшоҳии Рус, ки дар моҳи апрели 1906 ташкил шуда буд. Нависанда Думаи чорумро (15 ноябри соли 1912–27 феврали 1917) дар назар дорад.

[2] **Ҳукумати муваққата** – (Ҳукумати муваққатӣ) – дар Русия органи марказии ҳокимият, ки дар натиҷаи созиши байни кумитаи муваққатии думаи давлатӣ ва роҳбарони эсеру меншевикӣ, Комиҷроияи Шӯрои депутатҳои коргарону солдатҳои Петроград 2(15) марти соли 1917 барпо шуда, 25 октябри (7 ноябр) соли 1917 бо ғалабаи Инқилоби Октябр барҳам хӯрд.

барпо кард: аъзои Думаи давлатӣ аз эсер Керенский[1] гирифта то кадет Милюков[2] ва монархисти сиёҳдил Гучков[3] ба ин ҳодиса ҳамроҳӣ карда худро ба назари омма «инқилобчӣ» нишон додан мехостанд.

Ин воқеа дар вақту соати худ (дар якуми март ба ҳисоби куҳна) ба Туркистон[4] маълум шуда бошад ҳам ҳокимҳои ин ҷо «то табар омадан кунда меосояд» гӯён ин хабарро махфӣ нигоҳ дошта як-ду рӯз бошад ҳам, дабдабаи ҳукмронии худро давом кунонидан мехостанд.

Оқибат офтобро бо доман пӯшонидан мумкин нашуд. Хабари аз тахт фуромадани подшоҳ чун офтоб ба назари ҷаҳониён ҳувайдову намоён гардид.

4 март ҳокимони Туркистон ҳам хабари бекор шудани подшоҳро ба мардум расман эълон карда маҷбур шуданд, ки ба шодиёнаи умумӣ худро ҳамроҳ нишон диҳанд. Аз ин ҷумла аҳли идораи зовуди мо, маъмурони ҳукумати маҳаллӣ ин ҳодисаро ба коргарон хабар дода ба теғи ғазаби онҳо, ки ба муқобили худашон мечӯшид, оби сард рехтанд ва бо ин ҳила аз интиқоми коргарон, ки ба пеши чашмашон намоён шуда буд, муваққат ҳам бошад, гиребони худро халос карданд. Коргарони зовуд ба ҳолату тантанае, ки ба монанди он рӯз аст, байроқҳои сурхи инқилобиро бардошта ба намоишу шо-

---

[1] **Керенский Александр Федорович** – (1881 – 1970) – ходими сиёсии буржуазияи рус, аъзои ҳизби эсерҳо, аз марти соли 1917 дар ҳайати Кумитаи муваққатӣ вазири адлия, вазири ҳарбӣ – баҳрӣ, аз 21 июл вазир – раис, аз 12 сентябр сарфармондеҳи олӣ буд.

[2] **Милюков Павел Николаевич** – (1859 -1943) – таърихшинос, сарвари ҳизби кадетӣ, вазири корҳои хориҷии Ҳукумати муваққатӣ, идеологи асосии буржуазияи рус ва давомдиҳандаи ҷанги якуми ҷаҳон.

[3] **Гучков Александр Иванович** – (1862 – 1936) – яке аз роҳбарони ҳизби буржуазӣ – монархистӣ (октябристҳо)-и Русия, ки дар ҳайати Ҳукумати муваққатӣ вазири ҳарбӣ – баҳрӣ буд.

[4] **Туркистон** –истилоҳи ҷуғрофие, ки пас аз истилои Осиёи Миёна аз соли 1886 ин сарзамин бо таъсири гурӯҳҳои туркпараст расман «кишвари Туркистон» эълон шуд, ба истиснои аморати Бухоро ва хонии Хева тамоми масоҳати ҷанубии Қазоқистон ва Осиёи Миёнаро дарбар мегирифт. То ғалабаи инқилоби Октябр мафҳуми Туркистон нигоҳ дошта шуд ва баъд аз инқилоби Октябр боз мафҳуми Осиёи Миёна ва Қазоқистон барқарор шуд.

диёна[1] баромаданд. Суханварони оташзабон муқаддимаҳоеро, ки дар болои ин фасл ёд кардем ва пеш аз афтодани ҳукумати подшоҳӣ ин суханон танҳо дар хонаҳои зеризаминӣ ва дар мобайни ранҷбарон махфиёна гуфтугузор мешуданд, бо шарҳу иловаҳо мегуфтанд ва ба ҷисми афсурдаи коргарони мазлум рӯҳҳои инқилобӣ медамиданд.

Синфи ранҷбарон ба шодиёнаи имрӯз дар кӯчаҳо бо як овоз суруди озодиро[2] месуруданд.

I

Эй ситамдидагон, эй асирон!
Вақти озодии мо расид.
Муждагонӣ диҳед, эй фақирон!
Дар ҷаҳон субҳи шодӣ дамид.
То ба кай ғусса хӯрдан ба ҳасрат.
Баъд аз ин шодмонӣ намо!
Бас ҷафо, бас ситам..., эй адолат!
Дар ҷаҳон ҳукмронӣ намо!
Интиқом! Интиқом! Эй рафиқон!
Эй ҷафодидагон! Эй шафиқон!
Баъд аз ин ҷаҳон ҳукмрон бод.
Ранҷбар, барзгар бо тифоқ!

II

Хуни мо шуд ҳадар, рӯзгорон
Бар муроди ду–се нобакор.
Бар муроди дили дӯстдорон,
Ҷони ин нобакорон барор!

---

[1] **Шодиёна** – як навъи навохтани дойра, сурнай ва дигар асбобҳои мусиқӣ ҳангоми шодӣ ва мукофот додани касе.

[2] **«Суруди озодӣ» ё «Марши ҳуррият»** – зери таъсири сурудҳои инқилобии «Интернатсионал» ва «Марселеза» соли 1918 таълиф гардида, бори аввал дар маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» (1919, № 23, 7 декабр) дарҷ гардидааст. Ин суруд аз тарафи С. Айнӣ борҳо таҳрир ёфтааст. Аз ҷумла, мисраи чоруми он дар матни рӯзномавии «Одина» – «Ҳуррият, адолат мусовот», дар дастхат ва матни 1917 – «Ҳуррият, адолат, иттифоқ!», дар нашрҳои минбаъдаи қисса – «Ранҷбар, барзгар бо тифоқ!» Ва дар маҷмӯаи «Ёдгорӣ» (Сталинобод, 1935, с. 13) «Пролетор, пролетор, пролетор!» аст.

Дар ҷаҳон зулми золим намонад,
Ҳам ҷафо, ҳам ситам, ҳам нифоқ.
Дар ҳама шаҳди шодӣ чашонад,
Ранҷбар, барзгар бо тифоқ.
Интиқом! Интиқом! Эй рафиқон!
Эй ҷафодидагон! Эй шафиқон! –
Баъд аз ин дар ҷаҳон ҳукмрон бод.
Ранҷбар, барзгар бо тифоқ!

III

Ҳар ситамгори дун хурраму шод
Солҳо ҷоми ишрат чашид.
Дар шаби тираи ҷавру бедод,
Ҳар ситамдида меҳнат кашид.
Оқибат офтоби адолат
Бар сари бенавоён битофт.
Аз ҷаҳон нест шуд зулму зулмат,
Мустабид дар ҷаҳаннам шитофт.
Интиқом! Интиқом! Эй рафиқон!
Эй ҷафодидагон! Эй шафиқон!
Баъд аз ин дар ҷаҳон ҳукмрон бод.
Ранҷбар, барзгар бо тифоқ!

Фарзанди одам дар ду рӯз дӯстону дилбастагони худро зиёдтар ёд мекунад: яке дар рӯзи бадию ғамгинӣ, дувум ба рӯзи хурсандию шодмонӣ. Одинаи мо, ки дар рӯзҳои одиву муқаррарӣ лаҳзае аз ёди дилороми худ Гулбибӣ фориғ набуд, дар ин рӯзи фирӯз, ки бо умуми ранҷбарон ҷашну шодмонӣ менамуд, сад чанди аввала маъшуқаи худро ёд карданаш табиист. Вай мехост, ки ҳарчи зудтар ба ватан бозгардад ва ин воқеаҳоро, ки боиси шодмонии одамӣ шудааст, ба маҳбубаи худ ҳикоят карда ӯро ҳам аз ин иди саид баҳраёб гардонад. Танҳо бинобар баста будани роҳи кӯҳистон аз ҳуҷуми барфи зимистон ночор мунтазири фурсат шуда ва чашм дӯхта буд, ки зудтар тобистон расад, роҳ кушода гардад, то ки бо аввалин қофилаи равандагон ҳамроҳ шуда азми сафари диёр намояд.

ҚИСМИ СЕВУМ

I. БОЗГАШТ

Одина се соли пурра дар зовуд кор кард. Ҳарчанд музди хизматаш кам буд, азбаски нахӯрд, нанӯшид ва сарфакорӣ кард, ба нияти тӯй хеле чиз посира намуд; як тӯб сатин, як тӯб чит, як тӯб суф, ду рӯймоли фарангӣ, як либосвор шоҳӣ ва як ҷуфт кафшу маҳсиро пеш–пеш харида дар хӯрҷин ҷой карда монда буд. Гумон мекард, ки ҳар гоҳ Гулбибӣ ин чизҳоро бубинад, се соли ҷудоиву бекасиро, ки бояд дар ин муддат хеле душвориҳо дида бошад, аз хотир фаромӯш хоҳад кард.

Одина модаркалони меҳрубони худро низ аз ёд набароварда буд: барои ӯ савғотӣ гӯён як либосвор чит, як либосвор суф ва як қарсвор дока харид кард. Барои бачагони қишлоқ ва ҳамсоягон қадре қанд, қандалот, конфету чой харида ба кӯлвор андохтанро ҳам фаромӯш накард.

Моҳи марту апрел ҳам гузашт, мавсими кори зовуд тамом шуд, роҳи кӯҳистон ҳам андаке аз барф пок шуда, ба қавли кӯҳистониён, ағба хартоз шуд, қофилаи нахустин муҳайёи сафар гардид. Одина ба се сӯм[1] барои бор кардани колаи худ маркабе харида, бист тангаи нақдаи бухориро ба миён баста бо қофилаи муздурон ба роҳ баромад.

Одина ба роҳ баромад, аммо дилаш аз ғояти изтироб аъзои баданашро дар ларза андохта буд, зеро пешомади худро намедонист: оё сиҳат, саломат ба ватан мерасида бошад? Ё ки дар роҳ талаф шуда орзуҳои худро ба гӯр мебурда бошад? Баъд аз ба ватан расидан оё маҳбубаи худро, ҳамчуноне ки гузошта буд, дар хона меёфта бошад? Агар ба ӯ осебе расида бошад ё ба чанголи дигаре гирифтор шуда бошад, пас ҳоли дили номурод чиҳо хоҳад шуд?

Агар толеъ мадад карда номзади худро бе ҳеҷ осебе дар хонаи худ саломат дарёфт, оё хотирҷамъона тӯю тамошо

[1] **Сӯм** – воҳиди пул, ки тақрибан ба 6,6 танга (танга баробари 15-20 тин) рост меояд.

карда, дар миёни дӯсту душман ошкоро «ин моҳсимо рафиқаи умрии ман шуд» гуфта метавониста бошад? Ё ин ки ба фитнаву фасоди арбоб Камол дучор шуда ба зиндони ҳокими вилоят гирифтор ва ё дувумбора ба фирор аз ёру диёр ночор мешуда бошад?

Ин хаёлҳои талху ширин, ин гумонҳои неку бад ва ин васвасаҳои пурташвиш, ки ҳеҷ ошиқи шайдое аз худ дураш карда наметавонад, Одинаи бехонумонро, ки саргузашти махсусе дошт, лаҳзае ба ҳоли худ ором намегузошт.

Одина асбоби сафарро ба маркаб бор карда, ӯро пеш андохта, худ чӯбдастае гирифта аз думбол пиёда мерафт. Аммо хаёлаш гирифтори андешаҳои дар боло навишташуда буд, гоҳо дилаш аз ғояти умедворӣ ба ҷӯш омада ҳамроҳи корвониён «Нақши мулло»[1] мегуфт ва муносиби ҳоли худ ин нақшро месуруд:

Домани кӯҳ, лолаи анбӯҳ,
Бар сари ман ҳавои ту зиёда карда.
Роҳ пур аз санг, маркаби ман ланг,
Шавқи ту дар роҳи туам пиёда карда.
Кабк паридо, аз чӣ рамидо?
Тири нигоҳе магараш нишона карда?
Мурғи хушилҳон – булбули хушхон
Васфи гули рӯйи туро тарона карда[2].

Ва гоҳо аз камоли маъюсиву навмедӣ дар дарёи андуҳу андеша фурӯ рафта, чун ғарқшудагони дар об аз худ бехабар роҳ мерафт.

Қисса кӯтоҳ, корвоне, ки Одинаи мо ҳам рафиқи он буд, ба сарҳади хоки Қаротегин расида манзил гузиданӣ шуд. Корво-

---

[1] **«Нақши мулло»** – суруди махсусест, ки тоҷикони кӯҳистон дар мавриди тӯю шодмонӣ чанд нафар яке шуда бо ҳам месароянд. Дар Самарқанд дар гузари Тошкандӣ ва дар Хуҷанд низ ин расм дар шабҳои арӯсӣ маъмул аст (шарҳи нависанда).

[2] **Мисол аз адабиёти халқ**:
Чор чамани гул, ҳавзи сари пул,
Хондани булбул – ҳама дар мулки Бухорост (шарҳи нависанда).

ниён ҳанӯз бору бунаи худро фуруд наоварда буданд, ки одамони закотчӣ ва навкарони ҳокими Қаротегин атрофи онҳоро фурӯ гирифтанд, бору бунаи онҳоро ба гӯшае гирд оварда қаравул гузоштанд, маркабҳоро ҳам ба тарафе қӯшоқ карда бастанд, худи аҳли қофиларо ба гӯшае бандивор нишонданд. Баъд аз ягон-ягон ба тафтишу кофтуков даромаданд: либосҳои мусофиронро то нифаи эзорашон кӯк канда диданд. Остару абраи ҷомаҳояшонро чок заданд, чоруқҳояшонро аз пояшон кашиданд. Дар ин кофтуков ҳар чӣ нақдина, ки ёфтанд, ба як рӯймоле, ки дар пеши мири закотчӣ паҳн кардагӣ буд, андохтанд. Албатта, дар ин яғмои умумӣ бист тангаи Одина ҳам рафт.

Корвониён фарёду фиғон мекарданд, бо лобаву хушомадгӯйӣ ба навкарон ва закотчӣ мегуфтанд:

– Ба ҳоли мо раҳм ored! Мо дар Туркистон аракӣ ҷабин рехта, нахӯрда, нанӯшида, нафақаи аҳлу аёл гӯён ин панҷ – шаш пулро захира карда будем, раво медоред, ки баъд аз чандинсола мусофирату ғурбат дасти хушк ба пеши хурду резаҳои худ биравем…

Закотчӣ гуфт:

– Мо мусулмонем, шумо ҳам мусулмонед ва табааи подшоҳи исломед, бояд ба ҳукми подшоҳу аҳкоми шариат итоат кунед! Мо бору бунаи шуморо мебинем, ҳисобашро месанҷем, ин нақдинаҳоеро, ки гирифтем, ба ҳаққи закотҳои молҳоятон ҳисоб мекунем ва ба дасти шумо хатти закот медиҳем, ба сабаби он хат шумо аз дастдарозии дигар омилони закот эмин мемонед ва ба хонаи худ саломат меравед. Ин амр, амри подшоҳу ҳукми шариат аст. Ҳар кас аз ин амр гардантобӣ кунад, молашро ҳам «ярғу»[1] гӯён подшоҳӣ мекунем[2] ва худашро дар банди занҷир кашида ёғивор ба зиндони Қаротегинаш мефиристонем, дигар ҷойи гап нест, вассалом.

[1] **Ярғу** – бо фармони подшоҳ ё ҳокимони он мусодира кардани молу мулки касе, ки лоиқи ҷазо дониста шудааст.

[2] **Подшоҳӣ кардан** – мусодира кардан, ба тарзи ҷазо ба фоидаи ҳукумат ситонидани молу мулки каси ҷазодида.

Бечорагоне, ки дар ғами панҷу чор нақдинаи худ хун мехӯрданд, бақияи молу ашёи худро низ дар наздики талаф шудан дида, ночор лаб фурӯ бастанд ва ризо ба қазо дода сар ба зер андохта нишастанд.

Навбат ба тафтишу ковтукови борҳо омад, кӯлвору хӯрҷинҳоро ягон–ягон кушоданд, ҳар матое, ки ба назарашон хубтар менамуд, якеро – ин савғои мо, дигареро – ин ба ҷаноби мири ҳоким муносиб аст ва они дигарро – ин барои бегиҷон бисёр мувофиқ аст гуфта мегирифтанд.

Навкарони хурд ҳам дар навбати худ аз рӯймолеро дар бағал задан ва аз лӯндаи қандеро дар киса андохтан рӯй наметофтанд. Корвониён, ки ҳама муздур буданд, ҷуз гиряву зорӣ дигар чорае надоштанд. Аммо навкарони сангдил ба фарёди гиряолуди ин мазлумон ба хандаи истеҳзо (масхара доштанд) муқобила мекарданд.

Муздуроне, ки ба зовудҳо кор карда, ба ин намоишҳои инқилоби Феврал ҳамроҳӣ намуда, ваъзҳои инқилобиро шунида буданд, имрӯз ба яқин донистанд, ки аҳли зулму бедод, арбоби истибдод аз кадом дину миллате, ки бошанд, ҷуз тороҷ кардани зердастони худ кори дигаре надоштаанд. Дину шариат асбоби мардумкушӣ ва силоҳи яғмогарии онҳо будааст. Наҷот аз ин маҳлака «як шудани пролетарҳои ҳамаи мамлакатҳо» будаасту бас.

Хулласи калом, навбат ба кушодани бори Одина расид, ҳамин ки як тӯб сатини сурхи парчагули синдил намудор шуд, закотчӣ беихтиёр аз ҷойи худ барҷаста, монанди калхоте, ки парчаи гӯштеро дида, бо иштиҳои тамом чанг занад, тӯби сатини мазкурро чангол зада гирифта:

– Ҳай–ҳай, ин хуб мол будааст, бегиҷони хурдӣ ба ҳамин нусха як тӯб сатин супориш карда буданд, боби он шахс аст,– гуфта ба яхдони[1] худ андохт.

Одинаи бечора, ки ҳанӯз ғами бист тангаро фаромӯш накарда буд, ин ҳолро дида бо чашмони пуроб бо як ҳолати бечорагӣ гуфт:

[1] **Яхдон** – сандуқи чармин аст, ки дар сафари аспакӣ як ҷуфти онро ба як асп бор мекунанд.

– Ҷаноби бек! Ба пот мирам, ҷонам фидоят, ба пеши пойи бачагонат мирам, ин сатинро ба нияти тӯй гирифтам, раво мадор, ки тӯйи ман азо шавад. Чӣ мешавад, ки инро ба ман бубахшӣ, ба ҷавониву номуродии ман раҳм ор!

Закотчӣ гуфт:

– Бача, бисёр фарёд макун! Худ мегӯӣ, ки тӯй дорам. Магар ба бегиҷон тӯёна намедиҳӣ? Ин чӣ бешармӣ аст?

Закотчӣ ғайр аз ин як рӯймоли фарангиро гирифта ба ҷайби худ зада «ин тӯёнаи мост» гуфта ханда мекард. Гиряву зории Одинаро масхара медошт.

Дар вақти ковтукови молҳо аз бори Шариф ном саройбон ду қадоқ чойи кабуд баромад, ки ба як нусха рӯзномаи куҳна печонидагӣ буд. Закотчӣ рӯзномаро дида, ба навкарони худ фарёд зада гуфт, ки «бубандед ин ҷадидро»[1]. Навкарони гургманиш, ки «салла биёр» гӯянд, калла меоваранд, Шарифи бечораро лагадкӯб карда бо ресмоне дасту пояшро баста ба гӯшае гузоштанд.

Закотчӣ ба корвониён гуфт:

– Оё дар миёнаи шумо хешу табор ё ёру ошнои ин муртад ҳаст? Нишон диҳед!

Корвониён, ки аз сабабу ҳикмати ин бигиру бубанд бехабар буданд, дар ҳайрату бим афтода бо сад тарсу ларз гуфтанд:

– Ин мардакро мо намешиносем, танҳо рафиқи роҳи мо аст.

Закотчӣ дубора қофиларо пурсиш мекард ва мегуфт:

– Рост бигӯед! Кадоми шумоён ҷадидед!

Корвониён, ки аз масъалаи ҷадиду қадим тамом бехабар буданд:

– Мо Ҷадидро намешиносем ва ба ин ном касеро надидаем,– гуфта ҷавоб доданд.

---

[1] **Ҷадид** – ҳаракати миллии маорифпарварӣ, ки солҳои 80-уми асри XIX пайдо шуда, аввалҳои асри XX дар Осиёи Миёна паҳн гардид.

Дар ҳақиқат ин бечорагон ҳама бесавод буданд, шабу рӯз дар меҳнати сиёҳи худ саргардон буда, аз воқеаҳое, ки дар ин солҳои охирӣ дар Бухоро ба болои ҷадиду қадим воқеъ шуда буд, хабардор набуданд. Аз ин моҷаро, магар «Ҷадид» номи гунаҳкоре будааст, ки гурехтааст ва ӯро суроғ мекунанд, гуфта гумон мебурданд. Бинобар ин: «мо Ҷадидро намешиносем ва ба ин ном касеро надидаем» мегуфтанд.

Хулласи калом, ашёву маркаби Шарифро подшоҳӣ карда худашро ба нигаҳбонии ду навкар ба Қаротегин фиристоданд[1]. Дигарон корвониёни тороҷдида ҳам ба ҳолати табоҳе рухсат ёфта, ба роҳ даромаданд.

Вақте ки корвониён ба даруни вилоят даромаданд, дар ҳар ҷойе, ки ноиби қозӣ, амлокдори ҳоким ва закотчӣ ба онҳо вомехӯрданд, баъзе ба номи закот ва баъзе бо номи савғотӣ аз онҳо чизе базӯру зачр меситониданд. Дар ин қатор бештарин чизҳои аз тороҷи аввалӣ боқимондаи Одина ҳам рафт. Агар мусофирон хатти закоти закотчии сарҳад додаро нишон диҳанд:

– Инро нигоҳ доред, агар дарди сар шавед, тар карда мехӯред, ба мо лозим нест. Агар ба шумо даркор бошад, мо ҳар қадар ки хоҳед, ин гуна хатро дода метавонем, гуфта масхара медоштанд.

Муздурони бечора бо каму беш матоъ ва колае, ки аз тороҷ боқӣ монда буд, ҳар кадом ба тарафи хонаи худ рафтанд. Одина ҳамроҳи Сангин ном мардикоре, ки қишлоқаш ба деҳаи ӯ наздик буд, раҳсипор шуданд. Вақте ки онҳо ба сари дуроҳае расиданд, ки аз он ҷо ҳар кадом ба хонаи худ бо роҳи ҷудогона мерафтанӣ будаанд, Одина аз Сангин ба рӯзи тӯй омаданашро илтимос карда аз якдигар ҷудо шуданд.

[1] Ин воқеа дар моҳи июни соли 1917 воқеъ шудааст. Дар ин сол дар моҳи апрел ба муносибати аксулҳаракате, ки дар Бухоро воқеъ шуда буд, амир Олим ба ҳама вилоятҳои Бухоро қаторхат фиристода, касонеро, ки ба ҷадидӣ шубҳаноканд, дастгир карданашонро амр фармуда буд. Бинобар ин, монанди ин воқеа дар он замон на танҳо дар сарҳади Қаротегин, балки дар тамоми сарҳадҳои Бухоро ҳар рӯз воқеъ мешуд.

II. БОЗДИД

Одина аз тарафи арбоб Камол бим дошт, бинобар ин, рӯзона ва рӯйирост ба қишлоқ даромаданро ба худ салоҳ надонист, маркаби худро ба чаро сар дода худ то шаб ба дарае хобид. Ба фурӯ рафтани офтоб ҳоло тахминан се соат вақт монда буд. Лекин ин сесоата интизорӣ барои Одина аз ҷудоии сесола душвортар меомад: Одина гӯё ташнае буд, ки дар лаби дарё аз обаш маҳрум кардаанд ё гуруснае буд, ки дар пешаш табақи ошу даҳонашро баста нигоҳ доштаанд.

Одина, ки «боз касе дида намонад» гуфта дар паси харсанге хобида буд, ду чашмашро аз офтоб намеканд. Офтоб – он офтобе, ки ҳар рӯз бо баромадани худ аз сари Одина ғаму андуҳҳои шабонаро қадре дур мекард, он офтобе, ки ҳар шаб бо фурӯ рафтани худ ба фурӯ рафтани Одина дар ғаму ғусса сабаб мешуд, имрӯз ба Одина таъсири чаппа медод, имрӯз Одина офтобро дӯст намедошт ва фурӯ рафтани ӯро аз ҷону дил хоҳиш дошт.

Лекин офтоб дар роҳ рафтан шитоб намекард ва ба андешаҳое, ки дар дили Одина буд, ҳеҷ парво надошт.

Оқибат, ба оҳистагӣ бошад ҳам, офтоб дар паси кӯҳ пинҳон шуд, лекин шунаҳи вай ҳанӯз дар теғаи кӯҳи тарафи муқобил пар–пар карда намоён мешуд; аммо ин шунаҳ монанди шунаҳи ҳаррӯзаи офтоб намуди хубе надошт, балки монанди шунаҳи шамъҳои сари мазор ғаму андуҳ пошида меистод.

Оқибат офтоби толеи Одина баромад, дунё ба назараш равшан шуд, чунки офтоб охирин шуълаи худро аз теғаи кӯҳ гирифта ба уфуқ фурӯ рафта дунёро дар зери пардаи торикӣ андохта буд.

Дуруст аст, ки барои Одина рӯзи хушбахтӣ ё шаби бадбахтӣ будани имшаб ҳанӯз маълум набуд; лекин соати маълум кардани хубӣ ё бадии оянда ва халос шудан аз ин дақиқаҳои ҷонгудози биму умед наздик расида буд.

Хар ҳам гӯё аз мақсади Одина хабар дошта бошад, пас аз сер кардани шикамаш бо торик шудани дунё ба пеши харсанг омада, барои саворӣ тайёр шуда истода буд.

Одина хӯрҷину кӯлворҳояшро ба хар бор карда, дар муддати ин сафар танҳо ҳамин шаб худаш ҳам ба болои вай савор шуд; чунки ҳарчи зудтар ба манзил расиданро мехост. Хар ҳам, ки се соат боз пайваста чарида дам гирифтааст, хеле чолокона қадам мезад. Лекин Одина, ки зудтар – агар мумкин бошад, парида рафтанӣ буд, ин рафтори харро хеле сусту оҳиста мепиндошт, бинобар ин, аз хар пиёда шуда ба сағрии вай як–ду халачӯб зада худ аз думбол давид. Аммо аз он ҷо, ки пойҳояш дар ин чандрӯза пиёдагардии кӯҳистон обила зада буд, баробари хар роҳ рафта наметавонист. Ночор боз ба хар савор шуд; баъд аз чанд қадар роҳ рафтан боз дилаш тангӣ карда ба қасди зудтар рафтан пиёда шуд. Ба ҳамин тариқа даме савора, даме пиёда шуда ба роҳсипори ҳавлии худ расид.

* * *

Дар хона Бибиоиша дар ҷогоҳи худ ёзида гап мезад ва Гулбибӣ ба суханҳои ӯ гӯш дода, пойҳои ӯро мемолид. Агарчи ин суханҳо он гуна суханҳо буданд, ки Гулбибӣ ҳар шабу рӯз инҳоро гашта-баргашта мешунид, боз ҳам аз шунидан дилгир намешуд, балки толибу роғиб шуда мешунид, зеро суханони Бибиоиша ҳамеша дар бораи Одина мерафт. Бештарини ин суханон ҳикоя ва таъсири хобҳое, ки Бибиоиша дар бораи Одина медид.

Чунонки бештарини хобҳои ӯ духӯра буд, ки хоби шаби гузашта дидагиаш ҳам ду тараф дошт, яъне ҳам ба хубӣ ва ҳам ба бадӣ таъбир кардани он мумкин буд! Шабонгоҳ дар вақте ки Бибиоиша бо Гулбибӣ хобида буданд, гӯё дузд ба хона даромадааст.

Бибиоиша;

– Ту чӣ гуна дуздӣ, ки ба хонаи кампири бенаво пахш карда даромада беҳуда метарсонӣ? – гуфтааст. Дузд дар ҷавоб:

– Ту як гавҳари бисёр қиматбаҳо дорӣ, ки вай ба ман даркор аст, – гӯён худро ба тарафи Гулбибӣ партофтааст. Вақте ки Бибиоиша бо ҳазор тарсу ларз чароғро даргиронда менигарад, ки вай дузд набуда, Одинаи худаш будааст.

Бибиоиша ин хоби худро имрӯз чандин бор ба Гулбибӣ ҳикоя карда бошад ҳам, боз вақти хоб як бори дигар нақл карда дар бораи таъбираш гуфт, ки:

– Тарафи хуби ин хоб ҳамин аст, ки Одина ба зудӣ расида меояд, аммо тарафи бад ҳам дорад, ки аз вай Худо нигоҳ дорад.

Бибиоиша тарафи бади хоби худро ба Гулбибӣ нагуфта бошад ҳам, худ ба худ меандешид: «Аҷаб нест, ки яке аз душманон ба қасди Гулбибӣ дуздвор пахш карда дарояд ва Гулбибиро, ки ҳаққи ҳалоли Одина аст, соҳибӣ кунад, ба ин муносибат он нохалаф дар хоб ба назари ман ба сурати Одина намоён шуда бошад».

Дар ҳамин вақт аз дар садои пойе шунида шуд. Бибиоиша, ки «мабодо тарафи бадии хобам рост набарояд» гуфта меандешид, як қад парида Гулбибиро нихта карда, ба баромадан аз дари дигар ишора кард. Ин вақт оянда аз дари пойгаҳ ба хона даромада буд. Бибиоиша ба ҳавли ҷон аз ҷой ҷаста:

– Ту кистӣ, дар хонаи як кампири бенаво дар ин вақти шаб чӣ кор мекунӣ? – гуфта фарёд кард.

Одина мулоимона:

– Модарҷон натарс, ман писарат Одина ҳастам, – гуфта овоз дода ва Гулбибӣ будани каси аз дари боло берун баромадаро дониста аз хавотирҳое, ки дар роҳ андеша мекард, фориғ шуда қадре ором гирифт.

Лекин барои Одина як хатари дигар рӯй дода буд. Чунонки бо шунидани калимаи «писарат Одина» Бибиоиша «вой!» гуфта беҳуш афтода буд, инчунин садои ба замин афтодани Гулбибии ба таги дар ростистода ҳам шунида шуда буд.

Дар ҳақиқат ин дақиқа хоҳ барои Гулбибӣ бошад, хоҳ барои Бибиоиша дақиқаи таҳлуканоке буд. Аз рӯйи одат хурсандии аз ҳад зиёд ногаҳонӣ ва инчунин тарси сахти нохост рӯйдода сустдилонро сабаби ҳалок мешавад. Бибиоиша ва Гулбибӣ бошанд, ҳар дуи инҳо як дақиқа ҳам ба тарси сахт ва ҳам ба шодии аз ҳад зиёд бархӯрда буданд.

Ҳар чӣ бошад, аз кушодаву пӯшида шудани дари боло маълум буд, ки Гулбибӣ ба зудӣ худро ғундошта гирифтааст, аммо Бибиоиша ҳанӯз беҳуш хобида буд.

Одина бо халос шудани Гулбибӣ аз таҳлука далерӣ пайдо карда дигар саросема шуда наистод: пойгаҳро даст–даст кар-

да мундии обро ёфта, аз вай чанд каф об гирифта ба рӯйи модаркалони худ зад.

Бибиоиша бо таъсири оби сард ба худ омада:

– Тарафи хубии хобам рост баромад, – гӯён нури дидаи худ Одинаро дар бағал кашида соате ба ҳой– ҳой гиряи шодӣ кард. Баъд аз он гӯгирд зада, чароғи сиёҳи худро даргиронд.

Чун чашми Бибиоиша ба рӯйи Одина афтод, дигарбора дасти ларзони худро ба гардани ӯ андохта сару рӯяшро мебӯсид ва лабонашро мемакид. Танҳо ин бӯсаҳо ҳар қадар ки гарм ва ҳар қадар ки муҳаббатомез буданд, ҳамон қадар ҳам хушк буданд. Бечора кампири ҳафтодсоларо аз ин хурсандии ногаҳонӣ кому забон хушк шуда буд. Лекин ашкҳои шодӣ, ки аз чашмони ӯ пайваста мерехтанд, сару рӯйи Одинаро тар мекарданд, ба андозае ки гоҳ-гоҳ бо остин пок кардани сарурӯяш даркор мешуд.

Бибиоиша вақте ки қадре ором гирифт, саргузашти сесолаи худро ва ҳуҷуми арбоб Камолро ягон-ягон ба Одина ҳикоят кард.

Одина ҳарчанд шарм медошт, лекин аз ин зиёда тобоварӣ карда натавониста аз аҳволи Гулбибӣ пурсон шуд.

Бибиоиша гуфт:

– Шукр, Гулбибӣ саломат аст. Дарвоқеъ, ман ӯро ба сабаби дидани ту фаромӯш кардаам, – гӯён аз ҷо хест ва берун баромада Гулбибиро ба хонаи дигар гузаронида хобонид ва бозпас омада ба сухани худ давом карда гуфт:

– Ман мехоҳам, ки ҳарчи зудтар номзадатро ба дастат супорам, танҳо ҷанҷоли арбоб Камолро яктарафа кардан даркор аст. Бо Гулбибӣ, ки номзади туст ва ба зудӣ зани ту хоҳад шуд, то рӯзи никоҳ вохӯрдӣ карданат мумкин нест. Пештар ту ва ҳам Гулбибӣ хурдсол будед, диданатон якдигарро зарар надошт, акнун ҳарду ҳам қадрас шудед, ба расми мардум риоя карданатон даркор аст.

Ҳарчанд ин танбеҳ ба Одина ва ҳам ба Гулбибӣ, ки аз паси Бибиоиша зуд гашта омада ҳама суханҳоро аз паси дар мешунид, бисёр душвор буд, вале чӣ бояд кард? Расми бобоӣ ҳамин аст. Хуб, ин кор саҳл аст, агар зиндагист, ба зудӣ ба ҳамдигар хоҳанд расид. Танҳо масъалаи арбоб Камол

масъалаи басе мушкил аст. Аз ин маҳлака ба зудӣ халос шудан лозим, ба вуҷуд омадани ҳамаи орзуҳо ҳам ба ҳамин мавқуф аст.

Набераву модаркалон имшабро бо суҳбат рӯз карданд. Табиӣ, Гулбибиро ҳам хоб намебурд, бо шунидани овози рӯҳафзои Одина айёми фироқи гузаштаро талофӣ мекард.

III. МУРОФИА

Одина имшаб тамоми шаб агарчи бо модаркалонаш суҳбат дошт, ҳавосаш тамом ба масъалаи арбоб Камол банд буд, ҳарчанд андеша мекард, роҳи наҷот намеёфт. Охир ба худ андешид: «маросими тӯю никоҳ ҳеҷ гоҳ махфиёна ва ҷогоҳӣ нахоҳад шуд. Ҳарчанд дар хона пинҳон монам, охир мебояд, ки як рӯз ба берун бароям ё ин ки боз ба ёру диёр хайрбод гуфта, аз висоли Гулбибӣ дил канда ба вилоятҳои ғурбат биравам, лекин барои ман ҷон кандан назар ба дил кандан аз Гулбибӣ осонтар аст. Он беҳ, ки ҳарчи бодо бод ба майдон бароям ва ҳарчи пеш ояд, бубинам. Шояд, ки роҳи наҷот ҳам дар ин миён ёфт шуда монад».

Одина баъд аз муҳокима чоштгоҳӣ ба кӯча баромад, ба масҷид рафта мулло Хокироҳро, ки имоми он ҷо буд, дида, мулоқот кард, қадре қанду чойро раҳовард гӯён ба ӯ пешкаш намуд.

– Ҳоҷат набуд, ҳоҷат набуд, – гӯён имом қанду чойро гирифта, дар ҳаққи Одина дуо карда ва ба арвоҳи падараш фотиҳа хонд. Баъд аз он аз хубиҳои садақаву эҳсон шарҳҳо дод, иборатҳои арабӣ нақл карда маънидод намуд. Дар охир гуфт, ки:

– Ду шаб шуд, падаратро дар хоб дидам, ҳар ду рӯяш монанди себи сурх метофт, дар бараш либоси сафеди нав ва дар сараш дастор буд. Ба ман наздик шуда ба ман қадре қанду чой дода:

– Домулло, дар ҳаққи Одинаи ман дуо кунед ва дуои шумо дар ҳаққи вай, албатта, қабул аст, – гуфт. Ҳоло ки мебинам, ҳамин қанду чой ҳамон буд, ки падарат дар хоб ба ман дода буд. Аз ин маълум мешавад, ки аз рӯйи башорати арвоҳи падарат дуои ман ҳам дар ҳаққи ту қабул аст.

Албатта, мулло Хокироҳ ин дурӯғҳоро барои рӯсиёҳии андак қанду чой бофта буд. Ба ҷойи Одина дигар кас мебуд, эҳтимол ин афсонаро бовар мекард. Аммо аз он ҷо, ки фикри Одина дар зовуд, дар миёни коргарон, хусусан дар ҷамъомадҳое, ки ба муносибати инқилоби Феврал шуда буд, кушода гардида буд, ба пастҳиммати ва дурӯғгӯии имом дарун-дарун ханда кард. Лекин аз ҷиҳати маслиҳати худ дар зоҳир суханҳои ӯро бовар кардагӣ барин менамуд.

Одина дуои домуллоро гирифта бозгашта ба хонаи худ рафт. Домулло ҳам баъд аз узот кардани Одина, ҳеҷ фурсат нагузаронида ба пеши арбоб Камол рафт ва гуфт:

– Муждагонӣ бидеҳ, ки Одина омад, акнун вақти он аст, ки ҳаққи худро аз ин гурезпо ситонӣ, лекин ҳар вақт ки ҳаққи худро гирифтӣ, ҳаққи маро фаромӯш макун ва аз давлатат бо зану бачагон як дег ҷӯш кунем.

Арбоб Камол имомро бо бале, оре хурсанд карда писараш Ибодро фармуд, ки савора рафта мулло Мардихудоро, ки ноиби қозӣ аст, ёфта биёрад, то ки дар ҳамин ҷо ба пеши ӯ масъаларо тамом кунад. Зеро ӯ ба хубӣ медонист, ки агар кор ба пеши худи қозӣ равад, аз ду тараф хароҷоти бисёре шуда боз масъала муғлақ хоҳад монд.

Ибод мувофиқи фармоиши падараш аспро савор шуда қишлоқ ба қишлоқ ноиби қозиро ҷустуҷӯ карда, охир ӯро аз як мурдахона ёфт ва шабонгоҳ ба хонаи худ овард.

Имшаб ба хонаи арбоб Камол калоншавандагони деҳа – имом мулло Хокироҳ ва ноиби қозӣ мулло Мардихудо ҷамъ шуда маслиҳатҳо карданд ва зиёфатҳо хӯрданд. Дар бораи кори Одина чунин қарор доданд, ки пагоҳӣ Одинаро ба пеши масҷид меоранд. Ноиби қозӣ бандӣ карданашро амр фармуда ӯро метарсонад, сонӣ калоншавандагон миёнаравӣ карда корро ба ин тариқа сулҳ мекунанд, ки Одина то тамом шудани «ҳаққи» арбоб Камол ба ӯ хизмат карданро ба гардан гирифта аз забони худ хат медиҳад, хизматонаи ноибу муҳронаи қозиро ҳам аз Одина меситонанд.

Мувофиқи ин қарордод пагоҳии рӯз Одинаро талаб карда ба дари масҷид оварданд. Ҳамроҳи Одина Сангин ҳам, ки имрӯз барои хабаргирии аҳволи тӯй ба хонаи Одина омада

буд, омад. Лекин масали машҳури тоҷикон, ки мегӯянд: «ман омадам ба дилхушӣ, аз пеш баромад ғӯзакашӣ», дар бораи Сангин мувофиқ омад, ки ба нияти тӯй омада аз болои ҷанҷол баромад. Сангин чун аз моҷаро хабардор шуд, ба Одина гуфт:

– Хуб шуд, ки ман омадам, гумон меравад, ки ин нобакорон туро хеле ташвиш доданӣ ҳастанд, дар ин бора шояд ба ту ёрмандӣ расонда тавонам.

Сухан кӯтоҳ, Сангину Одина ба дари масҷид омада истоданд. Ноиби қозӣ мувофиқи сохтакории шабона Одинаро ба шиддат коҳиш кард, ӯро дузд, моли мардумхӯру гурезпо номида нафрин дод ва бандӣ карданашро амр фармуд.

Имоми деҳа чун шахси ислоҳкоре ба миёна даромада гуфт:

– Одина ба ҷаноби ноиб хизматонаи дуруст диҳад ва ба арбоб Камол ҳам хатти иқрорӣ[1] диҳад, ки то тамом шудани қарзаш аз хизмати ӯ гардан наметобад, ҷаноби ноиб ҳам аз гуноҳи гузаштаи ӯ даргузарад ва кӯтоҳиҳои ӯро ба бачагию камтаҷрибагиаш ҳамл намуда, муҳронаи ҷаноби шариатпаноҳро аз Одина гирифта корро тамом кунанд.

Ноиби қозӣ мулло Мардихудо:

– Не, намешавад! Магар мамлакат бе ҳоким аст? Ин гуна бачагони худсар бояд, ки ҷазои сахт бинанд, то ки ба дигарон ибрат шавад! – гуфта фарёд мезад.

Калоншавандагони деҳа гӯё ба имом ёрмандӣ карда савобдиди ӯро маслиҳат донистанд, хизматонаи ноиби қозиро ба як тӯб чит қарор доданд ва аз ноиб илтимос карданд, ки аз гуноҳи Одина даргузашта барои арбоб Камол аз забони ӯ хатти иқрорӣ бинависад ва барои муҳронаи қозӣ ҳам ҳар чӣ муносиб бинад, биситонад.

Сангин дид, ки кори Одина бад мешудагӣ барин. Чите, ки меравад, садақаи сар, танҳо душворӣ дар ин ҷост, ки Одина то охири умраш ба ғуломии арбоб Камол мемонд. Чорае андешида фаврӣ худро дар миёна андохту ноиби қозиро имое карда ба гӯшае бурд ва гуфт:

– Ҷаноби ноиб! Як тӯб чит ҳаққи ҳалоли шумост, ғайр аз

[1] **Хатти иқрорӣ** – хатти эътирофӣ; хатте ки, дар он ягон чиз эътироф карда мешавад; созишнома.

ин, як ҷуфт кафшу як рӯймоли фарангӣ ҳам аз Одина гирифта ба шумо медиҳам, коре кунед, ки Одина аз дасти арбоб Камол раҳоӣ ёбад.

– Ин кор душвор аст, – ноиб гуфт, – танҳо ба хотири ту як кор мекунам. Лекин бояд ба сари ваъдаат истодагӣ кунӣ, вагарна ҳамроҳи Одина туро ҳам бандӣ хоҳам кард.

– Худо якта, гап якта, хотирҷамъ бошед! – гуфта Сангин дили ноибро ба қасам пур кард.

Ноиб даррав аз забони Одина маҳзари[1] дафъӣ навишт. Назар ба ин маҳзар Одина ба даъвои арбоб Камол дафъ мегӯяд, ба ин тариқа, ки санади аз забони Бибиоша аз ҷониби Одина навишташударо Одина иддао мекунад, ки талбис аст. Ғайр аз ин худ аз Арбоб музди хизмати сесолаашро талаб мекунад. Арбоб Камол ба замми ин ки ба Одина сесола ҳаққи хизмат медиҳад, аз ҷиҳати талбискориаш гунаҳгор шумурда шуда ба ҷазои сахт мустаҳақ мешавад.

Ноиб маҳзарро ҳозир карда, ба пеши ҷамоат хонд, ҳама дар ҳайрат афтоданд, ноиб гуфт:

– Акнун масъала ранги дигар гирифт, бояд ман арбоб Камолро ҳам ҳамроҳи Одина ба қозихона бубарам, то дар миёнаи онҳо худи қозии ислом ҳукм намояд ва талбискории арбоб тафтиш карда шавад.

Арбоб Камолу калоншавандагон диданд, ки кор душвор шуд, миёни худ машварат карда қарор доданд, ки ҷанҷоли арбоб Камол ва Одина маҷҷонан ибро[2] шавад ва ҳар ду ҳам аз сари даъвои худ бе ҳеҷ даргузаранд, хизматонаи ноиб ва муҳронаи қозиро ҳам ҳарду баробар диҳанд. Мувофиқи ин қарордод аз арбоб як гӯсфанди чорӣ гирифта ба ноиб пешкаш карданд ва як тӯб читро ҳам аз хонаи Одина оварда ба ноиб доданд ва ба ӯ рӯй андохтанд, ки ҷанҷолро маҷҷонан ҳамин ҷо соф кунад. Ноиби қозӣ бо неву нестони бисёре «ба хотири

[1] **Маҳзар** – ҳуҷҷати адлиявӣ дар мамлакатҳои Шарқи мусулмонӣ ва Осиёи Миёнаи тоинқилобӣ. Ҳукм ва фармони қозӣ. Маҳзари дафъӣ санадест, ки ҷавобгар барои рад кардани даъвои даъвогар пешниҳод мекард.

[2] **Маҷҷонан ибро шудан** – муфт, бе сарфи маблағ ҳал шудани ин ё он масъала. Хатти иброӣ санаде, ки даъвогар «аз даъвоям гузаштам, дигар даъво надорам» гуфта медод.

имом ва калоншавандагон» розӣ шуда фотиҳа хонд ва хатти иброӣ навишта, ҳар ду тарафро ба гузаштан аз сари даъвоҳояшон иқрор кунонид, то ҳафтаи дигар хатро аз қозӣ муҳр кунонида, бо касе, ки гӯсфандро ба худаш мерасонад, дода фиристоданашро ваъда намуд.

Сангин ҳам, мувофиқи ваъдааш, кафшро бо рӯймол дар бағал гирифта истода буд. Вақте ки ноиб мехост ба асп савор шавад, бо баҳонаи доштани рикоб ва ёрмандӣ кардан ба савории ноиб наздик омада оҳиста онҳоро ба хӯрҷин андохт. Ноиб қамчинро аз дасти Сангин гирифта «умрат дароз бод, писарам» гуфта бо роҳи худ рафт.

Ҷанҷол тамом шуд. Лекин Одинаи бечораро чизе намонда буд, ки тӯй кунад; маркабе, ки аз Фарғона оварда буд, ба сабаби кӯфти роҳ чунон лоғар шуда аз кор баромада буд, ки дар кӯҳистон ӯро касе ба чизе намехарид. Барои ноншиканон кардан ҳам роҳ банд буд, зеро ба расми ноншиканон се–чор нафар калоншавандагонро зиёфат кардан ва ба онҳо якдонагӣ рӯймолча додан даркор буд. Барои ин хароҷот ҳеҷ набошад бист танга лозим буд ва ҳол он ки ӯ як танга ҳам надошт, ба пул мерафтагӣ чизаш ҳам намонда буд.

IV. МАШВАРАТИ САФАР

Одинаро чорае ҷуз ин набуд, ки дубора сари худро гирифта ба Фарғона биравад, чанд гоҳ дар он ҷо муздуриву ҳаммолӣ намояд, андаке нақдинаву кола посира карда бозгашта ба ватани худ ояд, тӯю тамошо карда Гулбибиро ба никоҳи худ дароварад ва бақияи умрашро, агарчи як рӯз аст, бо ҷононаи худ ба сар барад. Лекин ин матлабро ба Бибиоиша чӣ гуна фаҳмонда метавонист? Бибиоиша ба ҳеҷ ваҷҳ намехост, ки дигарбора ягона фарзанди азизи худро аз даст диҳад ва дувумбора худро ба даруни оташи хонумонсӯзи ҷонгудози ҳиҷрон андозад.

Баъд аз тамом шудани ҷанҷоли арбоб Камол шабе Одина бо модаркалони худ аз ҳар дар суҳбат мекард ва мехост, ки гапро ба болои сафари худ оварад. Чаро ки ин матлабро яку

якбора ба кушода гуфтан далерӣ наменамуд. Бинобар ин, аввал масъалаи тӯйро дар миён андохт ва аз модаркалони худ пурсид:

– Акнун ки ба дастамон чизе намонд, тӯйро чӣ гуна мекунем? Ва дар ин бора ту чӣ андеша дорӣ?

– Албата, бе чиз тӯй кардан мумкин нест, – гуфт Бибиоиша, – ҳозир сабр намудан даркор, Худо подшоҳ аст. Ҳар вақт дастрасо шавӣ, тӯй хоҳем кард.

– «Худо подшоҳ аст» гуфта нигоҳ карда нишастан кори бевазанона аст, – гуфт Одина, пулу чиз ҳеҷ гоҳ аз осмон ба дасти касе наафтодааст. Агар бекор таваккал карда нишинам, аз гуруснагӣ мемурем, чӣ ҷойи тӯй кардан. Магар ин ки ба мардум тӯй надода никоҳ кунем, баъд як зиндагӣ бошад, ҳар навъ карда мегузаронем.

Одина бо ин суханварӣ модаркалонашро аз як ҷойи бисёр нозук гирифта буд, зеро як кампири ҳафтодсолае, ки мӯяшро дар миёнаи расму одат сафед кардааст, ҳеҷ намехоҳад, ки одатҳои бобоӣ андаке кам шавад, чӣ ҷойи тамом барҳам задан.

Ба ҷавоби ин сухани Одина Бибиоиша гуфт:

– Не, бе тӯй ҳеҷ мумкин нест, ки никоҳ кунем. Дар ин сурат дар миёнаи мардум чӣ гуна сар бардошта мегардем, оё намегӯянд, ки чун қудрати як пуд биринҷ пухтан надоштед, чаро ҳаваси зан гирифтану келин фуровардан кардед? Агар аз сухани мардум чашм пӯшем ҳам, тӯй накардан мумкин нест, зеро худи ман дар дил орзуҳову ҳавасҳо дорам, мехоҳам, ки ба тӯй мардумро хабар карда оварда, ошу нон кашам, соҳиби келин шуданамро ба дӯсту душман нишон диҳам. Имрӯз фарзанди ман яке аст, орзуям ҳам яке аст, он орзу ҳам ин аст, ки тӯю тамошои фарзандамро ба чашми худ бинам ва орзуи чандинсолаамро шиканам…

– Ин тавр бошад, мо дар ин дунё рӯйи туро нахоҳем дид, – гуфт Одина, – зеро тӯй бе пул намешавад ва одами бекор пул нахоҳад ёфт. Дар ин сурат аз хаёли тӯй, орзуву ҳавас гузаштан даркор, ту нияти келинфурориро, ман фикри зангириро аз дил баровардан лозим.

– Ман туро бекор нишин намегӯям, – гуфт Бибиоиша, – ба

хизмати касе даромада кор кун, музд гир, дар ин сурат ҳам нафақаи ҳаррӯзаамон мерасад, ҳам тӯят саранҷом меёбад.

Одина суханро ба сари матлаб оварда буд. Худи модаркалонаш ӯро ба кардани хизмати касе супориш мекард, акнун мумкин буд, ки бо як муқаддимаи дигар матлабро ошкор дар миён орад. Бинобар ин қадре хомӯш истода сухан сар кард ва гуфт:

– Ман аз хизмат кардан гардан наметобам, агар хизмат ёфт шавад, ҳозир медароям, аммо ба хизмати кӣ? Дар куҷо? Дар ин ватани мо, ки аз дастбурди ҳокимони золиму қозиёни хунхори амири Бухоро чун хонаи ҷуғз вайрона шудааст, дар ин ватани мо, ки аз зӯроварии амалдорони танхоҳдор ва муллоёни гӯшгир[1] харобазор шудааст, дар ин ватани мо, ки аз ҷабру зулми монанди арбоб Камол боёни ғаддор зиндони муздурону ранҷбарон гардидааст, чӣ гуна кор ёфт мешавад, ки ҳам ба сабаби ӯ рӯзгор гузарад ва ҳам тӯй саранҷом ёбад?[2]

Магар воқеаи хизматгории ман ва таъддии арбоб Камолро фаромӯш кардӣ? Агар дар болои ин ҳодиса ба дастам як тӯб читу як ҷуфт кафшу рӯймоли аз Фарғона овардаам намебуд, ман аз сари нав ба ғуломии арбоб гирифтор мешудам. Боз ҳам чорае ҷуз ин нест, ки ба Фарғона сафар кунам, дар он ҷо чанд гоҳе ҳаммоливу муздурӣ намоям, то ки маблағе ба даст оварда амри хайри худро пеш гирам ва туро ҳам ба орзуят расонам. Хуб, агар ту розӣ шавӣ, бе чизе тӯй мекунам, яъне никоҳи бе тӯй менамоям.

---

[1] Дар вақти амири Бухоро қитъа – қитъа заминҳоро ба сипоҳиёну амалдорони калон танхоҳ карда медоданд. Деҳқонони коранда ба қути лоямут ё соҳиб мешуданд ё не. Аммо танхоҳдор тамоми ҳосилро мебурд. Дар шарқи Бухоро дар вақти амир қоида чун буд, ки ба муллоёну эшонони номдор қӯш-қӯш замин бахшида мешуд. Ин муфтхӯрон низ монанди танхоҳдорон ҳамаи ҳосилро ғундошта мегирифтанд ва ба деҳқонони коранда аз гов ғудуде медоданд (шарҳи нависанда).

[2] Дар ҷумлаи «чӣ гуна кор ёфт мешавад, ки ҳам ба сабаби ӯ рӯзгор гузарад ва ҳам тӯй саранҷом ёбад?» таркиби **ба сабаби ӯ**, ки баъдтар ба ҷумла илова кардааст, саҳван баъди пайвандаки **ҳам** омада, услуби баёнро халалдор намудааст. Мантиқи гуфтор талаб дорад, ки таркиби мазкур пеш аз пайвандаки **ҳам** ояд.

Бибиоиша ба никоҳи бе тӯй розӣ шуда наметавонист, ба далелҳои Одина ҷавоб ҳам ёфта натавонист, ночор ба ин фикр омад, ки худаш ва Гулбибиро ҳам бо ҳамроҳи худ ба Фарғона кӯчонад, то ки дубора ба доғи ҷудоӣ ва балои бекасӣ гирифтор наоянд. Бибиоиша ба ҳамин мулоҳиза ба Одина гуфт:

– Модоме ки аз сафар гузир нест, маро ва ин духтари ятимаро дар ин вайрона танҳо магузор, моро ҳам ҳамроҳи худ аз ин диёр бардор!

Ин маслиҳат ба Одина ҳам маъқул афтод, бинобар ин, маркаберо, ки аз Фарғона саворӣ карда оварда буд, парвариш намудан гирифт. Мақсадаш ин буд, ки дар роҳ ду занро ба навбат ба маркаб савор мекунонад ва худаш пиёда меравад. Лекин ҳамроҳи як духтари қадрасидаи соҳибҷамол ба як роҳи хатарноки пурмалол бе як мардинаи дигар баромадан аз маслиҳат набуд. Бинобар ин, пеши Сангин рафту хаёли худро ба вай изҳор карда гуфт:

– Агар ту ҳам фикри сафар дошта бошӣ, бо зудӣ тайёрӣ бин, то ки аз ҳар гуна хатар эмин шуда, ҳар ду якҷоя ба роҳ бароем.

– Ман ҳам то як ҳафта ба сафар ҳозир мешавам, – гуфт Сангин. – Лекин хаёли бурдани модаркалону фотиҳахондатро аз сар бадар кун, зеро ҳокими вилоят ба ин кор ба ҳеҷ ваҷҳ розӣ нахоҳад шуд. Ман ҳам чанд сол пеш аз ин хостам модарамро ҳамроҳи худ бубарам ва дигар бор рӯйи золимони ин диёрро набинам, ризо надода буданд. Ҳатто боре Бухоро рафта аз калонон ба номи ҳоким хатти илтимосӣ овардам ва илтиҷо намудам, ки рухсат диҳад, модари кампирамро ҳамроҳи худ бубарам. Ҳоким қабул накард ва гуфт: дигарбора пайи ин кор ҷустуҷӯ кунӣ, туро ба зиндон хоҳам андохт.

– Во аҷабо! – гуфт Одина, – сабаб чист, ки инҳо ба сафари занон рухсат намедиҳанд?

Сангин баъд аз хандидан:

– Додарҷон, ту ҳанӯз тифлӣ, таҷриба надидаӣ ва ҳокимони вилояти худро намешиносӣ, бинобар ин, тааҷҷубҳои беҷо мекунӣ. Гумон мабар, ки ҳокимони мо содаанд ва бе сабабе ҳукме бароварда мардумро ташвиш медиҳанд. Не, ин тавр нест! Ҳокимон манфиати худашонро хуб медонанд ва дар зе-

ри ин қоида, ки хонаводаи муздуронро ба баромадан аз вилоят рухсат намедиҳанд, барои онҳо манфиатҳо ҳаст. Ба ту равшан бигӯям: вақте ки мо ва дигар муздурон аз Фарғона баромада ба сарҳади Қаротегин расидем, чӣ миқдор молу нақдинаро закотчиён гирифтанд?

– Миқдорашро намедонам, – гуфт Одина, – ин қадараш маълум аст, ки хеле бисёр буд.

– Чит, чой, қанду кафши ту куҷо шуд? – пурсид Сангин.

– Ба коми наҳанг рафт.

– Пас, агар ҳоким рухсат бидиҳад, ки ту хонаводаатро ҳамроҳи худ аз ин ҷо бубарӣ, бозгашта ба ин диёр хоҳӣ омад?

– Не, ҳаргиз ёди ин вайронаи зулмободро нахоҳам кард.

– Бинобар ин, ҳоким ба кӯчонидани хонавода рухсат намедиҳад[1],– гуфт Сангин,– ба ин восита ҳар сол аз муздурони мусофири Фарғона ва дигар ҷойҳо танга фоида мегирад. Агар ба кӯчонидани хонавода рухсат диҳад, ҳеҷ муздуре дигарбора ба ин ҷо нахоҳад омад. Албатта, дар ин сурат кисаи ҳоким, қозӣ, раис ва одамони онҳо холӣ ва косаашон хушк хоҳад монд.

Ҳар чӣ мекунӣ, бикун ва модаркалони худро розӣ намо, ҳафтаи оянда сафар хоҳем кард.

V. САФАР ВА ҶУДОЙ

Одина аз пеши Сангин ба хонаи худ баргашт, лекин бо як олам маъюсиву ноумедӣ баргашт. Зеро вақте ки ҳамроҳи худ бурдани модаркалонаш ва фотиҳахондаашро муқаррар карда буд, дилаш аз ғояти шодиву хуррамӣ чун хуми шароб меҷӯшид. Дарвоқеъ, он хаёл хаёли басе ширин буд, агар он гуна сафар муяссар мешуд, Одина на танҳо худ аз ин зулмобод халос мешуд, балки як тариқа халос мешуд, ки модаркалони меҳрубонаш ҳамсафар ва ороми ҷонаш дар бар…

[1] Чунончи, аз ҷавонбухориён рафиқ Зиёуддинзода дар хонаи худ як хизматгори тоҷик дошт. Вай хост, ки хонаводаашро аз Қаротегин кӯчонад. Ҳокими он ҷо рухсат надод. Ҳатто Зиёуддинзода аз қушбегӣ ва қозикалон ҳам хат гирифта дод. Бо вуҷуди ин ҳоким розӣ нашуд (шарҳи адиб).

Ҳоло чӣ?.. Ҳоло сафар мекунад бо ҳамроҳии як корвони андуҳ ва кадар; бо дили бирён, синаи сӯзон ва чашми тар, ба ҳолате ки чӣ шудани оқибаташ низ маълум нест; оё ба саломатӣ баргашта, боздиди модаркалон ва ёри меҳрубонаш муяссар мешавад ё не? Мушкилтар ин буд, ки ба ҳуҷуми андуҳу аламе, ки дар вақти видои бозмондагонаш табиист, ба худ бардошту таҳаммул намедид.

Одина бо ҳамин гуна андешаву васвасаҳо ба хонаи худ расид. Аввал аз ҳар тараф суханҳо гуфта, пас аз он ба модаркалони худ фикри Сангинро дар бораи сафари ӯ ва Гулбибӣ фаҳмонид.

Бечора Бибиоиша аз ин хабари навмедии шум ба андозае дар изтироб афтод, гӯё дар ҳолати назъ буд, ки ҷон медод. Чун мори сарбурида ё монанди мӯйи оташдида ба худ мепечид. Оре, навмедии ногаҳонӣ пас аз умедвории бисёр ва барҳам хӯрдани орзуҳо ба якборагӣ пас аз ҷазм кардани вуқӯи он бағоят даҳшатнок ва токатгудоз мешавад.

Бибиоиша баъд аз он ки соате фарёду фиғон кард ва соате беҳуш афтод, чашми худро боз карда, бо як нигоҳи пурҳасрат ва аламноке ба рӯйи Одина нигарист.

Одина гуфт:

– Модарҷон, чорае нест ҷуз ин ки бояд дар ин ду–се рӯз ҳамроҳи Сангин сафар кунам, ба умеде, ки ба зудӣ бозгардам ва дар айёми пирӣ ва нотавониат ба хизматат бошам. Ҳоло гиря ва нола фоида надорад, ҳар қадар ки фарёду фиғон мебардорӣ, дили моро, ки худаш об шудааст, хун мекунӣ, дар ин сурат метарсам, ки маро бемор карда ба сафар гусел кунӣ. Он беҳ, ки сабру бардоштро пеша намоӣ, чоку пораҳои либоси маро дӯзӣ ва маро бо дили сафеду синаи пурумед фотиҳа диҳӣ, ки дар ин сафар аз хатарҳо эмин монам.

Акнун, ки аз сафар ва ҷудоӣ гузир нест, бубахшо, як орзуи худамро маълум кунам: худ медонӣ, ки ман туро фаромӯш нахоҳам кард ва ту ҳам маро фаромӯш намекунӣ, лекин ин басанда нест. Орзуи ман ин аст, ки танҳо маро ёд накунӣ, балки бо ёди ман Гулбибии ятимаро дилшоду хушвақт нигоҳ дорӣ…

Одинаро ин супориш, ки ба модаркалони худ дар бораи Гулбибӣ кард, дар зери обу арақи шарму ҳаё андохт. Лекин чӣ бояд кард? Ба зудӣ аз ин ҷо сафар хоҳад намуд, ба ҳолате ки намедонад баъд аз ӯ аз сари дилдодааш чиҳо хоҳад гузашт? Ва касе ҳам надорад, ки ба ҷойи ӯ ғамхору парастори ин бечора (яъне Гулбибӣ) бошад. Баъд аз ин касе, ки ӯро ҳимояту нигаҳбонӣ мекунад, танҳо ҳамин кампири мафлук (Бибиоиша) асту бас. Агар ба ин ҳам дар бораи ӯ супориш накунад, гӯё ки ӯро фаромӯш кардааст, бинобар ин, шарму ҳаёро як тараф ниҳода, орзуи худро изҳор намуд.

Рӯзи сафар даррасид. То имрӯз чоку пораҳои пӯшокиҳои дарида ва куҳнаи Одина дӯхта шуд, барои сафар қадре талқону нони қоқ ҳам тайёр гардид. Дар сари ваъда Сангин ҳам омад. Қурутоберо, ки Бибиоиша махсусан барои ҳамин рӯз бо равғани зард пухта буд, бо ҳам хӯрданд, хӯрҷину коларо ба маркаб бор карданд. Одинаро Бибиоиша дар бағал кашид, аммо бечораро қуввати он набуд, ки сухане гӯяд, танҳо аз дидаи хунбор ашкаш шашқатор мерехту бас.

Сангин дар кӯча ба таги дарвоза соате мунтазир истод ва дид, ки аз Одина асар нест, ночор фарёд баровард, ки «зуд бош, агар дер монем, имшаб ба манзил намерасем ва аз корвоне, ки имрӯз омодаву озими Фарғона аст, бозмемонем».

Оқибат Одина худро аз оғӯши Бибиоиша ба зӯр кашида ва даст ба ҳаво бардошта илтимоси фотиҳа намуд. Бибиоиша ҳам дастҳои ларзони худро кушода дошта барои Одина роҳи сафед, бахту давлат, умру саодат, хайру баракат, сафари бехатар… ва боз чизи бисёреро талаб намуд. Одина ҳарчанд мунтазир шуд, ҳеҷ нест, ки ин дуои дуру дароз тамом шавад, охир дасти худро ба рӯ кашида «хайр, хӯш, то дидан, саломат бошетон!» гӯён аз дар баромад. Лекин танҳо Одина аз дар набаромад, балки ҳамроҳи он гӯё ки ҷон аз тани фарсудаи Бибиоиша низ баромад. Бибиоишаи бечора монанди касе, ки ногаҳонӣ вафот кунад, ба замин афтод ва Одина бо Сангин маркаби худро савор шуда, ба роҳ даромаданд.

Гулбибӣ чӣ шуд? Ҳолатеро, ки дар он ду–се рӯз ба Гулбибӣ рӯй дод, ба ҳеҷ ваҷҳ қалам тасвир карда наметавонад. Гулбибӣ як ғунчаи ношукуфтае буд, ки умеди як олам шу-

куфтанҳо дар дил дошт, ба ҳавои ҳамсафарии ёри меҳрубонаш шукуфт, танҳо бо боди хазони навмедӣ, ки аз ин сафар рӯй дод, дар ҳолати навшукуфтагӣ пажмурд ва ба замини хорӣ рехт! Оре, Гулбибӣ ғунчае буд, ки дар як лаҳза ҳам баҳорро дид, ҳам хазонро, ҳам шукуфт ва ҳам пажмурд.

Одинаву Сангин роҳ мерафтанд. Аммо Одина ба таъсири ҳолате, ки аз видои бозмондагонаш рӯй дода буд, қуввати сухан гуфтан надошт, ҳатто гуфта мешавад, ки ҳуш ҳам надошт. Бо таъсири ин аҳволи Одина Сангин ҳам хомӯш монда буд. Ба ҳамин тарз, ҳар ду монанди ду девонаи бо ҳам дӯстшуда хомӯшона роҳ мерафтанд. Баъд аз соате роҳ рафтан нахустин Сангин бо хондани нақше ин суҳбати хомӯшонаро барҳам зад. Ҳар садову нолае, ки аз гулуи Сангин мебаромад, гӯё аҳволи пурмалоли Одинаро тарҷума мекард. Хусусан дар ин банд:

Ин чӣ дашти бекасӣ,
Ин ҷо намебинам касе.
Эй хаёли ёри ман,
Шояд ба фарёдам расӣ!
Гар ба фарёдам расӣ,
Ман зинда мемонам басе,
В–арна дар рӯйи замин,
Гардам намеёбад касе. –

Сангин овози худро аз хаспарда бароварда ба қуллаи кӯҳ мерасонид. Дигар Одинаро тобу тавон намонд ва садои гиряолуди худро баланд карда, дар ин нолаи ҷонхарош ба Сангин ҳамовоз шуд, баъд аз ин ҳар байт дар вақти акс бо гиря ва ҳангоми авҷ бо нола ба ӯ ҳамроҳӣ мекард. То вақте ки Сангин сурудро ба охир расонид, Одина ҳам ба нолаву гиряи паёпай дили худро қадре холӣ намуда, ба худ қуввати сурудгӯиву нақшхонӣ пайдо карда буд ва бо сӯзу гудозе, ки дили Сангин, ҳатто дили санги кӯҳро ҳам об мекард, ба хондани ин ғазал сар кард:

Фиғон аз ғаму дарду доғи ҷудоӣ,
Ки з–ӯ шуд ба сад меҳнатам ошноӣ.
Ҷудоӣ зи ҳар чиз мумкин бувад, лек
Киро ҳаст ёрои аз ҷон ҷудоӣ.

Зи ҷонон ҷудо кас чӣ сон зинда монад?
Зи ҷонон ҷудоист аз ҷон ҷудоӣ.
Ҷудоӣ ба ҳар ҳол мушкил, хусусан
Зи ҷонон ҷудоӣ пас ошноӣ.
Ба васлу ба ҳаҷр аз ту осудагӣ нест,
Ту эй ишқ, бар ҷони ман як балоӣ!
Ту, эй васл, нағзӣ, вале бесаботӣ!
Ту, эй ҳаҷр дардӣ, вале бедавоӣ!
Ба водии андуҳ саргашта гаштам,
Ту, эй роҳбари хуррамӣ, дар куҷоӣ?
Ҳамин аст фарёди ман то ба мурдан:
Фиғон аз ҷудоӣ, фиғон аз ҷудоӣ!

Мо аз тафсили ин сафар, ки саросар пурмалолу андуҳовар буд, сарфи назар менамоем, ҳамин қадар мегӯем: баъд аз чанд рӯзе, ки Одинаву Сангин дар кӯҳистон ва биёбон сурудгӯиву фироқномахонӣ карданд, ба Андиҷон расиданд ва маркабҳои худро ба сарой баста, худ ба коргоҳи пахта, ки порсол дар он ҷо кор карда буданд, рафтанд. Қурбоналии пудратчиро дида, худро ба хидмат нависонданд. Фасли пахта ва мавсими кори зовуд ҳам расида буд. Қурбоналӣ аз онҳо ваъда гирифт, ки рӯзи якуми моҳи сентябр, ки расми кушоди зовуд мебошад, ҳозир шаванд, вагарна ба ҷояшон мардикори дигар гирифта мешавад.

Одинаву Сангин маркабҳои худро фурӯхта, рӯзе чанд ба диду боздиди ошноҳову ҳамватанонашон рӯз гузаронида, ба рӯзи ваъда ба сари хизмат ҳозир шуданд.

VI. ТАБОБАТ БО «УСУЛИ ЮНОНӢ»

Маълум аст, ки Одина дар солҳои гузашта дар хизмати зовуд хеле азият кашида буд, дар ин ҷо ғайр аз ин ки моҳонаи басанда ва хӯроки сериро намедид, ҷойи хоби дурусте ҳам надошт. Бо ин ҳама меҳнату машаққат рӯйи кушода ва забони хуше аз корфармоён надида буд. Бинобар ин сабабҳо Одина ба худ муқаррар карда буд, ки баъд аз ин

ба зовуд кор накунад ва барои худ кори дигаре пайдо намояд. Аммо аз он ҷойе, ки инқилоби Феврал воқеъ шуда, забони бадгӯии хӯҷаинонро баста ва гардани такаббурашонро қадре шикаста буд, Одина гумон мекард, ки баъд аз ин дар зовуд ҳар кор мувофиқи манфиати коргарон шуда, хурсандӣ ва осоиш пайдо хоҳад шуд.

Одина дар ин гумони худ ҳақ дошт, зеро он ҳама намоишҳо, шодиёнаҳо, пойкӯбиҳо ва кафзаниҳо, ки дар рӯзҳои инқилоби Феврал аз оммаи мардум сар зада буд, ҳар касро ба ҳамин гумон меандохт. Ва ҳол он ки ин гумони хушку холӣ буд. Зеро, агарчи пошоҳ аз сари кор рафта буд, дигар арбоби истибдоду аркони ҳукумати сармоядорӣ мисли аввал побарҷо буданд. Ҳамчуноне ки дар замони подшоҳ хукумат бо ишорати сармоядорон, заминдорони калон ва соҳибони зовуду корхонаҳо ҳаракат мекард, ҳамчунин баъд аз инқилоби Феврал ҳам ҳокими ҳақиқӣ сармоя ва сарват буд. Вақте ки ҳокими мамлакат сармоядорон ва ҳар кор ба ихтиёри онҳо бошад, манфиати коргарон, ки бар зидди онҳо аст, чаро ба вуҷуд ояд?.. Ва чаро сармоядорон ба ихтиёри худ ва бо дасти худ кисаи худро холӣ карда, шиками гуруснаи муздуронро пур кунанд?!.. Албатта, роҳбарони коргароне, ки ба ҷамъиятҳои ҷогоҳӣ аъзо буданд, ин гапҳоро хуб медонистанд ва дар роҳи рондани сармоядорон ва гирифтани кор ба дасти худ кӯшиш мекарданд. Аммо монанди Одинаи мо касоне, ки саводи сиёсӣ он тараф истад, ҳатто саводи муқаррарӣ ҳам надоштанд, ба ин нозукиҳо пай намебурданд.

Хулосаи калом, Одина ба умедвории бисёре дубора ба зовуд даромад, лекин пас аз ду-се рӯз дид, ки гирудори хӯҷаин, кордории корфармоён ва хорию зории коргарон айнан монанди порсолаву перорсола аст, танҳо номҳо, лақабҳо ва унвонҳо дигар шудаанд. Чунончи, барои коргарон кумита барпо шудааст, вале раиси кумита, ба иборати дигар ҳокими мутлақи коргарон, боз ҳамон Қурбоналии пудратчӣ аст, хӯҷаин ҳамон хӯҷаини порсолааст, танҳо тафовут дар ин ҷо аст, ки агар ба ӯ ариза доданӣ шаванд, монанди пештара «ҷаноби хӯҷаин» гуфта наменависанд, балки ин шахсро ба унвони «ҳамватани муҳтарам» («почтенный гражданин») гуфта ёд

мекунанд[1] ва дигар корҳо ҳам ба ҳамин қиёс мисли собиқ аст.

Вақте ки Одина аз хонааш баромад, аз ягона матлубаш, ки Гулбибӣ аст, ҷудо шуда баромада буд. Танҳо ба Фарғона рафта дар зовуд ба осудагӣ ва бо манфиати хуб кор кардан, чизҳои даркории тӯйро тайёр намудан, пас аз он ба ватани худ бозгашта ва ба маҳбубаи дилором расидан чун офтоби бегоҳии лаби бом ё монанди шамъи боқимондаи саҳаргоҳӣ ба торикиҳои навмедиаш нимрӯшонии умедворӣ медод. Вақте ки аҳволи зовудро ба тарзе ки дар боло навишта шуд, дида аз ин умедаш ҳам маъюс шуд, ба аъзояш сустӣ ва ба дилаш мурдагӣ рӯй дода, ба беморӣ афтод.

Рӯзи дувуми бемориаш Қурбоналии пудратчӣ аз номи кумитаи коргарони мусулмони зовуд[2] ӯро аз хизмат озод карда аз зовуд бароварда. Табиӣ, бо дидани ин муомилаи нобаҳангоми золимона, ки ҳаргиз чашми ин надошт, бемориаш сахттар шуд. Пас аз баромадан аз зовуд бо роҳбарии Сангин ба ҳуҷраи яке аз тоҷикон, ки ба саройе саройбонӣ мекард, рафта чанд рӯзе хобид, аммо рӯз ба рӯз ҳолаш табоҳтару касалиаш вазнинтар мешуд.

Саройбон дилсӯзӣ карда як дуохонро, ки худ ба вай ихлос дошт, ёфта оварда Одинаро чанд навбат ба ӯ хононд. Албатта нафъе дида нашуд. Пас аз он яке аз табибони маҳаллиро оварда, Одинаро ба вай нишон доданӣ шуд.

Табиб: «бисмилло, бисмилло» гӯён ба ҳуҷраи саройбон даромада, дар пешгоҳ нишаста, як дуои дуру дарозе хонда, даст ба рӯй кашид ва пас аз он ба саройбон нигоҳ карда:

– Канӣ, ука, чӣ хизмат? – гуфта пурсид.

---

[1] Дар ҷумлаи «ин шахсро ба унвони «гражданини муҳтарам» («почтенный гражданин») гуфта ёд мекунанд» мантиқ костааст. Чи хеле ки аз дастхат мебарояд, нависанда баъдтар ба ҷумла таркиби «ба унвони»-ро ҳамроҳ карда, мувофиқан аз ҷумла хат задани калимаи «гуфта»-ро фаромӯш кардааст.

[2] Баъз аз инқилоби Феврал, ҳатто дар аввалҳои инқилоби Октябр ҳам дар Туркистон ин одат буд, ки ҳар ҷо кумитаи коргарон ё иттифоқи касаба барпо шавад, мусулмонон дигар ва аврупоиён дигар кумита ташкил медоданд. Ба ин ҷиҳат дар миён зиддияти миллӣ меафтод ва инчунин ду тоифа аз ёрмандии якдигар маҳрум мемонданд. Аммо дар солҳои сонӣ ин одат барҳам хӯрд ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ байналмилалӣ шуданд.

Саройбон Одинаи дар он ҷо хобидаро ба табиб нишон дода:

– Ин бародарамон, – гуфт, – чанд рӯз аст, ки бемор шудааст, як дуохон оварда хондам, фоидааш маълум нашуд. Акнун умеди мо аввал ба Худо, дувум ба шумо монд, шояд ба шарофати қадами шумо саломат ёбад. Худаш як ҷавони мусофири бекас аст; ҳар хизмат бошад, ман мекунам; ҷони ҷавон дорад, саломат ёбад, ба ман савобаш мерасад.

– Дуохонӣ ҳам, – гуфт табиб, – аз дасти худамон меояд, шумо пулро беҳуда бегона кардед; дуохонҳои ин замона ҳама бесаводу нодонанд; дуоҳои ба тахта кандашударо монанди муҳри читгарӣ[1] ба коғазпораҳо пахш карда медиҳанд; ба болои ин пир надоранд, устоз надоранд ва лоҷарам дуоҳояшон нафъ намекунанд.

Мо бошем, шукр, алҳамдулиллоҳ,[2] хат дорем, савод дорем: аз падари марҳумамон эшони Ҳакими Калон фотиҳа ҳам гирифтем. Раҳматӣ дар бозгашти сафари ҳаҷ ба Кашмир[3] ном шаҳр расида, аз дуохонони он ҷо, ки ҳама валиюллоҳ[4] буданд, дуоҳоро омӯхта, ба нисобаш расонда,[5] фотиҳа гирифтаанд. Аз он ҷо як китоби дуо ҳам оварда буданд, ки дар вақти аз дунё чашм пӯшиданашон ба ман доданд…

Саройбон аз шунидани ин муноқиби дуру дароз ба ҷон омада, сухани табибро бурида гуфт:

– Хуб, тақсир! Акнун марҳамат карда беморро бинед.

Табиб дасти худро ба тарафи саройбон дароз карда:

– Канӣ, дастонатонро деҳед, «назм»[6]-атонро бинам, – гуфт.

– Не, тақсир, ман бемор нестам, ана ин укаам бемор аст, – гуфта дубора Одинаро ба табиб нишон дод.

---

[1] **Муҳри читгарӣ** – қолабҳои махсуси гулпартоӣ, ки пештар ба воситаи он матоъро пардоз медоданд.

[2] **Алҳамдулиллоҳ** – ҳамду сано ба Худо, шукр Худоро.

[3] **Кашмир** – вилояте дар Осиёи Марказӣ дар байни кӯҳҳои Ҳимолой ва Тибет, ки ба сифати штат ба ҳайати Ҳиндустон дохил мешавад.

[4] **Валиюллоҳ** – маънои валии Оллоҳ, аз наздикон ва содиқони Худоро дорад.

[5] **Нисоб** –ҳадди охир, дараҷаи олии чизе, ба нисобаш расондан – ба дараҷаи олӣ бурда ба анҷом расондани ин ё он кор.

[6] Набз гуфтан мехост (шарҳи нависанда).

Табиб «хуб, хуб» гӯён банди дасти Одинаро ба дасти худ гирифта, қабза карда, монанди шайхоне, ки ба мурақаба[1] мерафта бошанд, чашми худро пӯшида, сари худро хам карда, пас аз фурсате чашми худро кушода, дасти Одинаро сар дода, ду дасти худро ба рӯ кашида, бо як ҷазму боварӣ, ки гӯё ҳамаи дардҳои дарунӣ ва берунии беморро фаҳмида гирифта бошад, гуфт:

– Ҳеҷ боке нест. Ба ин бача ҳеҷ бемории хавфноке рӯ надодааст, танҳо меъдааш гирифт карда ба бандҳои устухонаш андаке бод пайдо шудааст. Аз рӯйи нишондоди илми Луқмони Ҳаким як миқдор доруи дарунронӣ хӯронем, беҳ мешавад.

Саройбон ба табиб ду танга «ҳаққи қадам» гӯён ва ду танга пул барои дору дода, зудтар тайёр карда овардани даворо аз вай хоҳиш кард.

Табиб боз як бори дигар дар ҳаққи бемору саройбон дуо карда баромада рафт ва пас аз соате як коса барин доруи обакии ширгарми бадмазаро оварда «бисмилло, бисмилло» гӯён ба Одина хӯронид ва худ ҳам барои ёрӣ додан ба амали доруи худ тасбеҳашро ба даст гирифта пичир–пичир карда, тасбеҳ гардонида дар он ҷо нишаст.

Тахминан пас аз як соат ба бемор печиши шикам рӯй дода тақозо шуд, бемор бо ёрмандии саройбон ба хало рафта омадан гирифт. Ҳар боре, ки Одина ба хало рафта меомад, табиб:

– Даҳяки иллатҳо рафт, нуҳяки иллатҳо рафт, ҳаштяки иллатҳо рафт…– гӯён хурсандӣ мекард ва ба хурсанд кардани саройбону бемор ҳам кӯшиш менамуд. Агарчи саройбон суханҳои табибро бовар карда хурсандӣ мекарда бошад ҳам, Одинаро маҷоли худро хурсанд нишон додан намонда буд. Рафта–рафта печиши шикам шиддат кард ва бемор дар хало истода фарёдҳои дилхарош мекашид, табиб аз пичир–пичир дуо хондани худ фоидае надида, дуохониро баланд карда ва

[1] **Мурақаба** – сархам нишаста ба дунёи хаёлоти рӯҳию динӣ фурӯ рафтан; вазъиятест, ки рӯҳониён сари худро ба тарафи дилашон хам карда, гӯё ба дили худ нигоҳ карда хомӯшона ибодат мекунанд.

дар ҳар сари банди дуо «ё шофӣ, ё кофӣ»[1] гӯён даст ба рӯ мемолид.

Оқибат бемор дар хало бодҳои баланд шикастан гирифт, табиб ҳам ин ҳолро аз таъсири дуои худ дониста:

– Ё мурсилларриёҳ! (эй фиристонандаи бодҳо!) – гӯён ба дуохонии худ шиддат медод ва «кушоиш» шуд гуфта хурсандӣ мекард.

Магар ба даруни Одина ғайр аз рӯдаҳои озурда дигар чизе намонда буд, ки амали дору ва печиши шикам бозистод ва табиб ҳам:

– Ҳамаи иллатҳо бартараф шуд, боз фардо омада хабар мегирам, – гӯён баромада рафт. Аммо дар Одина маҷоли ҷунбидан намонда буд ва иштиҳо ҳам надошт. Аз шӯрбои гӯшти гардани гӯсфанд, ки саройбон бо фармуди табиб пухта буд, қадре хӯрда бошад ҳам, фаври қай кард ва аз бемадорӣ монанди мурдае афтода хобид; ғайр аз сулфае, ки гоҳ-гоҳ мекард, дигар асари ҳаёт нишон намедод.

Баъд аз ин ҳаққи қадами табиб ба як танга ва пули доруяш ҳам ба як танга фуромада бошад ҳам, то як ҳафта ҳар рӯз як бор омада хабар мегирифт ва дар омадан ба бемор монанди маъҷуни турбут,[2] ҷавориши зира, гулқанд, шарбати бунафша, шарбати нилуфар, ягон маъҷун ё шарбате оварда ба бемор хӯронида мерафт.[3]

Оқибат табиб монанди доруҳои худ ҳам ба дили бемор ва ҳам ба дили саройбон зад. Бемор бошад, рӯз то рӯз сусттару бемадортар мешуд, ниҳоят ин хароҷоти беҳосил ба ҷони саройбон расонда ба табиб гуфт:

– Дору, даво як сабаб аст, агар умраш боқӣ бошад, бо

---

[1] **Ё шофӣ, ё кофӣ** – шифодиҳанда ва кифояткунанда. Тавсифҳои Худо.

[2] **Маъҷун** – омехтаи чанд модда. Хамираи хӯрданӣ, ки аз чанд даво ба асал ё шакар пухта шудааст (чун гулқанд, ҷаворишҳо…) Маъҷуни турбут – мумкин, нависанда давои аз турб тайёр шударо дар назар дошта бошад.

[3] Дар ҷумлаи «Дар омадан ба бемор монанди маъҷуни турбут… ягон маъҷун ё шарбате оварда ба бемор хӯронида мерафт» аз набудани калимаи ҳар (дар ҳар одам) ва такрори бемавқеи таркиби ба бемор услуби баён халал ёфтааст. Ба сабаби набудани маъхаз тағйири ҷумла салоҳ дониста нашуд.

ҳамин қадарҳо сиҳат меёбад, бисёр хизмат карда музди кам гирифтед, саломат бошед, баъд аз ин наоед ҳам мешавад.

– Хуб-хуб, – гуфт табиб, – боз ба дили шумо аз ваҷҳи доруҳои ман ягон шак наафтода бошад, агар шаккокӣ кунед, ба ҷойи нафъ зарар мерасад. Доруҳои дарунрониро, ки ман додам, «санои макка»[1] мегӯянд, ки вайро падари марҳумамон эшони Ҳакими Калон дар сафари ҳаҷ аз Маккатулло[2] ба дасти худ чида овардаанд, маъҷун ва шарбатҳои мо аз гиёҳҳоеанд, ки падари марҳум дар бозгаши сафари ҳаҷ ба Ҳиндустон ном шаҳр расида, аз Сарандеб[3] ном мазоре, ки қабри ҳазрати Одам[4] дар он ҷост, гирифта овардаанд. Сулаймоншайхи афғон ҳам ҳамеша маъҷуну шарбатҳои маро кор мефармоянд. Сулаймоншайх[5] одами хурдтарак нестанд. Ин шахс сайри сулук[6] карда ба мартабаи кашфи[7] қубур расидаанд. Тартиби табобати мо ҳам бо усули юнонӣ аст, ки пешвоёни мо Луқмони ҳаким ва шогирдони он шахс Афлотуни ҳаким ва Суқроти ҳакиманд,[8] инҳо ҳама мусулмонони пок буда, илми ҳикматро

---

[1] **Санои макка (сано)** – аз ҷинси гиёҳ, бутта ва дарахтони хурд, ки мисли рустаниҳои шифобахш ҳамчун воситаи ислоҳовар, табобати ҷигар ва буғумдард ба кор мебаранд.

[2] **Макка** – шаҳри муқаддаси мусулмонон дар ҳудуди Арабистони Саудӣ. Табиби нодон ҳам барои афзудани қимати доруи худ онро аз Маккатулло оварда мегӯяд.

[3] Сарандеб – Шри Ланка (Тселон).

[4] **Ҳазрати Одам** – мувофиқи асотири динӣ номи аввалин инсон, ки Худо онро аз гил офаридааст ва ба васвасаи шайтон аз гандуми мамнуъ хӯрда бо занаш Ҳаво аз ҷаннат ронда шудааст.

[5] **Сулаймон** – шахси афғон буд, ки дар Андиҷон ҳам савдогарӣ, ҳам дуохонӣ ва ҳам табибӣ мекард (шарҳи нависанда).

[6] **Солик (сайри сулук)** – пайрави тариқати сӯфия, ки ҷониби ҳақ қадам мезанад ва дар ин роҳ аз мушкилиҳо натарсида, бо нури ҳидоят мунтазам ба пеш меравад; зиндагии дарвешона ва парҳезкоронаи сӯфиён.

[7] **Кашф (кашфи қулуб)** – истилоҳи назарияи маърифати тасаввуф, ки мувофиқи он аҳли тасаввуф зимни риёзат ва муроқибаи қалбӣ кӯшиш мекунанд, ки ба дарки ҳақиқат бирасанд.

[8] Пешвоёни мо Луқмони ҳаким ва шогирдони он шахс Афлотуни ҳаким ва Суқроти ҳакиманд – Луқмони ҳаким шахси афсонавист, ки дар адабиёти даҳонӣ ва хаттии тоҷик чун шахси фозил ва табиби ҳозиқ шуҳрат дорад. Суқрот (469 – 399 то э.мо) ва Афлотун (428 – 348 то э. мо) файласуфони Юнони Қадим. Дар қатори Луқмон Афлотун ва Суқротро низ ҳаким донистан ва ин мутафаккирони юнониро мусулмон ном бурдан симои манфур ва риёкории табиби нодонро дучанд зоҳир месозад.

аз ғайб омӯхта буданд. Мо мисли духтурони кофир ҷавҳариёт[1] дода одамро намекушем…

Саройбон дид, ки ин суҳбат ҳеҷ тамом намешавад:

– Хуб, тақсир! Акнун равед ҳам мешавад, бемор камтар истироҳат кунад; ман ҳам имрӯз бор мебандам, – гӯён дасти худро пеш гирифта аз табиб узр хост.

Табиб дар ҳолате ки чашмашро аз дасту кисаи саройбон намеканд, «хуб–хуб» гӯён аз дар баромад ва боз баргашта сари худро аз дар дароварда:

Ука! Як гап аз ёдам баромадааст: мабодо боз ба ин укаам ё ки ба худатон ягон беморӣ рӯй диҳад, маро фаромӯш накунед–дия, – гуфт.

– Саройбон бе он ки ба тарафи табиб нигоҳ кунад, рӯйи худро турш ва пешонаашро чин карда:

Худо нигоҳ дорад,– гуфт.

– Табиб ҳам бо дили кашол ба паси худ нигоҳ карда – нигоҳ карда аз сарой баромада рафт.

VII. ЁРМАНДИИ НОГАҲОНӢ

Одина пас аз як ҳафтаи аз дасти табиб халос шуданаш қадре иштиҳо пайдо карда беҳтар шуда бошад ҳам, бадҳазмӣ ва нотавониаш ҳамчунон боқӣ буд, хусусан сулфа шиддат карда, ҳамчуноне ки Одинаро азият медод, инчунин монанди Сангин баъзе рафиқонашро ҳам дар тарсу бим андохта буд.

Як рӯзи бекорӣ тоҷиконе, ки дар Андиҷон баъзе ба зовуд кор мекарданд ва баъзе ҳаммолӣ, қаровулӣ, саройбонӣ ё хизматгории касеро менамуданд, бо далолати Сангин ба сари болини Одина ҷамъ шуданд ва миёнаи худ машварат карда табдили ҳаворо ба ӯ созгор дарёфтанд ва аз мобайни худашон чанд сӯм иона ҷамъ намуда ӯро ба Тошканд равон карданӣ шуданд.

Фардои он рӯз як–ду нафари онҳо ба Сангин ҳамроҳ шуда

[1] **Ҷавҳариёт** – давое, ки бо амали кимиёвӣ аз чизҳои дорушаванда (масалан, ҷавҳари лимӯ, афлесун) месозанд.

Одинаро ба вокзали роҳи оҳан баровардand, то Тошканд билети поезд харида дода ӯро дар вагони Андиҷон – Тошканд, ки дар истгоҳи Хавос табдил наёфта рост ба Тошканд мерафт, шинонданд ва бақияи пули ҷамъшударо, ки аз билет зиёдатӣ карда буд, ба Одина супурда, бо ӯ видоъ ва «хушбошӣ» карда узот намуданд.

Одина баъд аз як шабонрӯз ба истгоҳ (стансия)–и Тошканд расида аз поезд фуромад, аммо намедонист куҷо равад ва чӣ кор кунад? Аз думболи равандагон афтода, аз зал гузашта ба тарафи стансияи трамвай баромад. Баъзе равандагон бо трамвай, баъзеашон бо фойтун ва баъзеи дигарашон пиёда ба як сӯ – ба сӯйи шаҳр нигоҳ карда рафтан гирифтанд. Одина ҳарчанд бо умедворӣ ба равандагон нигоҳ кунад ҳам, ҳеҷ кадоми онҳо ба вай нигоҳ намекарданд, ҳатто як ғариби бекасукӯй дар ин ҷо ҳайрон шуда мондааст гуфта, ба хотирашон ҳам намегузарониданд. Ниҳоят дар атрофи вокзал ба ғайр аз ҳаммолоне, ки боркашӣ мекарданд, дигар касе намонд. Онҳо ҳам ба кашондани бори равандагони наве, ки аз шаҳр ба вокзал меомаданд, машғул ва барои ёфтани пули ноне саргардон буда, аз Одина ном як ғариби мусофир тамоман бехабар буданд. Одина пас аз он ки аз ҳеҷ кас рӯйи ёриву роҳбарӣ надид, оҳиста аз болои роҳи трамвай гузашта ба майдончае, ки дар миёнаи гардишгоҳи роҳи трамвай ҳаст, даромада дар он ҷо дар таги дарахте дароз кашида ёзида хобид. Аз бемадорӣ аз ҳуш рафт ё ки аз мондагӣ хобаш даррабуд, ҳар чӣ бошад, баъд аз соатҳо чашм кушода ба атроф нигарист, ки шом наздик расидааст, ҳанӯз ҳам трамвай ҷаранг-ҷаранг садо бароварда дар атрофи майдонча дар гардиш аст, ҳанӯз ҳам мардум ба тарафи Одина нигоҳ накарда ба ин сӯ – он сӯ дар рафтуомаданд. Ин шом аввалин шоме буд, ки Одинаи бехонумон куҷо рафтанашро намедонист ва қуввати аз ҷо бархостан ҳам надошт. Ин шом барои Одинаи ғариб ҳақиқатан шоми ғарибон буд.

* * *

– Магар тоҷик ҳастӣ?

Чашми Одина, ки бо навмедӣ аз ҳама чизи дунё пӯшида шуда буд, бо шунидани ин пурсиш дар забони модарии худ якбора кушода шуда дид, ки ба болои сараш як ҷавон рост истодааст:

– Оре, як тоҷики камбахт! – гуфта ҷавоб дод.

– Ин ҷо чӣ кор мекунӣ?

– Намедонам.

– Бошишгоҳат куҷост?

– Ин ҷост.

– Ин ҷо ба касе бошишгоҳ шуда наметавонад ва дар ин ҷо шаб хобидан ҳам мумкин нест, қаравулон нахоҳанд гузошт. Ба ягон ҷойи дигар рафтанат даркор аст.

– Ҷойеро намедонам ва касеро намешиносам.

– Магар дар ин шаҳр нобаладӣ? Биё бо ман!

– Қуввати бархостан надорам.

Касе, ки бо ин ғариби бекасукӯй, яъне бо Одина ин гуфтугӯйро мекард, аз зери бағали ӯ гирифта ба роҳ даровард ва ба трамвае, ки дар он ҷо ҳозир буд, савор карда ҳамроҳи худ бурд.

Ин шахсе, ки нохост ва аз ғайри чашмдошти Одина ба сари болини ғарибии ӯ расида, дар ҳангоми музтарибӣ ва навмедиаш ба ӯ ин ҳама дилҷӯӣ ва ёрмандиро кард. Шоҳмирзо ном як тоҷик буд, ки чанд сол боз дар шаҳри нави Тошканд ба самоворхонае кор мекард ва имрӯз барои узот (гусел) кардани хӯҷаини худ, ки ин вақтҳо аз даромади самоворхона халтачигиро фойданоктар дида, дар миёнаи Самарқанд, Тошканд ва Оқтеппа рафтуой дошт, ба вокзал баромада буд. Шоҳмирзо хӯҷаини худро ба поезд савор карда бармегашт, ки иттифоқан чашмаш ба рӯйи Одина афтод ва аз шаклу шамоилаш пай бурд, ки тоҷик аст. Бо хоҳиши муҳаббати ҳамватанӣ ва ҳампешагӣ, ки ҳар ду муздур буданд, аз аҳволи ӯ ҷӯён шуд ва дар натиҷаи саволу ҷавобе, ки ба боло навишта шуд, ӯро ҳамроҳи худ бурда дар самоворхонаи худаш ҷой дод.

Шоҳмирзо имшаб Одинаро бемордорӣ кард, хусусан барои ӯ як коса мастоба пухта, ҷойи хобашро ба болои чорпояе ҳозир

карда, кӯрпаву болини тозае андохт. Одина ҳарчанд ба сабаби кӯфти роҳ монда шуда аҳволаш аз пештара бадтар шуда бошад ҳам, баъд аз хӯрдани мастоба, ки барои мусофирони монда-шуда таоми бисёр муносибе аст, қадре аҳволи худро беҳтар дид. Дар вақти навмедӣ дидани ин ҳама навозиши ройгон аз шахси ношиносе, ки Одина дар тамоми умраш аз касе инчунин муомиларо надида буд, ба дили ӯ хурсандии аз одат берун бахшид. Албатта, ин ҳам ба сиҳатиаш фоида дод. Одина хобгоҳи имшабаашро ҳам пеш аз ин ба хоби шабаш надида буд, бинобар ин, имшаб бо камоли осудагӣ хобида пагоҳӣ хеле боқувват шуда бархост, ҳатто бе ёрмандии касе ва бе такя намудан ба асое берун баромада шустушӯ кард.

Шоҳмирзо, ки ба сари самовор нишаста лабу даҳони чойникҳоро бо дастмоле пок мекард, Одинаро ба наздики худ ҷой дода пурсупос кард. Ба лаълие чою нон гузошта ба пеши вай ниҳод ва дар аснои чойҷӯшонӣ аз куҷо ва бо чӣ ният ба Тошканд омаданашро ҷӯён шуд. Одина ҳарчанд тамоми саргузашти худро изҳор накард, лекин воқеаи бемориаш ва аз зовуд ронда шуданашро то ҳикояти дуохону табиб ягон – ягон гуфта ва дар охир бо маслиҳати ҳамватанон барои табдили ҳаво, ба умеди шифо ба Тошканд омаданашро изҳор намуд. Шоҳмирзо гуфт:

– Хуш омадӣ! Тошканд шаҳри калон аст, баъд аз сиҳат ёфтанат дар ин ҷо кор ҳам ёфт мешавад, барои дур шуданат аз зовуд ғам нахӯр! Дар ин ҷо шифо ёфтан ҳам осон аст, зеро ин ҷо духтурони донишманд бисёранд. Ба яке аз онҳо, ки бо ман шиносоӣ дорад, имрӯз туро бурда нишон хоҳам дод, умед аст, дорухои ӯ ба ту нафъ кунад. То саломат ёфтанат ин ҷо хонаи туст, осуда бош ва ҳеҷ мулоҳизаву андешаро ба худ роҳ надеҳ!

Одина дар тамоми умри худ пеши духтур нарафта буд ва нияти рафтан ҳам надошт ва дар ин эътиқод буд, ки бемороне, ки доруи духтурро мехӯранд, бештарашон мемуранд. Ин эътиқод ба Одина дар зовуд пайдо шуда буд: коргарон дар он ҷо ба бемориҳои монанди арақӣ (тиф) ва варами шуш (воспаление лёгких) гирифтор мешуданд. Вақте ки аз сиҳат ёфтани гирифторони ин касалиҳо умед канда шуд, рафиқо-

нашон ҳар чӣ бодо бод гӯён ба духтур нишон медоданд. Табиӣ, ин гуна табобати бемаҳал нафъе намебахшид. Зотан дар шароити зиндагие, ки он вақт дар корхонаҳо буд, баъд аз гирифтор шудани як коргар ба касалӣ офият ёфтанаш басе душворӣ мекард. Бинобар ин, бисёртаринашон мемурданд ва монанди Одина ҷавонони камтаҷриба ин ҳолро аз духтур медонистанд. Ба ин сабаб ба духтур бо чашми бад назар мекарданд ва ҳол он ки дар ин кор ба духтур ҳеҷ айбе нест ва ҳар айбе, ки бошад, дар гузаронидани вақти табобат ва ба нобобии ҷойи истиқомат буд.

Одина ба хоҳиши ин бадгумонии худ дар ҷавоби суханҳои Шоҳмирзо гуфт:

– Бисёр хуб, лекин ман аз духтур метарсам. Агар бародарӣ карда маро табобат мекунонида бошӣ, ба ягон табиби мусулмон нишон деҳ! Мегӯянд, Тошканд шаҳри калон аст, бояд дар ин ҷо табибони ҷойдории донишманд ҳам бошанд.

– Ту саҳв мекунӣ! – гуфт Шоҳмирзо, – ман ҳам пештар монанди ту ба ҳаққи духтурон бадгумон будам. Аз бозе, ки дар ин самоворхона ба хизмат даромадам, чӣ қадар донишманд ва барои фарзанди одам чӣ қадар судманд будани онҳоро фаҳмидам. Ҳар сол аз Бухоро, Самарқанд, Фарғона ва дигар шаҳрҳову вилоятҳои Туркистон ҳазорҳо беморон ба Тошканд танҳо аз барои ба духтур нишон додан меоянд. Як қисми онҳо ба самоворхонаи мо манзил мекунанд. Ба бисёртарини бемороне, ки ба мо меҳмон мешаванд, ба пеши духтур ман роҳбарӣ мекунам. Ман ба чашми худ дидам, ки бештарашон ба сабаби доруи духтур тандуруст шуданд. Ба қавли худҳошон, бисёртарини онҳо чанд вақт пеши табибони куҳнаи ҷойдорӣ ва дуохонон рафта пули бисёреро ба ройгон сарф кардаанд, оқибат шифо наёфта ночор шуда ба пеши духтур омадаанд. Оре, ба баъзеи инҳо доруи духтур нафъ намебахшид ё баъзеашон бо вуҷуди ба духтур нишон додан мемурданд, лекин ин на аз таъсир накардани дору ё аз зарар кардани он буд, балки сабаби аслиаш гузаштани вақт аз сари барвақт наомадани онҳо ба духтур буд. Бинобар ин, чунин хаёлҳоро аз сари худ дур кун ва ҳозир бош, ки имрӯз ба пеши духтур ҳамроҳ меравем.

Одина ба ин далелу исботҳои Шоҳмирзо ҳеҷ вақҳ наёфта, ночор шуда аз рӯйи дилу нӯги забон розигӣ дод, лекин дилаш ҳанӯз дар ҳаяҷон буд, ҳанӯз метарсид, ки ба сабаби хӯрдани доруи духтур мемурад ва аз висоли Гулбибӣ абадӣ маҳрум мемонад. Боз ба худ меандешид, ки Шоҳмирзоро то имрӯз намешинохтам, то ки гӯям ба ман душманӣ дорад, аз ин ҳама некиҳои ройгон, ки дар ҳаққи ман карда истодааст, маълум мешавад, ки одами хубе аст, одами хуб ҳеҷ гоҳ касеро ба роҳи хатарнок далолат нахоҳад кард. Бинобар ин, аҷаб нест, ки ин бадгумониҳои ман беҷо бошад ва умед аст, ки ба сабаби роҳбариву далолати ин дӯсти беғараз аз касалӣ халос шавам…

Одина бо ин мулоҳизаҳо тасаллӣ ёфта, бо дили қавӣ ва ҷазми дуруст дубора гуфт:

– Хуб, ба духтур меравем, кадом вақт ки ту хоҳиш кунӣ, ман ҳозирам.

VIII. ДУХТУР

Дар роҳрави қабулхонаи духтур дар қатори беморон Одина ҳам ҳамроҳи Шоҳмирзо нишаста буд. Духтур дар вақти гусел кардани беморе аз дари қабулхона сари худро берун карда беморонро аз назар гузаронид; чун дар қатори беморон Шоҳмирзоро дид, ӯро аз навбат берун ба даромадан ишорат намуд. Шоҳмирзо Одинаро ҳамроҳи худ гирифта, дар зери «ин чӣ бетартибӣ, чаро духтур дилхоҳони худашро бе навбат медарорад» гуфта ғур-ғур кардани беморони дар навбатнишаста ба қабулхона даромад.

Духтур дар дунболи Шоҳмирзо Одинаи ҷомакуҳнаро дида қадре рангаш дигаргун шуда:

– Беморат ҳамин аст? – гуфта пурсид.

Шоҳмирзо дигаргун шудани аҳволи духтурро аз назар гузаронида буд, бинобар ин, духтурро хотирҷамъ карданӣ шуда дар ҷавоб:

– Ҳо, ҳамин аст. Ин як ғариби камбағалу бекас аст, ба бекасиву камбағалии ин раҳмам омада бо хароҷоти худ табобат кунонданӣ шуда овардам, – гуфт.

Духтур аз ин ҷавоби Шоҳмирзо андаке хиҷолатманд шуда бошад ҳам, худро ба нофаҳмӣ зада ба дидани бемор сар кард, барои бартараф кардани шубҳаи Шоҳмирзо хеле ҳам диққат карда, тамоми аъзои бадани Одинаро дида, ба сари чорпояи худ барои дору навиштан нишаста:

– Номи бемор чист? – гуфта аз Шоҳмирзо пурсид.

Шоҳмирзо то ҳол номи меҳмони худро намедонист, бинобар ин, вай ҳам аз худи Одина:

– Дарвоқеъ, номат чист? – гуфта пурсид.

– Одина! – гуфт ӯ.

Акнун духтур худ аз худ хиҷолат мекашид ва ба дили худ мегуфт, ки: «як камбағали бесавод як камбағали дигари дар роҳмондаро, ки ҳанӯз номашро ҳам намедонад, барои ғамхорӣ бо харҷи худ табобат кунонданӣ шавад, аммо ман, ки бо даъвои маданигӣ ба нияти хизмат кардан дар олами инсоният хонда мактаби олиро тамом карда, духтур шудаам, дар вақти дидани бемор аввал пулдорӣ ва бепулии ӯро дар назар гирам, айб аст ба ман!..»

Духтур бо ин мулоҳизаи худ дар зери обу арақи хиҷолат монда даворо навишта тариқи хӯрдани вайро гуфта дод.

Шоҳмирзо ҷайби худро кофта мехост ба духтур музди заҳмат диҳад, духтур:

– Не, ҳоҷат нест. Ба касе, ки раҳми ту омадааст, раҳми ман ҳам меояд, беморони фақирро бепул табобат кардан ба ман ҳеҷ зарар надорад, як пули ман харҷ намешавад, – гуфт.

Лекин табиӣ намудани инсонияти духтур виҷдони худашро азоб медод, бинобар ин, бо як шӯхӣ аз ин риёкорӣ баромаданӣ шуда:

– Дигар ин ки ту бисёр беморони хушпулро ба пеши ман овардӣ, дар қатори онҳо як бепулро гузаронем, чӣ зарар дорад? Дар урфи шумо «як ҷувол харбуза дута партав дорад» мегӯянд. Ин фақир ҳам дар қатори беморони пулдор партав шавад, – гуфта ханда кард.

Духтур дар вақти гусел кардани Шоҳмирзо:

– Фардо қадре балғами пеш аз хӯрок кандаи беморро ба зарфе андохта ба ман биёр! – гуфта супориш кард.

Шоҳмирзо мувофиқи фармоиши духтур фардои он рӯз қадре балғами Одинаро оварда дод. Духтур ба ӯ гуфт:

– Иллати бемори ту сил аст. Аз аҳволаш маълум мешавад, ки як сол пеш аз ин ба ин дард мубтало шуда будааст, лекин аз он ҷо, ки ҳеҷ дору – дармон накардааст, ҳам тарзи зиндагӣ ва тартиби хӯрокаш бо нигоҳдории тандурустӣ баробар наомадааст, ин иллат ба шуши ӯ аз одат берун харобӣ овардааст. Ҳоло дарёфти ман ҳамин аст, боз баъд аз бо қоидаи кимиё ҷудо карда дидани балғам ҳақиқат равшантар хоҳад шуд. Бечора бемор ғайр аз ин касалӣ ба хастагии асабӣ низ гирифтор шудааст. Дар болои инҳо ба ин наздикиҳо чизе хӯрдааст, ки ба рӯдаҳояш таъсири бад кардааст, ба ин сабаб ба бадҳазмӣ, беиштиҳоӣ ва камхунӣ дучор шудааст. Давое, ки дирӯз навиштам, барои ҳамин дарди охиринаш буд. Агар даворо дар вақташ ба кор барад, умед аст, ки рӯдаву меъдааш дуруст шавад. Аммо барои силаш баъд аз ҷудо карда дидани балғам даво хоҳам навишт.

– Хуб дарёфтед! – гуфт Шоҳмирзо. – Аз рӯйи қавли худи бемор маълум мешавад, ки чанд рӯз пеш аз ин дар Андиҷон як табиб ба ӯ доруи исҳол хӯронида будааст.

– Хайрият намурдааст,– гуфт духтур, – дарунравӣ ба ин гуна бемор раҳнамои марг аст, хусусан доруҳои исҳоли табибони куҳна, ки печиши шикам яке аз хосиятҳои доруи онҳо аст, одамони тануманди тандурустро барҷомонда мекунад: ин аст ки рӯдаи ин бечора сар то по озурда шудааст.

Духтур дар охири суҳбат гуфт:

– Албатта, ҳар чизеро, ки ман дар ҳаққи ин бемор гуфтам, ба худаш изҳор накун ва «духтур ба саломатӣ ёфтанат ҳукм кард» гуфта тасалло деҳ, вагарна бо кӯтоҳ шудани умри ӯ сабаб хоҳӣ шуд.

Рӯзи дигар Шоҳмирзо ба пеши духтур омада аз аҳволи балғами Одина ҷӯён шуд, духтур гуфтаҳои дирӯзаашро боз таъкид карда ва «балғамаш ҳам ба гуфтаҳои ман гувоҳӣ дод» гуфта давое навишта дод ва супориш кард, ки ҳамеша хӯрокҳои хушҳазми пуркувват бихӯрад, ҳар рӯз шири ҷӯшонда ва тухми нимдумбулро ба қадри бардошти табъаш тарк накунад, то мумкин аст дар ҳавои покизаи хуб сайр намояд ва

дар офтобрӯяҳо бинишинад, дар мавсими қимиз ба марғзорҳои қимизнок баромада мувофиқи дастуруламали духтурони он ҷо як моҳ, якуним моҳ қимиз хӯрад.

Ва дар охири суханаш гуфт:

– Агар ба ин гуфтаҳо амал намояд, тамом дуруст нашавад ҳам, аз мурдан халос мешавад ва умри дароз мебинад, вагарна ба андак беэҳтиётӣ ба зудӣ зиндагии худро ба бод хоҳад дод. Инро ҳам дониста бош, ки касалии ин бемор гузаранда аст, бо андак беэҳтиётӣ ба дигар касон мегузарад. Бинобар ин, коса, табақ, чойнику пиёлаашро аз дигарон ҷудо кун, баъд аз хӯрдану нӯшиданаш зарфҳояшро бо оби ҷӯшон шӯёнида бо латтаи покизае хушкон, агар мумкин бошад, дар офтоб гузор. Барои балғам ва оби даҳонандозиаш туфдони ҷудогона гузор, ҳар бор заминро чуқур канда туфдонро дар он ҷо холӣ карда болояшро сахт гӯр кун ва худи туфдонро бо оби ҷӯшон шуста дар офтоб хушкон. Коре кун, ки чизҳои махсуси ӯ ба дасти дигарон наафтад ва ба хӯрокворихо нарасад, вагарна ин касалӣ ба дигарон ба зудӣ мегузарад.

ҚИСМИ ЧОРУМ

I. ОКТЯБР

Кӯчаҳои Тошкандро овози милтиқу пулемёт фурӯ гирифта, мардум ба ҳар тараф мегурехтанд, дуконҳо баста, дарҳову тирезаҳо аз зарби тир сӯрох шуда ва шикаста буд… Шоҳмирзо тарсону ларзон аз паскӯчаҳову бероҳаҳо гузашта, ба пеши дукони худ расид. Табиист, ки самоворхонаи Шоҳмирзо ҳам монанди дигар магазину дуконҳо баста буд: аз дари партав ба даруни дукон даромада дид, ки 15–20 нафар одамони ношинос ба он ҷо ғун шуда нишастаанд ва ҳар кадом ҳар замон аз ҷо бархоста барои фаҳмидани аҳвол аз таркиш ва сӯроххои тахтабандии дукон ба кӯча нигоҳ мекарданд. Инҳо касоне буданд, ки бо бархостани шӯриш гурехта худро ба даруни ин дукон гирифта буданд.

Одина ҳарчанд қуввату ҳавсалаи он надошт, ки аз сӯрохие ба кӯча нигоҳ кунад, лекин аз ҷояш нимхез шуда ба болиш такя карда нишаста буд. Ҳамин ки чашми Одина ба Шоҳмирзо афтод, бо асабияти тамом:

– Саломат омадӣ? Дар ин шӯриш ба куҷо будӣ ва ин воқеа чист? – гуфта пайдарпай саволҳо медод.

– Андак ист, нафасамро рост гирам, – гуфта Шоҳмирзо куртаи худро бо дасти худ ҷунбонда сари дили худро шамол дод ва аз он пас ба гап даромада гуфт:

– Ман дар сари пули Солор будам ва барои ин ҷониб омадан ҳарчанд чашм доштам аз трамвай дарак нашуд, ночор ба кӯчаи Пушкин пиёда омадан гирифтам. Як вақт аз тарафи Сквер садои қарс–қурси милтиқ баланд шуд. Ман «магар сарбозон машқ мекунанд» гуфта ба худ нагирифта омадан гирифтам. Ҳар қадар ки ба Сквер наздик мешудам, ҳамон қадар ҳам садои милтиқу ғалоғулаи мардум баландтар мешуд. Ман ҳанӯз ин моҷароро машқи сарбозӣ мепиндоштам. Пас аз чанд қадами дигар омадан аз пешам гурезагон баромаданд; онҳо монанди мушоне, ки аз гурба гурезанд, бо бисёр парешонӣ ва саросемагӣ мегурехтанд. Аз ҳар кадоми онҳо, ки «чӣ гап, чӣ

шудааст?» гуфта мепурсидам, бе он ки лаб во кунанд, китфашонро боло кашида ишорати «ман чӣ донам?»–ро медоданд. Боз омадан гирифтам. Нохост тире ғуррос зада аз буни гӯшам гузашт. Ман «вой мурдам» гӯён худро ба замин партофтам ва дасти худро паси гӯшам бурда молидам, ба дастам як чизи обакии нимгарм расид. Тир хӯрдани худро яқин карда «ҳай дареғ, муфт мурда рафтам» гуфта афсӯс хӯрда ба ваҳм афтодам ва дасти худро пеши чашмам оварда дидам, ки он чизи обакӣ хун набуда арақи баданам будааст…

Яке аз паноҳандагони он дукон:

– Боракалло, шер! Тир нахӯрда худро мурда гумон кардӣ? – гуфта Шоҳмирзоро масхара дошт.

– Шумо, ки шермарди майдон будед, ин мушхонаро чаро иҷора карда нишастед? –гуфта Шоҳмирзо ҳамаи паноҳандагони он ҷоро, ки масхара доштани он мард ҳамроҳӣ карда хандида буданд, лат дода партофт.

– Биё мон! Гап задан гир! – гуфт Одина.

Шоҳмирзо ҳикояти худро давом кунонда гуфт:

– Дидам, ки асари хун нест, шукр гуфта аз ҷо бархостам ва яқин кардам, ки ин моҷаро машқи сарбозон набуда, машқи ҷондиҳиву ҷонситонӣ будааст. Пас аз он роҳи худро чаплағат дода, худро ба тангкӯчае гирифтам, аз он ҷо, аз миёнаҳои ҳавлиҳо, боғҳо ва обраҳаҳо ба роҳ афтодам. Боз чанд бори дигар аз болои сарам тир виззос зада гузашта бошад ҳам, мо нанди аввала натарсидам, балки худро дар паноҳи деворҳои тарафи омади тир гирифта равон шудам.

– Хуб, сабаби ин шӯришу моҷаро чӣ будааст? – гуфта Одина пурсиши аввалаи худро такрор кард.

– Чунончи гуфта гузаштам,– гуфт Шоҳмирзо, – аввал машқи сарбоз гумон карда будам, сонӣ маълум шуд, ки як воқеаи калони дигар будаст, аммо надонистам, ки чӣ воқеа бошад?

Як шахси ношиносе, ки дар охири ин суҳбат, дар вақти саволу ҷавоби охири Одина бо Шоҳмирзо омада ба дукон даромада буд, ба гап ҳамроҳ шуда:

– Сабаби ин шӯришро ман медонам! – гуфта диққати ҳамаро ба тарафи худ кашид.

– Хуб, чӣ будааст? – Одина пурсид.

– Крински – гуфт ношинос, – Николайро бекор карда худ ба ҷойи ӯ подшоҳ шуда будааст, коргарону деҳқонон вайро бекор карда, корро ба дасти худ гирифтаанд. Акнун одамони Крински бо одамони Николай як шуда ба муқобили коргарону деҳқонон хестаанд, шудааст ҷанҷол.

– Гапи бекор! – гуфта шахси дигар он шахси ношиносро дуруғгӯй кард.

– Чаро гапи бекор? – гуфта шахси ношинос далел талаб кард.

– Крински, – гуфт он шахс, – ҳамин тавр қаҳрамоне аст, ки Николай барин подшоҳро, ки аз чор подшоҳ якта ҳисоб меёфт, бекор кард, чӣ шуд, ки аз як мушт пойбараҳнагон шикаст хӯрд..

– Ман ин гапҳоро худам бофта намегӯям, балки аз як ошноям, ки чанд сол боз дар Пиёнбозор дастакфурӯшӣ мекунад, забони русиро ҳам ёд гирифтааст ва бо вуҷуди бесаводиаш аз қонун ҳам хеле хабардор аст, шунида мегӯям, – гуфта гапи худро қувват дод ношинос.

Агарчи ин шахси ношинос ба сиёсат ва тартибҳои ҳукуматдорӣ тамом бегона буд ва шунидаҳои худро бо як иборати авомонаи сода ифода менамуд, лекин бо ин ифодаи хурд сиёсату воқеаи онрӯзаро тамом шарҳ дода буд. Зеро агарчи Керенский номи худро подшоҳ наниҳода буд, аммо сиёсати подшоҳӣ ва сармоядориро биайниҳӣ давом кунонида буд, ҳатто ҷангро, ки хонумони коргарону деҳқонони Русияро хароб карда сарвату ободии мамлакатро тамоман барбод дода буд, ба давом кунондан қарор карда, ба ҳуҷум фармон бароварда буд ва ҳол он ки як мақсади коргарону фақирон аз подшоҳбекоркунӣ барҳам додани ин ҷанги хонумонсӯз буд.

Роҳбару доҳии ягонаи коргарон рафиқ Ленин бо дониш ва таҷрибаҳои худ ин воқеаро пеш аз вуқӯаш медонист, бинобар ин, ӯ инқилоби Февралро на мақсади охирӣ, балки дарвозаи инқилоби бузурги иҷтимоӣ дониста ба инқилоби дувум ҳозирӣ медид, фикрҳои коргарон, аскарон ва деҳқонони фақирро, ки аз вазъияти Ҳукумати муваққатӣ ва тартиби иҷтимоии он замон ҳеҷ розӣ набуданд, ба як нуқта – ба

нуқтаи «Ҳамаи ҳокимият ба Шӯроҳо» ғун мекард. Ин буд, ки дар 25 моҳи октябри (ба ҳисоби нав 7 ноябри) соли 1917 ин инқилоб ба вуқӯъ омада ба номи инқилоби Октябр дар саҳифаҳои таърих навишта шуд.

Чунончи, сиёсидони содаи мо гуфта гузашт, дар ҳар ҷо ба муқобили коргарон ва инқилоби Октябр тарафдорони Николай ва Керенский як шуда барҳоста буданд.

Як каси тошкандӣ аз он шахси ношинос:

– Шӯрои исломи мо ба кадом тараф бошад? – гуфта пурсид.

Сиёсидони мо ин масъаларо намедонист ва «намедонам» гуфта ҷавоб дод.

Одина ба гап ҳамроҳ шуда:

– Шӯрои ислом кист? – гуфта пурсид. Одина гумон мекард, ки «Шӯрои ислом» иборат аз як шахс аст.

Яке аз аҳли маҷлис гуфт:

– Баъд аз бекор шудани Николай боёну одамшавандагон бо муллоён як шуда як ҷамъияте барпо карда буданд, то имрӯз дар шаҳри куҳнаи Тошканд ҳамин ҷамъият ҳамроҳӣ мекунад ва номи ҳамин ҷамъиятро «Шӯрои ислом» мегӯянд.

– Шӯрои ислом хуб кор кард, – гуфт дигаре, шаҳрҳоро мусулмонобод намуд, намозхон бисёр шуд. Ҳар касеро, ки намоз нахонад, имоми маҳалла таъзир мекунад ва аз номи Шӯрои ислом пули ҷурмона мегирад.

– Агар Шӯрои ислом иборат аз муллоён, боён ва одамшавандагон бошад, – гуфт Одина, – албатта, ба коргарону фақирон муқобил хоҳад буд.

Одина ба сурати илмӣ зиддияти синфҳоро ва манфиати кадом табақа бо кадом синф вобаста буданро, албатта, намедонист. Лекин аз саргузашту таҷрибаҳои хурдтараки худ ба хубӣ дониста буд, ки гурӯҳи бою мулло муқобили фақирон ҳастанд. Чунончи, арбоб Камол, ки хурдтарини бойҳост, ӯро ин ҳама азият дод, мулло Хокироҳ ва одамшавандагони қишлоқ ба бедодиҳои арбоб ёрӣ доданд.

Эҳтимол Одина аз воқеаи арбоб ва мулло Хокироҳ ба зиддияти синфҳо пай намебурд, лекин сесола хизмати зовуд ва ташкилоти коргарон, ки дар он ҷо буд, фикри ӯро ба андозае ки аз саргузашти худ ибрат гирифта тавонад, яла карда буд.

* * *

– Тиқ, тиқ, тиқ…

– Гум, гум, гум…

Вақте ки Одина сухани худро тамом кард, бо ин садо дари самоворхона аз тарафи берун кӯфта шуд. Ҳама сокит ва хомӯш гардиданд, дурандешон дар паси сандуқи чойникмонӣ, дар пушти қуттии нондон ва болои рафчаи ҷойхобгузорӣ пинҳон шуданд. Шахсе, ки Шоҳмирзоро тарсад гуфта, масхара дода буд, монанди харе, ки аз гург тарсад, сари худро ба даруни қуттии ангишт тиққонид. Шахси номаълум баъд аз ду-се бор дарро бо шиддат задан: «Шоҳмирзо! Шоҳмирзо!» гуфта овоз дод.

Шоҳмирзо бо ҳазор тарсу ларз оҳиста ба пушти дар рафта, аз тарқиш ба берун нигоҳ кард ва:

– Иван! Ту будӣ! Ман ягон одами нохалаф будагист гуфта тарсида будам.. Чӣ мегӯӣ?

– Дарро кушо, аз ташнагӣ мурдам.

– Аз дари партав биё!

– Аз чӣ метарсӣ? Дарро кушодан гир!

– Агар об мехоҳӣ, аз дари партав биё! Вагарна маро беҷанҷол мон ва ба роҳат рафтан гир!

– Чёрт,– гуфта Иван дашном дода, рафта аз дари партав ба самоворхона даромад, ба ҳолате ки ба дасташ тапонча буд.

Аҳли самоворхона ин ҳолро дида ба ларза афтоданд.

– Натарсетон! Ин ошнои деринаи ман аст, одами бад нест,– гуфта Шоҳмирзо ба онҳо тасаллӣ дод.

Ҳама ором гирифтанд, шахси сари худро ба қуттии ангишт тиққонда ҳам хеста ба ҷойи худ нишаст, рӯйи ӯ аз гарди ангишт сип-сиёҳ шуда буд. Шоҳмирзо:

– Ҳа, хонашер! Магар ба даруни қуттӣ ба тирборон вохӯрдӣ, ки рӯят сиёҳ шудааст, – гуфта хандид.

Иван ба лаби суфача нишаст ва тапончаро ҳам ба як тарафи худ гузошт, пас аз он ба Шоҳмирзо:

– Зуд бош, як коса оби хунук бидеҳ! – гӯён тугмаҳои камзӯли мешии сиёҳи худро кушода сари синаи худро шамол додан гирифт.

– Гарм шуда арақ карда омадӣ, оби сард мабодо зарар накунад, чой хӯрӣ-чӣ? – гуфт Шоҳмирзо.

Иван дасту бозуҳои худро нишон дода гуфт:

– Ин дасту бозу ба даруни кӯраи оташ ва кӯмаи барф калон шудааст, мо коргарон дар зери бори меҳнат ба камол расидаем, бо гармову сармо пухта шудаем, акнун моро на аз сардӣ парҳез асту на аз гарми гурез. Ин маслиҳатро ба касоне деҳ, ки бо дасти худ коре накарда, танҳо самараи меҳнати дигаронро хӯрда, ба бистари ноз хобидаанд.

Шоҳмирзо косаи пуробро ба дасти Иван дода гуфт:

– Хайр, биё мон! Бисёр лоф мазан, тез бош, обатро нӯшу воқеаро гӯй, ин чи ҳодиса аст, ки шаҳрро зеру забар кард.

– Ҳоло шаҳр зеру забар нашудааст ва ҳеҷ воқеаи калон ҳам рӯй надодааст, – гуфт Иван, – агар фарз кунем, ки ин шаҳр ва тамоми шаҳрҳои дигар, ҳатто тамоми дунё ҳам зеру забар шавад, аҷаб несту ҳам боке нест. Имрӯз дунёи нав барпо шуданист. Барои ин аввал дунёи куҳнаро вайрон кардан даркор аст ва бояд, ки вайрон шавад. Агар ту самоворхонаатро аз сари нав иморат карданӣ шавӣ, аввал ин иморати фарсударо вайрон мекунӣ, пас аз он барои иморати нав тагкурсӣ мениҳӣ ва иморати куҳна вайрон шуд гуфта ғам ҳам намехӯрӣ.

– Аз ин гапҳои ту ман ҳеҷ чиз намефаҳмам, – гуфт Шоҳмирзо, – ва гумон мекунам, ки худат ҳам нафаҳмида гап мезанӣ. Магар арақ хӯрдаӣ, ки мастона пойдарҳаво сухан меронӣ!

– Рост аст, ки камтар арақ хӯрдаам, аммо гапҳоямро хуб фаҳмида ва дониста гуфта истодаам.

– Ин тавр бошад, ба забоне, ки мо ҳам бифаҳмем, гап зан! – гуфт Шоҳмирзо. – Ва ин ранг титолбофӣ накун.

– Ҳар чӣ гӯям, шарҳи ҳамин гуфтаҳоям хоҳад буд. Гӯш деҳ, инак гап мезанам, – гӯён Иван як коса оби дигарро тамом нӯшида, ба гап задан сар кард:

– Мо, коргарон, солҳои дароз дар зери зулми сарватдорон ва ҳукумати подшоҳӣ хун хӯрдем ва пӯсидем, миллионҳо ҳампешагону гузаштагони мо дар банди ғуломиву гуруснагӣ ҷон доданд. Дар корхонаҳо, дар роҳҳои оҳан, дар конҳои ангишту равғани лампа кор кардем.

Аммо тамоми фоидаро соҳибони сармоя ба кисаи худ зада айшу нӯш карданд, ҳар вақт, ки мо нони серӣ мепурсидем, ба ҷойи нон ба мо тири ҳукумати подшоҳиро ҳавола мекарданд. Агар аз мо норозигӣ медиданд, ҷойи мо зиндон, тамошогоҳи мо Сибир ва қароргоҳи мо пойи дор буд.

Оқибат коргарон ба ин фикр омаданд, ки то тартиби ҷамъиятӣ дигар нашавад, то қоидаи сармоядорӣ аз миён барнахезад ва то ихтиёри фоидаи кор ба дасти коргарон набошад, бисёртарини мардум, ки меҳнаткашу фақир ҳастанд, осуда нахоҳанд шуд.

Бинобар ин, роҳбарони коргарон солҳои бисёр боз барои барҳам задани тартиби сармоядорӣ ва барпо кардани усули зиндагии нав ҳозирӣ медиданд. Сабаб ин буд, ки дар моҳи феврали гузашта бо норизоиёни ҳукумати подшоҳӣ як шуда Николайро бекор карданд, лекин бо ин қадар мақсад тамом нашуда буд, боз ҳамон сармоядороне, ки душмани мо, ба иборати дигар, душмани бисёртарини мардум буданд, бар сари кор нишастанд. Дар натиҷа, Ҳукумати муваққатӣ – ҳукумати Керенский барпо шуд.

Сиёсидони содаи мо ба касе, ки аз болои Керенский лоф мезад:

– Ана шунидӣ, Николайро ҳам коргарон бекор карда бударданд–ку? Кринскии ту як бекорхӯҷаин будааст–дия! – гуфта ғур-ғур кард.

– Хомӯш, хап шавед, гапро шунавем, – гуфта Одина он шахсро аз сухан боздошт ва Иван ба гапи худ давом карда гуфт:

– Албатта, коргарон, аскарон ва деҳқонони меҳнаткаш ба ин кор розӣ шуда наметавонистанд ва розӣ ҳам нашуданд. Доҳиву роҳбари ғамхори меҳнаткашони дунё рафиқ Ленин дар атрофи фирқаи болшевикӣ фикрҳоро аз нуқтаи назари манфиати синфии меҳнаткашон ғун карда, оммаи меҳнаткашонро аз як гиребон сар бароваронид, ки омма ба муқобили ҳукумати Керенский ва тартиби сармоядорӣ бархоста ӯро аз миён бардоштанд ва ихтиёри корро ба дасти Шӯроҳои коргар ва аскару деҳқон супориданд.

Сиёсидони содаи мо дигар худдорӣ карда натавонист ва аз ҷойи худ барҷаста:

– Молодес, зинда бош Ленин! – гуфта фиристод ва ба Иван нигоҳ карда:

– Товариш, лаънатӣ Крински чӣ шуд? – гуфта пурсид.

– Гурехт,– гуфт Иван.

– Афсӯс, ки ба даст наафтод–дия. Куҷо гурехта бошад?

– Чёрт медонад, ба ягон гӯр гурехтагист–дия,– гуфта Иван ба вай ҷавоб дод ва гуфт:

– Гап дар болои гурехтан ё ба даст афтодани Керенский нест, вай як одам аст, зинда ва мурдаи вай баробар аст. Гап дар болои тарафдорони ӯ, ба болои он синфест, ки Керенскийро ба майдон овардааст. Ана ҳаминҳоро ёфта барҳам додан даркор аст. Албатта, ин кор бо осудагиву осонӣ намешавад. Да…– гуфта Иван қадре фикр карда ҳавосашро, ки ба сабаби ҷӯшишу шодиёнаи сиёсидони сода парешон шуда буд, ғун кард ва сухани худро аз ҷойи буридашудааш гирифта гуфт:

– Албатта, ин кор осудаву ором намегузашт. Албатта, он ҷамоае, ки солҳо, асрҳову қарнҳо боз ҳукмронӣ мекарданд, хуни ҷамоаи меҳнаткашонро мемакиданд, барои манфиати худ бар сари коргарон оташҳо дармегириониданд, осон–осон аз сари кор намерафтанд ва ба ихтиёри худ ба маҳв шудани худ розӣ намешуданд.

Дарвоқеъ ҳам чунон шуд: дар ҳама ҷо ниҳониву ошкоро ба муқобили меҳнаткашон ва ҳукумати онҳо бархостанд ва истодагӣ карданӣ шуданд; табиӣ, меҳнаткашон ҳам ба ҳуҷум ё муқобилати онҳо дам ва хомӯш намеистоданд. Бояд ҳуқуқи худро, ки имрӯз ба даст даровардаанд, маҳкам нигоҳ медоштанд. Бояд душманонро ба андозае ки дигар сар бардошта натавонанд, мезаданд ва маҳв мекарданд.

Дар ҳақиқат ҳам чунин шуд ва дар ҳар ҷойи мамлакат ҷанги ҳамватанӣ[1] барпо гардид. Имрӯза воқеае, ки дар Тошканд рӯй дод, аз он ҷумла аст. Лекин ин воқеаҳо воқеаҳои охирӣ

[1] **Ҷанги ҳамватанӣ** – муаллиф ҷанги гражданиеро, ки пас аз рӯзҳои аввали инқилоби Октябр дар сарзамини Русияи шӯравӣ ва гирду атрофи он байни синфҳои истисморгари сарнагуншуда ва меҳнаткашони нав ба сари ҳокимият омада баргузор гардида, то аввали соли 1922 давом ёфта буд, дар назар дорад.

нестанд, бояд ин мубориза то тамом вайрон шудани усули сармоядорон, маҳв шудани тарафдорони онҳо, мустаҳкам гардидани ҳукумати коргарон, аскарон ва деҳқонон, барпо шудани тарзи зиндагонии нав давом кунад ва кашол ёбад. Мо аз ҳар чиз пештар бояд аввал ҳамаи сарвату сомони сармоядоронро, ки дар ҳақиқат ҳаққи ҳалоли худамост, ба даст дарорем.

Ман дар аввали сухан ҳамин гапҳоро ба иборати «дунёи куҳнаро вайрон мекунем ва дунёи нав месозем» кӯтоҳ карда ба ту фаҳмонданӣ шуда будам, аммо ту нафаҳмидӣ ё фаҳмидан нахостӣ. Акнун бояд фаҳмида бошӣ, ки он гапҳои ман асари мастӣ ё ин ки титол набудааст, балки кӯтоҳ ва хулласи як китоб сухан будааст.

Аз ин суханҳои сода ва мисолҳои равшани Иван на танҳо Шоҳмирзо, балки тамоми ҳозирон ҳақиқати ҳолро фаҳмида буданд ва Иванро таҳсин карданд:

– Саломат бош, бародар Иван! – гуфт Шоҳмирзо, – хабарҳои хуш расондӣ, майнаи моро яла кардӣ.

– Акнун мо камбағалон ҳам рӯзи равшан мебинем, гӯй! – гуфта дигаре ҳам изҳори хурсандӣ кард.

Танҳо як кас – касе, ки аз болои Керенский лоф мезад, ба ин шодиёнаи умумӣ ҳамроҳ намешуд, балки худ ба худ:

– Ҳай дареғ, сад дареғ, зовудҳои чармгарӣ магар аз дастам мераванд, – гуфта афсӯс мехӯрд ва Иван ҳам бо шунидани овози буғи роҳи оҳан, ки коргаронро барои ғун шудан ҷеғ мезад, як косаи дигар оби хунук нӯшида, аз маҷлис баромада рафт.

Одинаро ҳарчанд қуввати он набуд, ки каф занад ва «урро» гӯяд,[1] лекин аз суханони Иван ба таърих ва сабаби инқилоб пай бурда, мазмуни ин шеърро аз дили худ мегузаронид:

[1] Ҷумлаи «Одинаро ҳарчанд қуввати он набуд, ки каф занад ва «урро» гӯяд» ба матнҳои солҳои 1948 ва 1958 мувофиқат намекунад. Зеро дар матнҳои мазкур муносибати аҳли чойхонаи Шоҳмирзо ва суханони Иван на бо хитоба ва «урро» – гӯиҳо, балки ба воситаи ҷумлаҳои ҳикоягӣ баён шудааст. Дар ин ҳолат ба каф задан ва урро гуфтани Одина зарурат намемонад. А. Деҳотӣ бо ризогии муаллиф хитобкуниҳои аҳли чойхонаи Шоҳмирзоро тағйир дода, мувофиқи он тағйир додани ҷумлаи мазкурро, зоҳиран, аз ёд баровардааст.

Буд чанде ба ғам мубтало шайху шоб[1]
Шайх дар таҳлука, шоб дар печу тоб.
Канда бунёдҳо ҷавру бедодҳо,
Синаҳо пур зи хун, дидаҳо пур зи об.
Фирқае бесабаб дар ниам,[2] *дар тараб,*
Фирқае бегуноҳ дар бало, дар азоб.
Фирқае ҳукмрон дар ҷаҳон бе амон,
Фирқае ҳукмбар бе суолу ҷавоб.
Фирқае рӯзу шаб дар тапиш, дар тааб,[3]
Фирқае субҳу шом масти ҷому шароб.
З–ин мухолиф гурӯҳ мамлакат дар сутӯҳ,[4]
З–ин муонид[5] *фирақ*[6] *мулк дар изтироб.*
Ҳол ин гуна буд… Хост шӯре ануд,
Кард кошонаи мустабидон хароб.[7]

II. СОЛИ 1918

Соли 1918 барои меҳнаткашони Туркистон бисёр бад омад. Соли 1917 дар Осиёи Миёна беборишӣ ва хушксолӣ шуда, қаҳтӣ рӯй дода буд. Дар охирҳои имсол захираҳои ҳама кас тамом шуд, дар гӯша, бешаҳо агар чизе хӯрданӣ ёфт мешуд, ҳаннотон ғун дошта ба анборҳо ҷой мекарданд. Баъд ба гуруснагон, гӯё ки ба бадали нақди ҷон як лаб нон медоданд. Дар зимистони он сол мамлакат ранги як биёбони беобу алаферо гирифт, ки саҳроиён, деҳқонони фақир, мардико-

[1] **Шайху шоб** – пиру ҷавон
[2] **Ниам** – неъматҳо,
[3] **Тааб** – ранҷу мондагӣ
[4] **Сутӯҳ** – тангӣ, малулӣ…
[5] **Муонид** – зид ва мухолиф
[6] **Фирақ** – фирқа, гурӯҳҳо.
[7] Дар матнҳои соли 1948 ва Куллиёт чор мисраи охири ғазали «Инқилоб» партофта шудааст.

Ҳайратам даррабуд, к-ин чӣ ошӯб шуд,
Омад аз ҳашт сӯ инчунинам ҷавоб.
Инқилоб, инқилоб, инқилоб, инқилоб,
Инқилоб, инқилоб, инқилоб, инқилоб.

рони бекасу кӯй ва бодиянишинони бехонумон гурӯҳ-гурӯҳ монанди рамаи гӯсфанд ба талаби хӯрокворӣ ба шаҳрҳо рӯй оварданд.

Гуруснагон дар сари роҳҳо, дар миёнаи кӯмаи барфҳо, ба даруни ҷариҳову лаби рӯдҳо мурда мемонданд. Ин манзараи фоҷиаангез махсуси даштҳо ва беруни шаҳрҳо набуд, балки дар шаҳрҳо ҳам аз гуруснагӣ мурдан дар ҳукми одат даромада буд.

Бо ҳамин ҳол соли 1918 даромад. Ҳар қадар ки баҳор наздиктар мешуд, ҳамон қадар ҳам захираҳо кам шуда, шумораи гуруснагону аз гуруснагӣ мурдагон зиёдтар мегардиданд.

Дар болои ин касалии аракӣ (тиф), ки фарзанди баркамоли қаҳтиву гуруснагӣ аст, рӯй дода, то метавонист мардумро ба хоки ҳалок месупурд.

Фоҷеаи мухторияти Қуқанд,[1] хуруҷи Эргаш[2] ва босмачиёни дигар, бетартибиҳои дашнакиён[3] рӯй дода Фарғонаро, ки боғчаи Осиёи Миёна ба шумор мерафт, чун хонаи ҷуғз вайрону хароб кард. Дар натиҷаи воқеаи Колесов хунрезӣ ва бедодгариҳои амири Бухоро ба сари меҳнаткашони он тараф, ки аз гуруснагӣ ҷон медоданд, як балои дигар шуд.

Дуруст дар ҷойҳое, ки Ҳукумати Шӯроӣ барпо шуда буд, як дараҷа ин селоби фалокат пешбандӣ карда шуд. Чунончи,

---

[1] **Мухторияти Қуқанд** – ҳукумат дар Қуқанд, ки худро дар ноябри соли 1917 дар Туркистон мустақил шуморида, дар Съезди 4-уми Фавқулодаи Умумимусулмонии кишвар декабри соли 1917 ҷудо кардани Туркистонро аз Русия ба миён гузошт. Ҳукумати Мухтори Қуқанд 20 феврали соли 1918 аз тарафи дастаҳои аскарони сурх ва коргарони Қуқанд торумор карда шуд.

[2] **Эргаш** – яке аз сардорони муҷоҳидини Фарғона ва роҳбари Мухторияти Қуқанд буд, ки пас аз торумор шудани ин ҳукумат ӯ бо гурӯҳи худ бо дастаҳои муҷоҳидин як шуда ба муқобили давлати шӯравӣ мубориза мебурд.

[3] **Дашнакиён (Дашаксутюн – Иттифоқ)** – ҳизби буржуазии Арманистон, ки соли 1890 дар Тифлис ба вуҷуд омада буд. Аз майи соли 1918 сар шуда, то моҳи ноябри соли 1920 ҳизби ҳукмрони ҷумҳурии Арманистон буд. Феврали соли 1921 дашнакиён исёни зиддишӯравӣ бардоштанд ва шикаст хӯрданд.

дар ҳар куҷо кумитаҳо ва ҷамъиятҳои муборизакунандаи бо гуруснагӣ барпо гардид. Захираҳои мамлакат дар як ҷо ғун карда шуда, ба оммаи аҳолӣ ҳаррӯза бо сатҳи муайян маҷҷонӣ дода шуд, гуруснагони бекасу кӯй ба ошхонаҳо ва хобгоҳҳои умумӣ ҷамъ карда шуда, ба қадри имкон хӯронда ва пӯшонда шуданд, барои пешгирии касалии тиф чораҳои тиббӣ дида шуд.

Лекин ин корҳо дар шаҳрҳо ва, чунончи дар боло гуфта шуд, дар ҷойҳое буд, ки дар он ҷо Ҳукумати Шӯроӣ нуфуз дошт. Аммо дар дигар ҷойҳо ва хусусан дар қишлоқҳои дур толеи фарзандони одам тамоман ба тақдир ҳавола карда шуда буд.

Ин аҳвол то вақти гандумпазии соли 1918 давом карда, баъд аз даромадани ғаллаву дона ба дасти мардум оҳиста–оҳиста рӯ ба беҳбудӣ овардан гирифт. Лекин дар ин вақт дар тамоми Русия ва Туркистон ҷанги дохилӣ[1] сар шуда буд: сармоядорони беруна ба аксулинқилобчиёни даруни Русия ёрӣ дода сар то пойи ин мамлакати васеъро оташхонаву қассобхона гардонида буданд! Роҳи Туркистон аз тарафи Оренбург аз Русия бурида шуд, меҳнаткашони ин ҷо танҳо бо қуввати худ ба ҳифзу нигоҳдории Ҳукумати Шӯроӣ маҷбур шуданд. Дар ин ҳол сафедони ашқободӣ[2] бо ёрмандии англисон роҳи Бокуро бурида омада, нефту равғани лампаро боздоштанд. Найза ва шамшери худро ба сафҳаи синаи меҳнаткашон ва ҳукумати шӯроии Туркистон рост карда, то наздикии Чорҷӯй ҳуҷум намуда омаданд. Дар натиҷаи ин ҳол асбоби нақлиёт аз кор монд, корхонаҳои маҳаллӣ хоб рафтанд. Роҳи оҳан

[1] **Ҷанги дохилӣ** – нависанда ҷанги гражданиро, ки дар ҳоки мамлакати мо тобистони соли 1918 сар шуда, то моҳи ноябри соли 1920 давом кард, дар назар дорад.

[2] **Сафедони ашқободӣ** – ҳангоми ҷанги граждани (1918 – 1920) муҷоҳидоне, ки барои аз нав барқарор намудани сохти буржуазӣ – помешикӣ мубориза мебурданд, дастаҳои ҳарбии худро бо номи милитсияи буржуазии Финландия дар соли 1906 ташкил карда, гвардиячиёни сафед ном ниҳоданд. Сафедони ашқободӣ – гвардиячиёни сафеди дар Ашқобод амалкунада.

маҷбур буд, ки бо ҳезум ҳаракат намуда дар мудофиаи Туркистони сурх ҳамроҳӣ кунад.

Табиӣ, ҳоли бемори мо Одина ҳам бо таъсири ин аҳвол аз аввалааш бадтар шуд, хаёли қимиз хӯрдану сиҳат ёфтан дар қатори хаёли Гулбибӣ гузашта, як орзуи маҳол шуда рафт.

Ба толеи Одина хайрият, ки Шоҳмирзо буд, вагарна дар рӯзҳои вазнин қурбони нахустин ӯ мешуд. Даромади самоворхонаи Шоҳмирзо монанди пештара фаровон набуд, тангии аҳволи иқтисодии умумӣ ба ин ҷо низ таъсири худро нишон дода буд. Мусофирон гӯё ки ҳеҷ намеомаданд, касе ки як чойник чой хурданӣ шавад, бо ҳисобу сарфакории бисёр базӯр мехӯрд. Шоҳмирзо ба ин тангиҳо нигоҳ накарда як лаб ноне, ки меёфт, аввал ба Одина мехӯронид, мувофиқи супориши духтур хобгоҳу либосҳои ӯро ба қадри имкон покиза нигоҳ медошт. Хусусан, баъд аз пайдо шудани касалии тиф духтур дар ин бора бо муболиғаи бисёр таъкид карда гуфта буд, ки «ҳушёр бош, агар ягон шабуши одами тифдор ба бадани Одина роҳ ёбад, ҳамон рӯз ба касалии тиф гирифтор хоҳад шуд, ин заъфу бекувватӣ, ки дорад, ба ин касалӣ тобоварӣ карда натавониста талаф хоҳад шуд».

Шоҳмирзо азбаски ба гуфтаҳои духтур тамом боварӣ дошт, рост будани дарёфтҳои ӯро чандин сол боз ба чашми худ дида ва Одинаро ҳам бо як муҳаббати бародарона дӯст медошт, фармоишҳои духтурро дар бораи ӯ нуқта ба нуқта риоя мекард.

Ба сабаби ин тадбирҳо Одина агарчи намурда монд, лекин бисёр заифу бемадор шуда буд, бе ҳимояти касе аз ҷой барҳоста наметавонист, дар вақти сулфа балғамаш хунолуд меомад. Мушкилтар ин буд, ки бештар аз як сол боз аз маҳбубаи дилоромаш хабаре надошт, намедонист, ки ба сари ӯ чиҳо омада бошад. Аз заъфу нотавонӣ ҷонаш ба лаб расида, гӯё ки фақат аз барои шунидани ягон хабари ҷонони худ мунтазир истода буд.

III. КЎҲИСТОНИ БУХОРО

Кӯҳистони Бухоро,[1] ки ба дасти амирон афтидан боз рӯйи беҳбудиро надидааст, дар соли 1918 бисёртар ба тангӣ афтода буд: бебориш ва хушксолии соли 1917 дар он ҷо ҳам қаҳтиву гуруснагӣ оварда буд. Фақирони Кӯҳистон, ки дар солҳои фаровонӣ барои ёфтани пули ноне ба Туркистон муҳтоҷ буданд, дар ин сол эҳтиёҷмандии онҳо зиёдтар шуда буд. Лекин ҳукумати Бухоро имсол рафтуомади Туркистонро мамнӯъ карда намегузошт, ки касе аз аҳолии Кӯҳистон аз сарҳад барояд ё ки дарояд, метарсид, ки агар мардум ба Туркистон рафтуой кунад, ба талқиноти болшевикону гурезагони Бухоро[2] гӯш карда ба муқобили ҳукумати амир шӯриш хоҳанд кард. Баъд аз воқеаи Колесов[3] ин гуна гирифтугири амир аз аввала ҳам зиёдтар шуд. Бар болои ин, амир имсол аз ҳарсола бештару вазнинтар андозҳо андохт.

Ҳокимоне ки дар ин ҷо аз ҷониби амир ҳукмронӣ мекарданд, андозҳои подшоҳиро яке бар чанд карда аз мардум меситониданд ва мозодаи[4] чизеро, ки ба хазина супурда мешуд, ба кисаи худ меандохтанд. Касонеро, ки ин гуна андозҳои аз одат берунро намедонанд ё ки дода наметавонистанд, ба зиндон меандохтанд, ё ёғӣ гуфта бандӣ намуда ба Бухоро мефиристоданд. Дар ин бедодгариҳои ҳокимон амалдорони маҳалливу муллоён ёрӣ медоданд ва роҳнамоӣ мекарданд. Зеро ҳар чизе, ки аз кисаи фуқаро барояд, як қисмаш аз дасти ҳокимон ба номи инъому эҳсон ба кисаи онҳо медаромад.

---

[1] **Кӯҳистони Бухоро (Кӯҳистон)** – Тоҷикистони марказӣ, ки қаторкӯҳҳои Туркистон, Зарафшон, Ҳисор, Қаротегинро дарбар мегирад.

[2] **Гурезагони Бухоро** – ҷавонбухориёну озодхоҳоне, ки ба сабаби бемуваффақият анҷом ёфтани нақшаи ҳуҷуми Колесов ҳамроҳи аскарони рус ба Самарқанд, Тошканд ва дигар шаҳрҳои Туркистон паноҳ бурданд.

[3] **Колесов Фёдор Иванович** (1891 – 1940) – раиси Шӯрои комиссарони халқии Туркистон, ки дар охири моҳи феврали 1918 қувваҳои ҳарбии худро аз Қуқанд ва Самарқанд ба Когон оварда 2 март ҳамроҳи ҷадидҳо барои сарнагун кардани ҳукумати амир ба Бухоро ҳуҷум намуд. Веле ин ҳуҷум бемуваффақият анҷом ёфт. «Воқеаи Колесов» ишора ба ҳамин ҳуҷуми бемуваффақияти ӯст.

[4] **Мозода** – истилоҳи молиявии Бухорои амирӣ буда, ба маънии «чизи барзиёдмонда аз он чизе, ки ба хазина супурда шудааст» мебошад.

Дар вақти сар шудани воқеаи Колесов амир амалдорону навкарони Кӯҳистонро ба Бухоро талаб карда буд. Баъд аз тамом шудани ин воқеа ва имзо ёфтани сулҳи Қизилтеппа[1] ҳам амир ба қувва ҷамъ намудани худ давом мекард ва барои оянда ҳозириҳо медид. Аз ин ҷумла мардуми Кӯҳистонро ҳам ба ёрӣ талаб карда буд. Танҳоҳҳӯрону амалдорони калон, албатта, барои ёрӣ додан ба амир ҳозир буданд. Аммо ин кифоя намекард: амир мехост, ки аз ҳама гуна қувватҳои моддию маънавии Кӯҳистон барои нигоҳдории тоҷу тахти худ фоида барад. Барои ба даст даромадани ин муддао амалдорони калон ва муллоён дар миёнаи мардум ташвиқот мекарданд. Аз як тараф, ташвиқоти онҳо ва аз тарафи дигар, иҷбору зӯр кардани ҳукумат як қисми мардумро ба ёрии амир маҷбур карда бошад ҳам, қисми куллӣ, хусусан синфи фақирон, ки ғайр аз пул додану ҷон додан ба дарбори амир дигар муносибат надоштанд, ба ин кор ҳеҷ розӣ набуданд, то фурсат меёфтанд, аз ёрмандӣ кардан ба амир ва ҳукумати ӯ мегурехтанд, ҳатто зимнан ва оҳиста–оҳиста ба муқобили ҳукумати амир ташвиқот ҳам мекарданд. Барои ин кор дар дасти онҳо санаду дастакҳои таърихӣ бисёр буд. Мардуми Кӯҳистон ин санадҳоро аз падару бобоҳояшон даҳан ба даҳан шунида ёд медонистанд.

Мо дар ин бора аз воқеаҳои чандинсолаи пештараи Кӯҳистон чашм пӯшида, танҳо баъзе фоҷиаҳоеро, ки дар аҳди амирони манғит[2] дар ин мулк рӯй додаст, ба тариқи мисол ба хотири хонандагон меорем.

Дар вақти гузаштани ҳукумати Бухоро аз астархониён[3] ба дасти манғитиён тамоми Кӯҳистон ба сари худ мустақил буд.

---

[1] **Сулҳи Қизилтеппа** – муоҳидаест, ки баъди шикаст хӯрдани Колесов роҳбарияти кишвари Туркистон ва амири Бухоро ба имзо расониданд.

[2] **Амирони манғит** – сулолаи амирони Бухоро аз қабилаи манғитиҳо аз соли 1753 то соли 1920 Муҳаммадраҳимхон (1753 – 1758), Дониёлбек (1758 – 1785), Шоҳмурод (1785 – 1800), Ҳайдар (1800 – 1826), Насруллоҳ (1826 – 1860). Музаффар (1860 – 1885), Абдулаҳадхон (1885 – 1910) Олимхон (1910 – 1920).

[3] **Астархониён ё аштархониён** – сулолаест аз авлоди Ҷӯҷихон, ки аз с.80 асри XIV дар Астрахан ҳукмронӣ карда, дар солҳои 1599 – 1753 дар Мовароуннаҳр ва қисми Хуросон ҳукмронӣ кардааст.

Агар дар он вақт тарзи зиндагии аҳолии Кӯҳистон ибтидоӣ ва тартиби ҳукуматашон оқсақолӣ бошад ҳам, бо вуҷуди ин, ба деҳқонӣ ва чорводории худ машғул, ба зан, фарзанд, ирзу номуси худ худ соҳиб ва ба хонаи худ як дараҷа осуда рӯзгор мегузарониданд.

Вақте ки Раҳимхони манғит ҳукумати худро дар Бухоро мустаҳкам карда, ба тарафи Кӯҳистон лашкар кашид, нахустин задухӯрди ӯ бо ҳисориён ба наздикии қалъаи Пошхӯрд дар қалъаи Тангдевон воқеъ шуд (1169 ҳиҷрӣ),[1] чун Раҳимхон дар ин ҷанг ғолиб баромад, мардонро тамоман кушт, занону духтаронро асир карда ба Қаршӣ оварда дар бозори Қаршӣ ба воситаи ҷарчӣ ҷеғ занонда, занону духтарони асираро ба толибонашон фурӯхт. Ба тақсими дигар ғаниматҳое, ки дар ин ҷанг ба даст афтод, шаш рӯз сарф шуд.

Раҳимхон дар сафари дувуми худ ба тарафи Кӯҳистон ба наздикии қалъаи Шеробод, дар қалъаи Кӯҳтан бо ҳисориён ва соири озодихоҳони Кӯҳистон рӯ ба рӯ шуд. Чун Раҳимхон ба фатҳи ин қалъа даст ёфт, тамоми мардуми ба дастафтодаро кушта, аз сари онҳо дар он ҷо калламанора сохт (яъне, сарони буридаро болои ҳам чида ба шакли манора рост кард), занону духтаронро ба сипоҳиён тақсим карда дод (1170 ҳиҷрӣ).[2]

Чун боқимондаи аҳолии Кӯҳистон ин даҳшату ваҳшатро диданд, ба умеди ҳифзи ҷону моли худ бе ҷангу ҷадал қалъаҳояшонро ба гумоштагони Раҳимхон супурданд. Қалъаи Қаротегин ҳам ба ихтиёри худ таслим шуд. Ҳокими Ҳисор Муҳаммадаминбий гурехта ба Афғонистон илтиҷо бурд.

Раҳимхон баъд аз таслим шудани аҳолии Кӯҳистон аз он ҷо бист ҳазор хонаворро ба тарафҳои Бухоро кӯчонид ва аз аҳолӣ ба номи пули амонӣ бист ҳазор тиллои нақда, се ҳазор асп ва панҷсад шутур бор андоз карда гирифт, дар ҳама шаҳрҳои Кӯҳистон аз тарафи худ ҳоким монда барои муҳофизати ҳокимони худ илғор[3] гузошт. Аз ин ҷумла дар шаҳри Душанбе писари Саримсоқбег – Ғулчабегро ҳоким таъйин кард.

---

[1] Соли 1169 ҳиҷрӣ ба солҳои 1755 – 1756 мелодӣ рост меояд.
[2] Соли 1170 ҳиҷрӣ ба солҳои 1756 – 1757 мелодӣ рост меояд.
[3] **Илғор** – ин ҷо ба маънои гарнизон аст.

Раҳимхон пас аз тороҷ кардани аҳолии Кӯҳистон ва андохтани занҷири ғуломӣ ба гардани онҳо бозгашта ба Бухоро рафт. Ҳокимони Раҳимхон аз худи ӯ ҳам зиёдтар ба аҳолӣ ҷабру бедод кардан гирифтанд. Аҳолӣ ба ин ҳама зулму ноҳаққориҳо тобоварӣ карда натавониста, соли дигар исён карданд ва қалъаи Гурзакро мустаҳкам намуда ба худ паноҳгоҳ сохтанд. Чун гумоштагони Раҳимхон ба Гурзак ҳуҷум оварданд, озодихоҳон аз он ҷо кӯчида ба қалъаи Сина рафтанд ва аз он ҷо ба Дараи Ниҳон кӯчида, барои шӯриши умумӣ ҳозирӣ диданд. Вақте ки қувваташон тайёр шуд, 22 рамазони соли 1171 ҳичрӣ[1] ба қалъаи Деҳнав ҳуҷум карда шаҳрро гирифтанд. Гумоштагони Раҳимхон ба даруни қалъа (арк)-и Деҳнав дар муҳосира монданд.

Бисёртарини лашкариёни Раҳимхон, ки дар яйлоқи Болоҳисор буданд, ин хабарро шунида, дигар илғорҳоро ҳам ғун карда шаҳри Деҳнавро аз берун ба муҳосира андохтанд. Ин вақт озодихоҳон ба ду ҷабҳа меҷангиданд: аз як тараф, ба арк дар ҳуҷум, аз тарафи дигар, ба беруни шаҳр дар мудофиа.

Ин ҷанг чил рӯз давом кард. Оқибат бо расида омадани худи Раҳимхон шаҳр фатҳ шуд.

Раҳимхон аз саркардагони озодихоҳон Амонбоқӣ номро ба сари хода шинонда кушт; дигар аҳолиро, ки ба даст афтоданд, сар бурида, дар болои пуштае, ки ба муқобили дарвозаи шаҳри Деҳнав буд, аз сари кушташудагон калламанора баст.

Баъд аз он Сариҷӯй, Регар, Душанбе ва соири қалъаву шаҳрҳоро гирифта, ҳар қадар асир, ки ба дасташ афтод, кушта сарашонро ба Деҳнав фиристода ба калламанора зам кард.

Чорсад нафар хуҷандӣ ва уротеппагӣ, ки бо фармуди[2] ҳокими Хуҷанд Фозилбий барои ёрии ҳисориён рафта бу-

[1] 22 рамазони соли 1171 ҳичрӣ ба 1 июни 1758 мелодӣ баробар аст.

[2] Ин фоҷиаҳои таърихӣ, ки дар ин боб нақл ёфтанд, аз «Туҳфаи хонӣ» ном китобе, ки ба номи Раҳимхон ва ба фармоиши ӯ аз тарафи Қозӣ Муҳаммадвафо (Шуҳрат) бинни Қозӣ Зуҳайр ном карминагӣ навишта шудааст ва қисми охирии ин китоб аз тарафи муҳаррири мазкур ба фармоиши амир Дониёл таҳрир ёфтааст, хулоса карда гирифта шуд (шарҳи нависанда).

данд, дар Дараи Ниҳон ба дасти гумоштагони Раҳимхон афтода кушта шуданд ва сарони онҳо ҳам ба сари калламанора баромад.

Ин аҳвол танҳо дар Ҳисор ва кӯҳистони атрофи он рӯй надода буд, балки Панҷакент, Ёрӣ, Киштут, Урметан, Моғиён, Фароб ва Фалғар ҳам бо ҳамин даҳшату ваҳшат ба дасти Раҳимхон даромада буданд (1166).[1]

Баъд аз сари Раҳимхон дар аҳди амир Дониёл боз ҳамин ош буду ҳамин коса: аҳолии Кӯҳистон озодӣ мехоҳанд ва орзу мекунанд, ки ба сармояи меҳнати худ худ соҳиб бошанд, ҳосилоти деҳқонӣ ва чорводории худро ба рӯзгори худ сарф намоянд. Дониёл мехоҳад онҳоро асир намояд ва буду набудашонро бирабояд. Боз ҳамон исён, боз ҳамон ҳуҷум, боз ҳамон кушокушӣ ва калламанора.

Дар аҳди амир Ҳайдар, Насрулло (Ботурхон) ва Музаффар боз ҳамон моҷароҳо такрор меёбанд. Хусусан, фоҷиаҳои аҳди Музаффар воқеаҳои даври Раҳимхонро тамом дар хотирҳо андохт[2]. Як даста лашкар бо тӯпу тӯпхона дар зери фармонфармоии Яъқуб қушбегӣ тамоми дара ва Кӯҳистонро гашта буду нобуди мардумро ба номи пули амон ситонид. Баъд аз фатҳ ва сӯхтани шаҳри Деҳнав амир Музаффар асиронро тамоман ба сари як пушта ғундошта, агар ба иборати «Тоҷуттаворих» гӯем,[3] монанди говони қурбонӣ сарашонро бурид.[1]

---

[1] Соли 1166 ҳиҷрӣ ба соли 1752 – 1753 мелодӣ рост меояд.

[2] Дар миёнаи ин ду «қаҳрамон», яъне Раҳимхон ва Музаффар, як хусусияти таърихии аҷиб ҳаст: ба чи тавре ки Раҳимхон бо тӯпу туфанги Нодирхони Афшор, ки вай мехост Эрон, Афғонистон, Ҳиндустон, Осиёи Хурд, Осиёи Миёнаро дар зери як ҳукумати марказӣ дароварда, барои сармояи тиҷорат, ки дар вақти мулукуттавоифӣ парешон шуда буд, замина ҳозир намояд – вазифаи хун рехта ба ҳукумати марказӣ толеъ кардани Мовароуннаҳрро ба гардан гирифта бошад, ба ҳамон тавр Музаффар ҳам пас аз шикаст хӯрда ба ҳимояти императори рус даромаданаш ин вазифаи бо тӯпу туфанг барои капитали рус замима ҳозир карданро ба гардани худ гирифта буд (шарҳи нависанда).

[3] **Агар ба ибораи «Тоҷуттаворих» гӯем** – воқеанигор ва амири Афғонистон дар солҳои 1880–1901 Абдураҳмонхон (1844-1901) дар «Тоҷуттаворих» оид ба бедодгариҳои гӯшношуниди амир Музаффар сухан ронда, аз ҷумла менависад: «Рӯзе дар байни роҳ қитъаи замини муртафеъро дидам, ки ҷиҳати чодарҳои амири Бухоро (Музаффар – К. А.)

Дар аҳди Абдулаҳад ва Олимхон бошад, дар аҳолии Кӯҳистон маҷоли ҳаракат намонда буд: мол, ашё, зан, фарзанд, ирзу номусашон ҳамагӣ поймоли амиру гумоштагони ӯ гардид.

Амир Олим боз имрӯз мехост, ки дар пойдор кардани қасри зулму истибдоди худ аз қуввати ҳамин аҳолии барҷомондаи Кӯҳистон истифода намояд, ононеро, ки бо рехтани хунашон ба даст даровардааст, дар хунрезии худ шарик намояд. Ононе, ки манфиаташон ба манфиати амир яке аст (монанди амалдорону муллоён), албатта ба ӯ ёрӣ медиҳанд ва аҳолиро ҳам барои ёрӣ додан ба ӯ далолат мекунанд. Аммо оммаи мардум ба ризову рағбати худ ҳеҷ гоҳ ба ӯ ёрӣ доданӣ набуданд.

Ҳокимони амир (чунончи дар боло гуфта шуд) ба розигӣ ва норозигии мардум нигоҳ накарда андозҳои аз одат берунро ғундошта гирифтанд. Амалдорону навкаронро ба Бухоро фиристоданд ва дар қатори онҳо бандиёнеро, ки дар зиндонҳои Кӯҳистон маҳбус буданд, низ фиристоданд.

Дар Бухоро амалдоронро дар чорбоғҳои подшоҳӣ ва хонаҳои мардум ҷой доданд, бандиёнро ба дастаи «шербача»,[2] ки аз дуздон ташкил ёфта буд, ҳамроҳ карданд.

Кӯҳистониён ба ҳавои Бухоро тоб наоварда баъзеашон мурданд, баъзеашон гурехтанд ва қисме, ки амалдорони калон буданд, ба ёрии амир монданд.

мусаттаҳ карда буданд ва ин қитъа замин ба хун олуда буд. Аввал хаёл кардам, ки ин хуни говҳост, ки ба ҷиҳати садақаи нусрат ва фатҳе, ки ба амир рух додаст, забҳ намудааст. Пурсидам: «Чаро говҳоро дуртар забҳ накардед?» Мардони он ҷо оҳе кашида гуфтанд: «Ин хуни инсон аст, на хуни гов» (Амир Абдураҳмон. «Тоҷуттаворих», ҷ, аввал, Бомбай, 1322ҳ, с. 67).

[1] Аз «Туҳфаи шоҳӣ» ном китоби Мирзо Азими Сомии бӯстонӣ.

[2] **Дастаи «Шербача»** – дастае, ки амир Олимхон баъди воқеаи Колесов аз ҳисоби дуздон ва роҳзанон ташкил карда буд. «Шербачаҳо» бо ярқе, ки аз амир гирифта буданд, дар Бухоро ва шаҳрҳои гирду атрофи он роҳзанӣ ва ғоратгарӣ менамуданд. Баъди инқилоби Октябр як қисми онҳо ба қишлоқҷойҳо рафта, қисми дигарашон бо амири гуреза ҳамроҳӣ карданд.

IV. ШАХСИ НОШИНОС

Одинаи бечора, ки ду сол боз ба ин касалӣ мубтало аст, бисёртар дар офтоб нишастани ӯро супориш кардани духтур табиист. Агарчи дар айёми тобистон, дар моҳҳои ҷавзову саратон, ғайр аз аввали пагоҳ дигар вақт дар офтобрӯя нишастан мумкин набуд, дар моҳи мизон бисёртари рӯзро ба офтоб гузаронидан муяссар шуд, зеро офтоби ин моҳ он қадар гарм нест, ки инсон ба вай тоқат карда натавонад.

Бинобар ин, Шоҳмирзо дар ин рӯзҳо кати Одинаро ба офтобрӯя бароварда, Одинаро аз пагоҳ то бегоҳ дар он ҷо мехобонид.

Як рӯз, дар вақте ки Одина бар болои кати худ дар офтобрӯя нимхобу нимбедор дароз кашида ёзида буд ва Шоҳмирзо ба ояндаву равандагон чойю чилим медод, шахси ношиносе омада ба як гӯшаи чорпояи самоворхона нишаст ва ба Шоҳмирзо як чой супориш намуд.

Агарчи афту андоми ин шахс ба як тоҷик монандӣ дошт, аммо либосаш, ки иборат аз як телпаки куҳнаи кафкозӣ, кулӯчаи даридаи сарбозӣ ва чолвори васеи мешии сурх буд, ба либоси ҳеҷ дохунда[1] монандӣ надошт.

Шоҳмирзо бо вуҷуди бегонагии пӯшок аз андоми ин шахс тоҷик буданашро гумон карда ва барои фаҳмидани ҳақиқати ҳоли ин шахс як чойник чой дам карда оварда дар миёнаи Одина ва ӯ нишаста бо кашидани чой сар кард. Аввал чойро худ нӯшида, пиёлаи дувумро ба шахси ношинос дод ва дар аснои чойхӯрӣ ба ӯ нигоҳ карда гуфт:

– Меҳмон! Пурсидан айб нест, шумо куҷойӣ ҳастед?

– Қаротегинӣ, – гуфт шахси ношинос.

Одина ҳамин ки калимаи «қаротегинӣ»–ро шунид, чашмони нимпӯшидаи худро калон кушода, ба тарафи ин шахс бо диққати тамом нигоҳ карда дид, ки ба назараш ошно менамо-

[1] **Дохунда** – аз калимаи «додар» ва «хонда» – додархонда. Дар байни қисми тоҷикони ҷануби Тоҷикистон маънои ошно, ҷӯраро дорад. Лекин дар «Одина» ва «Дохунда» он ба маънои пойбараҳнагони кӯҳистонӣ истифода шудааст.

яд, аммо дар кучо дидани ӯро ба хотир оварда натавонист. Ҳарчанд мехост, ки ҳавоси худро як ҷо ҷамъ карда фикр намояд, шояд, кӣ будани ин шахс ба ёдаш ояд, аммо хаёлаш ба тарафҳои дагар мегурехт ва ба муносибати дар миён омадани калимаи «Қаротегин» айёми гузаштаи дар он вилояташ бо хотираҳои талху ширини он ҷо ягон–ягон ба пеши назараш меомад. Аз байни хотираҳо чизе, ки Одинаро бисёртар ба худ машғул мекард, албатта, хотираи Гулбибӣ буд.

Қаротегин… Ин чӣ қадар ҷойи азизу муборак буд, ки Одина азизтарин умри худро, ки айёми хурдсолӣ аст, дар ин ҷо ба висоли Гулбибӣ гузаронида буд.

Қаротегин... Ин чӣ гуна харобаи зулмобод буд, ки ба шумии арбобкамолҳои он Одина аз маҳбубаи худ абадӣ ҷудо шуда буд!

Оре, Одина худро аз ёри меҳрубони худ ҷудо шуда мепиндошт, зеро имрӯзҳо беморӣ ба ӯ чунон зӯр оварда буд, ки ба халос шудан аз ӯ ва дарёфтани висоли ёр ҳеҷ умед надошт. Танҳо орзуе, ки дар дил дошт, ин буд, ки хабаре аз тарафи ёру диёр шунавад. Агар хуш аст, ба лаззати он хабар ва агар бад аст, бо талхиаш ба осонӣ ҷон диҳад.

Ба умеди усули ин орзу дубора ба суханҳои шахси ношинос бо диққат гӯш дод.

Шоҳмирзо ба шахси ношинос гуфт:

– Магар ба ин шаҳр тоза омадаӣ?

– Як моҳ шуд.

– Аз Қаротегин кай баромада будӣ?

– Тахминан чор моҳ шуд.

– Магар аз болои Фарғона омада дар он ҷо чанд гоҳе мондаӣ?

– Не, роҳи байни Қаротегину Фарғона баста аст, Ҳукуматдорони Қаротегин намегузоранд, ки касе аз он ҷо ба Фарғона ояд.

– Набошад ту чӣ гуна ва аз кадом роҳ омадӣ?

– Ман аввал аз Қаротегин ба Бухоро омадам, дурусттари сухан он аст, ки маро ба Бухоро оварданд, баъд аз чанд гоҳе аз он ҷо ба ин тараф омадам.

– Бародар, (ба худ ва Одина ишора карда), мо ҳам тоҷик

ҳастем, бинобар ин, аҳволи туро покиза донистан хостем, ба сабаби ин пурсишҳои пайдарпай маро айб нафармоӣ.

– Ман ҳам медонам, шумо тоҷик ҳастед. Аз бозе, ки ман ба Тошканд омадаам, ҳар рӯз аз ҳар кас «дар ин шаҳр тоҷик ҳаст ё нест» гуфта суроғ мекардам, дирӯз касе шумову дукони шуморо дарак дод. Бинобар ин, ба шумо шиносо шавам гуфта ба ин ҷо омадам.

– Бисёр хуш омадӣ, аз ҳоли худ гап зан, аз Қаротегин чӣ гуна омадӣ ва дар Бухоро чӣ мекардӣ?

– Ман дар зиндони Қаротегин бандӣ будам. Имсол амир бандиёнро ҳам ба қатори навкарон ба Бухоро талаб кард. Ҳокими он ҷо маро ҳамроҳи дигар бандиён ба Бухоро фиристод: дар ин ҷо маро ба «шербача» ном дастае, ки аз дуздон барпо шуда буд, ба навкарӣ даровардand. Баъзе касони даста, монанди ман ба туҳмат гирифтор шуда бошанд ҳам, бисёртаринашон дуздони номдори хунхӯр буданд. Чанд гоҳе ҳамроҳи ин даста дар Бухоро ва атрофи он посбонӣ кардем, аммо чӣ гуна посбонӣ, ки мардум аз дасти дастаи мо ба дод омаданд. Навкарони дастаи мо ба ҳар қишлоқ, ки мерафтанд, бачагон, зану духтарони бекасро оварда базм мекарданд, моли фуқароро рӯйрост тороҷ менамуданд… Касеро, ки ба худашон ва корҳояшон нигоҳи бад кунад, дасту пояшро баста, «ҷадид» гуфта ба Бухоро мефиристоданд. Ин гуна бандиён агар дар Бухоро пули бисёре харҷ карда тавонанд, яъне пораву ришва диҳанд, халос мешуданд; бо вуҷуди халос шудан ба қишлоқи худ омада наметавонистанд, зеро агар биёянд, дубора ба чанги ин даррандагон гирифтор меомаданд. Аммо касе, ки пора дода натавонад, дар обхонаи Бухоро[1] кушта шуда, ҷасадаш ба кӯли дарвозаи Уғлон[2] партофта мешуд.

Ин аҳволест, ки баъд аз осуда шудани мамлакат шуда ис-

[1] **Обхонаи Бухоро** – яке аз ҳабсхонаҳои Бухорои амирӣ, ки он зиндони дарунии роҳрави арки Бухоро ҳисоб меёфт ва ниҳоят сернаму бадбӯй ва торику ифлос буд.

[2] **Дарвозаи Уғлон** – яке аз ёздаҳ дарвозаи Бухорост, ки дар тарафи шимоли ғарбии шаҳр дар байни дарвозаҳои Талипоч ва Ҳазрати Имом воқеъ аст.

тодааст, аммо дар вақти ҷанги Колесов ва то ду ҳафтаи баъди он, мегӯянд, мардумро монанди мӯру малах поймол карда мурдаҳояшонро ба кӯчаҳо андохтанд. Хайрият, ки ман дар он вақтҳо дар Бухоро набудам, вагарна ба дидани он ҳама хунрезиҳои ноҳақ тобоварӣ карда натавониста мемурдам. Дар он рӯзҳо мардумро на танҳо-танҳо, балки тӯда-тӯда мекуштаанд. Чунончи, рӯзе дар атрофи Қизилтеппа гаштугузор мекардем, гузори мо ба зовуди сӯхтаи пахта афтод. Дар он ҷо ба даруни чуқурӣ як тӯда устухони одамиро дидам ва аз як ҳамроҳам, ки онҷойӣ буд, пурсидам:

– Магар ин устухонҳо устухонҳои шаҳидони ҷанг аст, во аҷабо! Ба ҷойе, ки инҳоро ба болои пуштае гӯронда ба сарашон тӯғ бардоранд,[1] чаро ба ин чуқурӣ бо ин хориву зорӣ гузоштаанд?

– Инҳо шаҳид–маҳид нестанд, – гуфта ӯ ҷавоб дод,– балки барбарӣ ва тоҷикони мусофир буданд, ки дар ин зовуд ба қатори мардикорони рус кор мекарданд ва ин зовуд моли яке аз ҷадидони Бухоро буд. Вақте ки ҷадидон тамом шикаст хӯрда аз Когон гурехтанд, коргарони ин зовуд худро ба оташароба гирифта, роҳи Самарқандро пеш гирифтанд, аммо тоҷикони мусофир дар ин ҷо монданд. Дар ҳамин асно мо ба ин ҷо расида омадем, ба тороҷ кардану сӯхтани ин зовуд ва ба куштани касоне, ки дар ин ҷо ёфт мешаванд, аз ҳокимон ба дасти худ фармон доштем. Аввал ба куштани ин коргарон шурӯъ кардем. Онҳо мегуфтанд: «мо тоҷик ҳастем, мо мусулмон ҳастем, моро чаро мекушед? Гуноҳи мо ин аст, ки моро коргарони рус ҳамроҳи худ ба қафо гаштан далолат карданд, лекин мо ин корро қабул накардем ва дар паноҳи подшоҳи ислом монданро ба худ муносиб донистем, оё ҷазои касоне, ки ба ҷанг ҳамроҳӣ накарда бошанд ва сояи подшоҳи исломро ҳомии худ дониста, ба ақиб нагурехта бошанд, ҳамин аст!?..» Инҳо мехостанд бо ин забонбозиҳо моро фиреб дода аз кушта шудани худ халосӣ ёбанд.

---

[1] **Тӯғ бардоштан** – мӯйи думи асп, ки дар сари ходаҳои сари қабр ҳамроҳи матоъ мебанданд. Ин нишонаи эҳтиром ва эътибори марҳум аст.

– Магар онҳо дурӯғ мегуфтанд ва дар ҳақиқат ба ҷанг ҳамроҳӣ карда буданд? – гуфта ман аз рафиқи худ пурсидам.

– Не, рост мегуфтанд, ки онҳо ба ҷанг ҳамроҳ нашуда буданд, лекин ҳамеша дар ҳимояти подшоҳи ислом осуда нишастани онҳоро кӣ даъво карда метавонист?! Магар касоне, ки император барин як подшоҳи калонро бекор кардаанд, коргарон набуданд, магар касоне, ки ба ҷадидони Бухоро ёрӣ дода ба ҷаноби олӣ теғ кашониданд, коргарон набуданд? Инҳо ҳам имрӯз набошад, фардо ба ҷаноби олӣ теғ мекашиданд, бинобар ин, мо ба гапи ин кофирони ҷойдорӣ ҳеҷ гӯш надодем ва дар як чашм пӯшида кушодан ҳамаашро ба ин чуқурӣ, ки анбори оби зовуд буд, андохтем. Баъд аз ин чизҳои гаронбаҳои зовудро ғанимат гирифта, пас аз он ба иморати анбор ва мошинҳо оташ дода хокистарашро ба осмон баровардем. Азбаски дар вақти сӯзиши зовуд ин мурдагон ба даруни об буданд, носӯхта монданд, вагарна гардашон ҳам дар миёни хокистари зовуд дида намешуд. Баъд аз он ки гурезагон омада оби ин ҳавзро хӯрда тамом кардаанд, мурдаҳо намоён шуда даррандагон ва парандагон гӯшти инҳоро хӯрданд ва устухонашон ба ин ҷо тӯда шуда мондааст.

– Шахси ношинос баъд аз тамом кардани нақли ин фоҷиа гуфт:

– Агар ин ҳикоятро аз касе мешунидам, бовар намекардам. Аммо баъд аз дидани устухонҳо ва иқрорикунандагони ин кор ба бовар кардан маҷбур шудам ва сахт дар ҳайрату тааҷҷуб афтодам, ки ҳамин дараҷа ҳам зулму бедод будааст, аз номи подшоҳи ислом дар мамлакати исломӣ ҳукмронӣ карда фақирони мусулмонро бе ҳеҷ гуноҳ ва бо ин дараҷа хориву зорӣ мекуштаанд ва мекушондаанд?..

– Одина, ки бо шунидани ин фоҷиа аз ғояти ғазабу ҳисси интиқом чашмонаш чун машъали оташ медурахшид, дастони чун поғачӯб хушкидаи худро ҷунбонида гуфт:

– Ӯй, бародар! Он тоҷикон дар ҳақиқат гунаҳгор будаанд. Гуноҳи бузурги онҳо нодонӣ аст; гуноҳи бузурги онон ин аст, ки барои мардумфиребӣ, барои нобуд кардани душмани худ ва барои пур намудани киса олат будани номи дину миллатро надонистаанд. Агар фақирони ҳарҷоӣ ва деҳқонони қишлоқӣ

инро надонанд, айб набуд, аммо коргароне, ки ба корхонае ғун шуда кор мекунанд, найрангҳои душманони синфии худро боя̆д медонистанд, зеро дар миёнаи онон касони донишманд ёфт мешавад, аз мусулмонон ёфт нашавад, аз русон ёфт мешавад. Албатта, он донишмандон чӣ будани диндории арбоби истибдодро, фиребу найранги миллатдӯстии сармоядоронро ба ҳампешагони худ мефаҳмониданд. Онҳо барои халосии ранҷбарон, чораи якум аз кадом дину миллат, ки бошанд, як шуда ба муқобили подшоҳ ва аҳли истибдод, ба муқобили зулму бедод ва ба муқобили сармояву сарват бархостанро мегӯянд ва ба душмани синфӣ ба ҳеҷ ваҷҳ ва ҳаргиз эътимод кардан дуруст набуданро медонанд. Бо вуҷуди ин «ҳамдинам ва ҳаммиллатам» гуфта худро гӯсфандвор ба дасти душманони одамхӯри худ супоридан гуноҳ набуда чӣ буд?..

Хуб, инҳо гуноҳҳо ва ҷазоҳои гузашта, лекин мо агар аз ин воқеаҳо ибрат гирем ва баъд аз ин дӯсти мо кисту душмани мо кист, донем ва барои талаби ҳаққу хуни ҳампешагонамон ҳозир бошем, он хунҳои баноҳақрехта ҳадар нахоҳад рафт…

Шоҳмирзо ба Одина нигоҳ карда гуфт:

– Хайр, биё мон! Худатро бисёр накоҳон, гуфтаи худат барин, онҳо воқеаҳои гузашта, шояд аз ин ҳодисаҳо ибрат гирифта, фақирону коргарони мо ҳам дар оянда ҳушёрона кор кунанд. Ҳозир ҳикоятро шунавем, (бо шахси ношинос нигоҳ карда) баъд чӣ шуд?

Шахси ношинос ҷавоб дод:

– Чӣ шуд? Дидам, ки агар ба ноҳақ рехта шудани хуни он бечорагонро изҳор намоям, маро ҳам хоҳанд кушт, ночор дам шудам.

Баъд аз он дастаи моро бо саркардагии Ёвқочтитуқсабо ба Кармина фиристоданд. Аз рӯйи шунидам Ёвқочтӣ яке аз муқаррабони деринаи амир будааст, аз фоҳишасагони кӯчагӣ гирифта то қаландарбачагони амрад ба амир тайёр карда медодааст. Азбаски Кармина наздики сарҳад ва дамгаҳи талқиниҳои болшевикист, ин муътамади дарбор (Ёвқочтӣ)[1]-ро ба он ҷо фиристодаанд.

[1] **Ёвқочтӣ** – лақаби ҳарбиест, ки дар назди амир эътибори калон дорад.

Вақте ки ба Кармина омадем, дастаи мо яғмову торочи худро ба як тартиби муайян андохт: ҳар рӯз ин даста гурӯҳ–гурӯҳ шуда барои хабаргирии роҳи Самарқанд ва нигоҳбонии Чӯли Малик ба гаштугузор мебарояд. Ба ҳар роҳгузаре, ки вомехӯрад, «ту ҷадид ва кофир ҳастӣ» гуфта дастгир мекунад ва баъд аз ситондани буду набудаш, агар дар ҳақиқат каси шубҳанок бошад, бандиаш мекунад, вагарна сар медиҳад. Муқобила ва ё изҳори норозигикунандагонро мекушад; дасту гардани бандиёнро баста ба Кармина ба пеши Ёвқочтӣ мефиристонад. Он ҳам агар лозим донад, бандиро ба Бухоро мефиристонад ва ё баъд аз ҳабси чандрӯза ва таъзири сахт бо кафолати одамҳои муътамад ва ситонидани ришва озод мекунад.

Баъзе торочдидагони хомтамаъ то халос ёфтан аз дасти дуздон лаб во накарда, баъд аз он ба Кармина омада, ба Ёвқочтӣ шикояту додхоҳӣ мекарданд. Ӯ мегуфт: «Кӣ медонад, ки моли шуморо одамони ман гирифтаанд? Магар шумо болшевик ё ҷадидед ва мехохед, ки навкарони ҷонсупори ҷаноби олиро бадном кунед? Аз назарам дафъ шавед. Вагарна ҳозир ба зиндонатон хоҳам фиристод…»

Даст дароз кардан ба зану фарзандони фуқаро аз ҷумлаи корҳои муқаррарии ин «шербачагон» шуда монда буд.

Ман ба дидани ҳеҷ кадоми ин воқеаҳо тоб оварда наметавонистам, орзу доштам ва мехостам, ки фурсате ёфт шавад, то аз миёни ин гурӯҳи ҷаллодон гурезам, аммо намедонистам ба кучо ва чӣ ранг гурезам? Албатта, ба ватани худ гурехта рафта наметавонистам, зеро агар дар роҳ ба даст наафтам ҳам, дар худи он ҷо дастгир шуда кушта гардиданам ва ё ба зиндон афтоданам муқаррар буд.

Ба гузаштани ба тарафи Самарқанду Тошканд ҳам далерӣ карда наметавонистам, зеро ба мо чунон нишон дода буданд, ки «ҳар касеро, ки аз тарафи Бухоро ба он тараф равад, болшевикон мекушанд, аҳолии худи он ҷо низ аз дасти онҳо осудагӣ надоранд».

Боёну муллоёне, ки аз тарафи болшевикон гуреза шуда ба тарафи Бухоро мерафтанд, гуфтаҳои одамони амирро яке бар чанд карда тасдиқ менамуданд.

Агар аз гурезагони Бухоро гап яла шавад, мегуфтанд: «Он ёғиёни муртад мурданд, хок шуданд, рафтанд, ҳоло аз он кофирони ҷойдорӣ дар рӯйи дунё асаре намондааст».

Дар ин асно як шахсеро аз тарафи Қаттақурғон бандӣ карда оварда, ба Ёвқочтӣ рӯ ба рӯ карданд.

Ёвқочтӣ ба бандӣ гуфт:

– Эй муртад! Акнун ки ба даст афтодӣ, албатта, монанди саг ба хориву зорӣ кушта хоҳӣ шуд. Агар рост бигӯӣ, ки гурезагони Бухоро дар Самарқанду Тошканд чӣ кор карда гаштаанд, ба муқобили ҷаноби олӣ чӣ гуна ҳозирӣ мебинанд ва бо болшевикон робитаашон чӣ тавр аст, мумкин аст, ба ҷаноби олӣ арз карда хуни туро бахшонам…

Бандӣ гуфт:

– Беҳуда маро фиреб доданӣ машав, ман аз он аҳмақон нестам, ки ба сухани шумо дурӯғгӯёни беномус бовар кунам ва ҳам дониста бош, ки ман аз мурдан наметарсам. Вақте ки ман ва дигар рафиқонам ба муқобили амиру шумо бархоста будем, мурданро ба гардан гирифта будем. Имрӯз, ки ман ба даст афтодам, албатта, кушта хоҳам шуд, ба ин ҳеҷ шак нест. Лекин дониста бош. ки аз кушта шудани ман ба ту ва амири ту ҳеҷ нафъе нест, на танҳо ман, балки тамоми гурезагони Бухоро кушта шаванд ҳам, ба шумо роҳи халосӣ нест: аз паси мо ояндагон шуморо аз дунё нест карда, рӯйи заминро аз вуҷуди мурдори шумо пок хоҳанд намуд.

Аз аҳволи гурезагон чӣ мепурсӣ? Дар миёни онҳо ҳеҷ сиру асрори пинҳонӣ нест, ки ман ӯро ба ту гӯям. Дунё медонад, ки онҳо шабу рӯз тайёрӣ мебинанд, то як рӯз пештар аз шумо интиқом кашанд ва ин рӯзи фирӯз ҳам наздик расидааст, агар боварӣ надорӣ, ба ин наздикӣ ба чашми худ хоҳӣ дид. Чӣ муносибат доштани гурезагони Бухороро бо болшевикон ҳама медонанд. Вақте ки онҳо ба сояи ҳимояи болшевикон паноҳ бурданд, толеи худро бо толеи онҳо барбаста буданд.

Ёвқочтӣ бо шунидани ин суханони оташфишон аз ғазаб чун шуълаи оташ даргирифта ҳамон соат мехост ин бандии оташзабонро пора–пора карда ҷасадашро дар оташ сӯзонад. Лекин шикореро, ки ба машаққати бисёре ба даст оварда буд, ба амир пешкаш карданашро муносиб дониста, ба задани

чанд бунигарданӣ оташи хашми худро қадре фурӯ шинонда ва бандиро бо чопорҳои тезрафтор ба Бухоро фиристод. Назар ба шунидам, амир ин бандиро дар чорбоғи Ситора–Махоса[1] ба пеши назари худ бо шамшер гардан занонда баданашро пора-пора кунонда куштааст.

Баъд аз пурсуков маълум гардид, ки ин бандӣ Мирзо Усмон[2] ном яке аз аҳолии гурезаи Бухоро будааст, ки ба Тошканд рафта болшевик шудааст ва ӯро яке аз аксулҳаракатчиёни Каттақурғонӣ ба даст дароварда аз Тошканд ба Каттақурғон фиреб дода оварда бандӣ карда, ба дасти шербачагони Ёвқочтӣ дода фиристода будааст.

Ман аз ин воқеа пай бурдам, ки дар Туркистон барои гурезагони Бухоро паноҳгоҳе ҳаст ва ҳам гурезагон дар он ҷо дар фикри кор ва омодаи гирудоранд.

Баъд аз ин ман ба тарафи Самарқанду Тошканд гурехтанро ба худ ҷазм кардам ва як саҳари барвақт худро дар истгоҳ (стансия)-и Кармина гирифтам. Дарди дили худро ба коргарони роҳи оҳан гуфтам ва аз он ҷо бо ёрмандии онҳо ба ин ҷо гурехта омадам.

Одина барои дубора суханро ба болои Қаротегин бурдан аз шахси ношинос пурсид:

– Дар Қаротегин ба чӣ гуноҳ бандӣ будӣ?

Шахси ношинос гуфт:

– Ин воқеа ҳам аҷиб аст. Порсол, вақте ки ман бо мусофирони тоҷик аз Фарғона ба Қаротегин мерафтам, дар сарҳад одамони ҳокими амир маро ҷадид гуфта…

Шахси ношинос ҳанӯз сухани худро тамом накарда буд, ки Одина рост шуда бо диққати тамом ба чашмони ӯ нигоҳ карда:

– Вой, ту Шариф нестӣ? – гуфта фарёд кард.

Шахси ношинос аз дарёфти ногаҳонии ҳамсуҳбати ношиноси худ дар ҳайрат афтода, бе он ки ба пурсиши ӯ ҷавоб диҳад, ба ӯ нигоҳ карда истод ва якбора гуфт:

– Эҳ, ту Одина нестӣ?!

---

[1] **Ситора – Махоса** (Ситораи Моҳи хосса) – қасри сулолаи манғитиён, ки 4 км дуртар аз Бухоро воқеъ гардидааст.

[2] **Мирзо Усмон** – шахси таърихӣ, яке аз иштирокчиёни фаъоли ҷавонбухориён аст, ки дар Каттақурғон дар байни моҳҳои май – июни соли 1918 ба қатл расонида шудааст.

Ин ду рафиқи дерина ба ҷойи он, ба пурсупосҳои худ ҷавоб гиранд, якдигарро дар бағал гирифтанд, сару рӯйи ҳамдигарро бӯсиданд ва дубора ба ҷойи худ нишаста ба саломат дарёфтани якдигарашон шукрҳо гуфтанд.

V. ШАРИФ

Ин манзара бисёр тамошо дошт: Одинае, ки ду дақиқа пештарак барои фаҳмидани хабаре мехост ношиносро бо таъбире ба сари матлаб оварад, ҳозир ва ба як ногоҳ ба ӯ ошнои дерина шуда баромада буд. Акнун метавонист бе ҳеҷ андеша аз вай хабарҳо пурсад ва бе ҳеҷ мулоҳиза ба вай саргузашти хуро нақл намояд.

Аз ҳама хушнамотар вазъияти Шоҳмирзо буд. Ӯ як соат пештар бо чашми худ дида буд, ки ин шахс Одинаро намешинохт ва яқин дошт, ки Одина ҳам ба вай шиносоӣ надорад. Чӣ шуд, ки ин ду шахси ношинос якбора бо ҳам ошно шуда баромаданд, ба ҳадде ки якдигаро бо ному нишон ёд карданд. Ин воқеаи аҷиб Шоҳмирзоро ба ҳайрат андохта буд ва бисёр мехост, ки ҳамин дақиқа асрори ниҳонии ин муамморо ёд гирад. Лекин Одина ба ҳусули ин орзуи Шоҳмирзо роҳ надод ва ба вай гуфт:

– Акашариф ба мо меҳмони азиз аст, бемалол бошад, таоме тайёр мекардӣ, хуб мешуд, агар палав пазӣ, боз беҳтар аст. Ман ҳам қадами ин касро ба худ муборак шуморида, имрӯз парҳезро хоҳам шикаст ва бо шумо оши палав хоҳам хӯрд.

Дар ҳақиқат ба Одина ба сабаби шиносо баромаданаш ба Шариф як хурсандиву як хушвақтии аз одат беруне рӯй дода буд. Вай на ин ки танҳо бемориашро бартарафшуда гумон мекард, ҳатто худро боқуввату тавоно мепиндошт, бинобар ин, ин соат ба шикастани парҳез ҳақ дошт.

Шоҳмирзо ба Одина гуфт:

– Ду дег дорем, барои ту як коса шӯрбои мурғ хоҳам пухт, ту то тамом сиҳат ёфтани худ парҳезатро нашикан.

– Барои ман ҳеҷ ташвиш накашед, дар бошишгоҳи худ ош дорем, саломативу сиҳатии якдигар ғанимат аст, ош хӯрдан писанд нест, – гуфта Шариф узр хост.

– Худам ҳам гурусна мондаам, ошпазӣ барои ман ҳеҷ ташвиш надорад, ту намебудӣ ҳам, мо ягон чиз пухта мехӯрдем, –гӯён Шоҳмирзо як чойи тоза дам карда оварда монд ва худ ба сари дегу оташдон рафт.

Одинаву Шариф ҳарду як чойник чойро дар миён гирифта аз сари нав ба сари суҳбат ва чақ–чақ нишастанд. Одина мепиндошт, ки Шариф аз тамоми моҷарои ӯ бехабар аст, бинобар ин аввал саргузашти худро ба вай нақл карда, сонӣ аз вай хабаре аз хонадони худ пурсиданӣ шуд ва:

– Бародарам! Ман ба ин ҷавониву хурдсолӣ дар дунё бисёр ташвишҳо дидам, ту худ медонистӣ, ки аввалин дафъа ман ба чӣ азобу уқубат аз дасти арбоб Камол гурехта ба Фарғона омада будам; дар вақти бозгаштан ба дасти закотчиён ба қатори дигар мусофирон рафтани чизҳои маро ҳам худ дида будӣ, – гуфта гап сар кард ва тамоми воқеаҳоеро, ки пас аз он ба сараш афтода буд, ягон-ягон ҳикоят намуд ва дар охир гуфт:

– Як сол беш аст, ки аз аҳволи модаркалонам ва фотиҳахондаам хабаре надорам. Агар ту дар бораи онҳо чизе шунида бошӣ бигӯ.

– Вақте ки маро дар сарҳад ба банд гирифтанд…– гуфта Шариф мехост ҳикоя сар кунад. Одина сухани ӯро бурида:

– Дар сарҳад ба банд афтодани туро ман худ медонам; пас аз он ба сарат чиҳо омаданашро сонӣ ҳикоят хоҳӣ кард; ман аз тарафи хонаводаи худ бисёр хотирпарешонам, агар аз онҳо хабаре дорӣ, зудтар бигӯ ва маро аз ин парешонаҳволӣ раҳоӣ деҳ! – гуфт.

– Он қадар хабар надорам, аз вақте ки ба банд афтода аз шумоён ҷудо шудам, то фиристода шуданам ба Бухоро дар зиндон будам, – гуфта Шариф мехост гапро чапғалат андозад ва аз чизҳое, ки ногуфтанӣ аст, гурезад. Аммо ҷумлаи «он қадар хабар надорам»-и ӯ Одинаро ба шубҳа андохта, барои Шариф роҳи гурез вонагузошта буд.

– Агар андаке хабар дорӣ, зуд бош, бад аст ё нек, бигӯй ва маро хотирҷамъ гардон, – гуфта Одина пурсиши худро такрор кард.

Шарифро ғайр аз гуфтани чизҳои ногуфтанӣ чорае намон-

да буд, лекин кӯшиш мекард, ҳар чизеро, ки бояд ночор бигӯяд, дертар ва ҳам сабуктар карда бигӯяд.

– Сабр кун, чизеро, ки медонам, мегӯям ва аз даруни воқеаҳое, ки нақл хоҳам кард, матлуби ту ҳам мебарояд, – гуфта ҳикоят сар кард:

– Вақте ки маро бандӣ карда ба Қаротегин бурданд, дар таҳти дарвозаи қӯрғони он ҷо тамоми либосҳоямро аз тан кашида, маро ба хоначае андохта, дарашро қуфл заданд. Баъд аз соате дари хона боз шуда мириғазаб бо чанд нафар пешхидматони худ даромад, номам, номи падарам, куҷоӣ буданам ва дар Фарғона чӣ кор карданамро ягон-ягон пурсид.

Чизе, ки пурсид, ҳамаро ба ростиву дурустӣ ҷавоб додам. Мириғазаб гуфт:

– Ҷадидиро аз куҷо ёд гирифтӣ?

– Ҷадид–мадидро намедонам, – гуфтам.

Мириғазаб бо ду нафар пешхизмате, ки ба болои сарам рост истода буданд, имо кард. Ин ду девсиришт аз ду тарафи рӯям кашидаву кушода ду торсакӣ заданд, ки дуд аз димоғам баромад, чашмам сиёҳ рафт ва пас аз як–ду печутоб хӯрдан рӯйнокӣ ба замин афтодам, он ду нафар фаврӣ аз бозувонам гирифта, рост карданд ва рӯ ба рӯйи мириғазаб бо ду зону шинондандам.

– Нӯги қини подшоҳиро дидӣ, ин аз нӯги хамир фатир аст. Акнун зуд бош, росташро бигӯ ва ҷонатро аз азоб халос кун, – гуфт мириғазаб.

Ман:

– Чизеро, ки намедонам, чӣ бигӯям? Ҳар чӣ ба сарам ояд, аз толеам медонам.

– Чӯбро биёр! – гуфт мириғазаб ба яке аз одамони худ.

– Хӯш, тақсир, – гуфта ин одам рафт ва як банд чӯби илғайро, ки тахминан сӣ–чил дона буд, оварда ба миёнаи хона партофт.

– Бигӯй! Вагарна ба зери ин чӯб пора–пора шуда хоҳӣ мурд, – гуфт мириғазаб.

– Чӣ бигӯям?

– Чизеро, ки аз ҷадидӣ медонӣ?

– Нав гуфтам–ку: чизеро намедонам.

Мириғазаб дар ғазаб шуда:

– Ба гап задан хушат намеояд, хеле дамдорӣ. Пахш кунед ин муртадро! – гуфт ба одамони худ нигоҳ карда.

Онҳо маро рӯ ба замин хобониданд, яке ба гарданам савор шуда маҳкам пахш карда истод, дигаре ба болои ронҳоям савор шуда, пойҳоямро нигоҳ дошт ва ду нафарашон ду чӯбро гирифта аз ду тарафам истода ба сари шона то пушти ронам ношумур заданд, баъд аз як–ду қатор чӯбкорӣ кардан мириғазаб гуфт:

– Монед! Акнун бояд чун бирешими чортор хуб нарм шуда бошад.

Боз маро рост карда шинонданӣ шуданд, лекин ба ман ёрои нишастан намонда буд.

Мириғазаб гуфт:

– Чӣ тавр астӣ? Ҳанӯз як чӯб ношикаста худатро бой додӣ. Ҳолат, ки ҳамин будааст, чаро росташро нагуфтӣ? Ин аз сиву ду қини подшоҳӣ яке аст. Баъд аз ин ба сари зону ва нӯги нохун задан, тамоми баданро хуншор карда намак ҷой кардан, ба фарқи сар аз хамир охурча сохта равғани доғро рехтан ва монанди инҳо, ки то иқрор карданат ҳамаро ягон– ягон хоҳӣ дид, меояд[1]. Ҳоло ҳам сари барвақт аст, ҷони ҷавонатро дар азоб намон ва корҳоеро, ки дар роҳи ҷадидӣ кардаӣ, бигӯ!

Ман…

Яке аз пешхизматон ба мириғазаб гуфт:

– Ҳоло андак суст шуд. Имрӯз нагуфта бошад ҳам, фардо хоҳад гуфт, имшаб монед, ки хуб фикр кунад, агар фардо ҳам нагӯяд, боз қин хоҳем кард.

Мириғазаб:

– Рӯз ҳам бевақт шуд, ҳар чӣ лозим бошад, фардо мекунем.

[1] Дар вақти ҳукумати амир ин тарз истинтоқ ва иқроркунонидани ҷабрӣ (кин) махсус ба вилояте ва ҳокиме набуд, балки аз шаҳри Бухоро гирифта то вилоят ва туманҳои хурд ин усул дар ҳукми одат буд. Бисёр вақт мешуд, ки бандиён ба ин гуна азобҳо тоб оварда натавониста ба гуноҳҳои калоне, ки накарданд, «кардем» гуфта иқрор мекарданд. Сиву ду қини подшоҳӣ дар усули ҳукуматдории амирони Бухоро маҳз гапи хушк набуда, ҳамаи онҳо дар вақти лузум ба амал меомад. Қини охирӣ ба фарқи сар аз хамир охурча карда равғани доғ рехтан буд, ки гирифтори ин ҷазо, албатта, мемурд (шарҳи нависанда).

Ба гарданаш ҷел ва ба пойҳояш кунда[1] занед! Хеле таҳамтан менамояд, мабодо нагурезад, – гуфта бирафт.

Пешхизматон баъд аз он ки ба гарданам ҷел заданд, поямро дар кунда андохта фона заданд, озоре, ки аз кунда ба поям расид, то имрӯз асараш боқист, – гуфта Шариф пояшро ба Одина нишон дод. Дарвоқеъ, ба банди пояш доғҳои сафед ва асари ҷароҳати баҳамомада ҳанӯз намоён буд.

Шариф ба сухани худ давом карда гуфт:

– Албатта, он шаб то рӯз хобам набурд, аз як тараф, озори пой ва аз тарафи дигар, бими қини фардо ба чашм пӯшидан роҳ намедод.

Рӯз шуд, офтоб баромад, чоштгоҳ шуд, пешин расид, аз мириғазаб дарак нест. Агарчи ду рӯз аст ғайр аз чӯб ва торсакии дирӯза чизе нахӯрдам, асари гуруснагӣ ба худ намедидам, лекин тақозои қазои ҳоҷат маро бисёр танг намуда ва ташнагӣ ҳалқамро бағоят хушк карда буд.

Гаштҳои пешин буд, ки қулфи дари хонаро касе кушодан гирифт, ман ҳам барои кашидани қинҳои дигар ба худ тайёрӣ медидам. Дар боз шуд, яке аз бандибонон дар ҳолате ки дар дасташ як офтоба об ва як парча нон буд, даромад. Бе он ки ба ман гап занад, поямро аз кунда бароварад ва чуқурчаеро, ки дар як гӯшаи хона буд, ба ман нишон дода гуфт: «қазои ҳоҷат кун». Баъд аз истибро кардан дубора поямро ба кунда андохт, лекин ин дафъа фонаи кундаро он қадар сахт назад ва гуфт:

– Ман пойи туро сусту осуда мондам, ин хизматамро аз хотир фаромӯш накун, агар ягон хешат ба дидани ту ояд, ба вай фаҳмон, ба ман дурусттар хизматона диҳад.

Ман чизе нагуфтам. Баъд аз он офтобаи об ва парчаи нонеро, ки оварда буд, ба пеши ман гузошт ва дубора дарро қулф зада рафт.

Ин бандибон то як ҳафта ҳар рӯз як бор меомад, маро ба

[1] **Кунда** – чӯби чоррахи калоне буд, ки миёнашро ба андозае, ки ду пойи одамеро ғунҷонад, сӯрох кардаанд ва миёнаҷойи ин сӯрох як сӯрохии ростнокии дигар ҳам дошт. Вақте ки пойи бандиро аз сӯрох мегузарониданд, аз сӯрохи дигар дар миёнаи ду пой фона мезаданд, ки пойҳои бандӣ аз ду сӯ тазйиқ ёфта ба шикастан наздик мерасид (шарҳи нависанда).

қазои ҳоҷат мекушод, дар вақти дубора бастан масъалаи хизматонаро дар миён меовард, обу нони муқаррариро ба пешам монда мерафт.

Дар рӯзи ҳаштум аввали пагоҳӣ дар кушода шуд, ду бандибон даромада ҷелро аз гарданам ва кундаро аз поям ҷудо карданд, дастамро ба пушт бастанд. Дар ин ҳол бандиёни дигар, ки ба хонаи дигар буданд ва аз сӯрохӣ аҳволро медиданд, маро муборакбод мегуфтанд. Ман гуфтам:

– Бародарон, ин чӣ ҷойи муборакбодӣ аст? Агар ман озод шуданӣ мебудам, дастҳоямро намебастанд, ҳоло ки бастанд, маълум мешавад, ки бандигии ман давом дорад. Пас, ба кадом рӯзи ман муборакбод мегӯед?

Яке аз бандиён гуфт:

– Дастатро ба пушт бастан аломати он аст, ки туро нахоҳанд кушт, агар куштанӣ мешуданд, туро пешбанд мекарданд, яъне дастҳоятро ба пушт не, аз пешат мебастанд, модоме ки аз кушта шудан халосиат муқаррар аст, ҷойи муборакбодӣ аст. Акнун ҳар коре, ки ба ту рӯй диҳад, аз куштан поёнтар аст.

Ба дил гуфтам: «Ин гуна одат барои аз кушта шудан халосиёбандагон нишонаи баде нест, бинобар ин, ин одати расмиро дар ҳаққи монанди худам аз мурдан «халосшавандагон» аз ҷумлаи одатҳои одилонаи ҳукумати амир шумурда метавонам».

Қисса кӯтоҳ, маро даст баста пеши ҳоким бурда рӯ ба рӯ карданд; ҳоким аз ясавулбошии худ, ки чӯбдасте ба даст гирифта ба он ҷо рост истода буд:

– Шарифи ҷадид ин аст? – гуфта пурсид.

– Ҳамин аст,– гуфта ясавулбошӣ ҷавоб дод.

– Баред! – гуфта ҳоким ишора кард.

Маро каш–кашон ба таги дарвозаи қунғон баровардand ва дар он ҷо пуштамро бараҳна карда, як кам– чил чӯб заданд ва баъд аз тамом шудани чӯбзанӣ ясавулбошӣ гуфт:

– Ҷаноби олиро дуо намо!

Лекин ба ман ҷаноби олиро дуо кардан он тараф истад, маҷоли дашном додан ҳам намонда буд.

Баъд аз он ясавулбошӣ барои ба зиндон бурдан маро ба

дасти миршаб супорид ва миршаб ҳам ба одамони худ супурд, ки онҳо бурда маро ба зиндон андохтанд. Гарчи дар зиндон ҳам ба гарданам ҷел ва ба поям ишкел заданд, аммо поямро аз кунда нагузарониданд. Дар зиндон ғайр аз ман бандиҳои дигар низ буданд, ҳар кадоме аз ман сабаби бандӣ шуданамро мепурсиданд ва воқеаҳои худро ҳикоят мекарданд.

Рӯзе як одами ясавулбошӣ ба зиндон омада аз ман аз хешу табор киҳо доштанамро пурсид. Ғайр аз модари кампире дигар касе надоштанамро фаҳмондам.

– Агар миннатдор шавӣ ва ба ман хизматонаи дурусте ваъда намоӣ, ба модарат хабар мерасонам, то ки туро омада бинад,– гуфт вай.

– Ҳаргиз лозим нест, – гуфтам ман, – балки нафаҳмондан лозим аст, зеро ки агар бечора модарам маро ба ин ҳол бинад, ғуссамарг хоҳад шуд.

Лекин бо вуҷуди ин, ба умеди хизматона ситонидан ба модарам хабар доданд, ки баъд аз чор рӯз бечора кампир омад, барои ман як куртаву як лозимӣ, як мурғи яхнӣ, камтар нон ва як коса равғани зард оварда будааст. Ба дари зиндон мурғу равғани зардро зиндонбонон аз дасташ хизматона гӯён гирифтаанд, либосу нонро ба саҳми ман мондаанд.

Модарам ба зиндон ба пеши ман даромад, ба ҳолате ки душман ҳам ба он ҳол гирифтор мабод: мӯйҳо канда, рӯйҳо харошида, чашмон аз ғояти гиря сурх шуда ва овозаш аз ниҳояти нолаву фарёд гирифта буд, ба андозае ки хиш–хиш карда базӯр нафас мебаровард. Бечора чунон заифу нотавон шуда буд, ки дигар қуввати фарёдаш намонда буд, чун маро дид, гирякунон аз сару рӯям бӯсид ва беҳуш гардида ба каноpам афтод. Ҳарчанд саъй мекардам, ки ҳушёр шавад, чашмашро мекушод, баъд аз як теғ кашида ба ман нигоҳ кардан дубора беҳуш мегардид. Ман гумон кардам, ки ҳозир ҷон хоҳад дод.

Бандиёни дигар ба ёрмандиам расиданд ва камтар оби сард оварда ба сару рӯйи модарам пошиданд, то ҳушёр шуд ва дар рӯ ба рӯям нишаст, ҳоламро ва ба чӣ сабаб бандӣ шуданамро пурсид.

– Толеи ман ва бадбахтии ту! – гуфта ҷавобаш додам. Баъд аз соате нишастан ҳар ҳафта як бор омада диданро ваъда дода ба ғамхонаи худ рафт.

Дар вақти бозгашта рафтанаш зиндонбон гуфтааст, ки агар ба ҳар омаданат барои ман як коса равғани зард хизматона наорӣ, ба дидани писарат роҳ нахоҳам дод.

Модари бечораам аз дидани ман гузир надорад ва барои тайёр кардани равғани хизматона чизе ҳам надорад, қувват ҳам надорад, ки кор кунад ва музди хизматашро ба равған диҳад. Ночор ба гашту гадоӣ баромадааст, ба ҳар дари хона рафта воқеаи бандӣ шудани ман ва бадбахтии худро ҳикоя карда супориши зиндонбонро, худаш гову гӯсфанд надоштанашро ба як ҳолати маъюсона мефаҳмондааст. Агар соҳиби хона равған дошта бошад ва ба ҳоли вай раҳм орад, қадре медодааст. Ба ҳамин тариқа аз чанд хона як коса равған тайёр карда ба дидани ман комёб мешуд. Бисёр шудааст, ки барои дарёфти як коса равған се–чор рӯз аз пагоҳ то бегоҳ кӯҳистонро гаштугузор кардааст.

То фиристода шудани ман ба Бухоро ҳоли модарам ҳамин буд. Баъд аз он ба сари он бечора чиҳо омада бошад, ба ман маълум нест, ба ҳар ҳол гумон намекунам,[1] ки то имрӯз зинда бошад – гуфта Шариф саргузашти худро тамом намуд ва қатраҳои ашкро, ки дар охири ҳикояташ аз чашмаш ба рухсорааш қатор шуда ҷорӣ шуда буданд, ба дастрӯмол пок карда, оҳи аламноке кашиду лаб аз гуфтан фурӯ баст.

Шунидани саргузашти Шариф ба Одина хеле таъсир гузошта буд, ба андозае ки қариб буд фоҷеаҳои худро аз хотир бароварад ё мусибатҳоеро, ки то имрӯз ба сараш афтодааст,

[1] Пештар дар қаламрави Бухоро одат буд, ки ҳокимон бо баҳонае ё туҳмате ба гардани касе пули хун меандохтанд. Агар он шахс чизе медошт, дода халос мешуд, агар чизе надошта бошад ё ки чизаш ба пули хун нарасад, ба гарданаш говдӯша андохта ба гадоӣ мебаромад. Ҳар кас, ки ин ҳолатро медид, медонист, ки он бечора ба туҳмате гирифтор шудааст, садақа гӯён чизе мебахшид, ба ҳамин тариқа солҳои дароз гадоӣ карда пули хун ғун дошта медод. Аммо бандиёнро ба дари зиндон бароварда ишкел карда монда ба гадоӣ водоштан, шабонгоҳҳо ҳосили гадоии онҳоро тамом аз дасташон гирифтан одати ҳаррӯзаи зиндонбонон буд (шарҳи нависанда).

нисбат ба фалокатҳои Шарифи гирифторомада ҳеҷ ангорад. Ҳозир Шариф ба назари Одина як шахси ношинос ё ин ки Шарифсаройбон шуда наменамуд, балки гавҳари инсоният буд, ки дар буттаи фалокат бо оташи зулму бедоди нокасон гудохта софу беғаш гардида, муҷассам шуда, дар рӯ ба рӯйи ӯ нишаста буд.

Бинобар ин, ин дафъа мисли аввал худпарастона ба пурсидани аҳволи хонаводаи худ аз вай далерӣ накард ва дар роҳи тасаллӣ додани ӯ ва худаш гуфт:

– Бародар! Ғам махӯр ва андуҳгин мабош, ки дар дунё ва хусусан дар Кӯҳистони тоҷикони мусибатзадаву фалокатдида танҳо ману ту нестем, балки бисёр Шарифҳо, бисёр Одинаҳо ва бисёр Сангинҳо дар зиндони ҷавру бедод хок шудаанд ва шуда истодаанд.

Агар ғамзадаву аламкашида танҳо ману ту мебудем, мумкин буд, ки маҳв шуда аз дунё беному нишон мерафтем. Чун гирифторони ситам бисёру зулмдидагон бешуморанд, имрӯз набошад, фардо бархоста касонеро, ки моро ба ин рӯз андохтаанд, маҳву нобуд хоҳанд кард. Хусусан, дар ин замон, ки меҳнаткашони Русия ба майдон баромада тоҷу тахти императорони азамат[1] ва кибриёи сарватдорони худро бар хок заданд, агар фақирони тоҷик ҳам дар роҳбарии инҳо кор кунанд, ҳеҷ мумкин нест, ки ба муқобили ин тӯфони халқ арбобкамолон, Муллохокироҳҳон, ҳокимону амалдорони мо истодагӣ карда тавонанд.

Дер аст ё зуд мақсади меҳнаткашони тоҷикон ҳам ҳосил ва синфи ранҷбарони кӯҳистонӣ ҳам озод хоҳад шуд. Дар ин сурат аз маҳву нобуд шудани ману ту ҳеҷ боке нест, балки дар ин роҳ қурбон гардидан боиси шарафу ифтихори ману ту аст.

Шунидани саргузашти ту маро чунон аз худ бурд, ки агар шафқати модаркалонам ва муҳаббати Гулбибӣ ба гарданам ҳаққи бузурге нагузошта мебуданд, аз аҳволи онон чизе намепурсидам; ҳоло ки ришгаи силаи[2] раҳим маро ба онҳо вобаста доштааст, агар дар бораи онҳо чизе медонӣ, илтимос мекунам ба ман бигӯй.

---

[1] **Император** – унвони яккасардорон ва ҳокимони мутлақ дар давлатҳои гуногуни дунё.

[2] **Силаи раҳим** – алоқа бо хешу табор ва меҳру муҳаббат ба онҳо.

VI. ГУЛАНДОМ

Пас аз он ки Шариф ба Одина аз хонаводаи ӯ хабаре расонад, моро лозим аст, ки баъд аз сафари дувуми Одина ба Фарғона воқеаҳои ба вай дахлдореро, ки дар Қаротегин рӯй додаст, ба хонандагон ҳикоя намоем. Маълум аст, ки Одина Бибиоишаву Гулбибиро дар ҳолати бисёр бад гузошта, ба Фарғона сафар карда буд. Инҳо чизе надоштанд, ки бихӯранд ва касе надоштанд, ки аз инҳо хабардорӣ кунад, инҳо ҳақиқатан бечора, бекас ва бенаво буданд. Аз ҳама бадтар ин аст, ки арбоб Камол ҳамеша дар пайи кинахоҳиву интиқомҷуйӣ буд. Ӯ мехост Гулбибиро ба писари худ Ибод ба занӣ гирад ва ба ин восита ҳам «ҳисобҳояш» баробар шавад ва ҳам аз Одинаву Бибиоиша интиқоми худро гирифта бошад.

Бибиоиша ин нияти бади арбобро аз пасу пеш шунида бисёр дар изтиробу андеша меафтод. Танҳо аз он ҷойе, ки як бор чашми арбобро тарсонида буд, гумон мекард, ки ӯ дигар бор ба ҳуҷум намудан далерӣ карда наметавонад. Дарвоқеъ ҳам арбоб Камол аз Бибиоиша хеле мулоҳиза мекард, бинобар ин, рӯйрост ба вай ҳуҷум оварданро ба як тараф гузошта, мунтазири фурсати муносиб ва дар пайи дарёфти роҳи ҳилаву фиреб буд.

Вақте ки роҳи миёнаи Фарғонаву Қаротегин баста шуда, рафтуой дар ин миёна барҳам хӯрд, ҳамчуноне ки умеди арбоб ба ҳусули муддаои худ қавитар гардид, ҳамчунон тарсу бими Бибиоиша ҳам зиёдтар шуд.

Арбоб Камол умед мекард, ки ин бастагии роҳ ба дурӣ кашад. Одинаро мурда ангошта ба ҳар восита, ки бошад, матлабро ба даст хоҳад даровард. Бибиоиша метарсид, ки омадани Одина ба дурӣ кашад ва ё аз омадани ӯ умедҳо канда шавад, хоҳ-нохоҳ ба душман таслим хоҳад шуд, зеро гумон намекард, ки як духтари қадрасеро дар як хонаи бекас солҳои дароз нигоҳ дошта тавонад. Ба фарзе, ба ҳар гуна ҳуҷум ва дастдарозӣ истодагӣ карда тавонад ҳам, ин ҳол бисёр дароз намекашид, зеро умраш аз ҳафтод гузашта ва хабари аҷал соат ба соат ба гӯшаш расида истода буд, агар ӯ ҳамин рӯз аз

дунё чашм пӯшад, ҳамон соат ба дасти душман афтодани Гулбибӣ муқаррар буд.

Чизе, ки Бибиошаро тасаллӣ медод, аҳволи Ибод буд. Ибод ҳеҷ намехост, ки ба Гулбибӣ хонадор шавад, зеро дили ӯ ба ҷойи дигаре баста ва дари ин дилбастагӣ риштаи ихтиёраш гусаста буд.

Ибод ба Гуландом ном духтаре, ки ҳамсоли худаш буд, алоқаи муҳаббат дошт. Гуландом духтари Шоҳназар ном яке аз кадхудоёни он деҳа буд, ки арбоб Камол дар давлат, сарват ва эътибор ҳамсарӣ дошт ва ҳарду аз хурдсолӣ бо якдигар ҷӯраи ҷонӣ буданд. Ва инчунин модари Ибод ҳам бо модари Гуландом дугонагӣ доштанд. Ба сабаби ин алоқаву муносибатҳо рафтуомад дар миёнаи аҳли ин ду хонавода бисёр буд. Гуландому Ибод ҳар ду ҳанӯз ширхора ва дар гаҳвора буданд, ки падару модарашон инҳоро келину домод мехонданд. Вақте ки Ибоду Гуландом роҳравон ва гапзанон шуданд, бозии онҳо келину домодбозӣ буд, модарҳояшон ҳам инҳоро бо ҳамин бозӣ вобаста соатҳо тамошо мекарданд ва завқҳо мегирифтанд. Баъд аз синнашон калонтар ва худашон ба назар намоёнтар шудан ҳарчанд дар пеши падару модарашон шармида ин гуна бозиҳоро намекарданд, дар кунҷу гӯшаҳо аз лаззатёбӣ аз ин ҳазлу мазоҳ фурӯгузошт надоштанд. Рафта–рафта ин ҳазлу бозиҳо ба муҳаббати самимона бадал шуда, робитаи ошиқӣ ва маъшуқӣ ба миён омад.

Лекин дар ин вақт фикрҳои падарон дигаргун шуда буд: арбоб Камол ба худ андеша мекард, ки агар Гуландомро ба худ келин кунад, харҷи бисёре хоҳад кашид, зеро Шоҳназар худро яке аз одамшавандагони замон шумурда розӣ намешуд, ки духтараш арзон аз даст барояд. Ӯ мехост, ки туққӯзҳои[1] калон, ёпуқҳои[2] қатор ва маҳри гарон гирад ва «ба духтари ман ҳамин қадар чиз омад» гуфта дар миёни дӯсту душман ифтихор намояд ва тӯйҳо диҳад.

---

[1] **Туққӯз** – як қисмати маҳри арӯс, ки танҳо ба матоъҳои тӯйӣ оид аст. Ҳар туққӯз мувофиқи номаш (калимаи туркӣ – нуҳ) маънои нуҳ хел либосвориро дорад.

[2] **Ёпуқ** – парда, чодар, сӯзанӣ барои тӯй.

Агар арбоб Камол ба ҷойи Гуландом Гулбибиро ба даст даровада тавонад, аз як тараф, бехароҷот соҳиби келин мешуд, аз тарафи дигар, аз Бибиоишаву Одина интиқоми худро кашида дар миёнаи мардум сарбаланд мегардид, зеро дар ин сурат мардум мегуфтанд, ки ҳаргиз ба арбоб панҷа андохтан дуруст нест. Чунончи дидед, Одина сари набошамиро гирифта охир бархӯрдор нашуд, худаш аз ватан саргурез шуда беному нишон рафт ва номзадаш ба канизакии арбоб афтод.

Арбоб Камол ба ҳамин мулоҳиза «ман духтари Шоҳназарро ба худ келин намекунам, ҳусни ӯ ба писари ман лоиқ нест, ягарчи ятим аст, Гулбибӣ сазовори он аст, ки ба ман келин шавад» гуфта мегашт.

Табиӣ, ин гуфтугӯйҳо ба гӯши Шоҳназар расида ба иззати нафсаш бархӯрд ва ба ҳеҷ кас маслиҳат накарда духтарашро ба Амонбоқӣ ном шахсе номзад кард.

Амонбоқӣ шахсе буд, ки синнаш аз панҷоҳ гузашта, дар муддати умраш се бор хонадор шуда ва дар ҳар бор хонааш шикаста, алҳол муҷаррадона умр мегузаронид. Азбаски бисёр занонаш мурда буданд, ӯро «занкуш» ва «қадамаш шум» гуфта ҳеҷ кас духтар намедод. Акнун, ки худи Шоҳназар ба домод кардани ӯ моил шудааст, вай ҳам домани инро пур карда хурсанд карданаш муқаррар буд. Шоҳназар бо ин кори худ гӯё ба арбоб мегуфт: «Агарчӣ ту духтари маро келин накардӣ, касе ёфт шуд, ки се баробари ту пул харҷ карда қадри маро ва духтари маро баланд кард».

Аммо Ибод, Гуландом ва модарҳошон ба ин кор ҳеҷ розӣ набуданд. Ҳамчуноне ки модари Ибод ба арбоб Камол илтиҷову илтимос намуда рад кардани Гулбибиро талаб мекард, модари Гуландом ҳам ба Шоҳназар зориву тавалло менамуд, ки духтари гул барини худро бароварда ба дасти як мардаки панҷоҳсолаи занкуш надиҳад ва то яктарафа шудани кори арбоб Камол сабр кунад. Лекин ин норизоиҳо, ин зориҳо ва илтиҷоҳо ба ин ду марди худписанди худком ҳеҷ таъсир накарду шуданӣ шуд.

Шуданӣ шуд, лекин алоқаи Ибоду Гуландом бурида нагардид.

VII. КЕЛИНФУРОРӢ

Рӯзе шуд, ки фалак ба коми арбоб гардид. Бибиоиша ба даруни нокомиҳо, номуродиҳо ва маъюсиҳо як тарафа бемор хобида вафот намуд.

Ин хабарро аз ҳама пештар имоми деҳа мулло Хокироҳ ба арбоб Камол расонид, ӯро муборакбодӣ кард ва гуфт:

– Ин азои Бибиоиша нест, тӯйи ту аст. Баъд аз гузаронидани бегоҳи ҷумъааш Гулбибиро ба Ибод никоҳ хоҳем кард, тӯёнаи маро дурусттар хоҳӣ дод.

– Домулло, шумо аз пастназариатон ҳаргиз намондед,– гуфт арбоб, – Худо ба хурсандиҳо расонад, тӯёна писанд нест, саломатии якдигар ғанимат аст. Ҳозир мардумро хабар кунед, мардаро обу такфин[1] карда гӯронда, зудтар Гулбибиро ба хона овардан даркор аст.

Арбоб пеш аз он ки ба ҷаноза ҳозир шавад, ба хона даромада ба зани худ гуфт:

– Бибиоиша мурдааст, баъд аз гӯронидани ӯ келинро ба хона меорем. Ту барои Ибод ва келин ба қадри зарур пӯшок ҳозир кун, ба даруни ҳамин ҳафта никоҳ хоҳем кард.

– О, мардак,– гуфт зан,– шуморо чӣ шуд? Оё тӯю келинфурорӣ ҳамин тавр мешавад? Мардум чӣ мегӯянд? Ман ҳеҷ вақт ин ятимаи бекасро ба худ келин намекунам. Келини мо бояд ба худи мо муносиб бошад, туққӯз фиристонем, тӯй фиристонем, бурду овард кунем, ҳама расму одати дунёро ба ҷо оварда, орзуҳоморо шикаста келин фурорем. На ин ки аз як мурдахона як духтарро аз мӯяш кашола карда оварда ба хона нишонем ва ба мардум гӯем, ки ин келини мост! Оё ман ба ҳамин ният бо шумо ба як болиш сар монда будам? Оё ба ҳамини умед фарзанд калон карда будем?!...

– Занака[2], – гуфт арбоб, – бисёр пургӯӣ накун, арбоб Камол ҳар чӣ кунад, арбоб Камол аст. Мардум маро айб нахоҳанд кард. Ман модоме ки давлат дорам, ҳашамат дорам, иззатам

[1] **Обу такфин** – шустан ва кафан кардани мурда; ба ҷо овардани русуми мурдадорӣ.

[2] **Занака** – ниг, ба мардака.

ҳам барқарор хоҳад буд. Ман аҳмақ нестам, ки мардум айб мекунанд гуфта, буду шудамро харҷ карда келин фурорам ва ин духтари муфтро аз даст диҳам.

– Ман ҳеҷ вақт ба ин кор розӣ намешавам, ки аз мурдахона як духтари луб-лучро келин гуфта ба хонаам биёрам. Ин чӣ гап?

– Хуб, гуфтаи ту шавад. Аввал келинро ба хонаи домулло мефиристонем, баъд аз гузаштани бегоҳи ҷумъаи мурда, бо расму одат тӯю тамошо карда меорем.

– Ба сабаби аввал ба хонаи домулло фиристодан ин духтари ятим одамшаванда мешавад? Гадодухтар ҳар куҷо бошад, гадодухтар аст, ба хонаи домулло бошад ҳам гадодухтар аст, келини арбоб Камол шавад ҳам гадодухтар аст.

– Ман нагуфтаам, ки Гулбибӣ бойдухтар аст. Ман ҳам медонам ӯ гадодухтар аст. Лекин вай ба ҳисобҳои сӯхтаи ман ба дасти ман, гӯё ки муфт медарояд. Медонӣ, ки Одина дар ҳаққи ман чӣ кӯрнамакиҳову рӯйтаниҳо кард. Ман имрӯз аз зиндаи Одина ва аз мурдаи Бибиоиша интиқом мегирам.

– Ибодро чӣ кор мекунед? Ӯ ба мурдан розӣ мешавад, аммо ба ин кор розӣ нахоҳад шуд.

– Розӣ шудану розӣ нашудани Ибод ба ин кор чӣ дахл дорад? Розӣ шавад ҳам ҳамин, нашавад ҳам ҳамин. Вай чӣ ҳақ дорад, ки ба пеши ман барои чизе неву нестон кунад, – гуфта арбоб баромада рафт.

Занаш:

– Ҳо мардак, ба ман нигоҳ кунед, ба ман нигоҳ кунед,– гуфта гирякунон дар хона монд.

* * *

Як ҳавлии вайронаи бедевор, дар он ҷо як хонаи сақфаш фурӯрафта ва як хонаи дигаре, ки як девори каҷшудаашро ба тиргаке ба зӯр нигоҳ доштаанд, ба назар менамояд. Дар тарафи кӯчаи ин ҳавлӣ ба сари роҳ калону хурди аҳли қишлоқ ғун шуда сари дупойӣ нишастаанд.

Ба даруни хона дар як гӯшае сари зонуҳои худро дар бағал гирифта пушт ба девор як духтараки 16–17-сола

нишастааст[1]. Аз тарҳи андоми ин духтар маълум мешавад, ки хеле соҳибҷамол будааст. Лекин ҳозир бо шиддати аламу андуҳе, ки ба вай расидааст, монанди гули хазондида хеле пажмурда ба назар меояд. Ин духтар нолаву фарёд намекунад, лекин аз нигоҳҳои ҳасратноке, ки гоҳо ба рӯйи хона ва гоҳо ба сақфи он мендозад, таъсири як олам нолаи ҷонсӯзу ҷонгудозро ба бинанда зоҳир месозад.

Дар рӯ ба рӯйи ин духтар кампири ҳафтодсолае нишастааст, ки худ ба худ мегӯяд: «Дунё фонӣ аст, ин рӯз ба сари ҳар касе омаданист. Имрӯз Бибиоиша мурда бошад, фардо мо ҳам нахоҳем монд, дер аст ё зуд ҳама бояд аз ин дунё биравем». Ба духтар нигоҳ карда мегӯяд:

– Бачам, дили худро қавӣ дор, ба ин мусибат худро бой надеҳ. Агар модаркалонат мурдааст, маро ба ҷойи ӯ қабул кун. Ман медонам, ки ту дар андешаи танҳоӣ ҳастӣ, лекин хотирҷамъ бош, ки ман туро танҳо нахоҳам гузошт. Агар хоҳӣ, ин ҷо мешинӣ, ман ба ту модарӣ мекунам ва агар мехоҳӣ, ба кулбаи вайронаи ман меравӣ, дар он ҷо бо ҳам зиндагонӣ мекунем. Медонӣ, ки ман ғайр аз Акашарифат дигар касе надоштам, он ҳам ба зиндон гирифтор шудааст. Кай халос шуданаш маълум ҳам нест. Ман ҳам монанди ту бекасу бечораи мусибатзадаам, ҳар ду дар як ҷо бошем, ба якдигар ҳамдардӣ хоҳем кард.

Маълум аст, ки ин духтар Гулбибӣ ва ин кампир модари Шариф буд. Модари Шариф ба ин ҷо бо як иттифоқи аҷиба рафтуойнок шуда буд. Дар хотирҳост, ки ӯ барои дидани писараш ҳар ҳафта гашту гадоӣ карда як коса равғани зард тайёр менамуд. Дар аснои гаштугузор, дар замони зинда будани Бибиоиша рӯзе ба ин хона даромада, бо Бибиоиша шиносо

[1] Дар дастхат ва тамоми матнҳои чопӣ ба ҷумлаи зерин дучор меоем: «Ба даруни хона, дар як гӯшае сари зонуи худро дар бағал гирифта пушт ба девор як духтари 16-17-сола нишастааст». Ин ҷумла синну соли Гулбибиро баъди сафари дуюми Одина (пеш аз сафари аввали Одина Гулбибӣ 15-16-сола буд) нишон медиҳад. Аз ин ҷиҳат ҷумла танҳо ба чопи рӯзнома, ки дар он Одина баъди як соли кори зовуд сафари ёру диёрро ихтиёр карда буд, мувофиқат мекунаду бас. Зеро дар сурати дар зовуд се сол кор кардани Одина (чун дастхат ба матнҳои минбаъда) синни Гулбибӣ ба 18-19 мерасид.

шуда буд. Ҳамчуноне ки модари Шариф бадбахтии худ ва гирифтории Шарифро ба Бибиоиша ҳикоят карда дилашро холӣ намуда буд, Бибиоиша ҳам ба ӯ саргузашти Одина ва фироқномаи худро гуфта изҳори ҳамдардӣ карда буд. Ин ду кампири навшинос ба муносибати ҳамдардӣ монанди дугонагони дерин ба ҳамдигар ошнои бисёр наздик шуда буданд. Модари Шариф ҳарчанд хонааш аз ин ҷо хеле дур бошад ҳам, агар ҳафтае камаш як бор омада ба пеши Бибиоиша намехобид, хобаш намебурд.

Вақте ки Бибиоиша бемор шуд, модари Шариф то вафоти ӯ аз ин ҷо наҷунбид, баъд аз мурданаш манаҳашро баст, ба обу такфин ва азодориаш ҳамроҳӣ намуд. Ин буд, ки баъд аз узот кардани тобути Бибиоиша ба мазористон дар рӯ ба рӯйи Гулбибӣ нишаста ба ӯ тасаллӣ медод, ёрмандиву ҳамроҳии худро таклиф мекард.

Дар он хона ду–се нафар зани дигар ҳам аз ҳамсоягон ва аҳли деҳа ҷамъ шуда буданд. Инҳо дар вақти баровардани мурдаи Бибиоиша мурдаҳои худро ба ёд оварда, қадре доду фарёд карда бошанд ҳам, пас аз он саргарми чақ–чақ ва суҳбати худ шуда буданд. Дар вақте ки Гулбибӣ ба дарёи андуҳу ҳайрат фурӯ рафта ва модари Шариф ӯро тасаллӣ дода истода буд, яке аз ин занон аз бадвазъии шавҳараш, дигаре аз ноқобилии домодаш, савумӣ аз сиёҳбахтии духтараш ҳикояту шикоят мекард. Чизе ки дар он миёна ба Бибиоишаву Гулбибӣ дахлнок гузашт, ин буд, ки яке аз он занон гуфт:

– Ман гумон карда будам, ки мурдаи Бибиоиша дар роҳ хоҳад монд ва ҳол он ки ба ҷанозаи ин аз бойзанон дида зиёдтар мардум ғун шуданд, аз бисёрии одам тобуташ аз даст ба даст намерасид.

Дигаре ин суханро тасдиқ карда гуфт:

– Ба сари кӯча нигаред! Хурду калон ҳама ҷамъ шуда фотиҳахонӣ карда нишастаанд, дар рӯзи мурдаи зани Орифбой нимаи ин миқдор одам ғун нашуда буд.

Савумӣ гуфт:

– Инҳо ҳама рӯйи хотири арбоб Камол аст.

– Мурдаи Бибиоиша ба арбоб Камол чӣ дахл дорад? – гуфта яке тааҷҷуб кард.

– Ибӣ, дугона, шумо аз дунё бехабар будед. Арбоб Гулбибиро ба писари худ номзад кард, дар ин ду–се рӯз тӯю никоҳ мешавад.

– Кай номзад шуда буд, ки то ҳол ҳеҷ кас нашунидааст?

– Ҳамин рӯз баъд аз мурдани Бибиоиша.

– Мурдаро мону тутхӯрӣ кун, гӯед–а?..

– Хоҳ тутхӯрӣ кунед, хоҳ тӯйхӯрӣ, шуданӣ шуд.

Дар ин вақт мардон хона ба хона рафтанд. Аз миёнаи инҳо арбоб Камол бо домуллоимом ба дари хона омаданд, домуллоимом ба занон гуфт:

– Раҳматӣ Бибиоишаро гӯронда омадем, шумо ҳам хона ба хона равед! Духтарам, Гулбибӣ! Ту биё, ба хонаи ман пеши модарат мехобӣ.

Занон чодарҳои худро ба сар гирифта рафтанд, дар хона Гулбибӣ бо модари Шариф монданд.

Домулло баъд аз андаке истодан:

– Зуд биё, духтарам, шом ҳам наздик расид, ман туро ба хонаам бурда монда, ба масҷид меравам, – гуфт.

Гулбибӣ:

– …

– Хобӣ ё бедор? Бевақт шуд, туро зуд биё, мегӯям, – гуфт домулло.

– Шаби якуми модаркалонашро нагузаронда ба куҷо меравад? – гуфт модари Шариф – Имшаб дар ин ҷо шамъу чароғ мегиронад ва азодорӣ мекунад.

– Як духтари хурдсол дар як хонае, ки имрӯз мурда баромадааст, чӣ гуна танҳо мехобад? Шамъу чароғ бошад, худаш ҳам сӯхтан мегирад. Барои ин дар ин ҷо хобидани Гулбибӣ ҳоҷат нест.

– Гулбибӣ дар ин ҷо танҳо нест, агарчи Бибиоиша мурдааст, ман ба ҷойи ӯ Гулбибиро нигоҳбонӣ мекунам, – гуфт модари Шариф.

Арбоб Камол, ки то ин вақт тамкин карда истода буд, дигар худдорӣ карда натавониста якбора шӯрида, ба гап ҳамроҳ шуда гуфт:

– Ин Бибиоишаи тоза дар куҷо буд, нав якеашро гӯронида омадем, инаш боз аз кадом мазор омад? Худи ту кистӣ? Аз

куҷо ба Бибиоиша ноиб ва ба Гулбибӣ соҳиб шуда омадӣ? Ҳозир по[1] шав! Вагарна чангатро аз осмон меорам!

Ба домуллоимом нигоҳ карда:

– Шумо мешиносед, ин кист? Ман нашинохтам.

Домуллоимом аз дари хона дарун нигоҳ карда, кампирро дид ва ба арбоб гуфт:

– Ин як зани сарсарӣ аст, ки ҳар рӯз дар кӯчаҳо гадоӣ карда мегашт, дур нест, ки барои бадроҳӣ додани Гулбибӣ омада бошад.

Ва ба хона нигоҳ карда гуфт:

– Ӯй, кампири ҳарҷойӣ, ҳозир аз ин ҷо баромада аз куҷое, ки омадӣ, ба ҳамон ҷо рав! Ту ба Гулбибӣ маҳрам нестӣ. Аз рӯйи шариат занони кӯчагарди сарсарӣ дар ҳукми марди аҷнабӣ буда, ба занону духтарони бономус номаҳраманд. Хез, дафъ шав, хез мегӯям, хез!..

Домуллоимом суханҳои охиринашро, асои худро ба тарафи хона намоиш дода дар ҳолате мегуфт, ки агар кампир зуд баромада намерафт, ба сари ӯ заданаш муқаррар буд.

VIII. КАСАЛИ СОХТА

Посе аз шаб гузаштааст. Ҳама ҷо торик, чунонки агар ба замин менигаред, таҳти пойи худро дида наметавонед, ба осмон назар андозед, ғайр аз он ки ситорае гоҳ–гоҳ аз паси абри даргузар намоён мегардад, чизе ба чашматон наменамояд. Дунё хомӯш, ғайр аз шаввош задани бороне, ки гоҳ–гоҳе аз абри даргузар меборид, садое ба ин хомӯшӣ халал намерасонид.

Дар ин вақти шаб арбоб Камол аз кӯча омад. Магар имшаб баъд аз адои намози хуфтан ба домуллоимом чақ–чақаш барор гирифта буд, ки хеле дер мондааст, вагарна ба одати ҳаршабааш бояд ду соат аз ин пеш меомад.

Вақте ки арбоб ба ҳавлии дарун даромад, аввал ба пушти хонаи Ибод рафт ва оҳиста аз тарқиши дар ба даруни хона назар андохт. Дид, ки дар гӯшае бар болои чорпояи чӯбин ча-

[1] Тоҷикони кӯҳистон дар мавриди бархез, дафъ шав, гурез – «по шав» мегӯянд (шарҳи нависанда).

роғи сиёҳи чӯянӣ афрӯхта истодааст. Магар равғани чароғ кам монда буд ё ин ки ба ин наздикӣ хокистари нӯги пилтааш дур карда нашуда буд, ки бисёр ба зӯрӣ милт-милт карда месӯхт. Чароғ ба андозае камрӯшноӣ буд, ки даруни хона ба назар дуруст наменамуд.

Арбоб аз тарқишҳои дар хаму рост шуда ба ҳар тарафи хона бодиққат нигарист: Гулбибиро дар таги девор дид. Дар вазъияте ки рӯзи мурдаи Бибиоиша нишаста буд, нишастааст. Танҳо ин вақт ба зер ва боло монанди он рӯз бо ҳайрат нигоҳ намекунад, балки ба оромии тамом сар ба зону ниҳода, гӯё ки дар хоб бошад, чашмаш пӯшидааст. Лекин мо гумон намекунем, ки ӯро ба ин наздикиҳо хоб бурда бошад, танҳо шиддати андуҳ, ғояти алам ва ниҳояти маъюсӣ ӯро ба ҳолате овардаааст, ки бинанда гумон мекунад, дар хоб аст.

Арбоб Камол ҳарчанд ба ин тараф, он тарафи хона назар андохт, Ибодро надид, аз он ҷо даргузашта ба хонаи худ даромад, дар он ҷо занаш ба ҳаллоҷӣ кардани пахта машғул буд. Арбоб гуфт:

– Ҳамин рӯзи озод туро дар сари ҳаллоҷӣ мебинам, ин қадар пахтаро чӣ мекунӣ?

– Барои дуруст кардани камбудиҳои тӯйи бемаҳали шумо ман бояд боз бисёр вақт меҳнат кунам. Ҳар кас ба хонаи мо барои келинбинӣ меояд, ман аз изо мемурам, дар он вақт замин намекафад, ки дароям: келини нав, домоди нав, аммо як кӯрпачаи тозапахта нест, бар тор як ҷома ва як куртаи нав нест, ба девори хона ё ба рӯйи ҷойи хоб як сӯзанӣ нест, агар шумо ба гуфти ман медаромадед, ҳамаи ин гуна чизҳоро ҳамроҳи келин гирифта меовардед, акнун мани меҳнатрӯзӣ ҷон меканам, ки як қадар ҷиҳоз тайёр намоям.

– Ту ҳаргиз, – гуфт арбоб, – аз ин пургӯиат намондӣ, даҳонат, ки боз шуд, монанди сурнайчӣ нафас нагузаронда гап мезанӣ. Ту магар гумон мекунӣ, ки ин келин ба ман муфт омадааст? Не, ин тавр нест, мурдаи падари Одинаро гӯрондам, худашро се сол парвариш кардам, ба ҳокимон пора дода ӯро аз мардикорӣ халос кардам. Дар бадали ин ҳама некиҳои ман вай як гӯсфанди маро нобуд кард, худаш аз хизматам гурехт, сабаби ба ҳаром баромадани як гӯсфанду як миқдор хароҷоти

ман шуд. Дар охир омада мурдаи Бибиоишаро ҳам ман гӯронидам. Дар бадали ин ҳама хароҷоту ташвиш ин духтарро ба келинӣ гирифтам. Ту ҳеҷ кадоми ин корҳоро мулоҳиза намекунӣ ва то ҷон дорӣ, манаҳ мезанӣ. Ҳоло ин гапҳоро мон! Чил рӯз шуд, ки никоҳ кардем, то имрӯз маълум нест, ки инҳо як ҷо хобида бошанд. Оё айб ба келин аст ё ба ҷувонимарги Ибод?

– Айб на ба келин аст ва на ба Ибод,– гуфт зан,– балки айб ба худи шумо аст, ки як гадодухтари девонаро келин гуфта овардед! Ибод пеш ҳам гуфта буд, ҳозир ҳам мегӯяд, ки ман ин духтарро ба занӣ қабул нахоҳам кард. Келин бошад, аз рӯзе, ки омадааст, то имрӯз на ба ман, на ба Ибод ва на ба касоне, ки ба келинбинӣ меоянд, лаб во карда як даҳан гап назадааст. Ҳарчанд гап мепурсам, ҷавоб намедиҳад ва ба тарафам нигоҳ ҳам намекунад. Агар бисёр пурсуков карда танг кунам, ба ман теғ кашида як нигоҳ мекунаду боз чашмашро ба замин медӯзад. То ҳол чизе хӯрданашро ва хобиданашро касе надидааст, ҳар вақт мебинам, ки сари ду по нишастааст.

– Дар ҳар кор ту айбро ба гардани ман мемонӣ, – гуфт арбоб. – Айб дар ту аст, ки писаратро насиҳат намекунӣ, айб дар туст, ки келинро ба худу писари худ ром намекунӣ, балки то ҷон дорӣ ба вайронии миёни онҳо мекӯшӣ ва баъд аз он айбро ба ман ҳавола мекунӣ. Ман аз наздик нашудани инҳо ба ҳамдигар бисёр дар андеша будам, лекин то ҳол дам намезадам ва гумон мекардам, ки худи ту созгорӣ хоҳӣ кард. Акнун яқин кардам, ки ту ҳеҷ кор нахоҳӣ кард. Аз ҳамин шаб сар карда худам дар пайи чораи ин кор афтодам: имшаб домуллоимомро дида ӯро ба дуохонӣ фармудам; имшаб бин, ман чӣ тавр корро дуруст мекунам!

Дар ин вақт овози пойи Ибод баромад.

– Ибод! – гуфта арбоб вайро ҷеғ зад.

– Лаббай!

– То ин вақти шаб дар кучо будӣ, сакалту?

– Ҳеҷ ҷо не! – гуфта Ибод ба пеши падараш даромад.

– Чӣ тавр ҳеҷ ҷо не, ҳозир аз берун наомадӣ?

– Ҳеҷ ҷо не, дар сари кӯча бо бачагон гап зада нишаста будам.

– Одами нав хонадоршуда ин тавр мешавад. Чаро дар хона намешинӣ, чаро дили бахшидаатро ба даст намегирӣ? Ту гумон мекунӣ, ки агар сари набошамиро гирӣ, ман ба ту зани дигаре гирифта медиҳам? Лекин ин хаёли хомро аз сар бадар кун. Агар ҳаминро ба худ зан кунӣ, мекунӣ, агар накунӣ, ҳардуятонро зиндаву зор ба мазор мефиристонам! Маро арбоб Камол мегӯянд, магар ту намедонӣ?

Арбоб Камол дар вақти ин гуфтугузор ҳолате пайдо карда буд, ки агар аз даҳони Ибод ягон гапи нисбат ба худаш ношоистаранг мебаромад, зада сарашро мекафонд. Ибод ҳам ин ҳолро дониста роҳи ҳиларо пеш гирифт ва гуфт:

– Агар ман хоҳаму ӯ нахоҳад, айби ман чист?

– Ман медонам, аз аввал ту намехостӣ, акнун ки шуданӣ шуд, айбро ба гардани вай мепартоӣ. Агар ту рағбат дошта бошӣ, аз дасти як зани муштипар чӣ меояд?

– Дуруст аст, аввал намехостам, аммо ризои шуморо аз ҳар хоҳиш пеш дониста охир қабул кардам, лекин ҳар бор, ки ба пешаш наздик мешавам, мегурезад. Агар даст дароз карда нигоҳ дорам, ҳаракатҳои ношоиста мекунад… гуфта Ибод гиря карда сар дод.

Арбоб гуфт:

– Рав ба хонаат, як ҳафтаи дигар ба ту муҳлат. Агар ром карда тавонистӣ, чӣ хубу чӣ нағз, вагарна чӣ кор карданамро худам медонам.

Ибод рафта ба хонаи худ даромад, лекин ӯ яқин медонист, ки падараш аз паси дар омада хоҳад поид. Бинобар ин, хилофи одати ҳаршабааш чароғро накушт ва танҳо ҳамин шаб, ки шаби чилуми никоҳ аст, ба пеши Гулбибӣ рафта хост дасташро бигирад. Гулбибӣ, ки сар ба сари зонуи худ монда нишаста буд, якбора рост бархоста пушт ба девор такя карда истод. Ибод наздиктар шуда, хост даст ба гарданаш андозад, Гулбибӣ ду дасти худро ба сафҳаи синаи ӯ ниҳода чунон бо қувват тела дод, ки Ибод ба рӯйи хона пуштнокӣ афтод. Эҳтимол зӯри Гулбибии нотавон ба тела дода афтонидани монанди Ибод як ҷавони тавоно намерасид, лекин барои нишон додан ба падар сохтакории худи Ибод ҳам ба ин кор ёрӣ дод.

Арбоб Камол, ки дарвоқеъ аз тарқиши дар поида истода буд, тела додани Гулбибӣ ва афтодани Ибодро дида, худдорӣ карда натавониста ба даруни хона даромад ва ба Гулбибӣ гуфт:

– Ӯй, духтари беҳаё, ин чӣ муомилаи бешармона буд, ки ба шавҳарат кардӣ!

Гулбибӣ, ки чил рӯз боз дар ин хона касе овози ӯро нашунидааст, мисли шер дар ғурриш даромада гуфт:

– Беҳаё ту, золим ту, беномус ту!!

– Инак, беҳаёиро аз ман бин, – гуфта арбоб ба тарафи Гулбибӣ давид ва барои ба зери по афтондан аз бозувонаш гирифт. Гулбибӣ ҳам аз риши калони сафеди арбоб, ки монанди як банди беда сари синаашро пур карда истода буд, бо ду даст печонда гирифта буд. Вақте ки арбоб аз бозуи Гулбибӣ гирифта ба замин гардонда зад, аз вазни афтондани Гулбибӣ як банча риши арбоб канда шуда ба дасти вай монд.

Арбоб, ки дар асл ба шӯриш омада буд, ба сабаби канда шудани риш зиёдтар хашмгин шуда Гулбибии ба замин афтодаро то метавонист лагаткорӣ кардан гирифт[1].

Дар ин вақт зани арбоб ғалоғуларо шунида ба ин хона давида омада дид, ки шавҳараш Гулбибиро мезанад ва ба писараш, ки монанди сурат ба девори хона такя карда истода буд, гуфт:

– Ту чӣ гуна кас ҳастӣ? Аз дасти ин золим занатро халос кун!

Арбоб аз забони зани худ номи «золим»–ро шунида Гулбибиро ба ҳоли худ гузошт ва дартоз омада занашро бардошта ба замин зад. Инро ҳам як миқдор мушту лагаткорӣ кард. Пас аз он занро гузошта ба тарафи писараш давид ва «ба ҳама ноқобилии ту сабаб аст» гуфта мехост ӯро ҳам занад. Лекин Ибод фурсат надода аз дар баромада гурехт ва арбоб ҳам ӯро пеш карда баромад. Лекин пояш ба лой лағжида афтод ва бозгашта ба хонаи худ даромада, мисли саги сӯзанхӯрда аз алами риш «оҳ, воҳ» гӯён нолида оқибат хобаш бурд. Аммо Гул-

[1] Ин сафҳаи сиёҳи зиндагӣ махсуси кӯҳистон набуд, балки то замони шӯроии мо дар Бухоро ва атрофи он ҳам ин гуна аҳвол бисёр рӯй медод: аввал бе ризоии келин ва домод никоҳ карда, баъд аз носозгорӣ на танҳо ба задан, балки падароне буданд, ки ҳатто ба баста чормех карда додани келин ба дасти домод «чорақӯйӣ» мекарданд (шарҳи нависанда).

бибии бечора, агарчи аз ҳавли ҷон бо арбоб дастбагиребон шуда буд, баъд аз он ки ба замин афтода аз дасти арбоби нобакор он ҳама зарбу лат дид, дигар касе намедонад, ки аз ҷой бархоста бошад ё не.

Баъд аз ин воқеа хеле вақт арбобро касе ба кӯча надид, аз шарми риши кандашуда худро бемор сохта берун набаромад. Баъд аз чанд рӯз, агарчӣ ришаш ҳанӯз тамом нарасида бошад ҳам, барои обу такфин, расми ҷаноза ва таъзияи келинаш Гулбибӣ маҷбур шуд, ки ба берун барояд.

Ҳар кас, ки ба фотиҳахонӣ меомад, бо арбоб вохӯрӣ карда, ба муносибати сиҳат ёфтанаш муборакбодӣ мекард. Арбоб ҳам дар ҷавоб «Худо ба ман умри дубора дод, вагарна бемориам бисёр сахт буд, мӯйҳои баданам тамом рехта аз сари нав баромаданд. Бубинед, асараш ҳанӯз дар ришам боқист» гӯён шукрона мекард.

IX. ДУЗД

Ҳар қадар ки Гулбибӣ аз Ибод нафрат дошта бошад, Ибодро ҳам ҳамон қадар ба Гулбибӣ бедилӣ буд. Балки ӯ волаву шайдои Гуландом буд. Савдои ишқи Гуландом ӯро чунон шефта карда буд, ки на танҳо Гулбибиро, балки падар, модар, хешу табор, ҳатто худро, номусу обрӯйи худро фаромӯш карда буд. Гуландом ҳам соате бе висоли Ибод ором надошт. Ба чӣ тарзе ки пеш аз хонадор шуданашон ин ҳар ду дилдода ҳар рӯз фурсате ёфта бо ҳам дарди дил мегуфта бошанд, баъд аз никоҳи Ибоду Гулбибӣ ва рафтани Гуландом ба дасти Амонбоқӣ ҳам ин муносибат бурида нашуд. Ибод ҳамчун парандае, ки ба сабаби афтодани бачааш ба хонаи дигар ҳамеша атрофи он ҷо парвоз мекунад, доимо ба даври ҳавлии Амонбоқӣ гаштугузор дошт. Ҳамин ки фурсати муносиб ёфт шуд, ба пушти девор ё ба даруни оғил ва ё ба гӯшаи ошхона ин ҳар ду бо ҳам вохӯрда дили худро холӣ мекарданд.

Амонбоқӣ аз бисёр намудор шудани Ибод ба атрофи хонаи худ дар шубҳа афтод. Зотан аз сар нафуровардани Гуландом ба худаш дар ҳаққи ӯ бадгумон шуда буд. Рӯзе барои фаҳмидани ҳақиқати ҳол ба Гуландом гуфт:

– Ман имшаб ба хонаи фалон дӯстам ба меҳмонӣ меравам, азбаски роҳ дуру шаб торик аст, он ҷо мехобам. Агар мехоҳӣ, ту имшаб ба хонаи падарат рав ё модаратро ин ҷо оварда бо ҳам хобетон.

Гуландом гуфт:

– Хуб, ҳамчунон мекунам.

Амонбоқӣ, гӯё ки ба меҳмонӣ меравад, вақти шом сару либоси худро рост карда баромада рафт. Баъд аз соате сарсариёна ба кӯчаҳо гаштан бозгашта ба хонаи худ омада, бе он ки овози пойе барорад, аз девор ба ҳавлӣ фуромада ба гӯшаи коҳхона пинҳон шуд ва мунтазири дарёфтани ҳақиқати ҳол гардида нишаст.

Моҳи ҳафтрӯза ба фурӯ рафтан наздик расида буд. Ба таги деворҳо аз зери дарахтон сояи шабона пардаи сиёҳи худро паҳн карда ба дидану шинохтани оянда ва равандагон дуруст роҳ намедод. Гуландом, ки дар вақти равшан будани моҳтоб ба ҳар тарафи боғча андешамандона қадам мезад, пас аз ба торикӣ рӯй овардани шаб ба нуқтае омада рост истод. Ин нуқта ҷойе буд, ки Гуландом шабҳои шавҳараш дар хона набудан ба ин ҷо омада ишоратеро чашм медошт.

Интизории Гуландом бисёр дер накашид: чормағз барин як кулӯхча омада ба пеши пояш афтод. Вай ҳам аз ду дона сангчае, ки ба дасташ ҳозир карда истода буд, якеашро ба тарафи омади кулӯхча ҳаво дода мунтазири натиҷа шуд. Як сиёҳӣ ба сари девор пайдо шуда ҳамчунон ба он ҷо часпида монд. Гуландом сангчаи дигари дар дасташ бударо ҳам ба тарафи сиёҳӣ андохт. Ин тасдиқи ишорати аввалӣ буд.

Гуландом пас аз ҳаво додани сангчаи дувум дигар мунтазири натиҷа нашуда, дар ҳолате ки дилаш монанди моҳии аз об дур афтода метапид, рафта ба хонаи худ даромада дарро нимкоф монд.

Сиёҳӣ ҳам аз сари девор шорида фуромада, бе он ки қад рост кунад, таг–таги девор хазида худро ба дари хона расонида дарун даромад ва дари нимроғмонда ҳам пӯшонида шуд.

Амонбоқӣ нуқта ба нуқта ин аҳволро аз равзани коҳхона дида истода буд. Вай Гуландом будани каси аввали ба хона даромадаро дониста бошад ҳам, кӣ будану чӣ будани сиёҳии

дувумро муайян карда натавонист. Ҳатто агар пас аз ба хона даромадани сиёҳӣ дар пӯшонида намешуд, ин сиёҳиро одамизод гумон накарда, балки «саг аст, ки ба хонаи дараш бозмонда омада даромад» мегуфт.

Амонбоқӣ барои ба даст даровардани ин шикори ба дом афтода тозивор тохта омада ба хона даромад. Хона торик буд, ба кадом гӯша будани сайди матлубро дидан мумкин набуд. Ба андак беэҳтиётӣ аз дар баромада гурехтани касе, ки дастгир кардани ӯ матлуб аст, муқаррар буд. Бинобар ин, Амонбоқӣ ба таги дар рост истода дар пайи таъйин кардани нишонаи ҳуҷуми худ афтод.

Аз ду гӯшаи хона фашшос зада нафас кашидани ду кас маълум мешуд. Азбаски ҳар дуи ин нафаскашандагон ҳам бо як ранг тапиши дил ва тангии шуш нафас мекашиданд, аз бегона то ошно фарқ кардан мумкин набуд.

Амонбоқӣ барои тайёр шудан ба муқобили ҳар ноомади кор ба тоқчаи пушти дари хона даст дароз карда хост шашпареро, ки ҳамеша дар он ҷо меистод, гирад. Ба ҷойи шашпар ба дасташ қуттии гӯгирд воҳӯрд. Чашми Амонбоқӣ чароғ барин равшан шуда буд.

Амонбоқӣ гӯгирд зада дар рӯшноии вай дар кадом гӯша будани сайди матлуби худро дид, ҳатто кӣ будани вайро ҳам шинохт. Амонбоқӣ монанди гурбае, ки худро ба тарафи муш андозад, худро ба он тараф ҳаво дод. Сайд ба даст афтод, аммо шикори ҷавони пурқуввати 25–сола сайёди пири нотавони 50–соларо мисли бузғола ба сар бардошта ба замин зад ва худ аз дар баромада бадар рафт.

Дар вақти бо ҷавон дастбагиребон шудани Амонбоқӣ Гуландом ҳам аз хона гурехта баромада буд, вай либосҳои худро дарронида, рӯҳояшро харошида, мӯйҳояшро канда ба хонаи падару модари худ рафт ва:

– Шавҳарам маро зад, қариб буд, ки кушад, базӯр гурехта халос шудам,– гуфта ба онҳо паноҳ бурд.

Амонбоқӣ дар мушкил ҳоле афтода буд. Куҷо равад, чӣ кунад, ҳоли дил киро гӯяд? Ӯ ба кадом рӯй ба мардум «занам ба ман хиёнат кард» гуфта метавонист? Оре, агар ҳариф ба

даст меафтод, чунонки одат аст, ӯро бо зани худ кушта домани номуси худро гӯё аз ин доғ пок мекард, ин ҳам нашуд. Акнун чӣ бояд кард? Ин заҳрро нӯшида дам даркашидан ҳам мумкин набуд, зани худро сар дода дили худро аз ҳамаи ин андешаҳо фориғ кардан ҳам душвор буд. Аз дузде, ки бар зани дар ҷавоби «қабул кардедаш ба занӣ» гуфтани имом бо «қабул кардамаш ба занӣ» гуфтан моли ҳалоли ӯ гардида буд, дастдарозӣ кардааст, ниқор гирифтан даркор буд…

Дар ин ҷо калимаи дузд, ки аз дили Амонбоқӣ гузашта буд, ба вай ёрмандӣ кард: барои вай роҳи ниқоргириро кушода дод.

Амонбоқӣ миёни ба шикастан наздикрасидаи худро молида–молида аз ҷой хеста берун баромад ва худро ба машаққати бисёр ба болои бом гирифта то расидани овозаш:

– Дуздро намонед! – гуфта фарёд кардан гирифт. Ғайр аз арбоб Камол, ки ба сабаби канда шудани ришаш худро бемор сохта ба берун намебаромад ва Шоҳназар, ки ба сабаби шикояти духтар аз домод дилмонда шуда буд, ҳамаи аҳли деҳа калону хурд «чӣ гап, чӣ гап» гуфта ба пеши ҳавлии Амонбоқӣ ғун шуданд.

Амонбоқӣ аз бом фуромада ба пеши мардум баромад ва гуфт:

– Дастгираш накардед?

– Киро? – гуфт яке аз аҳли деҳа.

– Дуздро – Ибодро.

– Кадом Ибод?

– Писари арбоб Камол.

– Писари арбоб Камол дузд аст? Ман ҳеҷ гумон намекунам.

– Ман ҳам гумон надоштам,– гуфт Амонбоқӣ, – лекин пас аз бо чашми худ диданам ба бовар кардан маҷбур шудам. Воқеа ин тавр шуд: шаб занам ба хонаи падараш рафта буд, ман танҳо хобидам. Як вақт дари хона оҳиста кушода шуда касе ба хонаи ман даромад ва хисир–хисир карда чизҳоро ғундоштан гирифт. Ман аз ҷо барҷаста гӯгирд зада чароғро гиронда дидам, ки Ибод аст. Хостам, ки ҳарифро даст гирам, маро бардошта бар замин заду бадар рафт. Ин буд, ки болои

бом баромада фарёд баровардам. Ман гумон карда будам, ки мардум ӯро дастгир хоҳанд кард. Ин нашуд, шикор аз даст рафт. Акнун меравам ба шаҳр ва ба ҳоким шикоят мекунам, ясавул оварда ӯро бандӣ карда ба шаҳр бурда бо ӯ ба забони чӯби миршаб гуфтушунид мекунам.

Амонбоқӣ ба «имшаб сабр кун, ҳар чӣ кор бошад, фардо мекунӣ» гуфтани мардум гӯш надода, ҳамон соат ба роҳ баромада ба тарафи шаҳр рафт.

Агар баъзе содадилон ин сохта ва бофтаҳои Амонбоқиро бовар карда бошанд ҳам, таҷрибакорон дузди чӣ будани ин «дуздро» донистанд.

Шоҳназар ҳам, ки баъд аз гурехта ба хона даромадани духтараш овози «дуздро намонед»–ро шунид, яқин донист ин дузд дузди муқаррарӣ нест. Лекин барои манфиати худаш рӯ кушодани ин сирро муносиб намедид.

Вақте ки Шариф дар зиндони Қаротегин буд, рӯзе як ҷавони 24-25-соларо ба зиндон даровардand. Чун ин меҳмони навомада бандиёнро ба гардан ҷел, ба по ишкел бо ҳолати фалокатомезе дид ва манзараи тангу торики гӯрмонанди зиндонро мушоҳида кард, дар даҳшат афтода гиряву зорӣ оғоз намуд ва «ба туҳмати ноҳақ гирифтор шудам» гуфта фарёд мекард. Яке аз бандиён пурсид: «Ту аз куҷоӣ ва писари кистӣ?»

– Аз фалон деҳа, писари арбоб Камол ном шахс.

– Падарат зиндааст?

– Ҳо.

– Молу мулк дорад?

– Мувофиқи ҳол рамаи гӯсфанд, замини корам, хонаву ҷой дорад, одами соҳибэътибору баобрӯй аст, аз дута яктаи қишлоқ ба шумор меравад.

– Ин тавр бошад, чаро метарсӣ? Дар зиндон абадӣ мондан, дар банди ҷелу ишкел пӯсидан, ба зери чӯби мириғазаб ҷон додан насиби монанди мо бекасони бечораву бечиз аст. Ту хоҳ бо туҳмати ноҳақ афтода бошӣ, хоҳ бо туҳмати хақ, зуд наҷот меёбӣ ва ҳам чанд рӯзе, ки ин ҷо бошӣ, монанди меҳмон ба иззату ҳурмат рӯз мегузаронӣ. Модоме ки падарат

пулдор ва молдор аст,чилави ҳама, аз ҳоким гирифта то зиндонбон, ба дасти ӯст. Агар аз ғайри туро ба зиндон овардан аз падарат пул рӯёндан мумкин мебуд, туро ташвиш дода ба ин ҷо намеоварданд. Чун ба сабаби ин ҷо афтодани ту нони ҳамаи аҳли ҳукумат равғанӣ мешавад, як дараҷа туро оварда-анд. Вақте ки комашон ширин шуд, ту халос мешавӣ. Агар моро ё падарони моро ҳам чор пули пучак[1] мебуд, ба ин ҳол афтода дар ин ҷо намемондем.

Ин ҷавон агарчи аз тасаллӣ додани ин бандӣ қадре осуда шуда бошад ҳам, ҳар гоҳ аз берун овози пойе шунавад, тарсида ба аъзои баданаш ларза меафтод. Вақте ки садои кушодани қулфи дари зиндонро шунид, қариб буд аз бим қолаб тиҳӣ кунад ва аз тарс худро ба паси бандиён пинҳон кард.

Зиндонбон дар ҳолате ки ба дасташ дуто нон ва як чойник чой буд, даромад ва ба зиндониён:

– Бойбача куҷост? – гуфта пурсид.

– Кадом бойбача? – гуфт яке аз бандиён.

Зиндонбон:

– Ибод, писари арбоб Камол.

Ибод, ки ба дасти зиндонбон чою нонро дид, осуда шуда, аз ғайри дарак додани бандиён, ба по бархост:

– Ман Ибод, чӣ мегӯй? – гуфт

– Ҳеҷ не, ба ту чою нон овардам, Худо хоҳад, зуд халос мешавӣ ва дар он вақт хизмати маро, албатта, фаромӯш нахоҳӣ кард.

Ва оҳиста ба гӯши Ибод гуфт:

– Нону чойро ясавулбошӣ фиристоданд, ҳар вақт падараш ба дидан ояд «агар маро дӯст дорӣ, дар сарф кардани пул хасисӣ макун» гӯяд, вагарна ба ҳоле, ки дигар бандиён афтода-анд, меафтад, – гуфтанд.

Шариф аз ин гуфтугузорҳо донист, ки ин писари ҳамон арбоб Камол аст, ки модари ӯро аз хонаи Бибиоиша «зани сар-сарӣ» гуфта пеш карда, Гулбибии мусибатзадаро гирёну нолон гирифта бурдааст.

---

[1] **Пули пучак** – (пули сиёҳ) – пули хӯлагии замони амир, ки ҳар 64 дона-аш 50 тин буд; пули камқимат.

Шариф барои фаҳмидани оқибати кори Гулбибӣ робитаи худро бо Ибод қавӣ карда, дар байни чанд рӯзе, ки Ибод дар он ҷо буд, аз ӯ тамоми воқеа ва фоҷиаҳоро дониста гирифт.

Х. ХАБАР

Вақте ки Одина дар самоворхона аз Шариф хабаре аз хонаводааш пурсид, аввал аз бими он ки ба Одина таъсири бад хоҳад кард, бо вуҷуди донистанаш ин ҳама аҳволро ба ӯ нагуфтанӣ буд. Чун баъд аз нақли саргузашти худаш ӯро хеле осудаву оромида ёфт, ба ин аҳволи ӯ фиреfта шуда ҳамаи ин воқеаҳоро, агарчи ба ин тафсил ҳам, кӯтоҳ карда гуфт. Шариф дар вақте ки ин воқеаҳоро ба Одина ҳикоят мекард, дар ҳар сари сухани худ ба ҳоли ӯ бодиққат менигарист ва ӯро аз аввал ҳам осудатару оромидатар ёфта ба ҳикояти худ давом мекард.

Баъд аз тамом шудани ҳикоят дид, ки Одинаро хоб бурдааст, яқин кард, ки ӯ ба ин аҳвол аҳамияте надодааст. Дар ин асно Шоҳмирзо палав ва шӯрборо кашида овард ва хост Одинаро бедор кунад, то ҳамроҳ хӯрок хӯранд. Ҳарчанд саъй кард, Одина бедор намешуд. Пас маълум гардид, ки мадҳуш гардидааст. Шариф донист, ки он ҳама осудагӣ ва оромиҳо на аз ҷиҳати аҳамият надодан, балки аз ҷиҳати заъфу нотавонӣ будааст.

Агарчи Одина баъд аз дасту пояшро молидан ва ба рӯяш об задани Шоҳмирзо ба ҳуш омада, чашмашро кушода бошад ҳам, чиз хӯрдан он тараф истад, ёрои ҳаракат кардан ва ҷунбидан надошт, танҳо чашми худро кушода ба як нуқта теғ кашида нигоҳ карда меистод ва боз мепӯшид.

Бо таъсири ин аҳвол аз гулуи Шоҳмирзову Шариф ҳам ошу нон нагузашт ва таомро ба як сӯ ниҳода ҳар ду кати Одинаро бардошта ба даруни самоворхона баровардand.

Шариф ҳам ба боз омадан ваъда дода баромада ба қӯшхонаи худ рафт.

XI. ХАЗОН

Дар 22 моҳи октябри соли 1918 дар ҳавои Тошканд як хунукии аз одат берун рӯй дод[1]. Баргҳои дарахтони сабз, ки аз аввали ин моҳ боз рӯ ба зардӣ оварда буданд, дар ин рӯз ба шамоли нофорами хазон тобоварӣ карда натавониста чун кабӯтарони ба ҳуҷуми боз ростомада бо як парешонию парокандагӣ ба ҳар тараф мепариданду мегурехтанд ва худро ба чуқуриҳо, ҷӯйчаҳо ва кӯлмакҳое, ки дар онҳо оби борон аз ҳар тараф ифлосиҳоро гирд оварда буд, бе ибо зада, гӯё ки аз дастбурди боди хазонӣ барои худ паноҳгоҳе меҷустанд.

Борони барфолуде, ки меборид, ба хоки замин омехта кӯчаҳоро чун чағбути куҳнаи дар об афтода ба назар баднамо карда буд.

Ояндаву равандагон, ки ҳанӯз пӯшоки зимистонии худро тайёр накарда буданд, дар зери ин барфу борони бемаҳал чун чӯчаҳои сихпари дар об ғӯтазада ларза ба аъзояшон афтода, дар таҳти соғирдаҳо[2], соябонҳо ва айвончаҳои дуконҳо хазида, кучо рафтан ва аз кӣ ёрӣ талабиданашонро намедонистанд. Абр сиёҳ, офтоб пинҳон, рӯз торик, ҳаво вайрон, замин лағжонаку осмон резандаи борону барф буд.

Кам-кам вайронии ҳаво ба дараҷае расид, ки аз кӯчаҳо пойи рафтуомади мардум қариб бурида гардида, монанди Тошканд як шаҳри пурғулғула ранги манзилгоҳи хомӯшонро гирифт, ба андозае ки ғайр аз ғурриши шамол дигар садое шунида намешуд.

Дар ин вақт аз тарафи Қашқармаҳаллаи Тошканд як тобути фақиронае намудор шуд, ки атрофашро ба чор газ карбоси бо рӯян рангкарда печида буданд. Ҳамроҳикунандагони ба ин тобут аз ҳашт то нуҳ нафар мардикорони побараҳна бештар набуданд, инҳо ҳам тобутбардор, ҳам азодор ва ҳам соҳиби мурда буданд.

---

[1] Дар 22 моҳи октябри соли 1918 дар ҳавои Тошканд як хунукии аз одат берун рӯй дод – ин фикри нависанда ҳақиқати маҳз аст, зеро устод худ шоҳиди ин хунукии аз одат берун буд. «22-юми октябри соли 1918 аз Тошканд баргашта ба Самарқанд омадам» – қайд кардааст. С. Айнӣ дар «Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам» (К, ҷ. 1, 90).

[2] **Соғирда** – паноҳгоҳи андаке аз қабили хамгашти девор.

Тобут монанди шутури пурбор бисёр ба оҳистагӣ роҳ мерафт. Оре, ин тобут пурбор буд, лекин бораш на он боре буд, ки бо қуввати шутур, асп ва инсон нақл ёбад, балки ин бор бори андуҳу алам, ғам, ҳасрат, ҳичрону ҳирмон буд, ки кӯҳпайкарони дунёро камар мешикаст. Маълум буд, ки ин борро ғайр аз мардоне, ки тобутро бардошта мебурданд, касе кашида наметавонист.

Тобут оҳиста–оҳиста аз Ӯрда ва соири гузару маҳаллаҳо гузашта, ба мазори Шайхованди Таҳур[1] даромад ва ба сари як лаҳаде, ки имрӯз дар он пушта канда буданд, ниҳода шуд.

Тобутро кушоданд, мурдаро дар лаҳад гузоштанд, дари лаҳадро бо кулӯххо маҳкам карданд. Айвонашро бо хок пур намуданд ва рӯйи қаброо монанди кӯҳони шутур дарозрӯя аз замин бардоштанд ва ба саргаҳи он ба ҷойи санги мазор якчанд дона чимро болои ҳам чиданд.

Баъд аз тамом кардани ин корҳо яке пурсид:

– Одина чӣ гуна одам буд?

Дигаре ҷавоб дод:

– Одина як ҷавони фақир, ғариб, номурод буд, ки дар ҷавонӣ қурбони ғадр, хиёнат, зулму бедоди арбоби истибдод ва боёни бадбунёд гардид!

Пурсандаи ин пурсиш Шоҳмирзо ва ҷавобдиҳанда Шариф буд.

Дигарон ҳама якбора:

– Интиқоми Одинаҳоро аз золимон хоҳем гирифт! – гӯён ба роҳи омадаашон бозгаштанд.

Пас, маълум шуд, ки Одина баъд аз як моҳи он рӯзе, ки дар самоворхона бо Шариф суҳбат карда буд, вафот намудааст.

[1] **Мазори Шайхованди Туҳур** – шайхованди Туҳур (Шайхантаҳур) яке аз авлоди Хоҷа Аҳрор буда, аз одамони бонуфузи давр ба ҳисоб мерафт. Мақбараи Шайхантаҳур дар асри XV бино гардида, дар шаҳри Тошканд ҷойгир аст.

XII. ХОТИМА

Дар кӯҳистони тоҷик аз бозе ки таърих нишон медиҳад, бисёр зулму бедодиҳо ба кор рафт, бисёр хунҳо рехт, бисёр хонаводаҳо парешон шуд. Мардуми тоҷики Кӯҳистон дар таърихи ҳаёти худ нисбат ба соири мардуми Осиёи Миёна харобиҳоро бисёртар диданд. Онҳо ҳамчуноне ки аз тарафи амирони Бухоро ва амалдорони худ ҷавру бедод медиданд, инчунин аз дасти расму одат ва хурофот низ азобҳо мекашиданд. Дар ин роҳ бисёр Одинаҳо, бисёр Шарифҳо, бисёр Шоҳмирзоҳо, бисёр Сангинҳо, бисёр Гулбибиҳо, бисёр Бибиоишаҳо ва бисёр Гуландомҳо фидову қурбон гардиданд.

Агарчи инқилоби соли 1920 Бухоро ҳукумати амиронро аз сари онҳо бардошт, аммо барои пойдор кардани озодӣ чандин соли дигар муборизаи хунин давом кард. Қавми тоҷик аз ҳуҷуми босмачиён, ки фарзандони баркамоли амири охирии Бухоро ва дастпарвардаҳои ҷаҳонгирони хориҷӣ буданд, харобиҳоеро дид, ки монандашро таърих кам нишон медиҳад.

Оқибат тақсими ҳудуди миллӣ, ки дар соли 1925 дар Осиёи Миёна ба амал омад, субҳи содиқи саодат ва озодиро аз уфуқи кӯҳистони тоҷик ҳам намоён гардонид. Ҳукумати Шӯроии Ҷумҳурияти Мухтори Тоҷикистон[1], ки дар натиҷаи тақсимоти ҳудуди миллӣ барпо шуда буд, бо ёрмандии аскарони сурх ва деҳқонони фақири тоҷик босмачигариро хотима дода дар охири ин китоби фоҷиа «таммати билхайр»[2]-ро гузошт.

Имрӯз дар фазои софи кӯҳистони тоҷик аэропланҳо дар парвозанд, имрӯз дар камари пурпечу тоби кӯҳҳои Тоҷикистон автомобилҳо, автобусҳо дар ҳаракатанд ва зуд аст, ки оташаробаҳо ҳам дар байни кӯҳсор дар рафтор оянд. Имрӯз на танҳо дар шаҳрҳо, балки то ба қишлоқҳои тоҷик мактабҳо, сағирахонаҳо, беморхонаҳо, клуб, китобхона ва қироатхонаҳо

[1] Тоҷикистон дар соли 1929 боз мустақилан ба қатори ҷумҳуриятҳои иттифоқи СССР даромада бошад ҳам, бинобар аҳамияти таърихиаш он чи дар ин маврид дар таҳрири якуми хотима буд, ба ҳоли худаш монда шуд (шарҳи нависанда).

[2] **Таммати билхайр** – ибораи арабиест, ки маънои анҷоми кори некро дорад.

боз шуда ва боз шуданианд. Имрӯз ба ҷойи калламанораҳо қуллаҳои телеграфии бесим, дудкашҳои зовуди пахта ва дидбонҳои роҳи оҳанро тамошо мекунед.

Одина мурд, аз мурдан ва зистани Шарифу Шоҳмирзо хабаре надорем, лекин ин қадар ба мо маълум аст, ки монанди Одина, Шариф ва Шоҳмирзо ҳазорон фақирону мазлумони даври собиқ имрӯз дар роҳи тараққии хоҷагӣ ва маданияти шӯроии ватани озоди худ содиқона кор карда истодаанд.

Гулбибиву Бибиоиша ва ҳазорҳо монанди инҳо қурбон шудаанд, лекин ҳоло Гулбибиҳо ва Бибиоишаҳое баромадаанд, ки дигар намегузоранд занони тоҷик қурбони расму одат ва асири панҷаи мардони бемурувват шаванд. Имрӯз ҳамчуноне ки мардони фақири тоҷик ба корҳои худ соҳибихтиёранд, инчунин занони онҳо низ соҳибҳуқуқу озоданд.

Мумкин аст ҳоло ҳам дар миёни қавми тоҷик арбобкамолҳо, Муллохокироҳҳо ва Мулломардихудоҳо бошанд ва зимнан бар зарари мардуми тоҷик кор кунанд. Лекин хотирҷамъ ҳастем, ки халқи меҳнатдӯсти сар аз чанбари зулм берункашидаи тоҷик дигар худро ба доми найранги онҳо нахоҳад гирифтор кард ва вуҷуди нопоки ҳар гуна хоинро метавонад аз дунё несту нобуд намояд.

Хулоса, имрӯз Тоҷикистони Шӯроӣ гул кард, фардо ба олами Шарқ меваҳои ширин хоҳад дод.

Самарқанд, солҳои 1924– 1925.

МАРГИ СУДХЎР

ЯК-ДУ СУХАН ДАР БОРАИ «МАРГИ СУДХЎР»

Ман таҳрири «Марги судхўр»-ро дар соли 1936 тамом карда дар хониши умумӣ ва муҳокимаи Иттифоқи нависандагони советии Тоҷикистон гузошта будам. Дар омади сухан ҳаминро ҳам қайд кардан даркор аст, ки «Марги судхўр» аввалин асарест, ки бо таклифи муаллиф пеш аз чоп шуданаш дар Иттифоқи нависандагони советии Тоҷикистон муҳокима шуда буд.

Ман маслиҳатҳои дар хониши умумӣ аз тарафи коллективи нависандагон додашударо ба назар гирифта, асарро дубора таҳрир карда ба Нашриёт супурда будам.

Ин асар дар чопҳои гуногуни тоҷикиаш ва инчунин дар чопҳои чандинбораи тарҷумаи русиаш аз хонандагони советӣ хеле баҳои баланд гирифт ва мунаққидон ҳам дар танқидоти худ ба ин китоб камбудии ба назар намоёнеро нисбат надоданд.

Аммо баъд аз чопи якуми тоҷикиаш, вақте ки бо назари худтанқидкунӣ хонда баромадам, дар ин китоб як камбудии муҳимро дарёфтам: ин камбудӣ асосан иборат аз ҳамин буд, ки дар воқеаҳои дар ин китоб нақлёфта халқ кам иштирок мекард: дар асар образи Қориишкамба ба сифати як судхўр пурра нишон дода шуда, хислатҳои умумии судхўрон ва сифатҳои шахсии судхўри мазкур акс кунонда шуда, муомилаи ў бо майдасавдогарон ва дукондорони шаҳр тасвир ёфта бошад ҳам, тарзи тороҷ кардани ў оммаи меҳнаткашонро, хусусан деҳқононро, бо мисолҳои равшан нақл наёфтааст. Ва ҳол он ки дар вақтҳои ба вуқўъ омадани амалиёти судхўрии Қориишкамба судхўрони шаҳр ва аз ин ҷумла Қориишкамба ҳам, ки як шахси реалии таърихӣ аст, баъзан худҳошон ва бештарин ба воситаи судхўрони заминдори деҳот, деҳқонони меҳнаткашро тороҷ мекарданд.

Ғайр аз ин дар вақтҳои болоравии амалиёти судхӯрии Қориишкамба дар Осиёи Миёна ва аз ин ҷумла дар Бухоро аз тарафи буржуазияи молии Русияи подшоҳӣ бонкҳо кушода шуда, дар додугирифти савдогарон ва судхӯрони калон ба сифати ҳуҷҷати қарздорӣ вексел ҷорӣ шуда, васиқаи қозихонагӣ дар муомилаҳои пулӣ обрӯйи худро гум карда буд. Зеро муомилаҳои пулӣ, ки бо васиқа ба амал меомаданд, дар вақти қатъ кардани бештарини он муомилаҳо кор ба даъво ва хархаша оид мешуд. Ин гуна даъвоҳоро қозиҳо ва намояндагони онҳо ва муфтиҳо ривоҷ ва кашол медоданд, чунки ин гурӯҳ аз он гуна даъвоҳо ва кашол ёфтани онҳо фоида мебурданд. Бештарини савдогарон ва судхӯрони калон барои давидан аз паси ин гуна даъвоҳо фурсат намеёфтанд. Бинобар ин инҳо дар муомилоти байни худ ва дигарон ба сифати як ҳуҷҷати қатъии молӣ векселро қабул карданд, ки ба муқобили вай дар маҳкамаҳои Бухоро даъвоеро бардоштан мумкин набуд.

Вексел ду навъ буд – муҳлатнок ва бемуҳлат. Дар вексели муҳлатнок рӯзи адои қарз муайян карда навишта мешуд ва қарздор маҷбур буд, ки дар ҳамон рӯзи муайян кардашуда қарзи худро адо намояд, вагарна молу мулкаш бо музояда (торгӣ) фурӯхта шуда маблағи қарз рӯёнда мешуд.

Дар вексели бемуҳлат рӯзи адои қарз навишта намешуд ва вақти адои ин гуна қарз ба талаби қарзхоҳ вобаста буд, қарзхоҳ кадом вақт ки хоҳад, маблағи дар вексел қайдшударо аз қарздор талаб карда гирифта метавонист.

Ана ҳамин хусусияти векселӣ бемуҳлат, ки онро векселӣ сафед ҳам мегуфтанд, барои пӯст кандани деҳқонони меҳнаткаши бесавод дар дасти судхӯрон хизмати корди бурроии қассобиро ба ҷо меовард. Чунончи, як судхӯр ба як деҳқон дусад сӯм пули нақд дода, фоидаи яксолаашро, масалан сад сӯм ҳисоб карда, ин маблағро ба тани пул зам намуда, аз деҳқон векселӣ сафеди сесадсӯмиро даст мононда мегирифт.

Судхӯр ба деҳқон барои адои қарз забонӣ як сол муҳлат дода бошад ҳам, азбаски ин муҳлат дар вексел қайд намеёфт, баъд аз як ҳафта ё як моҳ, бисёр дер монад, баъд аз ду моҳ, векселро ба воситаи нотариус протест кунонда, маблағи дар вай қайдшударо, яъне тани пулро бо фоидаи яксолааш аз деҳқон меситонд ва агар деҳқон надиҳад ё дода натавонад, ба воситаи иҷрокунандаи ҳукми суд ва мулозими қозӣ молу мулки ӯро бо музояда (савдои «кӣ зиёд?») фурӯшонда маблағи дар вексел қайдшударо мерӯёнид.

Ба бадӣ кор фармудани вексел дар ҳама ҷойи мустамликаҳои подшоҳӣ ҷорӣ бошад ҳам, бадтарин, бераҳмонатарин ва пурфоҷиатарин ҷоҳои ба амал омадани ин кор Бухорои амирӣ ва музофотҳои он буд, чунки ҳукумати подшоҳии Русия идора кардани ин қисми мустамликаи худро ба амир ва амалдорони ӯ вогузошта буд ва инҳо дар дохили ҷойи ҳукмронии худ ба иҷро кардани ҳар гуна кори бад ва ҷавру бедод «мустақил» буда, ба ҳеҷ гуна қоида ва қонун амал намекарданд (зотан дар идораи ҳукумати амирӣ ҳеҷ гуна қоида ва қонун ҳам набуд). Ба болои ин ҳокимони Бухорои амирӣ ба вексел на танҳо ба сифати як ҳуҷҷати молии қатъӣ будани он нигоҳ мекарданд, балки онро як «фармонномаи импературӣ» шумурда сазовори ҳурмат ҳам медонистанд. Бинобар ин агар деҳқоне «дар як ҳафта ё дар як моҳ рӯёндани фоидаи яксола»-ро ба асоси вексели сафед бедодгарии беҳаёёна шумурда доду фарёд кунад, баъд аз рӯёнда гирифтани пули дар вексел қайдшуда он деҳқонро ба сифати таҳқиркунандаи «фармони императури аъзам» мезаданд ва ба ҳабс мегирифтанд.

Ман дер боз дубора кор карда баромадани «Марги судхӯр»-ро орзу доштам, аммо муяссарам намешуд. Ниҳоят имсол – соли 1952 маро фурсате даст дод, ки ин асарро дубора кор карда баромадам ва дар вақти кори дубора чунонки камбудии асосии ин китобро ислоҳ кардам, инчунин муомилаҳои векселиро ҳам, ки ба судхӯрон вобастагии қавӣ дошт, Қори-

ишкамба ҳам ба ин кор машғул шуда буд ва дар таърихи иқтисодиёти Бухорои амирӣ як саҳифаи пурфоҷиаеро ташкил мекард, тасвир намуда ба ҷоҳои муносиби асар даровардам.

Дар вақти таҳрири ин парчаҳои нав қайд кардани рақобат ва зиддиятҳои байни судхӯрони шаҳр ва саҳроро, бо ҳамаи ин дар мавриди тороҷ кардани деҳқонони меҳнаткаш бо ҳам созиш карда аз як гиребон сар баровардани онҳоро фаромӯш накардам ва инчунин дар рафти воқеаҳои саҳро як шахси реалии намояндаи ҳукумати Бухороро иштирок кунонда дар тороҷи деҳқонон чӣ гуна ёрӣ додани онро, ҳатто дар вақти боло гирифтани зиддияти байни судхӯрон ба воситаи ӯ ба созиш омадани онҳоро нишон додам (ин шахс Мирзохӯҷа ном ноиби қозикалон аст, ки амалиёти идоравӣ ва аҳволи хусусии ӯро хуб медонистам).

Ниҳоят боз як воқеаи ҳақиқӣ – чӣ навъ ба тарзи пинҳонӣ аз судхӯр интиқом гирифтани деҳқонони баҷонрасидаро тасвир намудам.

Умедворам, ки хонандагони муҳтарам дар бораи варианти азнавкоркардашудаи ин китоб мулоҳизаҳои худро баён хоҳанд кард.

Сентябри соли 1952.
Самарқанд.
С. Айнӣ.

* * *

Қиссаи «Марги судхӯр» аз тарафи суханшиносони ватанию хориҷӣ чун қуллаи баландтарини ҳаҷви бадеӣ дар адабиёти давраи нави тоҷик эътироф шудааст. Ба гуфти адабиётшиноси маъруфи чех Иржи Бечка «Садриддин Айнӣ дар «Марги судхӯр» дар тасвири олами рӯҳии судхӯрон ба комёбиҳои калон ноил гардид».

Ба тавассути ин қисса ҳаҷви С.Айнӣ ба тасвирҳои ҳаҷвии В.Шекспир, О.Балзак, А.С.Пушкин, Н.В.Гогол, С.Шедрин, Содиқ Ҳидоят барин нависандагони маъруфи дунё қиёс гардида, образи Қориисмат дар пояи образҳои барҷастаи ҳаҷвии адабиёти ҷаҳонӣ Шейлок, Гобсек, ритсари хасис – Плюшкин, Иудушка Головлев, Ҳоҷиоғо қарор мегирад.

Ин қисса дар як муддати кӯтоҳ ба алфози бонуфузи дунё, аз ҷумла, забонҳои русӣ, олмонӣ, фаронсавӣ, чехӣ, лаҳистонӣ, маҷорӣ, руминӣ, украинӣ, литвонӣ, эстонӣ, қирғизӣ тарҷума ва чоп гардид.

Сабаби асосии чунин маъруфият дар он аст, ки «Марги - судхӯр» аз тарафи нависанда борҳо таҳриру такмил дидааст ва агар аввалин мулоҳизаҳои адибро оид ба офаридани ин қисса ба эътибор гирем, таърихи эҷоди асар аз соли 1935 то соли 1953 давом кардааст. «Кори С.Айнӣ аз болои «Марги судхӯр» гувоҳ бар он аст, ки ин асар қариб бист сол ақлу дили нависандаро ба худ банд карда буд», – гуфтааст адабиётшиноси рус В.Панкина.

Ин асар ба забони тоҷикӣ борҳо бо ҳуруфи лотинӣ, арабиасоси тоҷикӣ ва кириллӣ ба табъ расидааст ва табиист, ки дар матнҳои он ғалатҳову гуногунхониҳои хурду калони зиёд роҳ ёфтаанд. Аз ин рӯ, мо тасмим гирифтем, ки дар асоси таҳқиқи матншиносии се нусхаи қаламӣ ва се нусхаи чопӣ матни саҳеҳи қисса ва муқаддимаи нависанда ба чопи соли 1953-ро ба мутахассисон ва оммаи васеи хонандагон пешкаш намоем.

Судхӯр аз пули худ нон шиканад гар, ба масал
Шиша сандон шиканад, атола дандон шиканад.[1]

I

Ман дар солҳои 1312 ҳичрӣ[2], ки талабаи мадрасаҳои Бухоро ба шумор мерафтам, бе бошишгоҳ мондам ва дар Бухоро, ки тақрибан сад дар мадрасаи калон ва қариб ҳамин қадар мадрасаи хурд дошт, барои ман ҳуҷраи қобили истиқомате ба зудӣ ёфт нашуд. Зеро, ҳарчанд ҳамаи мадрасаҳои Бухоро расман вақф[3] буда, хариду фурӯши онҳо аз рӯйи шариат раво набошад ҳам, дар замонҳои охир бо фатвои[4] уламои дин, ки дар масъалаҳои динӣ ҳилаҳои шаръиро ба кор мебурданд, ҳамаи ҳуҷраҳои мадрасаҳо ба тарзи хариду фурӯш мулки хусусӣ шуда ба дасти одамони пулдор афтода буд ва талабаҳои фақир дар ҷойи истиқомат ёфтан ба душвориҳо меафтоданд.

Дар ҳамон рӯзҳое, ки ман дар ҷустуҷӯйи ҳуҷра будам, яке аз дӯстонам бо роҳи маслиҳат ба ман гуфт:

– «Қориишкамба» ном як кас ҳаст, ки чанд дар ҳуҷраи зархарид[5] дорад, агар аз вай пурсӣ, шояд яке аз ҳуҷраҳояшро ба

---

[1] Эпиграф бори аввал дар дастхати № 31 оварда шудааст ва муаллифи он худи Айнӣ мебошад.

[2] Соли 1312 ҳичрӣ баробари соли 1895 мелодӣ мебошад. Дар тамоми нусхаҳои қаламӣ калимаи **солҳои** омадааст.

[3] **Вақф** – молу мулке, ки (дар асрҳои миёна) барои корҳои хайр вогузошта, даромади он ба фоидаи талабаҳо, камбағалон ва дармондагон харҷ мешуд.

[4] **Фатво // Фатвӣ** – ҳукми шаръ, ки дар мамлакатҳои мусулмонӣ аз тарафи муфтӣ, шайхулислом ё қозӣ доир ба ягон масъалаи динӣ бароварда мешавад.

[5] **Ҳуҷраи зархарид** – ҳуҷрае, ки соҳибаш онро ба сифати иҷора истифода мекунад.

ту ба орият[1] бидиҳад. Бо шунидани ин маслиҳати он дӯстам диққати ман аз ҳуҷра додан ё надодани он одам зиёдатар ба номи ӯ кашида шуд.

– «Қориишкамба»?

Дар ҳақиқат ҳам ин ном хеле ғалатӣ буд. Ман медонистам, ки халтаи меъдаи ҳайвонотро, ки дар он ҷо хӯроки хӯрдашуда ҷамъ мешавад, «ишкамба» меноманд. Аммо «ишкамба» номида шудани одамро дар умри худ нахустин бор шунида истода будам ва «сабаб чӣ бошад, ки одамро «ишкамба» номидаанд?» гӯён дар дили худ тааҷҷуб мекардам ва ин тааҷҷубамро ба он дӯстам изҳор намуда аз вай эзоҳ пурсидам.

– Номи аслии он одам «Қорӣ Исмат» аст, – гуфт дӯстам дар ҷавоб, – лекин ишками он кас калон аст, шояд ба ҳамин муносибат бошад, дар вақтҳои аввал баъзе касон ӯро «Қорӣ Исмати ишкам» гуфтаанд ва баъзе ширинкорон «Қорӣ Исмати ишкамба» хитоб намудаанд ва рафта-рафта калимаи «Исмат»-ро партофта «Қориишкамба» гуфтаанду мондаанд ва чунонки мегӯянд, «лақаб равшантар аз ном аст», номи аслии он шахс аз забонҳо афтода дар байни мардум бо унвони «Қориишкамба» шуҳрат ёфтааст.

– Бояд аз касе, ки мардум ба ӯ лақаби «Ишкамба»-ро сазовор дидаанд, умеди хайре карда нашавад, – гуфтам ман ба дӯстам, – бо вуҷуди ин, ту ӯро ба ман шиносо карда мон! Чӣ зарар дорад, «шавад обӣ, нашавад лалмӣ» гӯён ман аз вай ҳуҷра мепурсам. Агар ӯ ба ман ҳуҷра надиҳад ҳам, ман чӣ гуна будани «Ишкамба-одам»-ро дида мемонам. Худи ҳамин барои ман як фоида аст.

– Худам шахсан бо вай шинос нестам, ки туро шиносо кунам, – гуфт он дӯстам, – фақат кӣ будани ӯро медонам ва метавонам, ки дар яке аз кӯчаҳо ӯро ба ту нишон диҳам ва баъд аз он худат роҳ ёфта бо ӯ шинос шуда, аз вай ҳуҷра мепурсӣ.

---

[1] **Орият** – чизеро ба касе барои истифодаи муваққатӣ додан аст. Дар истилоҳи мадрасаҳои Бухоро талабагонеро, ки дар ҳуҷраи касони дигар зиндагӣ мекарданд, «ориятнишин» мегуфтанд (шарҳи нависанда).

Ман ба ин таклифи дӯстам розӣ шудам ва ба воситаи ӯ дар пайи ёфта, дида, шинохтани Қориишкамба афтодам…

II

Рӯзе аз рӯзҳо бо он дӯстам дар лаби Ҳавзи Девонбегии шаҳри Бухоро, ки ягона сайронгоҳи он шаҳр буд, саёҳат карда мегаштем, ки ӯ якбора ба ҳаяҷон омада:

– Ана, Қориишкамба ҳамин одам аст! – гӯён касеро, ки ба як сартарошхона медаромад, ба ман нишон дод.

Ман танҳо пушти он одамро дида мондам ва чигунагии симою сураташро муайян карда натавонистам ва дар пеши худ қарор додам, ки то мӯйсари худро тарошонида баромадани он одам дар ҳамон ҷоҳо истода шаклу шамоилашро тамоман шинохта мегирам ва агар рост ояд, бо ӯ шинос шуда, аз вай ҳуҷра мепурсам.

Аммо дӯстам дар ин кор ба ман ҳамроҳӣ накард ва кореро сабаб нишон дода аз ман ҷудо шуда рафт ва ман рафта ба лаби суфачаи сартарошхонае, ки Қориишкамба он ҷо даромада буд, нишастам ва бе он ки ба ӯ фаҳмонам, сару сурат ва тамоми қиёфаи ӯро аз назар гузаронидам:

Ӯ як одами миёнақади фарбеҳи ишкамкалони гарданкӯтоҳ буда, ғафсии гардан ва пуррагии сару рӯяш ҳам аз ғафсии шикамаш қариб фарқ надошт, агар риши калони ғулии монанди алафи гандадарав ба ҳам печидаашро, ки тамоми рӯяшро фурӯ гирифта буд, тарошида мепартофтанд, сару тани ин одам дар як ҷо ба ишкамбаи холӣ карданашудаи шутур монандӣ пайдо мекард, ғояташ ин ки ин аз вай калонтар буд, монанди ҷуссаи шутури ба дарди хориш гирифторгардидаи мӯяш рехтагӣ сурхчатоб менамуд.

Баъд аз дидани ин гуна шаклу шамоили ин одам, дар дили ман гузашт: «шояд мардум на аз ҷиҳати калонии шикамаш, балки аз ҷиҳати он ки баъд аз тарошидани ришаш тамоми баданаш ба як шикамбаи калон монандӣ пайдо мекард, ба ӯ ин лақабро муносиб дида бошанд.

Дуруст аст, ки шиками ин одам аз шикамҳои одамони одӣ аз ҳад зиёд калон буд, лекин ғафсии дигар ҷойҳои баданаш,

ҳатто гардану рӯяш ҳам ба дараҷае буд, ки он шиками калон дар пеши онҳо номаълум ва одӣ шуда мемонд. Бинобар ин, дар сабаби лақаби ин одам фикри охирии нависандаи ин сатрҳо ба ҳақиқат наздик менамуд.

Навбати мӯйсаргирӣ ба Қориишкамба расид ва сартарош покуи[1] худро санг зада истода ба ӯ:

– Ба болои сандалича марҳамат кунед! – гуфт.

Қориишкамба, аз ҷиҳати вазнинии баданаш ё ба сабаби ягон беморӣ, аз ҷояш базӯр бархост ва дасторашро аз сар гирифта хост, ки вайро ба сари мехи лӯнгиовезии сартарош монад. Аммо сартарош ба ин кор роҳ надод ва чолокона теғу сангро ба рафчаи пеши оина гузошта дудаста дасторро аз дасти Қориишкамба гирифта истода:

– Саллаи шумо қариб панҷсер[2] вазн дорад ва агар ба сари мех мемондед, мех мешикаст ва лӯнгиҳои ман ба замин ғалтида чиркин мешуданд, – гуфт бо оҳанги ҳазломез.

Дар ҳақиқат саллаи Қориишкамба бисёр калон буда, аз дастори ҳар гуна муллоҳои саллакалон ду баробар меомад, бо вуҷуди ин вай он қадар вазн надошт, ки мехи лӯнгиовезиро шиканад. Шояд бар мехи лӯнгиовезӣ ба гузоштани он салла роҳ надодани сартарош барои он бошад, ки вай бисёр чиркин буд ва ба болои лӯнгиҳои мӯйсаргирӣ истодани он саллаи чиркин сабаби нафрати мӯйсаргирони дигар мешуд.

– Хайрият, ки ба хотири лӯнгиҳоятон дастори маро нигаҳдорӣ кардед, – гуфт Қориишкамба, – вагарна бо шикастани мех дар қатори лӯнгиҳои шумо саллаи ман ҳам ба замин афтода ба хок мечӯлид, ки барои шуста тоза кардани он панҷ мисқол[3] собун сарф шуда ба ман зарари калон мерасид.

– Дастори шумо ба сабаби ба замин афтодан аз хок ҳеҷ зарар намедид, – гуфт сартарош, – магар дер боз рӯйи тағораи ҷомашӯиро надида будааст, ки аз хоки замини дукони ман чиркинтар менамояд.

---

[1] **Поку** – теғест, ки бо вай мӯйи сари одамонро тарошанд.
[2] **Панҷсер** – андозаи вазн, ки ба ду пуд (32 кг) баробар аст.
[3] **Мисқол** – андозаи вазн, ки аз 4 грамм зиёдтар аст.

Ҳақиқатан ҳам аз печҳои дастори Қориишкамба гӯё ки дар вай дастмолҳои дегшӯиро печонда баста бошад, тасма-тасма чиркҳои равғанолуд намоён буд.

– Ин гуна дастори калонро ҳар ҳафта як бор ба тағораи ҷомашӯӣ андохта шустан мумкин нест, – гуфт Қориишкамба, – дар он сурат хонаи собун месӯхт.

– Чаро дасторро хурдтар намекунед, ки ҳам дока камтар раваду ҳам шустанаш осонтар шуда собун камтар сарф шавад? – гӯён сартарош пурсид.

– Ин саллаи ман дастори «ертишгиру[1] тӯйхӯр» аст! – гуфт Қориишкамба дар ҷавоб, – вақте ки бо ин дастор ба сари дафни мурдае ҳозир мешавам, ба ҳар кас як газ ертиш диҳанд, ба ман ду газ медиҳанд ва инчунин дар тӯйҳо ҳам табақи сергӯшту равғани палав ба пеши ман меояд…

Сартарош чор даҳан гап зада як бор покуро ба санг зада охир теғро мувофиқи табъаш тез кард ва лӯнгиро ба гардани Қориишкамба баста истода ба сухан давом намуд:

– Албатта, касе, ки шуморо намешиносад, на ба ҷаноза хабар мекунад ва на ба тӯй, аммо он касоне, ки шуморо мешиносанд ва ба ҷанозаю тӯяшон хабар мекунанд, хоҳ дасторатон калон бошад, хоҳ хурд, ба шумо он муомиларо мекунанд, ки шуморо ба он муносиб медонанд. Ба фикри ман барои ин барзиёд сарф кардани дока бефоидааст.

– Шумо сода будед, бародар! – гуфт Қориишкамба ба сартарош, – агар ман ба ертиши мурдаҳое, ки ба ҷанозаи онҳо маро хабар мекунанд, қаноат карда мегаштам, пас пули мӯйсарро аз куҷо ёфта ба шумо медодам? Ман ҳар рӯз намози пешинро дар хонақоҳи Девонбегӣ[2] мехонам ва ба он ҷо ҳар мурдаеро, ки барои ҷанозахонӣ оварда бошанд, хоҳ шинос бошад, хоҳ бегона, баъд аз хондани ҷаноза ба сари қабраш меравам ва ба қадри насиба ертиш гирифта мегардам.

---

[1] **Ертиш** – порчаи суф ва ё чит, ки дар вақтҳои пеш дар ҳангоми дафни мурда ба тарзи садақа ба касоне, ки ба сари қабр ҷамъ омадаанд, дода мешуд (шарҳи нависанда).

[2] **Хонақоҳ** – масҷиди калони гунбаздор. Хонақоҳи Девонбегӣ – масҷидест, ки аз тарафи Нодирдевонбегӣ ном хони сулолаи Аштархониён дар шаҳри Бухоро соли 1620 сохта шудааст.

– Шумо ба мӯйсаргирӣ пули бисёр сарф намекунед, ки барои ин дар ташвиш афтед, – гуфт сартарош, – ҳар кас дар як ҳафта ё даҳ рӯз мӯйсар гирад, шумо дар ду моҳ як бор мӯйсар мегиред ва музди дастро ҳам баробари нимаи музди дигарон дода мегурезед.

Ман аз ин сухани сартарош огоҳӣ ёфта ба сари Қориишкамба бо диққат назар андохта дидам, ки дар ҳақиқат мӯйсараш монанди зиндониёни даври амирӣ баланд расида то пешонӣ ва буни гарданаш фуромадагӣ буда, торҳои мӯйсараш бо торҳои ришаш монанди тору пуди дар дастгоҳи бофандагӣ бофташуда ба ҳам печида буданд ва бар хилофи сарҳои одӣ дар теппаи сараш ба қадри кафи даст як ҷойи бемӯй ҳам менамуд.

Қориишкамба аз сухани охирини сартарош қадре ба ғазаб омада ва сари худро аз зери дасти ӯ, ки тар карда молиш медод, ба қафо кашид ва чашми худро ба чашми ӯ дӯхта истода гуфт:

– Ман хоҳ дар як ҳафта як бор мӯйсар гирам, хоҳ дар ду моҳ, ин кори ман аст ва ба шумо ҳеҷ дахл надорад. Мӯйсари ман хоҳ баланд бошад, хоҳ паст, шумо як бор теғ меронед ва барои мӯйсари баланд ду бор теғ намеронед, ки хизмати барзиёд карда бошед. Агар ман ба шумо нисбат ба дигарон камтар музд медода бошам, шумо ба шикоят кардан ҳақ надоред, зеро худатон дида истодаед, ки нимаи сари ман бемӯй аст ва шумо ба он ҷо ҳеҷ теғ намеронед, бинобар ин, дар вақти музд гирифтан ҳамин нуктаро ба назар гирифтанатон лозим аст.

Бояд барои паст кардани оташи ғазаби Қориишкамба бошад:

– Ман ҳазл кардам, – гуфт сартарош нармона, – вагарна музди хизмати маро хоҳ кам диҳед, хоҳ зиёд диҳед, ман аз шумо миннатдор шуда мегирам ва пули шуморо табаррук[1] медонам…

Сартарош сари Қориишкамбаро тарошида шуд ва лӯнгиро аз гардани ӯ кушода гирифта, ба қуттии мӯйсардон афшонда, хост, ки дубора ба гардани ӯ бандад, то ки дубора тар карда чиркҳои таги мӯйсарро тарошида гирад, аммо Қориишкамба ба ин кор роҳ надод:

[1] **Табаррук** – баракатдор донистан ва муборак шумурдан.

– Дубора тарошидан лозим нест, – гуфт ӯ – мӯйлабамро кӯтоҳ кунед, кифоя аст, вақти барзиёд надорам.

– Магар ба ягон ҷаноза нигаронед? – гуфта пурсид сартарош.

– Не! – гуфт Қориишкамба, – агар ҷанозае вохӯрад, дар ҳамин ҷо – дар саҳни хонақоҳ дар соати дувоздаҳ вомехӯрад, – ва ба соати девории сартарошхона нигоҳ карда илова намуд, – ҳоло соат даҳ аст.

– Пас, чӣ гуна кори зарур доред? – сартарош пурсид ва ҳазломезона боз суол дод, – магар ба ягон тӯй ногуфт рафтан мехоҳед?

– Ҳамин вақт вақти чойнӯшии чоштгоҳии ходимони бонк аст. Агар дер монам, аз чойи серқанди ройгон маҳрум мешавам…

Ман аз ҳамаи ин гуфтугузорҳо чизе нафаҳмида дар ҳайрат будам ва дар дили худ фикр мекардам: «Агар ин одам чанд ҳуҷраи зархарид дошта бошад, пас чаро зиндагонии худро, ҳатто пули мӯйсарошро ба болои ертиши мурдагон мондааст, ки ин кори гадоёни бекасукӯй аст, на пешаи одами сарватманди чандҳуҷрадор? Агар ин одам дар ҳақиқат гадои бекасукӯй бошад, ӯро ба бонк ва ходимони бонк чӣ муносибат аст, ки ба сари чойи чоштгоҳии онҳо расида рафтан мехоҳад? Дигар он ки чаро дӯсти ман маро барои ҳуҷра умедвор карда ба пеши ин гадои бекасукӯй фиристод ё ин ки ӯ маро бозӣ додан мехост?» Ва боз дар худ меандешидам: «агар дӯстам маро бозӣ додан хоста бошад ҳам, зарар надорад, чунки ин одам одами бисёр аҷиб менамояд, ин одамро шинохтан ва ҳамаи кирдору гуфторҳои ӯро омӯхтан барои ман, ки табиатан кунҷков воқеъ шудаам, аз ҳуҷра ёфтан ҳам беҳтар аст. Дар ҳар ҳол ман ин одамро то охир таъқиб ва думболагирӣ хоҳам намуд. Ҳуҷра надоштани ӯ ё ба ман ҳуҷра надоданаш ба ин кори ман монеъ нахоҳад шуд. Ҳар чӣ бошад, масъалаи ҳуҷра барои ба даст даровардани ин мақсад ба ман як васила ва баҳона хоҳад шуд…».

Қориишкамба бо кӯтоҳ кардани мӯйлабаш ҳатто ба кушода гирифтани лӯнгӣ мунтазир нашуда аз ҷояш ҷаста бархост ва то аз гарданаш гирифтани лӯнгӣ дасторашро аз суфача ги-

рифта ба сари худ гузошта шитобкорона аз дукони сартарош баромад.

– Қориамак, пули мӯйсар чӣ шуд? – гӯён сартарош аз пушташ овоз дод.

Қориишкамба, бе он ки аз роҳаш бозистад ва сарашро ба тарафи сартарош гардонад:

– Дар оянда пули ду мӯйсарро якҷоя медиҳам, – гӯён бо қадамҳои калон-калон дар як дақиқа аз пеши сартарошхона дур шуд ва дар он ҷо маро муяссар нашуд, ки масъалаи ҳуҷраро дар пеши ӯ монам ва ба ин муносибат бо ӯ шахсан шиносо шавам…

Баъд аз баромада рафтани Қориишкамба аз лаби Ҳавзи Девонбегӣ, ман ҳам аз он ҷо рафтам ва бо умеди дар ягон ҷойи дигар рост овардани ӯ ҳамон рӯз то бегоҳӣ раставу бозорҳоро сарсариёна гаштам, аммо ба дидани ӯ комёб нагардидам.

III

Фардои он рӯзе, ки ман Қориишкамбаро дар сартарошхона дидам, пагоҳонӣ дар пайи ёфта дида шинос шудан бо ӯ ба кӯча баромадам: аввал лаби Ҳавзи Девонбегиро гардиш карда баромадам ва аз он ҷо ба растаи баззозӣ[1], ки аз ҷанубӣ хонақоҳ ва Ҳавзи Девонбегӣ аз шарқ ба ғарб мерафт, гузашта он ҷоро ҳам то сесӯ бо диққат аз назар гузаронидам. Чун аз он ҷоҳо матлаби худро наёфтам, ба растаи чинифурӯшӣ, ки аз охири растаи баззозӣ сар шуда аз ҷануб ба шимол мерафт, гузаштам…

Дар растаи чинифурӯшӣ, ҳанӯз даҳ қадам дур нарафта, ба ногоҳ дидам, ки Қориишкамба ба сари дукони як чинифурӯш поҳои худро ба замин овезон карда бар лаби суфачаи пеши он дукон нишастааст ва ман ҳам қадре дуртар аз он дар он тарафи раста, ки муқобили ҷойи нишасти ӯ ба шумор мерафт, бар суфачаи як дукони дарбаста нишастам ва монанди гурбае, ки мушро мепояд, бе он ки ба худи ӯ фаҳмонам, ҳаракатҳояшро дар зери назари диққат гирифтам.

[1] **Растаи баззозӣ** – қатори газворфурӯшӣ.

Қориишкамба бо чинифурӯш чой менӯшид. Дар ҳамин вақт як нонфурӯш, ки ба сараш як сабад ва ба дасташ як сабади дигар пури нон буд, «гарм, дастсӯз, обаш равған, ордаш шакар, нахӯрда намонед, ки дар ҳасрат мемонед!…» гӯён аз раста гузаштан гирифт.

Қориишкамба нонфурӯшро ҷеғ зада ба пеши худ оварда аз сабади рӯйи дасти он ду нонро ҷудо карда гирифта бе он ки нархи онро пурсад ва бо нонфурӯш савдо кунад, онҳоро ба рӯйи бодбезак, ки бо вай магасонро ронда нишаста буд, гузошт ва гӯё ки пули нонҳоро медода бошад, дасташро ба ҷайбаш бурда баъд аз қадре кофтуков кардани кисааш дасташро холӣ бароварда дар ҳолате, ки нонҳоро шикаста барои хӯрдан омода мекард, ба чинифурӯш:

– Бародар, пули майдаам набудааст, марҳамат карда шумо пули нонҳоро диҳед! – гӯён худ ба нонхӯрӣ сар кард.

Чинифурӯш як ба нон ва як ба Қориишкамба бо тааҷҷуб нигоҳ карда, оқибат аз нонфурӯш нархи нонҳояшро пурсида, паси сари худро хорон-хорон аз ғалладон пул бароварду ба нонфурӯш дода ӯро гусел кард. Аммо Қориишкамба на ба чинифурӯш нигоҳ мекард ва на ба нонфурӯш, ӯ ду чашми худро бар рӯйи бодбезак ба нонҳои шикаста дӯхта истода, бурдаҳои нонро дуқат ва сеқат карда ба лунҷи худ меандохт.

Чинифурӯш дид, ки ӯ нахӯрад ҳам аз он нонҳо ягон бурда боқӣ нахоҳад монд ва ҳарчанд Қориишкамба ӯро ба нонхӯрӣ таклиф накарда бошад ҳам, як луқма нонро ба даҳон андохта як пиёла чойеро, ки дар пешаш буд, ба нӯшидан сар кард. Чинифурӯш пиёлаи чойро ҳанӯз холӣ накарда Қориишкамба даҳони худро аз нон чунон пур кард, ки акнун на нонро хоида метавонист ва на ҳарф зада ва ӯ дар ҳамин ҳолат, аз тарси он ки чинифурӯш нони боқимондаро хӯрда намонад, як дасти худро ба бурдаи охирини нон, ки ба рӯйи бодбезак буд, гузошта бо дасти дигараш ба чинифурӯш ишора кард, ки зудтар пиёларо холӣ карда ба ӯ чой кашида диҳад, то ки вай нонҳои нимхоидаи дар лунҷаш бударо бо ёрмандии чой фурӯ бурда тавонад.

Чинифурӯш чойи нимсардшудаи пиёларо ба зудӣ нӯшида, ба он пиёла чой рехта, ба Қориишкамба дода бо табассуми истеҳзоомез нонхурӣ ва чойнӯшии ӯро тамошо карда истод.

Қориишкамба пиёларо ба даст гирифта аз ҷиҳати гармии чой пуф-пуфкунон кам-кам нӯшида даҳони худро қадре аз нон холӣ кард ва бо дасти дигараш, ки ҳанӯз бар рӯйи нон буд, бурдаи охиринро бардошта, ба даҳон андохту он бурдаро ҳанӯз тамом нахоида ва фурӯ набурда, пиёларо бо чойи боқимондааш ба замин гузошта, худ аз ҷой бархоста ба пеш равон шуд ва ман ҳам аз дунболи ӯ ба ҳаракат даромадам…

Қориишкамба ҳанӯз бист қадам роҳ нарафта дар назди сарои сандуқ дар пеши дукони як сандуқфурӯш нишаст ва ман, ки аз дунболи ӯ мерафтам ва дар рӯ ба рӯйи дукони сандӯқфурӯш ҷойи муносибе наёфтам, ночор аз он ҷо гузашта, ба дуртар рафта нишастам.

Дар вақти гузаштанам аз пеши дукони сандуқфурӯш бо гӯшаи чашми худ дидам, ки соҳиби дукон дар дарунтари дукони худ нишаста ва чути ҳисобро монанди деворча рост гузошта ва дар паси вай қадом як чизи хӯрданиро монда аз назари роҳгузарон пинҳон карда мехӯрд. Аммо чашми тезбини зоғмонанди Қориишкамба он чизи хӯрданиро дида ба он ҷо нишастааст, ки фавран ба як паҳлу ёзида ва дасти худро ба паси чӯт ёзонда дар хӯрдани он чизи «пинҳон кардашуда» ба соҳиби дукон шарик шуд.

Азбаски ҷойи нишасти ман аз ҷойи нишасти Қориишкамба дур буд, дар байни ӯ ва сандуқфурӯш чӣ гуфтугузор шуданро шунида натавонистам. Аммо гумон мекунам, ки дар байни онҳо гуфтушуниди барзиёд бояд нашуда бошад ва ҳамаи вақте, ки Қориишкамба ба сари дукони он одам нишаст, бояд ба хӯрдани он чиз сарф шуда бошад, чунки бо тамом шудани он чизи хӯрданӣ, ки ин аз чутро аз миён бардошта ба як сӯ гузоштани соҳиби дукон маълум мешуд, Қориишкамба ҳам зуд аз ҷо бархоста ба роҳ даромад.

* * *

Қориишкамба ба як растачаи танги болопӯшида, ки аз ғарб ба шарқ дар байни растаи чинифурӯшӣ ва атторӣ воқеъ гардида тимча номида мешуд ва дар он ҷо тоқияву

шоҳӣ мефурӯхтанд, даромад ва ман ҳам аз роҳ баргашта аз дунболи ӯ ба тимча даромада чолокона қадам гузошта ба вай расида гирифтам.

Қориишкамба дар тимча дар пеши дукони як тоқияфурӯш рост истода аз вай:

– Тоқияҳои маро фурӯхтед? – гуфта пурсид.

Ин суоли Қориишкамба тааҷҷуби маро аз аввала зиёдтар кард, чунки шахси монанди гадоён аз мурдаҳои ношинос ертишгиранда, ба тӯйҳои нохонда рафта палавхӯранда ва дар айни замон ошнои наздики ходимони бонк ҳоло дар пеши ман тоқиядӯз ё ин ки тоқияҷаллоб шуда баромада буд. Бинобар ин, ҳаваси ман ба шунидани гуфтугузори ӯ бо тоқияфурӯш зиёд шуда, ман ҳам дар он ҷо дар паҳлуи ӯ, аммо қадре пасттар аз ӯ рост истодам.

– Не, ҳанӯз нафурӯхтаам! – тоқияфурӯш ба Қориишкамба ҷавоб дод.

– Бояд фурӯхта бошед, – гуфт Қориишкамба ба ҷавоби тоқияфурӯш изҳори нобоварӣ карда, – лекин бояд мехоста бошед, ки пули онҳоро рӯзе чанд дар хариду фурӯши худ кор фармуда, чаллонда,[1] ба манфиати худ фоидаи барзиёд ёбед!

– Қориамак, шумо аҷаб одами нобовар мебошед, – гӯён тоқияфурӯш якрӯя шуда пуштнокӣ хам шуд ва ба зери пардае, ки дар пеши рафчаҳои дукон кашида шуда буд, даст дароварда аз он ҷо як даста тоқияи дарун ба дарун гузошта-шударо баровард ва дар пеши назари Қориишкамба гузошта аз вай пурсид:

– Магар ҳаминҳо тоқияҳои шумо нестанд?

Баъд аз он ки Қориишкамба аз они худаш будани он тоқияҳоро тасдиқ кард, тоқияфурӯш дастаи тоқияҳоро қадре ба тарафи ӯ тела дода илова намуд:

– Бардоред, инҳоро гирифта баред! Маро тоқати он нест, ки ҳам ба шумо хизмат кунам ва ҳам туҳмат шунавам.

Қориишкамба шӯридани тоқияфурӯшро дида ба узргӯӣ даромад:

[1] **Чаллондан** – ба воситаи харидуфурӯш пулро зиёд кардан.

– Аввал ҳам ман сухани шуморо ва то ҳол ба фурӯш нарафтани тоқияҳоро бовар карда будам, лекин ҳазл карда будам, вале шумо ҳазлро ҷиддӣ дониста ба ғазаб омадед.

– Ман чаро ба ғазаб омада бошам, ман ин гуна ҳазлҳои ҷиддинамои шуморо акнун нашунавидаам, – гуфт тоқияфурӯш дар ҳолате ки аз шӯриш фуромада буд.

Қориишкамба паст шудани оташи ғазаби тоқияфурӯшро дида аз ӯ бо чоплусӣ ва хушомадгӯй аз роҳи дигар фоида бурдан хоста гуфт:

– Ҳазлро ба як тараф монем, ҷиддӣ мегӯям, ки ман ҳамин рӯз ба пул эҳтиёҷи зиёд дорам, чӣ мешавад, ки ҳоҷатбарорӣ карда пули ҳамин тоқияҳоро, ҳеҷ набошад нимаашро, ҳамин рӯз ба ман пешакӣ диҳед! Илоҳӣ, саломат бошед! Дар ҳаққи фарзандонатон ҳам дуо мекунам.

– Ин суханатон ҳазл бошад ҳам, дуруст нею аз таги дил бошад ҳам! – гуфт тоқияфурӯш бо оҳанги ҷиддӣ.

– Чаро – тааҷҷубкунон пурсид Қориишкамба.

– Охир, шумо аз ман хоҳиш карда будед, ки тоқияҳотонро ба харидорҳои беруна бо нархи яккафурӯшӣ – бо нархи баланд фурӯхта диҳам. Албатта, дар фурӯши дона-дона ва бо нархи баланд инҳо ба зудӣ фурӯш намешаванд ва дер мемонанд. Дар ин сурат ман як қисми сармояи худро ба моли шумо банд карда монам, аз куҷо пайдою пасандоз мекунам, харочоти рӯзгорамро ва иҷораи дуконро аз куҷо ёфта мегирам ва ба ҳар сад тангаи қарзе, ки аз шумо дорам, бо кадом роҳ даромад карда, ҳар моҳ дуву ним танга фоида медиҳам…

Тоқияфурӯш қадре сокит монда ва нафасашро рост гирифта илова намуд:

– Биёед, шумо қарзатонро, ки ба гардани ман ҳаст, як моҳ бефоида, ба сифати қарзи ҳасана монед ё ин ки тоқияҳотонро бо нархи яклухтфурӯшӣ (бо нархе, ки вофурӯшон[1] аз дӯзандагон мехаранд) баҳо карда диҳед, дар он вақт ман ҳамаи пули тоқияҳотонро якҷоя нақд ба шумо медиҳам. Чӣ гуфтед, розӣ ҳастед?

[1] **Вофурӯш** – ҷаллоб, касе, ки маҳсулоти пешаварони дастӣ коркунандаро харида бо нархи зиёдтар мефурӯшад.

– Не, ин кор ба ман баробар намеояд ва дар он вақт ман қариб чоряки пули тоқияҳоро аз даст медиҳам, – гӯён Қориишкамба рафтан хост.

– Наравед, нишинед! Аз болои пули тоқияҳотон ба шумо як чойник чой дам карда диҳам, – гуфт тоқияфурӯш.

– Не, лозим нест, саломат бошед! Ман ҳозир ба бонк рафта чой менӯшам, – гуфт Қориишкамба ва ба оҳанги шӯхӣ илова намуд: – ба чойе, ки аз болои пули тоқияҳои ман муҳайё мешуда бошад, на дандони шумо меғӯтад ва на дандони ман.

Вақте ки Қориишкамба рафтагор шуда аз пеши дукон ба роҳ даромад, ба ман, ки дар қафотари ӯ истода будам, чашми тоқияфурӯш афтода:

– Ба шумо чӣ даркор? – гуфта пурсид.

– Ба ман тоқия даркор, – гуфтам дар ҷавоби ӯ сухани дигаре наёфта.

Қориишкамба бо шунидани ин ҷавоби ман аз роҳаш бозгашта, ба тоқияфурӯш рӯ оварда: – Ба ин кас аз тоқияҳои ман нишон диҳед! Шояд ягонтаашро дар пеши назари худ фурӯшонда пули нақд карда гирам. Ба Худо, ки ба пул эҳтиёҷам зиёд аст.

Тоқияфурӯш дастаи тоқияҳои Қориишкамбаро ба дасти ман дода:

– Яке аз инҳоро хоста гиред! – гуфт.

Ман, ки дар ҳақиқат тоқия намехаридам, тоқияҳоро бепарвоёна аз назар гузаронда яке аз онҳоро ба тоқияфурӯш нишон дода:

– Ҳамин чанд пул? – гуфта нарх пурсидам.

– Панҷ танга! – гуфт тоқияфурӯш.

– Ду танга, – гуфтам ман дастаи тоқияҳоро ба фурӯшанда гардонда дода истода ва дар дили худ «агар фурӯшанда розӣ шавад, бо чӣ баҳона ин байъро мегардонам» гуфта меандешидам ва баҳонаи маъқуле наёфта, аз бими шармандагии оянда аз сару рӯям арақ мерехт.

– Инсоф кунед, додар! – гуфт Қориишкамба ба ман нигоҳ карда, – охир масолеҳе, ки ба ҳар кадоми онҳо сарф шудааст, аз чор танга зиёдтар меистад, ба болои ин музди дӯхт ҳам ҳаст. Хуб, биёед, зиёдатии қимати масолеҳро ва музди дӯхтро

ба шумо гузашт кунем. Шумо чор танга диҳед! Ман ба ин суханони Қориишкамба чизе нагуфта ва гӯё ки сухани ӯро ношунида бошам, худро ба нофаҳмӣ задам.

Фурӯшандаи таҷрибакор, ки ҷиддӣ ё булҳавас будани харидорро аз чашмони ӯ мефаҳмид, харидори бардурӯғ будани маро пай бурда, дастаи тоқияҳоро аз дасти ман гирифта, дар зери парда ба рафча монда истода ба Қориишкамба:

– Қориамак, беҳуда хомтамаъ нашавед, ин кас тоқия намехаранд! – гуфт.

Қориишкамба аз харидории ман умедашро канда ба роҳ даромад ва ман ҳам аз дунболи ӯ…

* * *

Қориишкамба аз даҳанаи тарафи растаи аттории тимча[1] баромада ба пеши дукони як аттор истод ва ман ҳам аз паси ӯ рафта, бо таҷрибае, ки аз сари дукони тоқияфурӯш гирифта будам, худро харидор сохта дар паҳлуи ӯ рост истодам.

Қорӣ баъд аз салом додан ба соҳиби дукон:

– Ба ҳисоби абераш як хӯрок гулқанд[2] марҳамат кунед! – гуфт.

Аттор табассумкунон сарпӯши як тоси мисинро, ки дар пешаш истода буд, кушода, аз даруни вай бо белчаи оҳанин чормағз барин гулқанд канда гирифта ба тарафи Қорӣ дароз кард.

Қориишкамба белчаро аз дасти аттор гирифта аз нӯги вай гулқандро бо дандонаш канда гирифт ва дар ҳолате ки гулқандро мехоид, белчаро ба аттор гардонда дода истода:

– Абераш бисёр хурд будааст, ба буни дандонҳоям банд шуда монда чизе аз вай ба дарун надаромад.

– Дуконам танг аст, мол аз сармоям кам, ба болои ин бештарин молҳои ман «касмахару касмаёб»[3], бинобар ин,

---

[1] **Тим** – бозори сарпӯшидаи дару бастноки мустаҳкам, ки дар он ҷо чизҳои қиматбаҳо фурӯшанд. Тимча – чунин бозори хурд.

[2] **Гулқанд** – таркибест, ки гули хушбӯйи атриро бо қанд соида дар офтоб тайёр мекунанд.

[3] Таркиби рехтаи «кас махару кас маёб» маънои чизи партов ва камистеъмолро дорад.

савдо ҳам кам мешавад ва дар ин гуна аҳвол аберааш ба зудӣ калон намешавад ва ба воя намерасад.

– Хуб, ба ҳисоби аберааш нею барои Худо боз як белча гулқанд диҳед, ки меъдаам хунук шуда рафта аз иштиҳо мондаам. Дуо мекунам: Илоҳӣ, тӯйи фарзандонатонро бинед!

– Хайрият, ки меъдаатон хунук шуда аз иштиҳо монда будаед, вагарна тамоми дунёро нахоида фурӯ мебурдед! – гуфт аттор бо оҳанги нимшӯхию нимҷиддӣ ва белчаро аз дасти ӯ гирифта ба вай боз як белча гулқанд дод.

Аттор шояд маро ҳамроҳи Қориишкамба гумон карда бошад, ки ба ман чизе нагуфт ва аз ман чизе напурсид. Аммо Қориишкамба, ки ба ман аз вақти дар пеши дукони аттор дар паҳлуяш истоданам сар карда шубҳаомезона нигоҳ мекард, дар вақти гулқанди дуюмро хоида истоданаш боз ба ман як нигоҳи тези кунҷковона карда:

– Додар! Шумо, магар, ба ман кор доред? – гуфта пурсид.

Ман ба ҷойи он ки дар ҷавоби ӯ «бале, ба шумо кор дорам» гӯям ва барои изҳори матлаби худ аз вай ҷойи хилват талаб кунам ва агар ӯ мақсади маро шунидан хоҳад, масъалаи ҳуҷраро ба пеши ӯ монам, ҷавоберо, ки дар суоли «ба шумо чӣ даркор?» гуфтани аттор тайёр карда монда будам, ба ӯ дода:

– Ба ман мурч даркор! – гуфтам.

Албатта, ин ҷавоби ман ба суоли Қорӣ бисёр бемуносибат афтод ва медидам, ки ӯ маро масхара дошта зери лаб механдид ва ман аз ғояти саросемагӣ даст ба ҷайб задам, то ки қадре пул бароварда, мурче харида аз он вартаи шармандагӣ зудтар гурезам. Аммо аз бадии толеам ҳамон вақт дар кисаам ягон пул ҳам набудааст, аз ин ҳол сурх шуда, сафед шуда ва дар зери обу арақи ҳиҷолат монда ба аттор нигоҳ карда:

– Ҳоло пулам набудааст. Ман рафта пул оварда баъд аз мурчатон мехарам, – гӯён аз сари дукони ӯ дур шудам ва дар вақти аз пеши дукони аттор рафта истоданам чашмам ба Қориишкамба афтод: ӯ ба аттор нигоҳ карда лаби зеринашро бар рӯйи лаби болоияш кашид ва бо сараш ба тарафи ман ишора карда, намедонам, дар хусуси ман чӣ чизро ба ӯ фаҳмондан мехост.

* * *

Он рӯз ҳам шикори ман барор нагирифт, на танҳо барор нагирифт, ҳатто дар оянда ҳам роҳи дунболагирии он шикор ба ман баста шуд: чунки ман дар пеши Қориишкамба шармanda шуда будам ва дурӯғ будани мурчхарии ман ба ӯ чун офтоб равшан шуда буд, ҳатто бо қиёси «мурчхариам» дурӯғ будани тоқияхариам ҳам ба ӯ ошкор гардида буд. Ман дигар дар кӯчаҳо аз паси ӯ гашта барои шинос шудан бо вай фурсатҷӯй карда наметавонистам.

Ба ман ин бисёр алам мекард, ки ин ҳама нобарории кор аз бетадбирии худам рӯй дода буд, агар ман дар ҷавоби «додар, шумо ба ман кор доред?» гуфтани Қориишкамба «бале, ба шумо кор дорам!» мегуфтам ва илова менамудам, ки «барои арз кардани муддаоям ба шумо, як ҷойи хилват даркор аст», он ҳама таъқиб кардани ман ӯро ба назари ӯ табиӣ менамуд ва, албатта, ӯ маро ба гӯшае бурда матлабамро мепурсид ва ман масъалаи ҳуҷраро ба миён меовардам. Дар он сурат агар ҳуҷра ба даст надарояд ҳам, шиносоӣ ба даст медаромад ва дар оянда роҳи омӯхтани аҳволи ин одами аҷиб, ки диққати табиати кунҷкови маро ба тарафи худ сахт кашида буд, ба ман кушода мегардид ва ин барои ман аз ҳуҷра ҳам муҳимтар буд.

Акнун пушаймонӣ суд надошт ва «афсӯсу дареғ» фоида намебахшид, чунки тир аз камон бархато ҷаста ва мурғи матлаб аз дом раста буд.

Бо ҳамаи ин дилам намехост аз шиносо шудан бо ин одам ва омӯхтани ӯ умедамро тамом канам ва барои ёфтани роҳи умедворӣ фикр мекардам, оқибат дар хаёлам чораи зеринро маъқул намудам: «Бо пурсуков унвон ва нишони хонаи ӯро меёбам ва дар як вақти муносиб рост ба хонааш ба пеши ӯ меравам, дар назди ӯ дурӯғ будани тоқияхарӣ ва мурчхариамро рӯйирост иқрор мекунам ва аз дунболагириам мақсади аслӣ ҳуҷраталабӣ буданро ба ӯ мефаҳмонам ва бо ҳамин аз шармандагие, ки дар пеши ӯ ба ман рӯй дод, тамоман халосӣ меёбам ва дар ҳамин зимн роҳи шиносоӣ ва омӯзиш ҳам кушода мешавад…».

Он шабро бо фикру хаёл бедор гузаронидам ва дар вақти саҳар бо ёфтани чораи охирин қадре осуда шуда хобам бурд…

IV

Рӯзи дигар ман бо умеди ёфтани хонаи Қориишкамба ба кӯча баромадам ва Чорсӯйи шаҳри Бухороро гардиш карда бо растаи чойфурӯшӣ, ки аз тарафи шимоли хонақоҳи Девонбегӣ дар байни мадрасаи Кӯкалтош[1] ва масҷиди Мағоқ[2] кашида шуда буд, раҳсипор гардидам.

Дар миёнаҷойи растаи чойфурӯшӣ дар тарафи ҷануби кӯча, дар рӯ ба рӯйи паскӯчаи бозори ангишт «Ҷаннатмаконӣ» ном як сарой бино ёфта буд. Дар ду паҳлуи даромадгоҳи ин сарой, берун аз дарвозааш ду суфачаи баланд воқеъ шуда буд. Бар рӯйи яке аз ин суфачаҳо Раҳими Қанд[3] ном як кас лаълии қандфурӯшиашро дар пеши худ ниҳода менишаст. Суфачаи дигари ин сарой холӣ буда, ман гоҳ-гоҳ ба рӯйи вай нишаста бо қандфурӯши мазкур суҳбат мекардам. Чунки вай як одами бисёр аҷиб буда суханҳояш бағоят завқовар буданд ва гӯш кардани ҳикоя ва саргузаштҳои вай маро бисёр хуш меомад.

Чун дар ин ҷо номи Раҳими Қанд зикр ёфт, лозим аст, ки бар болои баёни аҳволи ӯ қадре истода гузарам, то ки хонандагонро бо ин одам каме ҳам бошад, шиносо кунам:

Таваллудгоҳи ин одам дар деҳаи Фоиқи тумани Шофиркоми Бухоро буда, дар шаҳри Бухоро нашъунамо ва касбу камол ёфта, мусиқиро омӯхтааст ва ӯ аз асбобҳои мусиқӣ танбӯр менавохт, аммо суруд намехонд. Ин одам табиатан бисёр бечора буда, аз молу ашёи дунёӣ ҳам чизе надошт ва бисёр фақирона зиндагонӣ мекард.

Ӯ дар пешаи худ маҳорати бисёр баланд надошт ва ба болои ин монанди баъзе мусиқичиёни он замон маҷлисоро, суханвар, ширинкор ва хушомадгӯй ҳам набуд. Бинобар ин, ӯро одамони сарватманд дар тӯйҳо ва меҳмондориҳои пуртанта-

---

[1] **Мадрасаи Кӯкалтош** – яке аз калонтарин мадрасаҳои Бухорост, ки Қулбобо-Кӯкалтош дар вақтҳои дар Ҳирот ҳукумат доштанаш соли 1578 бино кардааст.

[2] **Мағоқ** – чуқурӣ, ғор. Масҷиди Мағоқ – яке аз масҷидҳои миёнаи Бухоро.

[3] **Раҳими Қанд** – падари шоир Муҳаммадҷон Раҳимӣ (1901-1968).

наи худ даъват намекарданд. Азбаски харидораш кам ва бозораш касод буд, ҳар кас ӯро барои базме даъват кунад, дар як шаб ба ду танга музд, ки баробари 30 тин аст, розӣ мешуд.

Азбаски нархи танбӯрнавозии ӯ назар ба навозанда ва хонандагони дигар хеле арзон буд, муллобачагон – талабагони мадраса дар иҷтимоона – дар базмҳои ҷамъиятӣ ва шабнишиниҳои худ бештарин ҳамин одамро даъват карда мебурданд. Ман ҳам бо ин кас дар ҳамин гуна иҷтимоонаҳо шинос шуда будам.

Гоҳо муллобачагон дар базмҳо ва шабнишиниҳои худ ин одами бечораи беозорро бисёр озор мерасонданд ва ба ӯ шӯхиҳои ваҳшиёнаи азобовар мекарданд. Чунончи, боре шарикдарсони ман, ки аз сад нафар зиёда буданд, барои сар кардани дарси нав аз байни худ 1500 танга ҷамъ карда, 1400 тангаи ин маблағро дар дарсхонаи устоди худ бо номи ифтитоҳона[1] сарф намуданд ва бо сад тангаи боқимонда хостанд, ки иҷтимоона ташкил диҳанд ва дар он шабнишинӣ танбӯрнавозеро даъват намоянд.

Шарикон дар он маҷлис маблағи мазкурро сарф намуда барои худ ва меҳмонони худ зиёфати миёнаҳолонае тартиб доданд ва танбӯрнавози ин шабнишинӣ Раҳими Қанд буд ва вазифаи ғазалхонии ин базмро сурудхонони ҳавасгор, ки бо истилоҳи мадраса онҳоро «савтӣ» мегуфтанд ва онҳо аз байни талабагон ба тарзи худомӯзӣ расида баромада буданд, адо мекарданд.

Базм сар шуд, Раҳими Қанд танбӯрнавозӣ мекард ва талабагони ҳавасгор суруд мехонданд. Азбаски дар байни шарикон хушовозон бисёр буданд ва онҳо бо навбат мувофиқи нағмае, ки Раҳими Қанд менавохт, ғазалхонӣ мекарданд, он қадар монда намешуданд. Аммо Раҳими Қанд, ки ягона навозанда буд ва то нимаи шаб беист ва бе дамгирӣ танбӯрнавозӣ кард, дигар ёрои ба тор нохун заданаш намонд ва вақте ки ӯро боз ба навохтан водор кардан хостанд:

– Агар кушетон ҳам дигар наменавозам, – гуфт бо оҳанги қатъӣ.

---

[1] **Ифтитоҳона** – зиёфат ва пешкаш ба муносибати шурӯъ кардани дарс дар соли таҳсил дар аморати Бухоро.

– Ҳоло ҳамин тавр аст? – гуфт Амини Муш ном яке аз талабагон, ки аз сурудхонон буд.

– Ҳамин тавр аст, дигар наменавозам! – гӯён матлаби худро такрор ва таъкид кард Раҳими Қанд.

– Шарикон, хезед, «хармурд» мекунем! – гуфта Амини Муш ба аҳли маҷлис хитоб кард ва худ рафта Раҳими Қандро ба рӯйи хона ғелонда пахш кард ва чанд нафар талабагони авбош рафта ба Амини Муш ёрӣ дода, ба ӯ ҳамроҳӣ карданд: онҳо танбӯрнавозро зер карда муштқӯбӣ кардан гирифтанд.

Раҳими Қанди бечора аввал «оҳу вой!» гӯён фарёд мекашид ва баъд аз он ба гиряву зорӣ даромад ва оқибат боз навохтанро ба гардан гирифта аз ин зарбу лати ваҳшиёна раҳоӣ ёфт.

Раҳими Қанд баъд аз «хармурд» бо чашми гирён ва панҷаҳои ларзон боз қадре торҳои танбӯрро «тинг-тинг» кунонид, аммо ин садо аз садои танбӯр зиёдатар ба ғингоси магасе, ки дар торҳои тортанак дармондааст, монанд буд…

Дар ин вақт оши охирини зиёфат, ки палав буд, тайёр шуд ва табақҳои таом дар пеши меҳмонон ва шарикон қатор шуданд. Раҳими Қанд ҳам бе рухсати касе аз танбӯрнавозии маҷбурӣ халосӣ ёфт, чунки шарикон хӯрдани палавро аз шунидани танбӯр муҳимтар медонистанд.

Вақте ки маҷлиси зиёфат ба поён расида аҳли маҷлис пароканда мешуданд, ташкилкунандагони ин шабнишинӣ ба Раҳими Қанд ду танга барои музди хизматаш, якта нон ва як коса ош ҳам барои бурдан ба бачагонаш ба тарзи инъом доданд.

Раҳими Қанд аз ин инъоми талабагон, ки ҳеҷ ба он нигарон набуд, бисёр хурсанд шуда:

– Илоҳӣ, ҳамаатон мударрис шавед, муфтӣ шавед, аълам шавед, охун шавед, раис шавед, қозӣ шавед ва қозикалон[1] шавед!… – гӯён дуо кард.

– Барои ба ин мансабҳо расидани ҳамаи моён, – гуфт яке аз талабагон, – бояд ҳамаи қозиён, раисон ва дигар муллоёни

[1] **Мударрис, муфтӣ, аълам, охун, раис, қозӣ** – мансабҳои гуногуни давлатӣ дар аморати Бухоро.

мансабдори имрӯза ё бимиранд ва ё бекор шаванд. Агар ин дуои туро, ки дар ҳаққи муллоҳои мансабдори имрӯза дар ҳақиқат дуои бад аст, онҳо шунаванд, туро «хармурд» карда мекушанд.

– Майлашон, – гуфт Раҳими Қанд дар ҳолате ки лабонаш бар хилофи одати муқарарриаш ба табассум моил шуда буданд, – агар баъд аз «хармурд» кардан якто нон ва як коса ош диҳанд, кушанд ҳам зарар надорад.

* * *

Зиндагонии Раҳими Қанд хеле танг буд, албатта, бо ду танга даромад, ки вай ҳам ҳар рӯз ба даст намедаромад, бо якто нон ва як коса ош, ки онҳо ҳам ба тарзи тасодуфӣ аз тӯйҳо ва зиёфатҳои калон дар ҳафтаҳо ва моҳҳо ба тарзи «инъом» меомаданд, як оиларо сер кардан мумкин набуд. Агар ӯ ба пешаи дигаре машғулӣ кардан хоҳад, ҳунари дигаре надошт ва барои харидуфурӯш сармоя надошт. Ночор ӯ қандфурӯшии дастакиро барои худ даромади иловагӣ қарор дода буд, ки ҳамаи сармояш дар ин кор қадре қанд, канфет ва обидандон[1] буд, ки ҳамагӣ аз панҷ танга зиёдтар қимат надоштанд.

Қандро шикаста майда карда, ба ҳар кадоми лӯндаҳои калонтараш ду пул[2] ва ба резатараш як пул баҳо монда, ба як тарафи лаълӣ мечид ва ба тарафи дигари лаълӣ канфетҳои арзонбаҳо ва обидандонҳоро, ки аз лойшакар сохта мешуданд, рехта ба ҳар кадоми онҳо ҳам якпулӣ ё дупулӣ нарх мемонд ва ҳамин лаълии «оростаи худ»-ро ҳар пагоҳ бардошта омада ба рӯйи суфаи сарои Ҷаннатмаконӣ менишаст ва ба толибонаш мефурӯхт ва харидорони ӯ бештарин бачагони кӯчагард буданд.

Мардуми Бухоро ҳамин касби Раҳими танбӯриро ба назар гирифта ва ба номи ӯ калимаи «Қанд»-ро илова карда, ӯро «Раҳими Қанд» мегуфтанд.

---

[1] **Обидандон** – ширинии сахту часпаки дона-дона.

[2] **Пул** – пули майдаи металлии Бухорои амирӣ, ки аз чоряки тин иборат буд.

Ман гоҳо аз «молҳои тиҷоратии Раҳим» ба ду пул қанд ё канфет харида, ба даҳон андохта, бар суфачаи дигар макида менишастам. Ин хариди ман аз ҷиҳати эҳтиёҷам ба ширинӣ набуда, балки барои шунидани суханони ба мазоқи ман аз қанд ҳам гуворотари ӯ буд. Чунки ӯ бо ин хариди ночизи ман хурсанд шуда ба сухан медаромад.

Ҳикояҳои Раҳими Қанд бештарин аз саргузашт ва ёддоштҳои худаш, аз аҳволи худаш ва аз дида ё шунидаҳояш буд. Дар ин ҷо бояд ҳаминро ҳам қайд кунам, ки Раҳими Қанд баъзан чизҳои ба хаёлаш омадаро ҳам монанди он ки худ карда бошад ё дида бошад, бо боварии тамом ҳикоя мекард ва ширинтарини гуфтаҳои ӯ ҳам ҳамин гуна ҳикояҳои афсонамонандаш ба шумор мерафтанд.

Аз чизҳое, ки аз Раҳими Қанд шунидам, ду порча ба ёдам мондааст ва ман мехоҳам ҳамон порчаҳоро дар ин ҷо нақл намоям:

Рӯзе Раҳими Қанд аз бетамизиҳои замона ва аз санъатношиносиҳои мардум шикоят карда гуфт:

– «Агар дар мардум тамиз мебуд ва санъатро мешинохтанд, ҳунармандро аз беҳунар фарқ карда метавонистанд ва қадри ҳунармандонро медонистанд, ба созандагони дигар он муомила ва ба ман ин муомиларо намекарданд, яъне дигаронро ба осмон бардошта, маро ба замин намезаданд ва ҳол он ки аксари ин ҳофизон ва навозандагон шогирдони беустод буда, таълимнадида ва монанди алафи бегонаи дар гулзор рӯйида дар замини санъат худрӯ мебошанд. Аммо аҳмақфиребиро хуб медонанд ва дар пеши мардумони бетамиз худситоӣ карда хуб пул мекашанд ва ман, ки ба чандин устоди забардаст чандин сол хизмат карда ин ҳунарро ба даст даровардаам, ба хӯрдан нон надораму ба пӯшидан танбон».[1]

Раҳими Қанд баъд аз ин муқаддима барои исботи ҳунармандии худ ва забардастии устодони худ «ёддошти» зерини худро нақл кард:

[1] **Танбон** – эзор, поҷома.

– «Ман, – гуфт ӯ, – ба Насруллоҳбойи дегфурӯш, ки мардум номи ӯро кӯтоҳ карда «Насруллоҳи Дег» мегуфтанд ва дар шашмақомдонӣ ягонаи даврон буд, дах сол ба тарзи шогирдӣ хизмат кардаам. Баъд аз он ки ман дар пеши ӯ шашмақомро об карда хӯрдам, маро ҳамроҳи худ ба меҳмониҳо бурдан гирифт».

Раҳими Қанд аз он меҳмониҳо, ки ҳамроҳи устоди худ рафтааст, якеро муҳимтар ва сазовори қайд шумурда ба тарзи зерин нақл кард:

– Устодам Насруллоҳи Дег як шаб маро ба чорбоғи домоди қозикалон, ки дар деҳаи Хитоён буд, ҳамроҳи худ гирифта бурд.

Дар он ҷо хонанда ва навозандагони дигар ҳам буданд, ки ҳамаи созҳоро ҷӯр карда ва ҳамаи сурудхонон ҳамовоз шуда то нимаи шаб навохтанд ва хонданд. Баъд аз таоми нимшабӣ, ки ҳамаи меҳмонон ва созандагон ба ҳар тараф пароканда шуда хобиданд, устоди ман ба соҳиби боғ гуфт:

– Агар хоста бошед ва рухсат диҳед, худам бо шогирдам як базми хоссагии алоҳида карда медиҳам.

«Албатта, домоди қозикалон бо хурсандӣ розӣ шуд ва Насруллоҳбой торҳои танбӯрро ба ҳавои «Наво» соз карданро фармуд. Танбӯрро соз кардам, устод дойраро ба даст гирифта усул нигоҳ дошта мехонд ва ман менавохтам. Як вақт ду булбул парвозкунон омада ба болои шохи дарахте, ки мо дар зери вай базм мекардем, нишастанд. Булбулон баъд аз қадре ором истода ба нағмасароии мо гӯш додан мувофиқи ҳавое, ки мо менавохтем, ба чаҳчаҳзанӣ даромаданд».

«Аз ин кори булбулон устоди ман зиёда ба шавқ омада, гӯё ки бо онҳо баҳс-мабаҳс мехонда бошад, нолаҳои фалакпеч баровардан гирифт ва ман ҳам бо нохунҳои обдори худ торҳои танбӯрро дилхарошона меларзондам, шунавандагон аз нағмаҳои ҷонгудози ман, гӯё ки ба рагу пайи онҳо нохун зада истода бошам, дар тапиш ва ҷӯшу хуруш омаданд…».

Раҳими Қанд дар охири ин ёддошти худ гуфт.

– «Оқибат булбулон аз мо мағлуб гардида хомӯш монданд ва баъд аз қадре хомӯш истодан онҳо тамоман беҳушу беих-

тиёр шуда худро аз шохи дарахт ба сӯйи мо андохтанд, яке аз онҳо омада ба гӯшаки танбӯри ман нишаст ва дигаре ба гардиши дойраи Насруллоҳбой. Ин ҳолро дида шунавандагон ба ҷӯшу хуруш омаданд ва садои таҳсину офарини онҳо ба осмон расид ва бо ҳамин базм ҳам тамом шуд…».

Дурӯғ будани ин гуна «саргузашт»-ҳои Раҳими Қанд равшан бошад ҳам, ман ба ӯ аз ин хусус лаб намекушодам, балки худро чунон нишон медодам, ки гӯё ҳамаи он суханҳоро бовар кардаам. Чунки агар ӯ ба ин гуна ҳикояҳои худ андак нобоварии маро пай мебурд, бисёр мешӯрид, на танҳо мешӯрид, ҳатто бими он буд, ки ошноии худро аз ман бурида, дигар ба ман ин гуна ҳикояҳоро нақл накунад. Ва ҳол он ки шунидани ин гуна ҳикояҳои ӯ ба ман бисёр завқ медод. Ман, хусусан, аз ин ҷиҳат завқ мекардам, ки ӯ ёддоштҳои худро бо камоли ҷиддият ва боварӣ нақл мекард ва ба бовар кардани ман ҳам ақидаи ӯ комил буд.

* * *

Раҳими Қанд боре ба ман аз қаҳрамониҳои афсонавии одамони зинда ҳикоя мекард ва суханро бар болои ҷанги амир Музаффар[1] бо кӯҳистониён овард, ӯ калламанораи аз сарҳои ҳисориён ва кӯлобиён сохтаи амирро ва дар як соат куштани ӯ чорсад асирро нақл намуда, ба болои Азизуллоҳ ном яке аз иштироккунандагони он ҷанг зиёдатар истод.

Дар асл ин Азизуллоҳ аз Балх буда, дар Бухоро таҳсили илм кардааст ва дар ҷанги амир Музаффар бо кӯҳистониён аскари ихтиёрӣ шуда аз ҷониби амир ба он ҷанг иштирок намудааст ва дар бадали ин хизмати худ ба мансаби раёсати баъзе ҷойҳо расидааст. Дар вақте ки Раҳими Қанд аз ӯ ба ман гап мезад, вай дар тумани Ғиҷдувон раис буд.

Азизуллоҳ ба дурӯғгӯй шуҳрат дошт. Худи ӯ мегуфт, ки агар ман рӯзе сад дурӯғи барҷаста нагӯям, он шаб хобам намебарад.

---

[1] **Амир Музаффар** – амири сулолаи Манғития, ки солҳои 1860-1885 дар Бухоро ҳукмронӣ кардааст.

Хулоса, Раҳими Қанд дар бораи қаҳрамонии ҳамин Азизуллоҳи дурӯғгӯй ба ман гуфт:

– «Азизуллоҳ дар қатори навкарони галаботури[1] амир дар ҷанги кӯҳистон ба тарафи ҳисориён ва кӯлобиён ҳуҷум овардааст ва дар този асп ба ҳар шамшер задан даҳ – дувоздаҳ касро қалам карда мепартофтааст. Рӯзе дар вақти гармии ҷанг аспи ӯ дартоз аз байни ду дарахти тут, ки ба ҳам наздик рӯйида шохҳояшон ба ҳам печида будаанд, гузаштааст ва дар вақти гузаштани асп аз байни дарахтон сари Азизуллоҳ дар шохҳои дарахтон банд шуда гарданаш канда шуда мондааст. Аммо ӯ чолокона сари аспро пас гардонда омада, каллаи худро аз шохҳои дарахт ҷудо карда ба ҷойи худаш гузоштааст, азбаски хунаш ҳанӯз сард нашуда будааст, сараш монанди аввала ба танааш часпида мондааст ва ӯ ҳам, гӯё ки ба вай ҳеҷ воқеа рӯй надода бошад, мисли пештара ба ҷанг давом кардааст».

Ман аз шунидани ин ҳикоя хеле завқ гирифта ва аз камоли хурсандӣ хусусияти табиати Раҳими Қандро аз хотир бароварда ба ӯ гуфтам:

– Хайрият, ки Азизуллоҳ саросема шуда каллаи худро ба танааш чаппа нагузоштааст, вагарна чашмони ӯ ба қафои ӯ ҷойгир шуда, дар зиндагӣ бисёр душвориҳо мекашид.

Раҳими Қанд аз ин гуфтаҳои ман нисбат ба ҳикояи худ нобоваріро бӯй бурда[2] якбора ба шӯр омада гуфт:

– Ӯ кӯр набуд ва беақл ҳам набуд, ки чӣ гуна ба тана гузоштани каллаи худро надонад!

Ман узрҳо гуфта боварии худро ба ҳикояи ӯ исбот карда шубҳаи ӯро нисбат ба худам тамом аз дилаш баровардам. Бо вуҷуди ин, ӯ чанд гоҳ ин гуна ҳикояҳоро ба ман нақл накард.

V

Ман бо растаи чойфурӯшӣ раҳсипор гардида то пеши сарои Ҷаннатмаконӣ расидам. Дар он ҷо Раҳими Қанд лаълии

[1] **Навкарони галаботур** – он дастаҳои сарбозони аморати Бухоро, ки аз байни мардум ҷамъ карда ба ҷанг андохта мешуданд.

[2] **Бӯй бурдан** – аз ягон сирри пинҳонӣ андаке огоҳӣ ёфтан.

«хушбори» худро дар пешаш монда, ба рӯйи суфачаи муқаррариаш нишаста буд, ман аз ӯ ба ду пул як дона обидандон харида ба даҳонам андохта, ба суфачаи дигари сарой нишастам.

Имрӯз мақсади асосии ман ёфтани кӯча, гузар ва ҳавлии Қориишкамба буда, ҳамаи фикру ҳавосам ба ин мақсад банд буд, бинобар ин, барои ба сухан даровардани Раҳими Қанд ва ҳикоя гӯёндани вай кӯшише накарда, дар фикр фурӯ рафта будам…

Ман ҳанӯз обидандони дар даҳон гирифтаамро макида тамом карда набудам, ки Қориишкамба аз тарафи шарқи раста – аз тарафи мадрасаи Кӯкалтош намоён гардид. Ман барои пурра ва пухта дидани рӯйи ӯ чашмамро ба ӯ дӯхтам. Чун ӯ наздиктар расида назараш ба ман афтод, чашмонашро аз ман наканда омадан гирифт. Ман аз нигоҳҳои тези маънидори ӯ дар ҳаққи худам «ин дурӯғгӯи дирӯза!» гуфтани ӯро пай бурдам, бинобар ин шарм дошта чашмамро аз вай канда худро ба нодонӣ задам, лекин бо гӯшаи чашм ҳаракатҳои ӯро таъқиб мекардам.

Ӯ рост ба пеши суфачаи Раҳими Қанд омада аз қанди майда ва обидандонҳои ӯ якдонагӣ гирифта ба даҳонаш зад ва аз канфет ҳам як дона гирифта дар ҳолате ки коғази вайро чудо мекард, ба роҳаш давом намуд.

Раҳими Қанд бо рангҳои канда ва лабҳои ларзон:

– Қориамак, шӯхӣ накунед! Ман одами бечораи аёлманд мебошам, пули қанду канфету обидандонро дода равед! – гуфт бо оҳанги зорӣ.

Қориишкамба бе он ки қадами пешпартофтаашро пас гузорад ё ин ки аз роҳаш бозистад:

– Кӯрнамакӣ накун! Дирӯза ошро аз ёдат набарор! Дар ягон мавриди дигар боз ба ту нафъ расонда ҷойи ин моли ночизонаатро чанд-чанд карда пур мекунам, – гӯён ба роҳаш давом намуд.

Раҳими Қанд зери лаб ғур-ғуркунон «искит[1], мурданӣ!..» гӯён ӯро дашном медод.

[1] **Искит** – хасис, мумсик, чашмгурусна. Искити мурданӣ – ниҳоят хасис.

– Ин кас кист! – гуфта ман аз Раҳими Қанд пурсидам, гӯё ки ӯро ҳеҷ намешинохта бошам.

– Як ҳиндуи салланок, як судхӯри гузаро, як хасиси чирки дандонхӯр! – гуфт Раҳим дар ҷавоб.

– Магар ӯ дирӯз шуморо зиёфат карда буд, ки «кӯрнамакӣ накун, дирӯза ошро аз ёдат набарор!» гӯён ба шумо миннат кард?

– Оши ӯро то ҳол занаш ҳам нахӯрдааст, – гуфт Раҳими Қанд, – ҳикояти «оши дирӯза» ин тариқа аст, – гӯён ӯ ҳикояти зеринро нақл намуд:

– «Дирӯз маро як машкоб ба тӯяш хабар карда буд. Ман дар он ҷо дар рӯйи суфа ба болои кат нишаста танбӯр менавохтам. Як вақт дар қатори меҳмонон ин одам ҳам ба хона даромад ва ҳамроҳи онҳо ба меҳмонхона даромада ош хӯрда баромад. Баъд аз таом меҳмонони дигар рафтанд, аммо ин одам бар рӯйи кат баромада, ба соҳиби хона чой фармуда, дар паҳлуи ман чой нӯшида нишаст. Чанд гурӯҳ меҳмонони дигар ҳам омада ош хӯрда рафтанд. Вақте ки меҳмоноӣ қариб ба поён расид, ӯ ба касоне, ки дар он тӯй хизмат мекарданд:

– Ба ин кас ҳам ош биёретон, охир! – гуфт маро нишон дода, – ҳамроҳи дасти ин кас шикамашон ҳам танбӯр навохта истодааст. Оши ин кас сергӯшту серравғантар шавад.

Як табақ оши палав оварданд. Дар ҳақиқат сергӯшту серравған буд. Аммо даҳяки он ош ҳам насиби ман нашуд: бо вуҷуди ин ки ӯ аз меҳмонхона дар қатори меҳмонон ош хӯрда баромада буд, ин ошро бо иштиҳои аввала хӯрдан гирифт. Ӯ то як луқма хӯрдани ман ду-се луқма мехӯрд ва чунонки шикамбандаҳо мекунанд, ҳар луқмаро «дугӯштаи оринҷшор» карда, яъне дар ҳар луқма ду лӯнда гӯштро ҳамроҳ карда ва равғанашро то оринҷи худ шоронда, мегирифт…

Баъд аз таом ман хостам, ки боз танбӯр навозам ва ба ҳамин мақсад гӯшакҳои танбӯрро тофта торҳоро соз кардан гирифтам, аммо ӯ даҳонашро ба гӯши ман наздик оварда пичирросзанон:

– Биё акнун танбӯрнавозиро бас кун! Омаду рафти меҳмонҳо ҳам тамом шуд, – гуфт ва илова намуд, – ман аз ин тӯй ба ту як табақ ош гирифта медиҳам, ба ҳамин шарт, ки нимаашро ба ман медиҳӣ. Розӣ ҳастӣ?

– Дуруст, ман розӣ! – гуфтам ба ӯ.

– Ин тавр бошад аз соҳиби тӯй рухсат пурс!

– Акнун иҷозат диҳед! – гуфтам ман ба соҳиби тӯй танбӯрамро ба ҷилдаш андохта истода.

Соҳиби тӯй ду танга пулро бо якто нон ва як каф қандалот оварда ба пешам гузошт. Ман тангаро ба ҷайби худ андохта, нон ва қандалотро дар рӯймолчаи худ бастан гирифтам. Дар ҳамин вақт ин одам ба соҳиби тӯй маро нишон дода:

– Ин кас одами аёлманд мебошанд. Ба ин кас як табақ оши сергӯшту равған кашед, ба рӯяш якто нони тафтон пӯшонда диҳед! Мавриде воқеъ шавад, ин кас ба шумо боз хизмат мекунанд, – гуфт.

Соҳиби тӯй сухани ӯро қабул намуда ошро тайёр карда овард. Ӯ пеш даромад ва ман танбӯру табақи ошро бардошта аз ҳавлӣ баромадам. Соҳиби тӯй моро гусел карда истода ба ман:

– Оварда додани табақро аз хотир фаромӯш накунед! – гуфт. Ҳамин ки мо аз тӯйхона чанд қадам дур шудем, ӯ ба ман:

– Ҳавлии ман дар сари роҳи ту мебошад, аввал он ҷо меравем. Баъд аз он ки ман аз ош ҳаққи худро гирифтам, ту табақро бо боқимондаи ош бардошта ба хонат меравӣ! – гуфт.

«Ман розӣ шудам. Мо бисёр кӯчаву паскӯчаҳоро бурида гузашта, оқибат ба ҳавлии ӯ расидем. Маълум шуд, ки ҳавлии ӯ нисбат ба ҳавлии ман аз тӯйхона дуртар будааст…».

Ман, ки ҷӯёи дар куҷо будани ҳавлии Қориишкамба будам, фурсатро аз даст надода ва сухани Раҳими Қандро бурида:

– Ҳавлии ӯ дар кадом гузар ва дар кадом кӯча будааст? – гуфта пурсидам.

Дар гузари Кемухтгарон[1], дар охири он паскӯчаи пешбастааст, ки вай дар пушти сарои кафшу маҳсифурӯшӣ воқеъ шудааст, – гӯён Раҳими Қанд ба пурсиши ман ҷавоб дода боз ҳикояти худро давом кунонид:

– «Вақте ки ба дари ҳавлиаш расидем, ӯ барои гирифтани ҳиссаи худ табақи ошро аз дасти ман гирифта ба ҳавлии да-

[1] **Кемухт**– чармест донадор, ки аз пӯсти асп ва хар тайёр мекунанд.

рунаш бурд ва баъд аз чанд дақиқа табақи рӯяш кушодаро бароварда ба ман дод: нону гӯшти ошро тамоман рабудааст, аз ош ҳам тахминан ҳаштяк мондааст ва равғани ошро то чакраи охиринаш чаконда гирифтааст» – гӯён Раҳими Қанд ҳикояи худро тамом кард ва дар охир илова намуд:

– Ин одам бой бошад ҳам, бисёр чашмгурусна будааст, барои ситондани ягон чиз аз ҳеҷ кор ибо ҳам намекунаду ор ҳам, бо вуҷуди ин, чашмаш сер намешавад.

Ман дар ҷавоби ӯ гуфтам:

– Ҳарчанд Саъдии Шерозӣ гуфтааст, ки «…чашми танги дунёдорро ё қаноат пур кунад, ё хоки гӯр», ман мегӯям, ки «чашми танги дунёдорро на қаноат пур кунад, на хоки гӯр». Баъди ин сухан ман зуд аз суфача бархостам, зеро нишонаи ҳавлии Қориишкамба, ки мақсади асосии онрӯзаам буд, аз ғайри чашмдошти ман аз он суҳбат ба даст даромада буд. Акнун мебоист ман ба зудӣ ба хонаи ӯ мерафтам.

VI

Ман аз дари сарои Ҷаннатмаконӣ бо паскӯчаи бозори ангишт раҳсипор шуда ба гузари Кемухтгарон рафтам ва дар он ҷо ба паскӯчаи пешбаста даромада, ба охири вай расидам ва дар он ҷо дарвозачаи ҳавлие ба ман рост омад, ки аз рӯйи нишондоди Раҳими Қанд бояд вай ҳавлии Қориишкамба бошад. Ман дарвозаи он ҳавлиро кӯфтам ва дар дили худ гуфтам: «Агар ин ҳавлӣ ҳавлии Қориишкамба набошад ҳам, зарар надорад, чунки дар он сурат аз соҳиби ин ҳавлӣ ҳавлии ӯро пурсида меёбам».

Баъд аз дақиқае аз паси дарвоза шарфаи пое шунида шуд ва баъд аз он бо ҳам паст-паст ҳарф задани ду кас маълум гардид. Аммо онҳо ба даркӯбии аввалии ман ҷавоб надоданд. Ман бори дигар дарро кӯфтам:

– Шумо кӣ? – гӯён аз паси дар овози зане шунида шуд.

– Ман як муллобача, ба Қориамак кор дорам.

– Қориамакатон дар хона нестанд! Чӣ кор доштед? – Овози зан такрор шунида шуд.

– Корамро ба худашон мегӯям… Кай ба хона меомада бошанд?

– Он кас бевақт меоянд, гоҳо то нимаи шаб ба хонаҳои ошноҳошон мегарданд, – ин ҳам овози ҳамон зан буд.

– Агар баъд аз хуфтан ё ин ки дертар аз он оям, он касро дида метавонам? – ман пурсидам.

– Не! – гуфт бо қатъият як зани дигар ва илова намуд, – он кас шабона ҳеҷ касро ба хонаашон роҳ намедиҳанд, ҳатто дарвозаро ҳам намекушоянд. Ба мо ҳам таъйин карда мондаанд, ки на рӯзона ва на шабона дарвозаро ба касе накушоем. Дирӯз боз таъкид карда гуфтанд, ки агар ягон каси шинос ояд ҳам, дарвозаро накушоем. Бинобар ин ба шумо маслиҳат медиҳем, ки барои ба ҳавлиашон даромада бо он кас суҳбат кардан беҳуда овора нашавед.

– Шумоён ба он кас чӣ мешавед? – ман пурсидам.

– Занҳошон! – зани аввалӣ ҷавоб дод.

– Агар писарашон бошад, бо вай гуфтугузор кунам, ки вай ба падараш расонда ҷавоби он касро ба ман гирифта диҳад.

– Он кас на писар доранд, на духтар ва на хизматгор, – ин овози зани аввалӣ буд ва дар паси ин шунида шуд, – он кас монанди сарви озод яккаву танҳо ҳастанд ва яккаву танҳо мегарданд, – ин овози зани дуюм буд, ки хандаомез мебаромад.

– Хуб, рӯзона кадом вақт дар ҳавлӣ ёфт мешаванд, ки он вақт оям.

– Ҳеҷ вақт ёфт намешаванд, аз сафед шудани рӯз пештар баромада мераванду ними шаб меоянд, – ин овози зани аввалӣ буд.

* * *

Чун дидани Қориишкамба дар ҳавлиаш ба ман муяссар нашуд ва дар оянда ҳам барои дар ҳавлиаш ёфта дидани ӯ дар ман умеде намонд, дубора ба растаю бозор баромадам ва дар дили худ қарор додам, ки «агар ин дафъа ӯро дар ҳар ҷо ёбам, пеши роҳашро гирифта, ба дурӯғҳои худ иқрор карда, мақсадамро изҳор менамоям, то ки аз ҳиҷолати дирӯза бароям».

Бо ҳамин мақсад аз растаи кафшфурӯшӣ гузашта, ба тоқи Хоҷа Муҳаммади Паррон[1] баромада, аз он ҷо бо растаи чӯб-

[1] **Тоқи Хоҷа Муҳаммади Паррон** – ёдгориест, ки дар қисмати шарқии Бухоро ҷой гирифтааст.

каду ва тамокуфурӯшӣ аз пеши саройҳои мавизу ғӯлунг гузашта, ба растаи атторӣ рафта, аз он ҷо ба растаи чойфурӯшӣ гузаштам…

Рӯз бегоҳӣ шуда буд, аксари дукондорон дуконҳои худро баста ба хонаҳояшон рафта буданд. Дар растаҳо ояндагон ва равандагон ҳам кам буданд. Агар дар ҳамон вақт Қориишкамба ба ман рост меомад, барои бо вай гуфтугузор кардан фурсати муносиб буд. Аммо ӯ дар он ҷоҳо ба ман вонахӯрд. Ман вақте ба дари сарои Ҷаннатмаконӣ расидам, ки Раҳими Қанд палоси худро дар бағал ва лаълиашро ба даст гирифта омодаи рафтан шуда истодааст.

Чун чашми ӯ ба ман афтод, лаълию палосашро ба рӯйи суфача монда худ ба он суфа такя карда истода, бо лабҳои хандон маро ба пеши худ ҷеғ зад. Ман аз хандонрӯйии ӯ дар тааҷҷуб афтодам, чунки дар умри худ як бор, чунонки дар бало нақл ёфт, шаби иҷтимоона бо гирифтани як коса ош ӯро дар табассум дида будам. Дигар вақтҳо, монанди он ки сирко нӯшида бошад, пешонаи ӯ турш ва пурчин менамуд. Алҳол ӯ на танҳо табассум мекард, балки дар зери лаб механдид.

Ман ба наздаш рафтам. Ӯ аз ман пурсид:

– Шумо дар ҳаққи Қориисмат чӣ кардаед?

– Ҳеҷ кор накардаам. Чӣ шудааст?

Раҳими Қанд ба лаби суфача нишаста сухан сар кард:

– Вақте ки шумо аз ин ҷо рафтед, ӯ пайдо шуда:

– Он кас кӣ буд? – гуфта шуморо аз ман пурсид.

– Як муллобачаи ғиҷдувонӣ! – ман ба ӯ ҷавоб додам.

– Тахминам дуруст баромад! – гуфт ӯ сарашро боло – пойин ҷунбонда.

– Чӣ тахмин карда будед? – ман аз вай пурсидам.

«Қориисмат қадре андеша карда истода гуфт:

– Мардум маро пулдор гумон мекунанд. Бинобар ин, баъзе дуздон ва беҷогардон чанд гоҳ ба дунболи ман афтода буданд. Чун онҳо фаҳмиданд, ки ман дар хонаи худ ҳатто як пули сиёҳро ҳам нигоҳ намедорам, ба дилашон оби сард зада маро ба ҳоли худ гузошта, паси кори худ рафтанд…»

«Қорӣ қадре хомӯш монда боз сухани худро давом дод:

– Ду-се рӯз боз ҳамин муллобача аз дунболи ман гаштааст.

Зоҳиран, ӯ мехоҳад, ки аз куҷо пул гирифта ба куҷо гузоштанамро фаҳмад ва агар равшан фаҳмад, ки ман дар хонаи худ пул бурда мондаам, шабона рафта маро калла – поча карда (кушта) пулро бардорад.

– Ин муллобача он гуна кас не, тахминатон хатост! – гуфтам ман ба ӯ.

– Фарз кунем, ки худаш росткор бошад, аҷаб нест ҳамтуманиҳояш ӯро аз роҳ бароварда ба дунболи ман гузошта бошанд. Дар ҳар ҳол аз ғиҷдувониён тарсидан даркор аст».

Раҳими Қанд мегӯяд: «Қориисмат дар охири суханаш ба ман илова карда гуфт:

– Он муллобача, ки ба ту ошно будааст, ба ӯ фаҳмон, ки пул надорам, агар ногаҳонӣ пуле ба дастам афтад ҳам, вайро ба хонаам бурда наемонам, ҳатто дар хона ягон чизи пурбаҳо ҳам надорам, як-ду бистари чиркину дарида дорам, ки аз арақчини зери полони хар фарқ надоранд».

Раҳими Қанд ҳикояти Қориро ба охир расонда ба ман насиҳатомезона гуфт:

– Ба ин гуна одам наздик нашавед, ки аз вай туҳмат меборад.

Ман ба Раҳими Қанд нияти аз Қориишкамба ҳуҷра талаб кардан доштанамро, барои бо ӯ мулоқот кардан чанд рӯз аз дунболи ӯ гаштанамро ва то ҳамин вақт фурсати бо вай гуфтугузор кардан наёфтанамро мухтасаран ҳикоя карда дода:

– Модом, ки ӯ ин гуна одами бадгумон будааст, дигар на рӯйи ӯро мебинам ва на аз вай ҳуҷра мепурсам, на ҳуҷраи ӯ ба ман даркор аст ва на мулоқоташ. Ба қавли Саъдӣ: «Атои ӯро ба ликои ӯ бахшидам» – гуфтам ва аз ӯ ҷудо шуда паси кори худ рафтам.

VII

Аз воқеаи дари сарои Ҷаннатмаконӣ чанд рӯз гузашта бошад ҳам, ман Қориишкамбаро дигар ба ҷойе рост наовардам ва дар пайи рост оварда бо ӯ рӯ ба рӯ шудан ҳам набудам, чунки ман хаёли шиносоии ӯро ва ҳуҷраи ӯро тамоман аз хотир тарошида партофта будам ва аз ин одами бадгумони туҳматӣ дур гаштанро лозим медонистам…

Дар ҳамон вақтҳо рӯзе дар саҳни мадрасаи Кӯкалтош ба болои бомчаи як дукони намакфурӯшӣ ба хаёлот фурӯ рафта нишаста будам, ки ба болои сарам сояи касе пайдо шуд. Ман аз бисёрии фикру хаёлам ба он соя аҳамият надода, ба тарафи ӯ нигоҳе ҳам накардам. Баъд аз он аз болои сарам бо талаффузи қоригӣ садои:

– Ассалому алайкум! – гуфтани касе баромад.

Ман сар бардошта ба саломдиҳанда нигоҳ кардам, ки Қориишкамба буд ва ӯ бо дандонхилоли аз чӯби газ тарошида дандонҳояшро мекофту резаҳои хӯроки аз байни дандонҳояш ба нӯги дандонхилол банд шуда баромадаро ба дасташ гирифта ба тарафи вай як нигоҳ мекард ва баъд он резаро дубора ба даҳонаш андохта мехӯрд.

Азбаски ман аз таваҳҳуми[1] беасоси ӯ дар ҳаққи худам аз вай сахт ранҷида будам, ба саломаш бо як оҳанги нофорам ҷавоб гардонда боз ба хаёлоти худ фурӯ рафтам.

– Саҳни мадрасаи Кӯкалтош аҷаб ҳавои хубе дорад, – гӯён ӯ дар паҳлуи ман нишаст.

Ман ба ин сухани ӯ на бо тасдиқ ва на бо инкор ҷавобе надодам.

– Бародар! Шояд шумо ба ман коре дошта бошед, ки як ду рӯз аз дунболи ман гаштед? – гуфт ӯ бо оҳанги мулоимона.

– Ман мехостам, ки «чанд пул доштани шуморо ва дар кучо мондани он пулҳоятонро фаҳмам ва баъд аз он бо дуздони ғиҷдувонӣ рафта онҳоро ғорат кунам», – гуфтам бо камоли дурушти.

– Агар касе дар ҳаққи як каси ношинос, ки ӯро таъқиб мекунад, бадгумон шавад, айб ҳам нест, аҷаб ҳам нест. Чун тафтиш ва пурсуков карда дидам, ки шумо муллобачаи дуруст ва росткор будаед, ба шумо узр гуфтан хостам ва ҳоло шуморо дар ин ҷо дида ба ҳамин ният дар паҳлуятон нишастам, хоҳишмандам, ки шумо он бадгумонии маро бубахшед! – гуфт ӯ ҳақиқатан бо оҳанги узрхоҳона.

Ман дар ҷавоби ин суханони ӯ чизе нагуфта бошам ҳам, ӯ аз вазъияти ман ва аз барҳам хӯрдани осори ғазаб ва кина аз

[1] **Таваҳҳум** – ба ваҳм афтодан, гумон, хаёл.

чашму рӯям пай бурд, ки ман узри ӯро қабул кардаам, пас бо оҳанги ҷиддӣ илова намуд:

– Аҳволи худро ба шумо фаҳмонда монам, зарар надорад: чунонки мардум гумон мекунанд, ман одами серпул нестам ва агар барои нафақаи аҳлу аёл панҷу чоре ёбам ҳам, вайро ба хонаи худ бурда намемонам ва ба дасти ягон кас ба тарзи амонат супурда монда дар вақти зарурат ва эҳтиёҷ аз ин одам ба қадри даркорӣ гирифта харҷ мекунам.

Аз ин суханони охирини ӯ пай бурдам, ки ҳанӯз шубҳаи ӯ дар ҳаққи ман боқист, аммо ба ин одам, ки бадгумонӣ дар табиати ӯ монанди як бемории куҳнаи доимӣ ҷойгир шуда мондааст, инод карда нишастанро муносиб надидам ва ӯро тамоман ва ҳеҷ набошад қисман аз шубҳа баровардан хоста ба сухан даромадам:

– Ман ҷойи истиқомат меҷустам, яке аз дӯстонам ба ман хабар дод, ки шумо чанд дар ҳуҷраи зархарид доштаед, бинобар ин, аз дунболи шумо афтодам, ки фурсати муносиб ёфта ҳуҷра пурсам. Лекин шунидам, ки шумо аз дунболагириам дар ҳаққи ман бадгумон шудаед, «атои шуморо ба лиқои шумо бахшидам», – гӯён сухани худро ҳазломезона ба охир расонидам.

– Ман ҳуҷраи зархарид надорам, – гуфт ӯ бо оҳанги ҷиддӣ ва илова намуд, – зотан ман зар, яъне пули нақд надорам. Дуруст аст, ки ду-се дар ҳуҷра дорам. Аммо онҳо ба ман аз падари марҳумам мерос мондаанд…

Қориишкамба баъд аз ба ҳамин тариқа боз як бори дигар бепулии худро исбот кардан қадре хомӯш истода, дубора ба сухан даромада, аз ман пурсид:

– Ҳуҷра ёфтед ё ин ки ҳоло ҳам бошишгоҳ надоред?

– Не, ҳанӯз ҳуҷра наёфтаам!

– Агар шумо ҳуҷра ёбед, ҳар рӯз дар он ҳуҷра ош мепазед? – боз пурсид ӯ.

Аз ин пурсиши ӯ дар хотири ман гузашт, ки «магар дар дасти ӯ ягон ҳуҷраи бедудкашу беоташдон мондааст, бинобар ин, ош пухтан ва напухтани маро мепурсад ва агар ош напухтани маро донад, шояд он ҳуҷраро ба ман диҳад», бо ҳамин мулоҳиза ба ин пурсиши ӯ ба тарзи зерин ҷавоб додам:

– Барои ман ҳуҷраи бедудкашу беоташдон бошад ҳам, шудан мегирад, чунки ман ҳеҷ ош напухта ҳам зиндагонӣ карда метавонам.

– Лекин дар ман ҳуҷрае ҳаст, ки дудкашу оташдони он ҳар рӯз як палави сергӯшту равғани дукаса пухтанро талаб мекунад, – гуфт ӯ бо оҳанги ҳазломез ва баъд аз он бо оҳанги ҷиддӣ сухани худро давом дод, – ман ду ҳуҷра дорам, ҳар кадоми онҳоро ба ду муллобача ба ҳамин шарт додам, ки онҳо ҳар рӯз як оши палави дукаса мепазанд, якеашон дар соати 11 рӯз, дигарашон гашти рӯз – қариби намози дигар. Ман ҳар рӯз дар соати муайян рафта ба ҳар кадоми онҳо ошашонро ҳамроҳ мехӯрам…

– Дар як рӯз ду бор оши палав хӯрда метавонед? – гӯён ман сухани ӯро бурида пурсидам.

– Агар ёфт шавад, рӯзе чор-панҷ бор ҳам хӯрда метавонам, – гӯён ӯ ба ман ҷавоб дода сухани аслии худро давом кунонид. – Яке аз он муллобачаҳо мувофиқи шартамон ҳар рӯз бе тарк дар вақти муайян ошашро тайёр мекунад, аммо дигари онҳо фиребгарӣ менамояд: гоҳо ҳуҷраро қуфл зада мегурезад. Фардои он рӯз, ки ман ӯро дида сахтгирӣ мекунам, «дирӯз барои ош пул наёфтам» ё ин ки «худам дар ҷойе ба меҳмонӣ будам» гӯён узрҳои нодуруст пеш меорад. Ва ҳол он ки дар олами муомилаи пулсарфшаванда ин гуна узрҳо ба як пули сиёҳ намеарзад. Дар соли гузашта ӯ бо ҳамин гуна узрҳо чор бор ош напухт…

Қориишкамба аз сухан бозистода байни дандонҳои худро ба дандонхилоли нӯгтезаш кофт, ин дафъа ба ҷойи резаи хӯрок нӯги дандонхилол хунолуд шуда баромад. Ӯ баъд аз он ки «туф-туф» – гӯён даҳонашро аз хун тоза кард, боз суханашро давом дод:

– Ҳозир ман аз пеши ҳамин муллобачаи дурӯғваъда ош хӯрда баромадам. Дирӯз ош напухта гурехта буд, имрӯз ошашро камгӯшту равған кардааст. «Агар ин тавр муомила кунӣ, туро аз ҳуҷра мебарорам» гуфта дӯғ зада мондам. Агар шумо ҳар рӯз як бор оши палав пухта маро зиёфат карданро ба гардан гиред, он муллобачаро, қадрдон бошад ҳам, аз ҳуҷра бароварда ҳуҷраро ба шумо медиҳам. Чӣ мегӯед?

Ман дар пеши ин одами мумсик аз изҳор кардани бепулӣ ва фақирии худ ор намудам, чунки дар пеши одамони сарватманд пасттарин ва бекадртарини одамон одамони фақир ва бенаво мебошанд, бинобар ин, сирри худро пеши ӯ накушода бо дурӯғи зерин ҷавоб додам:

– Дирӯз ба ман як кас ҳуҷраи ройгон ваъда карда буд. Агар он ҳуҷра ба даст надарояд, аз они шуморо гирам мешавад. Ҳар рӯз як ош пухта як касро зиёфат кардан кори душворе нест. Лекин агар ҳуҷраи ройгон ёфт шавад, беҳтар аст.

– Албатта, ҳар кас аз ҳар чиз пештар манфиати худро ба назар мегирад, – гуфт Қориишкамба ва илова намуд, – хуб, ҳар вақт ба худатон ё ба ягон шиносатон ҳуҷра даркор шавад, ҳуҷраи ман бо шарти мазкур тайёр аст. Он гуна муллобачаро ман ба замми ҳуҷра додан дуо ҳам мекунам. Ман одами бечора ҳастам, ҳар рӯз хӯрду хӯрокам аз ҳамин гуна роҳҳо мегузарад. Чунонки одамон гумон мекунанд, ман пулдор нестам.

Шиносоии аввалини ман бо Қориишкамба бо ҳамин мусоҳиба сар шуд. Баъд аз он ҳар гоҳ, ки ӯ дар кӯча ба ман рост меомад: – Бошишгоҳ ёфтед? – гӯён мепурсид.

– Бале, ёфтам.

– Ягон ошнои беҳуҷра надоред?

– Не, надорам!

Гуфтугузори сариҳоии мо ба ҳамин тамом мешуд. Лекин агар ман рӯзе ду-се бор ҳам бо ӯ вомехӯрдам, ин суолу ҷавобҳо такрор меёфтанд ва ӯ ҳеҷ гоҳ ба воситаи ман аз ёфтани ориятнишини «вазифашинос, ки палавро ҳар рӯз дар вақти муайян муҳайё мекарда бошад», умедашро намеканд.

VIII

Дар Бухоро ҳар сол дар аввали соли шамсӣ – дар моҳи ҳамал дар Ширбадан[1] ном чорбоғи подшоҳӣ сайри наврӯзӣ барпо мешуд. Дар сайргоҳ дар қатори ошхонаҳои одӣ, ки ба хӯрандагон таомҳои тайёри гуногун мефурӯхтанд, ошхонаҳое

[1] **Ширбадан** – маконест ду километр дуртар аз шаҳри Бухоро дар тарафи шарқии он, ки дар он ҷо чорбоғи амир воқеъ буда, ҳар сол сайри наврӯзӣ барпо мегардид.

ҳам кушода мешуданд, ки дегу табақи худро ба касоне, ки бо дасти худ ош пухта хӯрдан мехостанд, ба иҷора медоданд.

Ин гуна ошхонадорон хаймаю хиргоҳу шомиёна зада дар пеши онҳо як қатор оташдонҳо сохта, дегу табақ тайёр карда ва ҳезум омода намуда, мунтазири харидорон шуда менишастанд ва толибон масолеҳи таомро худ оварда дастӣ пухта мехӯрданд ва ба ошхонадор музде медоданд.

Рӯзе дар айёми сайри наврӯзӣ як гурӯҳ аз рафиқони ман ҳам дар яке аз он ошхонаҳо оши дастӣ пухта хӯрдан хостанд, ки ошпази онҳо ман будам. Рафиқон баъд аз пора карда додани гӯшту равғану пиёз ва сабзӣ ба сайру гашт рафтанд ва ман дар вазифаи ошпазӣ он ҷо мондам.

Ман равғанро доғ карда гӯшту пиёзро бирён намуда будам, ки Қориишкамба дар он ҷо пайдо шуд. Ӯ баъди аз ман пурсидани даркор ё даркор набудани ҳуҷра, киҳо будани рафиқонамро пурсид. Ман дар ҷавоби ӯ ду-се нафар маълумтарини онҳоро ном бурдам.

– Ҳамаашон азонихудӣ будаанд, – гӯён аз пеши ман гузашта ба ошхонае, ки дар паҳлуи он ошхона буд, даромад.

Азбаски он ошхонаҳои аз чодиру шомиёна бино ёфта деворе надоштанд, аз як ошхона аҳволи ошхонаи дигар дида мешуд. Қориишкамба дар ошхонаи паҳлуӣ ба давраи гурӯҳе рафта нишаст, ки онҳо нигарони кашида овардани ошашон шуда нишаста буданд…

Дар ин миён ман биринҷро ба дег андохта обашро кашонда, ошро дам кардам. Рафиқони ман ҳам омада дар зери шомиёна давра шуда нишастанд. Дар ин вақт оши гурӯҳе, ки Қориишкамба худро ба онҳо «шарик» карда буд, кашида шуда буд ва ҳамаи онҳо машғули ошхӯрӣ буданд ва касе сари худро аз табақ намебардошт.

Аммо Қориишкамба дар паси ҳар луқма оше, ки ба даҳони худ меандохт, сари худро ба тарафи мо гардонда аз тайёр шудан ё нашудани оши мо хабардор шуда меистод.

Оши мо тайёр шуд, ман ошро кашида як-ду кафгирашро «ҳаққи чашм» гӯён барои ошхонадор дар даруни дег монда табақи пурпалавро бардошта оварда дар пеши рафиқон гузоштам.

Чун Қориишкамба дид, ки ман ошро кашида пеши рафиқон бурдам, аз даврае, ки нишаста буд, бархост. Зоҳиран, ҳанӯз дар зери табақи онҳо ягон даҳан ош монда будааст, ки дубора хам шуда, он ошро ба даст гирифта, ба даҳонаш бурду дар ҳолате ки аз байни ангуштонаш равғани он ош мечакид, шитобкорона қадам монда ба давраи мо омада бе ҳеҷ пурсупос ва салому алек нишаста, аз ҳама пештар дасташро ба табақ ёзонд.

Дар байни рафиқони мо ҷавоне буд, ки падараш яке аз бойҳои миёнаҳоли Бухоро буд. Ин бойбача яке аз дӯстони дерини ман буда, бо Қориишкамба ҳам ошнои ҳазлкаш будааст. Вақте ки Қориишкамба ба давраи мо омада нишаст, он бойбача ба ӯ:

– Қориамак, аз дасти шумо магар ҳеҷ халосӣ нест! Одам дар ҳар ҷой, ки ояд, дар он ҷо пайдо шуда монанди ришгаи Бухоро дарҳол ба пойи кас мепечед! – гуфт.

– Хӯшачинӣ, гардам аз саратон, бойбача, хӯшачинӣ! Кори одами бечора хӯшачинӣ аст. Бо хӯшачинии мо барин одамони бебизоат аз хирмани шумо барин одамони доро чизе кам намешавад.

– Дар ҳавлӣ оши моро «набераш» гуфта мехӯрдед. Ин ошро чӣ гуфта мехӯред? – бойбача пурсид.

– Ин абераш, гардам аз саратон, – гуфт Қорӣ дар ҳолате ки даҳонаш пури ош буд ва суханаш базӯр фаҳмида мешуд.

Қориишкамба баъд аз ин гуфтугузор ба сухани касе ҷавоб надод ва сарашро ҳам аз табақ барнадошт. Ӯ панҷ ангушташро васеъ кушода ошро бо гӯшту равғанаш чунон печонда мегирифт, ки дар ҳар луқмааш, гӯё дар обхез канори дарёи тезоб фурӯ рафта истода бошад, дар оши табақ рахнаи калоне пайдо мешуд ва даҳонаш чунон аз ош пур мегашт, ки дар вақти хоидан ва нафас кашидан донаҳои биринҷ бо оби даҳонаш ҳамроҳ шуда ба рӯйи табақ пош мехӯрданд.

Бо дидани ин ҳол ман аз ошхӯрӣ даст кашидам, ҳатто ба тарафи он ош ёрои нигоҳ карданам намонд. Дигарон ҳам ба тарафи табақ бо дили нохоҳам даст бурда меоварданд ва аз зертари табақ – аз ҷойҳое, ки оби даҳони Қорӣ нарасида буд, кам-кам мегирифтанд.

Гоҳо ба ҳалқумаш ош банд шуда монда аз гулуяш ба зудӣ намегузашт, дар ин гуна мавридҳо ӯ бе он ки дасти росташро аз рӯйи табақ бардорад, бо дасти чапаш косаи обро гирифта қадре нӯшида, оши дар гулуяш бандшударо дарун мефиристод.

– Барои ошхӯрии шумо як сумба ҳам даркор будааст, Қориамак, – гуфтам ман ба ӯ.

Ӯ ба ин сухани ман нимханде кард, аммо ҷавобе надод, чунки ба сабаби пурии даҳонаш ҳарф зада наметавонист.

– Сумба чӣ даркор аст? – яке аз рафиқон аз ман пурсид.

– Барои аз гулу гузаронида ба дарун ҷой кардани ош, – ман ҷавоб додам.

– Об барои ош ба ҷойи сумба ба кор меравад, – гуфт як рафиқи дигар…

Оқибат Қориишкамба оши моро ҳам тамом карда зуд аз ҷояш бархост ва дасти равғанолудашро ба масҳии худ молида пок карда, аз ошхона баромада рафт.

* * *

Димоғи ҳамаи рафиқон аз ин меҳмони нохондаи дилбеҷокунанда сӯхта буд ва аз ҳама зиёдтар димоғи ман сӯхта буд. Чунки ман ба меҳнати тамом як оши бисёр нағз пухта, дар натиҷа аз хӯрдани он тамоман маҳрум монда ва сахт гурусна ҳам будам. Дигарон бошанд, дар пухтанаш ширкат надоштанд ва ба болои ин, кам-кам ҳам бошад, аз он ош хӯрда нафси худро қадре оромонида буданд.

Бойбача, ки ҳамаи ин фалокат ба сабаби ошноии ӯ бо Қориишкамба рӯй дода буд, зимнан аз худаш ранҷидани маро пай бурда оҳиста аз давра бархоста пеши ошхонадор рафт. Ошхонадор ҳанӯз он ошеро, ки ман барои ӯ «ҳаққи чашм» гӯён гузошта будам, кашида нагирифта будааст. Бойбача ба ивази он ба ошхонадор пул дода, вайро ба табақчае кашида гирифта, оварда пеши ман ниҳод.

Аммо ба сабаби он ҳама корҳои дилбеҷокунанда иштиҳои ман кӯр шуда буд ва дилам чизе наметалабид. Бо вуҷуди ин барои хотири дӯстон ду-се луқма хӯрдам ва бо ҳамин ба саба-

би ранҷиши хотирамро тақдир карда қадршиносӣ намудани он дӯстам асабҳоям ором гирифтанд ва бо чеҳраи кушода аз он дӯстам пурсидам:

– Ин ғалламусро[1] аз куҷо ёфта алоқа бастӣ?

– Сабаби алоқаи ин одам ба ман дуру дароз аст. Дар ягон вақти дигар нақл мекунам.

– Ман маънии «наберааш» ва «аберааш»-ро нафаҳмидам. Ин калиамаҳоро як бори дигар ҳам аз ин одам шунида будам. Ҳеҷ набошад, маънии ҳамин суханони сарбастаро ба ман кушода деҳ! Дар он вақт ҳам туро мебахшам, ҳам ӯро.

– Ин одам судхӯр аст, – гуфт бойбача, – фоидаи пул (рибо)-ро «бачаи пул» меномад, фоидаи фоидаи пулро «набераш» ва фоидаи фоидаи фоидаи пулро «аберааш» мегӯяд.

Бойбача ин суханони худро ба тарзи поин эзоҳ кард:

– Масалан, ӯ ба касе бо фоида пул ба қарз медиҳад ва аз вай фоидаи пулро мувофиқи шарташон бо пули нақд меситонад ва онро бачаи пул меномад; дар муддати қарздории он қарздор ба хонааш рафта ошу нонашро мехӯрад ва инро набераш мегӯяд, ки ба ақидаи ӯ, ин фоидаи фоидаи пул мебошад; баъзан аз қарздор ба болои таоми муқаррарии ҳаррӯза боз ягон чизи дигар – масалан харбуза, ангур ё ин ки ҳалво меситонад ва инро аберааш, яъне фоидаи фоидаи фоидаи пул мешуморад.

IX

Баъд аз чандин моҳи воқеаи сайри наврӯзӣ дар айёми зимистон як бегоҳӣ баъд аз шом бойбача ба ҳуҷраи ман омада гуфт:

– Ман имшаб ба Қориишкамба як кор дорам, барои ин кор бояд соати даҳи шаб ба хонаи ӯ равам. Азбаски шабона кӯчаҳои Бухоро хавфноканд, илтимос дорам, ки дар ин роҳ шумо ба ман ҳамроҳӣ кунед…

– Аз рӯйи шунидани ман Қориишкамба шабона ҳеҷ касро ба хонааш қабул намекунад, – гуфтам ман сухани ӯро бурида.

– Ин кор аз ман зиёдатар барои ӯ фоиданок аст, бинобар

[1] **Ғалламус** – кирме, ки дар гандуму орду биринҷ барин ғаллаҳои хӯрокворӣ пайдо мешавад ва дар якчанд рӯз як анбор ғалларо нобуд мекунад. Номи дигари ин кирм мита аст (шарҳи нависанда).

ин, худи ӯ дар соати мазкур ба хонааш рафтанро ба ман таклиф кард.

– Ту хизматгор дорӣ, падар дорӣ, бародарон дорӣ. Бо вуҷуди инҳо барои ба хонаи ӯ рафтан чаро маро ҳамроҳи худ гирифтан мехоҳӣ? Ва ҳол он ки ман аз шакли шуми буммонанди ӯ безорам.

– Сабаби ин ҳамин аст, ки ин кори ман аз падар, модар ва бародаронам пинҳонӣ аст. Як хизматгори сирдон доштам, ки ӯ бемор шуда ба хонаи худ рафтааст. Азбаски ғайр аз шумо ба каси дигар дилам пур намешавад ва медонам, ки шумо сирри маро нигоҳ медоред, ба шумо рӯ овардам.

– Аввал бояд ту «сирри пинҳонии худ»-ро ба ман фаҳмонӣ, то ин ки ба ин кор ҳамроҳӣ карда тавонистани худро ман пешакӣ мулоҳиза карда бинам. Дар он вақт гуфтанам мумкин аст, ки хоҳиши туро қабул карда метавонам, ё не?

– Воқеа ин аст ки, – гуфт бойбача, – ман аз ин судхӯр аз падарам пинҳонӣ як ҳазор танга бафоида ба қарз гирифтаам. Имшаб мехоҳам, ки он маблағро ба ӯ расонам. Сабаби он маблағро рӯзона бурда надода шабона бурда доданам ҳам барои пинҳон доштани сирри қарздорӣ аст.

– Хуб! – гӯён ман илтимоси бойбачаро қабул кардам ва илова намудам: – ба хонаи Қориишкамба рафтан барои ман маргвор ногувор аст, бо вуҷуди ин, ҳамроҳи ту меравам, чунки «марги бо дӯстон тӯй аст» гуфтаанд.

* * *

Мо наздик ба соати даҳи шаб ба роҳ баромадем, шаб торики абрнок ва бемаҳтоб буд. Дар шабҳои торик дар кӯчаҳои тангу каҷу килеби бечароғи Бухоро ҳаракат кардан душвор буд. Хайрият ки барф меборид ва сафедии вай кӯчаҳоро монанди кӯрмаҳтоб нимравшан карда буд ва мо метавонистем, ки роҳро аз чоҳу дарро аз девор бо тобиши барф фарқ карда қадам партофта тавонем.

Мо ба гузари Кемухтгарон наздик расида будем, ки аз дунболи мо миршаб пайдо шуд, ӯ савори асп буд ва одамонаш дар ҷилаваш таблҳошонро кӯфта ва садо дода меомаданд.

Одатан миршабҳои Бухоро аз дузд тарсида шабона ба ӯ наздик намешуданд ва одами ростро дастгир карда ё пул мегирифтанд ва ё ҳабс мекарданд. Бинобар ин, аҳволи мо душвор буд: мо гурехта наметавонистем, чунки дар он сурат одамони миршаб рост будани моро дониста моро таъқиб карда дастгир мекарданд ва рӯйирост ҳам ба миршаб рӯ ба рӯ шуда наметавонистем, зеро дар он сурат онҳо моро мешинохтанд ва медонистанд, ки мо дузд нестем ва ба пойи худ ба даст меафтодем.

Бинобар ин, бойбача бисёр тарсид, чунки агар мо ба дасти миршаб меафтодем, ӯ маҷбур мешуд, ки маблағи барои қарзи Қориишкамба тайёр кардаашро тамоман ё қисман ба миршаб диҳад, инчунин эҳтимоли дар ҳабсхонаи миршаб афтода бими ба пеши падараш кушода шудани сирраш ҳам буд.

Аммо ман ӯро дилдорӣ додам, ки натарсад ва аз паси ман омадан гирад ва худам аз пеши девори ҳавлиҳо оҳиста-оҳиста нотарсона қадам партофта рафтан гирифтам. Вақте ки мо ба растаи рангуборфурӯшӣ расидем, дастаи миршаб ҳам ба мо наздик расид. Мо худро дар торикии зери долони раста гирифта ба суфачаи дуконе баромада дар паси сутуни долон пинҳон шуда истодем ва ман аз суфачаи дукон як порча хишти пухтаро канда гирифта ба ҳар эҳтимол тайёр шуда истодам.

Одамони миршаб дар зери долон пинҳон шудани моро фаҳмидаанд, барои муайян кардани дузд ё рост будани мо яке аз онҳо бо овози баланд пурсид:

– Кист вай?

Ман ба ҷойи ҷавоб хиштпорчаро ба тарафи онҳо ҳаво додам. Ба ҳамин «дузд будани мо» ба миршаб ва одамонаш маълум гардид. Миршаб, ки то он вақт аз паси даста меомад, якбора сари аспашро ба паскӯчаи бозори ангишт, ба тарафи Чорсӯ гардонда ба сӯйи посбонгоҳи худ раҳсипор гардид ва одамонаш ҳам таблҳошонро хобонда (накӯфта ва садо набароварда) аз дунболи сардори худ чобукона шитофтанд. Баъд аз дур шудани дастаи миршаб мо аз паси сутун ва зери долон баромада ба роҳ даромада, аз пеши кӯли обгурези гузари Кемухтгарон гузашта, ба дасти чап ба паскӯчаи пешбаста баргашта, ба пеши ҳавлии Қориишкамба расидем.

* * *

Бойбача ба ман таъйин кард, ки ман дар паҳлуи паҳлударии дарвоза истода на овози худамро ва на овози поямро набарорам.

– Агар Қориишкамба донад, ки, – гуфт ӯ, – ман ҳамроҳи худ як одами бегонаро гирифта омадаам, ба шубҳа афтода дарвозаашро нахоҳад кушод.

Ман мувофиқи нишондоди бойбача дар канортари пеши дарвоза пинҳон шуда истодам ва ӯ дарро кӯфт.

Зоҳиран, Қориишкамба ба омадани бойбача нигарон шуда дар роҳрав истода будааст, ки баробари баромадани садои тақ-тақи дарвоза ӯ аз дарун:

– Вай кист? – гӯён овоз дод.

– Ман, ошноятон, Қориамак, кушоед!

Қориишкамба дарвозаро кушод. Аммо баробари дар паҳлуи бойбача намоён шудани сиёҳии як одами дигар ӯ:

– Вой! – гӯён худро пас кашид ва хост, ки дарвозаро бандад.

Аммо бойбача ба ин кор роҳ надод, бо бозуи худ ба як табақи дарвоза такя дода вайро кушод нигоҳ дошта як пойи худро аз остона дарун гузошт.

– Натарсед, Қориамак, ин кас аз они худӣ, – гуфт ва ба ман нигоҳ карда, – дароед! – гӯён аввал маро аз дар дароварда, баъд аз он худ даромад ва баъд аз даромадани мо Қорӣ дарро баста қуфл зад.

Роҳрави ҳавлӣ тангу торик буд ва аз даст-даст карда диданамон маълум шуд, ки дар он ҷо як дари дигар буда, зоҳиран, вай дари ҳавлии дарун будааст.

Аммо Қориишкамба он дарро накушода дари дигареро, ки ба сари зиначае шинонда шуда будааст, кушода аз як зинаи тангу торик боло баромадан гирифт ва моро ҳам ба баромадан аз дунболи худ таклиф кард.

Мо аз паси соҳибхона поғундаву деворҳои зинаро даст-даст карда боло баромадем. Дар боло як рӯйи ҳавличаи танг буд, ки бар болои роҳрав бино ёфта буд ва ба сабаби пурбарф буданаш ҳама ҷояш ба мо менамуд ва ба муқобили сари зина, пайваста ба ин рӯйи ҳавлича, болохоначае воқеъ шуда буд, ки ду дар дошт, аз сари зина то дари даромади он болохона дар

канори рӯйиҳавлича нимайвончае бино ёфта буд, ки Қориишкамба аз зери вай рафта дари болохоначаро кушода даромад ва моро ҳам ба рафта даромадан таклиф кард.

Мо ҳам рафта ба болохонача даромадем. Аммо дар он ҷо чизеро дидан ва ҷойи нишаст ёфтан мумкин набуд ва соҳиби хона дар пешгоҳи вай хисир-хисир карда мегашт.

– Қориамак, дар он ҷо чӣ кор карда истодаед? – гӯён бойбача аз соҳиби хона пурсид.

– Лампаро мекофтам, ёфтам, – гуфт ӯ дар ҷавоб ва илова кард: – Гӯгирд доретон?

– Ман надоштаам! – гуфт бойбача баъд аз кофта дидани ҷайб ва кисаҳои худ.

– Ман ҳам гӯгирд надорам, – ман ба сухани бойбача илова кардам.

Қориишкамба баъд аз шунидани ҷавобҳои мо бо пойи худ замини болохонаро кӯфтан гирифт.

– Ин чӣ кор, Қориамак? Магар дар он ҷо рақсида истодаед? – пурсидам ман.

– Зери ин болохона хонаи нишасти дарунии ман аст, бо ҳамин пойкӯбӣ аз он хона кас баромада барои даргирондани лампа ба ман ёрӣ медиҳад. – Қорӣ ҷавоб дод.

Дар ҳақиқат фурсате нагузашта овози пойи ба сари зина баромада истодани касе шунида шуд.

– Лампаатро барор, ки аз вай ин лампаро даргиронам! – гуфт Қорӣ ба касе, ки дар сари зина пайдо шуда буд.

– Барои даргирондани лампа гӯгирд напурсида чаро баровадани лампаро талаб кардед? – гӯён рафиқи ман ба соҳибхона савол дод.

– Ҳамаи харҷҳои рӯзгори ман андозаи муайян дорад, аз рӯйи ҳисоб бояд дар як шабонарӯз дар хонаи ман як дона гӯгирд сарф шавад ва бо он гӯгирд бояд ҳар рӯз аввали пагоҳ оташи чойҷӯшонӣ даргиронда шуда, дигар оташ ва чароғҳои дар шабонарӯзӣ даркоршаванда аз якдигар даргиронда шаванд, – гуфт Қорӣ ва илова кард: – ба ақидаи мардум панҷу чореро, ки ман дорам, ҳамаашро аз судхӯрӣ – аз рибо ёфтаам. Ин нодуруст аст, ман ҳар чизе, ки дорам, ҳамаашро аз сарфа-

корӣ ёфтаам; «сарфаи сари оташдон, савдогарии Ҳиндустон» гуфтаанд.

– Дар вақти боло бароварда фуровардани лампа, хусусан дар ин вақт, ки барф борида истодааст, агар шишаи лампа шиканад, «харҷи мумсик дучандон» мешавад, – гуфтам ман.

– Зарари шишаи шикаста ба гардани касе меафтад, ки он лампа аз они вай аст, ба ман чӣ дахл дорад? – гуфт Қорӣ ва илова намуд: – бинобар ин, ман лампаи худро барои даргирондан ба дарун нафиристода, барои ин кор баровардани лампаи дарунро талаб кардам.

– Лампаи дарун аз они кист? – ман бо тааҷҷуб пурсидам.

– Аз они занонам, – гуфт ӯ дар ҷавоб ва эзоҳ кард: – зананам тоқиядӯзӣ мекунанд. Пештар лампа ва равғани онро, ки онҳо дар рӯшноии вай тоқиядӯзӣ мекарданд, ман медодам ва нимаи фоидаи холиси аз он пеша ояндаро ман мегирифтам. Аммо онҳо аз ман ҳисобдонтар баромаданд: «Ба рӯшноӣ чӣ сарф мекунед, ки нимаи музди меҳнати моро шумо мегиред?» гуфтанд ва баъд аз он ҳамаи харҷҳои дар рӯшноӣ шавандаро аз ҳисоби худ карда тамоми фоидаи аз он касб ояндаро худашон соҳибӣ карданд.

– Ин тавр бошад, шумо он ҳама ҷонканиҳое, ки барои бо нархи зиёд фурӯхтани тоқияҳо мекардед, барои худатон набуда, барои манфиати занонатон будааст (ман бо ин суханҳо муомилаеро, ки ӯ дар пеши ман бо тоқияфурӯш карда буд, дар назар доштам). Аммо аз ин фикратон, ки дар бораи эҳтимоли шикастани шиша изҳор кардед, маълум мешавад, ки шумо ба манфиати занонатон коре надоред ва фақат фоидаи худро мебинед. Сабаби ин зиддияти кирдоратон чист?

– Дар он ҷо ҳам фақат фоидаи худро ба назар гирифта будам, – гуфт Қориишкамба ва эзоҳ дод, – тоқияҳоеро, ки зананам медӯзанд, ман аз онҳо бо нархи вофурӯш – бо нархи яклухтфурӯшӣ баҳо карда мегирам ва баъд аз он онҳоро ба бозор бурда ба воситаи тоқияфурӯшҳои шиносам бо нархи донафурӯшӣ фурӯшонда мегирам. Фарқе, ки дар байни яклухтфурӯшӣ ва донафурӯшӣ ҳаст, ба фоидаи ман мемонад.

– Дар ин миёна гӯё шумо вофурӯш мешавед, – гуфт бойбача.

– Бале, ман худ вофурӯш мешавам, – гуфт Қорӣ, – лекин вофурӯше, ки пули худро ба харид банд намекунад ва аз ташвиши дар дукон нишаста бо харидорон гуфтушунид кардан озод аст, яъне ман вофурӯше мешавам, ки фоидаро тамоман муфт меситонад…

Дар ин вақт касе лампаи даргирифтаистодаеро бароварда бар сари зина ниҳод. Қорӣ рафта он лампаро оварда ба болохона дароварда монд ва баъд аз қадре пасттар кардани пилтааш шишаашро бо дасташ гирифта ба замин гузошт.

Магар шишаи лампа бисёр тафсон буда, дасташро сахт сӯзонд, ки:

– Воҳ, воҳ, дастакам! – гӯён ӯ панҷаашро ба пеши даҳонаш бурда, «пуф-пуф» гӯён барои таскин додани сӯзиши сари ангуштонаш кӯшиш мекард.

– На ин ки шишаи тафсонро бо дастатон гиред! – гуфтам ман ба ӯ бо оҳанги афсӯсхӯрӣ, – бояд бо остин ё ин ки бо рӯймолчаатон мегирифтед!

– Хайрият, ки бо остин ё ин ки бо рӯймолчаам нагирифта будаам, – гуфт Қориишкамба дар ҳолате ки ҳанӯз сари ангуштонашро «пуф-пуф» мекард, – дар он вақт остин ё рӯймолча парт шуда нобуд мегардид, ки товони вайро ҳеҷ кас намедод ва ба ман зарари калон мерасид. Даст сӯзад, ямоқаш аз худаш аст, худ ба худ дуруст мешаваду меравад ва маро ҳеҷ бало намезанад ва зарар ҳам намерасад…

Қориишкамба баъд аз қадре ором додани сӯзиши сари ангуштонаш лаби палоси хонаро бардошта аз зери он як хасбӯрёро бароварда, вайро аз лампаи бешишаи даргирифтаистодаи занонаш даргиронд ва бо вай лампаи болохонаро равшан карда, шишаҳои лампаҳоро ба сарашон гузошт ва баъд аз ба сари зина монда омадани лампаи занонаш лампаи болохонаро оварда ба сари сандалӣ ниҳод.

Лампа савум буда монанди нӯкчаи сари мазор милт – милткунон сӯхта атрофро нимравшан мекард. Бо вуҷуди ин мо палос ва бисоти болохонаро дида тавонистем: ба рӯйи хона як намади оҳакии бисёр куҳнаи ҷо-ҷояшро куязада паҳн карда шуда буд; бар рӯйи сандалӣ як кӯрпа буд, ки мувофиқи гуфтаи худи Қориишкамба, аз арақчини зери полони хар фарқ

надошт; аммо кӯрпачаҳое, ки бар кодокҳои сандалӣ андохта шуда буданд, аз кӯрпаи рӯйи сандалӣ чиркинтар буда, ба назари кас монанди арақчини зери полони хари пушташ пурреш менамуданд.

– Марҳамат карда бинишинетон! – гуфт Қорӣ ба мо, ки ҳанӯз дар миёнаҷойи болохона рост меистодем ва барои нишастан атрофи сандалиро нишон дод.

Мо барои нигоҳдории бадани худ аз чиркиниҳои палоси болохона ҷомаҳои рӯямонро ба тани худ сахт печонда ҳар кадомамон дар як кодоки сандалӣ нишастем ва ҳамин ки поҳоямонро барои гарм кардан ба даруни сандалӣ дароз кардем, гӯё ки ба яхдон дароз карда бошем, маҷбур шудем, ки ба зудӣ ба зери худ кашида дузону нишинем. Ҳамоно сармои зери болохона аз оташхонаи беоташи сандалӣ, аз ҷойи палосдори хона зиёдтар бар рӯ мезад, ки даруни сандалӣ назар ба берунаш сардтар буд.

– Магар дар даруни сандалиатон ба ҷойи оташ ях андохтаед, ки поҳоям дар он ҷо аз сармо сӯзиш карданд, – гуфт бойбача ба соҳибхона.

– На ин ки ҳамин ҳавои на он қадар сард ба пойи одам таъсир кунад? – гуфт Қорӣ дар ҷавоб. – Ниҳоятдараҷа нозук будани пойи бойбачагонро акнун фаҳмидам.

– Пойи муллобачаи саҳроӣ ҳам, ки нозук набуданаш маълум аст, аз кор рафт, – гуфтам ман, – дар чиллаи зимистон, дар вақте ки як ваҷаб барф боридааст ва ба даруни кафши равандагон порчаҳои барф медароянд, пойи шутур ҳам бошад, ба сармо тобоварӣ карда наметавонад. Ба кӯча баромада як-ду гузарро гардиш карда оед, дар он вақт мефаҳмед, ки сармо ба пойи кас чӣ гуна таъсир мекардааст?

– Ман ҳозир аз кӯча омадам, – гуфт Қориишкамба, – на як гузар – ду гузарро, балки нимаи шаҳрро гардиш кардам, ба поҳоям ҳам ғайр аз як кафшу масҳии дарида чизи дигаре набуд. Бо вуҷуди ин, ба поям сармо таъсир накард. Маълум мешавад, ки пойи ман аз пойи шутур ҳам сахттар ва ба сармо тобовартар будааст.

– Маълум мешавад, ки пойи шумо монанди пойи фил ғафспӯст будааст, – гуфт бойбача.

– «Чи халад ба пойи филон халачӯби говронӣ» – гӯён ман илова кардам.

Баъд аз он ман аз Қориишкамба пурсидам:

– Ин ҳама гузару кӯчаҳоро давр зада гашта чӣ кор мекардед?

– Чӣ кор мекардам?.. Ба ҳавлиҳои ошноҳоям рафтам, ошҳошонро хӯрдам, чойҳошонро нӯшидам. Агар ба бойбача ваъдагӣ намебудам, боз ду соати дигар, то нимаи шаб дар хонаҳои он касоне, ки ошҳошонро дер мехӯранд, даромада мувофиқи насибаи худ навола мебардоштам.

– Шумо дар хонаи худатон ҳам ҳеҷ ош мехӯред? – ман пурсидам.

– Ҳаргиз! Модом ки дар хонаи дӯстон ошу нони тайёр ҳаст, чаро дар хона дегу дуд кунонда ва пулеро, ки ба сад машаққат меёбам, харҷ карда ош пазонда хӯрам? «Ҷон хонаи мардум, на ғами обу на ғами ҳезум!» гуфтаанд касони хирадманд, – гуфт Қориишкамба ва монанди он касе, ки дар гуфтор аз вай аз ғайри қасд хатое сар бар зада бошад, оҳангашро якбора дигар карда илова намуд: – Не, дурӯғ шуд, соле ду бор дар хонаи худ ҳам ош мехӯрам.

– Ман бовар намекунам, – гуфт бойбача, – ман ҳеҷ бовар намекунам, ки шумо пул харҷ карда дар хонаатон ош пазонда хӯред!

– Пул харҷ карда ош пазонда намехӯрам…– Қориишкамба охири калимаи «намехӯрам»-ро мад кашида гуфт ва эзоҳ дод, – занонам соле ду бор – дар моҳҳои муҳарраму рамазон аз пули худ ош пухта қориҳоро даъват карда ба арвоҳи падарашон хатми Қуръон мекунонанд. Азбаски мо фарзанду дастёр надорем, ошро ба пеши қориҳо худам бароварда ҳамроҳи онҳо мехӯрам.

– Худатон, ки қорӣ ҳастед, чаро хатми Қуръони занонатонро худатон карда пули онҳоро намегиред ва чаро роҳ медиҳед, ки он пул аз хонаи шумо баромада ба кисаи бегонаҳо даромада равад? – бойбача пурсид.

– Ман ҳазор бор ин корро кардан мехостам, аммо занони мӯйдарози ақлкӯтоҳ қабул намекунанд, «шумо Худоро ҳам фиреб медиҳед, Қуръон нахонда пули моро мегиред»

мегӯянд, – гуфт Қориишкамба ва илова намуд, – лекин ман ҳам барои ба кисаи худ даровардани як қисми он пулҳо роҳ ёфтам.

– Чӣ навъ? – ман пурсидам.

– Одатан занонам дар хатми Қуръон се нафар қорӣ даъват мекунонанд ва барои ҳар як кадоми онҳо дар як коғаз ҳафт танга печонда ба ман медиҳанд, ки ба қориҳо бароварда диҳам. Ман дар роҳрав аз ҳар кадоми он коғазпечҳо дутангагӣ гирифта ба кисаи худ андохта боз он коғазҳоро монанди аввалӣ печонда бароварда ба қориҳо медиҳам, дар натиҷа ҳар кадоми он қориҳо ба панҷ танга соҳиб шаванд, ман ба шаш танга соҳиб мешавам.

– «Шаш тангаро аз ҳаққи қориҳо медуздам» гӯед ! – гуфт бойбача.

– Чаро ин кор дуздӣ мешудааст? – гуфт Қориишкамба қадре шӯрида, – агар он қориҳо Қуръон хонда пул гирифта бошанд, ман ҳам аз онҳо бештар ва хубтар Қуръон хонда ба арвоҳи падарарӯсонам бахшида пул гирифтаам. Ин кори хуби маро занони аҳмақам надонанд ҳам, Худо медонад.

– Суханро дароз карда таъсири сарморо паст намуда наметавонед, Қориамак! – гуфт бойбача, – агар аз пул умед дошта бошед, базудӣ як хокандоз оташи навшукуфта биёред, ки поям ях баст, дастам ҳам карахт шуд, акнун токати нишастан ҳам надораму пул шумурдан ҳам.

– Ҷойеро нишон мегиред, ки агар тиратон ба он ҷо расад, ҷони кас мебарояд! – гӯён Қориишкамба аз ҷояш бархост ва ба миёнаҷойи хона рафта он ҷоро пойкӯбӣ кардан гирифт ва илова кард: – агар оташ набарорам, бо пул надодан тарсондан аз ҳамин гуна нишонагариҳои шумо аст.

Дақиқае нагузашта овози пойи ба сари зина баромадани касе шунида шуд. Қориишкамба ба он кас:

– Аз сандалии хонаи дарун як хокандоз оташ барор! – гӯён овоз дод.

Баъд аз дақиқае дар сари зина як хокандоз пайдо шуд. Қориишкамба рафта хокандозро овард, ки дар вай аз оташ зиёдтар хокистар буд ва ӯ он хокандозро ба оташхонаи сандалӣ гузошт.

– Чаро оташро дар сандалӣ нарехта бо хокандоз гузоштед? – ман аз Қориишкамба пурсидам.

– Ин ҳикмат дорад!

– Чӣ ҳикмат дорад? – боз пурсидам.

– Баъд мефаҳмед.

Мо поҳоямонро ба даруни сандалӣ дароз кардем.

Он оташ чандон гармӣ надошта бошад ҳам, ях ва барфҳои масҳиҳои моро об кардан гирифт.

– Сандалиатон пештар яхдон бошад, акнун яхобдон шуд! – гуфтам ман.

– Зарар надорад, аз хонаи ман ба ҷойи ба дилатон оби сард задан, яхоб зада меравед, ки ин ҳам сабаби хотирҷамъии шумо, ҳам боиси осудагии ман мешавад, – гуфта Қориишкамба зимнан маълум кард, ки ҳанӯз ӯ дар ҳаққи ман бадгумон аст.

– Зудтар дафтаратонро бароред! Ҳисобиатонро баробар карда барвақттар баргардем, ки дар ин хона одам дер монад, ях баста мемирад, – гуфт ҳамроҳи ман.

Қориишкамба аз ҷояш хеста бойбачаро барои берун баромадан имо карда, худ аз хона баромад ва бойбача ҳам ба ман як чашмак зада аз дунболи ӯ берун рафт. Баъд аз он ки ҳар дуи онҳо дар берун қадре гӯшакӣ карда бо ҳам паст-паст гап заданд, Қорӣ аз зина фуромада рафт ва бойбача хандакунон ба хона даромад.

– Чӣ кори махфӣ будааст? – ман аз бойбача пурсидам.

– Ҳеҷ кор не, одати судхӯрон ҳамин аст, – гуфт бойбача ва эзоҳ дод, – ӯ мегӯяд, ки «ман шабона аз шумо пулро гирифта дар пеши як одами бегона дар хонаам намемонам. Ман рафта касеро гирифта меорам, ки ба ӯ дилам пур мешавад ва эътимод дорам, баъд аз он аз шумо пул мегирам ва ба дафтар менависам. Баъд аз он ҳамроҳи он одам пулро бардошта бо ҳамроҳии шумоён ба кӯча мебароем, шумо ба ҷойи худ меравед ва ман бо он одам пулро бурда ба ҷойе, ки худ медонам, мегузорам. То ин ки рафиқи шумо гумон накунад, ки ман шабона дар хонаам пул мемондаам.

Ман бо шунидани ин суханҳо аввал аз Қорӣ сахт ранҷида бошам ҳам, зуд ранҷишам бартараф шуд, чунки ба ин дараҷа

расидани шубҳа ва бадгумонии одам аз ҷумлаи бемориҳои девонагӣ аст, гуфта дар дили худ қарор додам. Албатта, аз девона ранҷидан дуруст нест, ҳатто ба ҳоли вай раҳмам омад, ки он бечора то охири умраш дар натиҷаи ин беморӣ азоб хоҳад кашид…

Ман дар ин гуна фикру хаёлҳо будам, Қориишкамба бозгашта омада аз зина ба болохона баромад. Аммо ӯ танҳо буд.

– Магар одаматонро наёфтед? – гӯён бойбача ба ӯ суол дод.

– Ҳанӯз ба он одам нарафтаам, як кори зарур ба ёдам омад, ки аз роҳ баргашта омадам, – гуфт Қориишкамба ба мо наздик расида омада ва «кори зарураш»-ро эзоҳ кард: – шумо ҳар ду якдигарро ва овози якдигарро мешиносед ва ҳозир ғайри суҳбат карда нишастан кори дигар ҳам надоред, барои ин кор лампа сӯхтан ҳоҷат нест, исроф аст. Харҷи барзиёд аст. Бинобар ин, ман лампаро хомӯш карда бурда ба сари зина мемонам ва дар вақти омаданам боз аз лампаи занон даргиронда оварда дар рӯшноияш ҳисобро баробар мекунем. Дуруст аст?

Пеш аз он ки мо ба ин суолаш ҷавоб диҳем, лампаро аз пеши мо бардошта гирифта бурд ва ба сари зина вайро хомӯш карда монда аз дарвозааш баромада рафт.

* * *

– Модом ки «мо якдигарро ва овози якдигарро мешинохта бошем ва барои суҳбат карда нишастанамон рӯшноӣ зарур набудааст», биё бо ҳам гуфтугузор карда нишинем, – гуфтам ман ба бойбача ва илова карда пурсидам:

– Ту, ки падари савдогар дорӣ ва ман медонам, ки тамоми нақду насяи падарат дар дасти ту аст, пас чаро ту ба қарз муҳтоҷ шудӣ? Ин масъала дар пеши ман монанди муаммо сарбастааст, агар ин муамморо кушода медодӣ, ман хеле хурсанд мешудам ва дилгирие, ки аз суҳбати ин мумсики дарунсиёҳ дар ман пайдо шуд, бартараф мегардид.

– Модом ки дили ман ба шумо пур шуда ҳамроҳи худ гирифта оварда сирри қарздории худро ба шумо кушода додам, аз кушодани сабаби қарздориам ҳам ҳеҷ ибо ва мулоҳизае надорам, – гуфт бойбача ва сабаби қарздориашро шарҳ дод, –

чунонки медонед, ман бо падарам дар як дукон менишинам ва азбаски падарам бесавод аст, чунонки худ гуфтед, ҳама нақду насияҳояш дар дасти ман аст. Ман гоҳо ба тақозои ҷавонӣ панҷсад ё ҳазор тангаро аз пули аз фурӯшомада гирифта ба комҷӯиҳои худ сарф мекунам. Гоҳо мешавад, ки баъд аз ин гуна харҷи ман ба бонк ё ба савдогарони калоне, ки мо аз онҳо мол мегирем, пул додан даркор мешавад. Дар ин гуна мавридҳо барои нафаҳмондани камомади дукон ба падарам он маблағро аз ҷойе қарз гирифта ҷойи он камомадро пур карда мемонам ва ҳамин тарз шуда ман ба қарз муҳтоҷ мешавам. Баъд аз он аз савдои ҳаррӯза кам-кам бозёфт карда маблағи қарзу фоидаи вайро таҳия намуда ба қарзхоҳ мепардозам.

– Дуруст аст, ки ҳамаи инҳо дар зиндагонии бойбачаҳо шуданист, – гуфтам ман, – модом ки ба қарз муҳтоҷ шудӣ, чаро аз ҳамин ҳайвони дупо қарз мегирӣ? Чаро аз ягон ҳинду ё аз ягон судхӯри дигар қарз намегирӣ?

– Аввал ин ки ҳамаи судхӯрон хоҳ ҳинду бошанд, хоҳ мусулмон бо ҳамин атвору кирдор ҳастанд, ки дар Қориишкамба дидед! Дувум ин ки аз ҷойи дигар қарз кунам, бими кушода шудани сиррам дар пеши падарам ҳаст. Қориишкамба бошад, дар бобати қарздиҳӣ ва пулгирӣ сар медиҳад, ки сир намедиҳад. Бинобар ин, аз ин «ҳайвони дупо» қарз мегирам…

* * *

Бо шунида шудани овози пойи касе, ки аз зина боло мебаромад, сухани бойбача бурида шуд. Оянда Қориишкамба буд, ки лампа ба даст меомад ва дар паси ӯ як каси дигар буд. Қорӣ лампаро оварда бар рӯйи сандалӣ гузошт, мо дар рӯшноӣ одамеро, ки Қорӣ ҳамроҳи худ оварда буд, шинохтем: ин саройбони сарои «Кафказ» буд, ки дар вай кантураи «Кафказ – Меркурий» ном ширкати нақлиёти Русия ҷой гирифта буд.

Қориишкамба баъд аз лампаро оварда ба рӯйи сандалӣ ниҳодан рафта аз хонаи дарун дафтарашро овард ва ба бойбача ҳисобашонро баробар карда, пули нақдро Қорӣ қабул намуд ва санади қарздориро бойбача гирифта дарронда дар кисааш гузошт. Мо барои рафтан аз ҷой бархостем.

– Андак сабр кунед! Ҳамроҳ мебароем, – гуфт Қориишкамба. Ӯ лампаро ба дасти саройбон дода дафтарро ба дасти худ гирифт ва бо дасти дигараш аз сандалӣ хокандозеро, ки дар аввали омадани мо бо оташ гузошта буд, бардошта баровард. Дар хокандоз осори оташ наменамуд ва ба ҷойи оташ хокистар буд.

– Ин хокистарро чӣ мекунед? – Ман аз Қорӣ пурсидам.

– Ин тамоман хокистар не, ҳанӯз оташ дорад. Агар бо хокандоз нагузошта дар даруни сандалӣ мерехтам, албатта, то ҳол тамоман хокистар мешуд. Акнун бояд ҳикмати оташро дар сандалӣ бо хокандоз ниҳоданамро фаҳмида бошед, – гуфт Қорӣ ва барои ҷавоби пурсиши ман илова намуд, – ин хокистари оташолудро дар сандалии хонаи дарун меандозам ва то рӯз поҳоямро бар рӯйи вай дошта гарм карда мехобам.

Мо аз зина ба роҳрав фуромада аз он ҷо ба кӯча баромадем. Қориишкамба занонашро ҷеғ зада қуфл карда мондани дарвозаро ба онҳо таъйин намуд ва ба касе накушоданашонро ҷудогона таъкид карда аз дарвоза баромада бо мо ба роҳ даромад.

Аз сари растаи кафшу масҳифурӯшӣ мо аз ҳам ҷудо шудем: Қорӣ бо саройбон аз таки долони раста раҳсипор шуданд ва мо аз пеши кӯли обгурези гузари Кемухтгарон гузашта ба тарафи манзили худ рафтем. Ҳанӯз барф меборид, барфи кӯча то буҷулаки пойи одам мерасид. Сардии ҳаво баланд шуда буд.

X

Акнун, ки ба муносибати воқеаи Қориишкамба дар бораи ошнои деринаам – бойбача қадре сухан ба миён омад, лозим шуд, бар болои аҳволи ӯ васеътар истам.

Ошноии ин бо ман аз марҳум Муҳаммадсиддиқи Ҳайрати[1] шоир, ки яке аз дӯстони наздики ман буд, ба ман мерос монда буд. Бойбача ҷавони бад набуд, ба мо барин муллобачаҳои пойлучи саҳроӣ монанди бойбачагони дигари Бухоро калонгирӣ ва бадҳавоӣ намекард, улфат ва рафтуояш ҳам бо мо буд, аз ҷамъияти бойбачагон канора гирифта буд.

[1] **Муҳамадсиддиқи Ҳайрат** (1876-1902) – шоири равшанфикри тоҷик, ки ашъораш аз ғазал, рубоӣ ва мухаммас иборатанд.

Падари ин бойбача боз як симои дигар буд. Ӯ бесавод буд, лекин бесаводии худро аз ҳама, ҳатто аз ман ҳам, ки бо писараш ошнои наздик будам, пинҳон медошт. Бисёр воқеъ шудааст, ки ман аз раста аз пеши дукони ӯ гузарони роҳ мешудам. Дар ҳамон вақт агар писараш, ки саводнок буд, дар дукон набошад ва хатте ҳам аз ҷойе омада бошад, маро ҷеғ мезад:

– Марҳамат кунед, як пиёла чой хӯред!

Ман ба сари дукони ӯ менишастам.

Ӯ он хатро бароварда ба дастам медод. Ман хатро аз назарам гузаронида:

– Хонда диҳам? – гуфта мепурсидам.

– Не, ҳама ҷояшро хондан лозим нест, худам хондам, лекин баъзе ҷойҳояшро дуруст бароварда натавонистам, чашмам пирӣ кард, ҳамон ҷойҳояшро нишон медиҳам, ба ман фаҳмонда диҳед, мешавад.

Ӯ бо нишон додани «баъзе ҷойҳои» хат сар мекард: як сатрро аз поёнтари хат, ки одатан дар он ҷоҳо муддао менавиштанд ва ба болояш қалам кашида ҳам мемонданд, нишон медод. Ман мехондам. Агар аз он ҷо муддао дуруст равшан нашавад:

– Андак аз болотар хонед! – мегуфт.

Ин муддаоро, ки фаҳмид, боз як ҷойи дигари ба болояш қалам кашидашудаи хатро нишон дода мехононд…

Ба ҳамин тариқ, ӯ гоҳо аз поён, гоҳо аз боло нишон дода тамоми хатро ғайр аз чанд сатри аввали хат, ки одатан дар он ҷо дуюю салом менавиштанд, нишон дода мехононд.

Ӯ муллотарош буд. Дар вақтҳое, ки дасташ аз савдо холӣ бошад, баъзе муллоҳоро ба сари дуконаш ҷеғ зада, баъзе масъалаҳои диниро, ки нӯгирӯмолӣ[1] карда гирифта буд, ба миён меандохт ва бо онҳо мунозира мекард.

Баъзе вақт ба пеши ман ҳам ҳамин гуна масъалаҳоро монда маро ба мунозира кашидан мехост. Аммо ман «вақт надорам» ё «ҳавсала надорам» гӯён гузашта мерафтам.

Ӯ бо ин ҷавоби ман табассуми истеҳзокоронае карда истода:

---

[1] **Масъалаҳои нӯгирӯмолӣ** – дар истилоҳи мадрасаҳои Бухоро масъалаҳое буданд, ки касе онҳоро даҳанакӣ ёд карда гирад ва дар ҳар ҷо дастмояи мунозира созад (шарҳи нависанда).

– «Шайхро ҳунар нест, хонақоҳ танг аст» – гӯён ба ман таъна мезад ва баъд аз он ба насиҳат медаромад:

– Шумо, домулло, ба «Ҷузъиёт»[1] ғарқ шуда рафта аз корҳои зарурӣ дур мондед. Шумо ба шеърхонӣ ва ба шеъргӯӣ бисёр машғул нашавед. Кадом шоир бой шудааст, ки шумо шавед? – мегуфт.

Ӯ шайхтарош ва тақвофурӯш[2] буд ва зӯр мезад, ки ҳар корашро мувофиқи шариат карда адо намояд. Ба халоҷо пойи чапро пеш партофта даромадан, ба масҷид ва ба хонаҳои дигар пойи ростро аввал партофтан корҳое буданд, ки ӯ инҳоро ҳеҷ тарк намекард ва ба дигарон ҳам таълим медод.

Писарашро ҳам сахгирӣ мекард, ки ҳама вақт мувофиқи шариат ҳаракат кунад, ҳатто ӯро аз чилимкашӣ, ки дар Бухоро қариб умумӣ буд, манъ мекард.

Аммо писараш аз ӯ пинҳонӣ на танҳо чилим мекашид, ҳатто шароб ҳам менӯшид, ки ин кор он вақтҳо дар Бухоро сахт мамнӯъ буд.

Ӯ дар харҷи рӯзгораш хеле сарфакорӣ мекард ва ҳамаи хароҷотро аз дасти худ мегузаронид. Писарашро сахт манъ карда буд, ки на дар хона ва на дар кӯча як пули сиёҳ ҳам харҷ накунад.

Писараш соле ду бор бо ризои падараш меҳмондории рӯйирост мекард, яке аз инҳо дар беруни шаҳр – дар боғаш, дигарӣ ҳам дар беруни шаҳр, дар вақти сайри гули сурх, дар сари мазори Баҳоваддин[3] барпо мешуд.

Меҳмононе, ки дар ин зиёфатҳо бо ризои бой хабар карда мешуданд, аз панҷ ё шаш нафар зиёд набуданд, ба инҳо ду писари хурди бой ва як хизматгораш ҳам зам мешуданд. Аммо бойбача пинҳонӣ ҳамаи ошноҳояшро хабар мекард.

---

[1] **«Ҷузъиёт»** – дар истилоҳи мадрасаҳои Бухоро шеър ва адабиётро ҷузъиёт меномиданд ва касеро, ки ба адабиёт шуғл дошта бошад, «ҷузъиётчӣ» мегуфтанд. Баъзе муллотарошҳо ҳам аз забони мадраса гирифта шоиронро «ҷузъиётчӣ» мегуфтанд (шарҳи нависанда).

[2] **Шайхтарош ва тақвофурӯш** – касе, ки зоҳиран одатҳои диниро батамом иҷро менамояд.

[3] **Мазори Баҳоваддин** – Хоҷа Баҳоуддини Нақшбанд (1318-1389) яке аз калонтарин шайхҳои мутасаввиф аст, ки дар асоси таълимоти ӯ дар охири асри XIV дар тасаввуф шохае бо номи Нақшбандия пайдо шуда дар Бухоро, Самарқанд, мамолики Хуросон ва Ҳиндустон паҳн шудааст.

Бой дар рӯзи зиёфат мувофиқи он касоне, ки шумораи онҳоро медонист, аз хона бадаста биринҷу равған ва нони хонагӣ медод. Гӯшт, сабзию пиёзро ҳам аз бозор худаш харида медод. Барои саворӣ аробаи кӯтаки[1] худро ба асп мебандонд. Ду писари хурдашро дар гӯшае бурда гӯшашонро тофта таъйин мекард, ки агар бародарашон ҳар кори пинҳонӣ ё харҷи барзиёд, ки кунад, омада ба вай хабар диҳанд.

Дар ин гуна зиёфатҳо ман ҳам яке аз он меҳмонони рӯйирост будам. Хӯрокворихоро дар хӯрҷин андохта аробаи кӯтакро савор шуда ба роҳ медаромадем.

Ҳамин ки аз шаҳр баромадем, бойбача аробаи кӯтакро дар гӯшае аз роҳ бозмедошт ва аз бародарони хурдтаракаш мепурсид:

– Фойтун савор шуданро мехоҳед?

– Мехоҳем, мехоҳем!

– Ба ҳамин шарт фойтун мебиёрам, ки ҳеҷ корро ба падарам хабар надиҳед, ҳарчанд пурсанд ҳам, чизе намегӯед.

– Намегӯем, намегӯем!

Бойбача ба биржа рафта ду фойтуни нави дуаспайи аспонаш бардами зангӯладорро меовард. Мо ба он фойтунҳо савор шуда раҳсипор мегардидем. Аммо ба аробаи кӯтак, ба ҷойи мо, ба болои хӯроквории аз ҳавлӣ овардашуда хӯрокворихои гуногуни дигар, ки бойбача аз таги дарвоза мехарид, бор карда мешуданд.

Вақте ки ба зиёфатгоҳ расидем, аз дунбол меҳмонони пинҳонӣ ҳам ба фойтунҳо савор шуда расида мерафтанд. Албатта, пули кирои он фойтунҳоро ҳам бойбача медод…

Аммо бой дар дили худ «ба зиёфатҳое, ки писарам як соли дароз хӯрда омадааст, ба ин гуна осонӣ ва бо харҷи кам ҷавоб гардондам» гӯён хурсандӣ мекард.

* * *

Чиллаи зимистон буд, сармои сахт ҳукмронӣ мекард. Дар Бухоро, ки одатан камбориш аст, як ҳафта боз – аз шаби ба ҳавлии Қориишкамба рафтанамон боз монугир барф меборид.

[1] **Аробаи кӯтак** – аробаи дучархаи баланд.

Мардуми Бухоро ҳавлиҳои танги худро, ки гӯё ҳама ҷояш бом аст, рӯзе ду се бор рӯфта барфашро ба кӯчаҳо мепартофтанд. Кӯчаҳои танги шаҳр аз барфи ҳавлиҳо чунон пур шуда буданд, ки қариб ба бомҳо мерасиданд. Ҳар кас барфи пеши ҳавлии худро бо бел ва каланд чоҳчавор кофта дар он ҷо зина сохта ба кӯча мебаромад.

Ман, ки либосам он қадар гарм набуд, дар рӯзи охирини ҳафтаи дарси мадрасаҳои Бухоро, ки сешанбе буд, ба дарс нарафтам, дари ҳуҷраро баста хобидам…

Соатҳои даҳи рӯз дари ҳуҷраам кӯфта шуд. Кушода дидам, ки бой будааст. Ман бисёр тааҷҷуб кардам, зеро ӯ ба ҳуҷраи ман ҳеҷ наомада буд. Аз саросемагӣ ба ҷойи ин ки «марҳамат кунед» гӯям:

– Ҳа, чӣ хизмат? – гуфта сар додам.

– Як сари қадам ба ҳавлии ман биёед, – гуфт ӯ.

– Хуб, – гуфтаму бо ҳамроҳии ӯ ба роҳ даромадам. Бой дар роҳ чизе нагуфт. Ман ҳам сухане надоштам, ки ба ӯ гӯям. Хомӯшона роҳ мерафтем. Аз ваҷоҳати бой маълум мешуд, ки дар сараш рӯзи хеле сахте афтодааст…

Мо ба ҳавлии ӯ даромадем. Меҳмонхонаашро кушод. Ман дар сандалӣ нишаста поҳоямро ба оташ тофтам.

Бой ба хонаи дарунаш рафта барои ман чою нон оварда ба болои сандалӣ гузошт. Худаш ҳам дар як кодок нишаст. Мо ба чойнӯшӣ даромадем.

Ҳоло ҳам бой чизе намегуфт ва дар ҳавлии берунаш ғайр аз худаш каси дигар ҳам набуд.

Оқибат ман аз дам нишастан танг шуда:

– Писаратон дар куҷо? – гӯён пурсидам.

– Дар дукон, – гуфт дар ҷавоб ва илова кард:

– Ман, ки ин ҷо омадам, дар дукон нишастани ӯ лозим аст. Дуконро рӯзона баста монда намешавад.

– Шумо чаро дар вақти гармии бозор дуконро партофта ба хона омадед?

– Ба шумо як кор доштам…

Ман дар андеша афтодам, ки «ба ман чӣ кор дошта бошад? То ҳол ӯ маро барои коре ҷеғ назада буд. Як кори хатхононӣ

дошт, ки вай ҳам гоҳо дар раста ва дар набудани писараш мешуд. Магар аз беҷохарҷиҳои писараш хабар ёфтааст ва аҳволи ӯро аз ман, ки ошнои наздики ӯ ҳастам, мепурсад… Агар аз ин хусус пурсад, чӣ ҷавоб хоҳам дод? Агар аҳволи писарашро ба ростӣ гӯям, ба ошноӣ хиёнат мешавад, агар пинҳон дорам, дурӯғ мешавад…». Ман дар ин гуна андешаҳо ғарқ шуда пурсидам:

– Ба ман чӣ кор доред?

– Як кор дорам, намедонам мекунед ё не?

– Агар аз дастам ояд, мекунам.

– Ин кор танҳо аз дасти шумо меояд.

– Хуб, марҳамат кунед, коратонро гӯед.

– Кори ман ин аст, ки шумо як сари қадам ба деҳаи Розмози тумани Вобканд рафта меоед.

– Аз шаҳр то Розмоз, аз ҳуҷраи ман то ҳавлии шумо нест, ки одам як сари қадам рафта ояд. Он ҷо аз шаҳр чор санг[1] дурӣ дорад. Ба он ҷо рафта омадан, хусусан дар ин ҳаво, осон нест.

– Пиёда намеравед…– гуфт ӯ мад кашида, – ман ба шумо аспи худамро зин карда медиҳам.

– Либосам тунук ва барфуборонгузар аст, чакман ё ин ки ҷомаи боронӣ надорам.

– Ман ба шумо чакмани босмаи худро медиҳам, ки аз вай на хунук мегузарад ва на барфу борон, – гуфт бой ва як сония хомӯш монда ба андеша фурӯ рафт. Магар фикр мекард, ки мабодо ман чакманро тамоман аз они худамшуда напиндорам, бинобар ин илова кард:

– Ман чакманамро тамоман ба шумо медодам, лекин худам чакмани дигар надорам. Ба ҳар ҳол хизмати шуморо муфт намеравонам, ё чой ё пули чойро медиҳам.

– Агар ман ин хизмати шуморо адо кунам, на аз барои музд, балки барои ошноии чандинсолаи писаратон мекунам. Вагарна оқил дар ин гуна ҳаво барои музд худро дар таҳлуқа намеандозад.

– Офарин, домулло! – гуфт бой бо хурсандӣ. – Ман шуни-

[1] **Санг** – шакли кӯтоҳшудаи фарсанг ё фарсах. Як фарсанг тақрибан ба ҳашт км баробар аст.

да будам, ки ғиҷдувониҳо[1] дар роҳи ошноӣ худро ба куштан ҳам медиҳанд. Дар ҳақиқат рост будааст…

Бой аз ҷойи бисёр нозуки ман гирифта буд. Ман он вақтҳо як ғиҷдувонии бисёр аҳмақ будам, як корро дар роҳи ошноӣ накардан ё карда натавонистани як ғиҷдувониро барои ҳамаи ғиҷдувониҳо ор медонистам. Ман он вақтҳо чунин ҳис мекардам, ки агар ман ин корро накунам, гӯё ҳамаи ғиҷдувониҳо ба ман мегуфта бошанд, ки «ту як кӯчароҳи андак душвори ошноиро нарафтӣ, номи ғиҷдувониҳоро паст кардӣ ва обрӯйи ҳамаи моро дар пеши шаҳриён резондӣ, туф бар ту!».

– Хуб, ин як кӯчароҳи ошноӣ аст, ҳар чӣ шавад, меравам, – гуфтам ман бо қатъият.

Бой чун дид, ки сухани охиринаш ба ман хуб таъсир кард, маро боз аҳмақтар кардан хоста гуфт:

– Абдунабӣ ном як хизматгори нотарси қадрдон доштам, медонед, ки ӯ бемор шуда ба хонааш рафт ва мурд. Писарам он дилу гурдаро надорад, ки дар айёми зимистон, дар вақтҳое, ки ҳамаи ёбонҳо холианд, ба чор санг роҳ рафта омада тавонад. Хусусан ба тарафҳои Розмоз, ки бештарини онҳо авлоди Файзиавлиёанд,[2] на танҳо писари ман, ҳеҷ кадоми аз шаҳриён ҳам дар ин вақти сол ба он ҷоҳо рафта наметавонад, агар равад ҳам, камаш асп ва либосашро мегиронад. Бинобар ин, ман шуморо заҳмат додан хостам, ки як ғиҷдувонии бисёр нотарсед.

– Зарар надорад, авлоди Файзиавлиё он тараф истад, худи Файзиавлиё зинда шуда аз пеши роҳам барояд ҳам, ман «калло балло» гуфта метавонам! – гуфтам бо ғурури ғиҷдувонигӣ ва илова намудам:

– Кай меравам?

– Ҳамин рӯз, ҳамин соат.

– Рӯз бевақт шуд. То тайёр шуда баромадан соат як мешавад, то шаб чор соат вақт мемонад, дар ин муддат, дар ин ҳаво

---

[1] Ба тумани Ғиждувони Бухоро нисбат доштани талабаи мадраса – Садриддин Айнӣ дар назар аст.

[2] **Файзиавлиё** аз яккадуздони машҳури Розмоз буда, хонаи бойҳо ва пулҳои аз андоз ғуншудаи амлокдорҳои амирро ба танҳоӣ медуздид. Ӯро амир Музаффар ба даст дароварда аз манори Бухоро партофта кушта буд.

ва ин роҳи вазнинро тай карда ба он ҷо рафта расидан мумкин нест.

– Душвории ин кор ҳам дар ин аст, ки ҳамин рӯз рафта ба он ҷо расидан даркор аст. Фардо аз он ҷо ду одамро ҳамроҳи худ гирифта меоред. Онҳо ба ман рӯзи панҷшанбе пагоҳонӣ дар вақти чой даркоранд. Агар ин мақсад дар вақти муайяне, ки гуфтам, ба даст надарояд, аз ҳеҷ ба даст надаромадан фарқ надорад.

– Хуб, ҳар чӣ бодо бод, аспро зин кунед, – гуфтам ман бо ғурури аввалӣ.

Вай ба зин кардани асп рафт. Ман дар хаёли худ роҳи пурбарфру яхи чорсангиро, ки сию ду километр мешавад, тасаввур мекардам…

Бой аспро зин карда, бозгашта омада ба ман:

– Марҳамат кунед, асп тайёр шуд! – гуфт.

– Охир, ман он ҷо ба пеши кӣ меравам ва киҳоро гирифта меорам? – гуфтам бо тааҷҷуб.

– Дар воқеъ ман аз саросемагӣ ин ҷойи корро фаромӯш кардаам, – гуфт бой кисабағалашро кофта истода ва аз он ҷо як хатти лифофанокро бароварда ба ман дода давом намуд:

– Дар деҳаи Розмоз арбоб Ҳотам ном як одами баобрӯй ҳаст. Рост ба ҳавлии ӯ меравед, ин хатро бо нимча чой, ки онро дар хӯрҷин андохтаам, ба ӯ медиҳед. Ӯ он одамонеро, ки ба ман даркоранд, ёфта ба шумо ҳамроҳ мекунад. Шумо гирифта овардан мегиред.

Ман хатти бойро ба кисабағали худ монда, чакмани ӯро пӯшида, аз меҳмонхона баромадам. Бой хӯрҷинро, ки дар як лингаш як нимча чой буд, бар рӯйи зин партофт, аспро кушода ба сараш лаҷом зад, нӯхтаи аспро дар линги холии хӯрҷин андохт. Аспро етак карда аз дарвоза ба кӯча баровард.

Ман дар сари кӯча ба асп савор шуда аз дасти бой қамчинро гирифтам. Бой аз бағалаш як нони хонагӣ бароварда ба ман дода:

– Дар роҳ нон гирифта баромадан хосияти бисёре дорад, бо шарофати нон раванда аз хатарҳо эмин мемонад, – гуфт ва ба қибла нигоҳ карда дастонашро ба ҳаво бардошта, – Худо ба

шумо роҳи сафед диҳад! – гӯён дуо кард ва дастонашро бар рӯ кашид.

Ман нонро дар бағалам андохта ба роҳ даромадам…

* * *

Аз кӯчаҳои танги Бухоро, аз болои тӯдаҳои қаторкӯҳмонанди барфҳо савора гузаштан душвор буд. Бинобар ин ман ба зудӣ худро дар роҳи калони аробагузари дарвозаи Мазор[1] гирифтам. Ҳарчанд чап ҳам бошад, бо он роҳ рафта аз дарвозаи Мазор аз шаҳр баромадам ва баъд аз он таг-таги қалъа рафта аз пеши майдони Машқи сарбоз[2] гузашта ба паҳлуи дарвозаи Самарқанд расидам ва аз он ҷо ба роҳи калони Бухоро – Ғиҷдувон даромадам…

Ин роҳ хеле васеъ буд, дар ин роҳ тӯдаҳои барф набуданд, лекин ба ҷойи онҳо сар то сари роҳро, гӯё ки асфалтфарш карда бошанд, яхи сахти сиёҳчаранг фурӯ гирифта буд. Барфи бисёр бо суми аспу хари равандагон ва бо чархи оҳандори аробаҳо молиш хӯрда фарши «асфалтӣ» шуда буд. Дар ин роҳ асп ҳар қадаме, ки мемонд, пояш лағжида мерафт, ки шикамаш қариб ба замин мерасид…

Ду тарафи роҳ – майдонҳои кишт, кӯлҳои обпарто, заҳкашҳо, ҷӯйҳо, ҷарҳо ва ҳамаи пастию баландиҳо бо барф пур шуда ҳамвор гашта буданд, ба ҳар тараф, ки нигоҳ кунед, барфи дурахшони сафед чашматонро мебурд.

Ҷӯйҳои сарироҳӣ ҳам дамида баромада бо пулҳо ва роҳҳо ҳамрӯй шуда буданд. Баъзан обҳои ҷӯйҳо бар рӯйи яхҳои роҳҳо шорида рафта, ях баста, «асфалт»-и роҳро дуқабата карда буданд.

Дарахтони бед, гуҷум ва тут ҳам монанди зардолуҳои дар баҳорон шукуфта шукуфазореро ба назаратон ҷилва мекунониданд. Ҳайфо, ки аз тарси хароб шудани чашм ин «шукуфазор»-ро бо серӣ тамошо кардан мумкин набуд.

---

[1] **Дарвозаи Мазор ё Дарвозаи Мазори шариф** – яке аз ёздаҳ дарвозаи Бухоро, ки дар тарафи ғарбии шаҳр ҷой гирифтааст.

[2] **Майдони машқи сарбоз дар байни ду роҳ** – роҳи Вобканду Ғиждувон ва роҳи Файзободу Дилкушо воқеъ буд.

Дар саҳро ҳеҷ ҷонзоде наменамуд, танҳо зоғҳои ало гурӯҳ-гурӯҳ шуда барфбозӣ карда мегаштанд, чунонки мурғҳои хонагӣ хокбозӣ кунанд, онҳо бо сари синаашон ба барф хобида бо панҷаҳошон барфҳоро ба зери болҳошон пош медоданд ва ба тариқе, ки мурғобиҳо сари худро ба об фурӯ медиҳанд, инҳо ҳам сари худро ба барф меғӯтонданд. Агар ихтиёри луғат ва ном сохтан ба дасти ман мебуд, ман зоғҳои алоро «мурғи барфӣ» меномидам. Хомӯшии ин саҳрои мурдаи пурбарфро ҳам танҳо қар-қари ҳамин зоғҳо халалдор мекард. Дар деҳаҳо ҳам ҳеҷ кас наменамуд. Танҳо бар болои бомҳои аз барф сап-сафед дудҳои сиёҳи ғализи саргин, хазон ва хошок гардиш мекарданд, ки танҳо ҳаминҳо аломати ҳаёт буданд, танҳо ҳаминҳо буданд, ки ваҳшати деҳаҳои холӣ ва хомӯшро камтар мегардониданд…

Дар вақти ба Галаосиё расидани ман, ки аз Бухоро як фарсах масофат дорад, аср шуда ба фурӯ рафтани офтоб як соат монда буд. Ман аз бими дар торикии шаб дар ин роҳи пурдаҳшат ва саҳрои пурваҳшат мондан саросема шуда аспро қамчин мезадам. Аммо вайро ҳеҷ маҷоли қадам задан намонда буд. Аз гӯш, гардану поҳояш монанди чилчӯби нишаллопазон кафк мепарид, аз тамоми баданаш монанди доши[1] пиллакашон бухор мебаромад. Ёлу думаш бошанд, монанди мӯйи пӯпакдори духтарони он замон аз ях шавшулак баста буданд.

Акнун бими он буд, ки дар ҳар қадам задани асп ман аз болои он, монанди тарбузи бар рӯйи зин ниҳодашуда, муаллақзанон парида равам…

Вақте ки ман аз Галаосиё гузашта ба тарафи Ялангӣ раҳсипор гардидам, аз дур бар болои роҳ гурӯҳҳои зоғон намуданд, ки онҳо гоҳо мепариданд ва гоҳо менишастанд. Аз онҳо болотар дар ҳаво якчанд мурғони лошахӯр ҳам менамуданд, ки онҳо бол назада гардишкунон чашмашонро бар рӯйи замин дӯхта буданд.

Асп хӯсидан гирифт, аммо бо зарби қамчини ман маҷбур буд, ки қадам пеш монад…

Ба гурӯҳи зоғон наздик расидам. Дар канори роҳ асперо пӯст

[1] **Дош** – оташдони калоне, ки дар вай оташи бисёр афрӯзанд.

канда партофта буданд. Маълум мешуд, ки он аспи бечора аз сахтии роҳ ё бекувватии худаш ҷон додааст, ё ин ки ғалтида гарданаш шикастааст. Соҳибаш пӯсти онро канда гирифта гӯшташро ба мурдорхӯрон «садақа» гӯён монда рафтааст.

Дар пеши лошаи асп се-чор саг ҳам буд. Сагҳо ба якдигар ғур-ғуркунон гӯшт меканданд ва мехӯрданд. Гоҳо аз гурусначашмӣ, чунонки империалистон ба якдигар часпанд, уввозанон ба сару рӯйи якдигарашон чангол ва дандон мезаданд ва боз гӯштхӯрии худро давом медоданд. Зоғҳо аз ҳар тараф омада ба қадри қувваташон насиба мегирифтанд, аммо ҳамин ки сагҳо ба тарафи онҳо чашм ало карда аккос мезаданд, ба парвоз кардан маҷбур мешуданд. Гӯё инҳо капиталистони майда буданд, ки танҳо бо ризои ҷаҳонгирони калон аз ҷаҳони мазлум навола мегирифтанд. Мурғони лошахӯр бошанд, бо он баландпарвозии худ аз сагҳо метарсиданд, ба лоша наздик омада наметавонистанд, аммо умедашонро канда дур ҳам намерафтанд. Инҳо гӯё як қисм империалистоне буданд, ки аз империалистони фашист метарсиданд ва бо вуҷуди розӣ набуданашон мемонданд, ки фашистон ҷаҳонро хӯрдан гиранд ва бо чашмони норозӣ кори онҳоро тамошо мекарданд… ва гӯё афсӯс мехӯрданд, ки «онҳо ҳамаро бурданд ва барои худашон ҳисса кам монд».

Ман аз он ҷо гузашта ба роҳи худ давом намудам. Шаб омад, торикии он рӯйи ҷаҳонро фурӯ гирифт. Акнун роҳи «асфалтии» сиёҳчаро дидан мумкин набуд. Аммо ду тарафи роҳ бо тобиши барфи якмол сафедча менамуд. Акнун асп бисёр бо эҳтиёт қадам мегузошт, пеш аз ҳар қадам задан ба зери пояш теғ кашида нигоҳ карда ду-се сония фах-фахкунон меистод…

* * *

Дар ҳамин вақт ба ман як фикр илҳом шуд: «Ба тарафи дасти чап ба киштзорҳо бароям, он ҷоҳоро барфҳое пӯшондаанд, ки ҳаргиз қадам нахӯрдаанд ва лағжонак нашудаанд, қадам партофтани асп дар он ҷоҳо осон аст. Агар дар миёна баъзе ҷӯйҳо, заҳкашҳо, кӯлмакҳо бошанд ҳам, зарар надоранд. Он гуна ҷоҳо бояд сахт ях баста бошанд. Яхи баъзе

ҷойҳо шиканад ҳам, тарсе нест, аз он гуна ҷоҳо асп худро ба осонӣ хоҳад берун кашид».

Дарҳол ин фикрро ба амал овардам ва ба тарафи дасти чап аз роҳ баромадам. Дар ҳақиқат ҳам ин роҳи бероҳа бисёр соз омад. Асп, чунонки дар роҳи ҳамвори хушки хокӣ қадам мезада бошад, озодона роҳ мерафт, аз ҷӯйҳо ва заҳкашҳо на ин ки қадам партофта, балки ҷаҳида мегузашт…

Чизе, ки маро ташвиш медод, танҳо ин буд, ки ин бероҳа маро ба мақсад мерасонда бошад ё аз роҳи калон дур афтода аз ягон тарафи дигар сар мебароварда бошам?

Бо ин андеша дар атроф чашм меандохтам, ба ғайр аз саҳрои пурбарф чизе наменамуд, аз деҳот ва ободонӣ асаре набуд…

Баъд аз ягон соат роҳ рафтан, аз тарафи дасти рост ба дурии тахминан ҳазор қадам дуди сиёҳи шарораолуде намудор гардид, ки ба ҳаво печида мебаромад.

Ман донистам, ки ба рӯ ба рӯйи сари бозори Ялангӣ расидаам, ин дуд, албатта, аз танӯри нонвойхонаи он сари бозор ё аз гулхани рӯйиҳавлигии ягон сарои он ҷо баромада истодааст.

Дилам ором гирифт, ки ман аз роҳи калон бисёр дур нарафта будаам ва рост ба тарафи шимол нигоҳ карда аспро рондан гирифтам…

Баъд аз ягон соати дигар роҳ рафтан аз пешам киштзори фарохе баромад, ки кулӯхшудгор[1] карда шуда буд. Кулӯххои ин шудгор чунон калон-калон буданд, ки аз таги барфи ҳамон қадар ғафс ҳам пасту баландии замин намудор мегардид…

Ман ба сари ин шудгор расида аспро бо роҳи рост аз миёнаҷойи шудгор ба тарафи шимол нигоҳ карда рондан хостам. Аммо асп рамид, якраҳагӣ ва инодкорӣ кард ва пойи худро пеш нагузошт. Қамчин задам, ба вай таъсир нанамуд ва ҳар боре, ки қамчин мезадам, сари худро ба пеш хам карда фаххос зада меистод, аммо пеш намерафт.

[1] **Кулӯхшудгор** – шудгорест, ки тиркашро ба сӯрохи нӯги амоч андохта, огардҳоро васеътар гирифта заминро чуқур меронанд, ки аз замин кулӯххои калон-калон мехезад. Ин муқобили майдашудгор аст (шарҳи нависанда).

Ман қамчинро ба дасти чап гирифтам, ба хамгашти тарафи чапи шикаму ронаш, ки аз он пеш он ҷояш ҳеҷ шатта надидааст, ду-се зарба шинондам.

Ба ҷони асп расид, дар ҳолате ки фах-фахкунон тумшуқи худро ба замин бурда буд, ба пеш қадам монд, ду пойи пеши асп ба шудгор, чунонки ба лой фурӯ мерафта бошад, ғӯтид, аммо бисёр дарун нарафт. Асп боз ба он ҷо ором истоданӣ шуд, лекин ман ҳам боз ба тарафи чапаш қамчин задам. Асп ночор ду қадами дигар пеш рафт, аммо ҳамин ки қадами савумро бардошта пеш гузошт, чор пойи вай ҳам ба шудгор фурӯ рафт ва аз ҷойи фурӯрафтаи пойҳояш балаққосзанон об баромада ба намади зин расид ва об бар рӯйи шудгор ҳам равон гардид.

Ман он вақт фаҳмидам, ки ба чӣ фалокат афтодаам, он замини шудгор набуда, балки дарёи Зарафшони яхбаста будааст.

Одатан обҳои калони равон дар сармоҳои сахт, на аз тарафи боло ва на аз ҳар ҷо-ҳар ҷо, балки аз поён ях баста меоянд. Ях бастани обҳои калони равон ба ин тариқа аст, ки шӯшаҳои ях аз боло бо омади об омада поён рафта ба ҷойе банд мешаванд, ба болои ин боз шӯшаҳои дигар омада зам мешаванд. Шӯшаҳо дар вақти ба якдигар часпидан рост хеста мечаспанд, ки рӯйи онҳо монанди сангҳои нотарошидаи қатор чидашуда ноҳамвор мешавад ва монанди яхи ҳавз ва кӯлҳо ҳамвор ва шаффоф намешавад.

Ҳамин намуди зоҳирии кулӯхмонанд аст, ки шабона чашми маро дар хато андохтааст ва ман дарёи Зарафшони яхбастаро замини шудгоршуда гумон карда бар рӯйи вай бе ибо асп рондаам.

Вақте ки асп то шикам фурӯ рафт ва об ба намади зин баромад, ман фаҳмидам, ки ба Зарафшон даромадаам, дарҳол худро аз рӯйи зин ба рӯйи ях гирифтам ва хӯрҷинро ҳам аз болои асп гирифта ба канор ҳаво додам. Барои эҳтиёт кардан аз ин, ки мабодо ях шикаста худам дар яхбурҷа фурӯ наравам, бо як дастам узангуро маҳкам доштам. Агар яхи зери поям мешикаст, ман ба воситаи узангу ба асп андармон шуда аз ғарқ шудан раҳоӣ меёфтам.

То ҷойе, ки тасмаи узангу мерасид, худро пас кашидам. Дидам, ки яхи зери поям маҳкам аст ва тасмаи узангу ҳам дигар намерасад, онро сар додам. Аммо узангу аз дастам ҷудо намешуд ва дастам ба узангуи биринҷӣ ях баста часпида монда будааст.

Дар ҳамин вақт асп як ҷавлон заду узангу аз дастам ҷудо шуд. Лекин дастам, чунонки ба ҷойи сӯхтаи он намак пошида бошанд, тиззосзанон сӯзиш мекард.

Албатта, дар он вақт ба сӯзиши даст диққат карда истодан мумкин набуд ва ба зудию чолокӣ худро ба канор кашидан даркор буд. Ҳамин тавр кардам ва ба канори дарё баромадам.

Аммо асп ҳанӯз дар даруни яхбурҷа буд, он бо як ҷавлони дигар поҳои пеши худро ба тарафи рафти об гардонд, яхи он ҷо ҳам шикаст ва асп ҳам фурӯтар рафт.

Асп баъд аз он ки қадре ором истода ба худ қувват ғун кард, боз як ҷавлон зада поҳои пеши худро ба тарафи канор гардонд. Ба ҳамин тариқа бо ҷавлонҳои яккадармиён ва дам гирифта, дам гирифта асп ҳам худро ба канор баровард ва баъд аз он ки худро як бор сахт афшонд, сар хам карда истод.

Асп, чунонки ӯро вараҷаи сахт гирифта бошад, барги бедвор меларзид ва дар ларзишҳояш ёлу думи аз ях шавшула бастааш шилдирросзанон садо мебаровардand.

Ман ҳам то зону тар шуда будам, либосу масҳиҳоям ях баста буданд. Маро ҳам монанди асп «вараҷа» гирифта буд.

Ман фикр кардам, ки бояд ба сари пули Меҳтарқосим наздик бошам. Бинобар ин хӯрҷинро ба болои асп партофтам, ҳалқаи ҷилави тар шуда яхбастаи аспро аз рӯйи остини чакман ба банди дастам андохтам ва пиёда аспро етак карда аз канори дарё ба тарафи дасти рост, ба сӯйи шарқ нигоҳ карда роҳро пеш гирифтам.

Дар тахмин хато накарда будаам, баъд аз даҳ-понздаҳ дақиқа роҳ рафтанам сиёҳиҳои иморатҳои бозори сари пули Меҳтарқосим намудор шуданд ва баъд аз чанд дақиқаи дигар ман дар растаи болопӯшидаи он ҷо будам.

* * *

Як дукони самоворхонаро кӯфтам. Самоворчӣ бедор шуда дарро кушода дид, ки асп дорам. Одамашро ҳам бедор кард, ки аз дасти ман он ҳайвонро гирифта ба сарой дарорад…

Ман ба даруни дукон ҷойгир шудам ва аспам ба саисхона. Самоворчӣ либосҳои тар шуда яхбастаи маро дида сандалиро бардошт ва дар оташхонаи он оташ даргиронда гулхан кард. Либосҳоямро аз танам кашида ба тор паҳн намуд ва ба пуштам як ҷома партофта кафшу масҳиҳоямро ҳам аз поям кашида дар наздикии гулхан гузошт, аммо поҳоямро, ки тамом ях баста буданд, рухсат надод, ки ба оташ наздик кунам ва кӯрпаеро, ки то омадани ман ба рӯйи сандалӣ гарм шуда истода будааст, ба поҳои ман печонид. Худам сари синаамро бар рӯ ба рӯйи шуълаи оташ рост нигоҳ дошта ба лаби гулхан нишастам…

Баъд аз қадре ором гирифтан пай бурдам, ки дастам ҳанӯз сӯзиш карда истодааст ва ба пеши рӯшноии гулхан бурда дидам, ки як қабат пӯсташ ба узангу часпида канда будааст.

Самоворчӣ хонаҳои тортанакро, ки дар он дукон хеле бисёр буданд, чида оварда ба рӯйи ҷароҳат монд ва бо рӯмолчаам аз рӯяш баст:

– То пагоҳ, «ту дидӣ, ман надидам» шуда дуруст мешавад, – гуфт. Дар ҳақиқат ҳам ин ҷароҳат бисёр дер накашид ва дар панҷ рӯз пӯсти нав давонд.

Ман баъд аз сариштa карда гирифтани худ ҳикояти ба Зарафшон ғалтиданамро ба самоворчӣ нақл кардам.

– Ин тавр бошад, аспро ҳам гарм кардан даркор будааст, – гуфт ӯ ва ба одамаш фармуд, ки дар саисхона оташ даргиронда аспро гарм ва асбобашро хушконад…

Чойҷӯши лаби гулхан ҷӯшид. Самоворчӣ чой дам кард. Ман нонеро, ки бой ба ман «барои нигоҳдорӣ аз хатарҳо» дода буд, шикастам…

Баъд аз нону чой хӯрдан, чунонки беруни баданам аз оташ гарм шуда буд, даруни баданам ҳам гарм шуд. Бо рухсати самоворчӣ поҳоямро аз кӯрпа бароварда ёзондам. Оташ ҳам сӯхта шуда даруни гулхан аз лахчаҳои оташи аноргулмонанд пур шуда буд.

Самоворчӣ сандалиро ба ҷояш гузошта ба рӯяш кӯрпаро паҳн кард. Ман поҳоямро ба сандалӣ дароз карда якрӯя ёзидам.

Бедор шудам, ки рӯз сафед шуда омадааст. Аспро зин фармудам. Аммо пуле надоштам, ки ба самоворчӣ диҳам. Ночор чоеро, ки бой барои арбоб дода буд, аз хӯрҷин баровардам ва як қисмашро ба самоворчӣ бо миннатдории бисёре додам.

– Миннатдорӣ даркор нест. Вазифаи мо роҳнишинон барои дар роҳ афтодамондагон ва сармогирифтагон хизмат кардан аст, – гуфт ва бо лабони нимханда илова кард: – Аз шумо чӣ пинҳон кунам, гоҳо мешавад, ки «шербачаҳо» шикорҳои калонро гирифта меоранд, аз онҳо калла-почааш ба мо мемонад. Музди хизматҳои худоиамон ҳам, ки ба шумо барин касон мекунем, аз он мебарояд.

Самоворчӣ бо ин сухани худ ба дуздон ишора мекард…

Ман ба роҳ даромадам, баъд аз гузаштанам аз пули Меҳтарқосим бо роҳи дасти рост, ки аз болои Розмоз меравад, раҳсипор гардидам.

Ин роҳ он қадар бад набуд, ях бастагӣ бошад ҳам охурчаҳои чархи ароба ҳам дошт, ки дар он ҷоҳо асп налағжида қадам мегузошт…

* * *

Ман дар соатҳои даҳи пагоҳӣ ба Розмоз расидам, аз сари кӯча ҳавлии арбоб Ҳотамро пурсидам. Ҳавлии калонеро, ки дарвозаи шутур ва аробадаро дошт, нишонам доданд.

Ба он ҳавлӣ даромада аз хизматгор арбобро пурсидам, ӯ маро ба меҳмонхона бурда дароварда:

– Арбоб ана дар ҳамин хонаанд, – гуфт.

Дар пешгоҳи меҳмонхона, дар кодоки сандалӣ як шахси сафедчарӯйи доғи нағзакдор нишаста буд; ин шахс риши калони мошубиринҷ дошт, ки панҷоҳ-панҷоҳу панҷсола будани ӯро тахмин кардан мумкин буд.

Каллаи калонаш бо қомати баланд ва танаи паҳлудори ғафсаш муносиб афтода буд. Аммо каҷии чашми чапаш ин ҳама ҳусни қиёфаи ӯро барбод медод. Аз фарбеҳии бадан ва баромадагиҳои паси сараш тахмин кардан мумкин буд, ки бояд худро ҳамеша бо қазӣ ва гӯштҳои бӯрдоқӣ тарбия карда бошад.

Аз болои ҷомаҳои серпахтаи қабат ба қабат, ки аз рӯйи онҳо миёнашро бо фӯта баста буд, як чакмани моҳути осмониранг пӯшида менишаст.

Дар сараш як саллаи калони тибити сафед буд, ки фаши дарози он ба сари синааш фуруд омада меистод.

Дар кодоки поёни сандалӣ ду мӯйсафед менишастанд, ки қиёфаи ҳар дуяшон аз якдигар кам фарқ дошт: рӯйҳои сурхчаи борики дароз, чашмони бемижгони обрав, ришҳои бузии сап-сафед, мӯйлабҳои тамоман тарошидашуда аз сифатҳои муштараки ин ду кас буданд. Фақат фарқе, ки дар миёни онҳо менамуд ин буд, ки яке бинипучуқ, дигаре камонбинӣ буд.

Соли ин ду нафар ҳам тахминан 65-70 менамуд, баданашон мувофиқи рӯяшон борик ва либосашон мувофиқи танашон химчаву танг буда, аз таҳ ҷомаҳои маллаи пахтадор, аз рӯй ҷомаҳои абра-остари миёншикоф пӯшида буданд. Саллаҳошон калону суф ва фашҳошон партофтагӣ буд.

Дар пеши мӯйсафеди бинипучуқ чойник буд, ки ӯ ба дигарон чой кашида медод.

Ман рафта, мувофиқи одат, аввал бо одами пешгоҳнишин вохӯрдӣ кардам, дувум бо бинипучуқ, савум бо камонбинӣ.

Дар вақти вохӯрдӣ одами пешгоҳнишин нимхез шуд, аммо он ду мӯйсафед кифтҳошонро наҷунбонда дасташонро дароз карданд.

Ман ҳам ба ҷой нишон додан ва «гузаред, гузаред» гуфтани онҳо нигарон нашуда аз пешгоҳнишин поёнтар ва аз он ду мӯйсафед болотар дар кодоки миёна, ки холӣ буд, нишастам ва дастамро бардошта мувофиқи одат фотиҳа хондам.

– Пурсидан айб нест, меҳмон аз куҷоянд ва аз кучо пурсем? – гӯён одами пешгоҳнишин гап сар кард.

– Аз Бухоро, – гуфтам дар ҷавоб ва ба пурсиши дувум роҳ надода хатро аз бағалам баровардам.

Аммо намедонистам, ки кадоми инҳо арбоб Ҳотам аст. Аз рӯйи одат соҳибхона дар пеши меҳмонҳо, хусусан, ки он меҳмонҳо мӯйсафед бошанд, бояд дар пешгоҳ нанишинад. Ба ин далел дар назди ман арбоб Ҳотам набудани одами пешгоҳнишин собит буд. Аммо аз ду мӯйсафеди поённишин

намедонистам, ки кадомашон соҳибхона бошад. Азбаски аз рӯйи одат соҳибхона хизмат мекард, гумон кардам, ки мӯйсафеди бинипучуқи чойкаш арбоб Ҳотам аст ва хатро:

– … Бой салом гуфтанд, – гӯён ба тарафи вай дароз кардам.

Пучуқ аз дастам хатро нагирифта:

– Ман бо… бой ошноӣ надорам, ҳатто номи он касро ҳам нашунидаам, аҷаб нест, ки шумо иштибоҳ карда бошед? – гуфт.

– Магар шумо арбоб Ҳотам нестед?

Мӯйсафеди пучуқ ба одами пешгоҳнишин нигоҳ карда хандид ва пешгоҳнишин:

– Арбоб Ҳотам манам. «Агар соҳибхона дар пешгоҳ нишинад, арзонӣ мешавад» мегӯянд, бинобар ин, ман аз меҳмонон боло нишастам, – гӯён ӯ ҳам хандид.

Ман хатро ба тарафи одами пешгоҳнишин дароз кардам. Ӯ хатро аз дастам гирифта лифофаашро кушод ва:

– Хонда метавонед? – гуфта ба ман нигоҳ кард.

– Бинам, шояд хонда тавонам, – ман ҷавоб додам.

Арбоб хатро кушода ба ман дод.

Ман хатро гирифта хондам. Бой дар хаташ баъд аз дуою саломи муқаррарӣ «ду нафар шоҳиди бурро ёфта фиристонед ва ҳаққи хизмати онҳоро дар он ҷо муайян карда ба ман нависед» гуфта навишта буд ва дар охири хаташ «барги сабз» гӯён нимча чой фиристоданашро хабар дода аз доранда талаб намуда гирифтани онро таъкид карда ва дар оянда боз хизмат карданашро ваъда дода хаташро бо ҷумлаи «ассалому алайкум, аддоӣ… бой» тамом карда буд.

Ман баъд аз хондани хат ба даҳлези меҳмонхона рафта аз хӯрҷин чойро оварда ба пеши арбоб мондам ва ба Зарафшон фурӯ рафтанамро нақл карда, ба самоворчӣ додани як қисми чойро ба вай часпондам.

– Зарар надорад, – гуфт арбоб, – аз ҳаво омада будааст, боз як қисмаш ба ҳаво рафтааст.

Арбоб мӯйсафедонро имо карда ҳамроҳи худ ба рӯйи суфа бароварда. Хизматгорашро ҷеғ зада ба вай дастархон ва чой

фармуд ва илова намуд, ки қазӣ ҳам барорад. Худаш баъд аз бо мӯйсафедон қадре пичир-пичир кардан бозгашта бо онҳо ба меҳмонхона даромад.

Хизматгор чой, дастархон ва як табақ қазии яхниро бо корд оварда ба рӯйи сандалӣ ниҳод. Арбоб қазиро пора кард. Мо ба нону қазихӯрӣ даромадем…

– Шумо, албатта, имшаб ба мо меҳмон мешавед, – гуфт арбоб ба ман.

Ман ҳамин шаб ба шаҳр даромаданам лозим буданро гуфта аз шабхобӣ узр овардам.

– Ин тавр бошад, ба асп хӯрок додан даркор аст, – гуфт ва хизматгорашро ҷеғ зада фармуд, ки лаҷоми аспро бароварда ба вай беда партояд.

– Дар қишлоқи мо одами хатнок нест. Ба домуллоимом чанд бор хат нависонда ба чанд ҷой фиристодам, ҳеҷ кас хонда натавонистааст, – гуфт арбоб.

– Хат ҳам ба доди Худо нигоҳ мекунад, – гуфт бинипучуқ, – одам бо хондан, бо мулло шудан дарҳол хатнок шудан намегирифтааст.

– Саводнокӣ ҳам ҳамин тавр аст, – гуфт мӯйсафеди бинокамон. – Агар Худо надиҳад, одам бо хондан саводнок шудан намегирифтааст. Ҳамин домуллоимоми мо хондаанд, мулло шудаанд, ҳатто ба Розмоз барин ҷой домуллоимом ҳам шудаанд, лекин ҳанӯз ҳам хатро дуруст хонда наметавонанд. Ман гоҳо хатҳои ибро ва васиқаҳоро нишон медиҳам, дуруст бароварда дода наметавонанд, забонашон гирифта мемонад.

– Худатон хат навишта метавонед? – гуфта арбоб аз ман пурсид.

– Кам-кам.

– Бисёр хуб, ин тавр бошад, аз номи ман ба бой як хат нависед-чӣ?

– Мешавад.

– Қалам доред?

– Не, надорам.

Арбоб хизматгорашро ҷеғ зада фармуд, ки рафта аз домуллоимом қаламу коғаз биёрад…

Хизматгор баъд аз ду дақиқа дасти холӣ омад:

– Домуллоимом набудаанд, ба сари осиёи Дӯстбой барои хондани як бемор рафта будаанд, – гуфт.

– Хуб, хат чӣ даркор? Гапҳои маро ба бой забонӣ худатон мегӯед, – гуфт арбоб.

Аммо мӯйсафеди биникамон қабул накард:

– Хат шавад, беҳтар аст, ҳуҷҷат мешавад, – гуфт.

– Ин тавр бошад, қаламу коғаз ёбед! – гуфт арбоб ба биникамон.

– Қалам меёбам, аммо коғазро намедонам меёбам ё не? – гуфт он мӯйсафед.

– Қалам ёбед, мешавад, – гуфтам ман ба ӯ – ба коғази чой навиштан мегирам.

– Барака ёбед, – гӯён мӯйсафеди биникамон баромада рафт.

Баъд аз фурсате як қалами қариндоши[1] саршикастаеро гирифта овард.

– Аз куҷо ёфтед? – гуфта пурсид арбоб бо хурсандӣ.

– Аз усто Рӯзии дуредгар гирифтам. Як бор дар дасти вай ҳамин қаламро рӯзҳои иморати Наврӯзбой дида будам, ки бо ин чӯбҳоро хат мекашид.

– Хайрият, ки то ҳол гум накарда будааст, – гуфт бинипучук.

Мӯйсафеди камонбинӣ қаламро ба дасти ман дод, ман нӯги вайро бо корде, ки бо он қазиро пора карда буданд, тарошида соз кардам.

Арбоб Ҳотам чойро ба рӯймолчааш холӣ карда, коғазашро ба ман дод. Ман коғаз ва қаламро тайёр карда дар аввали хат «Баъд аз салом маълум карда мешавад, ки…»-ро навишта ба арбоб нигоҳ карда:

– Чӣ нависам? – гуфта пурсидам.

– Нависед, ки дуои бепоёни муштоқона ва саломи бешумори ғоибона аз ин фақири ҳақири пуртақсир, ман ки арбоб Ҳотам ҳастам…

– Ман инҳоро навиштам, – гӯён сухани ӯро буридам, – шумо муддаотонро гӯед мешавад.

---

[1] **Қалами қариндош** – қалами одии хатнависӣ.

Арбоб ва ду мӯйсафед гарданҳошонро дароз карда ба ҳарфҳое, ки ман ба коғаз навишта будам, нигоҳ карданд.

– Ман бисёр гап гуфтам, навиштаи шумо бисёр кам-ку? – гуфт арбоб бо оҳанги нобоварона.

– Ман гапи бисёрро ба хатти кам меғунҷонам – гуфтам.

Мӯйсафеди бинипучуқ аз гӯша, бе он ки ба ман нишон диҳад, ангушташро ба тарафи ман ҷунбонда ишораи таҳсин кард. Албатта, ман ҳам худро ба нофаҳмӣ задам.

– Ин тавр бошад, нависед, ки – гӯён арбоб ба имло кардан даромад, – ду шоҳиди ҳунарманди забардастро ёфта фиристодем, номи яктаашон Холиқэшон, худашон ба эшони Шояхсии калони марҳум мурид шудаанд, яктаашон Розиқхалифа ном доранд, ин кас бо Ибодулломахдуми авлоди Халифа Ҳусайн халифаанд ва ба дасташон хатти иршод ҳам доранд. Баъд аз он гӯед, ки ҳар кадоми инҳоро қарор кардем, ки агар шумо корро баред, ба ҳар кадомашон панҷоҳтангагӣ медиҳед; боз гӯед, ки агар бой диҳед, ба ҳар кадомашон биступанҷтангагӣ медиҳед; боз гӯед, ки хароҷоти роҳ ва хароҷоти шаҳрашонро ҳам медиҳед; боз гӯед, ки ҳар пагоҳ қаймоқчойи серқаймоқ ва ҳар шаб оши палави серравған карда медиҳед, ба аспҳошон ему беда медиҳед. Боз гӯед, ки ассалому алайкум; боз гӯед, ки аддоӣ фақири ҳақир арбоб Ҳотами розмозӣ…

Албатта, ман хатро ба тартибе, ки арбоб гуфт, нанавиштам, муддаои ӯро кӯтоҳ карда ба ду-се сатр ғунҷондам ва коғазро чорқат карда ба бағалам андохтаму аз арбоб:

– Хуб, – Холиқэшон ва Розиқхалифаатон дар куҷоянд, ки мо зудтар ба роҳ бароем? – гуфта пурсидам.

Арбоб Ҳотам мӯйсафеди бинипучуқро нишон дода:

– Ин кас Холиқэшонанд, – ва мӯйсафеди биникамонро нишон дода, – ва ин кас Розиқхалифаанд, – гуфт.

* * *

Холиқэшон ва Розиқхалифа аспҳошонро зин карда савор шуда ба дари ҳавлии арбоб Ҳотам омаданд. Ман ҳам аз

меҳмонхона баромада ба асп савор шудам ва ҳар се нафар роҳи шаҳри Бухороро пеш гирифтем. Офтоб ҳамон вақт ба қиём рост шуда буд, ки соати 12-ро нишон медод…

Аспони ҳамроҳони ман назар ба аспи ман лоғартар буданд, аммо онҳо бар рӯйи ях аз паси ман хубтар ва чолоктар мегаштанд. Ман сабаби инро аз ҳамроҳон пурсидам.

– Наъли аспони мо нав, аспи шумо бенаъл аст ё ин ки наълаш куҳна, – гуфт Розиқхалифа.

– Аспи шумо бенаъл будааст, – гуфт ба ман Холиқэшон, ки аз паси мо меомад ва зери суми аспи маро дар вақти қадам монданаш медид…

Мо ба сари пули Меҳтарқосим расидем, аз ин ҷо роҳи бади «асфалтӣ» сар мешуд. Ман таҷрибаи дирӯзаамро, ки қариб бо марги худам ва ҳалокати асп ба даст даромада буд, ба ҳамроҳонам гуфтам. Ин таҷриба ба онҳо ҳам мақбул афтод. Мо аз бероҳа раҳсипор шудем…

Вақте ки мо ба Галаосиё расидем, офтоб ба фурӯ рафтан наздик шуда буд, агар то хуфтан ба дарвозаи шаҳр нарасем, маҷбур мешудем, ки дар беруни шаҳр, дар ягон самоворхона бихобем. Дар роҳ шитоб кардан даркор буд. Аммо аспи ман ҳеҷ шитоб намекард. Хусусан баъди гузаштан аз Галаосиё мо маҷбур будем, ки бо роҳи «асфалтӣ» биравем, зеро атрофи роҳи байни Галаосиё ва шаҳр серҷӯю ҷар, серзаҳкашу сериморат буда, барои роҳ рафтан аз болои барф киштзори ҳамворе набуд. Аммо аспи ман ба роҳ рафтан аз болои «асфалт» ҳеҷ тан намедод. Бо зӯри қамчин, вақте ки маҷбур мешуд як қадам партояд, чор пояш ба чор тараф лағжида мерафтанд.

Ночор Холиқэшон аз аспаш фуромада маро ба он савор кард ва худаш аспи маро пеш андохта пиёда ба роҳ даромад. Ба ҳамин тариқа, мо баробари азони хуфтан ба дарвозаи шаҳр расида пеш аз баста шудани он худро ба дарун гирифтем…

Ман «матоъҳои» аз Розмоз овардаамро бо аспи бенаъл ва хатти арбоб бурда ба бой супурдам ва чакманашро ҳам, ки доманаш ба об тар шуда, бо оташ хушкида тахтаи дарахти гуҷум барин шах шуда монда буд, аз танам кашида ба ӯ додам ва бо вуҷуди хоҳишҳои сахти бой, бе он ки ошашро

хӯрам ва дар сандалиаш гарм шавам, ба ҳуҷраи худ баргаштам…

Ман бо вуҷуди он ҳама мондагӣ ва бедорхобӣ, шаби дароз хобида натавонистам: дар бораи шоҳидҳо, дар бораи «агар корро буред, панҷоҳтангагӣ медиҳед, агар бой диҳед, бисту панҷтангагӣ медиҳед» гуфта ба бой хат навиштани арбоб ва дар бораи он кори сарбаста фикр мекардам…

* * *

Рӯзона соатҳои нуҳ аз ҷой хестам, баъд аз чой нӯшидан ба раста баромадам. Ҳанӯз фикри ман ба шоҳидҳо ва маънии хатти арбоб Ҳотам банд буд. Ман ин муамморо танҳо ба воситаи бойбача ҳал карда метавонистам, бинобар ин рост ба дукони ӯ рафтам. Ҳарчи ӯ бе падараш танҳо нишаста будааст.

Ман ба пеши дукони ӯ нишастам, ҳикояти сафари худро гуфта мазмуни хатти падарашро, ки ба арбоб Ҳотам фиристода буд ва ҷавоби арбобро ба падараш ва фиристодани арбоб ду касро бо унвони «шоҳид» ба ӯ нақл намуда аз вай маънии ин воқеаро пурсидам.

Бойбача баъд аз қадре андешида истодан:

– Аз шумо ҳеҷ сирро пинҳон намедорам ва дилам ҳам пур аст, ки шумо ин сирро ба ҳеҷ кас нахоҳед гуфт, – гӯён ба гап даромада давом намуд, – падарам дар ҳаққи Абдунабӣ, ки хизматгори деринаамон буд, бисёр ноинсофӣ карда истодааст. Абдунабӣ даҳ сол ба мо хизмат кард. Аз падарам ғайр аз хӯрок ва пӯшок чизи дигареро надидааст. Дуруст аст, ки ман гоҳо ба ӯ чор-панҷ танга аз дукон медодам, аммо инро падарам намедонист…

Бойбача баъд аз нӯшидани чойи пиёлае, ки дар пешаш буд, ба ман як пиёла чой кашида дода боз суханашро давом кунонид:

– Абдунабӣ вақте ки бемор шуд, падарам ӯро нафоронид. Ӯ ночор ба саҳро – ба хонаи бародаронаш, ки деҳқонони камбағаланд, рафт ва дар он ҷо дер нахобида мурд. Баъд аз мурдани ӯ падарам ба бародарони ӯ даъво кард, ки «ман ба вай пештарак аз бемор шуданаш чорсола ҳаққи хизматашро пе-

шакӣ – ду ҳазор танга дода будам, ӯ ба бадали ин пул ҳеҷ хизмате накарда бемор шуда рафт. Акнун, ки ӯ мурд ва шумо ҳам, ки вориси ӯ ҳастед, бояд қарзи ӯро бидиҳед…»

– Онҳо, ки деҳқонони камбағал бошанд, ин пул аз куҷои онҳо рӯёнида гирифта мешавад? – гӯён пурсида сухани бойбачаро буридам.

– Гап дар болои ба гардани онҳо бор кардани ин пул ва қарздор кардани онҳо меравад, – гуфт бойбача, – вақте ки онҳо қарздор шуданд, рӯёндани он пул ба падарам осон аст. Онҳо мардикорӣ мекунанд, ҳаммолӣ мекунанд, ҳар чӣ ёбанд, нахӯрда, напӯшида ба фоидаи он пул ба падарам дода мегарданд, яъне то охири умрашон ғуломи падарам шуда мемонанд.

– Хуб, ин маблағи туҳматиро падарат ба гардани онҳо чӣ гуна бор мекунад?

– Инак ҳамин «шоҳидҳо» барои исбот кардани ҳамон даъво ва ҳамон маблағи туҳматӣ ҷеғ зада шудаанд, – гуфт бойбача ва давом кард: – рӯзи сешанбе пагоҳонӣ як мурофиа[1] карданд. Қозӣ аз падарам ҳуҷҷат ё ин ки шоҳид пурсидааст. Падарам ваъда додааст, ки рӯзи панҷшанбе шоҳиди худро тайёр хоҳад кард ва ҳозир барои мурофиа рафтанд.

– Хуб, ин одамоне, ки шоҳид шуда омадаанд, Абдунабӣ он тараф истад, худи падаратро ҳам намешиносанд, дар ин ҳол инҳо чӣ гуна гувоҳӣ медиҳанд?

– Ман ҳам яқин дорам, ки падарам инҳоро аз ин пеш надидааст. Лекин дишаб, баъд аз ош, падарам маро аз меҳмонхона баровард ва бо онҳо суҳбати пинҳонӣ кушод. Ман аз пушти дар гӯш додам, ҳамин қадарашро фаҳмидам, ки падарам ба онҳо гап ёд медод, аммо чиҳо ёд доданашро надонистам.

– Чиҳо ёд доданашро ман рафта мефаҳмам, – гӯён ман аз дари дукони ӯ хестам ва рост ба қозихона рафтам…

---

[1] **Мурофиа** – муҳокимаи даъво дар қозихона. Даъво ва суолу ҷавобе, ки дар маҳкама гузориш меёбад.

* * *

Дар қозихона мурофиачиёни бисёр менишастанд. Дар як гӯша бой ҳам бо «шоҳидони» худ ва ҷавобгарони ӯ – бародарони Абдунабӣ бо оқсақоли деҳаи худ ҷойгир шуда буданд…

Бисёр дер накашид, ки мулозими[1] қозикалон ба пеши бой омада:

– Марҳамат кунед, навбати мурофиа аз шумост! – гуфт.

Бой бо «шоҳидонаш» пеш-пеш, аз дунбол ҷавобгарон ва оқсақоли деҳаашон бар рӯйи суфаи баланди айвони қозихона баромаданд.

Қозикалон дар даруни меҳмонхоначаи худ дар пеши дари боло менишаст. Ӯ рӯйи борики мурғӣ, риши тунук ва ками бузӣ, чашмони танги бемижгони милксурхи маймунӣ, гӯшҳои дарози ба пеш хамхӯрдаистодаи харгӯшӣ ва бинии дарознӯги хами кабкӣ дошт.

Дар беруни дар, бар рӯйи суфа, дар зери айвон як бӯрё паҳн буд. Даъвогар ва ҷавобгарон ба рӯйи он бӯрё паҳлу ба паҳлуи якдигар дузону нишастанд. Қозикалон баъд аз он ки чашмони тангашро боз ҳам тангтар карда даъвогар ва ҷавобгаронро як-як аз назар гузаронид, аз мулозими худ, ки ба пеши дар рост меистод:

– Чӣ шуд? – гуфта пурсид.

– Бой шоҳидҳошонро оварданд, – гуфт мулозим таъзимкунон ва маҳзари даъвои шаръиро[2], ки дар дасташ буд, ба дасти қозикалон дод.

Қозикалон баъди аз назар гузаронидани маҳзар ба бой нигоҳ карда:

– Шумо ду ҳазор тангаро ба кӣ дода будед? – гуфта пурсид.

– Ба Абдунабӣ ном бародари инҳо, – гӯён ба ҷавобгарон бо дасти худ ишора кард ва давом намуд: – ӯ мурдааст ва инҳо бародарони зоида ва меросхӯри ӯ ҳастанд.

---

[1] **Мулозим** – навкар, хизматгор. Каси ҳамеша дар хизмат ҳозир.

[2] **Маҳзари даъвои шаръӣ** – санаде, ки барои мурофиаи қозӣ дар ҳузури даъвогар ва ҷавобгар тартиб дода мешуд.

– Шумоҳо иқроред ё мункир? – гӯён аз ҷавобгарон пурсид қозикалон дар ҳолате ки чашмони танги худро ба онҳо дӯхта меистод.

– Мо аз мурданамон хабар дорем, аммо аз ин кор хабар надорем!– гӯён яке аз ҷавобгарон, ки аз дигараш калонсолтар менамуд, ба сухан даромад, – мо ҳамин қадарро медонем, ки бародарамон – Абдунабӣ ба ин кас даҳ сол бемузд хизмат кард, вақте ки бемор шуд…

Қозикалон лабҳояшро бо забонаш лесида-лесида бо овози даҳшатнок:

– Суханро дароз накун, – гуфт, – ту иқрорӣ ё мункир?

– Мункир, тақсир, – боз ҳамон ҷавобгари калонсол ҷавоб дод.

Қозикалон ба ҷавобгари дувум ҳам ҳамин суолро дода ҳамин ҷавобро гирифт ва баъд аз он ба даъвогар нигоҳ карда:

– Шумо санад доред ё шоҳид? – гӯён пурсид.

– Шоҳид дорам, тақсир! – бой ҷавоб дод.

Баъд аз он қозикалон ба мулозими худ нигоҳ карда маҳзарро ба дасти ӯ дода гуфт:

– Берун бароварда бин, агар ислоҳ шаванд, баробар кун, агар нашаванд, биёр, мувофиқи шарҳи шариф ҳукм карда мешавад.

Мулозим ба қозикалон таъзим карду маҳзарро аз дасти ӯ гирифта:

– Хӯш, тақсир! – гуфт ва мурофиачиёнро ба хестан ишорат кард.

Баъд аз он ки ҳамагӣ аз суфаи баланди айвондор поин фуромаданд, мулозим ба мурофиачиён нигоҳ карда:

– Ҷанҷол то рӯзи шанбе мавқуф монд, ба шумо ду рӯзи дигар муҳлат дода мешавад. Агар якдигаратонро ёфта оштӣ шаветон, хатти ибро[1] мекунем, вагарна боз рӯзи шанбе ба ҳузури ҷаноби шариатпаноҳӣ[2] медароем. Ҳозир пули хароҷоти маро диҳетон!

Бой ба мулозим панҷ танга бароварда дод.

---

[1] **Хатти ибро** – ҳуҷҷате,ки дар сурати байни худ созиш кардани даъвогар ва ҷавобгар аз номи онҳо тартиб дода мешуд.

[2] **Шариатпаноҳӣ** – лақаби дабдабаноки қозӣ.

– Ин кам аст, гуфт мулозим, – имрӯз, пагоҳ ва рӯзи шанбе, – се рӯз мешавад ва ҳар рӯз панҷтангагӣ понздаҳ танга доданатон даркор аст.

– Аз онҳо ҳам мегиред, – гуфт бой, – хуб, суханатон нашиканад, – гӯён боз як тангаи дигар бароварда дод.

– Акнун навбати шумоён аст, – гӯён мулозим ба ҷавобгарон нигоҳ кард.

Оқсақоли деҳа аз тарафи ҷавобгарон ҳамёнашро кушод. Ҷавобгари калон ба ӯ наздик шуда:

– Аз тарафи мо панҷ танга диҳед мешавад, – гуфт.

– Чаро? – гуфт оқсақол тааҷҷубкунон. – Шумо, магар таомули мамлакатро намедонед? То яктарафа шудани ҷанҷол хароҷотро ҳар кадоми даъвогарон ва ҷавобгарон баробар мекашанд. Вақте ки ҷанҷол тамом шуд, ба гардани кӣ афтодани хароҷот ба ҳукми ҷаноби шариатпаноҳӣ нигоҳ мекунад, – гӯён ӯ аз ҳамёнаш дувоздаҳ танга бароварда ба мулозим дод.

– Оқсақолро хурсанд кунетон, – гуфт мулозим ба ҷавобгарон нигоҳ карда.

– Шумо хурсанд шавед, мешавад, мо якдигарро меёбем, – гуфт оқсақол ва бо ҳамин ҳама пароканда шуда рафтанд…

Ман хеле афсӯс мехӯрдам, ки ин ҷанҷол имрӯз яктарафа нашуд, то ки натиҷаашро фаҳмам. «Дар рӯзи шанбе, ки рӯзи дарси ман аст, ба болои мурофиа расида омада метавониста бошам ё не?» гӯён фикр мекардам. Зеро ман шаш дарс доштам, ки ҳар кадоми онҳо дар дарсхонаҳои ҷудогона буданд ва дурии миёни онҳо аз як километр кам набуд. Дуруст аст, ки ман дар пеши қозикалон ҳам як дарс доштам ва вақти вай соати ёздаҳ буд. Аммо ба он вақт рост омадани ин мурофиа маълум набуд…

* * *

Ман рӯзи шанбе ба ҳар кадоми мадрасаҳое, ки дар дарсхонаи онҳо дарс доштам, тозон-тозон мерафтам, мехостам, ки зудтар дарсҳои дигарамро тамом кунам ва ҳарчи пештар ба дарси қозихона расида оям. Ва ҳол он ки бо тохта рафтани ман навбати он дарсҳо пештар ва муддати онҳо кӯтоҳтар намешуд. Бо дониста истодани ин ҳол ман аз дилтангӣ ме-

тохтам, ки шояд гувоҳии шоҳидони бардурӯғ ва харидаро тамошо карда тавонам.

Оқибат дарсеро, ки пеш аз дарси қозихона буд, хонда баромадам. Акнун тохтани ман бефоида набуд. Давон-давон ба роҳ даромадам. Ва понздаҳ дақиқа пештар аз дарси қозихона ба он ҷо расида омадам.

Дар он гирду пеш чашм андохтам, дарун ва беруни қозихона аз мурофиачиён пур буд, аммо он мурофиачиёне, ки ман мехостам, дар он миён нанамуданд.

Ман афсӯсхӯрон дар таҳти айвони қозихона дар пеши даромади меҳмонхона, дар қатори шарикони пештаромадаам навбати дарсро нигарон шуда нишастам…

Кам-кам шарикони мо ҳамагӣ ҷамъ шуданд. Ҷамоаи дарсхононе, ки пеш аз ҷамоаи мо дар назди қозикалон дарс мехонданд, баромаданд. Мо ба ҷойи онҳо ба меҳмонхонаи калони қозикалон, ки дарсхонааш ҳам ҳамон хона буд, даромадем. Мо аз пешгоҳи меҳмонхона то поинаш монанди маъракаи маддоҳии он замон давра гирифта пасу пеш нишастем.

Ман имрӯз, ки дар қатори пештар омадагон будам, дар қатори онҳо пештар ба меҳмонхона даромада, дар наздикии қозикалон, дар рӯ ба рӯйи он ҷой гирифтам, вагарна рӯзҳои пеш, шарикони хушкитфу бозуи мо, ки дари даромадро гирифта менишастанд, намегузоштанд, ки мо барин пасмондагон ва камқувватон пештар дароянд ва худҳошон барои хубтар манзур шудан ба қозикалон ба қадри имкон дар наздиктари ӯ менишастанд.

Қозикалон одатан дар рӯзҳои дарс, дар миёни ҳар ду дарс якчанд мурофиаро мепурсид. Имрӯз ҳам дар вақти даромадани мо ӯ аз дари боло, ки ҷойи нишасташ пеши он дар буд, берун нигоҳ карда мурофиа мепурсид.

Баъд аз тамом шудани он мурофиае, ки қозикалон пурсида истода буд, боз мурофиачиёни дигар бар рӯйи бӯрё нишастанд. Баъд аз хестани инҳо боз мурофиачиёни савум омаданд. Бо вуҷуди нигарон набуданам дидам, ки инҳо мурофиачиёни ман мебошанд.

Ман ҳам сар то по чашм гашта ба сӯйи онҳо дӯхта ва ҳама тан гӯш гардида ба тарафи онҳо дода шудам.

Қозӣ маҳзарро аз дасти мулозим гирифта боз суолҳои ду рӯз пештар додаашро такрор кард ва ҷавобҳои пештараро шунид.

Вақте ки бой дар муқобили «санад доред ё шоҳид» гӯён пурсидани қозикалон:

– Шоҳид дорам, – гуфт, қозикалон ба ӯ:

– Шоҳидҳотонро гузаронед! – гуфт.

Бой ба шоҳидонаш, ки дар болои сараш рост истода буданд, нигоҳ карда онҳоро ишорат ба нишастан кард. Онҳо ҳам дар паҳлуи бой дузону нишастанд.

– «Ӯ-ҳӯ, инҳо ҳамон муъминҳои пок ва мусулмонони холиси ростгӯйи муқаррарӣ-ку» – гуфт худ ба худ қозикалон зери лаб ғур-ғуркунон.

Ман аз сухани қозикалон гумон кардам, ки инҳоро мешинохтааст ва хурсанд шудам, ки баъд аз гувоҳӣ додани онҳо – шоҳиди бардурӯғ ва харида будани инҳоро ба рӯяшон зада гувоҳии инҳоро рад хоҳад кард ва аҷаб нест, ки худи инҳоро ҳабс фармояд.

– Оё, шумо шароити гувоҳӣ доданро медонед? – гуфта қозикалон аз шоҳидон пурсид.

– Медонем, тақсир, медонем! – Холиқэшони бинипучуқ ва Розиқхалифаи биникамон пасу пеш ҷавоб доданд.

– Барои гувоҳӣ додан мусулмони комил будан шарт аст. Шумоҳо зарурйиёти динияро медонед? – боз қозикалон пурсид.

– Медонем, тақсир, медонем! – шоҳидон ҷавоб доданд.

– Шумо калимаи шаҳодатро бо маъниаш, бисту як ҷавоби фарзи айнро[1] аз ёд медонед? – қозикалон пурсид.

– Медонем, тақсир, медонем!

– Ин тавр бошад, шумо инҳоро ягон-ягон гуфта диҳед! – қозикалон ба шоҳидон фармуд.

Аввал Холиқэшон, баъд Розиқхалифа ин зарурйиёти динияро чунон рост, пухта ва бурро гуфта доданд, ки ҳеҷ домул-

[1] **Бисту як ҷавоби фарзи айн** – 21 фармоиши заруртарини шариат аз қабили намоз хондан, рӯза доштан, закоти мол додан ва ҳоказо.

лоимом дар пеши қозикалон онҳоро ба ин бурроӣ гуфта наметавонист.

– Хуб, акнун гувоҳӣ диҳед! – қозикалон ба шоҳидон фармуд. Аввал Холиқэшони бинипучуқ қадре пештар нишаста ба гувоҳӣ додан даромад:

– Аузу биллоҳи мина-ш-шайтони-р-раҷим, бисми-л-лоҳи-р-раҳмони-р-раҳим. Гувоҳӣ медиҳам аз барои Худо, на аз барои риё, ки Абдунабии марҳум бародари инҳо (шоҳид дар ин вақт бо дасти худ ба ҷавобгарон ишорат кард) аз ҳамин бой, дар пеши мо ду нафар мӯйсафед, ки дар хонаи ин кас меҳмон будем, барои дар оянда чор сол хизмат карда додан ду ҳазор танга, ки сесад сӯм коғази русӣ мешавад, қарз гирифта буд. Розиқхалифа ҳам айнан ҳамин тариқа гувоҳӣ дода панҷоҳ тангаро «ҳалол» кард.

Қозикалон бар хилофи чашмдошти ман ба ҷавобгарон нигоҳ карда гуфт:

– Акнун ду ҳазор танга ба гардани шумо дайн шуд, хароҷоти қозихона ҳам ба гардани шумо меафтад. Шумо бояд дар қозихона ин пулҳоро нақд карда диҳед, вагарна ҳабс мешавед, агар бойро розӣ карда тавонед, қарздор шуда хатти қозихонагӣ доданатон ҳам мумкин аст.

Ҷавобгарон «тақсир, тақсир» гӯён мехостанд ба қозикалон гап зананд, ӯ даричаи дарпардадорро шартикунон пӯшонд ва барои дарсгӯӣ ба тарафи шогирдон нигоҳ кард.

Ҷавобгарон рост хеста нолону ларзон ба пеши дарича омаданд, ки ба қозӣ ҳарф зананд, аммо мулозим онҳоро дӯғ зада, кашола карда ба поёни суфа фуровард. Лекин овози ҷавобгарон шунида мешуд, ки онҳо бойро «ту-ту» гӯён дашном медоданд, дуои бад мекарданд ва мулозимон «гир, банд, ҳабс кун» гӯён онҳоро тарсонда хомӯш кунондан мехостанд…

Қозикалон, намедонам, бо чӣ андеша бошад, сари худро хам карда қадре хомӯш истод (аҷаб нест, ки ӯ аз ин ҳукми ноҳаққи худ вичдонан азоб кашида истода бошад) ва баъд аз он сар бардошта ба қории ҷамоа – сарсинф нигоҳ кард:

– Хонед! – гуфт.

Ман пеш аз он ки қории ҷамоа ба хондан дарояд, ба қозикалон даст пеш гирифта:

– Тақсир, арз дорам? – гуфтам.

– Чӣ арз? – қозикалон тааҷҷубкунон пурсид.

– Ман ин воқеаро, яъне ҷанҷоли ҳозираро медонам, бой туҳмат мекунад, шоҳидонаш ҳам харидаанд, онҳо аз ин пеш на бойро дидаанд ва на Абдунабии марҳумро, – гуфтам.

Қозикалон баъд аз он ки лабонашро лесида-лесида қадре ба ман нигоҳ карда истод, гуфт:

– Шариат зоҳирбин аст, монанди ту кунҷков не. Шоҳидони мусулмонони комил мувофиқи шариат гувоҳӣ доданд, пул ба гардани муддаиалайҳҳо (ҷавобгарҳо) дайн шуд. Аммо ту на туҳмат будани ин даъворо исбот карда метавонӣ ва на харида будани ин шоҳидонро. Агар шоҳидон шунаванд, ки ту онҳоро «гувоҳии ноҳақдеҳ» гуфтаӣ, ҳақ доранд, ки ба ту даъвои ҳақорат кунанд. Албатта, ту ноҳаққории онҳоро бо ду шоҳиди одили мусулмон исбот кардан наметавонӣ. Дар он сурат худат ҷазо хоҳӣ дид. Он беҳ ки паси ин корҳо нагардӣ ва ба фаҳмидани дарси худ кӯшиш кунӣ…

Ман бо шунидани ин «насиҳат» ғайр аз сар хам карда хомӯш мондан чораи дигаре надоштам. Нигоҳу хандаҳои масхараомези шарикон, ки аз нишастани ман дар наздикии қозикалон рашк бурда буданд, ба итоби ӯ зам шуда маро боз ҳам сархамтар карданд.

Хайрият, ки дарс сар шуд, қории ҷамоа – сарсинф як ҷумла аз иборати китобе, ки дарсамон аз вай буд, хонд. Шарикон бар болои он ҷумла гардани худро монанди хурусони ҷангӣ дароз карда, мисли гурбагон мӯйҳояшонро хезонда ва овозашонро баланд карда бо якдигар ба ҷанг даромаданд.

Албатта, дар миёни ин ҷангу ҷидоли сагона маро ва аҳволи маро фаромӯш карданд, ман ҳам қадре аз таги бори итоби қозикалон ва таънаи шарикон сар бардошта осуда шудам…

Баъд аз ягон соат ҳамин тариқа нофаҳмида ва овоз баланд карда якдигарро дашном додани шарикон навбати дашномдиҳӣ ба қозикалон расид, ӯ:

– Ӯй, харҳо, ӯй чапанҳо, ӯй нодонҳо, дам шавед, гапро фаҳмед ва мақсади аслии мусанниф, раҳматуллоҳиалайҳро[1]

[1] **Раҳматуллоҳиалайҳ**– ибораи арабӣ буда, маънояш «раҳмати Худо бод

фаҳмидан даркор аст! – гӯён шогирдонро ба хомӯш гардидан маҷбур кард.

Бо ҳамин қадар дашном ва ҳақорати якдигар дарс тамом шуд, мо ҳам баромадем…

Баъд аз баромадан аз дарси қозикалон аз мулозими он фаҳмидам, ки ҷавобгарон дар болои ин ки аз бой ду ҳазор танга қарздор шуда ва сад танга харҷи дари қозикалонро ба гардан гирифтаанд, «бо гуноҳи» дашном доданашон бойро ва мушт баланд карданашон барои задани ӯ ҳабс ҳам шудаанд…

Ман дигар на бойро ёд кардам ва на бойбачаро, ягона коре, ки карда тавонистам, ин буд, ки аз онҳо алоқаамро тамоман буридам.

XI

Ман кам-кам аз тарҷумаи ҳоли Қориишкамба хабардор шудам: падараш ӯро Исматуллоҳ ном ниҳода буд, вақте ки бачаи хурд буд, ӯро ба мактаб монд, баъд аз кӯрсавод шуданаш ӯро ба қорихона дод. Исматулло баъд аз тамоман ёд кардани Қуръон «Қориисмат» шуд.

Дар ин миён падараш мурд, ӯ аз вай як ҳавличаи хурд ва ду ҳуҷра аз мадрасаҳои сервақфи Бухоро ба мерос гирифт.

Қориисмат пулҳои вақфи аз мадраса барои ҳуҷраҳояш ояндаро ва пулҳои аз хатми Қуръон рӯёндаашро ба одамони камбағали гузараш ва майдадукондорҳо бо фоида ба қарз медод.

Ғайр аз ин, ӯ боз як роҳи дигари фоидаро ёфт: бо бачагони гузараш ҷӯра шуда, онҳоро ба қиморбозӣ ташвиқ кард, барои онҳо буҷул ва карта ёфта оварда дод. Баъд аз чандгоҳа бозӣ бачагони хурдсол қиморбозиро ба худ пеша карда гирифтанд ва бо пул бозӣ мекарданд.

Даромади Қориисмат ҳам аз қиморбозӣ аз ҳамин вақт сар шуд, акнун ӯ буҷулҳоро чиккаву пукка[1] ранг карда ба қиморбозон бо нархи тамом мефурӯхт. Қартаҳои бастааш кушоданашударо ҳамеша дар бағалаш нигоҳ медошт. Ҳамин ки дар

бар он кас» мебошад.

[1] **Чиккаву пукка** – тарафҳои чукурчадор ва барҷастагӣ доштаи буҷул.

вақти бозӣ қарта доғдор ва нишонадор шуд, ӯ картаҳои нави худро ба онҳо ба чор баробари харидаш пул мекард. Ғайр аз ин, ӯ аз сари қимор чутал (шатал)[1] мегирифт ва пулҳои аз чутал ғун кардаашро ба бачаҳое, ки бепул мемонданд ё ин ки «банда»[2] мешуданд, яке бар ду то фардошаб ба фоида мемонд.

Қориисмат аз ин даромадҳои худ ҳеҷ намехӯрд, ӯ рӯзона аз ҳуҷранишинонаш палав мехӯрд ва шабона бошад, аз дастархони бачагони қиморбоз шиками худро пур мекард.

Ошноии ӯ бо қиморбозбачагон бисёр дер накашид…

Як шаб бозӣ бисёр гарм шуд, аз сари шом то қариби рӯз давом кард. Дар охири бозӣ ҳар кадоми бачагон пули худро ҳисоб карда диданд: баъзе бачагон ҳамаи пулҳошонро бой дода ва бе пул шуда монда буданд; баъзеҳошон на танҳо бепул шуданд, балки ба болои ин, аз Қориисмат қарздор ҳам шуда буданд; баъзе бачагон, бо вуҷуди чанд бор бурданашон, таги кисаашон кам буд, яъне дар кисаашон аз пуле, ки то сар шудани қимор доштанд, кам монда буд.

Бачагон ҳамаи пулҳошонро якҷоя карда дидан хостанд, то донанд, ки пулҳошон баробар аст ё не.

– Ту аввали шаб чанд пул доштӣ? – ба ҳисоби якҷоя даромаданд.

– Даҳ танга.

– Ту чӣ?

– Бист танга…

Ба ҳамин тариқа ҳамаи пулҳои дар аввали шаб доштаашонро ҳисоб намуданд ва қарзи бачагони аз Қориисмат қарздоршударо ҳам ба болои вай зам карданд. Ба муқобили ин пулҳои ҳозир доштаашонро монда андоза карда диданд, ки нимаи он маблағе ҳам, ки аввали шаб ҳамаашон якҷоя доштанд, намондааст.

– «Пас пулҳо куҷо рафтаанд?» – бачаҳо ҳайрон шуданд.

---

[1] **Чутал** – пулест, ки шахси дар қимор бурида ба шахсони ғайри қиморбоз медиҳад.

[2] «Банда шудан» ба истилоҳи қиморбозон ин аст, ки каси бойдода ба касе, ки ӯро бурдааст, асир шуда мемонад ва то вақте ки пули буридаи ӯро ёфта надиҳад, озод намешавад (шарҳи нависанда).

– Эй…– гуфт яке аз бачагон нохост, – пулҳои ба чутал ба Қорӣ рафтаро ҳисоб накардаем?

– Дар воқеъ, – гуфт бачаи дигар ба Қорӣ нигоҳ карда, – пулҳои чуталро бароред, ҳисоб карда бинем чӣ, таги пул баробар меояд ё не?

Қориисмат бо шунидани ин гап барҳои ҷомаашро ба худаш сахт печонда:

– Не, намебарорам! – гуфт. – Ман пулҳоямро ба касе нишон намедиҳам.

– Бароред, ҳисоб карда бинем, боз ба худатон гардонда медиҳем, – гуфт яке аз бачагон бо нармӣ.

Қориисмат боз ҳам худашро сахттар печонда:

– Не, гуфтам, не! – гуфт бо шиддат.

– «Не» бошад, бо зӯрӣ бароварда мебинем! – гӯён як бача ба вай часпид. Дигарон ҳам ба он бача ёрӣ доданд.

Қориисмат монанди хорпушти шаттахӯрда, ки сару пояшро ба дарун мекашад, кулӯлаю лӯнда шуд.

Бачагон ӯро ба ҳар тараф меғелонданд, ӯ ҳам монанди ҳаппаки[1] бозӣ ба ҳар тараф меғелид, аммо дасту пойи ба шикам часпидааш кушода намешуданд ва кисааш ба рӯй намебаромад.

– Занед! – гуфт яке аз бачагон.

Муштчаҳо ба сару тани ӯ чун борон боридан гирифтанд, аммо монанди донаҳои бороне, ки ба пушти зағома[2] расанд, – «тип-тип» садо мебаровардану таъсире намекарданд.

Як бача мушташро баланд бардошта ба сари ӯ маҳкам зад, аммо худаш «воҳ-воҳ дастакам» гӯён мушташро ба даҳанаш бурда ҷойи зарбхӯрдаашро макида гирифт ва:

– Ҳоло исто, – гӯён давида ба пешгоҳи хона рафту аз он ҷо хишти қиморбозиро, ки дар вақти буҷулбозӣ даркор мешуд, бардошта оварда бо он бо сари Қориисмат зад…

Ин зарба хеле сахт буд, аз сари ӯ хун равон шуд, кам-кам

[1] **Ҳаппак** – тӯб, чизи гирдаи пурбод аст, ки бо вай бозӣ мекунанд.

[2] **Зағома** – гардиши чӯбин аст, ки ба як тарафи вай пӯст мекашанд ва ба вай ҳар чиз меандозанд ва ба сифати паллаи тарозу ҳам кор мефармоянд (шарҳи нависанда).

худи ӯ ҳам суст шуда дасту пояш ёзид ва бачагон аз кисаи ӯ ҳамаи пулҳоеро, ки аз чутали оншаба ғун шуда буд, бароварда гирифтанд ва дар байни худҳошон – ба ҳар кас, ба қадре ки дар аввали шаб дошт, дода он пулро тақсим намуданд ва фотиҳа хонда дар миёнаи худ аҳд бастанд, ки дигар қиморбозӣ накунанд ва ба қиморбозӣ кардани бачагони дигари гузарашон ҳам роҳ надиҳанд.

Қориисматро аз хона баровардand, ки ба ҳавлии худ равад. Аммо ӯро маҷоли роҳ рафтан набуд ва аз сараш ҳанӯз хун мерафт. Ночор бар рӯйи суфа афтод…

Модари бачаи соҳибхона аз ин воқеа хабардор шуда баромад, ба сари кафидаи Қорӣ як порча намадро сӯхта пахш карду аз рӯяш бо рӯмоле баст ва ӯро дубора ба хона дароварда хобонид…

Ӯ баъд аз соате ҳушёр шуда ба хонаи худ рафт.

Он доғи бемӯе, ки дар сари ӯ то охири умраш монд ва ба ӯ барои кам додани пули мӯйсар баҳона мешуд, ёдгорие буд, ки дар вай аз он маҷлиси қиморбозӣ ва чуталгирӣ боқӣ монда буд…

Қориисмат вақте ки аз чуталгирӣ маҳрум монд, ҳамаи ҳиммат ва ғайраташро ба судхӯрии кӯчагӣ, ба қуръонфурӯшӣ, ба ошхӯрии аз хонаи қарздорон ва ҳуҷранишинонаш сарф кард.

* * *

Вақте ки ӯ калонтар ва серпултар шуд, майда-фоидахӯрии сарикӯчагиро, ки дар он баъзан пулаш месӯхт, ба як тараф гузошта, бо дукондорони калон ва савдогарон муомила сар кард.

Дар бойҳои калон пули ӯ қариб хеҷ насӯхтаст: агар онҳо шикастанӣ шаванд ҳам, «боз ягон рӯз даркор мешавад» гӯён аввал пули Қориисматро тамоман медоданд, баъд аз он шикасти худро эълон карда ба қарзхоҳони дигар ба қадри расамаашон медоданд.

Аз рӯйи қавли худи ӯ дар вақти ҷавониаш ду бор дар ду бойи шикастагӣ пулаш месӯхтагӣ барин шудааст, лекин ӯ духтарони онҳоро бе хароҷот ба занӣ гирифта, ба бадали

ҳамон пули сӯхтагиаш ҳисоб кардааст. Он ду зани тоқиядӯзи ҳунарманд, ки то охири умрашон дар хонаи ӯ буданд, духтарони ҳамон савдогарони шикастагӣ буданд.

Қориисмат баъд аз муомилаи худро бо савдогарони калон сар кардан аз хумори гӯшту равғанхӯрӣ баромад. Ҳар шаб ба хонаи чандин бой, ки онҳо қарздорони ӯ буданд, рафта палави хушгӯшту равған, мурғбирён, баррабирён, қазитушбера ва мантуро ҳар чи қадаре ки метавонист, мехӯрд. Дар натиҷаи ин пурхӯрӣ шикамаш калон шуда рафтан гирифт. Мардум ба номи ӯ калимаи «ишкам»-ро ҳамроҳ карда ӯро «Қориисмати Ишкам» номиданд.

Чун пурхӯриаш аз ҳад гузашт ва бо хӯрдан сер намешуд, мардум ӯро «Қориисмати Ишкамба» гуфтан гирифтанд.

Дар ин миён баъзе камҳавсалаҳо баромаданд, ки ба гуфтани ин номи дароз танбалӣ карда вайро кӯтоҳтар намуда, «Қориишкамба» гуфтан гирифтанд.

* * *

Дар вақтҳое ки ман бо Қориишкамба шинос шудам, мегуфтанд, ки ӯ панҷсад ҳазор танга, яъне ҳафтоду панҷ ҳазор сӯми тилло дорад.

Дар он вақтҳо ӯ пули барзиёди худро, ки аз бойҳои беруна толибаш намебаромад, ба бонкҳо мемонд.

Дар он миёна як воқеае рӯй дод, ки қариб буд эътимоди ӯ аз бонкҳо барҳам хӯрад. Ин ҳодиса ба ин тариқа воқеъ шуда буд:

Яке аз бонкҳое, ки дар Бухоро контура доштанд, «Русско-Китайский (Азиатский) банк» буд, ки Қориишкамба ҳам пули худро дар вай мегузошт.

Бинои ин бонк дар паскӯчае буд, ки он кӯча аз растаи базозии поён сар шуда аз пеши гулхани ҳаммоми Саррофон ва тангкӯчаҳои печ дар печи маҳаллаи яҳудиён гузашта, аз болои Пуштаи Зоғон ба дарвозаи Саллоҳхона мебаромад.

Як рӯз баъд аз амалиёти муқаррарӣ дари бонк дар соати муайян баста мешавад. Дар паси дарвозаи бонк аз дарун як посбони милтиқдор меистод, ӯ муомиладорони дар даруни бинои бонк мондаро, баъд аз тамом шудани корҳошон, дарро

кушода ягон-ягон гусел мекард ва аз берун омадагонро ба дарун роҳ намедод ва «бонк баста шуд» гӯён пас мегардонд…

Ҳамаи муомиладорони беруна аз бонк баромада рафтанд, дар дарун танҳо ходимони бонк монданд. Дар ҳамин вақт даҳдувоздаҳ нафар касони ношинос, ки ба танашон либосҳои аврупоӣ доштанд, дар паскӯча пайдо шуданд ва ба зери девори иморати бонк ба девор часпида қатор шуданд, ки агар посбон дарро кушояд, чашмаш бар онҳо намеафтод.

Яке аз онҳо, ки дар саргаҳи қатор меистод, ба пеши дарвозаи бонк рафта дарро кӯфт.

Посбон дарвозаро нимкушода карда дар ҷавоби даркӯбанда гуфт:

– Соат ду шуд, бонк кайҳо…

Лекин посбон сухани худро тамом карда натавонист. Шахси ношинос бо зӯрӣ пахш карда даромада милтиқро аз дасти посбон гирифт ва одамони ношиноси дигар ҳам аз паси ӯ ҳуҷум карда даромаданд. Яке дарвозаро баст, дигарон ба посбон тапонча рост карда:

– Овозатро набарор! – гуфтанд. Табиист, ки посбон аз тарси ҷони худ хомӯш монд, касони ношинос даҳону дасту пойи посбонро баста, ӯро ба замин ғелонданд. Яке аз он одамони ношинос либоси посбонро пӯшида ва милтиқи онро ба даст гирифта ба болои сари ӯ, ҳам ба ҷойи ӯ дар паси дарвоза қаравул шуда истод. Дигаронашон тапончаҳоро ба даст гирифта ба боло – ба хонаи бое, ки коркунони бонк он ҷо буда ба ҳисобу китоб машғулӣ доштанд, баромаданд.

– Дастҳотонро боло бардоред!

Бо шунидани ин овоз, ки аз тарафи одамони силоҳдор баромада буд, ходимони бонк беихтиёр дастонашонро боло карданд, баъзеҳошон ба даст бардоштан маҷол наёфта беҳиссу ҳаракат шуда аз рӯйи стул ба рӯйи замини хона ғелида рафтанд. Чанд нафари он силоҳдорони ношинос тапончаҳошонро муҳайёи парронданкарда истода ходимони бонкро ба садо набаровардан амр фармуданд.

Дигаронашон аз бағалҳошон ресмон ва рӯймол бароварда дасту пою даҳони онҳоро маҳкам баста ба замин ғелонданд, сими телефунро ҳам буриданд. Баъд аз он кассаро кушода

пулҳои нақд ва коғазҳои пурқиматро бароварда ба халтаҳои пуландозии худи бонк ҷой карданд ва он халтаҳои пур аз пулро ба ҷуволчаҳои кандир андохта бардоштанд. Баъд аз он ки боз як бори дигар ходимони бонкро ба садо набаровардан ва наҷунбидан амр доданд, ду нафар тапончадорро ба болои онҳо қаравул монда поин фуромаданд.

Одамони ношиносе, ки дар паси дарвозаи бонк ба ҷойи посбон «навбатдорӣ» мекарданд, дарвозаро кушода онҳоро бароварда гусел карданд ва худашон ҳамчунон дар «посбонӣ» истоданд. Баъд аз ягон соат «қаравулон»-и боло ва «қаравул»-и дарвоза баромада бо қуфли худи бонк дари оҳанини вайро аз берун қуфл карда рафтанд.

Одамони бонк то дасту даҳонашонро кушода ба фарёд кардан имкон ёфтанд, ки боз чанд дақиқаи дигар гузашт. Дар ин муддат, албатта, ғоратгарон аз бинои бонк дур рафта буданд.

* * *

Бо фарёду фиғони ходимони бонк дар атрофи бинои ғоратшуда мардум ҷамъ омаданд. Одамони миршаб, шогирдпешагони қушбегӣ[1], мулозимони қозикалон ва раис ҳам аз воқеа хабардор шуда расида омаданд.

Одамони ҳокимон қуфлро шикаста ба бонк даромада аз ходимон нишонаҳои дуздонро пурсида ба кофтуков сар карданд. Аммо ҳарчанд шаҳрро ҷустуҷӯ карданд, ягон каси шубҳанокро наёфтанд.

Қушбегӣ дар атрофи шаҳр барои кофтукови дуздон аскарони савораи амирро, ки онҳоро «Кафказ» меномиданд, бароварда фиристод. Инҳо ҳам ба ҳар тараф асп давонданд. Як гурӯҳи инҳо дар тарафи шимоли шарқии шаҳр дар лаби Шӯркӯл халтаҳои пуландозии холии бонкро ёфтанд, бо он нишона қувваи бузурги аскарон ба ҳамон тараф рафт. Аммо аз дуздон асаре наёфт.

Танҳо як гурӯҳи хурди он «даста» дар ҷанубӣ шарқии Бухоро дар наздикии Мурғак ном истгоҳи роҳи оҳан ба се нафар

[1] **Қушбегӣ** – сарвазири амир, ки ба корҳои дохилӣ ва хориҷии аморат мутасаддӣ буд.

одамони ношинос вохӯрданд ва хостанд, ки онҳоро дастгир кунанд. Аммо онҳо милтиқ ва тапонча бароварда ба тарафи аскарон тир парронданд…

Якчанд дақиқа дар миёни инҳо тирпарронӣ шуд, яке аз аскарони амир бо тири онҳо захмдор шуд ва дигарашон аз дастгир кардани он одамони номаълум даст кашида пас гаштанд…

Оқибат дуздон ба даст наафтоданд ва маълум нашуд, ки онҳо киҳо буданд.

Баъд аз ин ҳодиса дигаргуние, ки ба кори бонкҳои дар Бухоро буда рӯй дод, ин буд, ки дигар ҳеҷ кадоми онҳо дар контураи шаҳриашон баъд аз соати кор пул намонданд. Кассаи марказиашон дар Когон меистод. Пули даркории ҳаррӯзаро бо посбони мусаллаҳ ба шаҳр меоварданд ва баъд аз кор боз пулҳоро бо посбонон ба Когон мебурданд.

Баъд аз ҳодисаи дуздӣ мардум Қориишкамбаро «акнун пулатон дар бонк сӯхт» гуфта метарсонданд ва худи ӯ ҳам ба рӯйидани пулаш умеди зиёд надошт, бинобар ин, дар авзоаш аломати девонагӣ намудор гардида истода буд.

Аммо ҳамин ки бонк кушода шуд ва ӯ рафта пулашро талаб кард, бонк бегуфтугӯ ва фаврӣ пули ӯро дод.

Бо ин кор эътимоди Қориишкамба ба бонкҳо аз пештара ҳам зиёдтар шуд ва худи ҳамон рӯз боз пулашро ба худи ҳамон бонк бурда супурд. Баъд аз он ҳам ҳар пули барзиёдеро, ки ба дасташ афтад, дарҳол бурда ба бонк мемонд.

Аммо вақте ки баъд аз баста шудани бонк дар гашти рӯз ё шабона пул ба дасташ меафтид, ӯ дар ташвиш мемонд, аз як тараф, пулаш то фардо бекор мехобид, аз тарафи дигар, бими дуздондани пул буд ва аз тарси дуздон пулро ҷойе пинҳон кардан даркор буд, ки ҳеҷ кас надонад.

Ман рафта-рафта ба ӯ ҳолдон шудам, ки вай аз ҳама кас дар шубҳа будааст, ӯ мепиндоштааст, ки ҳама дар пайи ӯ ҳастанд ва ҳар кас фурсат мехоҳад, ки аз дасти ӯ пулашро зада гирад.

Дили ӯ танҳо ба саройбони сарои «Қафқоз» пур буд, танҳо он саройбон медонист, ки Қориишкамба пулҳоеро, ки баъд аз

баста шудани бонк ба дасташ меафтанд, дар куҷо пинҳон мекунад.

Таърихи пур шудани дили ӯ ба он саройбон ҳам хеле аҷиб аст, ки шуниданист.

Рӯзе дар вақти баромада рафта истодани Қориишкамба аз сарои «Қафқоз» саройбон барои шӯхӣ як тангаи понздаҳтиниро аз кисааш бароварда ба роҳрави сарой мепартояд. Баъд аз он ӯро пас ҷеғ зада, он тангаро ба вай нишон дода:

– Қориамак, магар ин пул аз кисаи шумо афтодааст? – гӯён мепурсад.

Қориишкамба ба вазъияти касе, ки як чизи муҳимми гумшудаашро ёфта бошад:

– Куҷост-куҷост? – гӯён аз роҳаш пас мегардад ва бо нишон додани саройбон он тангаро аз замин гирифта, – ҳозир хабардор шудам, ки ин кисаам дарида пулам афтодааст, ҳарчи ба шарофати ту ёфт шуд, – мегӯяд ва аз саросемагӣ он тангаро ба ҳамон кисааш, ки ба саройбон даридагӣ вонамуда буд, меандозад ва илова карда мегӯяд:

– Илоҳӣ барака ёбӣ, додар! Агар дар ҷойи ту каси дигар мебуд, албатта, ин пулро аз они худ мекард. Ҳар чи дар ҳамин замон ҳам одаме, ки аз ҳаққи кас тарсад, ёфт мешудааст.

Инак ба сабаби ҳамин воқеа дили Қориишкамба ба саройбон пур мешавад, ба ӯ боварии куллӣ пайдо мекунад ва баъд аз ҳамин воқеа, агар шабона аз ҷойе пул гирифтан лозим ояд, ҳамроҳи худ ҳамон саройбонро мегирад.

Сабаб ҳамин буд, ки дар вақти гирифтани маблағи қарзиро аз бойбача ҳамон саройбонро оварда пулро дар пеши ӯ гирифт ва он маблағро ба ҷойе, ки худаш ва он саройбон медонист, ҳамроҳи ӯ бурда монд.

Лекин эътимоди Қориишкамба ба он саройбон ҳам бисёр дер накашид ва дар он миён ҳодисае рӯй дод, ки он саройбон дар қатори бадтарин хиёнатгарон даромад ва дар он вақт назар ба ақидаи Қориишкамба дар дунё касе намонд, ки аз ҳаққи кас тарсад (Мо воқеаи барҳам хӯрдани боварии Қориишкамбаро аз он саройбон дар поинтар бо тартиби таърихиаш дар ҷойи худаш нақл хоҳем кард).

XII

Қориишкамба дар даруни шаҳри Бухоро, ки судхӯрон бисёр буданд, ҳар сад тангаро дар моҳе зиёдтар аз дуву ним танга ба фоида монда наметавонист, ҳатто дар бойҳои калон, ки аз вай бо маблағҳои зиёд қарздор мешуданд, маҷбур мешуд дар ҳар сад танга дар моҳе ба ду танга ва ба камтар аз он розӣ шавад, чунки ҳамаи савдогарони калонро муомила бо бонкҳои Русия буда, онҳо аз бонк дар соле ба ҳашт фоиз, яъне ҳар сад тангаро дар соле бо ҳашт танга фоида додан қарз гирифта метавонистанд.

Онҳо дар вақте маҷбур мешуданд аз Қориишкамба барин судхӯрон қарз гиранд, ки бонк мувофиқи дороии онҳо қарз додааст, дигар барзиёд қарз намедиҳад. Ва ҳол он ки дар мавсимҳои хариди пӯсти қароқӯлӣ ва пахта барин молҳои тиҷоратии қиматбаҳо қарзи бонк ба онҳо кифоя намекард, дар ин гуна мавридҳо онҳо ночор ба Қориишкамба барин пулдорон мурочиат мекарданд ва аз фоидаи бонк ду баробар, ниҳоят дуву ним баробар зиёдтар фоида медоданд. Чунки дар шаҳри Бухоро як қисм судхӯрон буданд, ки онҳо худҳошонро сарроф меномиданд ва монанди Қориишкамба ба баққолон ва савдогарони хурд қарз надиҳанд ҳам, ба бойҳои калон бо маблағҳои калон қарз медоданд. Қориишкамба бо будани ин рақибон аз бойҳои калон фоидаи зиёд талаб кардан наметавонист.

Дар он вақтҳо дар деҳот судхӯрони заминдор ба деҳқononи камбағал ҳар сад тангаро ҳар моҳе то ба даҳ танга ба фоида мемонданд. Қориишкамба ин фоидаи калонро шунида оби даҳонаш мерафт ва ба судхӯрони саҳро ҳасад бурда дар оташи рашк монанди мӯйи оташдида ба худ мепечид. Лекин аз саҳро рафтан ва аз бастани алоқа бо деҳқонон метарсид ва дар ҳақиқат ҳам ӯ, ки дар шаҳр, дар зери ҳимояти ҳокимони марказӣ ва бойҳои калон истода, аз ҳар кас дар шубҳа буд, наметавонист, ки ба саҳро дар байни деҳқononи пойбараҳна ва дар зери рақобати судхӯрони он ҷо равад. Ӯ, ки ҳар бомдод ба масҷиди Мағоки Бухоро рафта «Маснавӣ»-и Ҷалолуддини Румиро мешунид ва ҳар гоҳ ки ҳирси судхӯриаш боло гириф-

та шавқи ба деҳот рафтан дар дилаш ҷӯш занад, байти зерини «Маснавӣ»-и мазкурро, ки:

«Деҳ марав, деҳ мардро аҳмақ кунад,
Ақлро бенуру беравнақ кунад», –

мебошад, зери лаб такрор карда ба худ тасалло медод ва «ман аҳмақ нестам, ки бо умеди фоидаи калон ба деҳот рафта, ҳам ҷони худро ва ҳам пули худро, ки аз ҷон ҳам ширинтар аст, дар зери хавфи талаф шудан гузорам» мегуфт. Ночор ӯ ба фоидаи ҳар танга дар моҳе дуву ним тангаи баққолон ва савдогарони хурд ва ба фоидаи мавсимии на он қадар калони бойҳои калон қаноат мекард ва зиёдатии пулашро маҷбур буд, ки дар бонк ба фоидаи дар соле панҷ фоиз гузорад.

Қориишкамба аз ҳамаи муомиладорони худ дида зиёдатар аз бонк норозӣ буд: «Бонк, – мегуфт ӯ, – бо вуҷуди аз ҳама бойтар буданаш аз ҳама хасистар аст, дар вақте ки баққолон ва дукондорон ба ман дар ҳар сад танга ҳар моҳе дуву ним фоиз фоида медиҳанд, вай дар соле панҷ фоиз медиҳад». Дар ин вақт деҳқонони фақир ба ёдаш омада онҳоро, ки ба судхӯрон дар ҳар сад танга ҳар моҳе то даҳ танга фоида медодаанд, «Ҳотами даврон» мешумурд. «Баракат дар деҳот аст, – мегуфт ӯ худ ба худ, – Худо муяссар мекард, ки бо деҳқонон алоқаманд мешудам, дар он вақт аз фоида сер мегардидам ва фоидаи ками ин бонки хасисро даҳ – понздаҳ баробар карда аз деҳқонони кисахолии чашмсер мерӯёнидам».

* * *

Дар ин миён тасодуфе рӯй дод, ки барои бо деҳқонон алоқа бастан ба Қориишкамба роҳи қишлоқ кушода шуд: рӯзе аз рӯзҳо ӯ бо одати муқаррариаш намози бомдодро дар масҷиди Мағоки Бухоро хонда ва маснавии баъд аз намози дар он ҷо хондашавандаро[1] шунида ва баъд аз он намози ишроқро[1]

[1] **Маснавии баъд аз намоз хондашаванда** – дар Бухорои амирӣ дар баъзе ҷойҳо баъд аз намози бомдод ва дар баъзе ҷойҳо баъд аз намози пешин қисме аз «Маснавии маънавӣ»-и Ҷалолуддини Румиро мехонданд.

хонда, дар ҳолате ки тасбеҳ дар даст буд, аз масҷид баромад ва бар як суфачаи дари масҷид нишаста ба вирду авродхонӣ[2] ва тасбеҳгардонӣ машғул шуд.

Дар ҳамин вақт як деҳқони миёнақади на он қадар ҷавон, ки дар тан либосҳои деҳқонии бечоравор дошт, монанди он ки бо Қорӣ шинос бошад, омада ба ӯ бо таъзим, ҳурматкорона даст пеш гирифта, салом дод ва ба суфачаи дигари дари масҷид нишаста сар хам карда бо зери чашм ба Қорӣ назар дӯхт.

Қориишкамба ба гумони он ки «он деҳқон яке аз назрбастагони масҷиди Мағок буда, худашро шайхи он масҷид пиндошта мехоҳад назрашро ба ӯ диҳад, лекин аз вирду авродхонӣ фориғ шудани ӯро нигарон аст», барои ихлоси деҳқонро ба худ ҷалб кардан ва назрро зиёдатар ситонидан дуоҳои хонда истодаашро баландтар, бурротар ва қоривор бо адои махраҷи ҳарфҳои арабӣ[3] хондан гирифт ва донаҳои тасбеҳро ҳам монанди чӯти ҳисоби савдогарон шақаррос занонда мегардонид.

Баъд аз он ки таъсири дуохонии худро ба деҳқон басанда дид, дастонашро кушода фотиҳа хонда ба рӯяш молиш дод ва пас аз он ба саломи деҳқон ҷавоб гардонда:

– Додар! Агар назру ниёзе дошта бошед, бароред, аз ҷониби ҳазрати Хизр, ки дар панҷ вақт намоз дар ин масҷид ҳозир мешаванд, қабул мекунам, – гуфт.

– Ман назру ниёзе надорам, лекин аз шумо қарз гирифтан мехоҳам, – гуфт деҳқон дар ҷавоб.

– Бисёр хуб, ин тавр бошад чанд танга қарз гирифта чӣ қадар фоида додан мехоҳед ва заркафилатон[4] кист? – Қориишкамба пурсид…

---

[1] **Намози ишроқ** – намози ғайри панҷвақта аст, ки шайхон пас аз баланд шудани офтоб мехонанд.

[2] **Вирду аврод** – зикри дуоҳои ҳаррӯзаи аҳли дин.

[3] **Адои махраҷи ҳарфҳои арабӣ** – бурро ва равшан талаффуз кардани ҳарфҳои махсуси забони арабӣ.

[4] **Заркафил** – касест, ки дар байни қарздиҳанда ва қарзгиранда миёнравӣ мекунад ва кафил мешавад, ки агар қарздор пули қарзҳоро дар вақташ дода натавонад, худи ӯ ин маблағро адо намояд (шарҳи нависанда).

Дар ин вақт аттороне, ки дуконашон дар паҳлу ва дар рӯ ба рӯйи масҷиди Мағок буд, ягон-ягон омадан гирифтанд ва онҳо пеш аз он ки дукони худҳошонро кушоянд, ба суҳбати Қориишкамба бо деҳқон гӯш доданд.

Қориишкамба, ки муомилаи пулиро ва умуман дар бораи пул ҳарф заданро аз ҳар кас пинҳон медошт, аз аҳвол дар ташвиш афтода пеш аз он ки деҳқон ба пурсиши ӯ ҷавоб диҳад, ба ӯ:

– Хезед, бародар, аз дунболи ман равон шавед! Ба ягон ҷойи хилват равем! – гӯён аз ҷойи худ бархоста рост ба тарафи шарқ, ба сӯйи растаи чойфурӯшӣ равон шуд ва баъд аз чанд қадам роҳ рафтан ба дасти чап, ба паскӯчаи шонатарошӣ баргашта, баъд аз ду-се қадами дигар мондан ба таҳоратхонае, ки ба тарафи шарқи он паскӯча воқеъ шуда буд, даромад ва деҳқон ҳам аз дунболи ӯ ба он ҷо дохил шуд.

Ҳарчанд дар он ҳангом вақти ягон намоз наздик набуда, барои таҳорат кардан дар он ҷо эҳтимоли ба таҳоратхона даромадани ягон кас набошад ҳам, Қориишкамбаи эҳтиёткор дарро аз дарун баста ба суфачае нишаст ва деҳқонро ҳам дар паҳлуи худ шинонда ба ӯ суоли дар боло гузаштаро дубора дод:

– Бисёр хуб! Ин тавр бошад, чанд танга қарз гирифта чӣ қадар фоида додан мехоҳед ва заркафилатон кист?

Деҳқон баъд аз он ки аз деҳаи Бӯлмахӯрон соҳиби панҷ таноб замин будани худашро ва заминҳояш дар байни заминҳои арбоб Рӯзӣ ном сангсабзӣ воқеъ шуданашро, барои ба даст даровардани заминҳои ӯ арбоб Рӯзӣ бо арбоби деҳаи худаш – арбоб Ҳамид як шуда ба сари ӯ як даъвои туҳматӣ хезонда кори ӯро ба қозихона оид карданашонро ҳикоя кард, суханашро давом дода гуфт:

– Инак дар ҳамин ҷанҷол панҷсад танга аз ман хароҷот шуда даъво дирӯз маҷҷонан[1] тамом гардид, маблағи хароҷотшударо аз самоворчии дари қозихона ба ваъдаи дар ҳар азон панҷ танга, яъне дар як шабонарӯз бисту панҷ танга

[1] **Маҷҷонан** – муфт, ройгон.

фоида додан қарз гирифтам. Ҳамин рӯз дар вақти азони бомдод он панҷсад танга бо фоидааш панҷсаду бисту панҷ танга шуд.

Агар ҳамин рӯз ба ман қарз диҳед, ҳоҷатам бо бисту панҷ танга раво мешавад ва агар фардо диҳед, панҷсаду панҷоҳ танга даркор мешавад, яъне маблағи ба ман даркорӣ ба кадом вақт пул қарз додани шумо нигоҳ мекунад. Чӣ қадар фоида додани ман бошад, ба ихтиёр ва инсофи шумо вобаста аст. Шуморо ба ман судхӯри боинсоф гуфта нишон доданд.

Қориишкамба ин «гӯсфанди фарбеҳи ба пойи худ омада»-ро дида, оби даҳонаш рафта, гулуяш хориш кардан гирифт. Аммо чи навъ шуда ин «гӯсфанд» аз чанголи «гургони саҳроӣ» халосӣ ёфта ба пеши «шағоли шаҳрӣ» омаданашро мулоҳиза карда дар шубҳа афтод, «мабодо дар зери ин коса нимкосае бошаду мақсади ҳарифон ба даст афтодани ман бошад» гуфта дар дили худ андешид ва бо ҳамин мулоҳиза аз деҳқон пурсид:

– Дар деҳаатон магар ягон судхӯре, ки ростқавл ва соҳиби мулку асбоб будани шуморо донад ва ба шумо қарз диҳад, набуд, ки шумо ба шаҳр ба пеши ман омадед?

– Дар деҳаҳои мо судхӯрон ҳастанд. Арбоб Рӯзӣ ва арбоб Ҳамид, ки ба сари ман даъвои туҳматиро оварданд, судхӯрони калони он ҷо мебошанд. Лекин онҳо қарз дода танҳо ба гирифтани фоида қаноат намекунанд, балки дар вақти қарз додан аввал заминҳои маро ба гарав гирифта, баъд аз вазнинтар шудани қарзи ман, маро аз замин ҷудо мекунанд, яъне заминҳои маро аз дастам зада мегиранд.

– Ман ҳам агар ба шумо қарз диҳам, заминҳоятонро ба гарав мегирам, – гуфт Қорӣ.

– Шумо заминҳоямро ба гарав гиред ҳам, ба деҳа баромада деҳқонӣ намекунед. Бинобар ин, ба тамоман азхуд кардани он заминҳо намекӯшед. Шуморо ба ман ҳамин тавр шиносонда маро ба пеши шумо фиристоданд.

– Хуб, ба ҳар сад танга ҳар моҳ чӣ қадар фоида медиҳед?

– Ба ҳар сад танга ҳар моҳ панҷ танга фоида медиҳам, – гуфт деҳқон.

– Не! – гуфт Қориишкамба, – агар ба ҳар сад танга ҳар моҳ

даҳ танга диҳед, ман ин корро мекунам, вагарна аз ҳамон судхӯрҳо қарз кунед, ки ба замини шумо чашм дӯхтаанд.

– Судхӯрони деҳа, аз он ҷумла арбоб Рӯзӣ ҳам, ба ҳар сад танга дар ҳар моҳ даҳ танга талаб карданд. Ман дар натиҷаи ин фоидаи вазнин заминҳоям аз даст меравад гуфта таклифи онҳоро рад кардам. Маро ба пеши шумо «судхӯри боинсоф, ба ҳар сад танга дар моҳе ба дуву ним танга фоида қаноаткунанда» гуфта фиристоданд. Ман бо вуҷуди ин инсоф карда ду баробари қарздорони шаҳриатон фоида доданро худ ба гардан гирифтам. Агар шумо ҳам даҳ танга талаб кунед, албатта, ман ин фоидаи вазнинро дода наметавонам ва барои адо кардани қарзи шумо охир маҷбур мешавам, ки заминҳоямро ба ҳамон судхӯрҳо фурӯшам. Шумо як кор кунед, ки «на сих сӯзад, на кабоб», на заминҳоям аз дасти ман раванд ва на шумо аз ду баробар фоидаи муқаррариатон маҳрум монед. Агар шумо ба таклифи ман розӣ нашавед, беҳтар он аст, ки аз ҳамон судхӯрони деҳот қарз гирам, ки то душмании онҳо ба ман зиёд нашавад ва чунонки гуфтаанд: «то омадани табар кунда меосояд» – то аз дастам рафтани заминҳоям дар деҳа осуда зиндагӣ кунам.

Деҳқон ба суоли дувуми Қориишкамба, ки «заркафилатон кист» буд, ҷавоб додан хоста давом намуд:

– Модом ки ман заминҳоямро бо васиқаи қозӣ ба шумо гарав медиҳам, боз заркафил барои чӣ даркор аст? Агар ман пули шуморо дода натавонам, шумо заминҳоямро фурӯшонда қарзи худро мерӯёнед. Заркафил вақте даркор мешавад, ки қарздор чизи ба гаравдиҳанда надошта бошад ё чизе ба гарав надиҳад.

Деҳқон бо Қориишкамбаи хомтамаъ дуру дароз гап зада нишастанро нахоста:

– Қориамак, таклифи ман ҳамин аст, ки агар ба ман дилатон пур шавад ва қарз додан хоҳед, ба ҳар сад танга моҳе панҷ танга фоида доданро ба гардан мегирам. Ин «оши ҷуғротнок» аст, хоҳед мехӯред, нахоҳед ба пеши сагони саҳроӣ (судхӯрони деҳот) мерезед, ихтиёр ба шумост! – гӯён аз ҷояш хест. Аммо Қорӣ ӯро дубора шинонда:

– Хуб! – гуфт бо оҳанги ризо, – «оши чуғротнок»-ро хӯрдан мехоҳам, лекин аз шумо хоҳиш мекунам, ки ба рӯйи ин ош як чумча равған ҳам резед, яъне ба болои панҷ танга як танга зам карда, ба ҳар сад танга ҳар моҳ шаш танга диҳед. Агар пулам ба ин қадар фоида наарзад, ба бадали ин як танга дар паси ҳар намоз дар ҳаққи шумо дуо мекунам. – Вай дасташро ба тарафи деҳқон дароз кард, – биёед розӣ шавед, барака ёбед!

Деҳқон ҳам барои як танга ранҷондани хӯҷаини ояндаи худро лозим надониста дасти ӯро гирифта:

– Шумо ҳам барака ёбед! – гуфт ва илова кард: – ин тавр бошад, ман ба қозихона рафта заминҳоямро васиқа карда биёрам, пулро ҳамин рӯз диҳед, ки фоидаи самоворчӣ бисёр вазнин нашавад.

– Шумо ё сода ё фиребгар! – гуфт Қориишкамба қадре шӯрида. – Ман заминҳои шуморо надида ва аҳволи худи шуморо аз касе напурсида чӣ гуна бо як хатти хушк ба шумо пул бароварда медиҳам. Охир, пул ҷон нест, ки одам дар ҳар куҷо ва ба ҳар чиз фидо кардан гирад.

– Ин тавр бошад, кай рафта заминҳоямро мебинед ва аҳволамро кадом вақт пурсуков мекунед?

– Дар байни ҳамин ду-се рӯз.

– Ҷон, Қориамак! Зудтар равед, ки фоидаи самоворчӣ бисёр вазнин нашавад. Ба деҳаи Бӯлмахӯрон рафта «заминҳои Ҳамроҳрафиқ кадом аст?» гуфта пурсед, аз ҳафтсола то ҳафтодсолаи аҳолии он ҷо ба шумо нишон медиҳанд ва мебинед, ки ман панҷ таноб[1] заминро монанди гулзори пеши хона чӣ тавр обод кардаам!

– Барои зудтар рафтан кӯшиш мекунам, лекин бо худ пул намебарам, баъд аз баробар шудани корамон пулро омада аз шаҳр мегиред, – гӯён Қориишкамба аз ҷояш хест ва ҳар ду бо ҳам аз таҳоратхона баромаданд. Ҳамроҳрафиқ зудтар ба саҳро рафтанро боз як бори дигар аз хӯҷаини худ илтимос карда, ҳар ду аз ҳам ҷудо шуда паси корҳои худ рафтанд.

[1] **Таноб** – андозаи масоҳат, як таноб баробари чоряк гектар аст.

* * *

Қориишкамбаро, аз як тараф, ҳирси ба даст даровардани дар ҳар сад танга ҳар моҳ шаш танга фоида, ки ду баробари болотарин даромад аз қарздорони шаҳриаш мебошад, ба сӯйи саҳро кашида мебурда бошад, аз тарафи дигар, дар деҳаи Галаосиё, ки Сангсабз ва Бӯлмахӯрон ҳам тобеи вай буданд, ноиби қозикалон будани яке аз дӯстони наздикаш ба ӯ дар ин «сафари пурхавфу хатар» ҷасорат медод. Ҳатто дер мондан аз ин сафар барои ӯ хавфнок менамуд, зеро назар ба ақидаи ӯ аҷаб набуд, ки гургони саҳроӣ созиши ӯро бо Ҳамроҳ шунида ба ӯ таклифи аз талаби вай арзонтар намуда, – «он гӯсфанди фарбеҳро аз чанголи ин шағоли шаҳрӣ» зада гиранд. Бинобар ин, ӯ дар умри худ нахустин бор намози бомдоди масҷиди Мағок ва маснавихонии он ҷоро тарк намуда, саҳари барвақт аз хона баромада ба роҳи саҳро даромад.

Ӯ пиёда мерафт ва бо вуҷуди фарбеҳии аз одат берунаш дар роҳ қариб давида роҳ мерафт, ки пеш аз баромада рафтани ноиб ба деҳот ба ноибхонаи Галаосиё рафта бирасад, то ки кори худро бо ӯ дӯстона дар хона пазонда, баъд аз он бо Ҳамроҳрафиқ кори худро дар ҳузури ӯ ба поён расонад.

Қориишкамба вақте ки ба Галаосиё расида ба ноибхона даромад, ноибро дар рӯйи ҳавлӣ савори асп дид, ки ӯ муҳайёи ба деҳот баромада рафтан буд. Чун чашми ноиб ба Қориишкамба афтод, фавран аз асп фуромада ба тарафи ӯ давид, то ки бо дӯсти деринаи худ мулоқоти гарму ҷӯшон кунад.

Лекин давидани ноиб аз давидани сангпушт ҳеҷ фарқ надошт, чунки ӯ ҳам монанди Қориишкамба шикамкалон ва фарбеҳ буда, гӯшти зери зақан ва пушти сари ӯ дамида баромада, гарданашро бо шикам ва тахтапушташ ҳамрӯй карда буданд. Фарқе, ки ӯ аз Қориишкамба дошт, ҳамин буд ки сараш хурд, ришаш кам ва поҳояш аз поҳои ӯ кӯтоҳ буда, аз фарбеҳӣ ё аз варам монанди зерсутун ғафс менамуданд.

Бо ин шаклу шамоил намуди зоҳирии ноиб ба ҷуволи пури гандум монанд буд, ки даҳони вайро як қабза карда бо даҳанбанде баста бошанд; ҳақиқатан ҳам сари хурди ӯ ба болои он

танаи ғафс, ки аз по то гардан ҳамрӯй буданд, мисли ҷойи аз даҳанбанд болоистодаи ҷуволи пурғалла менамуд.

Вақте ки ин ду дӯст бо ҳам расида якдигарро ба оғӯш кашидан хостанд, мулозимон ва ходимони ноибхона аз ханда худдорӣ карда натавонистанд, чунки ҳамоғӯшии онҳо ба ду хуми калон монанд буд, ки дар паҳлуи якдигар гузошта шуда бошанд ва дар вақти мулоқот танҳо нофҳошон ба якдигар мерасиданд, аммо барои ба оғӯш кашидани якдигар, ҳарчанд кӯшиш мекарданд, дастҳошон ҳатто ба паҳлуи ҳамдигар ҳам намерасиданд, зеро дастҳо барои печонда гирифтани баданҳои ғафси фарбеҳ ва шикамҳои калон кӯтоҳӣ мекарданд.

Баъд аз ин гуна мулоқоти хандаовар ноиб дӯсти худро ба меҳмонхона дароварда, ба маҳрами[1] худ барои меҳмон дарҳол «аз нӯги хамир, фатир» гӯён дастархон, нон ва як табақ гӯшти яхнӣ оварданро ва аз паси вай бирён карда овардани ду мурғи фарбеҳро фармуда, аз дӯсташ сабаби бар хилофи одати худ ба саҳро баромаданашро пурсид.

– Чой фармоед, ки як ду пиёла нӯшида кӯфти роҳро аз худ дур кунам, ҳам барои рӯфта хӯрдани дастархони шумо шикамамро омода гардонам ва баъд аз он сабаби ба саҳро баромаданамро нақл хоҳам кард. Як фарсах роҳро пиёда тай кардан чунон маро аз кор бароварад, ки ҳозир тоқати гуфтор надорам.

– Магар шумо дар ҳамин ҳавои гарм бадани думании[2] худро бардошта роҳи якфарсахиро пиёда тай кардед? Чаро ягон савориро киро карда савор шуда наёмадед? Чаро дар хонаи худ ягон саворӣ нигоҳ намедоред, ки дар ин гуна мавридҳо фоида баред?

– Шумо монанди одамони содаи бедард ҳарф мезанед, ноиб! – гуфт Қориишкамба, – охир, кадом одами ақлнок пулеро, ки ба сад машаққат ёфтааст, барои яксоата осоиш ба харкорон ва кирокашон медиҳад? Ман «дандон дорад» гуфта аррараро дар хонаи худ роҳ намедиҳаму шумо бошед, дар хонаи худ нигоҳ доштани асп ё харро ба ман маслиҳат медиҳед, ки онҳо тороҷкунандаи хонадон мебошанд…

---

[1] **Маҳрам** – хизматгори даргоҳ.

[2] **Ман** – ченаки вазн, ки дар Бухоро баробари 128 кг мебошад.

Дар ин миён маҳрам нону чой ва яхниро оварда дар пеши Қориишкамба дастархон паҳн кард. Қорӣ бо дидани табақи пуряхнӣ ва нони гарм аз сухан бозистода, монанди гови гуруснае, ки ба кунҷора ҳарисона мечаспад, даст ва даҳони худро ба тарафи нону яхнӣ бурда сари худро аз дастархон барнамедошт, ӯ ҳатто чойро ҳам, ки бо кӯфти роҳ ба вай талаб изҳор карда буд, аз хотир бароварда.

Ноиб ҳам гуфтугузорро бо меҳмони худ бас карда ба яхнихӯрӣ даромад ва ҷоҳои серравғани гӯштро бо корд бурида гирифта, ба нони гарм печонда, ба даҳони худ андохта нохоида фурӯ бурдан гирифт.

Қориишкамба ин ҳоли соҳибхонаро дида табакро пештари худ кашида, бо даҳони пурнону гӯшт:

– Магар шумо ҳам то ҳол ношито накарда будед? – гӯён ғурунгос зад.

– Пагоҳонӣ дар пеши ман ду мурғи бирён оварда буданд, аммо аз он ҷо ки ҳамтабақам ин маҳрами чимхӯр ва бадиштиҳо буд, иштиҳои ман ҳам баста шуд, базӯр як мурғро хӯрда, дигарашро ба хизматгорон додам. Барои кушода шудани иштиҳои ман монанди шумо ҳамтабақ даркор аст.

– Лекин барои кушода шудани иштиҳои ман ҳеҷ як ҳамтабақ лозим нест, хусусан монанди шумо ҳамтабақ лозим нест, ки таомро ба номи ман фармуда, ба коми худ занад. Зотан иштиҳои ман ҳамеша кушодааст ва барои ман иштиҳокушо ҷойи даркорӣ надорад.

Қориишкамба дид, ки дар вақти ҳарф задани ӯ ҳамтабақаш дар табақи яхнӣ рахнаҳои калон кушодааст, табакро боз ҳам ба худ наздиктар кашида, бо тамоми сари калон ва гардани ғафсаш ба рӯйи яхнӣ хам шуда, монанди калхоте, ки болҳои худро паҳн карда, кабӯтарро дар зери чанголи худ гирад, табакро тамоман дар зери иҳотаи худ даровард.

Соҳибхона шояд аз пеши меҳмон ба пеши худ кашидани таомро мухолифи назокати мизбонӣ дониста бошад, ба табақ даст нарасонда, аммо як тарафи дастархонро ғундошта бо ду зону ба табақ наздик рафта, сари хурди худро дар зери сару гардани Қорӣ дароварда, ба рӯйи яхнӣ аз вай хамтар ва наздиктар гардид.

Дар ин вақт ин ду дӯст ба ду барзагови ҳамюғ ва ҳамкор монандӣ пайдо карданд, чунонки барзаговон ба сабаби ҳамкорӣ бо ҳам унс ва улфат пайдо карда дар як охур хӯрок мехӯранд ва дар вақти кунҷорахӯрӣ ҳарчанд якдигарро шохзанӣ накунанд ҳам, бо сари худ сари ҳарифи худро фишор дода, аз охур дуртар карда, худ бисёртар хӯрдан мехоҳанд, инҳо ҳам бо сару гардани худ ба табақ наздиктар рафта, ҳамтабақи худро танг карда наволаҳои калонтарро аз они худ кардан мехостанд.

Ноиб дар пурхӯрӣ ва шикамбандагӣ аз Қориишкамба монданӣ надошт, фарқе, ки дар ин хусус инҳо доштанд, танҳо ҳамин буд, ки Қориишкамба шиками худро ҳамеша аз хонаи мардум, аз хонаҳои қарздоронаш, ҳуҷранишинонаш, аз тӯйхонаҳо ва худоихонаҳо ва аз таомҳои сари дукони муомиладоронаш пур мекард ва дар хонаи худ ҳеҷ гоҳ бо харҷи худ таом тайёр кунонда намехӯрд, ноиб бошад, чунонки шикамашро аз зиёфатҳои арбоб ва калоншавандагони деҳот сер мекард, инчунин бо маблағе, ки аз тороҷи деҳқонони фақир ба даст даровардааст, дар хонаи худ ҳам таомҳои сергӯшту равған тартиб дода мехӯрд ва мувофиқи мазмуни «раҳ зану эҳсон кун» монанди Қориишкамба дӯстон ва ҳамкорони худро ҳам бояду шояд зиёфат карда мехӯронид.

Баъд аз он ки мизбон ва меҳмон мурғбирёнҳоро ҳам бо иштиҳои «ҷӯалбақарӣ» (гуруснагии говона) хӯрда ба поён расонданд, навбати чойнӯшӣ расид ва дар вақти чойнӯшӣ Қориишкамба сабаби ба саҳро баромадани худро дар зимни нақли созише, ки бо Ҳамроҳрафиқ карда буд, гуфта аз ноиб аҳволи деҳқони мазкурро пурсид.

Ноиб дар ҷавоб, баъд аз нақли деҳқони миёнаҳол, коркуни фаъол, соҳиби панҷ таноб замин, як сар гови корӣ ва як сар модагов будани Ҳамроҳрафиқ, гуфт:

– Ӯ одами ростқавл, содаи зудбовар аст, бинобар ин, аз қабили «аз борон гурехта ба новадон афтодан», аз судхӯрони саҳро гурехта ба доми шумо афтодааст.

Қориишкамба баъд аз завқида хандидан аз сухани охири ноиб:

– Яъне «як говмеши ҷавони сершири дарозшир ба дасти ту афтодааст» гӯед! – гуфт ва илова намуд: – Лекин агар ин гуна одами содалавҳи зудбоварро ягон ҳариф аз роҳ бароварда нияташро вайрон кунонад, дар он вақт чӣ хоҳам кард?

– Дар он сурат, – гуфт ноиб, – васиқаи шаръие бо муҳри қозикалон мисли корди буррон шуда дар ихтиёри шумо меафтад ва ба кор дароварандаи он корд ҳам дар ин тарафҳо ман мебошам, бо вай пӯсти ӯро канда калла-почаашро аз вай ҷудо карда ба шумо супурдан вазифаи ман аст.

– Ин тавр бошад,– гуфт Қориишкамба, – зудтар Ҳамроҳрафиқро кас монда оварда заминҳои ӯро ба ман васиқа кунонда диҳед ва ман бозгашта ба шаҳр рафта ба ӯ пул диҳам. Агар дер монем, метарсам, ки ягон судхӯри дигар ин луқмаи чарбу нарми ба даҳони ман наздикомадаро зада гирад.

– Ба он деҳа рафта дар назди арбобу калонони он ҷо васиқа кардан лозим аст, – гуфт ноиб, – «Арбобро бину деҳро тоз» гуфтаанд, коре, ки дар деҳот бе хабардории арбоб ва калоншавандагон карда шавад, натиҷаи хуб намедиҳад.

– Ин тавр бошад, зудтар ба ҳамон деҳа равем! – гуфт Қорӣ.

– Меравем! – гуфт ноиб ва ба мулозимони худ тайёр кардани аспҳоро фармуд.

* * *

Ноиб бо гурӯҳи мулозимони худ ва Қориишкамба бо онҳо ба роҳи деҳаи Бӯлмахӯрон даромаданд. Қориишкамба дар умри худ асп савор нашуда буд, бо вуҷуди ин, ноиб ӯро, шояд барои бозӣ бошад, ба як аспи ҷавмасти шӯхи ҷавон, ки ҳанӯз дастром нашуда буд, савор карда ба роҳ даровард. Асп шӯхию бозӣ мекард ва аспони дигарро лагадкӯбӣ кардан мехост, гоҳо бо поҳои пасаш истода, поҳои пешашро ба ҳаво мебардошт, гоҳо поҳои пешашро ба замин устувор дошта, поҳои пасашро ҷуфтакзанон ба ҳар тараф ҳавола мекард ва бо ин ҳаракаташ, гӯё аз ҳуҷуми аспони аз пас оянда худро мудофиа менамуд.

Дар ин аҳвол Қориишкамба дудаста ба қоши зин маҳкам часпида «вой мурдам!» гӯён фарёд мекард ва ӯ ноибро, деҳаи Бӯлмахӯронро, Ҳамроҳрафиқро ва дар охир худашро, ки бар

хилофи тавсиаи Ҷалолуддини Румӣ аҳмакӣ карда ба деҳот баромадааст, бо алфозҳои қабеҳ дашном медод, «ба умеди зиёд кардани пул аз пулҳои мавҷудаам мурдаҷудо мешавам» гуфта ҳасрат мехӯрд. Одамони ноиб ба ин аҳволи ӯ хандида ӯро масхара медоштанд.

Дар ҳақиқат ҳам агар як мулозими аспдон ва аспбози ноиб ҳамеша дар ҷилави аспи Қориишкамба савора рафта, тасмаи лаҷом ва ресмони гулавсори (гулафсори)[1] аспи ӯро бо дастони қавиаш маҳкам дошта, вайро моҳирона идора намекард, аспи нороми беором дар аввали бозии худ ӯро бардошта бурда дар як канори роҳ ё киштзор ба замин зада куштанаш муайян буд.

Дар вақте ки дастаи ноиб ба деҳаи Бӯлмахӯрон расид, масхарабозӣ боз ҳам болотар гирифт: ноиб бо аспи худ ба паси Қориишкамба гузашта вайро қамчинкорӣ мекард ва ба аспи худ сағрии аспи ӯро газонда он аспи норомро боз ҳам беоромтар мегардонид.

Саллаи калони Қориишкамба вайрон шуда, каловавор ба гарданаш афтода, ҳалқаҳои вай камандвор ба тамоми баданаш печида ва барҳои ҷомаҳои тагурӯй пӯшидааш ба ҳар тараф паҳну парешон шуда рафта буданд.

Аҳолии деҳаи Бӯлмахӯрон, ки омад-омади ноибро шунида барои пешвозгирии ин балои ногаҳонӣ ҳамагӣ ба сари роҳ баромада буданд, дар умри худ нахустин бор дастаи ӯро, зоҳиран ҳам бошад, бо хандаи қаҳқаҳаи шодиёна пешвоз гирифтанд, хандаҳои онҳо ва шӯру ғавғои бачагони деҳа, бо ханда ва ҳаёҳуи одамони ноиб ҳамроҳ шуда, аспи Қориишкамбаро боз зиёдтар бармеангезониданд ва шӯр медоданд.

Чун даста ба ҳавлии арбоби деҳ – арбоб Ҳамид даромад, ноиб ва одамонаш аз асп фуромаданд, чанд кас даври аспи Қориишкамбаро гирифта вайро ором нигоҳ дошта, Қориро аз болои зин бар рӯйи дастҳо бардошта бар болои шаҳсуфаи сарҳавз гузоштанд. Дар вақти аз асп фуроварда бар рӯйи суфа гузоштан фарёду фиғони Қориишкамба боз ҳам ҷонкоҳтар шуд, зеро либоси зерини ӯ, ки ба зери рони фарбеҳу нарми

[1] **Гулавсор** – нӯхтаи нозук ва нӯхтабандаш чармин.

ҳеҷ саворӣ надида ва дар ин бардорузани асп шалҳида хуншор шудааш часпида буд, дар ҳар ҷунбидан ва ҷунбондан бо як қабат пӯст аз баданаш канда ӯро азоби тоқатнопазир медод.

XIII

Ноиб ва одамони ӯ бар рӯйи шаҳсуфа саф кашида нишастанд, барои Қориишкамба, ки ба сабаби озори зери ронаш дуруст нишаста наметавонист, дар пешгоҳи суфа ҷойи алоҳида муҳайё карданд: дар он ҷо чор қабат кӯрпачаи серпахта паҳн карда дар ду тарафи он ду даста болиш ниҳоданд, Қориишкамба ба болои он кӯрпачаҳо, гоҳ ба ин паҳлу ва гоҳ ба он паҳлу ёзида, ба болишҳо такя карда менишаст.

Калонтарони деҳа ҳам ба шаҳсуфа баромада дар қатори меҳмонон ҷой гирифтанд. Соҳибхона арбоб Ҳамид баъд аз он ки «меҳмонон хуш омаданд» гӯён дар поёнтари суфа нишаст, одамони ӯ як барраи ширбози фарбеҳро ба наздики суфа оварда дар ҷойе, ки чашми ноиб меафтод, сар буриданд. Ин эҳтироми ҷудогонаи арбоби деҳ буд ба ноиби қозикалон.

Баъд аз он одамони арбоб дар пеши меҳмонон дастархон густурда бар рӯйи вай нонҳои ширдор, кулчаҳои равғанин ва меваҳои гуногун гузоштанд ва чойникҳои чой ҳам бо пиёлаҳо дар пеши меҳмонон гузошта шуданд.

Дар вақти нонхӯрӣ ва чойнӯшӣ ноиб оммаи деҳқонони ҷомадаридаро, ки дар поёни суфа ба дарахтҳо ва деворҳо такя карда сари дупо нишаста буданд, аз назар гузаронид ва дар байни онҳо Ҳамроҳрафиқро надида аз арбоб Ҳамид:

– Ҳамроҳрафиқ дар куҷост, дар байни мардум наменамояд? – гуфта пурсид.

– Ӯ деҳқони пуркор аст, вақташро бекора намегузаронад, бояд дар саҳро гандум даравида истода бошад, – арбоб ҷавоб дод ва илова кард, – агар ба ӯ кор дошта бошед, ҷеғ зада биёрам.

– Ҷеғ занед, хуб мешавад.

Арбоб касеро аз қатори дар поини суфа нишастагон барои овардани Ҳамроҳрафиқ фармуда «ноиб ба ӯ чӣ кор дошта бошад» гуфта андешид ва дар охир аз ноиб пурсид:

– Ба Ҳамроҳрафиқ чӣ кор баромад? Магар аз тарафи ӯ кушта шудани Тӯрамурод муайян гардид?

– Не-е, – гуфт ноиб дар ҷавоби суоли охирини арбоб ва давом намуд, – дар байни ӯ ва ҷаноби Қорӣ (ба Қориишкамба ишора карда) дар бораи ба ӯ қарз дода заминҳояшро ба гарав гирифтан созиши хомакӣ шудааст, инак ҳамин рӯз дар ҳузури шумоён ҳамон созишро пухта карда хату чак мекунем.

Бо шунидани ин ҷавоб арбоб ба тарафи Қориишкамба даст пеш гирифта гарданашро қадре хам карда як эҳтиром изҳор карда бошад ҳам, дар чеҳрааш дигаргуние пайдо шуд, ки ин аз кори Қориишкамба норозӣ шудани ӯро нишон медод ва дар ҳамин вазъият ба ноиб нигоҳ карда:

– Бисёр хуб! – гуфт бо дили нохоҳам, – лекин дар деҳа ягон замин, боғ ё ҳавлие фурӯш шуданӣ бошад, аввал ба касе таклиф кардан даркор аст, ки мулки ӯ ба мулки фурӯхташуданӣ ҳамсоя бошад ва агар он мулкдори ҳамсоя харидани он мулкро рад кунад, фурӯшгор ихтиёр дорад, ки ба ҳар кас фурӯшад. Ҳамин тавр будани ҳукми шариатро шумо аз ман хубтар медонед. Аммо, модом ки ҷаноби Қорӣ харидор шуда омаданд, дар байни харидор ва фурӯшгор вазифаи арбобиро шумо ба ҷо оварда кори моро сабук кардаед, мо ба ин кор муқобил намеистем.

– Ман дар ин миёна арбобӣ накардаам, – гуфт ноиб аз худ ранҷонидани арбоби деҳаро, ки дар тороҷ кардани деҳқонони фақир воситаи худаш мебошад, муносиб надида, – худи Ҳамроҳрафиқ ба афтодани заминҳояш дар дасти ҳамсоягонаш тоқат карда натавонистанашро пай бурда, намедонам бо маслиҳати кадом кас ба шаҳр рафта бо ҷаноби Қорӣ созиш карда омадааст, – ноиб барои хотирҷамъ кардани арбоб илова намуд. – Шумо бояд инро донед, ки хоҳ ҷаноби Қорӣ бошанд, хоҳ ягон шаҳрии дигар, ба деҳаи шумо, ки аз шаҳр дур аст, омада дар ин ҷо заминдор шуда ба деҳқонӣ машғулӣ карда наметавонанд. Ҳар вақт ба маблағи ба қарздодаи ин кас (Қориишкамба) фоида ба болои фоида зам шуда қарздор адо карда натавонад, албатта, заминро фурӯшонда пули худро мерӯёнанд. Дар он вақт ихтиёр ба дасти шумоён мешавад, ки

ҳар касеро аз аҳолии деҳа муносиб бинетон, он заминҳоро ба ҳамон кас медиҳетон. Дар ҳар ҳол аз расидани қадами ҷаноби Қорӣ ба деҳаатон на шумо ва на дигар калоншавандагони ин ҷо зарар намебинетон, ин кас одами дароздасти бобаракат мебошанд. – Ноиб дар охири суханаш пурсид: – Ҳамсоязамини Ҳамроҳрафиқ кист?

– Арбоби деҳаи Сангсабз – арбоб Рӯзӣ, – гуфт дар ҷавоб арбоб Ҳамид ва арбоб Рӯзиро, ки дар ҳамон вақт аз дарвоза даромада омада истода буд, нишон дода илова намуд:

– Инак худашон ҳам омаданд!

* * *

Дар вақти ба пеши шаҳсуфа расида омадани арбоб Рӯзӣ барои эҳтироми ӯ суфанишинон ҳамагӣ аз ҷо бархостанд. Ӯ ба рӯйи суфа баромада бо ноиб ва Қориишкамба ва бо одамони ноиб ягон-ягон вохӯрӣ карда ва дар охир бо соҳибхона мулоқот намуда, ба ҷойе, ки ӯ аз худ болотар нишон дода буд, нишаст ва бо дигар калонони деҳа вохӯрдӣ накарда, фақат ба сарҷунбонии сабуке иктифо намуд.

Одамони арбоб Ҳамид аз пешкашҳои ба ноиб овардаи арбоб Рӯзӣ як ҷувол харбузаро дар лаби ҳавз чида монда як дастархон фатири равғанизардиро, ки бар рӯяш чор дона мурғи бирён буд, бар рӯйи суфа бароварда ба пеши ноиб бурда кушода гузоштанд.

Ноиб ду мурғи бирёнро дар пеши худ ва Қориишкамба нигоҳ дошта он дуи дигарро ба дигарон дод, ки дар байни худ пора карда бихӯранд.

Ин кори ноиб шояд ба Қориишкамба маъқул наафтода бошад, ки бо дасташ гӯшти дар пешаш истодаро порча-порча канда ба даҳонаш андохта истода чашмонашро аз ду мурғе, ки ба пеши ҳамаи аҳли маҷлис тақсим ёфта буд, намеканд, аз хӯрдани гӯшти он мурғон умедашро канда бошад ҳам, хӯрдани ҳасрати онҳоро давом медод.

Баъд аз хӯрда шудани мурғбирёнҳо бар рӯйи дастархон баррабирён омад, ки дунба ва гӯшти паҳлуи вай ҳам насиби Қориишкамба ва ноиб гардид…

Дар охир дастархон ғундошта шуд ва устухонҳои хоида-

шуда ба пеши саг партофта шуда, нонрезаҳо ба пеши мурғон афшонда шуданд, нонбурдаҳо ва устухонҳои гӯшташон тамом канда гирифтанашударо ба деҳқонони фақир доданд, ки онҳо дар зери дарахтҳо ва деворҳо, гӯё ба ин зиёфат тамошобин шуда сари ду по нишаста буданд, ҳатто Ҳамроҳрафиқ ҳам, ки ин зиёфат «ба шарафи тороҷ кардани ӯ» ташкил ёфта аз тарафи ноиб махсусан ҷеғ зада шуда буд, ба сари дастархон даъват нашуд.

* * *

Баъд аз таоми гарм дар вақти харбузахӯрӣ созиши байни Қориишкамба ва Ҳамроҳрафиқро ноиб ба арбоб Рӯзӣ, ки ба заминҳои Ҳамроҳрафиқ чашм дӯхта буд, нақл кард ва пас аз ғундошта гирифта шудани пӯчоқҳои харбуза ноиб ба рӯйи суфа баровардани Ҳамроҳрафиқро амр намуд.

Ҳамроҳрафиқ ба рӯйи суфа баромада дар гӯшае сар хам карда нишаст. Арбоб Ҳамид ба ноиб нигоҳ карда:

– Бар болои созише, ки дар байни ҷаноби Қорӣ ва Ҳамроҳрафиқ шудааст, мо набудем. Марҳамат намуда дар пеши арбоб Рӯзӣ он созишро ҳикоя кунед, то ки калону хурди деҳа шунида, аз воқеа хабардор шуда, шоҳиди зиндаи ин кор гарданд.

Ноиб баъд аз як бори дигар нақл кардани он созиш аз Ҳамроҳрафиқ пурсид.

– Ту аз ҷаноби Қорӣ чанд танга қарз гирифтан мехоҳӣ?

– Намедонам, ман ҳаминро медонам, ки аз самоворчӣ панҷсад танга қарз доштам, он маблағ бо дурӯза фоидааш ба панҷсаду панҷоҳ танга расид.

– Яъне панҷсаду панҷоҳ танга қарз гирифтан мехоҳӣ? – ноиб боз пурсид.

– Ҳамин тавр!

– Барои дигар харҷҳо пул дорӣ?

– Ман як пули сиёҳ ҳам надорам! – Ҳамроҳрафиқ ҷавоб дод ва илова карда пурсид: – боз чӣ гуна харҷҳо ҳастанд?

– Ту хеле одами сода менамоӣ! – гуфт ноиб бо оҳанги таъна ба Ҳамроҳ нигоҳ карда ва давом намуд: – аввал ин ки то хатро ба ҷаноби қозикалон муҳр кунонда аз Қорӣ пул ги-

рифтанат боз як рӯз гузашта қарзи ту аз самоворчӣ ба панҷсаду ҳафтоду панҷ танга мерасад. Ҳамин тавр не?

– Ҳамин тавр! – Ҳамроҳрафиқ ҷавоб дод.

– Охир ба арбоб Рӯзӣ, ки ба сари кори ту лаълию дастархон карда бо пешкашҳои калон қадам ранҷа намуда омадаанд, магар «ҳаққи қадам» – гӯён бисту панҷ танга намедиҳӣ?

– Додан лозим аст! – Аз тарафи Ҳамроҳрафиқ арбоб Ҳамид ҷавоб дод.

– Бо ин маблағи даркориат ба шашсад тангаи расо расид. Магар ба арбоб Ҳамид, ки барои баробар кардани кори ту зиёфати калоне тартиб додаанд ва арбоби деҳаи худат буда соҳиби зиндаю мурдаат мебошанд, чил танга намедиҳӣ?

– Доданаш лозим аст! – аз ҷониби Ҳамроҳрафиқ арбоб Рӯзӣ ҷавоб дод.

– Бо ин маблағи даркориат бо шашсаду чил танга расид. Магар ба панҷ нафар калонони деҳаат, ки дар ин маҷлиси хайр ҳозир буда, шоҳиди холиси ин додугирифт мебошанд, ҳар кадом дутангагӣ даҳ танга намедиҳӣ?

– Медиҳад! – арбоб Ҳамид ҷавоб дод.

– Акнун маблағи даркориат ба шашсаду панҷоҳ танга расид, – гуфт ноиб ва давом кард: – барои муҳронаи ҷаноби қозикалон, котибонаи ман ва хизматонаи мулозимонам – ҳамагӣ дар як ҷо панҷоҳ танга намедиҳӣ?

– Барои муҳрона ва хароҷоти ноибхона ин кам аст! – гуфт арбоб Ҳамид сухани ноибро бурида, – барои ин хароҷот ҳеҷ набошад сад танга доданаш лозим аст.

– Сад танга доданаш лозим аст! Лекин ман деҳқони меҳнатдӯст ва одами рост будани Ҳамроҳрафиқро ба назар гирифта панҷоҳ тангаамро гузаштам ва умедворам, ки ӯ ин некии маро аз ёд набароварда, дар ҳаққи ҷаноби қозикалон ва ман дуо мекунад, – гуфт ноиб ва ба Ҳамроҳрафиқ нигоҳ карда сухани худро давом дод: – бо ин панҷоҳ танга маблағи даркориат ба ҳафтсад танга расид. Мувофиқи созиши ту, ки бо ҷаноби Қорӣ кардӣ, ба ҳисоби ҳар сад танга дар моҳе шаш танга фоида, фоидаи ҳафтсад танга дар моҳе чилу ду танга ва дар соле панҷсаду чор танга мешавад. Агар ин маблағро ба

тани пул, ки ҳафтсад танга буд, зам кунем як ҳазору дусаду чор танга мешавад. – Ноиб баъд аз ин ҳисоб ба шартҳои васиқа гузашта ба Ҳамроҳрафиқ хитоб карда давом намуд:

– Инак ту аз ҷаноби Қорӣ ҳафтсад тангаи нақд гирифта фоидаи яксолаашро, ки панҷсаду чор танга мешавад, ба вай зам карда ба маблағи як ҳазору дусаду чор танга панҷ таноб заминатро бо байъи шаръӣ[1] ба ин кас мефурӯшӣ. Агар дар охири сол ин маблағро тамоман адо намоӣ, хататро баргашта мегирӣ ва заминат мулки холис шуда ба дасти худат мемонад. Агар дар охири сол танҳо фоидаи пулро диҳӣ, ҳукми ин хат дар соли дувум ҳам ҷорӣ мешавад. Ва дар соли савум ва чорум ҳам шарт ҳамин аст. Ҳар вақт ки аз додани фоидаи пул ё тани пул саркашӣ кунӣ, ҷаноби Қорӣ ҳақ доранд, ки заминро тамом аз дасти ту гиранд.

Ноиб баъд аз шарҳ додани ин шартҳо аз Ҳамроҳрафиқ пурсид:

– Дуруст аст?

– Дуруст будагист, – гуфт Ҳамроҳрафиқ дар ҳолате ки аломати шубҳа ва норизоӣ аз чеҳрааш ҳувайдо буд.

Баъд аз он ноиб аз Қориишкамба пурсид:

– Шумо чӣ мегӯед?

– Ман ин ҳисоби шуморо нодуруст медонам! – гуфт Қориишкамба бо қатъияти тамом.

– Чаро? – ноиб бо оҳанги тааҷҷуб пурсид.

– Чунки ман аз қарздорони шаҳриам фоидаи ҳармоҳаро дар охири ҳамон моҳ гирифта он маблағро боз ба касе ба фоида мемонам. Назар ба ҳисоби шумо чилу ду танга фоидаи моҳи якум ба Ҳамроҳрафиқ ёздаҳ моҳ бефоида мемонад, фоидаи моҳи дувум даҳ моҳ бефоида мемонад ва ҳоқазо, ки ин ба ман зарари калон аст.

Ноиб ин суханҳоро шунида аз тааҷҷуб баромада:

– Акнун фаҳмидам! – гуфт ва илова намуд: – аз рӯйи ҳисоби шумо фоидаи фоидаи пулатон дар як сол чӣ қадар мешавад?

– Фоидаи фоидаи ин маблағ, ки назар ба ақидаи худам

[1] **Байъи шаръӣ** – қавлу қарори мувофиқи қонунҳои шариат.

набераш мебошад, агар касрҳоро ба назар нагирифта, ҳисобро деҳқонфаҳм карда гӯям, дар як сол яксаду шасту панҷ танга мешавад.

– Яъне Ҳамроҳрафиқ аз шумо ҳафтсад танга нақд гирифта ба як ҳазору сесаду шасту нуҳ танга хатти қозӣ диҳад, – гуфт ноиб ва боз пурсид, – ҳамин тавр аст?

– Қариб ҳамин тавр аст, – гуфт Қорӣ, – лекин як ҳисоби нозуки дигар ҳаст, ки мувофиқи он, ба маблағи як ҳазору чорсад танга қарз додани Ҳамроҳрафиқ лозим меояд.

Ҳамроҳрафиқ то ҳол хомӯш нишаста буд ва оқибати кори худро дар натиҷаи ин ҳисобҳо, ки ҳеҷ интизорӣ надошт, меандешид. Вақте ки ӯ сухани охирини Қориишкамбаро шунид, ки натиҷаи охирини ҳисоби қарздориаш будааст, якбора шӯрид, гӯё ӯ ҳезуме буд, ки то ҳол кӯрдуд месӯхт ва бо вазидани боди тунде якбора шуълавар шуд, аз ҷояш ҷаста бархоста ба аҳли маҷлис хитоб карда гуфт:

– Агар хонаи маро нияти сӯхтан дошта бошетон, якбора оташ зада сӯзонетон, заминҳоямро фурӯхта байни худ тақсим карда гиретон, худамро аз деҳа ронда бароретон! Агар бо инҳо ҳам дилҳотон ором нагирад, худамро бурда дар зиндони амир ҳабс кунонетон ё ба дораш овезетон! Аммо ман ба ихтиёри худ ба ин навъ ҳисоб ва савдо розӣ шуда наметавонам!..

Ӯ, намедонам, боз чиҳо гуфтан мехост, аммо аз ғояти ҳаяҷон нафасаш гулугир шуд ва кафкҳои дар даҳонаш ҷамъшударо «туф-туф» карда хомӯш монд.

Аҳли маҷлис ба ин ҳолати ӯ қаҳқосзанон хандиданд ва баъд аз пасанда шудани хандаи умумӣ арбоб Ҳамид ба Ҳамроҳрафиқ хитоб карда сухан сар кард:

– Додарам, Ҳамроҳ! – гуфт ӯ нармона. – Розӣ нашавӣ, розӣ нашудан гир! Ҳеҷ кас туро розӣ шав гуфта зӯр накардааст, лекин хунатро вайрон накарда, дар ҷоят нишаста, суханони маро гӯш кун!

Ҳамроҳрафиқ «уф!» гӯён дар ҷойи худ нишаста ба замин чашм дӯхт ва арбоб Ҳамид давом кард:

– Ба сари ту ин балоҳоро магар ман овардаам ё ин ки арбоб Рӯзӣ, ё эшони ноиб, ё ҷаноби Қорӣ оварданд?

Ҳамроҳрафиқ ба ин суолҳо ҷавоб надод ё ин ки ҷавобе

надошт, ё ҷавоб дошта бошад ҳам, баъд аз паст шудани оташиниаш ба ҷавоб додан ҷасорат накард, дар ҳар ҳол ба замин чашм дӯхта хомӯш истод.

Арбоб Ҳамид давом кард:

– Ба ман ҳамин қадар маълум аст, ки ту дар сайри гули сурх, вақте ки ба мазори Баҳоваддини Нақшбанд рафтагор шудӣ, ятими арбоб Рӯзӣ Тӯрамурод ҳам ҳамроҳи ту рафт. Ту дар рӯзи дигар баргашта омадӣ, Тӯрамурод ҳамроҳи ту набуд. Чун аз ту чӣ шудан ва ба куҷо рафтани Тӯрамуродро пурсиданд, «намедонам, дар роҳ аз ман ҷудо шуда ба як тарафи дигар рафт» гуфтӣ. Аммо дар байни мардум овоза шуд, ки гӯё ту дар роҳ Тӯрамуродро кушта партофта, пули нақди дар дасти ӯ бударо гирифтаӣ. Бо вуҷуди ин на ман ва на арбоб Рӯзӣ «гумон аз имон ҷудо мекунад» гӯён туро ба қозихона накашидем. Эшони ноиб ҳам фуқародорӣ карда болои ин корро пӯшондан хостанд. Лекин вақте ки ин хабар ба гӯши қозикалон ва миршаби Бухоро расид, онҳо ба дастгир кардани ту амр фармуданд. Ночор эшони ноиб туро дастгир карда ба шаҳр фиристоданд, бо туҳмати одамкушӣ дар зиндон афтодӣ. Гуноҳи ман ва арбоб Рӯзӣ ҳамин шуд, ки чандин рӯз аз паси ту давида бо панҷсад танга хароҷот туро аз зиндон халос кардем, вагарна ту ё кушта мешудӣ ё даҳ ҳазор танга пули хун медодӣ, ё ин ки якумрӣ дар зиндон монда мурда мерафтӣ…

– Гуноҳи дигари мо ин аст, ки – гуфт арбоб Рӯзӣ сухани арбоб Ҳамидро бурида, – дар миён шуда аз самоворчии қозихона панҷсад танга хароҷоти аз зиндон халос кардани туро қарз бардошта додем.

– То ин ҷо маълум шуд, ки на ман ва на арбоб Рӯзӣ ба ту бадӣ накарда будаем. Магар ба пеши ҷаноби Қорӣ туро мо фиристодем? – гуфта арбоб Ҳамид аз Ҳамроҳрафиқ пурсид.

Ҳамроҳрафиқ гӯё ки ин суханонро нашунида бошад, чизе нагуфт ва чашмашро аз замин наканд.

– Магар туро ман ба пеши ҷаноби Қорӣ фиристодам? – гуфта пурсид ноиб ба сухан ҳамроҳ шуда.

Ҳамроҳрафиқ боз ҷавобе надод.

– Ба ман нигоҳ карда ҷавоб деҳ, аз ту мепурсам, ки туро ба пеши ҷаноби Қорӣ магар ман фиристодам? – гӯён ноиб аз ҷояш нимхез шуда пӯписа кард.

– Не, – гуфт Ҳамроҳрафиқ, бе он ки чашмашро аз замин канад.

– Ба пеши ҷаноби Қорӣ туро кӣ фиристод? Бурро – бурро ҷавоб деҳ!

– Худам рафтам, – гуфт Ҳамроҳрафиқ.

– Дурӯғ гуфтӣ! Ту ҷаноби Қориро кай боз мешинохтӣ?

– Имоми деҳаи мо, ки ба ҷаноби Қорӣ ошно будааст, «бо фоидаи арзон қарз мегирӣ ва аз гузаштани заминат ба дасти аҳли деҳа халос мешавӣ» гуфта ӯ фиристод, – гуфт арбоб Ҳамид.

– Имомро ҷеғ занед! Ӯ чаро ба кори ин туҳматӣ ҳамроҳ шудааст? – гуфт ноиб.

– Мо барои ин кораш ӯро коҳиш карда будем, намедонам, ранҷида ё ин ки шарм дошта масҷидро партофта рафтааст, – гуфт арбоб Ҳамид дар ҷавоби ноиб.

– Эҳтимол ба фоида фоида зам кардани ман ба ту нафорида бошад, – гуфт Қориишкамба ба Ҳамроҳрафиқ хитоб карда, – агар ин тавр бошад, ту ҳармоҳа фоидаро дар охири ҳамон моҳ чилу ду танга бурда ба ман деҳ, дар як сол аз яксаду шасту панҷ танга фоидаи барзиёд додан халос мешавӣ.

– Деҳқони хокпош дар ҳар моҳ пули нақдро аз куҷо меёбад? – гуфт Ҳамроҳрафиқ, – дар дасти ман пули нақд соле як бор дар вақти гандум ва харбузапазӣ меафтад.

– Ин тавр бошад, чаро шӯрида оташин мешавӣ? Дар хотир ор, ки маро аз корам мононда зорӣ карда ту ин ҷо овардӣ. Акнун аз дасти ҳама ва аз ин ҷумла аз дасти ман ҳам дод мегӯй. Агар аз қавлат гашта бошӣ, ман ҳозир баргашта ба шаҳр меравам. Дар он вақт ту медонию самоворчӣ.

Қориишкамба ин суханҳоро гуфта ба баргаштан муҳайё шудан гирифт. Аммо Ҳамроҳрафиқ аз қавлаш гаштан наметавонист, чунки қарзи самоворчӣ то як ҳафта – даҳ рӯзи дигар ба маблағе мерасид, ки ғайр аз заминро ба арбоб Рӯзӣ фурӯхта қарзи ӯро адо кардан чораи дигаре намеёфт, бинобар ин, бо забони хуш ба Қориишкамба хитоб карда гуфт:

– Ҳамаи ҳисоби шуморо ман фаҳмидам, ғайр аз қабул кардани онҳо чорае надорам. Аммо сию як танга, ки бе сабаби маълум ба болои як ҳазору сесаду шасту нуҳ танга зам карда маблағи қарзи маро ба як ҳазору чорсад танга расондед, ба ман бисёр алам кард.

– Ин маблағ ҳам бе сабаб нест, – гуфт Қориишкамба, – ман дар шаҳр аз хонаи қарздорони худам ҳар рӯз ё рӯздармиён зиёфат мехӯрдам. Албатта, ман аз шаҳр ба саҳро омада аз ту зиёфат талаб намекунам. Ана, ба бадали ҳамон зиёфат ман сию як танга зиёд кардам. Агар ту маро ҳар рӯз ё рӯздармиён, чунонки қарздорони шаҳриам мекунанд, зиёфат мекардӣ, харҷи барзиёди ту соле аз ҳазор танга бештар мешуд. Ман ба ту раҳм карда ҳамин хароҷоти вазнинро ба бадали сию як танга аз гардани ту бардоштам.

– Биёед, аз ин даъво гузаред, – гуфт арбоб Ҳамид ба Қориишкамба нигоҳ карда, – зиёфати марди деҳқон харбуза, тарбуз ва сабзию пиёз аст. Ҳамроҳрафиқ ба шаҳр барои фурӯхтани ҳамин чизҳо равад, аз ҳаминҳо як қисмашро бепул, ба ҷойи зиёфат, бурда ба шумо диҳад.

Қориишкамба розӣ шуд, ноиб васиқаро навишт ва ваъда кард, ки фардо ба қозикалон муҳр кунонда меорад. Ҳамроҳрафиқ фардо рафта васиқаро аз ноиб гирифта ба Қорӣ бурда дода пулро гирад, баъд аз додани қарзи самоворчӣ бақияашро ба арбоб Ҳамид диҳад, ки ӯ мувофиқи қарордод ба касони дахлдор тақсим намояд.

Ноиб, одамони ӯ ва Қориишкамба барои рафтан бархоста ба аспҳо савор шуданд. Аҳли маҷлис барои аз дарвоза гусел кардани онҳо дар канори роҳ қатор истоданд. Чун дастаи ноиб аз дарвоза баромад, як ҷавон ба пеши ноиб давида омада:

– Тӯрамурод, ки ғоиб шудани ӯ сабаби ҳамин қадар хонавайрон гардидани Ҳамроҳрафиқ шудааст, ҳозир омад, – гуфт.

Ноиб ба ин хабар он қадар аҳамият надода, ҳатто худро ба нофаҳмӣ зада бошад ҳам, оммаи деҳқонон ҳаёҳуй бардоштанд ва аз ҳар тараф садо дардоданд, ки «бо омадани Тӯрамурод туҳмати беасл будани аз тарафи Ҳамроҳрафиқ кушта шудани ӯ маълум шуд. Акнун хароҷоти дар ҳабси Ҳамроҳрафиқ шударо аз ҳокимон гашта гирифтан лозим аст,

то ки Ҳамроҳрафиқи бечора аз хонавайронӣ халос шавад…»

Аз миён бисёр фурсат нагузашта Тӯрамурод расида омада бо аҳолии деҳа аз як сар вохӯрдӣ кардан гирифт. Аммо Ҳамроҳрафиқ ба пеши ӯ давида рафта:

– Вохӯрдиро сонӣ мекунӣ, ҳозир бо ман омада худро ба ноиб нишон дода, гӯй ки «ман туро накуштаам».

Тӯрамурод зуд омада ба ноиб салом дод ва Ҳамроҳрафиқ ба ноиб гуфт:

– Акнун худатон аз ин гап пурсед, ки «ман ӯро кушта будаам ё ин ки аз куҷо рафтани ӯ ман хабардор будаам, ё не?»

Ноиб хоҳам-нахоҳам аз Тӯрамурод пурсид:

– Ту ғоиб шуда куҷо рафта будӣ?

– Ман, – гуфт Тӯрамурод, – панҷ сол дар хонаи арбоб Рӯзӣ хизмат кардам. Ҷомаам нав ва шикамам сер нашуд. Дар ин миёна бемор шудани хоҳарамро, ки дар Азизобод афтода буд, шунидам ва аз арбоб пурсидам, ки ба ман панҷ танга диҳад, то ки рафта хоҳарамро дида оям, надод. Ин кори арбоб ба ман бисёр сахт расид. Аз хизмати ӯ гурехтанро дар дили худ муқаррар кардам. Ҳарчанд дар роҳ ҳамроҳи Ҳамроҳрафиқ баромада бошам ҳам, куҷо рафтанамро ба ӯ нагуфта, аз вай ҷудо шудам, то ки арбоб шунида аз дунболи ман кас фиристода маро ба даст надарорад. Вақте ки шунидам Ҳамроҳрафиқ бо туҳмати «кушандаи ман будан» ба зиндон афтодааст, «ҳар чӣ бодо, бод!»-гӯён барои халос кардани вай омадам.

– Тақсир, арз дорам, – гуфта арбоб Рӯзӣ ба ноиб наздик шуд.

– Чӣ арз доред? – ноиб пурсид.

– Мурдаҳои падар ва модари ин бачаро дусад танга харҷ карда ман гӯрондам. Худи ин бачаро хӯронда, пӯшонда, тарбия карда калон кардам, ки дар ин ҳам тахминан дусад танга харҷ шуд. Вақте ки ин бача калонтар шуд, ба ҷойи он ки ба ман дастёрӣ карда бо хизмати ночизонаи худ қарзҳои маро адо кунад, гурехта рафт. Илтимос дорам, ки ин бачаро ба ҳабс гирифта танбеҳ кунед, ки ба бачагони сарсаригарди дигар ибрат шавад. Ҳар гоҳ ки сараш ба девор расида аз карда пушаймон шавад, ба ман оварда супоредаш, ки ба бадали қарзи мурдаҳои падару модараш ва қарзи худаш дар ман хизмат кунад.

– Бисёр хуб! – гуфт ноиб ба арбоб Рӯзӣ ва ба одамони худ нигоҳ карда фармон дод: – Дастони ин бачаро ба пушташ баста, дар ҷилави асп пиёда давонда бурда, дар зинхонаи[1] ноибхона ҳабс кунед!

Ин фармон дарҳол ба амал омад. Дар вақти ба амал оварда шудани фармони ноиб оммаи деҳқонон, ки аз омадани Тӯрамурод ба умеди фоида расидан ба Ҳамроҳрафиқ шодмон шуда буданд, дар маҳбус шудани ӯ аз ҳад зиёд ғамгин гардида, «э воҳ, ки беҳ нашуд, бадтар шуд» гуфтанд. Аммо худи Тӯрамурод дар вақти баста шудани дастонаш механдид.

– Касоне, ки дар сина дил доранд, аз маҳбус шудани ту хун мегирянд, ту чаро дар ин аҳвол механдӣ? – гӯён Ҳамроҳрафиқ аз Тӯрамурод пурсид.

– Ман ҳамин сол одами сисола шудаам, дар вақти ба хизмати арбоб даромаданам ҷавони биступанҷсола будам. Ғояташ ин аст, ки тақдир маро беришу мӯйлаб, яъне кӯса офаридааст. Ман дар ин механдам, ки бойҳои пештара меҳнат ва дастранҷи хизматгорони худро дузданд, хӯҷаини ман умри маро дуздида, маро «бача» мегӯяд. Аҷобати дигар ин аст, ки эшони ноиб ҳам ба сухани хӯҷаин даромада маро «бача» гуфтанд.

– Ҳанӯз аз даҳонат бӯйи шир меояд, аммо ту худро сисола мегӯй? – гуфт Қориишкамба. Аммо ноиб ин «забондарозии Тӯрамуродро» хомӯшона нагузаронида ба одамони худ фармуд, ки ӯро қамчинкорӣ карда, пеш андохта, аз байни мардум зудтар дур кунанд.

Ин фармони ноиб ҳам ба амал оварда шуд ва дастаи ноиб ҳам аз деҳа дур гардид. Аҳолии деҳаи Бӯлмахӯрон, ки ба сабаби аспсавории масхарабозонаи Қориишкамба дастаи ноибро бо ҳаёҳуй ва ханда пешвоз гирифта буданд, ба сабаби хароб шудани хонаи Ҳамроҳрафиқ ва ҳабс шудани ногаҳонии Тӯрамурод ба ғазаб омада дастаи ӯро бо нафрату нафрин гусел карданд.

---

[1] **Зинхона** – хонаест, ки дар даруни саисхона меандозанд. Дар Бухорои амирӣ маҳбусони муваққатиро дар зинхона ҳабс мекарданд.

XIV

Дар саҳро роҳ ёфтани Қориишкамба ба судхӯрони деҳот нафорид, хусусан арбоб Рӯзиро, ки калонтарин судхӯрони деҳаҳои Сангсабз ва Бӯлмахӯрон буд, ба ғазаб овард. Ӯ наметавонист, ки аз Қориишкамба арзонтар карда пул ба фоида монда, деҳқонони ба қарз муҳтоҷро аз дасти вай зада гирад, дар ин кор ӯро, аз як тараф, ҳирси аз ҳад зиёди ӯ ба фоида, ки ба деҳқонон ҳар сад тангаро дар ҳар моҳ аз ҳашт то даҳ танга фоида гирифта ба қарз медод, роҳ надиҳад, аз тарафи дигар, сармояи нақдаи ӯ ҳам барои рақобат кардан бо Қориишкамба барин одами серпул кифоя намекард. Ба болои ин, мақсади асосии ӯ аз судхӯрӣ заминҳои деҳқононро ба даст дароварда худи онҳоро ғулом кардан буд, ки бо фоидаи кам ин мақсадро ба даст даровардан бисёр душвор буд ва дер ҳам мекашид. Ва ҳол он ки агар ӯ фоидаи пули худро аз Қориишкамба арзонтар кунад ҳам, аҷаб набуд, ки деҳқонон боз ба дари Қориишкамба раванд, зеро деҳқонон медонистанд, ки Қориишкамба ба саҳро омада деҳқонӣ кардан наметавонад, бинобар ин, ба замини онҳо чашм намедӯзад. Арбоб Рӯзӣ бошад, имрӯз ё фардо заминашонро аз дасташон зада мегирад.

Арбоб Рӯзӣ бо қувваи ҳукумати маҳаллӣ ё бо суиқасд ҳам Қориишкамбаро аз саҳро дур кардан наметавонист, чунки ноиби қозикалон дӯсти наздики Қорӣ буда, ӯ метавонист дар ҳар ҳодиса дӯсти худро мудофиа ва муҳофиза кунад.

Арбоб Рӯзӣ як асп дошт, баъд аз чанд гоҳ боз аспи дигаре харид, ин аспони ӯ дар як собот[1] баста мешуданд. Аввалҳо ин ду асп дар вақти ҷав ва алафхӯрӣ бо ҳам ҷанг карда, бо лагадкӯбии якдигар машғул шуда, ҳеҷ кадомашон аз хӯрок дуруст баҳра намебурданд. Рафта-рафта ин ду асп бо ҳам ром ва омӯхта шуданд, дар он вақт алаф ва ҷавро ёрона ва дӯстона мехӯрданд, ҳатто яке аз онҳо сер шавад ва дигаре машғули хӯрокхӯрӣ бошад, аспи сер гардан ва сағрии асперо, ки ба хӯрокхӯрӣ машғул буд, бо дандонаш дӯстдорона хорумол мекард.

[1] **Собот** – пешайвони назди оғил , ки дар рӯзҳои офтобии зимистон ҳайвонотро аз оғил он ҷо мебароранд.

Арбоб Рӯзӣ ду саг ҳам дошт, онҳо бо вуҷуди ин ки аз хурдсолӣ дар як хонадон калон шуда бо ҳам ром буданд, ҳамин ки устухоне дар миёнаи онҳо партофта мешуд, бо ҳам ҷангу ҷидолро сар мекарданд ва ҳеҷ гоҳ осуда хӯрок хӯрда наметавонистанд, ҳатто баъзан чунон бо ҳам ҷангида сару рӯйи якдигарро сахт маҷрӯҳ мекарданд, ки ҳар ду ҳам аз устухонхоӣ маҳрум мемонданд.

Арбоб ана аз ҳамин хусусияти ҳайвонот дар муносибати худаш бо Қориишкамба ибрат гирифт, ӯ дар дили худ мегуфт: «Агар ман бо Қориишкамба дар байни худ муомилаи сагона кунем, ҳар дуи мо ҳам аз дастранҷи деҳқонон дуруст фоида бурда наметавонем, агар мо муомилаи аспона кунем, ҳар дуямон ҳам ба қадри иштиҳо баҳраманд мешавем».

Ӯ бо ҳамин муҳокима пеши Қорӣ рафта бо ӯ созиш кард ва аз ӯ бо қарори ба ҳар сад танга дар моҳе се танга фоида пул бардошта, ба деҳот бурда, ба деҳқонони муҳтоҷ, заминашонро бо байъи шаръӣ хат карда гирифта, ба қарори ҳар моҳ ба ҳар сад танга аз ҳашт то даҳ танга фоида гирифтан, қарз додан гирифт. Аммо агар пулаш ба ягон деҳқон сӯзад ҳам, ин борро ба гардани Қорӣ напартофта, худ бардоштан хост.

Бо ҳамаи ин, гоҳо ҳирси сагонаи Қориишкамба ҷӯш зада ба арбоб Рӯзӣ: «Ман соҳиби пул шуда истода дар ҳар моҳ ба ҳар сад танга се танга фоида мегирам, аммо шумо аз болои пули ман дар ҳар моҳ ба ҳар сад танга аз панҷ то ҳафт танга ба муфт фоида мебаред. Ин аз инсоф нест» гуфта изҳори норизоӣ мекард.

Арбоб Рӯзӣ дар ҷавоб зиндагонии байнихудии аспон ва сагони худро нақл карда, «ҷаноби Қорӣ, дар муомила асп шавед, саг нашавед!» гуфта ӯро сокит мекард.

Дар ҳақиқат, Қориишкамба аз созише, ки бо арбоб Рӯзӣ кард, шод буд, чунки ба воситаи ӯ бе ҳеҷ ташвиш ва бими сӯхтани пул як қисми маблағҳояшро, ки дар бонк бо фоидаи дар ҳар сол саде ба панҷ фоиз мехобиданд, ба дувоздаҳ баробари фоидаи аз бонк рӯянда ба деҳот паҳн карда тавонист, ин бошад, орзуи якумрии ӯ буд.

Арбоб Рӯзӣ ҳам аз ин созиш хурсанд буд, чунки маблағҳои ғайри маҳдуди Қориишкамбаро ба деҳот паҳн карда бисёр

заминҳоро бо байъи шаръӣ ба даст медароварда ва дар фурсати муносиб он заминҳоро тамоман аз худ карданаш мумкин буд, зеро ӯ бо машварати ноиб васиқаҳои аз деҳқонон гирифтаниашро бо муддати муайян яксола ё дусола не, балки «индатталаб» (дар вақти талаб ситонданаш мумкин) менависонд ва дар асоси он васиқаҳо метавонист, ки аз деҳқони фақир дар вақти тангии сол пули худро талабад ва дар сурати пулро адо карда натавонистани деҳқон замини ӯро аз они худ мекард.

Аввалин қурбони ин ду саги аспшуда Ҳамроҳрафиқ гардид, чунки бо илтимоси арбоб Рӯзӣ Қориишкамба дар як вақти тангии сол пули худро аз Ҳамроҳрафиқ талаб кард, ӯ дода натавонист. Бинобар ин ӯ панҷ таноб замини ба даҳ ҳазор танга арзандаи Ҳамроҳрафиқро ба арбоб Рӯзӣ ба чор ҳазор танга фурӯшонда пули худро рӯёнид.

Азбаски дар ҳар сари чанд гоҳ раги ҳирси сагонаи Қориишкамба ҷунбида, ба фоидаҳои меёфтагии арбоб Рӯзӣ изҳори рашк ва ҳасад мекард, Арбоб хост ба болои як мурофиаи бо деҳқонон, ки дар хонаи худаш ташкил меёфт, Қориишкамбаро ба сифати тамошобин иштирок кунонад, то ки вай бо чашмони худ дида бовар кунад, ки муомила ба деҳқонон чӣ қадар душвор буда, ба болои ин чӣ миқдор харҷи барзиёдро талаб мекардааст. Бинобар ин ӯ Қориишкамбаро дар рӯзи мурофиа ба хонаи худ бурда меҳмон кард.

* * *

Фасли тирамоҳ буд, ҳамаи ҳосилоти заминҳо расида бошанд ҳам, деҳқонон ҷамъ карда нагирифта буданд, ғӯзаҳо шукуфта, сарҳои ҷуворияҳо ба тагалакҳои[1] худ овезон истода, хӯшаҳои арзану қӯноқ ранги тиллоӣ гирифта, баргу буттаҳои сабзӣ, пиёз барин сабзавоти бехмева ба ранги зумуррадин тофта чашми бинандаро ба тамошои худ ҷалб мекарданд; харбузаҳои тирамоҳӣ ранг оварда, аз байни палакҳои расидаи ҳанӯз пажмурданашудаи худ бисёр назаррабо менамуданд.

Дар ҳамин вақти сол деҳқонони деҳаи Сангсабз ба ҷойи он

[1] **Тагалак** – думчаи хӯшаи ҷуворию сафед.

ки дар киштзор буда ба кори ҳосилғундорӣ машғул бошанд, дар пеши ҳавлии арбоб Рӯзӣ гирд омада буданд. Онҳо монанди он ки дар пеши мурдахона нишаста бошанд, дар ду паҳлуи дарвозаи калон қатор ба девор такя карда ғамгинона менишастанд, аммо аз даруни ҳавлӣ монанди мурдахонаҳо овози навҳа ва гиря шунида намешуд, билъакс, аз он ҳавлӣ, гӯё ки дар он ҷо тӯй шуда истода бошад, садои шӯхӣ, бозӣ ва хурсандӣ мебаромад.

Дар ҳақиқат ҳам он рӯз дар ҳавлии арбоб Рӯзӣ тӯй набошад ҳам, як зиёфати тӯймонанде ташкил ёфта буд, гули сари сабади ин зиёфат Қориишкамба ва ноиби дар деҳаи Галаосиё бошандаи қозикалон Мирзохӯҷаи шикамбанда буданд. Дигар ҷойи ин меҳмонхонаи васеъро одамони ноиб ва туфайлихӯрон, яъне калонони деҳаҳои Сангсабз ва Бӯлмахӯрон пур карда менишастанд.

Баъд аз хӯрда шудани таомҳо ва нӯшида шудани чойҳо ноиб ба арбоб Рӯзӣ:

– Акнун сар кунем, мешавад, рӯз ҳам рафт! – гуфт.

– Бисёр хуб! – гӯён арбоб аз ҷояш бархоста аз тоқчаи меҳмонхона як сандуқчаро гирифта аз даруни вай як бастаро бароварда оварда ба ноиб дод. Ноиб он бастаро кушод, дарун вай пур аз васиқаҳои таҳ ба таҳ гузошташуда буд.

Ноиб он васиқаҳоро аз назар гузаронида аз арбоб пурсид:

– Магар ҳамаи инҳоро ҳамин рӯз мебинем.

– Ҳамаашро ҳамин рӯз дида баромадан даркор аст, – гуфт арбоб, – зеро агар баъзеаш дер монад, аҷаб нест, ки баъзе касон он қарздоронро аз роҳ бароранд; охир, «одамро одам вайрон мекунад, заминро об» гуфтаанд.

Ноиб яке аз васиқаҳоро ба даст гирифта:

– Ин ба номи Муҳсин будааст, – гуфт, – аввали кор ҳаминро дидан мумкин аст?

– Не! – гуфт арбоб ва эзоҳ кард, – Муҳсин дар ҳар ҷо «ман пули арбобро расондаам, то ӯро қасам надиҳам, дигар пул намедиҳам» гуфта гаштааст. Ӯ, албатта, дар вақти мурофиа гапҳои пасту баланд хоҳад зад, аҷаб нест, ки аз вай сабақ гирифта думчаи дигаронаш ҳам об гирад. Бинобар ин аз ҳама охиртар дидани кори ӯ маслиҳат аст.

Ноиб васиқаи дигареро ба даст гирифта:

– Ин ба номи Шодмон будааст, ҳаминро аввал бинем мешавад? – аз арбоб пурсид.

– Мешавад, – гуфт арбоб, – пулеро, ки аввалин бор аз ҷаноби Қорӣ гирифтаам, ба ҳамин кас қарз дода будам, бинобар ин аввал ҳамин корро дидан муносиб аст, ки меваи пешпазаки дарахти пайвандии мо, яъне ба ҳам созиш кардани мо бо Қорӣ мебошад.

Ноиб ба одамони худ барои мурофиа даровардани Шодмонро фармуд.

Яке аз мулозимони ноиб як бӯрёча оварда дар беруни даре, ки ноиб дар даруни меҳмонхона дар пеши он дар нишаста буд, паҳн кард ва Шодмонро аз байни одамоне, ки дар беруни дарвозаи арбоб қатор нишаста буданд, ҷеғ зада оварда, бар рӯйи он бӯрёча шинонд. Аммо деҳқонони дигар ҳам даромада ба болои сари Шодмон рост истоданд.

– Шумо ҳам баромада бар рӯйи бӯрёи шариат дар паҳлуи муддаиалайҳатон[1] нишинед! – гуфт ноиб ба арбоб.

– Магар баромада ба рӯйи бӯрё нишастани ман ҳам лозим аст? – гуфт арбоб дудилона.

– Албатта, лозим аст! – гуфт ноиб. – Аз рӯйи шариат ҳар кас, ки бошад, дар вақти мурофиа дар паҳлуи ҳам нишастани тарафайн зарур аст.

Арбоб гӯё ки ҳукми шариатро ва иҷрокунандаи ӯ– ноибро масхара медошта бошад, бо лабханди истеҳзоомез, паси сар хорон-хорон, бо дили нохоҳам, аз ҷояш хесту аз хона баромада рафта дар паҳлуи қарздори худ Шодмон нишаст.

Ноиб васиқаеро, ки дар даст дошт, аз назар гузаронида ба мурофиачиён нигоҳ карда пурсид:

– Шодмон валади Юсуф кист?

– Ман тақсир! – Шодмон ҷавоб дод.

– Ту се сол аз ин пеш аз арбоб Рӯзӣ як ҳазор танга қарз гирифта будӣ, рост аст?

– Рост аст, тақсир!

---

[1] **Муддаиалайҳ** – ҷавобгар, касе, ки ба вай даъво карда мешавад.

– Ба бадали ҳамин як ҳазор танга бо байъи шаръӣ чор таноб заминатро фурӯхта, ҳамон заминҳоро аз арбоб ҳар моҳ ба ҳаштод танга иҷора гирифта будӣ, рост аст?

– Рост аст, тақсир!

– Чунонки дар ҳамин васиқа навишта шудааст, ту ваъда карда будӣ, гуфта будӣ, ки «ҳар вақт арбоб пули худро талаб кунанд, медиҳам. Агар дар вақти талаби арбоб иҷораи замин ё ин ки тани пулро надиҳам, ё дода натавонам, ба супурдани ҳамин заминҳо ба арбоб маҷбурам». Ин рост аст?

– Рост аст, тақсир!

– Ҳозир арбоб пули худро бо яксола иҷораи замин аз ту талаб доранд: «Агар Шодмон тани пул ё иҷораи заминро надиҳад, заминҳоро ба ман гирифта диҳед!» гуфта арз карданд. Инак ҳозир бояд ту тани пулро бо иҷораи яксолаи замин ба арбоб диҳӣ; агар пул дода натавонӣ, бояд заминро супорӣ! Чӣ мегӯӣ?

– Тақсир! – гуфт Шодмон, – ман дар муддати ҳамин се сол фоидаи пули арбобро…

– «Фоида» нагӯй, «бадали иҷораи замин» гӯй! Чунки аз рӯйи шариат қозӣ ва ноиби он даъвои фоидаи пулро, ки «рибо» буда, шариат додугирифти онро манъ кардааст, намепурсанд. Бинобар ин, дар васиқа бадали иҷораи замин навишта шудааст, – гуфта ноиб сухани Шодмонро тасҳеҳ кард.

– Хуб! – гуфт Шодмон, – бадали иҷораи заминро дар вақт-вақташ дода омадам. Аз ғайри ин бо гови кории худ, бо хари худ, бо каланд ва доси худ ба корҳои деҳқонии арбоб ёрӣ расондам. Ана ҳамин хизматҳои беминнати худро шафеъ оварда, аз арбоб мепурсам, ки ба ман понздаҳ рӯз муҳлат диҳанд, то ки ман ҳосилоти заминҳоямро ғундошта қарзи он касро адо намоям.

– Чӣ мегӯед, арбоб, понздаҳ рӯз муҳлат медиҳед? – ноиб аз арбоб пурсид.

– Не! – гуфт арбоб, – як рӯз ҳам муҳлат намедиҳам, ё пули маро ҳозир дар ҳузури шумо ба ман супорад ё заминашро!

– Муддаӣ муҳлат намедиҳад, бояд ҳозир ё пул диҳӣ ё замин, дигар чорае нест! – гуфт ноиб ба Шодмон.

– Ҳозир пули нақд надорам!

– Баъд аз понздаҳ рӯз аз куҷо пули нақд меёбӣ? – ноиб аз Шодмон пурсид.

– Як таноб рӯяни[1] сесола дорам, ки ҳосили вай қариб ба қарзи арбоб мерасад; ба болои ин, як таноб ғӯза дорам, ки чаман барин шукуфтааст, ҳосили вай ҳам ба нимаи қарзи арбоб мерасад. Лекин фурсат даркор аст, ки ман ин ҳосилҳоро ғундошта гирифта фурӯхта пул тайёр кунам.

– Биёед, понздаҳ рӯз набошад, даҳ рӯз муҳлат диҳед! – гуфт ноиб ба арбоб, – то ки қарздор ҳосилоти худро ғундошта пул кунад.

– Не! – гуфт, – Худо як аст, сухани ман ҳам як аст, як соат ҳам муҳлат намедиҳам.

– Чора нест, – гуфт ноиб ба Шодмон, – мувофиқи васиқа бояд ҳозир пул диҳӣ ё замин!

– Барои заминҳоро додан ҳам ҳосили онҳоро ғундошта гирифтанам даркор аст, – гуфт Шодмон.

– Тақсир арз дорам, – гуфт арбоб ба ноиб.

– Чӣ арз?

– Шумо марҳамат карда як бори дигар васиқаро хонда бинед! Агар дар вай навишта шуда бошад, ки «дар вақти заминро супурдан қарздор бояд ҳосилро ғундошта гирифта, баъд аз он заминро супорад», дар он вақт ман рухсат медиҳам, ки Шодмон заминро холӣ карда диҳад, аммо агар дар васиқа ин шарт навишта нашуда бошад, талаб мекунам, ки чор таноб заминро бо киштҳояш ҳозир ба дасти ман гирифта диҳед!

Ноиб баъд аз он ки васиқаро боз як бори дигар аз назараш гузаронид, ба арбоб нигоҳ карда:

– Дар васиқа ин гуна шарт набудааст, – гуфт ва ба Шодмон нигоҳ карда сухани худро давом дод: – Агар дар замин чизҳои манқул, яъне монанди каланд, табар, поза ва сипор чизҳои аз ҷойе ба ҷойе бурдашаванда дошта бошӣ, мегирӣ, аммо киштҳои заминро, ки ҳанӯз аз замин ҷудо карда гирифта нашудаанд, ба гирифтан ҳақ надорӣ. Бояд заминро бо ҳосилоти ғундоштанашудааш ба арбоб супорӣ!

– Не, намесупорам! – гуфт Шодмон бо қатъият, – ман ба ин

[1] **Рӯян** – як навъ растанӣ, ки аз вай ранги сурх тайёр мекунанд.

гуна ҳукми ноҳаққонаи ноинсофона ва тороҷгарона итоат намекунам ва гарданамро аз сад ҷо буранд ҳам, гардан намедиҳам!

– Чӣ гуфтӣ? – гуфт ноиб хашмгинона аз ҷояш нимхез шуда ва бозгашта нишаста, – ту ҳукми маро ё ҳукми шариатро ва ё ин ки талаби арбобро «ноҳаққона, беинсофона ва тароҷгарона» гуфтӣ ё ин ки ягон чизи дигарро?

– Ҳукми кадом кас ва талаби кадом шахс, ки бошад, ин ҳукм ноҳаққона, беинсофона ва тороҷгарона аст! – гуфта Шодмон суханони пештараашро таъкид кард.

– Ин ҳукм, албатта, ноҳаққона, беинсофона ва тороҷгарона аст! – гӯён деҳқононе, ки аз кӯча омада ба болои мурофиаи Шодмон рост истода буданд, суханони ӯро тасдиқ карданд.

– Инҳо чӣ касонанд? – гуфта пурсид ноиб аз одамони худ, деҳқонони ба Шодмон тарафдорӣ карда истодаро нишон дода:

– Инҳо ҳам аз арбоб қарздор мебошанд ва навбати мурофиаи худро нигаронанд, – яке аз одамони ноиб ба ӯ ҷавоб дод.

– Инҳоро зада аз суфа фуроварда, аз дарвоза бароварда пеш кунетон. Ҳар гоҳ ки навбати мурофиаашон расад, ягон-ягон ҷеғ зада мешаванд. Ҳеҷ кас инҳоро «ба Шодмон вакили даъво шавед!» гуфта даъват карда ба ин ҷо наовардааст! – гӯён ноиб ба мулозимони худ фармони қатъӣ дод.

Аммо одамони ноиб аз ҳуҷуми деҳқонон тарсида онҳоро назаданд, лекин бо забони хуш ва бо хушомадгӯӣ аз суфа фуроварда, аз дарвоза бароварда фиристоданд ва баъд аз он ки деҳқонон аз болои мурофиа дур карда шуданд, ноиб ба Шодмон нигоҳ карда:

– Ҳукми шариат ба итоат кардан ва накардани ту нигоҳ накарда иҷро мешавад: чор таноб замин бо ҳамаи киштҳои ғундоштанашудааш аз они арбоб Рӯзӣ шуд. Аммо ту ба сабаби он ки шариатро, ноиби қозикалонро ва одами муътабари мамлакат, яъне арбоб Рӯзиро таҳқир кардӣ, гунаҳгор шумурда шуда ба ҳабс гирифта мешавӣ! – гуфт ва ба мулозимони худ нигоҳ карда фармон дод. – Ҳозир ин гунаҳгорро дар аспхонаи арбоб ҳабс карда монед, бегоҳӣ ба ноибхона бурда, фардо хат навишта ӯро ба ихтиёри ҷаноби шариатпаноҳ эшони қозикалон мефиристонем!

Баъд аз ба ҳабс гирифта шудани Шодмон қарздорони дигарро ягон-ягон оварда мурофиа карданд. Қарздорони дигар, ки аз фоҷиаи ба сари Шодмон омада тарсида буданд, аз ҳукми ноиб гардантобӣ накарда заминҳошонро бо ҳосилоташон ба арбоб супурданд.

* * *

Навбати мурофиаи Муҳсин расид, ноиб васиқаи дар бораи қарздории Муҳсин навишташударо аз назар гузаронида аз ӯ:

– Ту ду сол пеш аз ин аз арбоб Рӯзӣ як ҳазору панҷсад танга қарз гирифта ба бадали он маблағ шаш таноб заминатро ба арбоби мазкур бо байъи ҷойизи шаръӣ фурӯхта будӣ! Ҳамин тавр аст? – гуфта пурсид.

– Дуруст аст, ки ман шаш таноб заминамро ба арбоб ба бадали як ҳазору панҷсад танга бо байъи ҷойизи шаръӣ фурӯхта, чунонки дар васиқа навишта шудааст, он заминҳоро аз арбоб худ ба иҷора гирифта будам ва то ҳамин сол пули иҷораро дар вақташ дода омадам. Аммо як моҳ аз ин пеш тани пули арбоб – як ҳазору панҷсад тангаро ҳам ба ин кас нақд супурда заминҳоямро аз дасташон тамоман халос карда гирифтам, – ҷавоб дод Муҳсин.

– Тани пули арбобро, ки бо пули иҷораи замин пурра адо карда будӣ, чаро васиқаи он заминҳоро аз дасти ин кас нагирифтӣ? – ноиб боз пурсид.

– Ман пулро ба арбоб шабона дода будам ва дар ҳамон вақт васиқаамро ҳам талаб карда будам, аммо ин кас «шабона васиқаи туро аз байни васиқаҳо ёфта додан душвор аст, фардо дар рӯзи равшан ёфта медиҳам» гӯён маро бовар кунонда буданд. Фардои ҳамон шаб, ки ман васиқаамро аз ин кас талаб кардам, пули шабона гирифтаашонро инкор карданд ва ба болои ин «акнун дилам аз ту бад бурд, дарҳол пули маро ёфта деҳ ё заминҳоро ба ман супор!» гуфта маро танг кардан гирифтанд.

– Дар бораи додани пул шоҳид дорӣ? – ноиб боз пурсид.

– Пулро дар шаби торик дода будам, ба ғайр аз Худо гувоҳ надорам, – гӯён Муҳсин аз кисабағали худ як коғазро бароварда ба тарафи ноиб дароз кард. Мулозиме, ки ба болои сари

мурофиакунандагон рост истода буд, он коғазро аз дасти Муҳсин гирифта ба ноиб дод:

Ноиб баъд аз он ки он коғазро сар то по бодиққат аз назар гузаронид, ба арбоб Рӯзӣ:

– Ин маҳзари дафъ[1] аст. Муҳсин бо ин маҳзар даъво кардааст, ки пулро ба шумо додааст, аммо васиқааш ба дасти шумо мондааст ва аз қозии ислом талаб мекунад, ки васиқаи ӯро аз дасти шумо гирифта ба ӯ супорад. Дар бораи мувофиқи шариат будани ин даъвои Муҳсин дар ҳошияи маҳзар ривояти уламо навишта шуда, якчанд муфтиёни Бухоро он ривоятро «дуруст аст» гӯён бо муҳри худ тасдиқ кардаанд.

Ноиб баъд аз ин тафсилот аз арбоб Рӯзӣ пурсид:

– Дар ҳақиқат шумо пули худро тамоман аз Муҳсин гирифта васиқаро дар дасти худ нигоҳ доштаед ё не? Чӣ мегӯед?

– Ман аз мурдани худ хабар дорам, аммо аз ин кор хабар надорам, яъне ман аз Муҳсин пули худро нагирифтаам, – арбоб ҷавоб дод.

Баъд аз он ноиб ба Муҳсин рӯ оварда пурсид:

– Ту даъвои худро бо гувоҳ исбот мекунӣ ё арбобро қасам медиҳӣ?

– Ман аз исботи даъвои худ оҷиз мебошам, арбобро қасам медиҳам, агар арбоб қасам хӯранд, ки аз ман пулашонро нагирифтаанд, ман дар ҳузури шумо пули ин касро дубора дода васиқаи худро меситонам, – Муҳсин ҷавоб дод.

Ноиб қарор дод, ки ин даъво то ҳафтаи оянда мавқуф гузошта шавад, агар то он вақт тарафайн бо ҳам созиш накунанд, арбобро савганд дода, пас аз он пули он касро аз Муҳсин хоҳад рӯёнид…

* * *

– Ба шумо ҳам, ба шариати шумо ҳам боварии кас намонд!– гуфт арбоб дар вақте ки баъд аз мурофиа карданаш бо Муҳсин аз бӯрёи шариат бархоста ба меҳмонхона даромад.

[1] **Маҳзари дафъ** – ҳуҷҷате буд, ки дар Бухорои амирӣ ҷавобгар барои рад кардани даъвои даъвогар менавишт.

– Чаро? Чаро? – ноиб бо оҳанги изтироб ва бо як навъ хиҷолатмандӣ аз арбоб пурсид.

– Охир, шумо ҳамеша мегуфтед, ки «шариат дар дасти мо аст, мо метавонем онро ҳар вақт ба манфиати шумо кор фармоем», имрӯз чӣ шуд, ки шариатро ба фоидаи Муҳсин кор фармудед?

– Дуруст аст, ки, – гуфт ноиб, – ман «шариат дар дасти мо аст» гуфтаам, аммо ҳеҷ гоҳ нагуфтаам, ки «шариат дар дасти ман аст». Охир, ғайр аз ман ҳам соҳибони шариат ҳастанд, онҳо муфтиҳо мебошанд. Ана ҳамин муфтиён ба Муҳсин як роҳ ёфта додаанд. Албатта, онҳо ин роҳро ба ӯ арзон нафурӯхтаанд, охир, барои онҳо ҳам аз болои шариат нон хӯрдан лозим аст. Агар ман ривоят– маҳзареро, ки муфтиҳо навишта муҳр карда ба дасти Муҳсин додаанд, напурсам, онҳо маро зинда нахоҳанд гузошт.

– Маълум мешавад, ки, – гуфт арбоб дар ҳафтаи оянда ҳам дар бурдани даъвои Муҳсин барои ман роҳе нест!

– Роҳ ҳаст, – гуфт ноиб, – ягона роҳе, ки барои шумо мондааст, қасам хӯрда пулатонро рӯёндан аст.

– Ман савганд нахоҳам хӯрд, – гуфт арбоб.

– Чаро? Ва ҳол он ки бе ҳеҷ даркорӣ соате сад бор қасам мехӯред!

– Қасамҳое, ки аз ғайри қасд ва монанди суханҳои одӣ аз даҳони кас мебароянд, ҳеҷ аҳамият надоранд. Аммо вақте ки одам дар бӯрёи шариат нишаста дар пеши қозӣ қасам хӯрад, мардум аз вай «қасамзада» гуфта мегурезанд ва аз вай нафрат мекунанд.

– Ман як роҳу равишеро медонам, ки, – гуфт Қориишкамба, – на ба вай ривоят– маҳзари муфтиён муқобил истода метавонад ва на ба пулдор қасам меояд.

– Ҳамон роҳро ба ман иншон диҳед! – гуфт арбоб Рӯзӣ ба Қориишкамба. – Агар ман бо ҳамон роҳ рафта даъвои Муҳсинро бурда аз вай ниқори худро гирам, аз шумо то қиёмат миннатдор мешавам.

– Акнун дар даъвои Муҳсин бой додед, дар ин кор ғалабаро умед накунед, – гуфт Қорӣ, – аммо дар оянда дар муомила бо деҳқонон бо ҳамон роҳ рафтан лозим аст.

– Вай роҳ кадом аст? – арбоб пурсид.

– Агар ҳар фоидаеро, ки аз он роҳ ёбед, бо ман баробар тақсим карданро ваъда диҳед, ман он роҳро ба шумо нишон медиҳам, – гуфт Қориишкамба.

– Бисёр хуб, ман ҳазор бор ва дар ҳузури ноиби ҷаноби қозикалон ба шумо ваъда медиҳам, ки ҳар фоидаи аз он роҳ ояндаро бо шумо баробар тақсим кунам.

– Ин роҳ роҳи вексел аст, баъд аз ин дар доду гирифт бо қарздорон ба ҷойи васиқаи қозӣ вексели русиро ба кор бурдан даркор аст, – гуфт Қориишкамба ва барои баргаштан ба шаҳр омода шудан гирифт…

XV

Баъд аз мурофиа Қориишкамба бо арбоб Рӯзӣ дубора созиши нав карданд, ин созиш дар бораи бо вексел муомила кардан буд. Мувофиқи ин созиши нав ҳар фоидае, ки аз роҳи векселбозӣ ба дасти арбоб дарояд, бояд нимаи он фоида ба Қорӣ дода мешуд. Вазифаи Қорӣ дар ин кор – дар муомилаи векселӣ ба арбоб роҳбарӣ кардан ва роҳи додугирифт бо векселро ба ӯ нишон додан буд.

Ба сифати самараи аввалини ин созиш бояд Қориишкамба Муҳсинро ҳам ба доми вексел мекашид ва дар натиҷаи он заминҳои Муҳсинро ба арбоб гирифта медод. Бинобар ин, Қориишкамба дар вақти аз саҳро баргаштан ба Муҳсин вохӯрда худро ба ӯ аз арбоб норозӣ вонамуд:

– Арбоби ноинсоф як ҳазору панҷсад тангаро аз ман ҳар сад танга дар моҳе бо се танга фоида қарз гирифта, ҳамон маблағро ба ту ҳар сад танга дар моҳе бо нуҳ танга ба қарз додааст.

Магар аз ин ҳам зиёдтар ноинсофӣ мешавад, ки ман дар ҳар сад танга дар моҳе ба се танга қаноат карда гардаму ӯ аз болои пули ман дар ҳар сад танга шаш танга мехӯрад. Беинсофии арбоб ба дараҷае расидааст, ки аз ҳар сад танга дар моҳе ба нуҳ танга фоида қаноат накарда мехоҳад, ки заминҳоятро ҳам аз дастат зада гирад.

Қориишкамба баъд аз он ки ранҷиши худро аз арбоб Рӯзӣ ва ноинсофии ӯро дар пеши Муҳсин исбот кард, ба ӯ тавсия кард, ки ҳар гоҳ ба пул муҳтоҷ шавад, рост пеши ӯ равад…

Муҳсин баъд аз ғалабаи пурраш ба арбоб Рӯзӣ шаҳр рафта ба Қориишкамба вохӯрд, Қорӣ ӯро хуш қабул намуда чӣ шудани натиҷаи кори охирини ӯро бо арбоб пурсид.

– Чӣ мешуд? – гуфт Муҳсин дар ҷавоб, – ба арбоб қасам омад, вай аз савганд хӯрдан саркашӣ кард, бинобар ин ноиб ба фоидаи ман ҳукм карда даъвои ӯро беасос шумурд ва васиқаи маро аз вай гирифта ба ман дод.

– Соз кардӣ! – гуфт Қорӣ бо оҳанги таҳсин ва аз вай пурсид, – дар ин кор чанд танга харҷ кардӣ?

– Ба ҳар муфтӣ дусадтангагӣ – ба чор муфтӣ ҳаштсад танга сарф кардам.

– Бояд ба ноиб ҳам ягон чиз дода бошӣ?

– Албатта, – гуфт Муҳсин, – «аробаи равған карданашуда ҳаракат намекунад» гуфтаанд, бо дусад танга гулуи ноибро ҳам равған кардам. Дар асл мурофиаро то як ҳафта дер монондани ноиб ҳам барои «хориши гулуяш» буд.

– Маълум мешавад, ки як ҳазор танга харҷ карда аз як ҳазору панҷсад танга ба арбоб додан халос шудӣ.

– Агар ба кор рӯякӣ нигоҳ кунем, ҳамин тавр аст, – гуфт Муҳсин, – лекин ғалабаи ман дар ин аст, ки заминҳоямро аз дасти арбоб халос карда гирифтам, ӯро дар миёнаи дӯсту душман сарпаст кардам ва одамон фаҳмиданд, ки «сангзанро сангшикан» ҳам будааст. Вагарна он як ҳазор тангае, ки ман ба ин кор қарз карда харҷ намудам, бо фоидааш кайҳо аз як ҳазору сесад танга зиёдтар шуд.

– Ин маблағро аз кӣ ва бо чӣ қадар фоида қарз гирифтӣ?

– Аз як касе, ки дар ривоятфурӯшӣ дар байни муфтиён ва ривоятталабон миёнаравӣ мекунад, ба қарори дар ҳар рӯз даҳ танга фоида додан қарз гирифтам.

– Ӯҳ, ӯҳ,– гуфт Қориишкамба афсӯсхӯрон, – ба ин фоидаи вазнин чӣ тавр тоб овардӣ ва чаро аз аввал ба пеши ман наёмадӣ?

Афсӯсхӯрии Қориишкамба зоҳиран барои ба гардани Муҳсин афтидани ин гуна бори вазнин бошад ҳам, дар ҳақиқат ӯ дар оташи ҳирсу ҳасад месӯхт ва барои дар даҳони худаш надаромадани ин луқмаи равғанин афсӯс мехӯрд. Ин ҳолати рӯҳияи ӯ аз ҳамин маълум мешуд, ки дар вақти гуфта-

ни он суханони афсӯсхӯрона ангуштонашро хаму рост мекард, магар ӯ дар ҳар моҳ ба ҳар сад танга чанд танга афтодани он фоидаи сангинро ҳисоб карда медид.

– Ман чӣ донам? Ман шуморо бо арбоб Рӯзӣ дӯсти наздик медонистам, бинобар ин шумо маблағеро, ки бар зидди ӯ харҷ мешавад, бояд қарз надиҳед гуфта меандешидам.

– Аввал он ки судхӯр бо судхӯр дӯст намешавад, инҳо монанди сагу гурба ҳамеша ба якдигар душман мебошанд ва ба болои устухон меҷанганд, дувум он ки ба ман ба ҳар сад танга ҳар моҳ се танга фоида дода аз деҳқонон аз ҳашт то даҳ танга фоида гирифтанашро намеписандидам, чунки ин кори ӯ, ҳам дар ҳаққи ман ва ҳам дар ҳаққи деҳқонони фақир ноинсофӣ буд.

– Агар шумо ба ман некӣ кардан хоҳед, ҳоло ҳам вақт нагузаштааст, – гуфт Муҳсин, – агар шумо ба ман бо фоидаи сабук қарзи дарозмуддаттар диҳед, аз фоидаи он ривоятфурӯш халос мешавам.

– Барои аз қарзи он ривоятфурӯш халос шуданат чанд танга даркор аст?

– Ҳамин рӯз қарзи ман аз вай ба як ҳазору сесаду даҳ танга расид, фардо боз даҳ танга зиёд мешавад. Шумо инак ба ҳамин эҳтиёҷи ман нигоҳ карда ба ман қарз диҳед!

– Ин тавр бошад, якбора як ҳазору чорсад танга гир! Агар ин маблағ аз қарзат зиёдатӣ кунад, ба ягон масрифи дигарат сарф мекунӣ.

– Фоидаашро чӣ қадар талаб мекунед?

– Аз фоидае, ки ба арбоб Рӯзӣ додӣ, чор танга камтар, яъне дар ҳар моҳ ба ҳар сад танга шаш танга фоида медиҳӣ. Лекин муддаташро ҳамин вақт муайян карданат зарур аст.

– Ман умедворам, ки соли оянда дар вақти ҳосилғундорӣ қарзи шуморо бо фоидааш адо намоям.

– Яъне баъди як соли комил. – Қориишкамба аз рӯйи сухани Муҳсин муҳлати адои қарзи худро муайян кард.

– Оре, баъд аз як сол, – Муҳсин тасдиқ намуд ва пурсид, – акнун чанд таноб заминамро ба номи шумо бо байъи шартӣ васиқа карда биёрам?

– Барои ман васиқаи қозихона ҳам лозим нест, заминат

ҳам, ба ман фоидаи яксоларо ба тани пул зам карда мувофиқи он маблағ вексел диҳӣ, басандааст.

Муҳсин аз ин суханони Қориишкамба ҳам хурсанд шуд, ҳам дар тааҷҷуб афтод ва ҳам тарсид: хурсанд шуд, зеро дар вақте ки судхӯрони деҳот ва аз ин ҷумла арбоб Рӯзӣ ба заминҳои вай чашм дӯхта буданд, Қориишкамба «ба ман заминат даркор нест» мегӯяд; дар тааҷҷуб афтод, чунки Қориишкамба ба ӯ боварӣ карда бе васиқаи қозихона қарз додан мехоҳад; тарсид, чунки имрӯз аз Қориишкамба ҳуҷҷати дар умри худ нашунидаашро (векселро) шунид. «Векселаш чӣ бало бошад, мабодо дар зери ин коса нимкосае бошад, мабодо кори маро ин вексел бадтар кунад» гӯён дар дили худ меандешид ва гоҳо дар дили худ худро тасаллӣ медод: «На ин ки як қории Қуръон панҷ вақт намозхон дар ҳаққи як деҳқони меҳнатдӯсти дар роҳ монда бадандешӣ кунад, хусусан дар вақте ки арбоб Рӯзӣ ва судхӯри ривоятфурӯшро «ноинсоф!» гӯён дашном медиҳад, на ин ки худ аз онҳо ҳам бадтар ноинсофӣ кунад…».

Қориишкамба аз ғарқ шудани Муҳсин ба фикру андеша пай бурд, ки ӯ дар шубҳа афтодааст, барои хотирҷамъ кардани вай гуфт:

– Ман ба бечорагии ту раҳм карда васиқаи қозихонагӣ, ки харҷи бисёр дорад, аз ту талаб намекунам, дили ман ба ту чунон пур аст, ки мехостам ба ту бе ҳеҷ гуна ҳуҷҷат қарз диҳам, аммо аз он ҷо, ки вексел дар муомилаи ман бо бонк ба ман даркор мешавад, аз ту вексел гирифтан хостам. Ту аз ин кори ман бадгумон нашав!

Бо ҳамаи ин шубҳаи Муҳсин ҳанӯз бартараф нашуда буд, бинобар ин, аз Қориишкамба пурсид:

– Вексел барои муомилаи шумо бо бонк чӣ даркорӣ дорад?

– Чунки масалан ман аз ту ба ду ҳазор танга вексел гирам ва агар он векселро ба бонк бурда гарав монам, аз болои вай бонк ба ман як ҳазор танга қарз медиҳад, ман метавонам, ки он маблағро ба як дарди худ даво кунам. Аммо бонк як ҷувол васиқаро ба як пул ҳам ба гарав намегирад.

Муҳсин бо ин эзоҳи Қориишкамба як дараҷа аз шубҳа баромада ба вексел додан розӣ шуд ва:

– Барои вексел дода пул гирифтан кадом вақт оям? – гуфта пурсид.

– Фардо пагоҳонӣ биё! – гуфт Қориишкамба ва аз вай пурсид, – барои ба вексел даст мондан хатту савод дорӣ?

– Не, хатту савод надорам!

– Хуб, зарар надорад, дар пеши натарус аз ҷониби ту ягон кас даст мемонад…

* * *

Қориишкамба Муҳсинро бо худ гирифта ба Когон бурд ва дар он ҷо пули вексел, хароҷоти натарус, музди дасти бо илтимоси Муҳсин дар вексел имзокунанда ва фоидаи яксолаи як ҳазору чорсад тангае, ки ба Муҳсин қарз медод – ҳамаро ҳисоб карда маблағи қарздории ӯро ба ду ҳазору чорсад танга расонид ва ин маблағро ба сӯми русӣ гирдонда ба маблағи сесаду шаст сӯм аз Муҳсин вексел гирифтанро муқаррар кард ва ба бонк даромада мувофиқи маблағи мазкур вексел харида баровард. Баъд аз он як шахси хатту саводнокро ёфт, ки ӯ аз ҷониби Муҳсин дар вексел имзо кард.

Қориишкамба, Муҳсин ва одами имзокунанда – ҳар се бо ҳам ба пеши натарус даромаданд. Дар он ҷо дар ҳузури натарус он шахс бо илтимоси Муҳсин, бинобар хатту савод надоштани ӯ, вексели сафеди бетаърихи сесаду шастсӯмиро имзо карда ва натарус он имзоро бо муҳру имзои худ тасдиқ намуд.

Қориишкамба баъд аз додани харҷи натарус ва музди дасти имзокунанда аз натарусхона баромада вексели сесаду шастсӯмиро гирифта ба ӯ як ҳазору чорсад танга, яъне дусаду даҳ сӯм пули нақд дода гуфт:

– Дидӣ, ки вексел чӣ тавр ҳуҷҷати беташвиш будааст, барои вексел дода пул гирифтан на ба қозикалон муҳрона, на ба мирзои ӯ котибона, на ба мулозимаш хизматона, на ба ноиб ноибона ва на ба арбоб ва калонтарони деҳа ширинкома – кӯтоҳ карда гӯем, ҳеҷ як харҷи барзиёд кардан лозим намеояд ва инчунин барои вексел додан заминро ба гарав мондан ҳам даркор намешавад…

Қориишкамба баъд аз он ки «хубиҳои вексел»-ро шарҳ дод, сухани худро давом кунонда гуфт:

– Ман бо ин ҳуҷҷати беташвиш метавонам, ки ба ҳар кадоми деҳқонони ба пул муҳтоҷи деҳот қарз дода онҳоро аз чанголи арбоб Рӯзӣ барин судхӯрон, ки ба заминашон чашм дӯхтаанд, халос кунам. Ин ҳолро ба ҳамсоягон ва дӯстони худ хабар деҳ!

– Хуб, хабар медиҳам, – гӯён Муҳсин аз Қориишкамба ҷудо шуда рафт.

* * *

Баъд аз ду моҳи аз Муҳсин вексел гирифта ба ӯ қарз додани Қориишкамба дар деҳаи Сангсабз дар хавлии арбоб Рӯзӣ як зиёфати на он қадар калон ташкил ёфта буд. Дар ин зиёфат аз омаду рафткунандагони пештараи ин ҳавлӣ танҳо Қориишкамба, Мирзохӯҷаи ноиб ва одамони ӯ буда, аз калонтарони деҳа ягон кас ҳам иштирок надошт.

Ғайр аз меҳмонони ба мо маълум ду каси дигар дар он зиёфат иштирок доштанд, ки пештар дар он ҷоҳо онҳо дида нашуда буданд: яке аз он ду кас як одами тахминан чилсолаи миёнақади сабзиначеҳра буд, ки ришаш бар хилофи расми мардуми Бухоро як қадар кӯтоҳ карда шуда буд ва мӯйлабаш ҳам аз мӯйлабҳои одамони Бухоро дарозтар ва ғулитар буда лабонашро пӯшонда меистод.

Ҷомаи рӯйпӯшии ин одам сипоҳиёна, нақшкалону зеҳкалон буда, саллааш монанди амалдорони Бухоро сафеду шалғамӣ баста шуда буд, аммо либоси таҳпӯшиаш монанди либоси русҳо буда, ба пояш мӯзаи хироми бухороидӯхт дошт.

Дигаре аз ин ду одам зардчаранг, ришу мӯйлабаш тамоман тарошида, мӯйсараш дароз гузошташуда буда, пӯшокаш тагу рӯй аврупоӣ буд. Қомати ин одам баланд бошад ҳам, баданаш камгӯшт ва миёнаш борик менамуд.

Тартиби зиёфати онрӯза ҳам аз зиёфатҳои пештара фарқнок буд, дар миёнаҷойи хона як чорпояи баландиаш ниморшинӣ гузошта шуда буд ва бар рӯйи ин чорпоя як дастархони сафед паҳн карда, бар рӯйи вай хӯрданиҳоро батартиб ниҳода буданд.

Таоми ин зиёфат аз зиёфати пештара кам фарқ дошт: дар пеши Қориишкамба, ноиб ва одамони ӯ монанди пештара

гӯштбирён, мурғбирён, баррабирён, палави сергӯшту равған ва монанди инҳо хӯрданиҳои маҳаллӣ буд, аммо дар пеши он ду меҳмони нав монанди катлет, жаркуб ва дигар таомҳои гуногуни аврупоӣ буд. Ин меҳмонон монанди одамҳои маҳаллӣ таомро бо даст нахӯрда, бо корд бурида бо чангча гирифта мехӯрданд, инчунин дар пеши ин ду меҳмон ду қадаҳи булӯрин бо ду шиша шароб меистод. Ба шиками ин шишаҳои шароб коғазҳои зарҳалдоре часпондашуда буда, бар он коғазҳо нақши панҷ ситораи заррин ва дар зери он ситораҳо бо ҳарфҳои заррин навиштае менамуд, ки ба ҳарфҳои арабӣ монандӣ надошт.

Қориишкамба бо вуҷуди он ки аз ҳама пештар ба таом даст бурда кӯшиш дошт, ки аз дигарон бештар хӯрад, чашмонашро аз он шишаҳо намеканд. Вақте ки меҳмони нимаврупоипӯш яке аз он шишаҳоро ба даст гирифта навиштаи вайро аз назар мегузаронид, Қориишкамба аз ӯ:

– Вай чист? – гуфта пурсид.

– Ин коняк аст, – гуфт он меҳмон.

– Коняк чист? – Қориишкамба боз пурсид.

– Ин дору аст, ин доруест, ки ба одамони пир қувват медиҳад ва иштиҳои монанди шумо касонеро, ки ба хӯрдан ҳавас доранд, мекушояд, – гуфт ӯ ва даҳони шишаро кушода, дар ду қадаҳ барои худ ва шарикаш шароб кашида аз Қорӣ пурсид, – агар хоҳед, барои шумо ҳам як пиёла аз ин дору кашида диҳам?

– Барои кушода шудани иштиҳои ман дору даркорӣ надорад ва агар рухсат диҳед, ба таоми повурии шумо шарик мешавам! – гуфт Қориишкамба. Аммо ба ҷавоби он меҳмон мунтазир нашуда нимаи таомҳои ба пеши инҳо истодаро ба рӯйи табақи палав бо дасти ошолуди худ гардонида дигар ба касе ҳарф назада хӯрдан гирифт…

* * *

Баъд аз ба поён расидани хӯрохӯр ва нӯшонӯш ноиб ба меҳмонони нави аврупоилибос:

– Акнун корро сар кардан даркор аст! – гуфт.

– Сар кардан даркор аст, вақт ҳам рафт! – Он меҳмон сухани ноибро таъкид карда ҷавоб дод.

– Муҳсин, Сафаралӣ, Пӯлод, Темур ва дигар қарздоронро ҷеғ зада биёред! – гуфта ноиб ба одамони худ фармон дод.

Меҳмони нави нимаврупоипӯш портфели худро кушода аз даруни вай, ки пур аз векселҳои таҳ ба таҳ гузошташуда буд, якчанд векселро ҷудо карда бароварда дар зери зонуи худ ниҳод.

Одамони ноиб қарздоронро ба рӯйи суфа бароварда ба пеши даре, ки ноиб дар даруни вай нишаста буд, қатор карданд. Ин ҳолро дида одами нимаврупоипӯш ба одамони ноиб:

– Ин ҷо қозихона ё ин ки ноибхона нест, онҳоро дар меҳмонхона ба пеши мо гирифта дароред! – гуфт.

Баъд аз он ки одамони ноиб қарздоронро ба меҳмонхона дароварда дар рӯ ба рӯйи меҳмонони нав қатор шинонданд, одами нимаврупоипӯш як векселро ба даст гирифта, баъди аз назар гузаронидани вай, ба қарздорон нигоҳ карда пурсид:

– Муҳсин кист?

– Ман! – Муҳсин ҷавоб дод.

– Ту аз ҷаноби Қориисматуллоҳ сесаду шаст сӯм пул гирифта будӣ, ҳозир Қорӣ пули худро талаб мекунанд. Қарзатро дарҳол адо карданат зарур аст.

– Ман, – гуфт Муҳсин аз ҷаноби Қорӣ дусаду даҳ сӯм пули нақд гирифта будам, фоидаи яксолаи ин маблағро бо харҷи векселдиҳӣ, ки ҷамъ яксаду панҷоҳ сӯм шуда буд, ба болои он пули нақд зам карда ба сесаду шаст сӯм вексел дода будам. Қарзеро, ки ба вай фоидаи яксолааш зам шудааст, ман чӣ навъ дар ду моҳ адо мекунам?

– Суханро бисёр дароз накун! – гуфт одами нимаврупоипӯш, – сесаду шаст сӯми дар ин вексел навишташударо дарҳол медиҳӣ ё не? Бо як калима ҷавоб деҳ!

– Қарзеро, ки яксола фоидааш ба вай зам шудааст, ман чӣ гуна дар ду моҳ медиҳам? – Муҳсин ҷавоби аввалии худро такрор кард.

– Дар вақте ки ту векселро даст монда дода будӣ, дар вай муҳлати дар кадом вақт адо кардани қарз навишта нашуда будааст, бо ин вексел ҷаноби Қорӣ ҳақ доштанд, ки дар ҳамон

рӯз ё баъд аз як рӯзи векселро имзо карданат қарзи худро талаб кунанд. Ҳоло ки то ду моҳ ин маблағро аз ту талаб карда нагирифтаанд, дар ҳаққи ту марҳамати калон аст, акнун ки талаб кардаанд, бояд дарҳол адо кунӣ!

– Охир, ман магар дар ду моҳ фоидаи яксола медиҳам? – Муҳсин боз ҷавоби худро такрор кард.

– Дар ду моҳ фоидаи яксола медиҳӣ ё намедиҳӣ– ин ба мо дахл надорад, мо бояд сесаду шаст сӯми дар ҳамин вексел навишташударо ҳамин рӯз аз ту рӯёнда гирем. Закун ҳамин аст.

– Ин закуни[1] ҳазрати императур – подшоҳи Русия аст, ин ҳукми шариат ва васиқаи қозикалон нест, ки ту ба муфтиҳо пора дода маҳзари дафъ гирифта моли мардумро хӯрӣ! – суханони одами нимаврупоипӯшро арбоб Рӯзӣ бо оҳанги аз Муҳсин ниқоргирӣ қувват дод.

– Вексели ҳазрати императур ривояти уламо он сӯ истад, сангро ҳам сӯрох карда мегузарад, – ноиб ба сухани арбоб Рӯзӣ илова кард.

– Ин чӣ гуна бедодӣ аст, чӣ тавр ноинсофӣ аст, ки…

– Даҳонатро пӯш, ки забонат бурида мешавад! Ту закуни ҳазрати импературро «бедодӣ ва ноинсофӣ» мегӯӣ, ҳозир мефармоям, ки забонатро аз комат кашида мепартоянд! – гуфт ноиб ғазаболудона.

– Вақтро нагузаронда молу мулки ин қарздорро бо торги (бо музояда – савдои «кӣ зиёд мекунад») фурӯхтан даркор аст, – гуфт меҳмони аврупоипӯш.

Баъд аз он ки молу мулки Муҳсинро бо савдои «кӣ зиёд мекунад» фурӯхта сесаду шаст сӯм рӯёниданӣ шуданд, Сафаралӣ, Пӯлод ва дигар қарздоронро ҳам, ки бо маблағҳои гуногун қарздор шуда, фоидаи яксолаи он маблағҳоро зам карда вексели сафед дода буданд, пеш хонда, баъд аз суолу ҷавоб ба тарзи боло фурӯхтани молу мулки онҳоро ҳам қарор доданд.

Аз ҳама охир навбати пурсиши Темур расид. Темур як ҳафта пештар аз он рӯз, аз Қориишкамба як ҳазор танга қарз гирифта ба вай фоидаи дусолаи он маблағро зам карда ба ду ҳазору дусад танга, яъне ба сесаду сӣ сӯм вексел дода буд.

---

[1] **Закун** – талаффузи вайрони калимаи русии закон (қонун) аст.

Темур дар пурсиш девонавор фарёду фиғон кард, «ман дар як ҳафта фоидаи дусола намедиҳам, агар замини маро ба фурӯш монед, ҳам харидорро мекушам ва ҳам худро» гӯён дод мезад.

– Ман тарҷумони қозикалон дар даъвоҳои векселӣ мебошам, – гуфт ба Темур одами нимаврупоипӯш ва шахси аврупоилибосро нишон дода, – ин шарики ман иҷрокунандаи ҳукми суди Когон мебошанд,– ба монанди ту ваҳшӣ на бо закуни маданӣ, балки муомилаи ваҳшиёна кардан лозим аст! – гӯён Темурро дар зери зарбаҳои тозиёна гирифт ва баъд аз он ба одамони ноиб фармуд, ки ӯро дар ҳабс нигоҳ доранд…

Баъд аз ба поён расидани пурсиши қарздорон, ки ҳеҷ кадоми онҳо пули нақд дода натавонистанд, иҷрокунандаи ҳукми суд, тарҷумони қозикалон, ноиб бо одамонаш, арбоб Рӯзӣ ва Қориишкамба – ҳамагӣ ба саҳро ба сари заминҳои қарздорон баромаданд, ки он заминҳоро бо савдои «кӣ зиёд мекунад» фурӯхта маблағҳои қарзи дар вексел навишташударо рӯёнанд.

Ба сари савдои «кӣ зиёд мекунад» бисёр касон ҷамъ шуда бошанд ҳам, ғайр аз арбоб Рӯзӣ ба музояда касе иштирок накард, бинобар ин, заминҳоеро, ки ҳар танобашон аз ду ҳазор, то ду-дуву ним ҳазор танга арзиш доштанд, бо нархи чорсад-панҷсад тангагӣ ба арбоб Рӯзӣ фурӯхта қарзи Қориишкамбаро рӯёнданд.

Баъд аз тамом шудани музояда тарҷумон ба ноиб нигоҳ карда:

– Мо ҳозир ба деҳаи Харгӯш рафта корҳои векселии он ҷоро баробар карда дар бозгашт боз дар ҳавлии арбоб меҳмон мешавем, то он вақт инҳо ҳисобҳои байнихудиро баробар карда ба мо нигарон шуда истанд, – гуфт ва бо иҷрокунандаи ҳукми суд ҳар ду дар фойтун нишаста ба тарафи Харгӯш раҳсипор гардиданд.

Баъд аз гусел кардани тарҷумон ва иҷрокунандаи ҳукми суд Қориишкамба ба арбоб Рӯзӣ:

– Акнун ҳисоби байнихудиро баробар карданамон даркор аст, – гуфт.

– Дар байни мо боз чӣ гуна ҳисоби баробар ношуда ҳаст? –

гуфт арбоб,– шумо ба воситаи вексел пулҳои дирӯз ба қарз додаатонро имрӯз бо фоидаи яксола ва дусолаашон рӯёнда гирифтед, ман бошам заминҳоеро, ки умре ба онҳо соҳиб шуданро орзу доштам, ба даст даровардам. «Нома тамом, вассалом!», дар ин ҷо боз чӣ гуна ҳисоб нобаробар шуда монд?

– Охир, шумо ба воситаи векселбозии ман заминҳоеро, ки сӣ ҳазор танга арзиш доштанд, бо дувоздаҳ ҳазор танга ба даст даровардед. Ман аз шумо ҳисоби ана ҳамин ҳаждаҳ ҳазор тангаро мепурсам.

– Он маблағ ҳаққи ҳалоли ман аст! – гуфт арбоб.

– Ҳаргиз ин тавр нест, – гуфт Қориишкамба, – магар шумо ба ман дар ҳузури ноиб ваъда надода будед, ки фоидаи аз векселбозӣ рӯйидаро бо ман баробар тақсим кунед? Шумо, арбоб, чунонки худатон гуфта будед, дар муомила саг нашавед!

– Магар шумо хароҷотҳои дигарро ба назар намегиред? – гуфт арбоб.

– Чӣ гуна хароҷот? – Қориишкамба, гӯё ки аз ҳеҷ хароҷот хабар надошта бошад, бо тааҷҷуб пурсид.

– Ман, – гуфт арбоб Рӯзӣ, – хароҷоти зиёфатро ба ҳисоб намегирам. Аммо ба ҷаноби ноиб, ки бо одамонашон омада ба болои кори мо истодаанд, магар хизматона намедиҳем?

Ноиб бо шунидани ин сухан сар ҷунбонда ба суоли арбоб ҷавоби эҷобӣ дод. Қориишкамба бошад, дар ҳузури ноиб инкор кардани хизматҳои ӯро муносиб надида сокит монд.

Ноиб ба сухан ҳамроҳ шуда:

– Ба тарҷумон ва иҷрокунандаи ҳукми суд ҳам пули арақ додан лозим аст.

– Магар барои онҳо коняке, ки дар ин ҷо нӯшиданд, кифоя намекунад? – Қориишкамба пурсид.

– Кифоя намекунад, – гуфт ноиб ва илова кард, – онҳо ки «мо дар бозгашт боз дар ҳавлии арбоб меҳмон мешавем, ҳисоби байнихудиро баробар карда монанд» гуфтанд, маъниаш «барои мо пули нақд тайёр карда монанд» мебошад.

– Шумо забони онҳоро мефаҳмидед-а? – гуфт Қорӣ.

– Албатта, мефаҳмам! – гуфт ноиб. – Магар «забони гургонро гургон мефаҳманд» нагуфтаанд?

– Хуб ба ин хароҷотҳо ҳам як ҳазор танга сарф мешавад гӯем, ҳафдаҳ ҳазор тангаи боқимонда чӣ мешавад…

Ноиб дид, ки ин ду судхӯр дар талоши фоида низои байни худро шиддат дода истодаанд, фоидаи Қориишкамба ва фоидаи арбобро якҷоя ҳисоб карда, хароҷотҳоро бароварда, фоидаи холисро дар байни онҳо баробар тақсим намуда, он ду судхӯри сагшудаистодаро «гургоштӣ» кунонд.

* * *

Дар рӯзҳои харбузапазӣ як шарикдарси Шӯркӯлиамон, ки деҳқонписар буд, моро ба сайри харбуза даъват карда бурд. Яке аз даъватшудагон як асп, дигаре як ароба ёфт, то ки мо ба саҳро ба ароба савор шуда равем. Аммо барои бастани ароба ба асп асбоб надоштем. Яке аз шариконамон як ҷомаи куҳнаро ёфта оварда ба асп гарданбанд карда як арғамчинро ба ҷойи тиркишу таҳқаш кор фармуда аспро ба ароба баст ва вазифаи аробакаширо ба уҳдаи худ гирифта бар зини асп ҷой гирифт, панҷ нафари дигарамон ба ароба савор шуда роҳи саҳроро пеш гирифтем.

Дар вақти рондани ароба маълум шуд, ки аробакаши мо ба ин кор ҳеҷ таҷриба надоштааст, бо ҳамаи ин ӯ дар кӯчаҳои танги качу килеби шаҳри Бухоро аробаро гоҳ ба дарҳо ва гоҳ ба деворҳо зада аз шаҳр баровард, чун дар он кӯчаҳои пурпечу тоб ӯ ба идора кардани асп қадаре таҷриба пайдо кард, баъд аз баромадан аз шаҳр дар роҳи васеи рост аробаро як дараҷа ба хубӣ рондан гирифт.

Чун аз тарафи шарқи майдони Машқи сарбоз, ки дар берун дарвозаи Самарқанд[1] воқеъ буд, ба роҳи Шӯркӯл даромадем, аробакашамон боз ҳам озодонатар аробаронӣ карду аз «тахассус» пайдо карданаш ба аробакашӣ ба шавқ омада, монанди аробакашони сертаҷриба бар зин якпаҳлу нишаста ба мо нигоҳ карда ширинкориҳо мекард ва гоҳо аспро тозиёна зада бо суръат ба ҳаракат дароварда худ сурудхонӣ менамуд.

Тарафи ғарбии роҳи мо майдони Машқи сарбоз буда дар байни роҳ ва майдон заҳқаши пуробе буд, ки якуним метр бар

[1] **Дарвозаи Самарқанд** – яке аз ёздаҳ дарвозаи шаҳри Бухоро.

ва ҳамин қадар ҳам чуқурӣ дошт, тарафи шарқии роҳ Дилкушо ном чорбоғи подшоҳӣ буд.

Дар даруни он чорбоғ бар болои дарахти олу боғбондухтаре олу мечидааст, ки бо шунидани садои суруди аробакаши мо ба шавқ омада ё ин ки худ ба худ байтҳои зерини халқиро суруд:

Олу, олу, олу
Олу, олу, олу
Олу сиёҳ шуд, биё дар боғи ман!
Рӯзам сиёҳ шуд, биё!

Аробакаши мо суруди духтаракро бе ҷавоб нагузошт: саллаи худро якшоха карда, лаҷоми аспро ба гарданаш гузошта, худ бар болои зин нимхез шуда, чашмонашро ба тарафи шохҳои дарахти олу, ки боғбондухтар дар байни онҳо буд, дӯхта ба сурудгӯии ҷавобӣ даромад:

Чашми сиёҳи зоғи ту!
Модар набинад доғи ту!
Рӯзат чаро сиёҳ шавад?
Ман омадам ба боғи ту!

Ба боғбондухтар шояд ин суруди ҷавобӣ бисёр форида бошад, ки бо ишваву ғамзаи нозанинона олуеро аз шохи дарахт канда ба тарафи аробакаши сурудхони мо ҳаво дод, аммо олу аз нишон хато хӯрда, бар рӯйи рости асп, ба наздикии чашмаш расид. Аз ин ҳол асп рамид ва лаҷомаш, ки ба гарданаш гузошта шуда буд, аробаро бардошта ба тарафи чап хам хӯрд ва дар ҷастухези аввалини асп чархи чапи ароба ба даруни заҳқаш фуромада, ароба бо асп якпаҳлу шуда ба заҳқаш ғелид.

Ман, ки дар мавридҳои хавфнок ҳамеша ҳушёрона ҳаракат карданро одат намуда будам, бо аспи ноозмуд ва аробакаши бетаҷриба аробасавориро яке аз он мавридҳои хавфнок мешумурдам, бо расидани чархи ароба бо лаби заҳқаш бо ҳавли ҷон худро ба он тарафи заҳқаш ҳаво додам ва пеш аз якчарха шудани ароба худро ба он сӯйи заҳқаш ба хушкӣ ги-

рифтам, аммо шарикони дигар бо аспу ароба ва аробакаш дар заҳкаш афтоданд.

Асп якпаҳлу шуда дар даруни заҳкаш хобида бо поҳои пешу қафои худ канори заҳкашро лагадкорӣ мекард, аммо ин кӯшиши он ҷонвар барои раҳоияш ҳеҷ ёрӣ намедод, билъакс, ин тапиши аз ҳад зиёди вай гарданбанд, таҳкаш ва тиркишро ба гардан ва шикамаш сахттар печонда бими ҳалокро ба назараш наздиктар мекард.

Шарикон аз об баромада либосҳошонро аз тан кашида тоб дода дар фикри хушконидани онҳо бошанд ҳам, касе дар пайи халос кардани асп набуд ва роҳи халос кардани ӯро ҳам касе намедонист. Танҳо он шарикамон, ки аспро аз касе талабида оварда буд, «агар асп ҳалок шавад, товонашро аз куҷо ёфта медиҳам» гуфта ғам мехӯрд.

Дар ҳамин вақт сарбозбачае аз тарафи шаҳр расида омад ва бо дидани ин ҳол либосҳои низомиашро аз тан бароварда дар канори роҳ гузошту аз мо:

– Корд доретон? – гуфта пурсид.

Аробакаши мо, ки ба нияти дар саҳро харбуза бурида хӯрдан кордеро бо худ гирифта дар вақти аробакаширо ба уҳдааш гирифтан он кордро бо банду ғилоф монанди аробакашон аз рӯй ба миёнаш овехта буд:

– Ман корд дорам! – гӯён вайро аз ғилофаш кашида ба сарбозбача дод.

Сарбозбача он кордро ба даст гирифта ба заҳкаш даромад ва бо вай гарданбанд, таҳкаш ва тиркиши аробаро бурида ариши аробаро[1] ба ҳаво бардошт. Асп, ки аз банду баст раҳоӣ ёфта буд, озодона ҳаракат карда дар даруни заҳкаш рост барҳост ва бо як ҷастан худро аз даруни заҳкаш ба канори роҳ гирифт ва худро ҷунбонда қатраҳои оби ба даруни гӯшаш даромада ва ба ёлу думаш часпидаро аз худ дур карда сокиту ором истод.

Сарбозбача ҷойҳои буридашудаи гарданбанд ва арғамчинро ба ҳам пайванд дода аспро дубора ба ароба баста ба савории мо тайёр кард. Мо дар идораи аробакаши худ раҳсипор

[1] **Ариши ароба** – шоту (шоҳтир).

шудем, сарбозбача ҳам либосҳои низомиашро пӯшида аз дунболи ароба ба роҳ даромад.

– Додар, биё, ба ароба савор шав! – гуфтам ман ба сарбозбача.

Ӯ бо табассуми истеҳзоомезе ба ман нигоҳ карда бо як ҷастан худро ба болои ароба гирифт. Аммо ман аз истеҳзои ӯ дар шубҳа монда, «чаро ин ҷавон ба ман механдида бошад» гуфта андешидам, лекин сабаби хандашавандае дар худ наёфтам ва хомӯшии андешамандона ҳам ба дилам зада аз он ҷавон пурсидам:

– Додар, куҷо рафтан мехоҳӣ?

Сарбозбача ба ин суоли ман боз хандае карда ҷавоб дод:

– Ба деҳаи Шанбеи Қозикалон меравам!

Ман аз ин хандаи бемавқеъ ва бесабаб боз зиёдатар дар шубҳа афтода, охир бо оҳанги тааҷҷуб аз вай пурсидам:

– Чаро ба ман механдӣ?

Сарбозбача боз табассуме карда ҷавоб дод:

– Ман бояд дар синну соли ба шумо додар будан набошам, чунки ман шуморо бисту панҷ-бисту шашсола тахмин мекунам, аммо ман чилсолагии худро пур карда ба чилу яксолагӣ қадам мондаам. Ғояташ ин аст, ки тақдир маро бе ришу бе мӯйлаб, хурдҷусса ва пастқомат офаридааст.

– Ман чӣ медонистам, ки шумо чилсола будаед (акнун дар хитоб ба ҷойи «ту» «шумо» кор фармудам), ба намуди зоҳириатон нигоҳ карда, шуморо ҳафдаҳ-ҳаждаҳсола гумон карда будам.

– Албатта, ба намуди зоҳирии ман нигоҳ карда, маро хурдсол гумон кардани шумо ҷойи тааҷҷуб нест, – гуфт сарбоз бо оҳанги узрхоҳона, – аммо аз «додар» гуфтани шумо як воқеае, ки аз ин даҳ сол пеш дар бобати синну соли ман рӯй дода буд, ба ёдам омада хандаам гирифт.

– Он воқеа чӣ гуна буд? – ман пурсидам.

– Дар вақти сисола буданам, ки қуввату ғайратам аз ҳозира хеле зиёд буд, хӯҷаинам барои ба ман ҳаққи хизмати панҷсолаамро надодан, дидаю дониста истода маро ба ноиби қозикалон «ин бачаи хурдсол аст, аз дасташ чӣ хизмат меояд» гуфта буд. Вақте ки ман сисола будани худро ба ноиб арз

карда будам, Қориишкамба ном як шаҳрӣ, ки дар он ҷо ҳозир буд, гуфтаи хӯҷаини маро қувват дода ба ман «аз даҳони ту ҳанӯз бӯйи шир меояду ту худро сисола мегӯӣ?» гуфта маро масхара дошта буд.

Ман, ки ҳамеша дар пайи донистани тамоми аҳволи Қориишкамба мегаштам, номи ӯро аз сарбоз шунида ба пурсуков даромадам. Сарбоз дар ҷавоб он воқеаҳоеро, ки дар боло дар бораи алоқаи Қориишкамба ба деҳот гузашт, бо тафсил гуфта дод ва инчунин аз гуфтаҳои сарбоз маълум шуд, ки ин ҳамон Тӯрамурод будааст, ки арбоб Рӯзӣ барои ӯро ба хизмати худ маҷбур кардан ба воситаи ноиби қозикалон ҳабс кунонда буд. Аммо ӯ ба ҳамаи азоб ва уқубатҳои ҳабсхонаи қозикалон ва шиканҷаи миршаб тоб оварда хизмати арбоб Рӯзиро ба гардан нагирифта будааст.

Азбаски Тӯрамурод барои аз дасти миршаб халос шудан ба ӯ пул ёфта дода натавонистааст, одамони миршаб ӯро ба хеши як сарбози гуреза, ки ба одам харида додан маҷбур шуда будааст, ба сарбозӣ фурӯхта пули аз ин фурӯш ба даст даромадаро байни худ тақсим карда гирифта ӯро сарбоз карда будаанд.

– Ҳоло ҳам Қориишкамба бо хӯҷаини пештараи шумо арбоб Рӯзӣ рафтуой дорад? – ман аз сарбоз пурсидам.

– Не! – гуфт ӯ дар ҷавоб, – дар ҳамон вақтҳо ҳодисае рӯй дода арбоб Рӯзӣ талаф шуд ва Қориишкамба на танҳо аз омаду рафт ба деҳаҳои Сангсабз ва Бӯлмахӯрон, балки умуман аз саҳро баромадан тарсида монд. Чун ман аз сарбоз чӣ будани он ҳодисаро пурсидам, ӯ маълумоти зеринро ба ман дод:

– Дар зимистони ҳамон тирамоҳе, ки арбоб Рӯзӣ бо Қориишкамба забон як карда бо векселбозӣ заминҳои деҳқононро бо зӯру зулм аз дасташон зада гирифта буд, деҳқонони ба ҷонрасида дар як шаби торик ҳавлии ӯро зер карданд, арбобро куштанд, чизҳои қиматбаҳояшро тороҷ карданд ва ҳавлиашро оташ зада қасоси худро гирифтанд…

Дар ин вақт аробаи мо аз роҳи калон ба дасти чап баргашта бо роҳҳои хурди киштзоре ба тарафи Шӯркӯл раҳсипор шуд ва Тӯрамуроди сарбоз аз ароба фуромада бо мо хушбошӣ карда бо роҳи калон ба тарафи деҳаи Шанбеи Қозикалон рафт.

XVI

Дар Сесӯйи шаҳри Бухоро, дар долоне, ки ба тарафи растаи чинифурӯшӣ бармегашт, ба тарафи дасти рост саройчае бино ёфта буд. Рӯзе дар пеши дарвозаи он саройча мардуми бисёр гирд омада ҳар кадоми онҳо мехостанд, ки ба даруни саройча дароянд. Аммо саройбони қавиҳайкале, ки чӯбдасти ғафсу дарозеро ба даст дошт, пушт ба паҳлударии дарвоза дода як нӯги он чӯбдастро ба тарзи ғав ба паҳлударии дигар тир карда касеро барои даромадан ба он ҷо намегузошт.

Дар рӯйи ҳавлии саройча, ки аз дарвоза тамоман намоён буд, одамони миршаб, шогирдпешагони қушбегӣ, мулозимони қозикалон ва маъмурони раиси шаҳр менамуданд ва онҳо дар байни худ бо гармӣ дар гуфтугузор буданд. Дар миёнаи давраи одамони ҳокимони шаҳр Қориишкамба дар ҳолате ки саллаи калонаш каловавор ба гарданаш фуромадагӣ буд, монанди навҳагарон ба ҳар тараф хам хӯрда торҳои риши худро бо ангуштонаш канда «вой, хонаам сӯхт, вой ҷонам ба лаб омад, вой, ҷонаки азизам аз даст рафт!» гӯён фарёд мекашид; гоҳо бо нохунҳои худ рӯяшро харошида хуншор мекард; гоҳо гиря гулугираш гардида, бе он ки чӣ гуфтанаш маълум шавад, монанди саге, ки дар обмӯрии боғ дармонда, ба паси худ аз боғбон зарбаҳои ҷонкоҳ мехӯрда бошад, нӯла мекашид…

Аз гуфтугузори одамони кӯча маълум шуд, ки он шаб боми ҳуҷраи Қориишкамбаро, ки дар он саройча будааст, сӯрох карда сандуқашро шикаста пулҳои дар вай пинҳонӣ гузоштаашро бурдаанд. Назар ба қавли худаш ӯ он шаб дар он ҷо «даҳ ҳазор тангаи нуқраи сараи ҳар даҳтоаш ҳафт мисқол вазндоштаи зарби Бухорои шарифро ниҳода будааст, агар он маблағро бо ҳисоби тиллои империторӣ, ки дар Петербург зарб шудааст, ҳисоб кунанд, як ҳазору панҷсад сӯм мешудааст».

Одамони миршаб дар бом нақши пойи се касро ёфтаанд, ки онҳо аз боми сарои «Қафқоз» аз сари зина омада, аз болои боми долони раста ба боми ин саройча гузашта то боми ҳуҷраи Қориишкамба расидаанд ва онҳо аз он ҷо бозгашта бо роҳи омадаи худ ба боми сарои «Қафқоз» гузашта то ба сари зина расидаанд. Он зина зинае буд, ки аз даруни сарои

«Қафқоз» ба бом барояндагон бо вай мебаромаданд ва дари вай ҳамеша қуфл буда, калидаш дар дасти саройбони сарои «Қафқоз» меистодааст.

Бо ин далел одамони ҳокимон ва тамошобинон ҳукм мекарданд, ки «аз ин кор саройбони сарои «Қафқоз» хабардор аст, ҳатто ӯ бояд сардори он дастае бошад, ки ин дуздиро ба амал овардааст. Қориишкамба ба болои ин далел як далели дигар зам карда мегуфт:

– Дар ин ҳуҷра ва дар ҳамин сандуқ пул гузоштани маро ғайр аз саройбони сарои «Қафқоз» дигар касе намедонист ва хусусан дишаб, ки ман он маблағи ба ҷон баробарам, балки аз ҷон азизтарамро оварда дар ин ҷо пинҳон кардам, ин саройбон ҳамроҳи ман буд ва пулро ҳам ӯ бардошта оварда буд.

Қориишкамба бо ин далелҳо дузди худро муайян карда рӯйканону мӯйканон пеши қушбегӣ ва қозикалон рафта воқеаро ба онҳо арз карда, аз онҳо шогирдпеша ва мулозими махсус гирифта барои ба маҳкама кашидан ба сари саройбони сарои «Қафқоз» расид.

Саройбон бе он ки хунашро вайрон карда оташин шавад ё ин ки саросема гардад, фиристодагони ҳокимонро бо табассуми истеҳзоомез пешвоз гирифта:

– Ман тайёрам, ки ба пеши ҳокимон рафта туҳмат будани даъвои ин судхӯри хуни мардумхӯрро исбот намоям. Аммо аз он ҷо, ки ин сарой бо ҳамаи борҳояш аз тарафи ширкати нақлиёти «Қафқоз–Меркурий» ба дасти ман супурда шудааст, бе иҷозати мудири ширкат ва бе супурданам саройро ба касе, ки хӯҷаин нишон медиҳад, ба ҷойе рафта наметавонам, – гуфт ва онҳоро гирифта пеши мудири ширкат бурда воқеаро баён намуд.

Мудири ширкат ба одамони ҳокимони Бухоро хитоб карда гуфт:

– Аввал он ки саройбони ман дузд нест, бинобар ин ман ба ӯ бовар карда ин саройро бо ҳамаи молҳои тиҷоратӣ, ки дар ин ҷо ҳастанд, ба дасти ӯ супурдаам ва чандин сол аст, ки ӯ дар ин ҷо хизмат мекунад, чизе гум нашудааст ва ягон хас ҳам аз ҷойи худ беҷо нашудааст, дувум он ки саройбони ман раияи давлати Русия аст ва дар дасти худ паспорти импе-

турӣ дорад, шумо ҳақ надоред, ки вайро ба маҳкамаи ҳокимони Бухоро кашед. Шумо ба пеши ҷанобони қушбегӣ ва қозикалон рафта ба онҳо саломи дӯстонаи маро расонда, аз забони ман ин маъниро ҳикоя кунед!

Саройбони сарои «Қафқоз» аз мардуми аслии шаҳри Бухоро буда, дар ҳамон шаҳр зоида шуда буд, аммо он рӯз маълум шуд, ки ӯ ҳам монанди баъзе мардуми Бухоро барои дар ин гуна мавридҳо такягоҳ ёфтан раияи давлати Русия шуда будааст. Чунки ҳокимони Бухоро раияи Русияро (ҳарчанд ӯ яке аз раияҳои Бухоро гашта бошад ҳам) ҳақ надоштаанд, ки ба маҳкама кашанд, даъвои Қориишкамба ба саройбони сарои «Қафқоз» худ ба худ маҷҷонан (бе ҳеҷ тавон ва ҷазо) тамом шуд.

Қориишкамба баъд аз ин воқеа дер вақт дар кӯчаҳо девонавор мегашт ва ба ҳар кас, ки мерасид, он ҳодисаи ба сари худаш омадаро нақл намуда саройбон, мудири ширкат, қозикалон, қушбегӣ ва одамони онҳоро дуои бад мекард ва дар охир худро дашном медод, ки чаро ба он саройбон бовар карда ӯро ба худ сирдон, ҳамрозу дамсоз кардааст.

Сабаб ҳамин буд, ки эътимоди Қориишкамба аз саройбони сарои «Қафқоз» ҳам, ки назар ба ақидаи ӯ ягона одами муътамад ва худотарс буд, барҳам хӯрд ва он вақт, назар ба қавли ӯ, «дар дунё касе намонд, ки аз ҳаққи кас тарсад ва ба пули ӯ чашм надӯхта бошад…»

* * *

Захме, ки саройбони «Қафқоз» ба синаи Қориишкамба зада буд, ҳанӯз беҳ нашуда ва ба ҳам наёмада замона захми ҷонкоҳе ба ҷигаргоҳи ӯ зад, ки дигар тобу тавон дар пайкараш ва ақлу ҳуш дар сараш намонд. Ин захмро ба ӯ мирзои сари сандуқи (хазинадори) бойе зад, ки ӯ аз он бой ва аз он мирзо ҳеҷ гоҳ ин гумонро надошт. Инчунин ин захм ба ӯ ба воситаи вексел зада шуд, ки назар ба ақидаи ӯ, ин ягона ҳуҷҷати боамният ва барои пӯст кандани қарздорони бесавод дар дасташ корди буррои қассобӣ буд.

Мирзо Абдуллоҳ ном мирзои сари сандуқи як бойи миллионери Бухоро, ки дар ҳар гуна доду гирифт аз хӯҷаини худ ва-

колат дошт, рӯзе аз рӯзҳои гарми бозори хариди пӯсти қароқӯлӣ аз номи хӯҷаини худ аз Қориишкамба сад ҳазор тангаи Бухоро (понздаҳ ҳазор сӯми русӣ) қарз пурсид ва ба маблағи мазкур моҳе ду ҳазор танга фоида доданро ваъда намуд ва шарт кард, ки фоидаи думоҳаро ба тани пул зам карда ба ӯ вексели муҳлатии думоҳа диҳад ва бо гузаштани ду моҳ тани пулро бо фоидааш адо намуда, векселро гардонда гирад.

Қориишкамба бо шунидани ин пешниҳод чунон шодӣ кард, ки аз хурсандӣ дар пӯсташ намеғунҷид, сари синааш бо шикамаш дамида баромада аз пештарааш ду баробар калонтар шуд ва барои овардани пул шитобкорона ба тарафи бонк нигоҳ карда давид, ӯ дар роҳ чунон метохт, ки ба одамони раста нигоҳ намекард, ба саломи касе ҷавоб намедод, ҳатто ба нону ҷойи сари дукони одамони раста ҳам, ки пештар ба хӯрдани онҳо шарик шуданро ҳеҷ фурӯгузошт намекард, назар намеандохт, чашми ӯ аз ҳаяҷон чунон сиёҳ рафта буд, ки ояндаю равандагонро намедид ва дар роҳ рафтани ба онҳо пешпо хӯрда, паҳлу ва бозу зада, сабаби дашном додан ва нафрин кардани онҳо мегардид. Аммо, аз он ҷо ки ҳамаи ҳушу ҳавосаш ба як нуқта – ба нуқтаи ба бонк тезтар расида рафта, зудтар пул гирифта овардан банд буд, он дашном ва нафринҳоро намешунавид.

Қориишкамба бо шунидани пешниҳоди Мирзо Абдуллоҳ ба он ҳама шодӣ кардан ҳақ дошт, зеро он фоидае, ки аз он муомила ба он маблағ дар ду моҳ мегирифт, аз бонк қариб дар як сол ба дасташ медаромад…

Қориишкамба аз бонк пулро гирифта бо ҳамон суръати аввалиаш ба пеши Мирзо Абдуллоҳ баргашта пулро ба рӯйи кори ӯ ниҳода:

– Эй, эй, ана ин пу, пу, пулро шу, шу, шумурда ги, ги, гиред, ве, век, векселро ди, ди, диҳед! – гуфт забонаш аз ҳаяҷон гирифта ва лакнат хӯрда.

Мирзо Абдуллоҳ пулро шумурда дида:

– Ин кам аст ин наваду шаш ҳазор танга аст! – гуфт.

– Чаро кам? Наваду шаш ҳазор танга бо фоидаи думоҳааш сад ҳазор танга мешавад. Шумо ба сад ҳазор танга вексели думоҳа медиҳед, «нома тамом – вассалом» – гуфт Қорӣ.

– Не!.. – гуфт Мирзо Абдуллоҳ мад кашида, – шумо ин коратонро ба деҳқонони бесавод кунед! Аммо маро фиреб дода наметавонед!

– Дар куҷойи ин муомила фиреб ҳаст? – Қорӣ худро ба нодонӣ ва содагӣ зада пурсид.

– Охир, ман ба шумо ба сад ҳазор тангаатон моҳе ду ҳазор тангагӣ фоида доданро таклиф кардам, ки дар ду моҳ чор ҳазор танга мешавад, – гӯён Мирзо Абдуллоҳ аз сандуқ вексели яксаду чор ҳазорсӯмии думоҳаро бароварда ба Қориишкамба нишон дода давом кард: – Мувофиқи ваъдаам ана ҳамин векселро тайёр карда мондам. Аммо шумо мехоҳед, ки аз ман ба наваду шаш ҳазор танга ҳар моҳ ду ҳазор танга фоида гиред. Ин бозиатон ба ман намегузарад. Агар ба ҳамин муомила толиб бошед, боз чор ҳазор танга биёред ва вексели яксаду чаҳорҳазориро гиред, агар толиб набошед, ин пулатонро бардошта баред ва маро беҳуда аз корам намононед.

Қориишкамба бо шунидани ин ҷавоб бо суръати аз аввала ҳам баландтар ба тарафи бонк давид ва чор ҳазор тангаи дигар гирифта ба пеши Мирзо омада:

– Ана, ин маблағро ҳам гиред, вексели тайёр кардаатонро ба ман диҳед, – гуфт.

– Ин чӣ пул, кадом вексел? Ман намефаҳмам, – гуфт Мирзо тааҷҷубкунон.

– Ҳазл накунед! – гуфт Қориишкамба, – Ҳозир вақти масхарабозӣ нест. Зудтар пулро гирифта векселро диҳед, аз давидан ҷонам баромад, як чой ҳам фармоед, ки як пиёла нӯшида нафасамро рост гирам.

– Ҳозир корам бисёр аст, ба чойфармоӣ ва чойнӯшӣ фурсат надорам. Дар ягон вақти камкориам биёед, ман шуморо бо қандчой зиёфат хоҳам кард. Ҳозир аз пеши ман равед, ки ҳисобҳоро гум накунам.

– Охир, векселро диҳед, ки ман биравам! – гуфт Қорӣ бо ҷиддият.

– Чӣ гуна вексел? Ин пулатонро бардошта баред, ки ба ман даркор нест. Ман на пул қарз мегирам ва на вексел медиҳам.

– Хуб, қарз, ки намегирифта бошед, наваду шаш ҳазор тангаи дафъаи аввал додаамро диҳед, ки ман биравам.

– Шӯхӣ накунед, Қориамак! Вақт надорам, равед, ки ман корамро кунам.

– Шумо шӯхӣ карда истодаед! Лекин шӯхӣ ҳам бошад, дилам қариб ба кафидан расид. Ё зудтар пуламро диҳед ё векселро.!

– Девонагӣ бас аст, Қорӣ! Зуд бароед, ки кори зарурам бисёр аст! – гӯён Мирзо аз ҷояш бархост ва Қориро ба тарафи дар тела дода, – ҷойи девонагон хонаи эшони Хоҷаӯбонӣ[1] аст, на тиҷоратхона! – гуфт.

Қорӣ «вой, хонаам сӯхт» гӯён фарёд мекашид ва монанди бачае, ки бозичаашро аз дасташ ба зӯрӣ гирифта бошанд, ҳунгосзанон гиря кардан гирифт.

Мирзо ходимони худро ҷеғ зада ба онҳо фармуд, ки он «девона»-ро аз он ҷо бароранд. Хизматгорон ӯро аз пеши Мирзо баровардан шуданд, аммо ӯ рафтан намехост. Кашола карданд, ӯ худро ба замин партофта:

– Ҷони ман ин ҷо монд, ман чӣ гуна меравам, магар танаи бечон роҳ рафта метавонад? – гӯён фарёд мекашид.

Хизматгорҳо ҳам яқин карданд, ки ӯ девона шудааст ва аз дасту пойи ӯ гирифта мурдавор кашола карда, на танҳо аз пеши мирзо, ҳатто аз сари сарой ҳам берунаш карданд ва ба саройбон фармуданд, ки дигар ӯро дар он ҷо роҳ надиҳад.

Қориишкамба монанди саге, ки аз дари соҳибаш берун карда бошанд, фарёдкунон баргашта ба сарой даромадан мехост, аммо саройбони шертавон ӯро гурбасон бардошта ба тарафи кӯча ҳаво медод.

Чун Қориишкамба аз даромадан ба сарой маҳрум монд, саллаашро аз сараш кушода ба гарданаш андохта:

– Ин чӣ бедодист? Мусулмонӣ тамом барҳам хӯрдааст, вой дод, эй!.. – гӯён ба тарафи арки амир давид. Акнун ӯро ҳар касе, ки ба ин ҳол дар роҳ медид, дар девона шудани ӯ шубҳа намекард…

Он вақт амир ба Русия рафта буд, дар дарвозаи Арк[2]

[1] Дар Бухоро эшонони Хоҷаӯбонӣ буданд, ки девонагонро ба умеди шифо ёфтан ба хонаи онҳо бурда мебастанд (шарҳи нависанда).

[2] **Арк** – боргоҳи амирони Бухоро буд.

қозикалон ва қушбегӣ бо ҳам нишаста шаҳру мамлакатро идора мекарданд.

Қориишкамба рост ба пеши онҳо рафта худро ба замин партофт, фарёдкашон воқеаро ҳикоят карда аз онҳо талаб кард, ки ҳаққи онро аз он Мирзо Абдуллоҳи молимардумхӯр ситонда диҳанд ва илова кард, ки:

– Ман фарзанд надорам ва меросхӯри дигар ҳам надорам, танҳо ду зан дорам, ки агар онҳо то мурдани ман зинда бошанд, аз ман чоряки моламро мерос мегиранд, бақияи молам баъд аз сарам аз они подшоҳист. Ҳатто, агар шумоҳо лозим донетон, занҳоямро ҳам талоқ медиҳам, ки дар он сурат баъд аз мурданам ҳамаи молам подшоҳӣ мешавад. Бинобар ин шумо ҳокимони шаръи шариф ва ноибони ҷаноби олӣ пули маро пули ҷаноби олӣ дониста аз он худобехабар рӯёнда диҳетон ва дуои маро гиретон!

Аммо ҳокимҳо ба ин суханони Қориишкамба танҳо механдиданд. Азбаски обрӯйи хӯҷаини он мирзо ба пеши ҳукумати амир аз обрӯйи Қориишкамба зиёдтар буд, илтимоси ӯро рад карданд ва ҳамин қадар гуфтанд, ки:

– Даъвои шумо даъвои муқаррарӣ нест, ки мо пурсем. Шумоҳо корвонбошӣ[1] доред, калону хурд доред ва ҳамаи муомилаи байни худро дар ҳузури онҳо бо вексел мекунед. Мо чаро бе гувоҳии корвонбошӣ ва калонтарини савдогарон ва бе нишон додани вексел ба як одами баобрӯй дарди сар диҳем.

Қориишкамба боз фарёд кашида девонагӣ мекард, аммо ӯро ясовулон[2] зада-зада аз Арк фуроварда пеш карданд.

Қориишкамба тамоман девонаи шаққа шуда аз Арк баргашт ва ба ҳар кас, ки вомехӯрд, хоҳ шинос бошад, хоҳ ношинос, ӯро нигоҳ дошта воқеаро нақл мекард ва аз ӯ маслиҳат мепурсид.

Шунавандагон ӯро «тасаллӣ» медоданд, ки:

– Хайр, Қориамак, зарар надорад, дар асл пули шумо мурдор буд. Чунонки «оби ганда ба хандақ» гуфтаанд, ҷояшро ёфта рафтааст…

---

[1] **Корвонбошӣ** – сардори гурӯҳи савдогарон ва судхӯрон.

[2] **Ясовул** – аз ходимони дарбори амир ё ҳоким, ки дар вақти сафар пешпеши онҳо ба сифати посбон мерафт.

Бо шунидани ин гуна «тасаллӣ» алами ӯ дучандон мешуд ва «ба болои сӯхта намакоб» рехтагӣ барин фарёд мекашид ва шунавандагонро дашном дода барои ёфтани шунавандагони дигар ба роҳаш давом мекард. Мардум механдиданд.

Дар ҳамон вақтҳо Қориишкамба як рӯз дар роҳ ба ман вохӯрда ва сари роҳи маро гирифта ҳикояи худро гуфт ва аз ман маслиҳат ҷуст. Ман, ҳарчанд тамоми ҳикояти ӯро пештар шунида бошам ҳам, худро чунон вонамудам, ки гӯё акнун шунида истода бошам. Афсӯс хӯрдам ва дар боби маслиҳат гуфтам, ки:

– Дар ин «кори бузург» ва «мусибати сахт» мо хурдон чӣ машварат дода метавонем, шумо рафта аз ҳокимон, аз калонони шаҳр маслиҳат пурсед.

– Эй, бар падари калонон лаънат, хонаи калонон сӯзад, бачаи калонон мурад, ки арзи маро ҳеҷ нашуниданд, – гӯён дашном ва дуои бади калононро сар кард.

Аз ин ҳолати Қориишкамба беихтиёр ба хотири ман ҳикояти Бибидаҳбошӣ омад, ки дар ин ҷо менависам:

Дар Бухоро дар гузари Говкушон, дар пеши масҷиди Хоҷа, дар лаби рӯд, ки он тарафи он роҳи калон буд, гадоён ва сарсариён менишастанд.

Дар қатори онҳо чанд гоҳ дар он ҷо Бибидаҳбошӣ ном як занаки девона пайдо шуд.

Бачагон, чунонки одати онҳост, ҳамеша ба девонагон мечаспанд, ба Бибидаҳбошӣ ҳам бисёр мечаққиданд: ба сару рӯяш хок мепошиданд, кафшу фаранҷиашро гирифта мегурехтанд, сарандозашро аз сараш бардошта ба оби рӯд мепартофтанд ва монанди инҳо шӯхиҳои шӯрапуштона мекарданд.

Бибидаҳбошӣ ҳам ба муқобили ин гуна ҳуҷуми бачагон ором наменишаст, онҳоро бо санг зада пеш мекард, дуои бад менамуд ва дашном медод.

Як рӯз ман дар сари Пули Пушаймон, дар пеши масҷиди Хоҷа дар офтобрӯя нишаста будам, ки боз бачагон ба сари Бибидаҳбошӣ ғун шуданд ва ӯро азоб додан гирифтанд.

Ӯ сарлучу пойлуч дар миёнаи гурӯҳи бачагони сарсарӣ монда буд. Доманашро пури сангу кулӯх карда якчанд бачаро

ба як тараф пеш мекард, лекин чанд бачаи дигар аз пушташ расида омада аз либосаш кашида ӯро пуштнокӣ меғалтониданд. Ӯ аз ҷояш бархоста ин бачагонро пеш мекард, боз аз пушташ бачагони дигар мерасиданду ӯро меғалтонданд…

Оқибат Бибидаҳбошии бечора монда шуд ва доманашро пури санг карда ба девори масҷид такя карда нишаст, бачагонро дуои бад мекард ва наздик омадагонашонро бо сангу кулӯх мезад.

Дар ҳамин вақт якчанд бойҳои калони Бухоро бо чанд нафар муллоҳои калон гузарони роҳ шуда аз тарафи гузари Поччоқулҳоҷӣ – аз тарафи ғарб намудор шуданд. Бояд онҳо аз ягон тӯй омада истода бошанд, ки либосҳои бисёр олишон дар танашон буд. Ҳар кадомашон аз таҳ ҷомаҳои сатини гулкалон, аз рӯй ҷомаҳои шоҳии қаршигӣ ва ҳисории зеҳкалон ва остаршоҳӣ пӯшида буданд, бар сарашон саллаҳои мисқолӣ[1] ва кулоҳҳои заррин, кимхобу кундал[2], дар пояшон кафшу масҳиҳои локӣ буд.

Онҳо бояд барои ба мардум нишон додани ҳама ҷойи либосҳои пуршаъну шавкаташон бошад, ки бари ҷомаҳошонро қадре чаппа карда роҳ мерафтанд. Оянда ва равандагон шоҳӣ будани остари ҷомаҳошонро ҳам медиданд.

Онҳо бо дандонхилолҳои тилло ва нуқра дандонҳошонро кофта-кофта бо камоли виқору тамкин оҳиста-оҳиста бо ҳам суҳбаткунон қадам мепартофтанд.

Бибидаҳбошӣ, ки ҳуҷуми бачагон ба ҷонаш расонида буд, аз дасти онҳо ба калонон ба арзу ниёз даромад ва бо зорӣ илтиҷо кард:

– Аз сарҳотон гардам, калонҳо, балои бачаҳотонро гирам, калонҳо, тӯйҳои фарзандҳотонро бинетон, калонҳо, ин ҷомаву саллаҳотон ба худҳотон насиб кунад, калонҳо, пулу молҳотон ба рӯзи некатон сарф шавад, калонҳо! Маро аз дасти ин бачагони шум халос кунетон, калонҳо!..

Ба сухани як девона, хусусан, ки ӯ зан бошад, гӯш додан,

[1] **Мисқолӣ** – докаи нафис.

[2] **Кимхобу кундал** – номҳои матоъҳои гаронбаҳои маҳаллӣ, ки ҳоло камистеъмоланд.

ҳатто ба тарафи вай нигоҳ кардан ба шаъну шавкат ва савлату ҳашамати калонон, албатта, рост намеомад. Бинобар ин онҳо фарёду фиғони ӯро ношунида ангошта, бо ҳамон виқору тамкини аввалиашон ба роҳашон давом карданд.

Бибидаҳбошӣ дид, ки аз калонон ҳеҷ муроде ҳосил нашуд, ҳатто онҳо ба тарафи ӯ нигоҳе ҳам накарданд, ба ҷойи бачагон калононро монда ба дашном додан ва дуои бад кардан даромад:

– Ба фаровези ҷомаҳотон фалон кунам, калонҳо! Илоҳӣ ин ҷомаҳотонро мурдашӯй барад, калонҳо! Илоҳӣ пулу молҳотон насиби дуздону роҳзанон шавад, калонҳо!..

Калонон, ки ба он ҳама дуо ва илтимоси Бибидаҳбошӣ гӯшашонро ба карӣ зада буданд, наметавонистанд, ки ба ин ҳама дашному дуоҳои бадаш ҳам худҳошонро ба нодонӣ зананд ва ҳамин тарз нишон диҳанд, ки гӯё онҳоро нашунидаанд. Зеро агар онҳо худашонро ношунида нишон диҳанд ҳам, дигарон мешуниданд, ки як занаки девона калонони шаҳрро чигуна масхара карда истодааст.

Лекин бо ҳамаи ин калонон дар ҳаққи як занаки девона чӣ кор карда метавонистанд? Коре, ки аз дасташон омад, танҳо ҳамин шуд, ки азамат ва виқорро ба як сӯ гузошта, бо он ҷомаҳои фохир, монанди бачагоне, ки онҳоро девонагон пеш карда бошанд, ба гурехтан даромаданд ва шитобкорона медавиданд, ки ҳар чӣ зудтар аз назарҳо пинҳон гарданд, то ки камтар касон донанд, ки Бибидаҳбошӣ онҳоро бо сару либоси пуршаъну шавкаташон аз хасрӯбадон гирифта ба лойдон зада истодааст.

Аммо чандин рӯзҳо вирди забони Бибидаҳбошӣ дашному нафрини калонон буд, бачагон ӯро озору азият диҳанд ҳам, ӯ калононро ҳақорат мекард ва то вақте ки Бибидаҳбошӣ зинда буд, калонон аз он кӯча намегузаштанд.

Аҳволи Қориишкамба ҳам, ки барои рӯёнидани пули ба дасти Мирзо Абдуллоҳ рафтааш аз калонони шаҳр ёрмандӣ надида буд, ба аҳволи Бибидаҳбошӣ монандии қавӣ дошт, ӯ ҳам монанди он занаки девона шабу рӯз онҳоро дашном медод ва дуои бад мекард.

Баъд аз ин ҳодиса на танҳо ба аҳволи рӯҳияи Қориишкамба

дигаргунӣ рӯй дода аз эътидол баромад, балки вазъияти ҷисмониаш ҳам дигар шудан гирифт: ӯ рӯз то рӯз аз гӯшт мефуромад, лоғар мешуд, пӯсти баданаш ба халтаи холӣ монандӣ пайдо мекард.

XVII

Қориишкамба баъд аз ду-се моҳи воқеаи Мирзо Абдуллоҳ кам-кам ҳолати девонагиро аз сар гузаронида мизоҷаш ба эътидол наздик шудан гирифт. Акнун ӯ дар кӯчаҳо ба ҳар кас, ки вомехӯрд, баъд аз ҳикояи дарду аламҳои худ, дашном додани Мирзо Абдуллоҳ ва дуои бад кардани калонон мегуфт:

– Ҳар чӣ буд, гузашт, чист, ки нагузарад? «Бар сари фарзанди одам ҳар чӣ ояд, бигзарад».

Аммо ӯ ҳолати девонагиро гузаронида бошад ҳам, гӯшту равғани баданаш ба ҳолати аввалиаш наёмада буд, пӯсти баданаш монанди ишкамбаи аз мурдориҳо холӣ кардашуда чинҳои дағали баҳампечида пайдо карда буд, рангаш ҳам монанди ишкамбаи ҳайвоноти кушташуда сафедчатоби моил ба хокистарӣ менамуд…

Ҷанги якуми ҷаҳонӣ сар шуд, дар қатори савдогарон, ҳаннотон ва судхӯрони дигар кори Қориишкамба ҳам боло гирифтан гирифт: савдогарон ва ҳаннотон имрӯз як чизро харанд, фардо он чизро ба дучанди тани харидашон мефурӯхтанд. Дар ин шароит ба фоидаи сармояи худ қаноат накарда ба дари судхӯрон медавиданд ва ба ҳар гуна фоизи барзиёд бошад ҳам, пул қарз мегирифтанд ва чизҳои зарурии кам ёфташавандаро харида анбор мекарданд. Дар ин гуна мавридҳо судхӯри серпуле, ки кисаи ҳаннотонро пур карда тавонад, Қориишкамба буд. Табиист, ки аз ин гуна муомилаҳо кисаи худи Қориишкамба ҳам ба хубӣ пур мешуд ва аз оши сергӯшту равғани ҳаннотон шиками худро ҳам то ба дарҷаи ба кафидан расидан пур мекард.

Дар соли дувуми ҷанг пӯсти бадани Қориишкамба таранг, гӯшти зери занахаш овезон ва шикамаш ҳам аз пештарааш калонтар шуд; маблағҳояш ҳам аз ду миллион зиёдтар шуда, монанди магасони гӯштхӯр, бачагони бешумор (фоидаи аз ҳад зиёд) мезоиданд.

Қориишкамба бо вуҷуди он ҳама фоидаҳо кори Мирзо Абдуллоҳро фаромӯш намекард ва дар сари ҳар оше, ки рӯзе чанд бор ба вай рост меомад, ӯро дашном медод ва дуои бад менамуд.

Дар соли савуми ҷанг – соли 1916 меҳнаткашон ва фақирон чунон хонавайрон шуданд, ки барои «қути лоямут» эшон нони хушк намеёфтанд. Ба муқобили ин ҳол ҳаннотон чунон серпул ва сермол гардиданд, ки барои гузоштани молу пулашон ҷой ва барои харидан чиз кам меёфтанд.

Савдогарони Москварав бошанд, бо тилло ва брилянт бозӣ мекарданд. Дар ин вазъият савдогарон ва ҳаннотон ба судхӯрон муҳтоҷ намешуданд. Бинобар ин дар соли савуми ҷанги ҷаҳон ба кори Қориишкамба сустӣ омад. Ӯ маҷбур шуд, ки ҳамаи пулҳояшро ба бонк монад ва ба фоизи ками он қаноат кунад.

Дуруст аст, ки аз он маблағи калон, ки аз ду миллион сӯм зиёд буд, ба ҳисоби бонк ҳам хеле фоида мерӯид. Лекин ин хумори ҳирси ӯро шикаста ва даҳони ба тарафи фоидаи калон кушодашудаашро баста наметавонист. Ҳар қадар ки пулаш бисёр гардад, ҳамон қадар ҳам ба фоидахӯрӣ ҳирсаш зиёда мегардид.

Ӯ мехост, ки аз он маблағи калон монанди пештара соле бисту панҷ-сӣ фоиз фоида гирад. Аммо ин муяссараш намешуд, ба қавли ӯ: «он рӯзҳоро об бурда буд», «он сабӯ шикаста ва он паймона рехта буд».

Бар болои ин, дар соли 1916 хӯрданиҳои ӯ ҳам аз пештара камтар гардида буд. Зеро бойҳо, ки дигар аз вай қарз намегирифтанд, ӯро ба сари табақи худ роҳ ҳам намедоданд. Бонкҳое, ки ӯ дар он ҷо ҳисоби ҷорӣ дошт, танҳо ҳар рӯз соати даҳ ба ӯ қандчой медоданд. Бинобар ин ӯ маҷбур буд, ки ба оши муқаррарии ҳуҷранишинонаш, ба ошҳои тӯйӣ ва худой, ки гоҳо рост меомаданд ва ба чалпакҳои сари мазор қаноат кунад.

Ба ин сабабҳо аз соли 1916 сар карда Қориишкамба дубора аз гӯшт фуромадан гирифт, рангаш заҳир шуд ва шикамаш хурдтар гардид.

Дар он вақтҳо рӯзе ӯро дар ҷойе дидам ва сабаби лоғар шуданашро пурсидам. Ӯ гуфт:

– Ман пештар дар ҳар шабонарӯз чандин бор қазию палав, мантую чалав, тушбераю мурғбирён, барракабобу боимҷон мехӯрдам, акнун аз он хонадонҳое, ки ман пештар ин чизҳоро аз он ҷоҳо мехӯрдам, ҳарчанд бойтар шуда бошанд ҳам, барака паридааст. Дерест, ки ман аз он ҷойҳо лаб тар накардаам, «гову гӯсфанд ҳам бо хӯрдан фарбеҳ мешавад» гуфтаанд. Ман, ки чизи хӯрдании дуруст намеёбам, чӣ гуна лоғар нашавам?

Ӯ қадре хомӯш истода бо оҳанги миннатдорӣ илова кард:

– Худо хайрашро диҳад, хайрият, ки бонк будааст. Ҳамин ки ба вақти чояш расида меравам, ба пеши ман қанддонро пури қанд карда бо истакони пурчой оварда мемонанд. То пур шудани истакон қанд меандозам, ба ҳадде ки чояш рехта меравад, баъд аз об шудани қанд ба болояш чойи гарм рехта нӯши ҷон мекунам. Агар рӯзе се истакон ҳам нӯшам, ба мудири бонк малол намеояд, балки вақташ хуш мешавад.

– Акнун пули худатон ҳам аз ҳад афзун шудааст, – гуфтам ман, – худатон пир ҳам шудаед, чӣ мешавад, ки ҳар шаб аз пули худатон яке аз таомҳои дилхоҳатонро пазонда хӯред ва нафси ба пурхӯрӣ одаткардаатонро ором диҳед?

Ӯ дар ҷавоби ин сухани ман байтеро, ки яке аз шоирони он замон дар ҳаққи судхӯрон гуфта буд, хонд:

Судхӯр аз пули худ нон шиканад гар, ба масал
Шиша сандон шиканад, атола дандон шиканад.

* * *

Дар охирҳои соли 1916 воқеае рӯй дод, ки он Қориишкамбаро тамоман аз кор бароварда саросема кард, ин шӯхиҳои «бемавриди ширинкорони Бухоро буд.

Ин ширинкорон агар мешуниданд, ки Қориишкамба, масалан, пулҳояшро дар «Соединённый банк»[1] мондааст, яке аз

[1] **«Соединенный банк», «Русско-Китайский банк»** – бонкҳои хориҷӣ дар шаҳри Бухорои амирӣ.

онҳо бо вазъияти дилсӯзӣ пеши Қориишкамба меомаду гӯшакӣ карда ба ӯ мегуфт:

– Оё, шунидед, Қориамак? Кори «Соединённый банк» бад шудааст, як маблағи калонаш дар дасти аскарони душман афтодааст. «Имрӯз – фардо мешиканад» мегӯянд. Ҳар чӣ бошад, эҳтиёт кунед!

Қориишкамба бо шунидани ин хабар дартоз ба бонки мазкур мерафту аз он ҷо пули худро дарҳол, масалан, ба «Русско-Китайский (Азиатский) банк» мегузаронид.

Албатта, ин воқеаи ба бонки дигар гузаронида шудани пули Қориишкамба аз ширинкорон пинҳон наемонд. Боз яке аз онҳо пеши ӯ меомад, чизеро, ки рафиқаш дирӯз дар ҳаққи «Соединённый банк» гуфта буд, вай имрӯз дар ҳаққи ин бонк мегуфт. Боз Қориишкамбаи сарсахт маҷбур мешуд, ки пули худро ба бонки дигар, ё боз ба ҳамон «Соединённый банк» гузаронад.

Ҳарчанд дӯстонаш ба ӯ маслиҳат медоданд, ки пули худро ба бонки подшоҳӣ гузаронад ва бонки подшоҳӣ то вақте ки давлати импературӣ барқарор аст, пойдор хоҳад буд, ӯ қабул намекард, зеро бонки подшоҳӣ аз бонкҳои дигар камтар фоида медод…

Оқибат бонкҳо ба ҷон омада пули ӯро қабул намекардагӣ шуданд. Ӯ маҷбур шуд, ки ҳамаи пулҳояшро ба бонки подшоҳӣ гузаронад.

Дере нагузашт, ки дар ҳаққи бонки подшоҳӣ ҳам хабарҳои шикастро баровардан гирифтанд. Ҳар гоҳ ки дар газетаҳо хабари шикасти аскари подшоҳӣ навишта мешуд, ширинкорон ва ҳангоматалабон ҳар хабарро дучанд калонтар карда ба Қориишкамба мегуфтанд ва ба ӯ маслиҳат медоданд, ки аз бонк дар эҳтиёт бошад, аҷаб нест, ки он шикаста монад ва пулҳояш, ки «бо ҳазорон хуни ҷигар ғундоштааст», сӯзанд.

Аммо ӯ чӣ гуна эҳтиёт карда метавонист? Агар бонк шиканад ҳам, чорааш чӣ буд? Пулро аз бими дуздон дар хона ва сарой монда нашавад, пас чора чист?..

Қориишкамба кам-кам пай бурд, ки ширинкорон қадре муболиға карда хабарҳоро аз будаш зиёдтар намуда ба ӯ мерасонанд. Бо вуҷуди ин, ки пештар ба ҷойе, ки газета хонда

истода бошанд, ҳеҷ наздик намешуд, аз газетахонҳо хабарҳои ҷангро мепурсидагӣ шуд. Лекин хабарҳои забонӣ гуфтаи онҳоро бовар намекард. Бинобар ин онҳоро газета мехононд ва худаш бевосита шунида муҳокима мекард.

Кам-кам дар газетаҳо хабарҳои шикаст чунон бисёр шуданд, ки бе шӯхии ширинкорҳо ҳам аз онҳо дар воҳима афтодан гирифт. Ин ҳолро рафта ба мудири бонки подшоҳӣ гуфта аз вай маслиҳат пурсид:

– Агар Худо нахоста давлати импературӣ тамом шиканад, мову шумо чӣ кор мекунем? – гуфт.

Мудир ӯро тасаллӣ дода:

– Давлати импературӣ аз санг ҳам сахттар ва аз кӯҳ ҳам устувортар аст, чунки ин давлатро вазирони ҳазрати олӣ, ки донишмандтарин одамони дунё мебошанд, идора мекунанд. Бинобар ин, иншоаллоҳ, ба давлати олӣ ҳеҷ офат нест. Газетаҳои туркию тоторӣ ба ҳазрати императур душман мебошанд ва ҳар гуна хабарҳои дурӯғро сохтаю бофта паҳн мекунанд. Хабари ростро аз газетаҳои русӣ ёфтан мумкин аст, – гуфт ва қадре хомӯш монда, илова намуд:

– Ба ҳар кадоми газетаҳои русӣ ҳам бовар кардан дуруст нест, дар байни онҳо ҳам душманони зоти муқаддаси императур кам нестанд, бинобар ин, шумо хабарҳои кӯчагиро ва хабарҳои ҳар гуна газетаҳоро бовар накунед! Ва ҳар рӯз ба пеши ман оед! Ман ба шумо аз газетаҳои муътабари русӣ хабарҳои ростро хонда тарҷума карда медиҳам.

Баъд аз ин мусоҳиба Қориишкамба ҳар рӯз пештар аз чойи чоштгоҳии бонк ба пеши мудири он мерафт. Мудир барои ӯ кадом газетаи русӣ, ки рост ояд, ба овози баланд мехонд ва ба ҷойи тарҷумаи хабарҳои он газета чизҳоеро, ки худ сохтааст, ба ӯ мегуфт, ки ба гӯши вай бисёр мефориданд. Бо шунидани он «хабарҳо» Қориишкамба:

– Худо хоҳад, ба давлати императури муаззам, ки пушту паноҳи ин бонк ва ба воситаи ин пушту паноҳи ман ҳам мебошанд, ҳеҷ офат нест! Чашми душманонашон кӯр ва забони касоне, ки хабарҳои дурӯғ паҳн мекунанд, бурида бод! – гӯён аз пушти мудир мебаромад ва ба чойхонаи бонк рафта истаконро пури қанд карда ба болояш чойи ҷӯшон рехта, осу-

дадилона нӯшида, ба кӯча мебаромад ва ба сари дуконҳои газетахонҳо нишаста ба муқобили хабарҳое, ки онҳо аз газетаҳо нақл мекарданд, «хабарҳои» аз мудири бонк шунидаашро яке бар даҳ муболиға карда гуфта, хабарҳои онҳоро рад мекард. Аммо газетахонҳо барои тарсонидани ӯ мегуфтанд:

– Аҷаб нест, ки инқилоб шуда мамлакат зеру забар шавад, дар он вақт ба фармони подшоҳ ва вазирони ӯ касе гӯш нахоҳад дод ва бенавоён сар бардошта хонаи бойҳоро тороҷ хоҳанд кард. Дар он вақт вой ба ҳоли шумо!

Қориишкамба аз калимаи «инқилоб», ки дар натиҷаи он хонаи бойҳо тороҷ мешудааст, дар дили худ сахт тарсад ҳам, бо оҳанги худтасаллидиҳӣ ба газетахонон ҷавоб медод:

– Инқилоб шавад, шудан гирад, ба ман чӣ дахл дорад? Ман, ки дар хонаам чизе надорам, аз тороҷ шудани вай чӣ метарсам…

* * *

Дар соли 1917 инқилоби Феврал[1] ба вуҷуд омад, подшоҳи Русия аз тахт фуроварда шуд. Он чизе, ки Қориишкамба дар дили худ аз вай метарсид, ба сараш омад. Ӯ донист, ки дуоҳои ӯ дар ҳаққи «императури муаззам» беасар рафтаанд. Аз тахт фуроварда шудани подшоҳро акнун мудири бонки подшоҳӣ ҳам инкор намекард, лекин ӯ аз тасаллӣ додани Қориишкамба ҳанӯз ҳам бознамеистод.

– Императури муаззам аз тахт фуроварда шуда бошанд ҳам, зарар надорад, – мегуфт ӯ, – дар сари ҳукумат касоне нишастаанд, ки ҳамаашон одамони бонкҳои мо, савдогарон ва заминдорони калон мебошанд. Онҳо роҳ намедиҳанд, ки бонки мо шиканад ва пули шумо барин хайрхоҳи давлатмандон сӯзад. Ҳатто аҷаб нест, ки ба ҷойи ҳазрати императур амакашон Великий кинозро[2] подшоҳ бардоранд…

Аммо Қориишкамба акнун бо ин гуна суханҳо тасаллиёб

---

[1] **Инқилоби Феврал** – инқилоби буржуазӣ-демократии феврали соли 1917 дар Русия, ки дар натиҷаи он ҳукумати подшоҳӣ сарнагун гардида, ҷумҳурии буржуазӣ-демократӣ барпо шуд.

[2] **Великий киноз** – подшоҳи Русия Николаи II, ки солҳои 1894 – 1917 ҳукмронӣ кардааст, дар назар аст.

намешуд, зеро ӯ шунида истода буд, ки ин корҳоро инқилоб, ки аз вай табиатан метарсид, карда истодааст: ӯ шунида буд, ки дар Русия мужикони деҳот сар бардошта ҳавлӣ, замин, молу асбоби деҳқонии заминдорони калонро пахш карда гирифта истодаанд. Аҷаб набуд, ки ин ҳол дар шаҳрҳо ҳам роҳ ёбад ва пойбараҳнагони Петрогрод ва Москва барин шаҳрҳои марказӣ ба по хеста бонки подшоҳиро пахш карда гиранд, дар он вақт, албатта, бонки подшоҳӣ, ки дар Бухоро ҳаст, низ мешикаст ва дар натиҷа пули ӯ ҳам, ки аз ҷонаш азизтар аст, месӯхт. Ӯ бо ин андешаҳои пурдаҳшат ба фарёд омада нолакашон мегуфт: «Омад ба сарам ҳар он чи метарсидам!»

Қориишкамба ҳарчанд фикр мекард, аз ин «қазои осмонӣ» роҳи халосӣ намеёфт ва ғайр аз хун хӯрдан, алам кашидан, аз гӯшт фуромадан ва ишкамбаи худро торафт хурд кардан чораи дигаре надошт.

Ӯ чӣ кор ҳам карда метавонист? Ӯ аз тарси дуздон пулро бурда дар хонаи худ ё дар ягон сарой монда натавонад, бойҳо ба қарз нагиранд, агар ба ҳукумати амир супорад, ӯ рӯйрост пулҳои ӯро мехӯрад, пас ба ғайр аз он ки «то омадани табар кунда меосояд» гӯён пулҳояшро ба бонки подшоҳӣ мондан гирад, чораи дигаре надошт…

Қориишкамба дар он рӯзҳо ба кӯча камтар мебаромад ва дар вақти ба кӯча баромадан ҳам, бо тангкӯчаҳо ва паскӯчаҳо роҳ мерафт, то ки ба ягон одами «шумхабар» вохӯрда хабари бадеро шунида дилаш сиёҳ нашавад. Ӯ дар он рӯзҳо танҳо ба бонк рафта чой менӯшид, ба пеши ҳуҷранишинонаш рафта ош мехӯрд ва ба ҷанозаҳо рафта ертиш мегирифт, аммо ба раставу бозор намебаромад…

XVIII

Қориишкамба дар тирамоҳи соли 1917 шунид, ки «болшевик» ном «касе» ба сари ҳукумат омадааст. Ӯ ин номро аз он пеш нашунида буд. Дуруст аст, ки ӯ аз мудири бонки подшоҳӣ эҳтимоли подшоҳ шудани… кинозро шунида буд, аммо ин ном ба он номе, ки ҳоло аз ёдаш баромадааст, монандӣ надошт. Лекин аҷаб набуд, ки ин ном номи дигари ҳамон… киноз бошад, ки мудири бонк хабар дода буд. Дар ҳар ҳол

таҳқиқ кардани ин хабар ва муайян намудани кӣ будани «болшевик» лозим буд.

Қориишкамба барои ҳал кардани ин масъала рост ба бонк рафт, то ки мудирро, ки «ягона одами ростгӯй» аст, дида ҳақиқати ҳолро фаҳмад.

Аммо Қориишкамба вақте ба бинои бонк расид, ки ходимони он ҷо сандуқ ва халтаҳои нақдинаашонро гирифта ба Когон рафта буданд. Ӯ аз ходимони бонк танҳо тарҷумонро дид, ки аз ҳама охиртар аз бинои бонк баромада ба хонаи худ мерафт.

Тарҷумон аз ҷумлаи ширинкорони Бухоро буд, ки чандин бор бо хабарҳои беасоси худ Қориишкамбаро тарсонда буд. Ӯ аввал хост, ки аз он «шумхабар» чизеро напурсад, то ки бо ҷавобҳои бардурӯғи ӯ дилаш сиёҳ нашавад. Аммо боз фикр кард, ки «то бад нагӯй, нек намеояд» гуфтаанд, ҳар чӣ бодо, бод, аз ӯ мепурсам, пас аз бадгӯиҳое, ки ӯ, албатта, дар ҷавоби пурсиши ман хоҳад кард, шояд рӯзи неке пеш ояд.

Қориишкамба бо ҳамин мулоҳиза аз тарҷумон пурсид:

– «Ба сари ҳукумати Русия болшевик омадааст» мегӯянд, ин хабар рост аст ё дурӯғ?

– Рост аст! – тарҷумон ҷавоб дод.

Қориишкамба ба ин ҷавоби эҷобии тарҷумон як дараҷа хурсанд шуда, боз пурсид:

– Магар «болшевик» ҳамон «вел», ё «век», ё «велка кназ» нест, ки мудиратон ба сари ҳукумати Русия омадани ӯро тахмин мекард?

– Шумо магар «Великий киноз» гуфтан мехоҳед, ки мудир ба мо ҳам борҳо дар бораи ӯ фоли нек зада буд? – тарҷумон эзоҳ пурсид.

– Бале, бале худашон «Великий киноз, Великий киноз», номи муборакашонро боз фаромӯш накунам «Великий киноз»… – Қориишкамба ин номро чандин бор такрор кард.

– Не… гуфт тарҷумон мад кашида ва давом намуд, – «болшевик» дигар асту «Великий киноз» дигар! Болшевик линги кинозҳоро аз осмон меорад!

Қориишкамба бо шунидани ин ҷавоб аз тарс як қад парида пурсид:

– Хуб, шӯхиро як тараф монед, ба ростӣ гӯед, ки болшевик аз инқилоб, ки чандин моҳ боз сар бардошта ҳамаро безобита кард ва Николай барин як подшоҳи нозанинро аз тахт фуровард, беҳтар аст ё не? Ва ӯ ба ҳоли мо барин касоне, ки нахӯрда, напӯшида, рост гуфта, дурӯғ гуфта панҷ-шаш танга ғундоштаем, раҳм карда ба ҳоламон мегузорад ё не?

Тарҷумон баъд аз қадре фикр карда истодан ба ҷавоб додан даромада гуфт:

– Он инқилобе, ки то ҳол шунидед ва аз вай монанди харе, ки аз шер тарсад, дар биму ҳарос афтодед, кори аввалини болшевикон буд. Болшевикон роҳ намедиҳанд, ки шумо барин судхӯрон миллионҳо сӯм пулашонро, ки аз хӯрдани хуни мардум ҷамъ кардаанд, дар бонк гузошта, аз фоидаи он маблағ ҳар сол садҳо ҳазор сӯм даромад карда шикамашонро хорида нишинанду оммаи мардум аз гуруснагӣ бимиранд. Бинобар ин, ман гумон надорам, ки онҳо ба шумо раҳм кунанд.

Ин ҷавобро шунида ранги Қориишкамба парид, аъзои баданаш ба ларза афтод, худдорӣ кардан натавониста ба девор такя карду бо тарзи худтасаллидиҳӣ гуфт:

– Хуб, бонки шумо, ки пули ман дар вай аст, ҳанӯз побарҷост, «то реша дар об аст, умеди самар аст» гуфтаанд. Аз марти наёмада ин қадар тарсида ҳар рӯз сад бор мурда, зинда шуда азоби ҷонканиро кашиданам барои чист?

– «Реша дар об нест!» – гуфт тарҷумон бо оҳанги қатъие, ки қариб буд дили Қориишкамбаро кафонад, – дар Петроград, дар Москва ва дар дигар шаҳрҳои калон болшевикон бонкҳоро гирифтанд; фабрикҳо ва заводҳоро гирифтанд; парохудҳои дарёҳоро гирифтанд; роҳҳои оҳан ва вагонҳоро гирифтанд; «ҳамаи заминҳои заминдорони калон бо асбоби деҳқониашон аз они деҳқонони хокпош» гуфта қонун бароварданд… Пас дар ин ҳол чӣ гуна «реша дар об» мешавад. «Реша дар об нест, дар оташ аст»; реша месӯзад, балки сӯхта хокистар шуд, аммо шумо гумон мекунед, ки «реша дар об аст», «хона аз пойбанд вайрон аст», аммо шумо хурсандӣ мекунед, ки «бомаш саломат асту побарҷост»…

Қориишкамба гумон кард, ки раги ширинкории тарҷумон ҷунбида шӯхиҳои навбатиашро сар кард ва ӯ мехоҳад, ба воситаи ин шӯхиҳои бемаврид ӯро беаҷал кушад, вагарна ҳеҷ мумкин нест, ки «болшевик» ном як кас баромада ҳамин қадар сарвату дороие, ки аз они шахсҳои ҷудогона ва моли хусусии ширкатҳои одамони махсус будани онҳоро ҳам қонуни шариат ва ҳам закуни импературӣ ҳимоят мекунад, «аз они ман» гуфта нишинад ва ба ӯ касе чизе ҳам нагӯяд!

Қориишкамба бо ин мулоҳиза оташинона ба тарҷумон гуфт:

– Дафъ шав, аз пеши назарам дур рав, шумхабари кӯрнамаки даҳонбефаровез! Илоҳӣ, забонат бурида бод! Фардо бин, туро чӣ кор мекунам! Фардо агар ин суханҳои ту кӯрнамакро ба мудир хабар дода, туро аз хизмати бонки подшоҳӣ пеш накунонам, ман одам набошам!

Тарҷумон ба ин суханҳои Қориишкамба қаҳқосзанон хандид ва дар зимни ханда:

– Шумо аз ин пеш ҳам одам набудед! – гуфта хандакунон аз пеши ӯ дур шуд.

Қориишкамба аз хандаи тарҷумон ба гумони худ ҷозимтар шуд, ки ӯ шӯхӣ карда будааст, бинобар ин, қадре дилаш кушода шуд, аммо ҳамон лаҳза суханони пурдаҳшати ӯро ба ёдаш оварда «агар гуфтаҳои ӯ рост бошанд, ҳоли ман чӣ мешавад?» гӯён дар тарс афтод ва ҳамчунон монанди ҳайкали бечон ба девор такя карда фурсате беҳиссу ҳаракат монд…

Қориишкамба баъд аз он ки чанд дақиқа ба девори бинои бонк такя карда истод, «акнун дар ин ҷо истодан бефоида аст, – гуфта ба худ андешид, – бонк баста шуда, мудираш ҳам ба Когон рафтааст, ман дар ин ҷо аз кӣ хабарҳои ростро мефаҳмам?»

Ба ҳамин мулоҳиза ӯ низ ночор роҳи хонаи худро пеш гирифт…

Қориишкамба бо вуҷуди ин ки он рӯз аз рӯҳ афтода бисёр суст шуда буд ва мувофиқи одати рӯзҳои охиринаш бо паскӯчаҳои камодам мерафт, шитобкорона қадам мепартофт, то ки ба ягон ширинкори шумхабар вохӯрда аз вай хабарҳои

пурдаҳшат шунида дилкаф нашавад ва пеш аз омадани аҷали табиӣ мурда аз пулҳояш ҷудо нашавад.

Қориишкамба аз мурдан наметарсид, агар ӯ медонист, ки баъд аз мурданаш пулҳояшро ҳамроҳи мурдааш бурда дар гӯр дар як ҷой мегӯронанд, ин гуна маргро бо хурсандӣ пешвоз мегирифт. Аммо ӯ аз он гуна марг метарсид, ки бимираду ба сабаби мурдан аз пулҳояш ҷудо шавад. Ҳар гоҳ ки ба хотири ӯ ин гуна марги «пурдаҳшат» мерасид, афсӯсхӯрона байти зерини Мирзо Абдулқодири Бедилро, ки ба маҳбубааш хитобан гуфтааст, ӯ ба пулаш, ки назар ба ақидааш, аз ҳар гуна маҳбуба маҳбубтар аст, хитоб намуда замзама мекард:

Дар дами мурдан маро бар зиндагӣ афсӯс нест,
Ҳайфи домонат, ки аз дастам раҳо хоҳад шудан.

Назар ба фикри Қориишкамба ҳаёт иборат аз пул буд, ҳаёт ва лаззатҳои ҳаётие, ки ҷудо аз пул бошад, ба чизе намеарзид.

* * *

Қориишкамба ба хонааш рафта бо кӯфтагии рӯҳӣ зуд дар ҷойхобаш ёзид, аммо ӯро хоб намебурд, соате сад бор аз паҳлу ба паҳлу магашт, чун мӯйи дар оташ афтода ба худ мепечид ва монанди мори саркӯфта талвоса мекард ва ҳарчанд орзу кунад ҳам, рӯйи осудагиро намедид. Ночор саҳари барвақт аз ҷояш бархоста таҳорат кард ва Қуръонро, ки аз рӯзи хатми қуръони занонаш боз ба дасташ нагирифта буд, аз тоқча гирифта кушода ду-се оят тиловат кард. «Каломи шариф»-ро шафеъ оварда аз даргоҳи Худои карим дубора бар тахт нишастани императури муаззамро бо зорӣ пурсид…

Вай баъд аз шунидани азони бомдод, ки як соат пештар аз баромадани офтоб гуфта мешуд, аз ҳавлиаш баромада ба масҷиди Мағок рафта намози бомдодро бо ҷамоат адо кард, аммо дар ҳалқаи маснавихонӣ, ки ҳар пагоҳ дар он ҷо баъд аз бомдод ташкил меёфт ва пештар нишаста шунидани маснавии Мавлавии Румиро одат карда буд, он рӯз нанишаст ва зуд аз масҷид баромада ба пеши дари бинои бонки подшоҳӣ, ки дар тими нав (дар пассажи Бухоро) воқеъ шуда буд, шитобко-

рона рафта, дар он ҷо бар рӯйи санги мармар нишаста аз Когон омадани мудири бонкро нигарон шуд, то ки аз вай «хабарҳои хуши пухта»-ро шунида осуда гардад ва тарҷумони шумхабари кӯрнамакро, ки дирӯз рӯйрост ба давлати императури муаззам душмании худро нишон дода буд, аз хизмати бонк дур кунонад…

Соат ҳашт шуд, аммо мудири бонк бар хилофи одати муқаррариаш то он вақт аз Когон наёмад… соат нуҳ шуд, аммо аз ӯ ҳанӯз хабаре нест ва ходимони дигари бонк ҳам то ҳол наёмаданд… Дили Қориишкамба аз тангӣ ба кафидан расид, ӯ гумон мекард, сари синааш, ки чанд гоҳ боз аз гӯшт фуромада пӯсташ ба устухонаш часпида буд, дамида рафта истодааст ва дар хаёлаш чунин меомад, ки сандуқи синааш аз камоли дамидагӣ мекафад ва дилу шушаш аз он ҷо берун баромада мераванд. Ӯ сари синаашро бо кафу панҷаҳои ду дасташ пахш мекард, аммо дамидагии он ҷо зер намехӯрд, баръакс дақиқа ба дақиқа боз ҳам баландтар медамид…

Соат даҳ шуд… Ёздаҳ шуд, аммо ҳанӯз аз Когон касе наёмад… Акнун Қориишкамба дар дили худ мегуфт, ки «агар ҳамон тарҷумони шумхабар ҳам меомад, хуб мешуд: дурӯғ ҳам бошад, шӯхӣ ҳам бошад, ҳар чӣ бошад – бошад, ягон хабар мерасонд, кори ман яктарафа мешуд. Аз ин гуна каҳдудвор кӯр-кӯр сӯхтан, якбора даргирифта шуълавар шудан беҳтар аст!» Аммо ӯ ҳам наёмад…

Дили Қориишкамба бетартиб ва пасту баланд задан гирифт, гоҳо дили ӯ чунон суст шуда мерафт, ки қариб аз ҳаракат бозмеистод, гоҳо ба дараҷае баланд мезад, ки садои дукур-дукури зарбаҳояшро худ мешунид…

Роҳи нафаси Қорӣ торафт тангтар мешуд, боре чунин ҳолате рӯй дод, ки ӯ нафас кашида натавонист ва аз тангии нафас наздик буд, ки ба замин ғелад. Ӯ бо умеди қадре ёзондани роҳи нафас аз ҷояш бархост, аммо сараш гашта ва чашмонаш сиёҳ зада қариб буд, ки ба кӯча ғалтад, лекин ӯ пуштнокӣ ба девор такя карда худро аз ғалтидан нигоҳ дошт…

Қориишкамба дар вазъияти рост ба девор такя карда истодан ду-се нафаси дароз кашид, роҳи нафасаш қадре кушода шуд, ӯ ҳолати тангии дил ва ғалаёни хунро гузаронида буд…

ӯ баъд аз қадре ором гирифтан соаташро аз бағал бароварда кушода дид, мили соат ба дувоздаҳ наздик расида буд. Ӯ ин дарача дер шудани вақтро бовар накард ё ин ки бовар кардан намехост, «аҷаб нест ки мизони соатам[1] таранг шуда пеш рафта бошад» гуфта дар дили худ худро тасаллӣ дод ва барои тасдиқ кунонидани ин умеди худ аз касе, ки дар он вақт аз пеши бинои бонк мегузашт, пурсид:

– Соат чанд?

Роҳгузар бе он ки аз роҳаш бозистад, аммо қадамашро қадре сусттар партофта, соаташро аз бағалаш бароварда кушода дида:

– Дувоздаҳ, – гӯён бо суръати пештарааш гузашта рафт.

Қориишкамба пеш нарафтан, балки пас мондани соати худашро фаҳмида дар ноумедӣ афтод, аммо дар ҳамон лаҳза дар дили ӯ суст ҳам бошад, партави умеди дигаре пайдо шуда худ ба худ гуфт: «аҷаб нест, ки мудири бонк бемор шуда бошад ё пойи аспаш шикаста бошад, ё ин ки ба фойтунаш ягон шикаст пайдо шуда бошаду бинобар ин имрӯз ба шаҳр омада натавониста бошад, ё ин ки дер монда бошад…»

– Хуб, – гӯён аз дили худ гузаронид Қориишкамба – бархилофи ҳамаи умедҳои ман ин муайян аст, ки соат дувоздаҳ шудааст, аммо то ҳол на аз мудири бонк ва на аз ходимони бонк асаре нест, вақти намози пешин ва ҷанозаи хонақоҳи Девонбегӣ ҳам расид. Акнун дар ин ҷо истодан фоида надорад, балки зарар дорад, ки аз ҷанозаҳои худоӣ ва ертишҳои онҳо маҳрум мемонам, «аз ин ҷо рондаю аз он ҷо монда» шудан кори беақлона аст. Ҳамин қадар зарар бас аст, ки имрӯз аз оши пешазпешинии ҳуҷранишинам маҳрум мондам…

Қориишкамба бо ҳамин мулоҳиза аз роҳрави сементии пеши бонк ба тарафи лаби Ҳавзи Девонбегӣ раҳсипор шуд, аммо баъд аз ду-се қадам партофтан аз рафтан бо роҳи рост бозистода фикр кард, ки «ба растаи баззозӣ фуромада бо кӯчаи калон равам, беҳтар аст, чунки дар он раста ояндагони Когон

[1] **Мизони соат** – муҳаррики соат.

аз дур намоён мешаванд, шояд дар он роҳ ба мудир ё ходимони аз Когон ояндаи бонк вохӯрда, аз онҳо ягон хабари тасаллибахше шунавам».

Вай бо ҳамин андешаю умед ба дасти рост баргашта ба растаи баззозӣ поён фуромад ва аз он ҷо ба тарафи шарқ, ба рӯ ба рӯйи аз Когон ояндагон нигоҳ карда қадам партофт ва дар ҳар қадам партофтан, то чашмаш кор мекард, ояндагони аз тарафи Когонро аз назараш мегузаронид. Роҳ пур аз аспу хару аробаву фойтун ва пиёда буд, аммо дар байни онҳо аробаи рессордори чорчархаи дарози сеаспа, ки дар вай халтаҳои пури пулро бор карда, ходимони бонк ва посбонони мусаллаҳ савор шуда бошанд, наменамуд ва инчунин фойтуни болопӯшидаи дуаспаи наълҳои поҳои аспонаш резинӣ, ки дар вай мудири бонк менишаст, низ набуд…

Қориишкамба то пеши бинои доруфурӯшӣ, ки дар рӯ ба рӯйи даромади аввалини ғарбиҷанубии хонақоҳи Девонбегӣ воқеъ шудааст, расид ва дар он ҷо лаҳзае рост истода боз як бори дигар (шояд бори садум бошад) роҳи ояндагони Когонро бодиққат аз назар гузаронид, аммо аз он касоне, ки меҷуст, асаре надид.

Дар он ҷо растаи болопӯшида ба поён расида кӯчаи болокушодаи пурлой сар мешуд, бо вуҷуди ин Қориишкамба аз он ҷой ба саҳни хонақоҳ даромаданро муносиб надид, ба умеди дар пештар рост овардани одамони матлуби худ то бозори собун пештар рафта, аз даромади охирини шарқиҷанубии лаби Ҳавзи Девонбегӣ даромада, аз он ҷо лаб-лаби ҳавз пас гашта, ба саҳни хонақоҳ баромаданро мувофиқи матлаб ёфта, бо кӯчаи пурлой қадам ба пеш гузошт…

Қориишкамба дар ин кӯча ҳар қадаме, ки мемонд, пояш бо кафшу масҳиаш то зону ба лой меғӯтид ва дар вақти қадам бардоштан масҳӣ бо пояш аз лой баромада кафш дар лойдон мемонд ва дар ҳар қадам ӯ маҷбур мешуд, ки кафшашро бо дасташ аз лой кашида бароварда дубора пӯшад…

Қориишкамба ба ҳамин ҳол ҳаш-ҳашкунон нафас кашида, афтону хезон қадам монда, дар зери лойпошии аспҳо ва

аробаҳои ояндаю равандагон то сари растаи собунфурӯшӣ, ки дар тарафи шарқи лаби Ҳавзи Девонбегӣ воқеъ шуда буд, расид. Ӯ дар он ҷо, ки ба бозори алаф наздик буд, қадре рост истода, бозори алаф ва дуртар аз онро, ки ояндагони Когон аз он тараф меомаданд, бо диққат аз назар гузаронид, аммо аз он касоне, ки ӯ меҷуст, ҳанӯз асаре наменамуд.

Қориишкамба умедашро тамом канда, мехост ба лаби Ҳавзи Девонбегӣ дарояд, аммо дар вақти даромадан боз як бор сарашро гардонда бори охирин ба тарафи бозори алаф нигарист, ӯ дар ин нигаристан ба чашмони худ бовар накард, зеро ӯ, бархилофи чашмдошти худ дид, ки аз онсӯтари бозори алаф як аробаи дарози чорчарха омада дар бозори алаф ба аробаҳои сари роҳ банд шуда монд. Ӯ чашмонашро ба остини худ молида, равшантар карда, бори дигар бодиққаттар нигарист: ӯ бе ҳеҷ шакку шубҳа дид, ки аробаи дарози чорчарха дар бозори алаф банд шуда мондааст.

Қорӣ бо дидани ин ҳол қариб буд аз хурсандӣ дилкаф шуда шодимарг шавад, чунки сохти он ароба аз аробаи бонк ҳеҷ фарқ надошт. Аспонаш ҳам монанди аспони аробаи бонк сиёҳ ва калон буданд. Фақат фарқ ҳамин буд, ки дар аробаи бонк се асп мебастанд, аммо ин аробаро ду асп мекашид, лекин ин фарқ ба шодии Қориишкамба халал нарасонид: ӯ дарҳол фикр кард, ки «шояд як аспи бонк бемор ё маъюб шуда бошад, ки имрӯз ба ароба ду асп бастаанд»…

Аммо он ароба ба зудӣ расида наомад, ки Қориишкамба дар вай халтаҳои пул ва ходимони бонкро дида, дилаш ором гирад, чунки аробаҳои дучархаи баланди сербари боркашии Бухоро, ки онҳоро «қолиби кӯча» меномиданд, ба пеш омадани он аробаи чорчарха роҳ намедоданд, зеро онҳо рӯ ба рӯйи ҳам омада роҳро баста буданд ва аробакашони шӯрапушти даҳанкалон бо ҳам ҷангида ва якдигарро дашном дода ҳеҷ кадомашон аробаҳои худро пас кашида ба якдигар роҳ намекушоданд…

Қориишкамба хост худ пештар рафта зудтар хабарҳои хушро шунавад, аммо лойи тарафи бозори алаф ба пиёдагардӣ ҳеҷ роҳ намедод. Ночор, ӯ ҳарчанд душвор бошад ҳам,

дандон ба дандон монда, сабр карда, расида омадани он аробаи дарозро мунтазир шуда истод…

Оқибат кушоиш рӯй дод: аробакашони пешраванда, ки бо аробакашони аробаҳои пешоянда меҷангиданд, мағлуб гардида, маҷбур шуданд, ки аробаҳои худро пас кашида, ба растаи собунфурӯшӣ гиранд.

Бо кушода шудани роҳ аробаҳои пешоянда ягон-ягон омада аз пеши назари Қориишкамба гузаштан гирифтанд ва дар навбати худ он аробаи дарози чорчархаи дуаспа ҳам расида омад. Аммо, бар хилофи умеди Қориишкамба, дар он ароба халтаҳои пул ва ходимони бонк набуданд, балки ба ҷойи онҳо дар вай як мурда менамуд, ки атрофашро ходимони тиббӣ гирифта нишаста буданд: он ароба аробаи беморхона будааст, ки мурдаи як аврупоии ногаҳонӣ мурдаро барои тафтишоти тиббӣ ба беморхона мебурдааст.

Қориишкамба бо дидани ин ҳол байти зерини Абдурраҳмони Ҷомиро, ки дар хурдсолагиаш ёд гирифта буд, муносиби аҳволи худ ёфта хонд:

Баски дар ҷони фигору чашми бедорам туӣ!
Ҳар чи пайдо мешавад аз дур – пиндорам туӣ!

Қориишкамба бо камоли навмедӣ, ки ба ғуссамарг шудан наздик расида буд, ба лаби Ҳавзи Девонбегӣ даромада ба саҳни хонақоҳ баромад. Даруну беруни хонақоҳ бо намозхонон пур буд: ҳамаи намозхонони рӯйи саҳн бар рӯйи ҷойнамозҳои худ дузону нишаста мунтазири азон буданд, дар пешгоҳи саҳни ҷанубӣ се тобут менамуд, ки дар гирди яке аз онҳо суф, дар дувум заррини пасти куҳнаи рангпарида ва дар атрофи савумӣ кимхоби сурхгули нав кашида шуда буданд.

Қориишкамба аз дидани ин ҳол хурсанд шуда ва дар дили худ орзу кард: «Худо мекард, ки ҳар сеи ин тобутҳоро ба як гӯристон мебурданд, якбора ба се ертиш соҳиб мешудам, дар он вақт ҷойи оши чоштгоҳии як ҳуҷранишинам, ки имрӯз аз вай маҷбуран маҳрум мондам, пур мешуд. Ҳеҷ набошад дуи

ин мурдаҳоро ба як қабристон мебурданд, ба гирифтани ду ертиш комёб мешудам…».

Қориишкамба баъд аз қадре андеша карда истодан «хуб, агар ҳар кадоми ин мурдаҳоро ба як мазори дигар баранд, чӣ бояд кард?» гӯён худ ба худ суол дод ва дар ҷавоб ба ин фикри қатъӣ омад, ки «дар он вақт аз паси тобуте, ки ба гирди вай кимхоби сурхгул кашидаанд, хоҳам рафт, зеро аз даври тобути он мурда маълум мешавад, ки вай ҳам ҷавон аст ва ҳам аз хонадонҳои бойҳост, чунки барои марги ҷавон дили ҳар касе, хусусан дили падару модар ва хешовандонаш месӯзад ва дар натиҷаи ин дилсӯзӣ ертишро хубтар медиҳанд; бойҳо ҳам барои худро аз фақирон болотар нишон додан дар мурдаҳои худ ертиши калонтар медиҳанд, ин мурда, ки ҳам ҷавон асту ҳам бойбача – ертиши ӯ, албатта, пурқиматтар хоҳад шуд…».

Қориишкамба баъд аз ба як қарор омадан дар бораи мурдаҳо ва ертиш дар сафи намоз ҷой гирифтан хост, аммо ӯ ҷойнамоз надошт, бинобар ин, байни сафҳои намозгузоронро гардида дар як ҷойнамози як тарафаш холимондае ҷой гирифт…

Бисёр дер накашида муаззин барои намози пешин азон гуфт, баъд аз гуфта шудани азон мардум бархоста ба намоз шурӯъ карданд. Қориишкамба ҳам дар қатори мардум аз ҷояш бархоста дастонашро баробари гӯшҳояш бардошта мехост ба намоз шурӯъ кунад, як каси кӯтоҳқомате аз сафи ақиб пеш омада, аз тарафи дасти росташ ба ӯ наздик шуда, бо овози паст:

– Қориамак! – гуфт.

Қориишкамба дар ҳолате ки рӯҳои ду нарангушти дастонаш ба нармиҳои ду гӯшаш расонидагӣ буданд, ба тарафи росташ якрӯя гардида, барои хубтар шунидани суханони овоздиҳандаи кӯтоҳқомат хамтар шуда, гӯшашро ба даҳони ӯ наздиктар бурд.

– Магар нашунидед? – Овоздиҳанда пурсид.

– Чиро? – Қориишкамба дар ҷавоб аз вай пурсид.

– Болшевикон дар Когон ҳукуматро ба дасти худ гирифта бонкҳоро ва аз ин ҷумла бонки подшоҳиро бо ҳамаи пулҳои коғазӣ, тилло, нукра ва коғазҳои қиматдорашон мусодира карда гирифтаанд!

Қориишкамба бо шунидани ин хабар:

– Оҳ, пулакам!.. – гӯён бо ҳамон вазъияте, ки ба гӯянда гӯш медод, якпаҳлу ба замин ғалтид…

Намозхонон ба ин ҳодиса аҳамият надоданд ва барои ин кор намозашонро вайрон накарданд. Аммо баъд аз адои намоз диданд, ки аз даҳони Қориишкамба қадре хуну зардоб омада бар рӯйи санги саҳн рехтааст, як тарафи рӯй ва ҷоғаш ба санг бархӯрда харошида шудааст, симояш ранги хокистарии тира пайдо кардааст ва ангуштони дастонаш ба гӯшҳояш часпида шах шуда мондаанд…

Ӯ мурда буд!

АҲМАДИ ДЕВБАНД

АЗ НАВИСАНДА[1]

Ман ин ҳикоячаро («Аҳмади девбанд»-ро – К. А.) дар соли 1928 навишта будам, дар ҳамон сол дар шумораи 8-9 (11-12) ва 11-12 (14-15) журнали «Раҳбари дониш» чоп шуда буд.

Ман нахостам хонандагони ҷавоне, ки баъд аз он ба майдон омадаанд, коргар ва колхозчиёне, ки баъд аз он саводнок шудаанд, аз мутолиаи ин порча маҳрум монанд. Бинобар ин имсол дубора кор кардам, баъзе нуқсонҳои таҳририашро ислоҳ намудам ва ба китобхонаи адабиёти нафисаи бачагон ва меҳнаткашони калонсоли навсавод пешкаш карданашро муносиб дидам.

С. Айнӣ
24/I соли 1936,
Самарқанд.

---

1. **«Аҳмади девбанд»** яке аз ҳикояҳои ёддоштии С. Айнӣ аст, ки дар образи қаҳрамони асосии он худи нависанда тасвир гардидааст. Ин ҳикоя бори аввал соли 1928 дар журнали «Раҳбари дониш» (№ 8-9, 11-12) чоп шуда буд. Баъд нависанда онро дубора таҳрир карда, соли 1936 дар маҷаллаи «Барои адабиёти сотсиалистӣ» (№ 6) ва соли 1939 ба шакли китобча нашр намуд. Ҷ. Азизқулов ва З. Муллоҷонова – муаллифони «Феҳристи асарҳои С. Айнӣ ва адабиёти оид ба ӯ» (Душанбе, 1963) ду нашри ин китобро, ки мутобиқан солҳои 1936 (Ленинград) ва 1939 аст, қайд кардаанд. Он соли 1949 бо баъзе таҳрири ҷузъӣ ба «Асарҳои мунтахаб»-и нависанда дохил шуда буд. Мураттибони Куллиёти понздаҳҷилдаи устод (Куллиёт, ҷ. 5, 1963) ҳамин нашри охирро бар асос гирифта буданд ва нашри ҳозир бар ҳамин матн асос ёфта, чопҳои гуногуни асар низ қисман ба ҳам муқоиса гардид ва тавзеҳоти он низ такмил шуд. Ин асар ба забони русӣ бори аввал соли 1937 тарҷима шуда, дар маҷмӯаи С. Айнӣ «Из прошлого» («Аз гузашта») чоп шуда буд. Пас аз ин чандин бор ба забони русӣ нашр гардидааст. «Аҳмади девбанд» ба забони ӯзбекӣ дар соли 1937 дар журнали «Муштум» (№ 12) ба чоп расида буд.

I

Дар музофоти Бухоро, дар райони Ғиҷдувон, Хоҷа Соктаре ном деҳае ҳаст, ки хоҷагони он ҷо ба девбандӣ машҳур буданд. Аз атрофи Бухоро гирифта то Миёнколот касоне, ки ба бемории рӯҳӣ (девонагӣ) гирифтор мешуданд, ба он ҷо рӯй меоварданд ва аз он ҷо шифо металабиданд; на танҳо девонагон, ҳатто беморони аракӣ (тиф), варача, захм, хориш ва дигарҳо ҳам ба он ҷо илтиҷо мебурданд.

Дар тарафи шимоли он деҳа як тали баланд ҳаст, ки гӯрхонаи бобо ва аҷдоди он хоҷагон аст. Он мазорро Ҳафталам низ мегӯянд, зеро бар болои он мазор ҳафт алами (ялави) қӯтосдор, ки аломати ҳафт пири комил будааст, ҳамеша барпо буд. Маркази мазор дар қуллаи тал буда, мақбараи хоҷагони гузашта ба даруни иҳотаи махсус дар он ҷо ҷой гирифта буд. Аз беруни иҳота то рӯйи замини гирдогирди тал пур аз қабрҳои мардуми одӣ (ғайри хоҷагон) буд.

Чор атрофи он мазор заминҳои корам буда, дар ҳосилхезӣ шуҳрат дошт: боғҳо, бӯстонҳо, ниҳолзорҳо ва дарахтзорҳо ҳар яке аз дигаре беҳтар ва хубтар расида, чашми бинандаро дар ҳайрат меандохтанд.

Агар пагоҳонӣ дар вақти баромад-баромади офтоб ё ин ки бегоҳонӣ ҳангоми фурӯ рафтани хуршеди ҷаҳонтоб ба болои он тал мебаромадед, манзараеро медидед, ки қалам аз тасвири он оҷиз аст; дар як гӯшаи шарқии он тал ба болои тахтасанги мармаре, ки бар сари қабре ниҳода шудааст, нишаста ба рӯйи замин назар меандохтед, алафзорҳои юнучқа, ки то миёни одам қад кашида ҳанӯз гул накардаанд, ба назаратон ҷилвагар мешуданд. Дар он юнучқазорҳо барраҳои ширмаст, ки барои озодона чариданашон соҳибонашон сар додаанд, монанди мурғобиҳои ба даруни оби зулол шино мекардагӣ сайр менамуданд ва ҳар кадом буттаи алафе, ки ба назарашон хуш ояд, бо дандони нафиси садафини худ аз сари он оҳистекак канда мегирифтанд; бузғолаҳои шӯхшанги беором аз он ҳама алафҳои дилрабо рӯй тофта, магар барои ҳунарнамоӣ бошад, ба сӯйи тал медавиданд, ба баҳонаи хӯрдани хор ё чаридан дар ҷангалзор то болои мазор давон-давон мебаромаданд.

Аз ранги сабзи зумуррадини алафзор чашми худро об дода қадаре онсӯтар назар меандохтед, пайколҳои[1] харбузаи нав ранговарда, майдонҳои ғӯза ва пахтаи нав гулкарда ва кӯракбаста, ҷувориҳои баландқомати нав саркашида, яке аз паси дигаре назари тамошои шуморо ба тарафи худ мекашид.

Ҳой-ҳӯйи деҳқонбачагон, ки бо фалохбон ва шақшақаҳои худ гунҷишк, зоғ, соч ва зоғчагонро аз сари ҷуворӣ ва арзанпояҳо меронданд, ҳаёҳӯи посбонони майдони ҷангҳои қадимиро ба ёд меоварданд. Гурӯҳи анбӯҳи сӯйдӣ, соч ва зоғчагон, ки аз ғурриши фалохбони онон рамида парвоз намуда, роҳи киштзори бепосбонеро пеш мегирифтанд, чун абри сиёҳи баҳорон бо тезӣ ва ғурриши тамом аз болои сари шумо мегузаштанд.

Агар назаратон боз андаке дуртар давад, медидед, ки дар лаб-лаби ҷӯйи Мазрангон дар рӯйдарича ва сарҳавзи деҳқонон ҳар гуна дарахтони сабзу хуррам сар кашида буданд. Аз ба ҳам пайвастани шоху барги дарахтони бед, сафедор, гуҷум ва дигарҳо дару девор, хона ва бомҳои деҳқонон, ки он қадар зебоӣ надоштанд, аз чашматон пӯшида мемонданд.

Дар он тарафи ҷӯйи Мазрангон ва канори деҳа майдони фарохи нишебе буд, ки то лаби дарёи Зарафшон сарозер мерасид. Сар то сари ин майдонро ҷӯйчаҳои обпартави Мазрангон, ҷӯйҳои осиёи боло ва осиёи поён, шохобҳои онон, заҳкашҳои хурду калон, ки дар атрофи заминҳои корам деҳқонони он сомон кандаанд, фурӯ мегирифтанд. Шилдиршилдири ин ҷӯйчаҳо бо шарроси новаҳои осиё ва ғурриши оби Зарафшон ба ҳам омехта ба гӯшатон як мусиқаи мукаммали зерубамдореро менавохтанд.

Киштҳои кунҷид, лубиё, нахӯд, мош, харбуза, тарбуз, хусусан шолӣ зинат бар зинати ин майдони сабзу хуррам меафзуданд. Заминҳои ғайрикорами ин майдон ҳам холӣ намонда, сусҳои сурхчатобро, ки ширинмийя[2] меноманд, то миёни

---

[1] **Пайкол** – қитъаи замини корам.

[2] **Ширинмийя** – суси ширин. Сус – рустании худрӯйи дарозрешаест, ки мийя ҳам мегӯянд. Он ду навъ – талху ширин мешавад ва ширинмийя аз

одам расонда буд. Мурғони титав (тустовуқ), ки дар ҳеҷ ҷо аз дасти фарзандони одам дар амон нестанд, дар даруни ин сусзорҳои ғӯлӣ хона монда, тухм пахш карда, чӯҷа бароварда, бо хотирҷамии тамом бачагони худро парвариш менамуданд.

Дарёи Зарафшон, ки аз тарафи шарқи шимолӣ ба тарафи ҷануби ғарбӣ равон буд, дар сар то сари ин майдони сабзу хуррам монанди нимдоираи сафеде, ки аз оби нуқраи зулолаш кашида бошанд, ба назаратон метофт.

Чун назаратон аз дарёи Зарафшон гузашта, ба сояи бунафшаранги кӯҳи Қарнаб бармехӯрд, тамошои он тарафро тамомшуда ангошта, дилатон мехост, ки тарафи дигари ин талро низ аз назар гузаронед. Ин ҳангом аз ҳама пештар диққати шуморо тарафи шимоли ғарбии ин мазор, ки сар то сар бо боғҳои ангур ва ниҳолзорҳои мевадор зебу зинат ёфта буд, ба сӯйи худ мекашид.

Вақте ки аз дарвозаи ҷанубии ҳазира (иҳотаи мазор) даромада аз даричаи шимолиаш берун мебаромадед, пеш аз он ки киштзорҳоро тамошо кунед, ғори бадҳайбате аз пеши поятон баромада ба дили шумо ҳарос меандохт.

II

Оре, ғори мазори Хоҷа Соктаре пурҳарос буд, аммо пурҳаросии ин ғор на танҳо аз он ҷо буд, ки даҳони фарсудаи танге ва дунболаи торики фарохи чуқур ва дарозе дошт, балки аз ин ҷиҳат боз ҳам пурҳаростар буд, ки «ин ғор хобгоҳи девон, нишемангоҳи париён, бошишгоҳи аҷинагон ва оромгоҳи аждаҳои тилисмбон аст» гуфта дар забони мардум шуҳрат дошт.

Қисми болоии ин ғор ба мурури замон, бо таъсири барфу борон афтода то нимаи тал фуромада будааст, пас аз он дар он ҷо аз хишти пухта сутуне сохта, сақфи болоии онро аз ғалтидан боздошта будаанд, ки даҳонаш монанди даҳони танӯри якрӯя менамуд.

Дар ин воқеа низ ривояти аҷибе дар миёни мардум овоза дошт: гӯё пас аз афтодани як қисми он ғор девоне, ки дар он

навъи ширини он аст.

ҷо маскан доштаанд, аз девбанди он замон илтимос кардаанд, ки ӯ «коре карда хонаи онҳоро аз ғалтидан нигоҳ дорад, то ки онҳо абадулобод дар ин ҷо осуда зиндагонӣ намуда, аз амру фармони авлоди ӯ берун нараванд». Ба сабаби ҳамин будааст, ки он девбанд ин сутунро сохта будааст.

Дар рӯ ба рӯйи даҳони ғор айвончае ҳаст, ки агар касе ҳаваси девбанд шудан дошта бошад, чил шабонарӯз дар ин ҷо нишаста азоимхонӣ[1] мекардааст.

Дар ғарбии тал чорбоғча, сарҳавз ва миқдоре ҷангалзор ҳаст, ки гуё шабҳо девон ва париён ба он ҷо баромада ҳаво мехӯрдаанд ва базм мекардаанд. Овози ғазалхонӣ ва нағманавозии париён шабҳо аз он ҷо шунида мешудааст.

Дар ҳаққи он ғор ва бошандагонаш бисёр ҳикоятҳои аҷиб бастаанд; гуё агар шабҳо касе ин ҷо ояд, ки ӯро париён нахоҳанд, мезадаанд, ба ҳадде ки даҳонаш каҷ мешудааст, ҳатто баъзеҳо мемурдаанд. Баъзе шабҳо девони он ҷо наърае мекашидаанд, ки роҳгузарони он давру пеш бо шунидани он овоз аз худ рафта меафтодаанд.

Як махлуқи аҷибе, ки дар ин ғор манзил гузида аст, аждаҳои тилисмбон будааст. Гуё яке аз девбандони гузашта дар буни ин ғор ганҷе гузошта, бар рӯйи он тилисме баста, ин аждаҳоро бо қувваи азоимхонӣ аз пушти кӯҳи Қоф оварда, барои нигаҳдории тилисми худ дар он ҷо посбон гузошта будааст. Нафаскашии ин аждаҳо шабҳо, ҳатто баъзан рӯзҳо ҳам ба гӯши касе, ки гӯш меандозад, ғуррос зада меистодааст.

Ин аждаҳо дар ҳар сари чанд гоҳ шабҳо аз ғор баромада, то лаби дарёи Зарафшон рафта, об нӯшида меомадааст. Даҳони ин аждаҳо чунон калон будааст, ки лаби зеринашро дар таги дарё паҳн карда, лаби болоияшро монанди тахтаварғ[2] бар ҳаво рост намуда, бо як ҳӯрт задан тамоми оби дарёро якбора дам мекашидааст. Як-ду соат ба ҳамин тариқа об нӯшида, баъд аз ташнашикан шудан бозгашта ба хонаи худ – ба ғор меомадааст. Агар дар вақти рафтуомади ин аждаҳо баногоҳ

[1] **Азоим** – афсун ва дуоҳое, ки ба беморон мехонанд. Азоимхонӣ дуохонӣ аст барои тасхир ва ром кардани дев бо афсун ва сеҳру ҷоду.

[2] **Тахтаварғ** – асбоби чӯбин ё сангин, ки бо он роҳи обро мебанданд.

дар сари роҳаш касе бархӯрад, он касро зинда ва нохоида фурӯ мебурдааст. Аммо ба касе, ки ба худаш наздик наояд, кордор намешудааст: ин вазифаро дар аҳдномае, ки бо девбанди мазкур баста будааст, ба гардан гирифта будааст.

Касоне, ки ба нияти девбанд шудан дар айвончаи рӯ ба рӯйи ғор чилла нишаста азоимхонӣ мекардаанд, шабҳо ба муқобилати девҳо ва париҳо тоб наоварда беҳуш гардида меафтодаанд, баъзеашон бемори барҷомонда шуда ё даҳонашон кач гардида оқибат мемурдаанд.

Касоне, ки азоимхониро ба нисобаш расонда девбанд шуда мебаромаданд, ҳикоят мекарданд, ки «дар вақти дуо хондан аз даҳони ғор садои наъраи девҳо ва нафаскашии аждаҳо шунида мешавад, ки заҳраи одам тоб наоварда, кас беҳуш гардида меғалтад. Ин гуна касон албатта мағлуб мешаванд ва нобуд мегарданд. Аммо касе, ки пираш комил ва эътиқодаш қавӣ бошад, дили худро бой надода, дуоро ба нисобаш расонда, девбанди комил шуда мебарояд. Девон дигар аз фармони ӯ берун баромада наметавонанд». Мегуфтанд, ки «гоҳо дар атрофи ғор оташпораҳо намудор мешаванд, ин оташпораҳо ҳамон париёнанд, ки мехоҳанд девбандшавандаро сӯзонанд. Дар ин ҳол ҳам нотарсии он шахс ва дастгирии пир лозим аст, вагарна он девбандшаванда ба мақсад нарасида талаф мешавад».

Рӯзона ба нияти зиёрат ё саёҳат ҳар кас ба ин мазор ва ба наздикии ин ғор омада равад ҳам, шабона касеро ёрои он набуд, ки дар ин давру пеш қадамгузор шавад. Хусусан агар касе шабона ба қасди озмоиш ё ба сифати шаккокӣ дар ин ҷо биёяд, албатта ба як бало гирифтор мешудааст.

Девонашудагон, аҷиназадагон ва умуман беморон аз ҷойҳои дурдаст ба хонаҳои хоҷагони Соктаре омада мехобиданд. Азбаски хоҷагон авлоди он девбанди гузашта будаанд, девонагон ва беморонро гӯё бо ёрии девон ва париёни мазори гузаштагони худ дуруст мекардаанд. Агар беморон ва ё соҳибони онон беихлос ва шаккок бошанд, дуруст намешудаанд.

Ин буд эътиқоди оммаи мардум дар бораи он мазор, он ғор ва он хоҷагон!..

III

Айёми зимистон, мавсими барфу борон; ҳавзҳо ва ҷӯйҳо ях баста, шохҳои дарахтон афсурда ва шикаста; говон ва харон дар гӯшаи оғил ё кунҷаки собот фурӯ монда, гурбагон аз шиддати сармо чун мушҳои гурбадида дар гурбадави сандалӣ хазида буданд.

Дар ин фасл аз ҳайвоноти чорпо танҳо шутури нар аст, ки мастӣ мекунад, наъра мекашад ва чун девонагон аз даҳони худ кафк мепарронад ва аз парандагон танҳо зоғи ало ҳар қадар барф бисёр борад, ҳамон қадар шодмон мешавад, барфбозӣ мекунад, рақс менамояд ва бо садои нофорами худ гӯши афсурдагони зимистонро кар мекунад.

Дар ин фасл, ки сардии ҳаво қариб се моҳ кашол меёбад, деҳқононро рӯзгузаронӣ он қадар хуб намешавад. Сандалиҳошон, ки аз оташи пагоҳӣ пур карда шудаанд, аз рутубати замин то чоштгоҳ пур аз хокистари оболуд мегарданд.

Дар ин айём, ки дар замин кор кардан мумкин нест, ягона машғулияти деҳқонмардон ғӯзакашӣ, ҳаллоҷикунӣ ва бофандагӣ буда, кори деҳқонзанон пахтасозӣ, пағатобӣ, ресандагӣ ва найчаандозӣ буд.[1]

Аммо бачагони хурдсолро зимистон он қадар бад намегузашт: дар рӯзҳои офтобноки зимистон, ки аз камоли сардиаш вайро офтоби бачакушак меноманд, бачагон ба ёбон баромада, то карахт шуда афтоданашон хартозӣ мекарданд ё дар рӯйи ҳавз ва ҷӯйҳои яхбаста яхмолак мепариданд; бо ин гуна бозиҳо рӯзҳои кӯтоҳи зимистонро гузаронида, шом ки шуд, даррав мехобиданд, дигар то рӯз шуда, баромадани офтоб намедонистанд, ки аз дунё чӣ гузашта ва барф чанд ваҷаб боридааст. Модари меҳрубон, ки доранд, ӯ ба дар ҳол ки бошад, то субҳ ҷойи хоби онҳоро гарм нигоҳ медошт, дар ин ҳол ба онҳо на ғами сармо буд ва на парвои гармо.

Калонсолон ва навҷавонон барои бартараф кардани дилгирии зимистон, ҳеҷ набошад, ҳафтае як шаб кӯшиш мекарданд, ки ба як ҷо ғун шуда суҳбат кунанд, ғазал хонанд, қисса шунаванд, қофия гӯянд ва ширинкорӣ намоянд.

---

[1] Ин ҳоли замони пештараи деҳқонони Бухоро буд, ки то замони колхозӣ онҳо бештарин пӯшоки худро худ ҳозир мекарданд (шарҳи нависанда).

Ин гуна ҷамъомадҳо ё ба сурати гаштак[1], ё ба тарзи дангона[2] ва ё ин ки ба тариқаи ҳарифона[3] барпо мешуд. Бештарини ҷамъомади ҷавонон ба тарзи дангона ва маҷлиси миёнсолон ба сурати гаштак мегузашт. Ҳарифона бошад, дар чойхонаҳо, баққолиҳо ва сари осиёҳо ба амал меомад.

IV

Шабе аз шабҳои зимистон, ки дару боми деҳқононро барф фурӯ гирифта буд, қариб бист нафар аз ҷавонони деҳаи Сактаре дар меҳмонхонае маҷлиси дангона барпо карданд. Меҳмонхона назар ба тарзи зиндагонии деҳот хеле хуб ороста буд: дар замини меҳмонхона барои нигоҳдории рутубат най рехта, аз болои он бӯрё андохта ва аз болои бӯрё намади қазоқии хубе паҳн карда буданд. Кӯрпа ва кӯрпачаҳо ҳам он қадар чиркин набуданд.

Дар пешгоҳи меҳмонхона сандалии гарм ва дар поёни он манқали чӯянии пуроташ буд. Дар гирдогирди он манқал[4] шаш ҳалқаи чойникмонак буд, ки чойникҳои чойи кабуд дар он ҷо дар ҷӯш буданд.

Дар беруни меҳмонхона, дар таҳти айвончае дар болои гулхан чойҷӯши сиёҳ овезон буд, ки дам ба дам барои чойникҳои холишуда оби ҷӯш тайёр мекард. Гулхан бо шохаҳои зардолу, себ, тут ва дигар дарахтони мевадор, ки имрӯз барои ҳамин маҷлис шикаста оварда буданд, фурӯзон буд. Лахчаҳои гулхан пасу дунбол ба сандалӣ ва манқал нақл меёфтанд.

Аз рӯйи сандалӣ гирифта то поёни меҳмонхона чор дона шамъи нимчагии ҷойдорӣ нур мепошиданд.

---

[1] **Гаштак** он аст, ки якчанд нафар иттифоқ шуда, ҳафтае як бор ҳар яке ба навбат зиёфат медиҳад. Азбаски ин зиёфат гардиш карда ба сари ҳар кас меояд, «гаштак» номидаанд (шарҳи нависанда).

[2] **Дангона** он аст, ки якчанд нафар дар байни худ пул чамъ карда, то тамом шудани он маблағ ҳафтае якборӣ ҷамъ шуда зиёфат мехӯранд (шарҳи нависанда).

[3] **Ҳарифона** он аст, ки якчанд кас ҷамъ шуда, як оши палав мепазанд ва харҷи он ошро баробар медиҳанд (шарҳи нависанда).

[4] **Манқал** – зарфи даҳонфарохи поядор, ки дар он оташ афрӯхта гарм мешаванд.

Шуълаи шамъҳо, оташи сандалӣ ва манқал, буғи чойникҳо, нафаси аҳли маҷлис бо бухори чилиме, ки дуд ба дуд мекашидандаш, ҳамагӣ дар як ҷо ҷамъ шуда, хонаро чун ҳаммом гарм карда буданд. Хона ҳақиқатан ҳамчун ҳаммом шуда буд, аз дуд ва бухоре, ки то шифти хона печида мебаромад, васса ва болор намудор намегашт; агар ду равзани дар рӯ ба рӯйи якдигар аз шимол ва ҷануб дар таҳти забаррав воқеъ буда кушодагӣ намебуданд, аз гаронии ҳавои хона нафаси аҳли маҷлис танг шуда мадҳуш мегардиданд.

Аз хӯрданиҳо нону мавиз, қандалоту печак, писта ву бодом, ғӯлингу санҷид, шӯрбо, палав, харбузаву ангур ба навбат дастурхонро зинат медоданд.

Маҷлисро Ниёзгӯппон[1] ном касе, ки бобои ҷавонон буд, идора мекард. Ниёзгӯппон на аз ҷиҳати калонсолиаш ба ин «мансаб» расида буд, балки ӯ корҳо карда, корномаҳо нишон дода, сафҳоро дарида, шартҳо ва гаравҳоро бурда, ба ин ҷода (ба ҷодаи бобоии ҷавонон) баромада буд.

Дар маҷлис як пайт яккахонӣ шуд, онҳое ки овози хуш доштанд ва мақоме медонистанд, барои хурсандии дӯстон ғазалхонӣ карданд, «офарин»-ҳо, «намурӣ»-ҳо ва «зинда бош!»-ҳо шуниданд. Дар фуроварди яккахонӣ якчанд нафар ҳамовоз шуда, рубоиҳо, чорбайтҳо ва ашӯлаҳо хонданд. Дар вақтҳои дамгирии сурудхонон тақлидчиён масхарабозӣ карда ҳар касро тақлид менамуданд, қофия мегуфтанд, хушгӯйӣ ва ширинкорӣ мекарданд.

Вақт аз ними шаб гузашта буд. Яке аз аҳли маҷлис барои қазои ҳоҷат берун баромад, аз миёна ду сония нагузашта, «вой мурдам!» гӯён фарёди ҷонкоҳе кашид. Бо шунидани он овоз «магар дузде ё нохалафе омадааст» гӯён аҳли маҷлис «кордҳо ва калтакҳоро гирифта, ҳама якбора берун давиданд. Диданд, ки он шахсе дар таҳти собот[2] бар болои тӯдаи пору афтодааст ва барзагови сиёҳи калоне, ки аз оғил канда баромада будааст, ҳар тарафи он шахсро бӯида «ҳу...у…ҳу…у» мегӯяд.

---

[1] **Гӯппон** – паҳлавон, зӯрманд

[2] **Собот —** айвоне, ки дар вай ҳайвонот мебанданд (шарҳи нависанда).

– Бачаҳо, чор тарафро бинед ва хабар гиред, ки чӣ ҳодиса рӯй додааст! – гуфт бобо (Ниёзгӯппон).

Роҳрави дарвозахона, каҳхона ва бомҳоро диданд, ки аз душман асаре нест. Дар рӯйи барфе, ки имшаб борида буд, нақши пое ҳам наменамуд, то ки «дузд омадааст ва гурехтааст» гӯянд.

Оқибат шахси мадҳушафтодаро бардошта ба хона даровардан. Ба рӯяш ва синааш оби сард заданд, ки баъд аз соате ба ҳуш омад ва чашмонашро кушода:

– Маро кӣ ин ҷо овард? – гуфта, аз касоне ки ба болои сараш ҷамъ шуда буданд, пурсид:

– Моён!

– Шумоён ҳам дидед?

– Чиро?

– Девро.

– Дев кучо буд? – гуфта савол дод Аҳмад ном аз аҳли маҷлис, ки як ҷавони навраси 16-17-сола буд.

– Вақте ки ман, – гуфт он шахси мадҳушафтода дар эзоҳ – аз хона баромада мехостам ба собот дароям, дев ба сурати барзагови сиёҳе даромада маро заданӣ шуд... Зад ё назад, хабар надорам. Аммо ҳамин қадар медонам, ки як фарёд кашидаму афтодам.

Аҳмад аз ҳикояи ин шахс беихтиёр хандид ва гуфт:

Боракаллоҳ ба дилу гурдаат! Гови аз оғил канда баромадаро дев гумон карда, аз вай тарсидию аз ҳуш рафтӣ.

Он шахс мехост, ки гуфтаи Аҳмадро рад кунад ва исбот намояд, ки албатта девро дидааст, аммо дигарон ҳам сухани Аҳмадро тасдиқ карда гуфтанд:

– Оре, гов буд, мо ҳам дидем ва баъд аз туро ба хона даровардан Мухтор онро ба оғил дароварда баст.

Асли воқеа ин гуна рӯй дода буд: вақте ки он шахс барои қазои ҳоҷат аз хона баромад, бисёр танг шуда буд ва бинобар ин пеш аз он ки ба ҷойи махсус расад, домани худро бардошта ҳозирӣ медид. Гов, ки ба сабаби машғулияти соҳибаш дар маҷлиси дангона имшаб хӯроки муқаррариашро нахӯрда бисёр гушна монда буд, домани бардоштаи он шахсро домани пуркоҳ гумон кард. Чун дид, ки он шахс ба тарафи худаш

нарафта рӯй ба дигар ҷониб дорад, бо як ҳирси говона як зӯр зада ресмонашро канд ва ба тарафи он шахс давид, ки хӯроки дар домани ӯ бударо рабуда хӯрад.

Он шахс, ки ҳамеша аз модару модаркалонони худ афсонаҳои дев, парӣ, аҷина ва монанди инҳоро шунида тарбия ёфта буд ва бовар дошт, ки «агар дев ба одам зарар расонданӣ шавад, бештарин ба сурати гови корӣ даромада ҳамла мекардааст», он гови ҳақиқиро дев пиндошт ва бинобар ин худро бой дод ва аз ҳуш рафта афтод.

Ҷавонон ба аҳволи ин шахс хандиданд ва масхара доштанд. Яке гуфт:

– Бо ин дилу гурдаат имшаб роҳи хонаатро чӣ гуна меёбӣ?

Дигаре гуфт:

– Баъд аз ин ба ту саллаи занбарӣ ва яккакорди якгазӣ[1] ҳаром аст; акнун ту монанди занон лачак[2] банд ва ба сари чарху дуг нишин!

Сеюмӣ масхара дошта ва пичинг карда гуфт: Офарин ба дилу ҷигарат! Агар монанди ту чор ҷӯра дошта бошем, харамон дар кӯчаи Хиёбони Бухоро ҳанг хоҳад зад...[3]

Яке аз аҳли маҷлис, ки Шокир ном дошт, аз даҳони пурносаш оби носолуд парронда-парронда ба гап даромад ва ба ҷавонон гуфт:

– Ҳамаи шумоён хонашери майдонғарибед! Намедонед, ки дев чӣ ва аҷина кадом аст? Ҳоло кӣ медонад, ки он гови дар оғил будагӣ буд, ё деви ба сурати гов даромада?

---

[1] **Саллаи занбарӣ** — як навъ саллабандӣ аст, ки ба шакли занбар мешавад. Ин гуна саллабандӣ махсуси олуфтагон ва зӯроварон буд. Инчунин яккакорди калон овехта гаштан ҳам махсуси олуфтагони ҷавон буд. Аммо одамҳои одӣ қӯшкорд (ҷуфткорд) меовехтанд (шарҳи нависанда).

[2] **Лачак** – парчаест, ки занон дар зери гулу мебанданд ва рӯйи синаашонро мепӯшонанд.

[3] Бештарин аҳолии Хиёбони Бухоро харҳои калони зӯрро парвариш карда савор мешуданд ва дигар харбозони олуфта харҳои хуб тарбия карда, гала шуда ба кӯчаи Хиёбон мебурданд. Агар хари инҳо аз хари хиёбониён зӯртар бошад, дар он ҷо ҳанг зада, дар ҳангзанӣ хари хиёбониёнро мағлуб мекард ва агар камзӯр бошад, дар он ҷо ҳанг зада наметавонист ва мағлуб шуда хомӯш мегардид. Ин масал аз ҳамин ҳикоя мондааст (шарҳи нависанда).

Шокир носро ба зери бурё туф карда сухани худро давом дод:

– Ман бисёр дидаам, ки дев ҳатто ба сурати гови худам даромада, маро заданӣ шудааст.

– Заданӣ шуда намондааст, балки задааст, – гуён Аҳмад сухани ӯро бурид ва эзоҳ дод. – Агар туро дев намезад, ин гуна девонавор гап намезадӣ.

Шокир оташин шуда, сухани худро давом дод:

– Дев маро заданӣ шуд, лекин ман ба шарофати ин бозубанд (зери бағали худро кушода, бозубанди калонеро нишон дод), ки ба ман раҳматӣ эшони Баракатхоҷа дода буданд, халос шудам.

– Раҳматӣ эшони Баракатхоҷа девбанди калон буданд, – гуфта Ашӯр ба гап даромад ва ҳикоя сар кард. – Раҳматӣ модарам мегуфт, вақте ки ӯ хурдсол будааст, аҷина ба ӯ ахсум шудааст, ҳар шаб ба хобаш даромада метарсондааст. Эшони Баракатхоҷа, ки ҳамсоя будаанд, аз ин ҳол хабардор шуда, аласкуниро[1] ба модарам фотиҳа додаанд. Баъд аз он аҷинаҳо ба ӯ ром шуда, ӯро наметарсондагӣ шудаанд. Ҳатто модарам бо аласкунӣ аз дигарон ҳам аҷинаҳоро дур мекард, ҳар беморе, ки ба хонаи мо меомад, модарам як парча латтаи куҳнаро ба сари чӯбе печонда оташ дармедод ва ба болои сари бемор «алас-алас, аз ҳамаи зиёну захматҳо халос! Ба ҳурмати чил тан, ёздаҳ тан, ҳафт тан ва Хизру Илёс» гуён мегардонд. Агар он бемор шаккок набошад, дуруст мешуд.

– Агар шаккок бошад, яъне дардаш зӯртар бошад, аз аввалааш ҳам бадтар шуда оқибат мемурд, гӯй! – гуфт Аҳмад пичингзанона сухани Ашӯрро бурида ва илова кард:

– Ҳамаи инҳо аз тарс ва бегурдагии одам аст, ба одами нотарс ҳеҷ чиз зарар расонда наметавонад.

– Дев ва аҷина душмани номард аст, – гуён бобо ба гап даромад ва давом намуд:

– Агар душманатон аз хели одам бошад ва ба назаратон

[1] **Аласкунӣ** – навъи табобат ба воситаи оташгардонӣ, ки аз оини зардуштӣ боқӣ мондааст. Алас кардан – касеро оташ гардонидан одатест, ки табибони фусункор ба кор мебаранд.

намуда ба шумо ҳамла карданӣ шавад, «як ҷон ба як ҷон» гуён бахтозмоӣ мекунед. Ҳумсои аҷина як душмани ҷудо нотанте, ва як мезанад, ки ҳам кар мешавед ва ҳам кӯр. Ба муқобили деву аҷина зӯроварӣ ба кор намеравад. Вагарна дар байни ҷӯраҳои мо одами тарсончак нест.

V

Ниёзгӯппон найи чилими ба пеши даҳонаш омадаро гирифта, ду-се қуллоб кашида давом кард:

– Ман аввал саргузашти худамро ҳикоя кунам. Шумо медонед, вакте ки ғиҷдувониён дар тарфбозӣ[1] бо вобкандиён тараф шуданд, даҳанмарди ғиҷдувониён ман будам. Лекин тарфе, ки дар дасти ман буд, сусттар ҷой карда шуда будааст. Вақте ки оташ додам, ба зудӣ оташ дар зери тарф рафт ва кулӯхро аз таги тарф бароварда пошна зад, дасти ман то оринҷ сӯхта шалҳид, ҷомаам оташ гирифт, қариб буд, ки ҳамаи баданам сӯзад. Даррав ҷӯраҳо маро бардошта ба ҳавзи Дарвешобод партофтанд ва ман аз мурдан халос шудам.

Ниёзгӯппон доғҳои дасти шалҳидаашро ба ҷӯраҳояш нишон дода, ба ҳикояи худ давом намуд:

– Бо ҳамин қадар кор (бо пошна задани як тарф) вобкандиён «уй-уй» гуён моро шикастхӯрда нишон дода гаппаронӣ карданд. Мо ҳам ба тақдир тан дода, дам шудем ва ниқоргириро ба соли дигар мондем.

Ниёзгӯппон як чилими дигар кашида боз ба гап даромад:

– Соли дигар то вақти сайри Дарвешобод ба Усто Равшани позарез[2] фармуда як тарфи бисёр калон резондем. Қолиби он тарфро Мулло Файзӣ гирифт, ки аз ҳунармандони якуми за-

[1] **Тарф** – зарфест монанди офтобаи чӯянии бенӯлу даста, ки аз чӯян мерезанд, ду даҳон дорад, дар даҳони зеринаш аз дарун як лӯнда кулӯхро банд мекунанд. Пас аз он доруи милтиқро бо чанд гуна резаҳои маъданӣ дар даруни он ҷой мекунанд. Дар шабҳои сайру тамошои вақтҳои пеш ҷавонон бо якдигар тараф шуда, аз ду сӯй тарфҳоро бардошта оташ медоданд. Тарфи ҳар кас, ки хушоташтар, гулрезтар ва бадавомтар буда, шуълааш росттар барояд, он бурдагӣ ва ғолиб ба шумор мерафт (шарҳи нависанда).

[2] **Позарез** – оҳангаре, ки олоти чӯянӣ барои сари омочи ҷуфтронӣ месозад.

мона аст. Доруяшро ҳам Мулло Файзӣ тайёр кард: мисреза, чӯянрезаҳо ва боз ким-кадом маъданҳоро ба дору ҳамроҳ кард, ки тарф дар вақти оташ дардодан ҳафтранг гул мерехт. Оташаш ҳам монанди сутуни баланде, ки ба вай танобҳои ошиқпечони гуногунтухм печида гулҳои рангоранг кушода бошад, рост ба осмон мебаромад ва дар гирдогирди худ гулрезӣ мекард, мисли думи товуси хиргоҳ шудаистода бо рангҳои гуногуни дурахшон медурахшид...

Магар чилими дуд ба дуд кашидаистодааш кайфи Ниёзгӯппонро баробари кайфи саргузашташ набардошт, ки дар аснои ҳикоят даст дароз карда, аз дасти Шокир носкадуяшро гирифта, кафашро пур карда ба даҳонаш ҳаво дод ва давом кард:

– Ин тарф бисёр калон буд, як одам, ду одам ба даст бардошта саришта карда наметавонист. Бинобар ин дар миёнаҷойи як тахтаи гуҷум[1], ки се оршин қад ва якуним оршин бар дошт, ин тарфро шинондем...

Магар ба сабаби гапзада истодан буд, ки нос дар даҳони Гӯппон пеш аз вақташ об гирифта ба гапзаданаш роҳ надод, Гӯппон ҳам носро ба девор туф карда фиристода ба суханаш давом кард:

– Вақти сайру шаби ҳунарнамоӣ расид. Чор тарфбози забардаст, ки яке аз онҳо ман будам, аз чор гӯшаи тахта бардошта дар майдон тайёр шуда истодем. Аз ду тараф мушакҳо ва тарфҳои дастии муқаррарӣ парронда шуданд. Дар вақти гармии бозӣ ва ҷӯшиши гирудор тарфи фармударо оташ дардодем, оташи гулрез ба фалак печид, қийғоси дӯсту душман ба осмон баромад. Чашми вобкандиён мош барин гардид, даҳанашон калӯшкуҳна барин яла шуда монд. Мо чор нафар монанди шутурони масте, ки дар майдони шутурҷанг сар дода шуда бошанд, аз даҳонҳо кафк парронда наъра мекашидем, ғурриш мекардем. Дар ҳолате ки оташи тарф ғуррос зада мебаромад ва тахта ба дастамон буд, монанди аспони харос[2] чарх мезадем...

---

[1] **Гуҷум** – дарахти сада, қайрёғоч.

[2] **Харос** – осиёи аспӣ аст, ки дар вай чанд сарасп баста мегардонданд (шарҳи нависанда).

Ниёзгӯппон, ки дар вақти тасвири саргузашташ гӯё ҳозир ҳам дар ҳамон майдон тарфи фармударо парронда истода бошад, кафки даҳонаш ба муйлаб ва буруташ пош мехӯрд, аз лабу даҳонаш кафкҳои носолудро пок карда, овозашро қадаре пасттар ва оҳангашро маъюсонатар карда давом намуд:

– Дареғ, сад дареғ, ки ҳанӯз нимаи дору тамом нашуда тарф таркид, тахта ҳам пора-пора шуда ба атроф парид, ҳашт нафар мурданд, се нафари онҳо он касоне буданд, ки ҳамроҳи ман тарфро бардошта гашта буданд. Аммо ман бо шикастани дасти ростам зинда мондам...

– Магар ба тамошобинони дигар зарар нарасид? – гуфта Аҳмад бо ҳаяҷон пурсид.

– Чаро зарар нарасад? – гуфта Гӯппон давом намуд: – каси бисёре бо зарби порчаҳои тарф ва тахта маҷрӯҳ шуданд, мардум дар воҳима афтода, гурӯҳ-гурӯҳ ба ҳар тараф мегурехтанд, каси бисёре дар вақти гурез дар зери пойи якдигар монда ҳам маҷрӯҳ ва маиб шуданд... Хайрият, ки дар ҳамин вақт Қаландари зарангариғӣ бо ҳамроҳии Ҳамрогавбоз[1], ки онҳо он вақтҳо гуреза шуда мегаштанд, аз ким-куҷо пайдо шуданд, маҷрӯҳон ва афтодагонро аз таги пойи мардум бардошта ба канор баровардан, бачагон ва одамони пирро аз байни талотӯб бардошта ба боми каппони гандум ҳаво дода, онҳоро аз талаф шудан халос карданд...

– Қаландар ва Ҳамрогавбоз чаро гуреза шуда мегаштанд? – гуён Аҳмад ба Гӯппон савол дод.

Ниёзгӯппон ба садои худ, ки дар вақти нақли фалокати худаш қадре маъюсона мебаромад, як оҳанги қаҳрамонона дода гуфт:

– Қаландар ва Ҳамрогавбоз ҳақиқатан ҳам одамони мард буданд, онҳо аз ҳеҷ чиз наметарсиданд. Воқеаи гурезагии онҳо ин аст, ки вақте 15-20 савор аз одамони амлокдор аз барои мол кардани (андоз андохтани) гандуми деҳқоне ба сари заминаш мераванд, ба баҳонаи тахмин кардани ҳосили ган-

[1] Нависанда Ҳамрогавбозро дар «Ҷаллодони Бухоро» аз аввал то охири асар ҷо-ҷо ёд кардааст, хусусан дар бобҳои «Дар ҳавлича» ва «Машинаи тороҷгарӣ».Ниг.: «Куллиёт», ҷ. 1, саҳ. 116-119, 180-182.

дум сулуқи[1] аспҳошонро бароварда, ба даруни гандум медароянд ва гандуми суп-сурх пухтаро ба аспҳошон мехӯронанд. Албатта, хеле гандум дар таги пойи аспҳо ҳам монда нобуд мешавад. Деҳқон мегӯяд: «Бегиҷонҳо! Шумо, ки ҳоло гандумро ба аспҳотон мехӯронед ва поймол мекунед, ман молияти (андози) инро аз куҷо ёфта медиҳам?»

Ин сухани деҳқон ба одамони амлокдор сахт мерасад ва худҳошонро таҳқир кардашуда мешуморанд ва яке аз онҳо ба сари деҳқон бо қамчин мезанад. Деҳқон доду фарёд мекунад. Дар ҳамин вақт ба болои воқеа Ҳамрогавбоз ва Қаландар, ки роҳгузар будаанд, расида меоянд. Ва сурати воқеаро фаҳмида, деҳқонро ҳимоят мекунанд, одамони амлокдорро ҳақорат медиҳанд. Одамони амлокдор ба сари онҳо ҳам қамчин ҳавола мекунанд. Аммо ҳар дуи инҳо мисли шере, ки ба думаш расида бошанд, ғуррида оташин мешаванд. Халачӯби говронӣ ва молапочаи деҳқонро аз сари замин гирифта, одамони амлокдорро мекӯбанд, сари яке аз онҳо мекафад. Онҳо мегурезанд ва рафта ба амлокдор шикоят мекунанд. Амлокдор барои дастгир карда ба зиндон фиристодани Қаландар ва Ҳамрогавбоз одамҳои яроқнок мефиристад. Лекин инҳо рӯй пинҳон карда, ба даст намеафтанд. Аз ин воқеа ду сол гузашта бошад ҳам, ҳанӯз инҳо рӯйрост ба бозор намебароянд. Шаби тарфбозӣ пинҳонӣ ба тамошо омада будаанд, ки хеле мардумро аз талаф шудан халос карданд. Вақте ки одамони ҳокимон пайдо шудани онҳоро фаҳмида, дар пайи дастгир карданашон афтоданд, боз ғоиб шуда рафтанд.

Инҳо ҳам дев ё аҷина будаанд-дия, – гуфта Аҳмад пас аз як пичинг парронданпурсид: – ҳокимон магар ба касоне, ки ба мурдан ва маҷрӯҳ шудани ҳамин қадар одам сабаб шудаанд, чизе нагуфтанд?

– Не, – гуфт Гӯппон, – ҳамон шаб мо, тарфбозони машҳур, рӯй пинҳон кардем. Ҷалолиддинамин дар миёна даромада, аз ҳамаи тарфбозон се ҳазор танга ғундошта, як қисмашро худаш хӯрда, бақияашро ба чор ҳокими Ғиҷдувон дод, бо ҳамин

[1] **Сулуқ** – оҳани занҷирдори лаҷоми асп, ки вақти лаҷом задан дар даҳони асп меистад.

кори мо хаспӯш шуд. Лекин ҳокимон барои чашми мардум ҳашт нафар бечораеро, ки дар умри худ тарф ба даст нагирифта буданд, дастгир карда бадарға намуданд. Мо саломат монда, ба ривоҷ додани ҳунари худ машғул шудем.

– Магар ҳоло ҳам дастатон ба тарфбозӣ кор меояд? – гуфта Аҳмад пурсид.

– Дасти ростам кор наояд ҳам, бо дасти чапам ҳар навъ тарфро парронда метавонам, лекин...

Гӯппон аз сухан бозистод ва чилим фармуд.

– Лекин чӣ? – гуфта Аҳмад пурсид.

– Дасти ростам айбдор шуда бошад ҳам, бо дасти чапам ҳар корро карда метавонам. Лекин як воқеаи дигар рӯй дод, ки ман дили худро бой додам. Ман дар ин ҷо ҳамон воқеаро ҳикоя карданӣ будам, тарзе шуд, ки ҳикояти тарфбозӣ ба миён омада, гап дароз шуда рафт.

– Гӯед, гӯед, он воқеаро ҳам шунавем! – гуфта ҷавонон аз ҳар гӯша ба тарафи бобо рӯй андохтанд.

Бобо баъд аз кашидани чилими обтоза боз ба ҳикоякунии саргузашти худ даромад...

– Вақте дар бозори Ғиштӣ дер монда, баъд аз фурӯ рафтани офтоб аз он ҷо баромадам, то вақте ки ба таги мазор расидам, хуфтан шуд, шаб ҳам бисёр торик буд, моҳ набуд, абри сиёҳ рӯйи ситораҳоро ҳам пӯшонда буд. Девон ва париёнро ба хотир оварда, аз мазор чашмамро намекандам. Нохост дидам, ки дар як гӯшаи мазор оташпораҳо менамоянд. Ман, ки аз он ҳама оташбозиҳо наметарсидам, бо дидани ин оташ андак дилам ларзид...

– Он оташпораҳо чӣ будааст? – гуён Ашӯр сухани Гӯппонро бурида, тааҷҷуб кард.

– Аҷина буд, – гуфта Гӯппон сухани худашро давом дод. – Агар дар бағали худ бозубанд намедоштам, он аҷина маро зада месӯхт, ҳарчи ба шарофати бозубанд халос шудам, лекин аз ҳамон рӯз боз ҳар оташро аҷина гуфта метарсам. Намедонам, имсол тарфбозӣ карда метавонам ё не? Бинобар ин Рӯзимуродро (номи он шахси мадҳушгардида) ҳам таъна кардан дуруст нест. Аз деву парию аҷина тарсидан даркор аст.

– Бобо! – гуфт Аҳмад, – ба пеши шумо калонгапӣ нашавад, ман аз аҷина-паҷина наметарсам.

– Ука, бисёр калонгирӣ накунед! – гуфт Шокир ба Аҳмад. – Ҳоло бадани шуморо мӯрча нагазидааст. Ин гапҳоро шумо дар даруни меҳмонхона дар байни 15-20 нафар ёру ҷӯра зада метавонед. Ягон шаб якка ба таги мазор раведу қандатонро хӯред. Агар ҳамин тавр шаккокӣ кунӣ, аҷина як занад, ки «воҳ» нагуфта мурӣ.

Аҳмад шӯрид ва оташин шуда гуфт:

– Ака Шокир, шумо ин қаду қоматро дар куҷо ёзондед, ин қад аст ё ҷуворипоя? Бо ин сиккаву суммот гапи задагии ин каса бинед-а...

Аҳмад қадре хомӯш монд ва боз ба Шокир нигоҳ карда:

– Гарав бандед, ҳозир ман ба таги мазор рафта оям!

– Гарав мебандам, – гуфт Шокир бо оҳанги тамасхуркуно-на ва дигарҳо ба Шокир ҳамроҳ шуда:

– Гарав мебандем, гарав мебандем, – гуфтанд.

– Аҳмад, ука, тезӣ накун! – гуфт бобо ба гап ҳамроҳ шуда, – ба гапи касе, ки аз худат як курта пештар даррондааст, оташин нашав. Аз аҷина наметарсидагӣ одам нест. Ҳоло ту аҷинаро надидаӣ!

– Аҷинаро дидаам ё надидаам, ин кори ман аст, – гуфт Аҳмад, – ҳамин ки «гарав мебандам» гуфта аз даҳонам баровардам, мебандам.

– Гӯй, шартат чист? – гуфт Шокир боз бо тамасхур.

– Шумо калон, шумо гӯед! – гуфт Аҳмад.

– Аҳмад, бачагӣ накун! – гуфта бобо боз оташи Аҳмадро паст кардан хост.

– Бачагеш чӣ? – гуфта боз Аҳмад оташинтар шуд ва бо дасти худ ба тарафи Шокир ишора карда илова намуд:

– Аз ҳамин барин калон шуда гаштан дар бачагӣ девона шуда мурдан беҳтар аст!

– Ҷанг даркор нест, шартро қарор диҳетон, – гуфт Рӯзимурод.

– Шарт ба Аҳмад, – гуфт Шокир.

– Шарт ба шумо ё ба ҳамаатон, – гуфт Аҳмад.

Шарт ба ҳамаамон ки бошад, ман гӯям, – гуфт Рӯзимурод ва бо як оҳанги мағрурона ба баёни шарт даромад. – Агар ба таги мазор сиҳат-саломат рафта оӣ, то зинда ҳастем, дангона,

ҳарифона ва гаштаки моро муфт хӯр; агар мурӣ, худо раҳмат кунад ва агар рафта натавониста аз роҳ баргардӣ, ҳамаамонро як бор зиёфат кун!

– Дуруст, дуруст, ҷудо нагз, – гуфтанд ҳамаашон.

– Ту чӣ мегӯӣ, Аҳмад? – гуфт бобо ба ӯ нигоҳ карда.

– Ҳар чизеро, ки ҷӯраҳо дуруст шуморанд, ман қабул дорам.

– Биё, ин тавр бошад, дастатро деҳ!

Аҳмад ва бобо монанди онҳое, ки савдо мекунанд, дасти якдигарро гирифтанд, бобо ба Аҳмад корди худро дода гуфт:

– Мазорро аз тарафи офтоббаро давр зада ба айвончаи рӯ ба рӯйи ғор мебарой, дар айвонча бо ин корд як хат мекашӣ, баъд аз он ба чорбоғча фуромада, аз дарвозаи поёни он ба ҷангалзор мебарой, як шоха аз ҷангал бурида гирифта кордро дар зери он ҷангал гузошта бозмегардӣ! Дуруст аст?

– Дуруст! – гуфт Аҳмад. – Лекин саги худро ҳамроҳ мебарам.

– Чаро?

– Дар мазор шағол бисёр аст, агар саг набошад, дур нест, ки шағолҳо ба ман зарар расонанд.

– Касе, ки аз деву парӣ наметарсад, аз шағол чаро тарсад? – гуфт Шокир бо оҳанги масхарадорона.

– Аз шағол тарсидан албатта дуруст аст, – гуфт Аҳмад, – агар якчанд шағол ба як одами бемилтиқ ё бетапонча ҳамла кунанд, албатта ғолиб мебароянд. Аммо аз аҷина тарсидан кори занон аст.

– Астағфируллоҳ! – гуфт Шокир оташин шуда.

– Монетон, «як гап кӯтаҳу олам гулистон», – гуфт бобо, – ҳозир маълум мешавад, ки кӣ зан, кӣ мард, кӣ шер, кӣ рӯбаҳ.

Аҳмад корди боборо гирифта аз ҷояш хест, ба дари хонаи худ, ки дар ҳамсоягии он ҳавлии маҷлисгоҳ буд, рафта, саги худро «Хайбар, Хайбар»[1] гуён ҷеғ зада, ба худ ҳамроҳ кард ва роҳи сари мазорро пеш гирифт...

* * *

Аз аҳли маҷлис яке ба ҷони Аҳмад афсӯс хӯрда мегуфт:

[1] Ин саг бо ҳамин номи «Хайбар» дар қисми якуми романи «Ғуломон» ва дар «Ёддоштҳо» низ тасвир шудааст.

– Ҳайф аст, ҷавоне, ки аз сад гулаш як гулаш нашукуфта-аст, худро бо як беандешагӣ нобуд кунад.

Дигаре мегуфт:

– Кӯр шавад, «гӯри худ, аъмоли худ» гуфтаанд, ба вай кӣ мондааст даҳанкалониро, бачаи пешхез чӣ мешавад мегӯед? Як рӯз не, як рӯз худашро нобуд мекунад-дия.

Сеюмӣ мегуфт:

– Имрӯз фардо ҳам дорад. Агар ягон кор шавад, фардо ба хешу таборҳои Аҳмад чӣ ҷавоб мегӯем? Айб ба бобост, ки ӯро нигоҳ надошт. Ӯ бачагӣ кунад ҳам, лозим буд, ки бобо ҳаю бош мекард.

– Ба ман чӣ? – гуфт бобо. – Ман як бор, ду бор гап задам, гӯш накард. «Ҳарчанд задам, дар нагирифт», «дидӣ ки нашуд, мон ки равад» гуфтаанд.

– Дар ин вақти шаб сари мазор рафтан ҳалво буд, ки Аҳмад мехӯрад? – гуфт Рӯзимурод бо оҳанги нобоварона. – Ҳолӣ мебинед, ки аз нимраҳа гашта меояд, ҳеҷ гап намешавад, натарсетон.

– Бо кадом рӯй ба пеши мо гашта меояд! – гуфт Шокир худбоварона, – дар вақти оташинӣ як гап заду рафт. Аз пеши мо ки баромад, рост ба хонаи худ рафта мехобад. Акнун, рӯйи Аҳмадро дар шаби зиёфаташ мебинем.

– Ҳеҷ намебинем гӯй-чӣ? – гуфт Ашӯр ба Шокир. – Вай пуле надорад, ки ҳамаи моро зиёфат кунад, саҳари барвақт аз хобаш хеста, роҳи Бухороро пеш мегирад ва пас аз он ҳеҷ гоҳ ба деҳа намеояд...

* * *

Ҳанӯз ин гуна гуфтугузорҳо ба поён нарасида буд, ки Аҳмад аз дар даромад. Дар рангу рӯяш осори тарсидагӣ набуд. Дар дасташ навдаи ҷангале буд, ки онро монанди касе, ки аз гулзоре шохчаи райҳонеро канда гирифта бошад, бепарвоёна меҷунбонид[1].

– Чӣ кор карда омадӣ? – гуфт бобо ба Аҳмад.

[1] Ин Аҳмади нотарс, ки шабона ба ҷангали мазор корд зада омад, худи Айнии ҷавон буд. Ин нуктаро нависанда дар боби «Дев ва аждаҳо»-и қисми якуми «Ёддоштҳо» қайд кардааст.Ниг.: «Куллиёт», ҷ. VI, саҳ. 60.

– Ҳар кореро, ки қарор ёфта буд, кардам, – гуфт Аҳмад ва навдаи ҷангалро ба пеши бобо гузошт.

– Корд чӣ шуд?

Дар таки ҷангале, ки ин навдаро аз он буридаам, гузоштам.

– Офарин! Ман шаҳрамро ба ту додам! – гуфт бобо бо оҳанги таслимкорона.

– Ҳоло маълум нест, – гуфт Шокир бо оҳанги нобоварона, – кӣ медонад, ки ин навдаро аз мазори калон бурида омадааст, ё аз руйдаричаи худаш, ки дар он ҷо ҳам як мазори ҷангалдор ҳаст?

– Аҳмад дурӯғ намегӯяд, боз росту дурӯғаш пагоҳ маълум мешавад, – гуфт бобо.

– Базм ва хониши париёнро хуб тамошо кардам гӯйӣ-чӣ? – гуфт Рӯзимурод хиҷолатмандона.

– Ҳо! – гуфт Аҳмад. – Агар уллоси шағолонро шумо хониши париён ҳисоб кунед, хуб базм тамошо кардам. Афсӯс, ки баъд аз шунидани уввоси Хайбари ман онҳо дам шуда монданд – «аҷинаҳо гурехтанд», ман ҳам аз базм маҳрум мондам.

– Аз уввоси саги ту девони даруни ғор аз наъра задан ва аждаҳо аз нафас кашидан ҳам мондагист? – гуфт Рӯзимурод масхара дошта.

– Не, ҳаво шамол буд, – гуфт Аҳмад хандакунон, – магар девон ва аждаҳо ба сабаби шамол овози саги маро нашунидаанд, ки аз наъра ва нафас кашидан боз наистоданд...

Аҳмад як сония хомӯш монда, як вазъияти ҷиддӣ гирифта давом намуд:

– Шумоён хуб одамед. Ҳар вақт шамол бошад, даруни ғор садо медиҳад. Шумо он садоро наъраи дев ва нафаси аждаҳо гумон мекунед. Вагарна аждаҳое, ки бо ду лаби худ дарёи Зарафшонро банд карда, як дарё обро дам мекашад, бо ин бузургӣ дар он ғори танге, ки харро бо кашшааш[1] роҳ намедиҳад, чӣ гуна медарояд ва мегунҷад? «Одаму ақл» гуфтаанд. Агар ақл набошад, сар кадуи хушк, даҳон тубаки бекор ва чашм шишаи холӣ будааст-дия!..

[1] **Кашша** – чизест, ки аз лух бофанд ва дар болои хар гузошта дар вай пору ва хоку монанди ин андохта кашонанд.

Акнун ҳамаи ин даҳанмардон шикаст хӯрда буданд, бинобар ин маҷбур буданд, ки гапҳои талхи захрдори Аҳмадро ба ҷойи ҳалво дам назада фурӯ баранд.

Танҳо Шокир ҳанӯз ҳам бовар намекард, бо вуҷуди ин то рӯз сафед шуда ошкор гардидани кор бардошт карда истоданро ба худ салоҳ медонист...

Рӯз шуд, офтоб баромад, ба ҳама чун рӯз равшан шуд, ки Аҳмад корномаро тамом карда будааст. Лекин ҳанӯз онҳо бовар намекарданд, ки Аҳмад ин корро бо дилу гурдаи худ кардааст, балки мегуфтанд: «Мо бехабар будаем, Аҳмад девбанд шуда будааст». Бинобар ин аз ҳамон рӯз сар карда, Аҳмадро «Аҳмади девбанд» мегуфтагӣ шуданд.

VI

Оё Аҳмад ҳақиқатан девбанд буд, ки бо он хурдсолӣ аз девон ва париён зӯр баромада ҳамаро дар ҳайрат андохт ё бозубанди зӯре дошт, ки ҳеҷ зиёну заҳмат ба ӯ асар намекард ва ё ин ки дар ин миён сирри дигаре буд, ки ба ҳамсолон ва ҷӯраҳояш маълум набуд?

Ҷавоби ин пурсишҳо аз тарзи тарбияи Аҳмад ва саргузашти айёми хурдсолиаш маълум хоҳад шуд.

Аҳмад дар яке аз хонадонҳои хоҷагони Соктаре зоида шуда ба воя расида буд, афсонаҳои деву парӣ, ҳикояти ғор ва аждаҳо, гаронии сари мазор, чорбоғ ва ҷангалзорро аз дигарон дида камтар нашунида буд.

Бинобар ин Аҳмад дар вақтҳои 8-9-солагиаш бисёр метарсид, ҳатто гирдбодҳоеро, ки дар рӯзҳои шамоли дутарафа бармехост, кӯч кардани аҷина пиндошта, қариб буд дилкаф шавад. Хусусан занони кампир, ки Аҳмад дар хурдсолиаш аз онҳо бисёр шуг – матал мешунид, ҳамеша ҳикоятҳояшонро бо афсонаҳои деву парӣ зинат дода нақл мекарданд[1].

Ин гуна афсонашунавиҳо ба Аҳмад бисёр бад таъсир карда буд. Ӯ гумон мекард, ки зери замин, рӯйи ҳаво, таҳти дарах-

[1] Нависанда яке аз ин гуна занонро, ки бо афсонаҳои деву аждаҳо кӯдаконро метарсониданд, бо номи Султонпошшо дар қисми якуми «Ёддоштҳо» (бобҳои «Дар Соктаре», «Дев ва аждаҳо») тасвир кардааст.

тони мевадор, хусусан зери дарахти санҷид, рӯйи порутӯдаҳо ва хокистартӯдаҳо пур аз деву парӣ аст.

Бинобар ин Аҳмад барои дастбахок кардан баъд аз шом танҳо баромада наметавонист. Агар шабона аз хона баромаданӣ шавад, албатта, модараш ҳамроҳ мебаромад.

Аммо падараш аз ин ҳол бехабар буд, зеро ӯ як бор аз забони Аҳмад калимаи «танҳо метарсам»-ро шунида, ӯро бисёр коҳиш карда буд ва аз модари Аҳмад ҳам «ту бачаро тарсончак карда калон кардай» гуфта сахт озурдагӣ карда буд. Бинобар ин на Аҳмад ва на модараш ба пеши он шахс аз тарси деву парӣ лаб кушода наметавонистанд.

* * *

Шабе модари Аҳмад дар хона набуд, айёми тобистон буда, вақтҳои рӯйиҳавлихобӣ буд. Падари Аҳмад ним таноб барин гандумпояшро, ки дар рӯйдарича дошт, он шаб об дода буд. Дар вақти ба замин об сар додан шамол бошад ҳам, ҳанӯз замин бо об такдав нашуда, ҳаво ором гирифт. Бинобар ин, обрӯбакҳои гандумпоя ба як сӯ ғун нашуда монд.

Падари Аҳмад одами бодиққат буд, ӯ нахост, ки аз бешамолӣ замин ифлос шуда монад. Бинобар ин як шохаи баргдори дарахти гуҷумро бурида гирифта, ба замини нав об додашуда даромада ва бо он шоха обро лат дода обрӯбакҳоро ба як тараф ғундоштанӣ шуд.

Вақте ки падар ба ин кор машғул шуд, Аҳмад ба рӯйи суфаи ҳавлӣ танҳо монд. Ӯ дар ин танҳоӣ бисёр метарсид, аммо аз тарси падар «метарсам» гуфта наметавонист. Аз шом хеле вақт гузашт, шаб торик шудан гирифт. Дар ин ҳангом хаёли деву парӣ, ҷину аҷина гирдогирди Аҳмадро фаро гирифт. «Мабодо ба назарам чизе намояд» гуфта Аҳмад чашмашро пӯшид. Баъд аз чанд сония дилаш тангӣ кард, хаёлот боз ҳам воҳимадортар гардид: гӯё як чиз омада ба гардани ӯ савор шуданӣ аст ва мехоҳад, ки ӯро буғ (хафа) карда кушад.

Ночор Аҳмад чашмашро кушода дид, ки дар поёни суфа дар даруни таафдон[1] куррачаҳо, сагбачаҳо, барраҳо ва бузғолаҳо барин ҳайвонҳои хурд ва реза ғун шудаанд, ба

[1] **Таафдон** – чукурӣ (чоҳ) барои рехтани хокрӯба ва ахлот.

пушти куррачаҳо тӯқумчаҳои сурхро бо ҷули сурх кашидаанд, дар гардани онҳо гарданбандҳои абрешими сурхи зангӯладор, дар гардан ва почаҳои ҳайвонҳои дигар ҳам гарданбанд ва пойбандҳоро бо зангӯлаҳои қатор овехтаанд, ки бо ҳаракати онҳо садо мебаровардand. Ин ҳайвонот бо ҳам бозӣ мекунанд, ба болои ҳамдигар савор мешаванд, гардани якдигарро мехоянд ва гоҳо аз даруни хасрӯбаҳо хӯрокворӣ ёфта мехӯранд, дар болои хӯрок бо якдигар талош мекунанд...

Аҳмад хост ин ҳолро ба падараш хабар диҳад, боз аз тарси даҳшати падар, ки дар ин мавридҳо бисёр коҳиш мекард, хомӯш монд. Лекин чунон тарсида буд, ки ёрои ҷунбидан надошт. Сар то пояш монанди касе, ки варачаи сахт дошта бошад, меларзид, дандонҳояш ба ҳамдигар чунон бо тезӣ мерасиданд, ки шунаванда садои ба ҳам пайвасти бо рез навохта шудаистодаи тори рубоб гумон мекард...

Аҳмад чашмашро аз он ҳайвоноти аҷиб намеканд. Як вақте дид, ки ҳамагӣ саф кашида ба тарафи ӯ меоянд. Аз ҳавли ҷон гурехтанӣ шуда аз ҷояш хест, лекин қадам бардошта натавонист. Танҳо:

– Дадаҷон! – гӯён фарёд кашид ва ғалтид.

Падари Аҳмад ҳам дар ҷавоб:

– Ҳа, натарс! Ман рафтам, – гуфта овози даҳшатноке дод.

Аз шунидани овози падар дили Аҳмад қадре қувват гирифт ва чашмашро кушода нигоҳ кард, ки он ҳайвонҳо дар гурехтананд, баъзе ба болои бом, баъзе ба дарахти тути дар поёни суфа буда ва баъзе ба роҳрави берун гурехта, дар як нафас зим ғоиб шуданд.

Падари Аҳмад расида омад, ӯро дар бағал гирифта дилдорӣ дод ва воқеаро пурсид. Аҳмад гирён-гирён ва нафаскашон ҳар чӣ дида буд, ягон-ягон ҳикоя кард.

– Дуруст, ин чизҳое, ки дидӣ, ҷин ва аҷина аст, – гуфт ба Аҳмад падараш, – лекин маълум мешавад, ки ту аз як чиз бехабар будаӣ ва бинобар ин аз инҳо тарсидаӣ.

Падари Аҳмад ӯро, ки як қадар ором гирифта буд, дар рӯ ба рӯйи худ шинонда ҳикоят сар кард:

– Шунида мон, вакте ки бобои ман ба сайри Нурато ме-

рафтааст, як аспи бисёр хубе дар зери пояш будааст, вақте ки мехостааст ба кӯҳи Ғазғом барояд, сағрии асп хам хӯрдааст.

Бобоям андеша кардааст, ки «ин асп аз он аспҳо нест, ки бо савор шудани як кас пушти худро хам кунад, чӣ ҷойи сағриаш. Ҳамоно дар ин воқеа асроре ҳаст» гӯён бо як чобукӣ дар пушти худ ба тарафи сағрии асп чанг задааст. Дар ин чанг задан ба чанголаш як даста мӯйи нобофта даромадааст. Дарҳол мӯйро ба банди дасташ печонда маҳкам нигоҳ дошта:

– «Ба ҳурмати чилкоф[1] ҳозир шав, вагарна мекушамат», – гуфтааст.

Соҳиби мӯй ба назар намоён шудааст ва бобом дидааст, ки ӯ подшоҳи аҷинагон аст, ки дар сари мазори худамон боргоҳ дорад.

Бобом ба ӯ гуфтааст:

– Ба ту кӣ ин ҷасоратро дод, ки ба ман беадабӣ кунӣ, магар девбанди чилкофхон будани маро намедонистӣ?

Подшоҳи аҷинагон пас аз узрхоҳӣ ва тавбаву тазарруи бисёре гуфтааст:

– Вақте ки шумо ба нияти зиёрати Нурато баромадед, ман ҳам ҳамроҳи шумо рафтанӣ шудам, то ки ба шарофати шумо зиёратам қабул шавад. То ин ҷо дар рикоби шумо пиёда давида омадам, хурду резагони аҷинагонро, ки дар роҳ вохӯрданд, ҳамаро огоҳонидам ва кӣ будани шуморо ба онҳо фаҳмондам.

Аммо дар ин ҷо як шухӣ ва густохӣ карда, ба аспи шумо савор шудам, ин беодобии маро бубахшед.

– Дар ин беодобие, ки ту кардӣ, ҳаққи ту туро нобуд кардан аст, – гуфтааст бобом ба ӯ, – лекин агар қасам хӯрда аҳд бандӣ, ки ба авлоди ман зарар намерасонӣ, дигар девон ва париёнро ҳам аз зараррасонӣ бозмедорӣ, ман туро мебахшам ва сар медиҳам.

Подшоҳи аҷинагон:

– Ба шумо, ба авлоди шумо ва ба авлоди авлоди шумо то қиёми қиёмат зарар намерасонам ва аҷинагони дигарро ҳам аз зараррасонӣ бозмедорам, – гуфта қасам ёд кардааст.

---

[1] **Чилкоф** – дуое будааст, ки азоимхонҳо мехондаанд (шарҳи нависанда).

– Сабаб ин аст, ки, – гуфт падари Аҳмад, – деве, парие ва аҷинае ба авлод ва хонадони мо зиёну заҳмат расонда наметавонад. Ту аз ин воқеа бехабар будӣ, бинобар ин тарсидӣ, онҳо ба назарат намоён шудаанд. Агар баъд аз ин натарсӣ, онҳо ба назарат намоён нахоҳанд шуд...

Аҳмад баъд аз ин воқеа наметарсидагӣ шуд, баъд аз ин чизе ҳам ба назараш намоён намегардид. Шабҳо обдорӣ мекард, танҳо ба даруни чорбоғ мерафт, дар ҳар ҷойе, ки кампирҳо «аҷина ҳаст» мегуфтанд, ӯ қасдан аз он ҷо мегузашт. Мақсадаш ин буд, ки як бори дигар яке аз аҷинагонро бинад ва ӯро дастгир карда, аҳди бо бобокалонаш басташударо ба хотири ӯ оварад, ӯро хуб танбеҳ намояд. Ниқори чандинсоларо, ки ӯ аз аҷинагон тарсида ҳамеша дар азоб мегузаронид, аз онҳо барорад. Лекин хеҷ гоҳе ба назараш аҷина наменамуд...

VII

Аҳмад 12-сола шуд, ин вақт саводаш ҳам баромада буд. Ӯ девонҳои шоирони гузаштаро бисёр дӯст дошта мехонд, аз ин ҷумла девони Саъдиро. Рӯзе дар девони Саъдӣ ин байтро дид:

Дев бо одам наёмезад, матарс,
Бал битарс аз одамони девсор.

Аҳмад дар маънии ин байт фикр карда, аз ин чунин фаҳмид, ки дев аз ғайри қасам додан ҳам ба одамӣ зарар расонда наметавонистааст.

Вақти муносиберо ёфта, байти мазкурро ба пеши падараш хонд ва маъниашро пурсид. Падараш гуфт:

– Ҷони падар! Модарат ва занони дигар барои ту бисёр афсонаҳои ваҳмангезро аз деву парӣ нақл карда туро тарсонда буданд. Дидам, ки хушку холӣ «натарс!» гуфтани ман ба ту асар накард ва тарсро аз дилу димоғи ту набароварда, бинобар ин ман ҳам «давои қурут – оби гарм» гуён як афсонаи дурӯғ бофта, тарси дар димоғи ту чандин сол боз ғуншударо якбора баровардам. Чун туро бо дурӯғҳо тарсонда бемор карда буданд, ман ҳам бо дурӯғе бемории туро даво кардам. Он

ҳикояти бобом, сайри Нурато, қасам додани подшоҳи аҷинагон... ҳама дурӯғ буд, ки ман он вақт барои маслиҳат сохта будам. Аммо дар ҳақиқат Саъдӣ рост мегӯяд, ки одамӣ аз ҳар чиз зӯр аст, деву парӣ, ҷину аҷина ҳеҷ кадом ба фарзанди одам зарар расонда наметавонанд. Ин зарарҳое, ки одамҳо гумон мекунанд аз девҳо дидаанд, ҳама аз вайронии димоғи онҳост, ки ба сабаби шунидани дурӯғҳои воҳимадор ба димоғашон халал расидааст. «Кувваи воҳима ҳалок аст» гуфтаанд, бинобар ин ваҳмашон ҳар чизро ё ки чизи нобударо ба назари онҳо «дев» карда нишон додааст. Онҳо бо ваҳми худ тарсида, шал (фалаҷ) шудаанд, даҳонашон каҷ гардидааст, ҳатто баъзеҳо дилкаф шуда мурдаанд. Ту яқин дон, ки деву парӣ ба одамӣ зарар расонда наметавонад. Зараррасонанда танҳо тарси худи одам аст...

Падари Аҳмад қадре хомӯш монда, баъд аз санҷидани дараҷаи таъсири сухани худ ба Аҳмад, ба шарҳи мисраи дуюми байти Саъдӣ даромада гуфт:

– Маънии «аз одамони девсор тарс!» гуфтани Саъдӣ ин нест, ки тарсида аз онҳо гурез ё ин ки сар хам карда, ҳар чӣ кунанд, дам назан ва ҳар чӣ гӯянд, қабул намой. Балки Саъдӣ мехоҳад гӯяд, ки аз одамони девсор (одамони бад) тарсида, ба дафъи зарари онҳо кӯш! Чунончи, ин маъниро худи Саъдӣ дар поёни ҳамон байт бо ин байт равшан ифода мекунад ва мегӯяд:

Бо бадон бад бошу бо некон наку!
Ҷойи гул гул бошу ҷойи хор хор.

Падари Аҳмад ба будани деву парӣ, ҷину аҷина бовар дошт. Фарқи ӯ аз одамони дигари ҳамасри худаш танҳо ин буд, ки «деву парӣ ба фарзанди одам зарар расонда наметавонад» гуфта эътиқод мекард. Бинобар ин ба писараш ҳам бо ҳамин роҳ талқин карда ва сухани худро зиёдтар тафсил дода гуфт:

– Баъзе шабҳо дар мазорҳо ё дар ҷойҳои дигар ба назари кас оташпараҳо монанди ахгар намоён мешавад. Дар ҳақиқат аҷина аз онҳо беш нест. Аз дасти як оташпараи хокистаролуд чӣ мебарояд, ки одамро зада девона кунад ё кушад. Хокистари қӯрдори оташдони мо аз он пурзӯртар аст.

Таълимот ва тарбияи падари Аҳмад ба Аҳмад ҳама ана бо ҳамин роҳ мерафт. Бинобар ин Аҳмад дар шаби дангона каҳрамонӣ нишон дод ва дар он вақти шаб ба сари мазоре, ки бобои навҷавонон бо он ҳама зӯроварӣ ва паҳлавонӣ рафта наметавонист, танҳо рафт ва гаравро бурд.

VIII

Аҳмад хондани худро давом дод, 25-26 сол дар мадрасаҳои Бухоро зиндагонӣ кард, дарс хонд ва дарс гуфт. Дар миёнаи муллоён ва муллобачагон танҳо худаш буд, ки аз деву парӣ наметарсид.

Як шаби тобистон дар Бухоро, дар сари гулзори мадрасаи Бадалбек Аҳмад бо чанд муллобачагон нишаста буд. Яке аз онҳо ба қазои ҳоҷат рафт. Баъд аз чанд сония аз тарафи халоҷо овози фарёде шунида шуд. Аҳмад ва дигарон ба он тараф нигоҳ карда давиданд. Рафта диданд, ки он муллобача ба хок афтодааст ва аз даҳонаш кафк меравад. Баъд аз ҳушёр кардани он аз вай аҳволро пурсиданд, ӯ гуфт:

– Аҷинаро дидам.

Аҳмад хандида пурсид:

– Он аҷина дар куҷост?

Он муллобача зери девореро нишон дода гуфт:

– Ман дар он ҷо аҷинаро ба сурати оташпора дидам. Ҳама ба ҷойи нишондодаи ӯ рафта нигоҳ карданд, ки дар ҳақиқат ҳам оташпора намоён аст. Ҳама дар тарс афтоданд. Аммо Аҳмад беибо ба тарафи он оташпора рафта, онро бо кафши худ молиш дода ба хокаш олуда кард. Оташпора нопадид гардид. Ҳама гуфтанд, ки «Аҳмад девбанд» будааст.

Ин воқеа дар аввалҳои дарсхонии Аҳмад буд. Аҳмад то ин вақт ба ҳастии деву парӣ монанди падари худ бовар дошт. Лекин ҳамин қадар фикр пайдо карда буд, ки «аҷина ба одам зарар расонда наметавонад» мегуфт. Далели вай ба ҳастии аҷина оташпораҳои шабҳо намоён мешудагӣ буданд.

Аз ин вокеа чандин сол гузашт. Дар Бухоро револютсияи фикрӣ сар шуд. Аз ҳар тарафи олами маданият рӯзномаҳо, журналҳо ва ҳар гуна китобҳои фаннӣ омадан гирифтанд. Яке аз хонандагони адабиёти нав «Аҳмади девбанд» буд.

Аҳмад дар яке аз китобҳои фаннӣ хонд, ки як ҷузъи устухон фосфор ном моддаи кимиёвӣ будааст, ки шабҳо, хусусан дар ҳавоҳои гарм ба назари одам монанди оташ намоён мегардидааст. Ҳар гоҳ ки устухон пӯсида хок гардад, ин чиз падидор мешудааст. Шабҳо дар мазорот намудани оташпора аз он сабаб будааст, ки дар он ҷо устухони пӯсида бисёр аст.

Аҳмад дар таърихҳо хонда буд, ки мадрасаи Бадалбек дар ҷойи мазори куҳнае бино ёфтааст. Пас донист, ки он оташпорае, ки дар он ҷо намоён шуда ҳамаро дар тарс андохта буд, ба ғайр аз фосфор чизи дигаре набудааст.

Аҳмад вақте ки бо мутолиаи китобҳои фаннӣ фосфор будани оташпораҳои шабнамоёншавандаро донист, дигар яқин пайдо кард, ки «дев, парӣ ва аҷина» ном чизе дар дунё нест. Чизҳое, ки мардум «дев, парӣ, ҷину аҷина» гуфта метарсанд ё хаёли хушк будаанд, ё чизҳое будаанд, ки чӣ будани онҳо ба донишмандони ҳикмат ва кимиё маълум аст.

Аҳмад агарчи ягон мактаби мунтазами фанниро тамом накарда бошад ҳам, бо таҷриба ва мутолиаҳои худ яке аз донишмандони илми тарбия шуд. Дар ҳар маврид ва ба ҳар кас маслиҳат медод, ки бачагонро тарсонда калон накунанд, монанди ҷин, аҷина хаёлот ва хурофотро ба димоғи бачагон ҷойгир насозанд. Вагарна ояндаи он бачаро хароб, зиндагӣ ва саломатии ӯро дар таҳлука ва изтироб хоҳанд андохт.

МАКТАБИ КУҲНА

* * *

«Мактаби куҳна» асари ёддоштии устод Айнӣ, ки охири соли 1934 навишта шуда, аввалин бор соли 1935 ба шакли китоби алоҳида ба табъ расидааст. Баъд чандин маротиба ҳам дар шакли алоҳида ва ҳам дар дохили осори мунтахаби адиб чоп гардида, дар китобҳои дарсии муассисаҳои таҳсилоти миёна ҳам дохил гардидааст.

Ба забони русӣ аввалин бор соли 1935 дар маҷмӯаи устод Айнӣ «Из прошлого» ба табъ расида, минбаъд чандин маротиба нашр гардидааст. Худи устод «Мактаби куҳна»-ро ба забони ӯзбекӣ таҳрир карда буд, ки он аз соли 1938 ин ҷониб чоп мешавад. Асар ба забонҳои арманӣ, литвонӣ, озарбойҷонӣ, туркманӣ, украинӣ, эстонӣ, қазоқӣ, қирғизӣ, руминӣ, уйғурӣ, хитоӣ… низ тарҷума ва чоп гардидааст.

Устод Айнӣ ин ҳикояро бо хоҳиши Институти тадқиқотии педагогии Маскав навишта будааст. 23 ноябри соли 1934 дар мактубаш ба устод Лоҳутӣ қайд мекунад, ки: «Аз чизҳои тозае, ки имсол навиштам, ин аст: ба ман аз Институти тадқиқотии педагогии Маскав як мактуб омад ва дар он мактуб хоҳиш карда буданд, ки ман дар бораи мактабе, ки худам хондаам (мактаби ибтидоӣ) як очерк нависам. Ман ин очеркро дар ҳаҷми тахминан ду лист (ҷузъи чопӣ– К.А.) навиштам. Дар ин ҷо тарҷума кунонида ба русӣ ба Институти мазкур фиристодам».

«Мактаби куҳна» дар адабиётшиносӣ гоҳо очерк ва гоҳо ҳикоя ва повест ном бурда мешавад, ба андешаи мо, ин асар бештар ба жанри ҳикоя тааллуқдор аст.

I

Ман бояд шашсола шуда бошам, ки маро падарам ба мактаби пеши масҷиди қишлоқ бурда монд. Модарам мегуфт:

– Туро дар вақти чорсола, чормоҳа, чорҳафта ва чоррӯза буданат бо лаълӣ ва дастурхон ба мактаб фиристода, сабақ сар кунонда монда будем. Аммо ту он вақтҳо бисёр хурд будӣ, дили ман ба ту бисёр месӯхт, ки дар мактаб бисёр азоб хоҳӣ кашид, бинобар ин, мондем, ки то ҳол бозӣ карда гаштӣ, акнун хуб кӯшиш карда хон, ки мондагиҳоятро гирӣ ва бо ҳамсолонат, ки дар чорсолагӣ ба мактаб рафтаанд, баробар шавӣ.

Ман ҳам ин тавсияи модарамро, ки дар он вақтҳо ба ман хеле хуб таъсир карда буд, мехостам ба амал оварам ва ҳар чӣ зудтар сабақ омӯхта бо ҳамсолонам баробар шавам, ҳатто аз онҳо гузарам.

Аммо ҳаёт ва шароити мактаб ба ин кӯшишу ғайрати ман роҳ надод.

Ман ба мактаб рафтам. Мактабхона монанди хонаи мо васеъ, дубаҳра (чордара)[1], равшан ва беғалоғула набуд. Мактаб як хонаи танг буд, ду дар дошт, ки яке аз онҳо дари даромади яктабақа буд, он дарро ҳам дар вақтҳои сармо пӯшонда мемонданд. Дари дигараш даричае буд, ки сечоряк оршин[2] қад ва ним оршин бар дошт. Мактабдор (муаллим)-амон ба вай як коғазгир (тирезаи коғазӣ) карда, барои дар барфу борон надаридани он ба коғазаш равғани зағир молида буд. Коғази равғанин чангу хоки кӯчаро ба худ гирифта буд, ки монанди дамгири[3] дег сиёҳ ва чиркин шуда буд. Агар аз хотир фаромӯш накарда бошам, он коғаз ба рӯйи пурчини мактабдор ҳамрангӣ дошт. Бинобар ин, аз ин дарича ҳам ба хона равшании дуруст намедаромад. Мактабхона аз зери сақф, аз ҷойе,

---

[1] Хонаеро, ки ду дар аз тарафи ҷануб ва ду дар аз тарафи шимол дошта бошад, дубаҳра меноманд, яъне ҳам тобистонӣ ва ҳам зимистонӣ (шарҳи нависанда).

[2] **Оршин** – масоҳати дарозӣ дар як қатор мамлакатҳо, ки баробари 72, 12 см аст. Дар Русия аз асри XVI роиҷ шудааст.

[3] **Дамгир** – латтаест, ки дар вақти дам кардани палав вайро ба сарпӯш печонда ба даҳани дег мегузоранд(шарҳи нависанда).

ки сақф бо девор пайванд меёбад, аз ду тараф дутоӣ равзанҳои чорякоршинӣ дошта бошад ҳам, рӯшноиҳое, ки аз он равзанҳо медаромаданд, на ба замини мактаб, балки ба рӯ ба рӯйи худ: бар девори хона – ба зери сақф меафтоданд.

Замини ин хонаро, ки ҳамаи вусъати он тахминан чор оршини дар чор оршин, яъне шонздаҳ оршини мураббаъ буд, чор синҷи аз болои[1] якдигар гузаранда кашида, дарунашро ба 9 қисм ҷудо карда буданд, ки гӯё дар даруни мактаб 9 охурча ба вуҷуд омада буд.

Дар охурчаи гӯшаи пешгоҳии ин хона, ки дарича ҳам он ҷо буд, ҷойи мактабдорнишин буда, охурчаҳои пеши дари даромад кафшкан буд ва дар охурчаҳои дигар бачагон менишастанд.

Ҳоло ман дар хотир надорам, ки дар он мактаб он вақтҳо чӣ қадар шогирд буд. Ҳамин қадарашро медонам, ки аз чорсола то дувоздаҳсола бачагони деҳаи мо, ки он вақтҳо мегуфтанд сесад хонавор аст, дар он ҷо ҷамъ шуда буданд. Илова бар ин, азбаски деҳаи мо деҳаи хоҷагон буда, як ҷойи мутабаррак ҳисоб меёфт, баъзе ихлосмандон аз ҳамсояхеҳаҳои мо ҳам бачагони худро ба мактаби деҳаи худ нагузошта, ба мактаби мо меоварданд.

Ман ҳанӯз дар хотир дорам, ки ин мактаб ба назари ман ба он катаки хурдтараке, ки мо доштем ва дар он ҷо модарам чӯҷа хобонида буд ва мокиёни мо бештари вақтҳо чӯҷаҳои худро ба он ҷо дароварда дар зери боли худ гирифта мехобид, монандӣ дошт. Фақат фарқ дар ин ҷо буд, ки агар чӯҷагони мо бо овози нозуку форами худ ҷуғур-ҷуғур кунанд, овози пуршӯриши ин бачагон гӯши одамро метарконид…

Ман ба мактаб даромадам. Ҳамроҳи ман падарам як лаълӣ кулчаву мавизро ба як дастурхон печонда ҳалвоӣ гӯён бурда буд. Мактабдор дастурхонро кушод, яке аз кулчаҳоро шикаста қадре худаш хӯрд ва падарамро ҳам таклиф кард, падарам ҳам як бурда хӯрд. Пас аз он як кулчаи дигарро чунон ре-

[1] **Синҷ** – зеррав (зерчӯб) дар иморатҳои чӯбкорӣ. Ин ҷо: чор чӯби дар фарши хона насб карда дар назар аст.

за кард, ки гӯё ба мурғон медода бошад ва он нонрезаҳоро ба ҳар тарафи мактаб ба болои бачагон пош дод.

Дар ин вақт як занозанӣ, ҷомадаронӣ, гӯшкашӣ, рӯйханҷолкунӣ ва чашмкание буд, ки дар даруни мактаб пайдо шуд. Ба болои ин доду фарёд, оҳу фиғон, гиряву зории бачагон гӯё боми мактабро ба ҳаво мебардошт.

Ин шӯру ғавғо бар болои нонрезаҳое буд, ки мактабдор аз ҳалвоии ман ба бачагон бахшиш карда буд…

Мактабдор ба ин аҳвол бетараф намонд: дар пушти ӯ дарозу кӯтоҳ чанд чӯб ба девор рост гузошта шуда буд, яке аз ин чӯбҳоро, ки тахминан 5 оршин дарозӣ дошта, нӯги он ба гӯшаи дигари хона ба девор хобонидагӣ буд, гирифта ба сари бачагон, бе он ки яке аз онҳоро интихоб кунад, задан гирифт. Бачагон аз задан ва кӯфтани якдигар бозистода, баробар ба гиря даромаданд ва фарёди «домуллоҷон, тавба кардам» аз ҳамаи даҳонҳо баробар баромада ба осмон баланд мешуд.

Ман дигар тоқат карда натавониста ба қатори бачагони дигар ба гиря даромадам. Аммо падарам ба ман тасаллӣ дод ва агар гиря накарда ба мактаб давом кунам, ба ман як курра гирифта доданӣ шуд ва мактабдор ҳам ба сухани падарам ёрӣ дода «ман ҳам ҳар рӯзи бозор як лӯнда қанд оварда медиҳам» гуфт.

Ваъдаи падарам он қадар дили маро ба он хона, ки гӯё барои азоби бачагон сохта бошанд, розӣ карда натавониста бошад ҳам, ваъдаи мактабдор, ки бо вуҷуди ҷаллодвор заданаш бачагони дигарро, ба ман ваъдаи қанд дод, дили маро хеле ором гиронид. Ба дили худ тасаллӣ медодам, ки ӯ маро нахоҳад зад.

Аммо чашми худро аз он чӯбҳо, хусусан аз он чӯби дароз, ки ба сар то сари мактаб мерасид ва ба ҳеҷ бача, гарчанд дар гӯшаи дури мактаб хазида бошад ҳам, амон намедод, намекандам….

Бачагон як қадар ором гирифтанд. Мактабдор як тахтачаро аз пеши худ гирифта, дар вай чизи бисёреро навишт ва ба падарам нишон дод. Аммо падарам, ки саводнок буд, ба баъзе чизҳои мактабдор навишта эътироз кард.

Дар аввали кор мактабдор ҷанҷол бароварда сухани падарамро қабул накард. Аммо падарам ҳам ҷанҷол карда оқибат гапашро гузаронид ва «худатон дуруст кунед» гӯён мактабдор тахтачаро ба пеши падарам ҳаво дод. Ӯ ҳам аз кисаи худ кордчаашро бароварда, баъзе чизҳои мактабдор навиштаро тарошида, худаш аз сари нав навишт.

Аз ҳамон рӯз сар карда падари ман ба назарам хеле одами калон намуд ва ӯро ҳатто аз мактабдор ҳам, ки ӯро донотарин ва зӯртарини мардуми қишлоқ медонистам, донотар ва зӯртар донистам. Ин ҳол ба дили ман қувват дод, ки агар мактабдор маро занад, ман ба падари худ шикоят хоҳам кард ва ӯ ҳам омада мактабдорро хоҳад зад. Агар мактабдор барои задан чӯб дошта бошад, падарам ҳам халачӯби говронӣ дорад. Ба халачӯби вай барзагов бо он бузургӣ тоб оварда наметавонад. Аммо ин мактабдор, ки як одами борикрӯйи хурд ва лоғари пажмурда аст, бо як халачӯб задани падарам хоҳад мурд…

Пас аз он мактабдор маро дар рӯ ба рӯйи худ дузону шинонида, тахтачаро ба рӯйи он синҷ, ки деворчаи охурча ҳисоб меёфт, гузошт ва ба ман «аузубиллоҳ» ва «бисмиллоҳ»-ро гӯёнид. Инҳоро хеле вақт шуда буд, ки падарам ба ман ёд дода буд, ман ҳам бе он ки забонам гирад ва ё тарсам, гуфтам. Мактабдор хеле изҳори хурсандӣ кард. Ба назари ман менамуд, ки бачагони дигар ба ман бо ҳасад нигоҳ мекарданд. Ҳарчанд аз тарси чӯби мактабдор сари худро боло накунанд ҳам, ба ман нигоҳ карда ва ангуштҳояшонро пеши чашмҳояшон оварда маро ба якдигар нишон медоданд. Ва ман гумон мекардам, ки агар танҳо ёбанд, бо он ангуштон чашми маро хоҳанд кофт.

Мактабдор фотиҳа хонд, бачагон ҳам «омин» гӯён ба он фотиҳа ҳамроҳӣ карданд ва бо ҳамин расми сабақсаркунии ман тамом шуд. Падарам ба хонаи худамон баргашт ва ман дар он ошӯбгоҳ мондам.

II

Пас аз падарам рафтан мактабдор маро ба наздиктари худ ҷой дода, ба яке аз бачагони калон амр дод, ки маро ёд диҳад. Он бача маро ба он тахтача нигоҳ кунонда «алиф, бе, те, се»

гуфт. Ман ҳам аз забони ӯ гирифта ин чор калима, яъне номи чор ҳарфро такрор кардам, пас аз он ки худи ман инҳоро гуфта метавонистагӣ шудам, он бача ба сари бачаҳои дигар рафт ва онҳоро ҳам ёд медод.

Бачагон он бачаро «халифа» мегуфтанд.

Баъд аз он мактабдор аз мактаб баромада рафт. Акнун шӯрест, ки дар мактаб бархост! Бачагон аввал рост хеста бо якдигар гӯштӣ гирифтанд, пурзӯрон камзӯронро меафтонданд ва мезаданд. Пас аз ним соат афтударафт кардан халифа аз ҷойи худ хест ва чӯби дарози мактабдорро гирифта, аз як сар бачагонро задан гирифт. Ман тарсида хостам, ки аз мактаб баромада гурезам, аммо муяссар нашуд: дари мактабро аз дарун занҷир карда ба зулфинаш чӯб гузаронида буданд, ки даромад-баромад кардани мисли ман бачаи шашсола мумкин набуд ва бо «ба ҷоят нишин, вагарна мезанам» гуфтани халифа баргашта ба ҷоям нишастам ва сари худро хам карда зери чашм ба халифа нигоҳ мекардам.

Пас аз он ки ҳамаи бачагон бо зарби чӯби халифа ҷобаҷо нишастанд, халифа дар ҳолате ки он чӯби дароз дар дасташ буд, аз ҷояш рост хест ва гуфт:

– Бачагон! Акнун камонбозӣ….

Бо баромадани ин овози халифа ҳамаи бачагон фарёд кашиданд:

– Камонбозӣ!

– Камонбозӣ!

– Камонбозӣ!

Баробари ин шӯру ғавғо корҳои амалӣ ҳам шуд. Ҳар кадом аз бачагон аз бӯрёи дар зери худашон буда, ки ягона палоси мактаб он буд, хасҳоро кашида баровардан гирифтанд. Бачагон аз кисаҳояшон риштаҳои борики дарздӯзӣ ҳам баровардан. Ҳар бача яке аз он хасҳоро камонвор хам карда, дар ду сари он риштаро кашида мебаст. Ба ин тариқ як камончаи бачагонаи содае пайдо мешуд. Пас аз он хаскамонро камонвор ба дасташ нигоҳ дошта ба ресмони он хаси дигареро гузошта, онро пеш кашида сар медод. Он хас монанди тири камон парида рафта ба бачаи дигаре бармехӯрд.

Боз бачагон ба ҳам омаданд, ҳар бача бачаи дигареро аз рӯй, бинӣ, пешонӣ ва чашм нишон гирифта бо тири камони худ мезад…

Пас аз қадре ин гуна ҷанги якка ба якка кардан халифа боз чӯбро бардошта бачаҳоро аз як сар заду овоз дод:

– Акнун саф кашида ҷанг мекунем!

Бачагон ҳам:

– Саф мекашем, саф мекашем! – гӯён фарёд кашиданд.

Халифа бачагонро калону хурд ду тақсими баробар карда, дар ду тарафи мактаб ҷой дод. Дар ҳар тараф ду саф тартиб дода, бачагони хурдро дар пас ва калонтаронро дар пеш гузошт ва худаш дар зери девор дар миёнаи ду саф рост истода фармон дод:

– Парронед!

Аз сафи пеш хаскамонҳо ба ҳаракат омаданд. Хастирҳо аз камони ҳамаи бачагон баробар ва пайдарҳам мепариданд. Бачагони дар сафи пушт истода аз бӯрё боз хас кашида ба бачагони сафи пеш тир тайёр карда медоданд.

Дар ин миён хастири яке аз бачагон ба сафи тарафи муқобил рафта ба чашми як бача бархӯрд. Ӯ фарёдкунон ва «во чашмам» гӯён аз саф баромад. Ҳамсафони он бача ҳам якбора шӯрида, бӯрёи дар асл порча-порча шуда даридаро аз замин бардошта ба сару рӯйи сафи муқобил ҳаво доданд. Аҳли сафи муқобил ҳам ин ҳуҷумро оромона қабул накарданд, онҳо ҳам аз зери пойҳои худ бӯрёҳоро бардошта ба сари муқобилҳояшон ҳаво доданд. Даруни мактаб пур аз чанг ва хоку хас шуд. Ман аз тарси он ки дар зери поҳои бачагон поймол нашавам, ба охурчаи мактабдорнишин гузашта, сурати девор шуда рост истодам….

Ҷанг давом мекард. Дар ҳамин вақт дари мактаб бо шиддати тамом кӯфта шуд, кӯбанда дарро асабиёна бо пояш мезад. Ман гумон кардам, ки ҳамин замон дар мешиканад.

Бачагон бо шунидани садои кӯбиши дар мисли мушбачагоне, ки аз садои фишир-фишири гурба гурезанд, шитобкорона ба ҷойҳои худ гузашта, дар даруни охурчаҳои худ дар паси синҷ пинҳон гардиданӣ шуданд. Аммо он синҷ, яъне деворчаи охурча, на он қадар баланд буд, ки бачаҳоро пинҳон ку-

над. Бо вуҷуди ин, бачагон сари худро поён карда, рӯйи худро дар он ҷо руст мекарданд, аммо пуштҳошон дӯнг шуда баромада аз даруни охурча намоён мегардид.

Кӯбиши дар ҳанӯз давом мекард, аммо ҳеҷ кас ҷасорат намекард, ки дарро кушояд. Пас аз ором гирифтани бачагон ба даруни охурчаҳои худ, халифа рафта дарро кушод. Як одаме, ки аз ғояти ғазаб рӯю абрую ришу буруташ монанди гурбаи сагдида фах карда буд ва чашмонаш калон шуда қариб буд, ки аз косахонаашон бароянд, аз дари мактаб даромад. Ин одам мактабдор буд.

Мактабдор баробари ба мактаб даромадан аз дасти халифа, ки ҳанӯз чӯби дарози мактабдор дар дасти ӯ буд ва барои кушодани дар рафта буд, он чӯбро гирифта аввал ба сари халифа даҳ-дувоздаҳ бор қулочкашӣ карда зад.

Халифа бо бардошта шудани чӯби мактабдор монанди саги бегонаи барои ангурдуздӣ ба боғе даромада ва ба боғбон вохӯрда фарёдкунон ба ҳар тараф мегурехт. Аммо чӯби дарози мактабдор ба ҳама гӯшаҳои мактаб расо расида, сари халифаро молиш медод.

Пас аз он ки мактабдор бо задани халифа қадре ғазаби худро таскин дод, ба ҷойи худ гузашта нишаст ва маро, ки ҳанӯз дар охурчаи ӯ сурати девор будам, ба ҷойи худам гузаронид, аммо маро назад.

Баъд аз он боз чӯби дарози худро боло карда, ҳамаи бачагонро, ки ҳанӯз сарпоину пуштболо буданд, задан гирифт. Ӯ ба ҳар як чӯб ҳавола кардан понздаҳ-бист бачаро якбора мезад ва онҳо ҳам баробар:

– Тавба кардам! – гӯён фарёд мекашиданд.

Пас аз он мактабдор амр дод:

– Хонетон!

Бачагон пуштҳои чӯбхӯрдаи худҳошонро хорида-хорида сар бардоштанд ва бе он ки гӯшаи чашмҳошонро аз мактабдор кананд, сарҳошонро ба тарафи китоб ва тахтачаҳошон хам карда, ман намедонам, чиҳо буд, ки хонда фарёд мекашиданд. Ман ҳам ба онҳо тақлид карда ба тахтачаи худ сарамро хамонида ва гӯшаи чашмамро ба мактабдор дӯхта, «алиф, бе, те, се» гӯён дод мегуфтам.

Баъд аз он мактабдор халифаро ба пеши худ ҷеғ зад. Ӯ ҳам, бо вуҷуди ин ки ҳозир аз мактабдор он ҳама чӯбро хӯрда буд, бе ҳеҷ тарсу бим ба пеши ин золим омад.

Ман ба ҷасорати халифа ҳайрон шудам ва мехостам, ки ман ҳам мисли он нотарс шавам. Аммо ман ба дили худ мегузаронидам, ки агар ман ҳам монанди халифа нотарс шавам ва мактабдор маро задан хоҳад, ман мисли ин халифа аз вай нахоҳам гурехт, балки чӯбро аз дасти ӯ кашида гирифта ба сари худаш хоҳам зад. Ҳайфо, ки ҳоло хурд ҳастам ва дар дилам тарс ҳам бисёр аст.

Мактабдор ба халифа гуфт:

– Гӯй ба ман, ки киҳо ин ҳама шӯру ғавғоро барпо карданд?

Халифа ягон-ягон даҳ-дувоздаҳ бачаро номбар карда шумурд.

Бачаҳо аз хондан бозистода гӯш доданд, ки шунаванд ва донанд, ки халифа киҳоро ба мактабдор хабаркашӣ мекунад.

Аммо мактабдор ба ин кор роҳ надод ва дубора чӯби калони худро бардошта онҳоро ба ёд овард, яъне онҳоро ба хондан даровард….

Мактабдор номи гунаҳгоронро аз халифа шунида:

– Хомӯш! – гуфта фарёд кашид.

Бачагон ҳама ба якборагӣ дам истоданд.

Мактабдор бачагонеро, ки халифа ба ӯ хабаркашӣ карда буд, ягон-ягон номбар карда ҷеғ задан гирифт. Агар мактабдор ягон бачаро саҳв карда ҷеғ занад, халифа сухани ӯро тасҳеҳ мекард:

– Не, ин нест, он аст, – гӯён бачаи дигареро нишон дода ном мебурд.

Ба ҳамин тариқа даҳ-дувоздаҳ нафар бача ба пеши мактабдор ҷамъ шуданд. Инҳо ҳамагӣ аз бачагони калонсолтар буданд.

– Дарро банд! – гуфт мактабдор ба халифа.

Халифа рафта дари даромади мактабро аз дарун занҷир карда, ба зулфинаш чӯб ҳам гузаронид.

– Фаллоқро гир! – гӯён мактабдор ба халифа фармон дод.

Ман фаллоқро шунида бошам ҳам, то он вақт он чизи шумро надида будам.

Халифа ба паҳлуи мактабдор гузашта як чӯберо, ки бар болои сари мактабдор ба девор овезон буд, гирифт. Ин чӯб, ки тахминан якуним оршин дарозӣ дошт, қадре хам буда, ба ду сари он як ресмон бастагӣ буд. Он вақт ман дидам, ки фаллоқ чӣ гуна мешудааст.

– Аҳмад, боз шӯхӣ мекунӣ? – гуфт мактабдор ба як бачае, ки дар пеши ӯ дар қатори бачагони гунаҳгор рост истода буд.

– Тақсирҷон, тавба кардам, ман шӯхӣ накардаам. Муҳаммад кард, – гӯён фарёд бароварда ӯ.

Аммо мактабдор ба ин оҳу вой ва тавбаву зории ӯ нигоҳ накарда, ба бачагоне, ки дар паҳлуи ӯ рост истода буданд, нигоҳ карда:

– Пахш кунетон инро! – гуфта фармон дод.

Бачагони дигар ӯро пахш карданд ва ба амри дувуми мактабдор мунтазир нашуда ресмони фаллоқро ба пойҳои он бача гузарониданд ва ду бача аз ду сари чӯби фаллоқ тофтан гирифтанд, ба ҳадде ки ресмон ба соқи пойи бача сахт печида, магар пояш ба бурида шудан наздик расид, ки бача:

– Вой мурдам! Вой поякам! – гӯён фарёд кашид.

Бачагони дигар аз хондан бозистода, бо тарсу ларз овози ӯро гӯш медоданд. Аммо мактабдор ба ин кор роҳ надод ва бо бардошта ба сари бачагон хобонидани чӯби дарози худ бачагони дигарро ҳам ба фарёд оварда.

Онҳо бо овози баланд ба хондан даромаданд. Мактабдор як чӯби дугазиро аз даруни чӯбҳои ба пушти сараш ба девор ростистода гирифта ба дасти халифа супурда:

– Зан! – гуфта фармон дод.

Халифа бо он чӯб ба кафи пойҳои Аҳмад, ки ду бачаи дигар онро ба фаллоқ печонда бардошта истода буданд, задан гирифт.

Акнун ба фарёду фиғони Аҳмад ҳеҷ тоқат карда намешуд, аммо фарёди вай бо фарёди бачагони хонанда омехта, аз миён ҷудо намегардид. Ҳар кас, ки аз кӯча мегузашт, гумон мекард, ки бачагон бо овози баланд хонда истодаанд…

Халифа ба кафи пойи Аҳмад ба дараҷае зад, ки аз ҷоҳои чӯбрасида хун шорида чӯбро рангин кард.

Мактабдор магар бо дидани ранги хунини чӯб бошад:

– Бас! – гуфт.

Халифа аз задани Аҳмад бозистод. Фаллоқро ҳам аз пойи ӯ кушоданд ва Аҳмад манаҳи худро дошта ба халифа нигоҳи ғазабноке кард.

– Муҳаммадро гиред! – гӯён мактабдор боз фармон дод. Бачагон Муҳаммадро ҳам бо ҳамон тарз хобониданд ва ба пойҳояш фаллоқ андохта тофтанд. Ӯро ҳам халифа то ба дараҷае ки кафи пойҳояш хуншор шавад, зад.

Ба ҳамин тариқа даҳ-дувоздаҳ бачаи ба он ҷо ҷеғ зада-шударо заданд.

Аммо дили ман ба ҳоли онҳо месӯхт, зеро ҳеҷ кадоми онҳо ба бозӣ роҳбарӣ накарда буданд, ҳамаи корҳоро худи халифа карда буд ва боз худи ӯ онҳоро бардурӯғ ба мактабдор хабаркашӣ кард. Мехостам, ки ин ҳолро ба мактабдор гӯям, аммо аз халифа тарсидам.

Лекин ин раҳмхӯрии ман нисбат ба бачагони чӯбхӯрда ва ғазабам дар ҳаққи халифа бисёр дер накашид: мактабдор пас аз он ки ҳамаи бачагони ҷеғзада овардаашро занонда шуд, ба халифа нигоҳ карда гуфт:

– Ман медонам, ки ҳамаи шумиҳоро худи ту сар мекунӣ, – ва ба бачагони ҳанӯз дар он ҷо ростистода, ки поҳошонро монугир ба замин мениҳоданд ва аз озори кафи по тоқат надоштанд, ки пайваста як пояшонро ба замин ниҳода истанд, нигоҳ карда гуфт:

– Пахш кунед инро!

Бачагон ҳам, ки гӯё ба ҳамин амр мунтазир буданд, халифаро пахш карданд ва ба соқҳои пояш фаллоқро андохта тофтан гирифтанд. Халифа фарёд мекард:

– Пойҳоямро бурид, сахт натобед!

Аммо ҳеҷ кас гӯш намедод.

Мактабдор як чӯби тозаро ба дасти яке аз бачагон дода, ба задан амр кард. Он бача он чӯбро гирифта, ба кафи пойҳои халифа задан гирифт.

Бачагони фаллоқдор боз ҳам фаллоқро сахттар метофтанд. Халифа фарёд мекард, ки:

– Ҳар қадар ки занед, ихтиёр доред, аммо фаллоқро ин қадар сахт натобед!

Аммо бачагон боз ҳам сахттар метофтанд.

Пас аз он ки бачаи чӯбдаст якчанд чӯб ба кафи пойи халифа зад, мактабдор ба бачаи чӯбхӯрдаи дигаре нигоҳ карда гуфт:

– Акнун чӯбро ту гир, қарзат ба қиёмат намонад. Он бача аз бачаи аввалӣ чӯбро гирифта, боз ҳам сахттар ба кафи пойи халифа задан гирифт.

Ба ҳамин тариқа аз ҷумлаи бачагоне, ки аз халифа чӯб хӯрда буданд, якчанд нафарашон «қарзҳои худашонро» аз ӯ бо фоизаш гирифтанд.

– Акнун бас! – гуфт мактабдор.

Чӯбзан аз задан бозистод. Аммо фаллоқдорон ҳанӯз пойи халифаро сар намедоданд. Мактабдор:

– Боз чӣ мегӯед, магар ҳанӯз дилатон хунук нашудааст? – гуфт:

– Намак! – гуфт яке аз онҳо.

– Дарвоқеъ, намак! – гуфта такрор кард мактабдор. Киса ва зери кӯрпачаи худро кофта: – ба ман намак нест, ба кӣ ҳаст? – гуфт.

Ҳамаи бачагони чӯбхӯрда кисаҳояшонро кофтанд, аз кисаи як-дуи онҳо намаки кӯфтаи ба латта баста баромад.

– Пошед! – гуфт мактабдор. Ба ҷойҳои кафида хун баромадаи кафи пойҳои халифа намаки сударо пошида, бо дастҳошон молиш доданд.

Акнун халифа чун гов бонг мезад:

– Сар диҳетон! – гуфт мактабдор.

Бачагон фаллоқро чаппа тоб дода пойҳои халифаро аз ресмон сар доданд. Халифа чашмони гиряолуди худашро бо остинаш пок карда лангон-лангон ба ҷояш рафта нишаст.

Бачагон ҳоло ҳам бо овози баланд баробар фарёд мекарданд, яъне мехонданд.

Мактабдор чӯби дарози худро бардошта, пас аз он ки боз як бор пушту гардани бачагонро молиш дод:

– Хомӯш! – гуфт.

Бачагон хомӯш истоданд, мактабдор гуфт:

– Фардо ҳамаатон ҳаштпулӣ пули бӯрё биёретон, ки имрӯз ҳамаи бӯрёҳо даридааст.

Ҳамаи бачагон:

– Мебиёрем, мебиёрем! – гуфта овоз баланд карданд.

– Озод! – гуфт мактабдор.

Бачагон чун гурӯҳи гунҷишкон, ки аз калхот мегурехта бошанд, якбора аз ҷойҳояшон ҷаста ба тарафи дар давиданд. Дар ҳанӯз баста буд. Халифа ҳам ба оҳистагӣ аз ҷояш хеста, лангон-лангон ба таги дар омада дарро кушод, аввал худаш баромад, бачагони дигар ҳам аз паси ӯ якдигарро пахш карда, тела дода баромаданд, аз ҳама пастар ман баромадам.

Ҳамаи бачагон ба пеши мактабхона тӯда шуда истоданд. Халифа ба онҳо нигоҳ карда:

– Салом! – гуфт.

Ҳамаи бачагон бо як овоз:

– Ассалому алайкум! – гӯён фарёд кашиданд.

Бачагон ба ҳар тараф пароканда шуда гурехтанд. Аммо бачагони чӯбхӯрда бо халифа ба паскӯчаи пушти мактаб, ки роҳи ҳавлии мо буд, баргаштанд. Халифа ба онҳо гуфт:

– Фардо иштибозӣ ва бедонабозӣ. Тайёр шуда оед!

– Дуруст! – гуфтанд бачагони дигар ва инҳо ҳам рафтанд.

Мо имрӯз аз мактаб озод шуда будем. Ман дар умри худ ду озодиро дидам: яке соли 1917, дар вақте ки чилудусола будам, аз зиндони амир баъд аз ҳафтоду панҷ чӯб хӯрдан, дувум дар вақти шашсолагиам, он рӯзе, ки аз мактаб озод шуда будам. Аммо ба назари ман ҳар дуи ин озодӣ ҳам аз якдигарашон ширинтар менамуданд.

III

Ман ба хона рафтам, баробари дидани модарам гиря карда сар додам. Модарам ҳарчанд мегуфт:

– Чӣ шуд ба ту, чаро гиря мекунӣ? – ман чизе ҷавоб гуфта наметавонистам. Охир, аз куҷо буд, падарам пайдо шуд. Ӯ аз модарам зиёдтар шиддат карда пурсид;

– Зуд гӯй, ба ту чӣ шуд, вагарна гӯшатро мебурам?

Ман дар ҳолате ки гиря гулуямро гирифта буд, ҳиққосанон гуфтам.

– Бачаҳо бо якдигар ҷанг карданд.

– Бачаҳо бо якдигар ҷанг карда бошанд, ба ту чӣ? – гуфт

падарам. – Ту, ки ҷанг накардаӣ ва касе ҳам туро ҷанг накардааст, пас чаро гиря мекунӣ?

– Домулло[1] онҳоро зад.

– Хуб кардааст, бачагони ҷангараро мезананд.

– Ман мактаб намеравам.

– Номаъқул кардӣ, – гуфт падарам бо шиддат ва пас аз қадре хомӯш истодан:

– Чаро мактаб намеравӣ? – гуфта пурсид садои худро нармтар карда.

– Домулло маро мезанад.

– Ҳад надорад, зада наметавонад, агар туро занад, ман гӯши ӯро мебурам, – гӯён падарам аз кисаи худаш кордчаашро бароварда нишон доду гуфт:

– Ин аст кордча, – ва такрор кард. – Агар домулло туро занад, бо ҳамин кордча гӯшашро мебурам!

Ман аз ин сухани падарам гӯши бурида ва хунолуди мактабдорро, ки ӯро хеле бад дида будам, ба хотир оварда хеле шодмон шудам, ҳатто ба дили худ гузаронидам, ки: «Майлаш, як бор мактабдор занад ва ман омада ба падарам хабар диҳам, ин ҳам рафта гӯши ӯро бураду ман тамошо кунам».

Аммо боз тарсидам, зеро то он вақт чӯби сахт нахӯрда будам, вақте ки чӯби мактабдорро дар ҳолате ки ба поям расида истодааст, ба хотир меовардам, кафи пойҳоям хоришкунон сӯзиш мекард, дилам ба пушт мекашид ва нафасам тангӣ мекард. Аз баҳри ин тамошо, яъне бегӯш дидани мактабдор гузаштанӣ шудам. Аммо инро ҳам дилам қабул намекард. Зеро ки дар ҳамсоягии мо як хари гӯшбурида буд, вақте ки соҳибаш он харро савор шуда мебаромад, бачагон:

– Хараш бегӯш-а, хараш бегӯш-а, – гӯён чапакзанон қиғос мекашиданд. Ман, ки ин шавқу завқи бачагонро дида будам ва худам ҳам бо дидани он ҳол хеле шодмон мешудам, гумон мекардам, ки бачагон ин мактабдорро, ки онҳоро ин ҳама мезанад, агар бегӯш бинанд, на монанди имрӯза бозӣ

[1] Бачагон мактабдорро домулло мегуфтанд ва ман ҳам ба онҳо тақлид карда аввалин бор ин калимаро ба забон оварда будам (шарҳи нависанда).

мекунем гуфта якдигарро мезананд, балки шодикунон мактабдори бегӯшро тамошо хоҳанд кард. Ба ин тамошо дили ман хеле моил буд. Як тадбир ба хотирам расид, ки агар он тадбир ба амал меомад, ман бе ин ки худам чӯб хӯрда бошам, мактабдорро гӯшбурида медидам ва ба ин мулоҳиза ба падарам гуфтам:

– Агар аввал рафта гӯши домуллоро набуред, ман мактаб намеравам.

Ӯ гуфт:

– Ман ҳам курра гирифта намедиҳам.

Оҳ, курра!... Он чӣ қадар чизи зебост, агар ба гардани вай гарданбанди сурхи пӯпакдори зангӯланок бандам, боз чӣ қадар зебо хоҳад шуд. Вақте ки ба вай савор мешавӣ, гӯши худро сих карда думашро бардошта ва пойҳои пасашро ба ҳар тараф ҳаво дода медавад, дар он вақт ту на ба болои хар, балки гӯё ба ҳаво парида абрҳоро савор шуда сайр карда истода бошӣ!

Хаёли ширини ин гуна хар ҳамаи душвориҳои мактабро ба ман осон кард, ман аз гарданшахии худ фуромадам, валекин боз аз падарам як чиз рӯёнданӣ шуда гуфтам:

– Агар курраи гарданбанднок, пӯпакдор гирифта доданӣ шавед, майлаш, мактаб меравам.

– Боракалло, писарам! – гуфт ӯ. – Ту ба мактаб гиря накарда рав, ҳама чизро гирифта медиҳам.

Ман чашмони худро пок карда, пас аз як даҳан нонро ба даст гирифтан ба рӯйдарича баромада аз паттаи бед як чӯб ҳам шикаста гирифтам, ба як девори якпохсагӣ, ки падарам ба рахнаи рӯйдарича зада буд, савор шуда он чӯбро ба худам халачӯб қарор дода, он деворро хар фарз карда:

– Хих, хих!... гӯён ҳай кардан гирифтам. Албатта девор роҳ намерафт, бо вуҷуди ин ман орзуи харро бо девор шикаста, дили худро хуш мекардам.

IV

Рӯзи дуюм аввали пагоҳӣ ман ба мактаб рафтам, ки дар он ҷо ғайр аз мактабдор каси дигаре нест. Ба вай салом дода, хостам ба ҷойи ба ман таъйинкардааш гузашта нишинам.

Ӯ ба ин хоҳиши ман роҳ надода гуфт:

– Пули бӯрё овардӣ?

– Не, аз ёдам баромадааст.

– Ту, ки пули бӯрёро аз ёд барорӣ, чӣ гуна мулло мешавӣ? Зуд дав, аз падарат ҳашт пул пули бӯрё биёр.

Ман тахтачаамро ба болои синҷи пеши худам гузошта, аз мактаб бозгашта баромадам.

Ҳанӯз дур нарафта будам, ки маро мактабдор:

– Садриддин! – гӯён ҷеғ зад.

Пас гашта даромада рӯ ба рӯйи мактабдор ба ӯ чашм дӯхта истодам.

– Даст пеш гир! – гуфт ӯ бо оҳанги қадре нохушнудона.

Ба ин фармони ӯ амал карда даст пеш гирифтам, лекин ба шубҳа афтода аз ӯ чашм канда ба чӯбҳои паси сари ӯ рост-истода нигоҳ кардам. Ӯ ҳам дасташро ба чӯб дароз кард. Ман аз тарси он ки маро хоҳад зад, бо як ғайрати бехудона:

– Агар шумо маро занед, падарам гӯшатонро мебуранд! – гӯён фарёд кашидам. Ӯ хандиду:

– Не, туро намезанам, агар шӯхӣ накунӣ, ҳеҷ намезанам, – гуфт.

Ман аз хандаи ӯ осуда шуда мунтазири фармони дуюми ӯ гардидам.

Чӯбҳои кӯтоҳро гирифту ба дасти ман дода гуфт:

– Инҳоро бар, ба ҳавзи масҷид парто, баъд ба хонаатон рафта аз падарат пули бӯрёро гирифта биёр.

Ман, аз як тараф, барои дур шудани чӯбҳо аз мактаб ва, аз тарафи дигар, барои хандаи мактабдор хурсанд шуда давидам, ба тарзе ки поям ба замин намерасид. Аввал чӯбҳоро ба ҳавз бурда партофтам. Пас аз он ба хона рафта, аз падарам, ки ба чархи осиётарошӣ даромада буд, пули бӯрёро талаб кардам.

– Чанд пул даркор будааст? – гуфт ӯ.

– Ҳашт пул.

Кисаашро кофта ҳашт пули сиёҳ шумурда ба дасти ман дод. Ман аз дуконхонаи падарам баромада ва боз пас гашта ба падарам гуфтам:

– Домулло ба ман ханда кард, туро намезанам гуфту чӯбҳоро ҳам ба ман дод, ки ҳавз бурда партофтам.

– Хуб, хуб. Зуд рав, сабақатро такрор кун, – гуфт ӯ.

Давон-давон боз ба мактаб омадам. Акнун як қисми бачаҳо ҳам омада буданд ва мактабдор ба ҷамъ кардани пули бӯрё машғул буд, ман ҳам пули аз падарам гирифтаро бурда ба мактабдор доданӣ шудам. Аммо дастонамро болои ҳам бар синаам монда, бе он ки дастамро дароз кунам, пулро ба кафи дастам ва дар хами ангуштонам нигоҳ дошта ба ӯ нишон додам.

Ӯ боз хандида:

– Боракалло, акнун баодоб шудӣ, – гуфт ва илова кард: – Дар вақти пул додан дастатро пеш нагирӣ ҳам мешавад.

Ман аз ин гузашти мактабдор ба ҷасорат омада, бе он ки дасти чапамро аз сари синаам бардорам, бо дасти ростам пулро дароз кардам.

Мактабдор пулро аз дасти ман гирифт ва маро:

– Илоҳӣ, калон шавӣ, мулло шавӣ! – гӯён дуо ҳам кард.

Ман ба дили худ гузаронидам, ки «мактабдор он қадар ҳам бад набудааст, чӯбҳоро аз мактаб дур кард ва ба бадали пуле, ки барои бӯрёи мактаб гирифт, дар ҳаққи ман дуо ҳам кард».

Мактабдор боз ба пулҷамъкунии худ даромад, ҳар бачае, ки пул наоварда буд, ӯро боз ба хонааш барои пул овардан пас мефиристод. Баъзе бачагон дубора ҳам пул намеоварданд ва ҳамин қадар хабар меоварданд, ки падарашон ваъда кардааст рӯзи бозор пул диҳад.

Мактабдор ба муқобили онҳо мегуфт:

– Ман ҳам то ҳамаатон пул наёваред, бурё намехарам ва ин бӯрёҳои куҳна ва даридаро барои сӯхтан ба таҳоратхона мефиристонам, шумо ба замин менишинед ва барои бозӣ хас ҳам намеёбед.

Бо ин сухани мактабдор бачаҳои пуловарда онҳоеро, ки пул наёварда буданд, нихта мезаданд:

– Магар барои ҳашт пул падарат мемурд? Биёр-дия!

Он бача ҳам:

– Рӯзи бозор гуфтам-ку! – гӯён гиря мекард. Ман ҳам ба дили худ падари он бачаро хасис ва сахтдаст мешумурдам ва он вақт намедонистам, ҳашт пул, ки баробари ду тин аст, чӣ қадар қурбу манзалат дошт ва ёфтани он барои камбағалон чӣ

андоза душвор буд. Ҳоло дар хотир дорам, ки ҳамон рӯзҳо ба хонаи мо меҳмон омада буд ва падарам ба ман як танга, ки 64 пул ҳисоб меёбад, бо як халта дода, ба ҳавлии Ширинбойи биринҷфурӯш, ки ҳамдеҳаамон буд, фиристод ва гуфт:

– Ин пулро бурда деҳ, ӯ чоряк биринҷ медиҳад. Аммо ширбиринҷ мепазем нагӯй, ки биринҷи паст медиҳад. «Чӣ мепазетон?» гуфта пурсад, ош гӯй мон, аммо нагӯй, ки чӣ ош мепазем.

Акнун фикр мекунам, ки вақте ки ба шасту чор пул ду чоряк, яъне чор кило биринҷи нағз диҳанд, ба ҳашт пул ним кило биринҷ мешавад, ки ин хеле пули калон будааст.

Хулоса, бо ҷанҷоли пулғундорӣ рӯз чоштгоҳ шуд ва мактабдор ҳам:

– Хезетон, чойхӯрак! – гуфт.

Бачагон гуррос зада аз ҷо хестанд ва аз дари мактаб баромада мисли дирӯза, пас аз салом додан, хона ба хона пароканда гардиданд.

Ман ҳам ба хона рафта хӯрок хӯрда, қадре гурбаи худро бозӣ кардам ва боз ба мактаб омадам. Мактабдор ҳанӯз дар мактаб буд, бачагон ҳам акнун ягон-ягон баргашта меомаданд.

Бачаҳо ҷамъ шуданд, мактабдор:

– Хонетон! – гӯён чӯби дарози худро бардошт. Ҳама ба фарёд даромаданд ва ман ҳам «алиф, бе, те, се» гӯён дод мегуфтам.

Мактабдор ба халифа нигоҳ карда:

– Сабақ деҳ! – гуфт.

Халифа аз зарби чӯби дирӯза лангон-лангон хеста бо навбат пеши ҳар бача нишаста ӯро сабақ медод.

Имрӯз ба сабақи ман худи мактабдор мутасаддӣ шуда, маро рӯ ба рӯйи худ нишонид ва тахтачаро ба пешам гузошта:

– Сабақатро хон! – гуфт.

Ман бе он ки ба тахтача нигоҳ кунам:

– Алиф, бе, те, се, – гуфтам.

– Дуруст, боракалло! – гуфт мактабдор ва худаш дар вақте ки ба хатнависӣ машғул буд:

– Поёнашро хон, «ҷим, ҳе, хе» гӯй, – гуфт.

Ман аз забони мактабдор гирифта ҳамчунон ба рӯйи чиркини пажмурда ва чашмони бенури обрав ва риши бузвораш, ки дар вақти гап задан баробари ҷунбидани манаҳаш болопоин мерафт, нигоҳ карда, он ҳарфҳоро гирифта такрор мекардам.

Пас аз он ки мактабдор ин гуна талқин кард ва ман такрор намудам, гуфт:

– Акнун худат хон!

– Алиф, бе, те, се, – гуфтам ман.

– Не, – гуфт ӯ, – поёнашро хон!

Аммо ман намедонистам, ки болои инҳо кадом асту поёнаш кадом аст. Бинобар ин, дар ҳолате ки ҳоло ҳам башараи мактабдорро тамошо мекардам, даст пеш гирифта истодам.

– Поёнашро хон, мегӯям! – гуфта мактабдор шиддат кард. Худи ӯ ҳоло ҳам ба хатнависӣ машғул буд, пас аз он ки ӯ хатҳои навиштаи худро ба ҷузгираш ба болои он хатҳое, ки аз пагоҳ боз менавишт, гузошт, ба ман нигоҳ карда қадре хомӯш истод ва гуфт:

– Ту бачаи бисёр кундзеҳн будаӣ, ман ҳамин қадар ёд додам, ҳанӯз ёд намегирӣ?

– Чиро ёд додед? – гуфтам ман.

– Ҷим, ҳе, хе-ро, – гуфт ӯ.

– Инро медонам, – гуфтам ман ва такрор кардам:

– Ҷим, ҳе, хе, – ва илова кардам: – Инҳоро медонам, аммо поёнашро намедонам.

– Поёнаш ҳамин аст, боракалло, рав, ба ҷоят нишин, хондан гир! – гуфт.

Ман ҳам ба ҷойи худ рафта «ҷим, ҳе, хе» гӯён ба такрор даромадам. Лекин ҳоло ҳам чашмамро аз афту андоми мактабдор, хусусан аз риши бузвори он намекандам. Дар вақте ки чашмони худро нимпӯш карда, хомӯш истода хат менавишт, риши ӯ ба ман хеле аҷиб менамуд ва риши бузи худамонро ба ёдам меовард.

Пештар мо як буз доштем, худам ӯро чаронда хеле фарбеҳ карда будам. Зимистони сахт омад, ҷӯйҳо ях бастанд, осиёҳо хобиданд ва чархҳои осиёи падарам тарошидаро ҳам касе нахарид. Қариб ду моҳ падарам пул намеёфт, ки гӯшт

бихарад. Оқибат ҳамон бузро куштанӣ шуд, ман розӣ нашудам, доду бедод кардам. Аммо падарам ба оҳу войи ман нигоҳ накарда, кордро тез карда, бузро хобонда пойҳояшро баст ва модарам пойҳои бузро нигоҳ дошта истод, падарам ҳам вайро сар бурид.

Ман ҳамчунон гиря мекардам ва ба буз нигоҳ мекардам. Буз дар вақте ки чаккак зада ҷон меканд, ришаш, чунонки риши мактабдор дар вақти гап заданаш меҷунбид, ҳаракат мекард. Вақте ки буз тамоман мурд ва падарам сари ӯро тамоман аз танаш ҷудо карда партофт, ман он сарро бардошта хеле дӯстдорикунон тамошо карда будам. Чашми буз нимкоф буд, ришаш ба пеш хеста истода буд. Мактабдор, ки ҳоло хомӯш меистод, ришаш ба риши он бузи мурдаи ман монандӣ дошт. Ман аз дидани ин ҳол он бузи худро ёд кардам, хеле андуҳгин шудам, бо вуҷуди ин ҳам «ҷим, ҳе, хе» гӯён такрор мекардам…

Дар ин вақт касе ба пеши даричаи мактаб, ки дар тарафи даруни он мактабдор менишаст, омада дарро тақ-тақ кард.

Мактабдор «кист?» гӯён коғазгирашро кушод.

Он кас намоён шуд. Ин як зан буд. Ба сари худ чашмбанд ва фаранҷӣ дошт. Ба мактабдор як танга дароз карда гуфт:

– Ин назрро гиред, дуои дарди сар, дуои дарди дандон, дуои дарди чашм ва дуои кушоиш диҳед ва бачагонро ҳам имрӯз озод кунед.

– Ба як танга чор дуо? Боз бачаҳоро озод кунам? Ин намешавад, ҳеҷ набошад, боз як тангаи дигар диҳед, – гуфт мактабдор.

– Ман аз роҳи дур, аз Обкена омадам, – гуфт он зан, – маро ҳамсояамон Шарофбой, ки занаш зоида натавониста дарди сахт кашида истодааст, як танга дода барои дуои кушоиш фиристоданӣ шуд, занони ҳамсоягони дигар ҳам, ки ҳар кадом дардманд буданд, барои дардҳои худ дуо фармуданд ва «ҳар вақт пул ёбем, назри дуомуллоро медиҳем, бурда медиҳӣ» гуфтанд. Ман ҳам аз барои савоб ба ин қадар роҳ пойи пиёда омадам. Шумо дуоҳоро диҳед, боз ҳар вақт онҳо пул диҳанд, оварда медиҳам. Ҳоло аз барои ризои Худо бачагонро озод кунед.

Мактабдор як тангаро гирифта, ба кисааш андохт ва аз он хатҳое, ки пагоҳ боз менавишт ва ҷузгираш ҳам аз онҳо пур буд, чор донаашро ба занак дод.

– Кадоми ин дуоҳо ба кадом дард аст? – гуфта он зан пурсид.

– Инҳо дуоҳои ҳамабобанд, – гуфт мактабдор, – кадомашро, ки ба кадом касал диҳед, як ба як шифо меёбад.

Занак дуоҳоро гирифта аз ҷояш хест. Мактабдор ҳам имрӯз «барои ризои Худо» бачагонро озод кард.

Рӯзи дигар мо ба мактаб омадем. Ҳанӯз чойхӯрак нашуда будем, ки ба дари мактаб як саворӣ омада:

– Домулло, домулло! – гӯён мактабдорро ҷеғ зад ва мактабдор, бе ин ки аз мактаб барояд ва ё даричаашро кушояд:

– Ҳа, чӣ мегӯед? – гуфта садо дод.

– Дар Обкена ҷаноза, зани Шарофбой мурд! – гӯён аспашро ба як тарафи дигар ҳай карда рафт.

Мактабдор саросема шуда саллаашро аз сар гирифта ба замин монда, магар барои таҳорат кардан бошад, берун баромадан гирифт.

– Дуотон нафъ накардааст-дия, домулло, зани Шарофбой мурдааст-ку, – гуфт тамасхуркунон ба ӯ халифа.

– Шаккокӣ накун! – гуфт ба ӯ мактабдор. – Дуо нафъ накардан надорад, ӯ аз беихлосии худаш мурдааст. Агар ихлос медошт, халос мешуд, «ихлосу халос» гуфтаанд. – Ба бачагон нигоҳ карда:

– Шумоҳо чойхӯрак! – гӯён берун баромада рафт. Бачаҳо ҳам барои чойхӯрак пароканда шуданд. Ман ҳам рафтам….

Пас аз як соат боз ба мактаб омадам. Бачаҳои дигар ҳам ҷамъ шуданд.

– Бачаҳо, як маслиҳат, – гуфт халифа.

– Чӣ маслиҳат? – ҳама бо як овоз пурсиданд.

– Мо ҳар бозие, ки кунем, ҳеҷ кас ба домулло хабар надиҳад, аз болои касе хабаркашӣ накунад, – гуфт халифа.

– Аввал худатро саришта кун, – гуфт ба ӯ яке аз бачагони калон, ки бо хабаркашии халифа аз мактабдор чӯб хӯрда буд.

– Минбаъд шумо ҳам хабар надиҳеду ман ҳам хабар намедиҳам! – гуфт халифа ба бачагони калон ва ба ман нигоҳ карда:

– Ту ба падарат ҳам хабар надеҳ, – гуфт, – падарат иғвогар аст, як рӯз ман аз дарахти шумоҳо зардолу дуздида будам, ҳам ба домулло хабар дод, ҳам ба падарам. Ҳар дуи онҳо ҳам маро заданд.

– Не, хабар намедиҳам. – гуфтам ман.

– Агар хабар диҳӣ, – гуфт ӯ, – туро ба бачаҳо фармуда хармурд мекунонам!

– Не, хабар намедиҳам! – гуфта боз такрор кардам. Ман аввал бор рӯякӣ «хабар намедиҳам» гуфта бошам ҳам, ин бор ваъдаам ҷазмӣ буд. Зеро ман аз хармурд бисёр метарсидам.

Як бор маддоҳе омада ба деҳаи мо маърака гирифт. Калонони деҳа ба деҳаи ҳамсоя барои тӯй рафта буданд. Ба маъракаи маддоҳ ғайр аз ҷавонон ва бачагон дигар кас ҷамъ нашуд.

Маддоҳ ҳикоят сар кард. Вақте ки ҳикояти ӯ ба ҷойи ширинаш расид, талаб андохт:

– Ҳар кас ҳар чӣ хоҳад, нон, пул, харбуза, тарбуз, ғӯлунг, мавиз оварда диҳад, пас аз он боқимондаи ҳикоятро мекунам, – гуфт.

Бачагон ва ҷавонон ба хонаашон давиданд ва ҳар кас як чиз оварда ба маддоҳ дод, ман ҳам рафта аз модарам як мушт ғӯлунг гирифта оварда ба маддоҳ додам.

Маддоҳ[1] ҳамаи чизҳои ҷамъшударо ба хӯрҷинаш андохта, ба хараш бор кард ва:

– Бақияи ҳикоятро ҳафтаи оянда омада мегӯям, – гуфта ба хараш савор шуданӣ шуд.

Ҳарчанд ҷавонон:

– Бақияашро ҳам ҳозир гӯед, агар чиз кам ҷамъ шуда бошад, боз меорем, – гуфта зорӣ карданд, ӯ қабул накард ва ба хараш савор шуд.

Дар ин вақт яке аз ҷавонон:

– Хармурд! – гуфта овоз баровард. Ҳама якбора:

– Хармурд, хармурд, хармурд! – гӯён ба маддоҳ часпиданд ва ӯро аз хараш ба замин гардонда фуровардан ва задан гирифтанд. Маддоҳ:

---

[1] **Маддоҳ** – ин ҷо: касе, ки ҳодиса ва воқеаҳоро бо обу ранги махсус нақл мекунад.

– Вой мурдам, монед, ҳикоятро мегӯям, – гуфта фарёд мекард.

– Аз ҳикояти шумо ҳам хармурди шумо тамошои хуб дорад, – гӯён боз ҷавонон ӯро мезаданд.

Охир маддоҳ суст шуд, акнун тоқати фарёд кашиданаш ҳам намонд.

– Акнун ба об меғӯтонем, – гуфт яке аз ҷавонон, – бардоред!

Ҳама ба якбора маддоҳи нимҷоншударо ба рӯйи даст бардоштанд ва ба ҷӯйи Мазрангон, ки аз даруни деҳаи мо мегузарад, андохтанд ва пас аз ба об ғӯтонидан боз ӯро кашола карда баровардand. Саллаи маддоҳ аз сараш ба об афтода буд, ки вайро ҳам яке аз ҷавонон як дарахтро дошта истода ба ҷӯй хам шуду гирифта баровард.

Саллаи маддоҳро ба хӯрҷинаш андохтанд ва худашро ҳам бо ҳамон ҷома ва либосҳои тараш ба хараш савор карданд ва харашро ба роҳ андохта аз пасаш як чӯб ҳам заданду:

– Рав, дафъ шав, худат пеш-пешу ҳикоятат аз пушт! – гуфтанд.

Ман аз ҳамон ҳодиса боз аз «хармурд» метарсидам, бинобар ин аз таги дил ба халифа:

– Бозиро ба падарам хабар намедиҳам, – гуфтам.

– Акнун иштибозӣ[1], – гуфт халифа.

Магар бачагон ин бозиро пеш аз ин ба даруни мактаб чандин бор карда буданд, ки даррав аз ҷойҳояшон хеста бӯрёҳои даридаро ба як тараф ғундошта хоначаҳои иштиро канданд….

Бозӣ сар шуд, дар миёна хеле донак бурду бой ёфт, бачагони ҳунарманд бачагони содаро фиреб доданд, бачагони пурқувват бачагони камқувватро зада донакҳошонро гирифтанд. Боз занозанӣ, гиряву зорӣ, ҷомадаронӣ сар шуд.

Яке аз бачагон ба ман омада чақид:

– Ё бозӣ кун, – гуфт ӯ, – ё туро дар миёна гирифта каллакӯбак мекунем.

Ман на иштӣ доштам, на донак ва на иштибозиро медо-

[1] **Иштӣ** – чизи лӯндаест, ки барои бозӣ аз оҳан, қӯрғошим ё санг тайёр мекунанд.

нистам. Модарам ҳеҷ гоҳ ба ҷома ва куртаи ман киса намекард:

– Бачаи кисадор дузд мешавад, – мегуфт ва барои рӯйрост бардошта гаштани асбоби бозӣ рухсат ҳам намедод. Бинобар ин ман он вақтҳо ҳеҷ гуна бозиро намедонистам.

Аммо аз каллакӯбак ҳам метарсидам, зеро ин як бозӣ ё шӯхии бисёр бад буд. Чанд бача як бачаро дар миёна гирифта, сари ӯро бараҳна карда, бо нӯги нохунҳошон, чунонки эзор-сурхак дарахтро нӯл мезанад, мезаданд.

Ман ҳайрон шудам, ки чӣ кор кунам ва аз каллакӯбаки бачагон бо кадом роҳ халос шавам. Ҳарчи халифа ба фарёди ман расид:

– Монетон ӯро ба ҳоли худаш, – гуфт, – падари ӯ бисёр одами бад аст.

Ҳарчанд «бад» гуфтани ӯ падарамро дар дили ман сахт расида бошад ҳам, барои халос шудани ман аз ин гуна маҳлакаҳо[1] халоскор ёфт шуда буд: баъд аз он ҳар вақт, ки ба сабаб ё бе сабаб бачагон ба ман мечақиданд, ман ба халифа фарёд мекардам:

– Ё бачагонро саришта кун ё ин ки бозиҳоятонро ба падарам мегӯям.

Халифа ҳам дарҳол бачагонро аз чақидан ба ман бозмедошт. Халифа пас аз он ки чӯби дарози мактабро гирифта, бачагонро як қатор зада ҷанҷоли иштибозиро бартараф кард:

– Акнун бедонабозӣ, – гуфт.

Аммо ба ин бозӣ бачагон бисёр рағбат накарданд. Зеро, ғайр аз худи халифа ва як бачаи дигар, бачагони дигар бедона надоштанд.

Аммо халифа илоҷи ин корро ҳам ёфт:

– Мо ҳар ду бедонаҳоямонро ҷанг меандозем, шумоҳо бологарав монетон, – гуфт.

Аммо барои бологаравмонӣ ба бештарини бачагон пул набуд, донак ҳам дар бурду бойи иштибозӣ тамом шуда буд. Гуфтанд:

– Набошад, мо рафта аз хонаҳомон донак меорем.

---

[1] **Маҳлака** – ҳодисаҳои хатарнок ва душвориовар.

Халифа қабул кард. Бачагон ҳам ба тарафи хонаҳошон нигоҳ карда давиданд.

Халифа то омадани бачагон ба бачагони дар мактаб монда иштихонаҳоро гӯронда, бӯрёҳои даридаро ба ҷойҳошон паҳн карда, аммо аз миёнаҷойи охурчаи дар миёнаи мактаб буда як қадар заминро доиравор кушода монд.

Бачагон омаданд, бедонабозӣ ҳам сар шуд.

Халифа бо як бачаи бедонадори дигар дар гирди доираи заминаш кушода рӯ ба рӯйи якдигар нишастанд. Дар паҳлуҳои онҳо бачагони дигар ҳам нишастанд. Он бачагон, ки барои нишастанашон дар гирди доира ҷой набуд, дар гирдогирди бачагони нишаста рост истоданд.

Халифа ва он бачаи бедонадори дигар аз бағалашон, ки аз рӯйи курта миёнашонро баста бедонаҳошонро дар он ҷой дода буданд, онҳоро баровардand.

Аввал нӯли бедонаҳошонро лесиданд, пойҳои бедонаҳоро ёзонда ба панҷаҳояшон ҳам оби даҳон молиданд, ба зери болҳояшон ҳам оби даҳон заданд…

Халифа ба он бача гуфт:

– Чанди ману чанди ту?

– Бисти ману бисти ту, – гуфт ӯ.

– Сии ману сии ту.

–Панҷоҳи ману панҷоҳи ту.

Оқибат бозӣ ба «сади ману сади ту» қарор ёфт. Яъне бедонаи ҳар кас гурезад, ба тарафи муқобилаш садта донак медод.

– Шумо ҳам бологарав монетон, – гуфт халифа ба бачагони дигар.

Бачагони дигар яке аз болои бедонаи халифа, яъне «бедонаи халифа зӯр мебарояд» гуфта, дигарӣ аз болои бедонаи они дигар, яъне «аз они ӯ зӯр мебарояд» гуфта ду ба ду гарав бастанд. Онҳо ҳам ҳар кас мувофиқи ҳоли худ бо «даҳи ману даҳи ту» ё «панҷоҳи ману панҷоҳи ту» ё ин ки «сади ману сади ту» бологарав гузоштанд.

Гаравбандӣ тамом шуд. Халифа ва он бачаи дигар бедонаҳошонро ба маърака[1] сар доданд. Ҳар ду бедона панҷа-

[1] Давраи бедонабозӣ, мурғбозӣ, гӯштингириро «маърака» меноманд (шарҳи нависанда).

ҳошонро кушода, гарданҳошонро ёзонда ба ҷанг даромаданд. Ин ба каллаи он мезад, он аз гӯши ин мекашид. Яке нохунҳои худро хезонда чашми дигариро нишон мегирифт, дигарӣ аз гардани они дигар газида мехост, ки ба замин ғелонад…

Дар андак вақт сару рӯйи бедонаҳои бечора хуншор шуд. Аммо ҳеҷ кадоми онҳо нагурехт. Ҳарифҳо бедонаҳошонро гирифта боз хору мол карданду боз ба ҷанг сар доданд, боз бедонаҳо ҷанги худро давом доданд. Вақте ки ба ҳамин тариқа ду-се бардор ҷанг карданд, бедонаи тарафи муқобили халифа «ҳушт» гӯён гурехт ва бедонаи халифа онро ба ҳар тарафи доира пеш мекард.

Як қиғосест, ки аз тарафи бачагон баромад! Чапакзаниҳо, ҳуштаккашиҳо, чиртакҳаводиҳиҳо сар шуд…

Дар ҳамин вақт мисли балои ногаҳонӣ мактабдор омад. Магар бачагон имрӯз аз хонаашон донак оварда бетадбирӣ карда дари мактабро аз дарун набаста будаанд, ки мактабдор бе ҳеҷ гуна даркӯбӣ ба мактаб даромада тавонист.

Бачагон чунон саргарми ҷӯшу хуруш буданд, ки то ба мактаб даромада чӯби дарозро ба дасти худ гирифта ба сари бачагон кӯфтани ӯ ҳеҷ кас хабардор нагардид. Танҳо ман будам, ки дар берунтари маърака истода як чашмамро ба бозӣ дӯхта бошам ҳам, чашми дигарамро аз дар намекандам. Бинобар ин бо намоён шудани риши бузвори мактабдор оҳиста омада ба ҷойи худ нишаста будам.

Мактабдор пас аз он ки аз чӯбзанӣ монда шуд, омада ба ҷойи худ нишаст ва ба ман:

– Ту бачаи баақл ҳастӣ, – гуфт.

Бачагони дигар ҳам ба ҷойҳои худ ором гирифтанд. Халифа рӯ ба рӯйи мактабдор рост истод. Ӯ магар умед мекард, ки мактабдор боз аз ӯ номгӯи «гунаҳгорон»-ро хоҳад пурсид. Аммо ин умеди ӯ бечо баромад ва мактабдор аз ӯ чизе напурсида:

– Рав, аз ҳавз чӯбҳои дирӯз ба об партоёнда мондаамро биёр, хуб об гирифта барои адаб додан ба шумоён соз шудагистанд.

Халифа рафт, ҳамаи бачагон чун барги бед меларзиданд,

танҳо ман будам, ки бо «ту бачаи баакл ҳастӣ» гуфтани мактабдор осуда шуда будам.

Халифа чӯбҳоро оварда ба пеши мактабдор партофт. Мактабдор ҳам бе ҳеҷ ҷавобу савол:

– Аввал худи инро хобонед! – гуфта ба бачагони дигар амр дод.

Якчанд бачаи калонтар пеш омада, халифаро рӯйболо ба замин хобонданд ва фаллокро ҳам ба пойҳояш андохта печонда кафҳои пояшро барои чӯбзанӣ соз карда нигоҳ доштанд.

Ман дидам, ҳанӯз ҷароҳатҳои дирӯзаи кафи пойи ӯ намоён буданд, ки рӯйи онҳо шух баста буд.

– Зан! – гуфта амр дод мактабдор.

Яке аз бачагон яке аз он чӯбҳоеро, ки худи халифа оварда буд, аз замин гирифта ба пойи халифа зад. Лекин бо як задан он чӯб шикаста пора шуд. Бача чӯби дигарро гирифт, он ҳам бо задани аввалӣ шикаст. Ба ҳамин тариқа ҳамаи чӯбҳо бе он ки ба пойи халифа озоре расонанд, шикаста пора шуда ба замин афтоданд.

Мактабдор оташин шуда, шикастаи чӯбро гирифта аз назараш гузаронид ва гуфт:

– Чӯбҳои ман ба ҳавз фиристодагӣ чӯбҳои тут буданд, ки хусусан баъд аз як шаб ба об хобидан ҳеҷ намешикастанд. Ин бадкирдор он чӯбҳоро наёварда, химчаҳои хушкидаи бедро ба об як ғӯтонида гирифта овардааст, – ва:

– Рав, он чӯбҳои худамро аз ҳавз биёр! – гуфта ба бачаи чӯбдаст амр дод.

Он бача рафт, халифа ҳамчунон пой ба фаллоқ меистод.

– Дар ҳавз чӯб нест! – гуфта омад он бача.

– Маълум мешавад, ки, – гуфт мактабдор, – ин бадкирдор он чӯбҳоро ба ҷойе пинҳон кардааст. Хуб, майлаш, минбаъд ба ҷойи чӯби тут чӯби анор тайёр мекунам. Ҳозир медонам, ки аз ин бадкирдор чӣ гуна ниқор гирам.

– Рӯ ба замин хобонед ӯро! – гуфт мактабдор ба бачагоне, ки ба сари халифа гирд омада буданд.

Бачагон халифаро баъд аз баровардани фаллоқ аз пояш рӯ ба замин хобониданд ва мактабдор чӯби дарози худро бар-

дошта худаш ба пушти халифа задан гирифт. Аммо халифа, монанди ин ки гавак кашад, ба сари оринҷ ва зонуҳояш хобида буд, дар вақти задани мактабдор худро тоб дода зарбаи чӯбро рад мекард.

Дасту пойҳояшро кашида тахт хобониданд ва як бачаи дигар ҳам аз пушти шонааш зер кард ва халифа беихтиёр:

– Оҳистатар, бедона намурад! – гуфта фиристод.

– А, магар ин бедона ҳам дорад? – гуфт мактабдор ва илова кард:

– Бедонаашро ёфта ба ман диҳед!

Бачагон даррав ба бағали халифа даст андохта, аз он ҷо бедонаашро бароварда ба мактабдор доданд. Мактабдор ҳам бе ҳеҷ мулоҳиза сари бедонаро, ки ҳанӯз аз асари ҷанг хуншор буд, канда ҳаво дод.

Халифа фарёд кард:

– Аҳмад ҳам бедона дорад, бедонаи ӯро чаро намекушед?

– Бедонаи ӯро ҳам ёбед! – гуфт мактабдор.

Бачагон халифаро монда ба Аҳмад часпиданд, халифа ҳам аз ҷо хеста ба бағали Аҳмад даст зад ва бедонаи ӯро ёфта бо дасти худ ба мактабдор дод.

Мактабдор сари ин бедонаро ҳам канда ҳаво дод.

– Имрӯз дафъ шавед, озод. Чӯбзанӣ фардо! – гуфт ва илова кард:

– Фардо панҷшанбе аст, нони панҷшабегиро[1] фаромӯш накунед.

Бачагон бо пахшопахши якдигар аз мактаб баромаданд, аммо имрӯз баъд аз саломи умумӣ дарҳол пароканда шуда нарафтанд. Дар кӯча истода ба ҳисоби бурду бойи бологаравии бедонабозӣ даромаданд. Бойбурдагон аз бойдодагон ҳақ талаб мекарданд. Онҳо:

– Бедонаҳо мурданд, ҷанги онҳо ва гаравии бар болои ҷанги онҳо басташуда ҳам тамом шуд! – гӯён ҳақ надоданӣ мешуданд. Ҳамаи бачагон ба якдигар дарафтоданд. Халифа

[1] Дар мактаби куҳна ҳар рӯзи панҷшанбе бача маҷбур буд, ки ба мактабдор якто нон биёрад. Ин нонро «нони панҷшанбегӣ» мегуфтанд (шарҳи нависанда).

бо Аҳмад ҷомаҳои худро кашида ба як тараф гузошта, ба ҷанг даромаданд. Ман гурехта ба тарафи ҳавлии худамон рафтам.

V

Ман ба мактаб давом мекардам, ҷӯшу ғавғои мактаб ҳам давом мекард. Ман дар миёнаи чанд ҳафта дар даруни ҳамон қадар шӯру ғавғо бошад ҳам, номҳои ҳарфҳои алифбои арабро азбар кардам. Ба ман гоҳо халифа ва гоҳо худи мактабдор сабақ медод. Баъд аз ин дарси зеру забар сар шуд. Дарси зеру забар аз дарси номҳои ҳарфҳо дилчасптар буд, дар ин дарс ба ман сар карда «алиф забар – а, зер – и, пеш – у»-ро ёд доданд. Ман ҳам мад кашида:

– «Алиф забар – а, зер – и, пеш – у» гӯён такрор мекардам. Гуфтани ин суханҳо ба гӯшам мавзун ва форам мерасид. Ин дарсро ҳам то охири алифбои араб азбар кардам.

Пас аз он навбати дарси ду забар, ду зер, ду пеш расид, дар ин дарс ба ман «алиф ду забар – анду, ду зер – инду, ду пеш –ун» гуфта ёд доданд. Ин дарс ҳам бад набуд. Калимаҳои ин дарс боз ҳам мавзунтар ва боз ҳам оҳангдортар буданд.

Агар дар дарси як забар, як зер, гуфтани «алиф забар – а, зер – и, пеш – у; бе забар – ба, зер – бе, пеш – бу» сарахбори ягон ҳавои мусиқӣ ҳисоб ёбад, дар дарси ду забар, ду зер гуфтани «алиф ду забар – анду, ду зер – инду, ду пеш – ун: бе ду забар – банду, ду зер – бинду, ду пеш – бун» тарона ва рези он ҳаво ба шумор мерафт.

Ин дарсро ҳам то охири алифбои араб азбар кардам.

Дар ҳар кадоми ин дарсҳо тахтачаи таълимии ман дигар мешуд. Лекин онҳоро мактабдор навишта намедод:

– Падарат одами айбҷӯй аст. Навиштаи маро хуш намекунад, гӯй, худаш навишта диҳад, – гуфта ба падарам ҳавола мекард. Падарам навишта медод.

Дар охири сол ман ба дарси абҷад даромадам, аммо ин дарсро ҳеҷ хуш накардам. Дар ин дарс ба ман:

– «Алиф бо бе забар – аб, ҷим бо дол забар – ҷад – абҷад» гӯй, – гуфта ёд медоданд.

Аз як тараф, гуфтани ин калимаҳо душвор бошад, аз тарафи дигар, садояш ҳам беоҳанг ва дилгир буд…

Рӯзе падарам ба ман гуфт:

– Акнун, ки ту абҷадхон шудӣ, ман ба ту ҳисоби абҷадро ҳам ёд медиҳам, – ва тахтачаи абҷад навишташударо ба пеши ман гузошт. Аз он тахтача ҳарфҳоро ягон-ягон ба ман нишон дода:

– Ин чист? Ин чист? – гуфта мепурсид. Ман ба ҳеҷ кадоми пурсишҳои падарам ҷавоб дода натавонистам. Зеро чӣ будани он чизҳоро намедонистам ва касе то ҳол ба ман онҳоро нишон ҳам надода буд.

– Охир, ҳамин рӯзҳо ту дар мактаб чӣ хонда истодаӣ? – гуфта падарам ба ман шӯрид. Ман:

– Алиф бо бе забар – аб, ҷим бо дол забар – ҷад – абҷад… – гӯён дарсҳоеро, ки аз абҷад гирифта будам, аз ёд хонда додам.

– Ҳа… ту тӯтӣ! – гуфт падарам, – ту ҳар чизро мегӯӣ, аммо чӣ гуфтанатро намедонӣ.

Он вақт дар дилам гузашт, ки бояд тӯтӣ як чизи бисёр баде бошад. Лекин сонитарҳо фаҳмидам, ки тӯтӣ як мурғи бисёр зебои зирак будааст. Ҳар чизро ба вай талқин кунанд, ёд мегирифтааст ва такрор карда мегуфтааст. Аммо азбаски вай одам нест, маъниашро намедонистааст. Бинобар ин касонеро, ки маънии чизеро надониста онро ёд кардаанд, ба тӯтӣ монанд мекардаанд.

Пас аз он падарам даруни ҷилдамро кофта, тахтачаҳои куҳнаро, ки дар он дарсҳои алифбо ва зеру забар навишта шуда буданд, ёфта баровард ва аз ҳар кадоми онҳо нақшҳои сиёҳро ба ман нишон дода боз:

– Ин чист? Ин чист? – гуфта мепурсид.

Ман боз ҷавоб дода наметавонистам. Аммо вақте ки падарам ҳар тахтачаро ба ман нишон дода:

– Инро хон! – мегуфт, ман аз сар то поён ҳар чизеро, ки дар он навишта шудааст ва ё навишта нашудааст, аз ёд хонда медодам. Падарам такрор кард:

– Ту тӯтӣ ҳастӣ! – ва илова намуд:

– Айб ба ту не, ба домуллот ва халифаат аст. Онҳо ба ту ҳар чизро тӯтивор ёд кунондаанд, аммо ҳеҷ чизро ёд надодаанд…

Вай қадре сокит шуд ва боз илова кард:

– Ӯ кӯрсаводи кӯр аст, ман аз кӯр чашми бино мехоҳам. Ман аҳмақам, – ва ба ман нигоҳ карда гуфт:

– Имрӯз ту мактаб нарав.

Ман бисёр хурсанд шудам, зеро абҷадхонӣ ба дилам бисёр зада буд.

* * *

Падарам хатиби[1] деҳа, мутаваллӣ[2], муаззин[3] ва як-ду мӯйсафеди деҳаро ба меҳмонӣ хабар карда будааст. Баъд аз шом инҳо омаданд. Дастурхон баровардем, ширбиринҷ баровардем.

Ҳаминро ҳам ман бояд дар ин ҷо гуфта гузарам, ки дар хонаи мо бегоҳҳои бозор ва ҳам рӯзҳое, ки меҳмон ояд, бештарин ширбиринҷ мепухтанд. Падарам ба модарам мегуфт:

– Барои палав равған бисёр меравад, ҳам гӯшт сарф мешавад. Аммо ширбиринҷ арзон меафтад, ба ин танҳо биринҷ мехарем, шир ва қадре равғани зард бошад, аз гови худамон мерӯяд.

Аммо бо вуҷуди ин ҳар вақт, ки маро ба хонаи биринҷфурӯш барои биринҷ мефиристод:

– Ширбиринҷ мепазем нагӯй, вагарна биринҷи паст медиҳад, – мегуфт.

Як бор ман пурсидам:

– Палав мепазем гӯям-чӣ?

– Не, – гуфт падарам! – Ин дурӯғ мешавад, ба дуруғгӯӣ одат накун. Ҳеҷ ошро ном набар.

Ҳикояи худро давом медиҳам.

Баъд аз он ки меҳмонон табақи ширбиринҷро лесиданд, ба чойнӯшӣ даромаданд, падарам ба хатиб нигоҳ карда гуфт:

– Ғараз аз ташвиш дода ба ин ҷо овардани азизон ин аст, ки дар бораи мактабдор як машварат мекардетон.

---

[1] Хатиб касест, ки дар масҷидҳо хутба (вазъ, насиҳат) мехонад.

[2] **Мутаваллӣ** – мутасаддии корҳои хоҷагии масҷиду мадрасаҳо.

[3] **Муаззин** – ба намоз даъваткунанда; азонгӯй, сӯфии масҷид.

– Ба мактабдор чӣ шудааст? – гуфт хатиб бо оҳанги нохушнудона.

– Ҳеҷ чӣ нашудааст, аммо бесавод аст, – гуфт падарам ва илова кард:

– Ҳатто алифбонависиро ҳам намедонад, ки ман алифбои писари худамро худ навишта додам.

Мутаваллӣ тарафи хатибро гирифта гуфт:

– Ба бачагони деҳаи мо ҳамон чизи худаш медонистагиро ҳам ёд диҳад, кифоя аст, ҳеҷ кас дар ин деҳа писари худашро мударрис карданӣ нест.

Падарам гуфт:

– Ин мактабдор ҳамон чизи худаш медонистагиро ҳам ёд дода наметавонад. Як зимистон писари ман хонд, ҳоло абҷад мехонад, лекин аз рӯйи хат «алиф» то «бе»-ро фарқ намекунад. Ба болои ин мактабдор аз бачаҳо ҳеҷ хабардорӣ намекунад, ҳама қиморбоз ва бедонабоз шуда рафтаанд.

Ман, ки аз ин сухани падарам донистам ӯ бедонабозии бачагонро фаҳмидааст, сахт тарсидам. Агар ин ҳолро халифа шунавад, «ӯ ба падараш бозии моро гуфтааст» гӯён маро хармурд мекунонад, гуфта дар андеша афтодам.

– Худи шумо, ки, – гуфт хатиб, – хушсаводтар ва ёд доданро хубтар медонистаед, писари худатонро худатон хононед, ба мактаб фиристода нони панҷшанбегӣ ва ҳалвоӣ додан чӣ ҳоҷат аст? Бечора мактабдорро ҳам ба ҳолаш гузоред, ки аз як даҳан нонаш маҳрум нашавад.

Падарам гуфт:

– Ман як парча замин дорам, барои нафақаи аҳлу аёл маҷбурам, ки дар он ҷо киштукор кунам. Даромади он ба рӯзгорам намерасад, дар вақти холигии дастам маҷбурам, ки чархиосиётарошӣ кунам. Ба болои инҳо зимистонҳо барои пӯшоки бачагон дуконбофӣ ҳам мекунам. Агар ман писарамро худам хононам, рӯзгорамро кӣ мегузаронад?

Падарам пешонаи худро қадре турш карда хомӯш истод ва якбора хандакунон ба хатиб нигоҳ карда гуфт:

– Ғарази ман аз зиёфати шумоён ин буд, ки мактабдорро бекор кунонем ва ба ҷойи ӯ як мактабдори хубтар ёбем, мо-

доме ки инро қабул накардед, акнун як коре кунед, ки ширбиринҷи ман муфт наравад.

Падари ман як одати аҷиб дошт, мардуми он замон он гуна одатро айб медонистанд. Ӯ чизи дар дилаш бударо рӯйрост мегуфт ва аз ҳеҷ кас ибо намекард. Дар ин ҷо ҳам мақсади зиёфати худро рӯйирост гуфта дод. Фақат барои сахт нарасонидан ба дили меҳмонон суханашро қадре ба ханда омехта гап зад.

– Чӣ кор кунем, ки ширбиринҷи шумо ба ман ҳазм шавад? – гуфт хатиб.

– Роҳ диҳед, ки писари ман дар қатори духтарон дар хонаи шумо ба пеши бибихалифаатон хонад.

– Писарбачаро чӣ тавр дар миёнаи духтарбачагон роҳ медиҳем? – гуфт хатиб.

– Ин гуна тақвоҳои аз шариат берунро монед, – гуфт падарам, – писари ман акнун ҳафтсола шудааст, шариат бошад, то дувоздаҳсолагӣ дар миёнаи духтарбачагон гаштани писарбачагонро раво медонад.

Хатиб розӣ шуд:

– Хуб, майлаш, фиристонед, хондан гирад. Лекин гоҳ-гоҳ ширбиринҷ зиёфат кунед, – гӯён ӯ ҳам сухани худро бо ханда тамом кард….

Зиёфат бо ҳамин ба поён расид. Ман хурсанд шудам, ки аз бими ба дасти халифа хармурд шудан халосӣ ёфта будам.

VI

Фардои он рӯз маро модарам ба мактаби бибихалифа бурд, барои ҳалвоӣ ба болои лаълӣ мавиз ва кулча, як рӯймол ва каллапӯшро ҳам, ки ба нияти тӯйи ман дӯхта буд, зам намуд.

Бибихалифа зани хатиби деҳаи мо буд, худи хатиб аз вилояти Дарвоз буда, занаш аз Саримазори Ғиждувон буд. Бибихалифа як зани сафедрӯйи миёнсоли фарбеҳ ва шикамкалон буд. Фарбеҳияш ба дараҷае буд, ки дар вақти чорзону нишастанаш зонуҳои ӯ монанди чархи осиё менамуд, ки гӯё онро падарам ба пешаш гирифта тарошида истода бошад.

Дар вақте ки мо ба пешаш даромадем, ӯ дар пешгоҳи хона ба рӯйи панҷ-шаш қабат кӯрпача чорзону менишаст. Ба гир-

догирди хона духтарбачагон бар рӯйи намад менишастанд. Ба пеши онҳо ба ҷойи синҷи мактаби писарбачаҳо болишҳоро дуқат карда монда буданд, ки онҳо китобҳошонро ба рӯйи он болишҳо монда мехонданд.

Бибихалифа модарамро хуш қабул карда, «барои хотири ширбиринҷи падарам ба қабули ман маҷбур шуданашро» хандида изҳор намуд ва илова кард:

– Ҳар вақт, ки писаратон ба таббат[1] дарояд, ба ман ҳам як табақ ширбиринҷ меоред.

– Худо ба он рӯз расонад, ба шумо як табақ палав меорам, – гуфт модарам дар ҷавоби ӯ.

Бибихалифа дастурхонро кушода, нон шикаст ва ба духтарбачагон ҳам аз ҳалвоии ман нон бахшиш кард. Аммо ин монанди мактабдори мард нонро пора карда ба пеши онҳо ҳаво надод. Балки ба дасти халифаи худ, ки он ҳам як духтари калонсолтар буд, дод ва ӯ ҳам аз як сар ба ҳар духтар якбурдагӣ аз он нон дод. Аммо қисми калонтарашро худаш хӯрд.

Ба дастурхон фотеҳа хонда шуд. Бибихалифа ба ман «бисмиллоҳ», «аузубиллоҳ» гӯёнда сабақ сар кунонид. Бо ҳамин расми дарссаркунии дубораи ман ба анҷом расид. Модарам рафту ман дар мактаби духтарона мондам.

Бибихалифа ба ман аз миёнаҷойи абҷад, ки то он ҷо ман дар мактаби пеши масҷид хонда будам, сабақ дод. Тарзи сабақдиҳии ин қадре дигаргунтар буд. Ӯ бо нӯги як чӯбчае, ки дар даст дошт, ҳар ҳарфро нишон дода номи онро мегӯёнид. Аммо ин ҳам ба шинохтан ва ё нашинохтани ман он ҳарфро кор надошт.

Бибихалифа ҳамеша ба сабақдиҳӣ машғулӣ мекард, шогирдонашро бо навбат ягон-ягон ҷеғ зада сабақ медод, бо ҳамин як қатор сабақ додан як рӯз мегузашт.

Вақти дарси бибихалифа пас аз хӯрдани чой то соати дувоздаҳи рӯз буд. Шогирдони ӯ пас аз хӯрдани чояшон ба мактаб меомаданд. Вақте ки соат дувоздаҳ шуд, бибихалифа онҳоро нонхӯрак мекунонид. Аммо бачагон барои нонхӯрак ба хонаашон намерафтанд ва нонеро, ки ҳамроҳи худашон аз

[1] Номи яке аз сураҳои Қуръон аст (шарҳи нависанда).

хонаашон меоварданд, дар он ҷо нишаста мехӯрданд. Ҳар кас аз нони худ нимаашро ба бибихалифа медод.

Ман рӯзи аввал нон набурда, бибихалифа як бурда нонеро, ки як духтарбача ба вай дода буд, ба ман дода:

– Туро имрӯз ман зиёфат кунам, фардо нонатро бисёртар мебиёрӣ ва ба ман ҳам бисёртар медиҳӣ, – гуфт.

Пас аз нонхӯрак бачагон хонаҳо ва рӯйи ҳавлии бибихалифаро покиза рӯфта медоданд. Баъзе рӯзҳо бибихалифа ба бачагон ҷомашӯйӣ мекунонид. Ҳатто маро ҳам ба ҷомашӯӣ иштирок мекунонид.

– Ҷомашӯиро ёд гирифта мон, агар калон шавӣ, барои хондан ба Бухоро ба мадраса равӣ, ба ту даркор мешавад, – мегуфт.

Бибихалифа ҳам ба паси худ як чӯби дарозро ба девор рост монда буд. Лекин ман ҳеҷ гоҳ надидаам, ки ӯ бо он чӯб касеро зада бошад. Ҳар касро, ки сабақ медод, агар чизи вай ёд додаистодаро дуруст гуфта натавонад, бо остини васеу дарози куртааш, ки вай ё аз суф ва ё аз чит буд, ба рӯйи ӯ мезад. Аммо ин остинзании ӯ аз як боди суст зиёдтар таъсир надошт.

Шогирдони ӯ ҳам, ки ғайр аз ман ҳамагӣ духтарбача буданд, бозиҳои бад намекарданд ва якдигарро намезаданд. Агар дар вақти ҳавлирӯбӣ ё ҷомашӯӣ фурсат ёбанд, зоча (лӯхтак)-бозӣ мекарданд, дар сафолпорачаҳо аз хок ош пухта барои зочаҳошон тӯй медоданд.

Онҳо барои ман ҳам зочаи писарбача сохта доданд. Дар тӯяшон зочаи маро барои зочаҳои худашон домод мекарданд. Азбаски ғайр аз зочаи ман дигар зочаи писар набуд, ба вай баъзан даҳ-дувоздаҳ духтарзоча мерасид. Ростӣ, ин ба ман хеле хуш меомад.

Аммо гоҳо мешуд, ки духтарбачагон зочаҳои худашонро, ки ҳамаи он бечорагон ба як шавҳар расида буданд, бо ҳам ҷанг меандохтанд ва зочаи маро маҷбур мекарданд, ки баъзан онҳоро раҳо кунад. Ҳанӯз аз хотир набаровардаам, ки дар ин мавридҳо қадре дилам сиёҳ мешуд ва ба дили худ аҳд мекардам, ки агар калон шавам, ман ду зан нахоҳам гирифт. Бо

вуҷуди ин барои ин ки ҳамон қадар зочадухтарон ба зочаи ман муҳтоҷ буданд, ба дили худ фахр мекардам.

Сонитар боз як писарбачаи дигар ба мактаб омада бошад ҳам, ӯ ба давлати домодӣ мушарраф нашуд. Азбаски ӯ қадре бачаи дурушттар буд, духтарбачагон барои ӯ зоча сохта надоданд. (Ман ҳикояти ин писарбачаро як вақти дигар хоҳам навишт, ки ӯ саргузаштҳои бисёр аҷиб дорад[1]).

* * *

Ман дар мактаби бибихалифа давом мекардам. «Ҳафтяк»[2]-ро тамом кардам, чанд сураҳои кӯтоҳи онро аз ёд кардам, Қуръонро ба поён расонидам, «Чоркитоб»-ро ҳам хондам, қадре аз Хоҷа Ҳофиз ҳам хондам. Аммо ҳоло ҳам ба ғайр аз чизҳое, ки дар пеши бибихалифа хонда будам, дигар чизеро аз рӯйи хат хонда наметавонистам, масалан, як ғазали Ҳофизро, ки дар мактаб хонда будам, дар ҳар кучо ва бо дастхати ҳар касе ки бошад, хонда метавонистам. Аммо ғазали дигарашро, ки вайро дар мактаб нахонда будам, аз китоби худам ҳам хонда наметавонистам, яъне савод надоштам. Хатнависиро бошад, ҳеҷ наметавонистам. Бо вуҷуди ин падарам маро аз мактаби бибихалифа гирифта, ба пеши хатиб ба дарс монд. Худаш ҳам ба ман «Аввали илм»[3] ёд медод. Ман он вақт даҳсола будам.

Аммо абҷадро хуб омӯхта будам ва сураҳои Қуръонро, ки он бо расми абҷад навишта мешавад, оҳиста-оҳиста хонда метавонистам. Акнун фикр мекунам, ки сабаби он ин будааст:

Падарам маро ба мактаби бибихалифа фиристода бошад ҳам, аз орзуи ёд додани ҳисоби абҷад ба ман бознаистод. Дар ин хусус ӯ ҳар шаб, баъд аз шом то хуфтан, яъне тахминан як соат бо ман машғулӣ мекард.

---

[1] Нависанда ин бачаро дар қисми якуми «Ёддоштҳо» бо номи Абдулло ёд кардааст.

[2] **Ҳафтяк** китобест, ки аз сураҳои кӯтоҳтари Қуръон барои бачагони хурдсол алоҳида ҷилд карданд (шарҳи нависанда).

[3] **«Аввали илм»** дуюмин китоби дарсии мадрасаҳои Бухоро буд, ки заруриёти диниро ба тарзи суолу ҷавоб зикр мекард ва пас аз китоби «Бидон» хонда мешуд.

Аввал овози абҷад: а, бе, ҷе, де-ро ба ман шиносонид. Пас аз он бо якдигар ҳамроҳ карда чӣ тавр хондани онҳоро ҳам ёд дод. Пас аз он «алиф – як, бе – ду, ҷим – се, дол – чор» гӯён ҳисоби он ҳарфҳоро ёд дод…

Ба ҳамин тариқа падарам абҷадро ба ман то охираш бо ҳисобаш ёд дода баромад. Дар муддати як моҳ ман ҳарфҳои абҷадро шинохта мехондагӣ шудам ва ҳисобашро ҳам, ки аввал як-як зиёд шуда то даҳ, пас аз он даҳ-даҳ зиёд шуда то сад ва баъд аз он сад-сад зиёд шуда то ҳазор мерафт, омӯхтам.

Баъд аз он ки ман инҳоро омӯхтам, падарам гуфт:

– Акнун ба ту боз як чизи бисёр ғалатиро ёд медиҳам. Ин нуҳ рақам ва як сифр (нул) аст, ки онро ҳакимҳои Ҳиндустон ёфтаанд. Бо он нуҳ рақам ва як сифр ҳисобҳои тамоми дунёро ёд гирифтан мумкин аст.

Ман дар шавқ ва ҳавас омадам, ки ин чӣ гуна як кори соҳирона бошад. Бо даҳ чиз ҳисоби ҳамаи дунёро гирифтан ҳақиқатан як чизи омӯхтанист. Ман ҳам, ки даҳ ангушт дорам, бо онҳо рӯзҳои ҳафтаро чанд бор ғалат карда базӯр мешумурам…

Ман аз падарам сахт хоҳиш кардам, ки ҳар чи зудтар он даҳ чизи ҷодугаронаро ба ман ёд диҳад.

Падарам ба кор даромад.

Аввал рақамҳои нуҳгонаро ягон-ягон навишта ба ман нишон дод. Дар ҳар рӯз як рақамро нишон медод ва баъд аз он сифр (нул)-ро ба ман нишон дода, онро ҳам шиносонид. Баъд бо як сифр даҳ шудани якро ёд дод ва бо ҳамин тариқа то охири нуҳ рақам давом кард.

Ин дарс ба ман он қадар зӯрӣ накард, зеро ман дар ҳисоби абҷад чӣ гуна як-як, даҳ-даҳ ва сад-сад зиёд шуданро омӯхта будам.

Баъд аз он ки ман инҳоро омӯхтам, падарам ба ман гуфт:

– Ту чизҳоеро ёд гирифтӣ, ки дар деҳаи мо инҳоро ҳеҷ кас намедонад. Ҳисоби абҷадро бошад, ҳатто мактабдори деҳа ҳам, ки домуллои пештараи ту аст, намедонад.

Ман ҳам бо омӯхтани ин гуна илмҳои камёб дар дили худ хеле фахр мекардам. Дар ин миён як ҳодиса рӯй дод, ки ҳисоби абҷад ҳақиқатан ҳам сабаби фахри ман гардид.

Он ҳодиса ин гуна буд:

Дар Саримазори мо сайри солинавӣ – наврӯзӣ барпо шуд. Ба он сайр аз ҳамсоядеҳаҳои мо ҳам хеле одамон омаданд. Дар сайр гӯштигирӣ сар шуд, одамони ҷамъшуда ба ду тақсим ҷудо шуда, ба якдигар тараф гашта, маърака гирифта нишастанд. Падарам дар даруни маърака дар пеши тарафи худи моён менишаст ва маро ҳам дар пеши худаш нишонда буд. Аз ду тараф паҳлавонон баромада бо ҳам гӯштӣ мегирифтанд, пурзӯрон камзӯронро меафтонданд. Дар аввали кор деҳаи мо ғолиб буд, аз инҳо ҳеҷ кас намеғалтид.

Як вақт аз тарафи муқобил як муллобача, ки дар Бухоро таҳсили илм мекардааст, ба ҷавоне, ки аз тарафи мо баромада як каси онҳоро ғалтонда буд, талабгор шуда баромад.

Ҷавони мо ҳам бе ҳеҷ гуна қилуқол бо он мулло гӯштӣ гирифт. Аммо баъд аз фурсате бо ҳам дарафтодан ҷавони мо афтод.

Як ҷавони дигар аз тарафи мо ба он мулло талабгор шуда баромад. Магар ин ҷавон ба назари он муллобача зӯртар намуд, ки:

– Ман бо ин гӯштӣ намегирам, – гуфт. Аммо нагуфт, ки «ӯ аз ман пурзӯр аст», балки гуфт:

– Ӯ чапан[1] аст, ман мулло: дастбагиребон шудани чапан бо мулло сабаби таҳқири уламо мешавад.

Падарам бо шунидани ин суханони вай якбора шӯрид ва маро ба бағали худ бардошта аз ҷояш ҷаста хест ва миёнаҷойи маърака рафта он муллобачаро ба пеши худ ҷеғ зад. Муллобача ҳам омада рӯ ба рӯ истода:

– Чӣ мегӯед? – гуфт ба падарам.

– Шумо муллоед ё паҳлавон? – падарам аз он муллобача пурсид.

– Ман муллои паҳлавонам! – ҷавоб дод ӯ.

– Агар мулло бошед, – гуфт падарам, – ба ҷасадаш нигоҳ накарда бо ин писари ман, ки ҳаштсола аст, мунозира кунед. Мардум бинанд, ки ҳақиқатан шумо муллоед ё не? Агар паҳлавон бошед, бо он ҷавоне, ки ҳамсол ва ҳамҷасади шумост, гӯштӣ гиред, то мардум бинанд, ки кадоми шумо зӯр ҳастед.

Падарам илова кард:

[1] **Чапан** – ин ҷо: одами бехатту савод.

– Биёед, аввал муллоии шуморо озмоем, – ва ба ман нигоҳ карда гуфт:

– Пурс, писарам, аз ҳисоби абҷад чизеро аз ин кас!

Ман ҳам бе ҳеҷ андеша:

– «Те» чанд аст? – гуфта аз он кас пурсидам. Ӯ дам истод, ҷавоб дода натавонист. Падарам ба ман гуфт.

– Худат гӯй, ки «те» чанд аст.

– Чорсад аст! – гуфтам ман.

Пас аз он падарам якчанд ҳарфҳои дигарро ягон-ягон «ин чанд аст, он чанд аст» гӯён аз он мулло пурсид. Ӯ ба ҳеҷ кадом ҷавоб дода наметавонист. Ҳар ҳарферо, ки ӯ ҷавоб дода наметавонист, падарам аз ман мепурсид ва ман ҷавоб медодам.

Тарафи мо он муллобачаро «ӯйт-ӯйт» гӯён масхара доштанд. Ӯ аз хиҷолат суп-сурх шуда буд.

Падарам ба ӯ гуфт:

– Акнун муллоии шумо тамом шуда монд, монанди як чапан бо он ҷавон гӯштӣ гирифтан гиред.

Ӯ ҳам розӣ шуд, ки бо он ҷавон гӯштӣ гирад.

Ҳар ду гӯштӣ гирифтанд. Аммо дастбагиребон шудани онҳо ҳамон буду ғалтидани мулло ҳамон.

Шӯрест, ки аз маърака бархост! Гӯштигирӣ ҳам бо ҳамин тамом шуд.

Ҷавонони тарафи моён ба падарам мегуфтанд:

– Ҳақиқатан он муллоро писари шумо ғалтонд. Азбаски ӯ дар мунозира мулзам шуд ва хиҷолат кашид, натавонист, ки қуввати худро тамом ҷамъ карда кор фармояд.

Аз ин сухани онҳо фахри ман боз зиёдтар мешуд ва ба дили худ мегуфтам, ки ман бояд ҳар илмро омӯзам, лекин дар ҳақиқат ман ҳанӯз савод надоштам…

* * *

Бо ҳамин ман ҳикояти мактаби ибтидоии худро тамом кардам, аммо чӣ гуна дарс хонданам, савод баровардanam ва ба адабиёт шуғл карданамро дар як вақти дигар хоҳам ҳикоят кард.

26 октябри соли 1934,
Самарқанд.

МУНТАХАБИ АШЪОР

* * *

Устод Садриддин Айнӣ фаъолияти эҷодии худро аз шеър оғоз намудааст ва осори манзуми адиб дар ду давра – пеш аз инқилоби Октябр ва баъди инқилоби мазкур (дар аҳди Иттиҳоди Шӯравӣ) таълиф гардидаанд. Ашъори тоинқилобии адиб қисман дар тазкираҳо ва матбуоти даврӣ табъ гардида ва баъдтар аз тарафи адиб дар се дафтар гирд оварда мешаванд ва асосан фарогири мавзӯъҳои ишқу муҳаббат, ҳасбиҳолӣ ва ахлоқӣ мебошанд. Адабиётшинос Ҳ.Н. Ниёзов қайд кардааст: «Эҷодиёти Айнии ҷавон нишон медиҳад, ки шоир анъанаи бойи шеъри машриқзаминро ҷиддан омӯхта, шеърҳои зиёди лирикӣ-ишқӣ менависад, ки бо арзишҳои поэтикии худ аз эҷоди беҳтарин устодони каломи бадеии Шарқ камӣ надорад. Дар байни онҳо ҷойи асосиро ғазал ишғол мекунад».

Ашъори баъдиинқилобии устод бошад, аз тарафи адиб дар маҷмӯаҳои «Ахгари инқилоб» (1923), «Ёдгорӣ» (1935), «Намунаи адабиёти тоҷик» (1926) ва, баъзан, дар осори насрӣ ҷой дода шуда, ғолибан ба мавзӯъҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ бахшида шудаанд.

Агар ашъори тоинқилобии адиб, асосан, ба забони тоҷикӣ эҷод гардида бошанд, пас ашъори баъдиинқилобии ӯ ба забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ таълиф ёфтаанд. Баъди сари С. Айнӣ аз тариқи Нашриёти давлатии Тоҷикистон соли 1958 «Ашъори мунтахаб»-и устод (тартибдиҳанда А.Маниёзов) ба табъ мерасад ва соли 1981 қисми кулли ашъори тоҷикии устод дар ҷилди 8-уми Куллиёти 15-ҷилда (мураттибон С.М.Айнӣ, Х.Айнӣ ва К.Айнӣ) чоп шудаанд. Дар ин мунтахабот намунаи ашъори устод тарзе интихоб гардидааст, ки хонанда ба мазмун, муҳтавои кулли ашъор ва ҳунари волои нигорандагии адиб дар назм равшану возеҳ ошно мегардад.

* * *

Офтоби ҳусн хонам рӯйи рахшони туро,
Матлаи хуршеду маҳ донам гиребони туро.

Аз хаёли бӯсаи дилдодагон гардид об,
Нозукӣ то ин қадар бошад занахдони туро.

То абад хокам тамошогоҳи мардум мешавад,
Ҳар буни мӯ лолазоре ҳаст қурбони туро.

Даст аз тарбияти сарву санавбар воканад,
Боғбон бинад агар сарви хиромони туро.

Аз ғами ҳаҷри ту охир дил чиҳо хоҳад шудан,
Кӯҳ натвонад, ки орад тоб ҳичрони туро.

Бо дили худ медиҳам уммед аз шармандагӣ,
Гарчи медонам, қароре нест паймони туро.

Метавонад чанг зад бар пайкари хуршеду маҳ,
Ҳар ки дасте мебарад чоки гиребони туро.

Нолаи булбул надорад гӯш гул, Айнӣ, нигар
Ин саҳар з-ин шеър бишнидаст афғони туро.

* * *

Э ҳама ширинлабон афтода дар банди шумо,
Яъне аз ҷон бандаи лаъли шакарханди шумо.

Аз хироме дӯш дар даъвои раъноӣ ба боғ
Банд карда найшакарро қомати қанди шумо.

Э қаду рухсору зулфу чашму абру, раҳмате!
Як дили мискин чӣ хоҳад кард бо чанди шумо?!

Гарчи рафт аз ёдатон ёди дили ғамгини мо,
Дур бод аз ғам, Илоҳӣ, табъи хурсанди шумо.

Кори сад хирвор мушку сад чаман сунбул кунад,
Торе аз зулфи сиёҳи мушкоганди шумо.

Сарви озод аз чӣ рӯ ҳаргиз намечунбад зи ҷо?
Метавон фаҳмид, гардидаст побанди шумо.

Кай бувад аз лутфатон бар орзӯи дил расад
Айнии бечора, яъне орзӯманди шумо.

* * *

Аз фиғону нола ранҷондем ёри хешро,
Худ сияҳ кардем охир рӯзгори хешро.

Зиндагонӣ бе висоли дӯст мушкил кор буд,
Мурда, осон кардаам якбора кори хешро.

Ноумедӣ бин, ки худ ҳар дам тасаллӣ медиҳам
Аз забони ӯ дили уммедвори хешро.

Бо қаду рухсору зулфу чашму абру бохтем
Ақлу ҳушу тоқату сабру қарори хешро.

Бо мадорои рақибон гар зи васлат бархӯрам,
То қиёмат мебарам дору мадори хешро.

Тангам аз борони ашки худ, Худоро, як замон
Офтоби ман, намоён кун узори[1] хешро.

Ишқ Айниро чунин беору беномус кард,
В-арна бо коре намеовард ори хешро.

[1] **Узор** – рухсора, ораз, рӯй.

* * *

Аз файзи Яздон хон аст мактаб,
Бар лаъли ирфон кон аст мактаб.

Бечӯн ҷасадро қадре набошад,
Ҷисм аст инсон, ҷон аст мактаб.

Аз мактаб ояд осоиши дил,
Марғуби дилҳо з-он аст мактаб.

Бемактабонро набвад ҳаёте,
Об аст мактаб, нон аст мактаб.

Саъд аст мактаб, хайр аст мактаб,
Изз[1] аст мактаб, шон аст мактаб.

Дар чашми биниш нур аст дониш,
Дар ҷисми дониш ҷон аст мактаб.

Дар моҳии ҷон об аст ирфон,
Дар мурғи ирфон дон аст мактаб.

* * *

Эй рафиқ, ин дастаи гул аз кадомин гулшан аст,
К-аз шамимаш хуш машоми ҷони маҳзуни ман аст?

Ин гули сурист ё сӯзи дили ғамгини мост,
Ё шақоиқ, ё суман, ё настаран ё савсан аст?

Муждагонӣ ё зи базми васли як савсанбар аст,
Армуғонӣ ё зи боғи лутфи як насринтан аст?

Барги сабзе булбулеро аз гулистонест ё
Нурибинишрафтаеро бӯйи як пироҳан аст?

[1] **Изз** – иззатмандӣ, арҷмандӣ.

Тоза ҷоне ёфтам аз бӯйи ин, бас шуд яқин,
Риштаи ҷоне зи дасти он бути исофан аст.

Дӯш пинҳонӣ ба имое дили ман бурда буд,
Ин хабар имрӯз дар ҳар кӯю дар ҳар барзан[1] аст.

Шермардонро ба як новак зи по афкандааст,
Оҳуи чашмаш, маозаллаҳ,[2] аҷаб шерафкан аст.

Интизорам, кай бувад доманкашон он маҳ расад,
Лӯълӯи ашкам пайи эсор доман-доман аст.

Пеши ҷонон, Айнӣ, аз рӯзи сиёҳи худ магӯй,
Ҳоли беморон чӣ будан бар ҳакимон равшан аст.

* * *

Дилам дар қайди он абруҳилол аст,
Ба теғи абруяш хунам ҳалол аст.

Рухаш моҳи тамоми безавол аст,
Қадаш сарви равони баркамол аст.

Маҳи ризвон, рухи ҳуросиришт аст,
Бути лайливаши ширинхисол аст.

Зи қаддаш сарвбун дар изтироб аст,
Зи холаш мушки Чин дар инфиол[3] аст.

Насими кӯйи ӯ боди биҳишт аст,
Ғубори роҳи ӯ оби зулол аст.

Шамими мушк з-он раҳ як ғубор аст,
Насими хулд з-он дар як шамол аст.

---

[1] **Барзан** – кӯча, гузар, маҳалла.
[2] **Маозаллаҳ** – Худо нигоҳ дорад.
[3] **Инфиол** – шарм доштан, хиҷил гаштан.

Худо донад, ки бар сӯзи фироқаш
Дили бетоқати моро чӣ ҳол аст.

Далолат мекунад бар зӯрии ҳаҷр
Зи бори ғам қади ман, ин ки дол аст.

Зи шӯри ишқи Айнӣ метавон ёфт,
Ки дар банди яке ширинмақол аст.

* * *

Об омаду гул омаду дилдор наёмад,
Ҷонам ба лаб омад, ки чаро ёр наёмад.

Гуфтам ба лаби об ба дилдор нишинам,
Афсӯс, ки об омаду дилдор наёмад.

Ин об, ки бе рӯйи ту ҷорист зи чашмам,
Дар кишти умеди дили ман кор наёмад.

Аз об шуда боғу гулистону чаман сабз,
3-инҳо ба ҷуз аз доғ маро бор наёмад.

Дар роҳи ғамаш ҷону дилу ҳушу хирад рафт,
Он шӯхи ҷафокори дилозор наёмад.

Ногуфта равам пеши ту сад бор, бигуфто,
Сад бор фузун гуфтаму як бор наёмад.

Ин буд ҳама умр муроди дили Айнӣ,
Сад шукр, ки ёр омаду ағёр наёмад.

* * *

Дил бе рухи ӯ сайри гулистон напазирад,
Ҷон бе лаби ӯ лаъли Бадахшон напазирад.

Беҳуда ба дармони дилам саъй масозед,
Дарди дили ҳичронзада дармон напазирад.

Ҷону дилам омодаи қурбони нигоҳест,
Оҳ, ин чӣ ғурур аст, ки қурбон напазирад?!

Хун гиря кунад чарх ба фарёди гадое,
К-аз ачз диҳад арзаю султон напазирад.

Аз заъф танам гашт чу пойи малах, аммо
Фарёд, ки аз ноз Сулаймон напазирад.

Ҷуз ҷон ҳама додем, валекин напазируфт,
Дигар чӣ тавон кард, агар ҷон напазирад.

Гар нек ва-гар бад, сари мову таки пояш,
Сад ҳайф, ки он сарвари хубон напазирад.

Гуфтам, шикани зулф ба товони дили мост,
Дардо, ки дили ғамзада товон напазирад.

Уммеди тамомӣ макун аз қиссаи Айнӣ,
Ин қиссаи ишқ аст, ки поён напазирад.

* * *

Дӯстон, арзи умедам бар нигори ман баред,
Раҳмате бар хотири уммедвори ман баред.

Ё ба ман аз хоки пояш сурмаворе оваред,
Ё маро дар раҳгузори шаҳсавори ман баред.

3-ин диёру шаҳр тангам, шаҳриёри ман куҷост?
Лутф ореду маро дар шаҳри ёри ман баред.

Ман қатили ғамзаи навхатнигоре гаштаам,
Пай бад-ин маънӣ зи райҳони мазори ман баред.

Сабзаи хатташ бубинеду мапурсед аз ғамам,
Бар хазони ман қиёс аз навбаҳори ман баред.

Гар ҳамехоҳед ҷон, осон диҳам ҳангоми назъ,
Ҷойи такбиру тиловат номи ёри ман баред.

Дар парешонрӯзгорӣ гар равад Айнӣ зи даҳр,
Ҷамъ биншинеду ёд аз рӯзгори ман баред.

* * *

Хезед, рафиқон, майи гулранг биёред,
Танбӯру наю доираю занг биёред!

Сорангу рубоб аст ба ҳам шӯриши маҷлис,
Ёбед рубобию ба соранг биёред.

Асбоби тараб, ҳар чӣ, ки пайдост, намонед,
Соранг[1] муҳайё нашавад, чанг биёред.

Оҳанги муғаннӣ ба дилам тезасар нест,
Як шӯхи хушовози хушоҳанг биёред!

Бисёр ба олам пайи номус нагардед,
Он ғорати ному шарари нанг биёред.

Яъне, бути бозории ҳарҷоии моро
Як ранг тақал карда ба найранг биёред.

Бисёр ба тангем аз ин ҳушфиребон,
Як содадили содарухи анг[2] биёред.

Аз аҳли тараб кас нагузоред ба ҳар ҳол,
Ҳар кас, ки биёбед, ба ҳар ранг биёред.

Бо зорию зар кист, ки дар базм наёяд,
Зинҳор, ки беманшаву беҷанг биёред.

[1] **Соранг** – созест чун ғиҷҷак, ки бо камон навохта мешавад.
[2] **Анг** – содалавҳ.

Дар мадраса гар май натавон хӯрд зи номус,
Бе кайф гапе нест, найи банг биёред.

Имрӯз димоғи гули шаббӯй надорам,
Шаббӯй аз он турраи шабранг биёред.

Бас қофия танг аст ба Айнӣ, хабари Дӯст
Аз лутф дар ин қофияи танг биёред.

* * *

Нигорам ҳар дам озоре расонад,
Ба ҷонам дарди бисёре расонад.

Кӣ медонад нишони кӯйи ҷонон?
Ки з-он сӯ бар ман ахборе расонад.

Ғуломи ҳиммати боди сабоям,
Хабар аз ёр бар ёре расонад.

Шудам бемор дар ҳичрони он шӯх,
Нашуд, к-аз васл тиморе расонад.

Супорам ҷону гардам хок, то бод
Ғуборам сӯйи ӯ боре расонад.

Нигоре нест чун ту, к-ин ҳама зулм
Дамодам бар дилафгоре расонад.

Ғаму дарди туро сад шукр гӯям,
Худо шояд, ки гамхоре расонад.

Туро, э чордаҳсола маҳ, Эзид
Ба солу моҳи бисёре расонад.

Расонад ҳар ки ҷононро ба Айнӣ,
Масеҳое ба беморе расонад.

* * *

Дилбари гулъузори ман азми шикор мекунад,
Оҳ, ба хуни ғайри ман даст нигор мекунад.

Аз пайи гашт меравад, ҷониби дашт меравад,
Ҳар қадаме, ки мениҳад, боғ баҳор мекунад.

Хандаи шаккарии ӯ шӯр ба базм медиҳад,
Шона ба зулф мезанад, хона татор мекунад.

Қавли рақиби фитнагар гӯш намекунад агар,
Дар паси чодар ин қадар ёр чӣ кор мекунад?

Ҳар ки дучор мешавад, ҷӯраи ёр мешавад,
Аз мани нотавон чаро ин ҳама ор мекунад?

Ё маҳи бевафои ман мешавад ошнои ман,
Ё сари бенавои ман тарки диёр мекунад.

Рози ниҳони ман ба халқ, оҳ, ки фош мешавад,
Ишқи ту оқибат сарам бар сари дор мекунад.

Дӯш ба базми дигарон гар нашудӣ зи май фароғ,
Наргиси мастат ин замон аз чӣ хумор мекунад?

Айнии бенавои ту то шуда мубталои ту
Бе ту ба дардҳои ту гуфтугузор мекунад.

* * *

Ёд бодам он, ки базме буду ёре низ буд,
Чангу най буду шароби хушгуворе низ буд.

Ёд бод он дам, ки мерафтам ба базми хоси ёр,
Ёрро дар кулбаам гоҳе гузоре низ буд.

Ин замон аз дасти ман дил рафту рафт аз дил қарор,
Пеш аз инам буд дил, бар дил қароре низ буд.

Дар канори ҷӯй биншастӣ ба ғайр, эй сарви ман,
Дар канори ман зи дида ҷӯйборе низ буд.

Хор гаштам гарчи, ор аз ман, азизи ман, макун,
Дар гулистон ҳар қадар гул буд, хоре низ буд.

Аз сарат гардам, чу ёди бедилон орӣ, бигӯй,
Айнии бечораи уммедворе низ буд.

ТАЗМИН ДАР МАТЛАИ «Тарсам, ки ман бимираму ғам бепадар шавад, К-ин тифли нозпарвари ман дарбадар шавад».[1]

Гар баҳравар шуда дилам аз ғам, шигифт нест,
Хӯ кард дил ба ҳар чӣ аз ӯ баҳравар шавад.

Маъюсиям бубин, ки баробар бувад маро
Дил аз замона гар нашавад шоду гар шавад.

Ҷорист ҷӯйи об зи чашмам, вале нашуд
Вақте ки нахли матлаби ман борвар шавад.

Шояд яке зи шасти камонабруе расад,
Шодам, чу сар ба тири ҳаводис сипар шавад.

Парво надорам, аз сари ман ҷон равад ва лек
Тарсам, ки дарди ишқи ту бо ҷон бадар шавад.

Бар ман ғами фироқи ту, Айнӣ, ба сар шуда,
«Тарсам, ки ман бимираму ғам бепадар шавад».

[1] Ин байт аз Урфии Шерозӣ аст.

ДАР ТАТАББӮЪ ВА ТАЗМИНИ САЪДӢ

Ёри ман ширинадоӣ мекунад,
Ҳар замон сад дилрабоӣ мекунад.

Мекунад бо дӯстон бегонагӣ,
Душманонро ошноӣ мекунад.

Дар вафояш умр шуд, он шӯх низ
Ҳамчу умрам бевафоӣ мекунад.

Гарчи шоми ҳаҷри абролудро
Моҳи рӯяш камнамоӣ мекунад.

Кулбаи эҳзони торики маро
Ёди рӯяш рӯшноӣ мекунад.

Ёри ман аз ман ҷудо шуд, дӯстон,
Ҷони ман аз ман ҷудоӣ мекунад.

Қомати он ҳурзод аз ҷилвае
Чун қиёмат фитназоӣ мекунад.

Дардам аз белутфии ёр асту бас,
Хоҳад аз лутфе давое мекунад.

Айнии мискин ба ҳасби ҳоли худ
Байте аз Саъдӣ гадоӣ мекунад:

«Ёри ман авбошу қаллош асту ринд,
Бар ман аммо порсоӣ мекунад».

***

Булбул насозад ин қадар оҳу фиғон, ки ман,
Парвона хам зи ишқ насӯзад, чунон ки ман.

Маҷнун ба даҳр аз ғами Лайлӣ нашуд чунон
Аз дардат, эй ситамгари номеҳрубон, ки ман.

Аз дасти дӯстии ту озурда ҷони ман,
Душман мабод ин ҳама озурдаҷон, ки ман.

Зеборухе надида касе, ҳамчунон ки ту,
Шайдодиле набуда чунин дар ҷаҳон, ки ман.

Гуфтам: Ба пеши ёр чу ман кист нотавон?
Мӯйи наҳиф ҷилва намуд аз миён, ки ман.

Дар пешвози дӯст, кӣ, гуфтам, бурун равад?
Аз иштиёқ ҷон ба лаб омад давон, ки ман.

Гуфтам: Ба гӯшаи ғами Айнӣ кӣ мерасид?
Аз айни лутф ёр бишуд меҳмон, ки ман!

ГУЛИ СУРХ

Рози дил мегуфтам, ар як маҳраме медоштам,
Шикваҳо мекардам аз ғам, ҳамдаме медоштам.

Дар шаби ҳичрон намешуд захми дил реши равон,
Гар зи васли як парирӯ марҳаме медоштам.

Меҳнати гетӣ ба талхӣ кай рабудӣ ҷони ман,
Бӯсае гар аз лаби исодаме медоштам.

Менашуд як лаҳза фориғ ёр аз ғамхориям,
Булҳавасосо на гар тоби ғаме медоштам.

Аз тамошои гули сурх аз чӣ мемондам ҷудо,
Гар ба каф, чун аҳли олам, дирҳаме медоштам!

Ин қадар дар изтироб афтодаам аз фикри худ,
Мешуд оромам, агар аз худ раме медоштам.

Чун тарозу кай шудӣ саргаштагӣ бо ман насиб,
Айнӣ, ар фикре на аз бешу каме медоштам.

БА ТАЗМИНИ
«Бода надорам, ки ба соғар, кунам»-и Бедил

Мавсими ид аст, тараб сар кунам,
Чанд зи ғам сина мукаддар[1] кунам.

Мавсими ид аст, умеди висол
3-он бути таннози ситамгар кунам.

Мавсими ид аст, ба ташрифи дӯст
Дидаи худ фарши таҳи дар кунам.

Мавсими ид аст, ба бахти сафед
Хона аз он рӯй мунаввар кунам.

Мавсими ид аст, ба кӯйи висол
Таҳнияти идии дилбар кунам.

Мавсими ид аст, лаби иштиёқ
Месазад аз соғари лаб тар кунам.

Маст шавам аз лаби майгуни ӯ,
«Бода надорам, ки ба соғар кунам».

Дар сифати орази гулгуни ёр
Номаи ашъор муаттар кунам.

[1] **Мукаддар** – тира, ғуборолуд, ғамгин.

ҒАЗАЛИ ДИГАР ДАР ҲАМИН ТАЗМИН

Шаб ки ба ҳаҷри ту фиғон сар кунам,
Сомиаи аҳли ҷаҳон кар кунам.

Нола кунам, гиря кунам зор-зор,
Хотири ҳамсоя мукаддар кунам.

Чанд нишинам ба раҳат мунтазир,
Чанд нигаҳ фарши таҳи дар кунам.

Чанд макон бо ғами ҳичрон дар ин
Кулбаи торику муҳаққар[1] кунам.

Ҷилвакунон ой ба лутфу карам,
То ба рухат дида мунаввар кунам.

Гар лабам аз оташи шавқи лабат
Хушк шавад, аз лаби ту тар кунам.

Бӯса бар он ғабғаби симин занам,
Дида бар он чеҳраи анвар кунам...

Шишаи ҳаҷри ту ба хоро занам,
Бодаи васли ту ба соғар кунам.

Нотиқа иқрор кунад бар қусур,
Гар зи камоли ту сухан сар кунам.

Васфи қаду рӯйи туро бо мисол
Чун битавон сабт ба дафтар кунам?

Моҳ ба рӯйи ту мусовӣ нашуд,
Сарв ба қаддат чӣ баробар кунам?

Содадилам сахт чу Айнӣ, ки ман
Ҳарчи ту гӯйӣ, ҳама бовар кунам.

[1] **Муҳаққар** – ҳақир, ночиз, камарзиш.

* * *

Ёди айёме ки ман ҳам шамъи маҳфил доштам,
Яъне, он зебошамоил дар муқобил доштам.

Мезанам аз яъс бар сар ин замон дасте ки ман
Пеш аз ин дар гардани ҷонон ҳамоил доштам.

Дар лаби Омӯ ба Каркӣ шодмон аз васли ӯ,
Гаҳ гузар дар баҳру гаҳ манзил ба соҳил доштам.

Талхии айём дар комам гуворо менамуд,
То назар бар рӯйи он шириншамоил доштам.

Мекунам бо мӯя ёд имрӯз он айше ки ман
Дар лаби Омӯя бо дилдор ҳосил доштам.

Гаҳ ба қозихона бо аҳбоб будам шодком,
Дар нишимангоҳи мирӣ гоҳ манзил доштам...

Дил ба дилдор аст, ман афтода аз дилдор дур,
Ёди айёме, ки ҳам дилдору ҳам дил доштам.

Мекушад ин ҳасратам охир, ки боре ӯ нагуфт:
Айнии маҷҳур, яъне зору бедил доштам.

* * *

Нигори сарвқадди гулбадан – ороми ҷони ман,
Сиҳисарву суманрухсор шӯхи нуктадони ман,

Зи нозу ғамзаи чашми ту ақлу ҳушам аз сар рафт,
Агар ҳолам напурсӣ, меравад аз даст ҷони ман.

Лабам аз лаъли ҷонбахши ту кай ёбад муроди худ,
Ба лаб омад ба ин уммед ҷони нотавони ман.

Гумон дорам ба рағми ман ба душман дӯстӣ дорӣ,
Маозаллоҳ аз он ҳолат яқин гардад гумони ман.

Қади сарват, ки ороми дилу ҷонам аз ӯ бошад,
Ба ҷавлон бурд аз ҷон тоқату аз дил тавони ман.

Биё, пинҳон тасаллии дили бетоқати ман шав,
Наафтад то миёни мардумон рози ниҳони ман.

Ба беморӣ фитодам аз ғамат, як бор пурс аз лутф,
Ки чун шуд Айнии бечораи бехонумони ман?

* * *

Фикре ту ба ҳоли зори ман кун
Марҳам ба дили фигори ман кун!

Зомин машав аз барои хунам,
Раҳме ба ман, э нигори ман, кун!

Аз гиряи ман чӣ ранҷа гардӣ?
Як ханда ба рӯзгори ман кун!

Лутфе бинамову кори дил соз!
Ё теғ бигиру кори ман кун!

То воқифи ҳоли ман шавӣ, даст
Дар синаи беқарори ман кун!

Аз лутф хирому гарди роҳат
Дар дидаи интизори ман кун!

Орому қарору сабр бурдӣ,
Коре пайи ҷони зори ман кун!

Нахли қади хеш ҷилва фармой,
Дар чашми чу ҷӯйбори ман кун!

Айнӣ шуда лол, арзи ҳолаш,
Эй боди сабо, ба ёди ман кун!

* * *

Ман бандаи сарви қомати ту,
Қурбони туву латофати ту.

Дидам ҳама шаккаринлабонро,
Н-омад зи яке ҳаловати ту.

Вайрон созӣ бинои тақво,
Ин аст ҳамеша одати ту.

Лаззат бахшад ҳадиси ишқат,
Шаҳд аст магар ҳикояти ту.

Аз марҳами дигарон накутар
Бар синаи ман ҷароҳати ту.

Нозукбаданию нозанинрух,
Гулро набувад назокати ту.

Шӯре ба ҷаҳон фиганд ишқам
Аз ҳусни туву ҳаловати ту.

Ҷонҳо бикашад ба хоку хунҳо
Рафтори асарқиёмати ту.

Ҳар шаб ба дуо равам ба кӯят
Дар орзуи ҳақорати ту.

Бо дашноме навоз моро,
Кофист ҳамин зиёфати ту.

Мурдан бошад беҳин муродам,
Гар қатли ман аст иродати ту.

Ҳаргиз нарасад сухан ба поён
Дар хубии бениҳояти ту.

Айнӣ, чӣ бало ҳариси ишқӣ?
Таҳсин ба шикебу тоқати ту!

* * *

Дидӣ ба раҳам, итоб кардӣ,
Дилро ба ситам хароб кардӣ.

Хун буд дилам ба изтиробат,
Аз оташи қаҳраш об кардӣ.

Охир, на манам зи дӯстонат,
Аз ман зи чӣ иҷтиноб[1] кардӣ?

Дил буд кабоби интизорӣ,
Он ваъда, ки аз шароб кардӣ.

Охир чӣ шуд аз раҳи такаббур
Аз яъс дилам кабоб кардӣ?

Ҳар арза, ки аз ниёз кардам,
Бо нозу ғазаб ҷавоб кардӣ.

Девона маро ба кӯю бозор,
Эй шӯхи паримаоб, кардӣ.

Дар ҳаҷр чу мурғи нимбисмил
Умрам ҳама изтироб кардӣ.

Якбора бикуш, ки халқ гӯянд:
Як бор ту ҳам савоб кардӣ.

Ҷурмам чӣ, ки, э биҳишталъат,
Дар дӯзахи ғам азоб кардӣ?

Хомӯш, ки аз фиғони ҷонсӯз,
Айнӣ, дили санг об кардӣ.

[1] **Иҷтиноб** – худро канор гирифтан, дурӣ ҷустан.

* * *

Ёрро аз лутф бар ҳолам назар будӣ, чӣ будӣ?
Ё маро ҷуз ошиқӣ кори дигар будӣ, чӣ будӣ?

Мерасид он бевафо дар кулбаи фақрам, чӣ будӣ?
Ё маро дар кӯйи ӯ роҳи гузар будӣ, чӣ будӣ?

Васл бо он кӯтаҳӣ, ҳичрону ин дуру дарозӣ,
Шоми ғам чун субҳи шодӣ мухтасар будӣ, чӣ будӣ?

Меҳру лутфе нест гар он шӯхро бо банда боре,
Қаҳру унфе[1] бо рақиби сифла гар будӣ, чӣ будӣ?

То хиромон мерасад он нозанин, ҷон мефазояд,
Ҷисми зорам хок бар он раҳгузар будӣ, чӣ будӣ?

Дил рабуд аввал ба сад лутф, он гаҳе ҳолам напурсид,
Ин тағофул як-ду рӯзе бештар будӣ, чӣ будӣ?

Ёр мехонад ба базми васл арбоби ғаноро,
Айнии бечораро ҳам мушти зар будӣ, чӣ будӣ?

* * *

Бод имшаб мушкбор ояд ҳаме,
Гӯйӣ аз кӯйи нигор ояд ҳаме.

Вақти он омад, кушояд дил зи ғам,
К-аз чаман бӯйи баҳор ояд ҳаме.

Лола чун лаъли лаби ҷонон ба чашм
Оташину обдор ояд ҳаме.

Мушковар боду амбарбӯ шамол
Аз ямину аз ясор ояд ҳаме.

[1] **Унф** – қаҳру ғазаб.

Хуш бувад хоро канори обшор,
Ёр ҳам гар дар канор ояд ҳаме.

Сояи беду шамоли Шоҳрӯд
Табъи касро созгор ояд ҳаме.

Реги Ҷӯгихонаро абр об зад,
Бар дил аз вай кай ғубор ояд ҳаме.

Оби ҷӯйи Қаллуқону Тавсанак
З-оби кавсар хушгувор ояд ҳаме.

Дар ғамам имсол, Айнӣ, з-ин ғазал
Ёди шодиҳои пор ояд ҳаме.

* * *

Дерест, к-аз зулфи сияҳ савдо ба сар дорӣ маро,
Ҳар рӯз аз рӯзи дигар ошуфтатар дорӣ маро.

Вақти табассум аз лабат гаҳ ҷон бубахшӣ аз вафо,
В-аз ғамзаи чашми сияҳ гаҳ муҳтазар дорӣ маро.

Рӯзи фироқат, эй санам, афтодаам дар кунҷи ғам,
Шояд ки бо лутфу карам аз хок бардорӣ маро.

Андар фироқат дам ба дам месохтам андуҳу ғам,
Аз интизорат ҳар замон таври дигар дорӣ маро...

Ҷон дар раҳат исор шуд, тан дар ҳавоят зор шуд,
Эй бемурувват, кор шуд, боз о, агар дорӣ маро.

Эй гул, нигар бар ҳоли ман, чанд аз самуми фурқатат
Дар навбаҳори ҳусни худ беболу пар дорӣ маро?!

Нозофаринеро, ки ман аз ҷон гирифторестам,
Айнӣ, зи номаш деҳ хабар, то бехабар дорӣ маро.

* * *

Он гуландом чу дар сайри чаман меояд,
Арақи шарм ба рухсори суман меояд,

Мерасад меҳнату ғам чун биравад аз пешам,
Равам аз хеш, чу дар ҷониби ман меояд.

Рафт аз хотири ман дағдағаи муллоӣ,
Дидам он шӯх чу бо як-ду чапан меояд.

Табъи як шаҳр кунад накҳати гесуи ту чоқ,
Чу насиме ки зи саҳрои Хутан меояд.

Мурдам аз нозу ғурури ту, ки то як бӯса
Меситонам зи ту, ҷонам ба даҳан меояд.

Чӣ суханҳо ки нагӯянд рақибон бо ту,
Гар лаби лаъли ту бо ман ба сухан меояд.

Дили Айнӣ ба сари зулфи ту бо шавқ равад.
Ба тариқе ки мусофир ба ватан меояд.

* * *

Нозанино, бари ағёр намебояд буд,
Гулрухо, ҳамнафаси хор намебояд буд.

Завқ аз хуни ҳавохоҳ намебояд кард,
Шод аз мурдани ғамхор намебояд буд.

Рӯзи ман ҳамчу шаби тор намебояд сохт,
Шамъи ҳар ҷамъи сияҳкор намебояд буд.

Ин ҳама дар раҳи бедод намебояд рафт,
Ин қадар бар сари озор намебояд буд.

Лутф бар ошиқи бечора ҳаме бояд кард,
Шӯхи бебоки ситамгор намебояд буд.

Лоиқи рӯйи наку хӯйи наку бояд дошт,
Инчунин арбадакирдор намебояд буд.

Ҳар куҷо ҷилвакунон маст намебояд рафт,
Фитнаи ҳар сари бозор намебояд буд.

Ҷони ман, муниси ағёр намебояд гашт,
Ғофил аз ҳоли мани зор намебояд буд.

Аз шарори ситам аҳбоб намебояд сӯхт,
Гармии суҳбати ашрор намебояд буд.

Нуктаи ишқ зи ағёр ниҳон бояд дошт,
Айниё, бар сари изҳор намебояд буд.

МАРСИЯ ВА ТАЪРИХ
(Ба вафоти мирзо Сироҷи Ҳаким - 1877 – 1912)

Оҳ, сад оҳ, ки барбаст абадӣ роҳи сафар
Аз Бухоро сӯйи фирдавс яке донишвар.

Ходими миллати ислом, сироҷи дониш,
Ноширӣ илм, ватанхоҳ, маорифпарвар.

Он, ки аз мантиқи ӯ буд маҳофил пурнур,
Он, ки аз хомаи ӯ дошт ҷароид зевар.

Рафту дар маҳфили аҳбоб аз ӯ нест нишон,
Рафту дар сафҳаи айём аз ӯ нест хабар.

Он, ки такмили фунун кард дар айёми шубоб,
Он, ки таҳсили ҳикам кард дар аснои сафар.

Сер нокарда зи дидори худ абнои ватан
Ба ҷавонӣ ба таки хок ватан кард мақар.

Он, ки мекард ба танвири Бухоро хидмат,
Рафт, мондем тамом аҳли Бухоро ба кадар.

Яъне имрӯз супурдем Сироҷиддинро
Ногузирона ба аҳкоми қазо дасти қадар.

Сар зад аз сина аз ин ғам ивази оҳ оташ!
Рехт аз дида ба ин рӯ бадали ашк шарар!

Оташ аз синаи ман дарзада дар пайкари ман,
Об шав ой зи ду чашми ман, эй хуни ҷигар!

***

Наврӯста сарви ман, ба лаби ҷӯйи кистӣ?
Яъне нишаста маст ба паҳлуйи кистӣ?

Умрат ҳама ба олами девонагӣ гузашт,
Эй дил, ба банди ҳалқаи гесӯйи кистӣ?

Номат баланд гашт ба озодагӣ ба даҳр,
Эй сарв, бандаи қади дилҷӯйи кистӣ?

Монанди ман туро ба маконе қарор нест,
Эй боди субҳидам, ба такопӯйи кистӣ?

Таъсири гул кунад зи ту дар базми ошиқон,
Эй нола, дар ҳавои гули рӯйи кистӣ?

Ҷодуваш аз димоғ барӣ ақлу ҳушро,
Эй май, нишони наргиси ҷодуи кистӣ?

Охир, нагуфтамат, ки нигаҳ дор ҳадди хеш?
Эй ҷон, ба зери ханҷари абруйи кистӣ?

Номи баланд монд зи ту з-ин ғазал ба даҳр,
Айнӣ, ба васфи қомати дилҷӯйи кистӣ?

БА ТАЗМИН ВА ТАТАББӮИ СОИБ

Орзуи саҷдае бар хоки кӯйе мекунем,
Обрӯ аз хоки кӯе орзӯе мекунем.

То наёлояд ба гарди аҷзи мо домони ноз,
Аз сиришки худ сари он кӯй ҷӯйе мекунем.

Гар рафиқон сайри боғу лолаву гул мекунанд,
Мо дили худ шодмон аз ёди рӯйе мекунем.

Меҳру маҳ дар бандагии меҳррӯйе медиҳем,
Сунбулу райҳон фидои тори мӯйе мекунем.

Гар тамошои канори ӯ насиби мо нашуд,
Аз ду чашми худ канори хеш ҷӯйе мекунем.

Шоми ҳичрон ёд меорем он мӯйи миён,
Зери бори ғам мададҷӯӣ зи мӯйе мекунем.

Аз ҳаловат шаҳд мебандад забону коми мо,
Бо лабаш гар орзӯи гуфтугӯйе мекунем.

Содагӣ бингар, ки меҷӯем мо аз оташ об,
Яъне уммеди висол аз тундхӯйе мекунем.

Айнӣ, аз ин мисраи Соиб тасаллӣ ёфтем:
«Даст агар кӯтоҳ бошад, орзуе мекунем».

* * *

Ҷоно, ҳаваси суҳбати ағёр чӣ лозим?
Улфат ба рақибони сияҳкор чӣ лозим?

Рафтан ба дари хонаи ҳар сифла чӣ ҳоҷат?
Аз кулбаи вайронаи мо ор чӣ лозим?

Дашном хитоби мани ноком намудӣ,
Бо дилшудае ин қадар озор чӣ лозим?

Дар пешгаҳи базми бадон рафта нишастан
Бо ин ҳама хубӣ ба ту, эй ёр, чӣ лозим?

Ғамгин манам аз меҳнати ҳичрону рақибон
Шод аз шарафи давлати дидор, чӣ лозим?

Дӣ кори маро паст намудӣ бари аҳбоб,
Дар кори рақиб ин ҳама бардор чӣ лозим?

Ман ошиқи дерини ту, ин чумла талаттуф,[1]
Бо булҳаваси нав шуда хушдор чӣ лозим?

Дидан сӯйи мо – мунтазирон аз ҳама камтар,
Бо ғайр нигоҳ ин ҳама бисёр чӣ лозим?

Бо камбағалон ин ҳама озор намудан
Аз баҳри дили як ду-се пулдор чӣ лозим?

Улфат шудам аз баҳри ту бо мардуми авбош,
Бар рағми ман ин лутф ба аброр чӣ лозим?

Гуфтӣ: «Ту кию ишқи ман?» Ин кор чӣ даркор?
Аз ошиқи меҳнатзада инкор чӣ лозим?

Айнӣ, нашавад роми ту он дилбари худком,
Ғам хурдани беҳудаву бекор чӣ лозим?

* * *

Оҳ, к-аз чаври замону рӯзгори бемадор,
Турфа рӯзи сахт, ҳоли саъб моро рӯй дод!

Фозиле Сиддиқ, яъне комиле Ҳайратлақаб
Пушти по зад даҳри фониро, ба уқбо рӯ ниҳод.

3-ин алам моро гиребони сабурӣ чок шуд,
Рафт аз ин ғусса аҷзои шикебоӣ ба бод.

Муддати умраш агарчи буд бисту ҳафт сол,
Фазлу максубаш намегунҷид дар зилли идод[2].

Ҳамчу ӯ зеҳни мусаввар дидаи олам надид,
Ҳамчу ақли ӯ муҷассам модари гетӣ назод.

---

[1] **Талаттуф** – меҳрубонӣ.
[2] **Зилли идод** – яъне, дар шумора намеғунҷад.

Дар фасоҳат буд ҳамчун дар фатонат беадил,
Дар садоқат буд беҳамто чу дар меҳру вадод.[1]

Интизоме дошт аз фикри расояш мулки лафз,
Шаҳри мазмунро зи саъяш буд ободӣ зиёд.

Баъд аз ин хоҳад шудан маъмураи маънӣ хароб,
Баъд аз ин хоҳад ба иқлими сухан афтад фасод.

Аз рабеи дувумин як ними аввал рафта буд,
Дар шаби душанбе ин ғам бар сари мо уфтод.

Соли фавташ ҷустам аз пири хирад, бо оҳ гуфт:
Дарду доғу ғам ба асҳоби садиқаш рӯй дод.

* * *

Шаккардаҳане карда ба як ханда асирам,
Хомӯшлабе бурда ба афлок нафирам.

Завқест ба коми дилам аз фикри даҳонаш,
Он гуна, ки фориғ шуда аз шаккару ширам.

Рафт аз ғами ӯ сабру қарор аз тани зорам,
Омад ба лаб аз фурқати ӯ ҷони ҳақирам.

Якбора фаромӯш кунам ҳастии худро,
Як бор агар ҷоми май аз дасти ту гирам.

Ҷуз ёди ту фикре нагузашта ба хаёлам,
Ҷуз меҳри ту чизе нанишаста ба замирам.

Дарси ғамат омӯхта буданд ба ҷонам,
Меҳри лабат омӯхта буданд ба ширам.

[1] **Вадод** – дӯстӣ, муҳаббат.

Абруйи камони ту, ки пайваста кашидаст,
Пайваста ба бедод занад аз мижа тирам.

Ҷоно, ба ҳақи ҷони ҷавонат, ки ба ҳолам
Лутфе бинамо, то накунад дарди ту пирам.

Сад ҷони гиромӣ кунам эсори чунон рӯз,
К-аз меҳнату андуҳи ғами ишқи ту мирам.

Афсурда шавам, хок шавам дар раҳат, оям,
То домани васли ту ба ин тарз бигирам.

Гар ҷон талабад, дар қадамаш пок супорам,
Айнӣ, чӣ тавон кард, к-аз ӯ нест гузирам?

* * *

Охир на бузургзода будӣ,
Машҳур ба ҷоҳу ҷода будӣ,

Аз ҳар кӣ ба шаҳр ком дорад.
Дар аслу насаб зиёда будӣ.

Воқиф шудам ин замон, ки як сӯ
Асбоби шараф ниҳода будӣ.

Бо булҳавасони муфсидаткор[1]
Дар базми тараб ситода будӣ.

Бо тоифаи разилаи дун
Машғули қимору бода будӣ.

Коми дили ҳар хасиси бадном
Бевақҳу бавақҳ дода будӣ.

Бо ин ҳама, рӯйи ҷангу пархош
Аз ноз ба ман кушода будӣ.

[1] **Муфсид** – табоҳкор, вайронкор, бадкор.

Акнун манаму ғами фироқат,
Ҳарчанд, ки нест сабру тоқат.

* * *

Фиғон аз ғаму дарду доғи ҷудоӣ,
Ки з-ӯ шуд ба сад меҳнатам ошноӣ.

Ҷудоӣ зи ҳар чиз мумкин бувад, лек
Киро ҳаст ёрои аз ҷон ҷудоӣ?

Зи ҷонон ҷудо кас чӣ сон зинда монад?
Зи ҷонон ҷудоист аз ҷон ҷудоӣ.

Ҷудоӣ ба ҳар ҳол мушкил, хусусан
Зи ҷонон ҷудоӣ пас аз ошноӣ,

Ба васлу ба ҳаҷр аз ту осудагӣ нест,
Ту, эй ишқ, бар ҷони ман як балоӣ!

Ту, эй васл, нағзӣ! Вале бесуботӣ!
Ту, эй ҳаҷр, дардӣ! Вале бедавоӣ!

Ба водии андуҳ саргашта гаштем,
Ту, эй раҳбари хуррамӣ, дар куҷоӣ?!

Ҳамин аст фарёди ман то ба мурдан:
«Фиғон аз ҷудоӣ, фиғон аз ҷудоӣ!».

* * *

Хоки пойи дӯстон шуд тӯтиёи дидаи ман,
Ҷойи пойи дӯстдорон бод ҷойи дидаи ман.

Дар ҳавоят ашкрезонам, биё, биншин ба чашмам,
Бас хушу хуррам бувад обу ҳавои дидаи ман.

Шуд сафед аз интизор охир ду чашмам, ёр н-омад,
Менигар, косасиёҳии гадои дидаи ман.

Об ҷорӣ шуд зи чашмам он қадар, шуд лой роҳаш,
Ёр воқиф не ҳанӯз аз моҷарои дидаи ман.

Васлро аз шавқу ҳичронро зи ғам дар гиря бошам,
Кам нагашта об дар сайфу шитои дидаи ман.

Дидаам бенур шуд, э боди субҳ, имшаб, Худоро,
Гарде аз кӯяш расон, гарде барои дидаи ман.

Хуни дил ёрӣ ба оби чашм дод имшаб ба гиря,
Ҷуз дили ман нест, Айнӣ, ошнои дидаи ман.

ИНҚИЛОБ

(Ба журнали «Шуълаи инқилоб»)

Инқилоб офтобро монад,
Ё ки тӯфони обро монад.

Нашри анвор мекунад ба ҷаҳон,
Инқилоб офтобро монад...

Пеши тӯфони инқилоб ҷаҳон
Пеши тӯфон ҳубобро монад.

Мавсими инқилоб рӯйи замин
Ҳолати изтиробро монад.

Аҳли бедод мерасад ба ҷазо,
Арасоти ҳисобро монад.

Оқибат Шарқ мешавад бедор,
Гарчи ин фикр хобро монад.

Орзӯе, ки дошт шоҳи Фаранг
Ба назарҳо саробро монад.

Шарарафшонии найи килкам
Шуълаи инқилобро монад.

ҚИССАИ ПАРВОНА ВА КИРМАК

Аз «Аз ҳар даҳан сухане»-и Маҳмуди Тарзӣ ба назм оварда шуд.

Фасли баҳорон, ки чаман сабз буд,
Сумбулу шамшоду суман сабз буд,

Сояи беду лаби ҷӯ пеши кишт,
Дошт нишон аз лаби ҷӯйи биҳишт.

Манзараи сабзи равонбахш буд,
Бӯйи шукуфа ҳама ҷонбахш буд.

Бод вазида зи сари бедмушк,
Мушк фишонда ба димоғони хушк.

Абри баҳор об зада марғзор,
Бурда зи рӯйи гулу сабза ғубор.

Дашт зи хосияти фасли рабеъ
Ҷилва намуда ба ҷамоли бадеъ.

Замзамаи фохтаю андалеб
Бурда зи ҷону дили ёрон шикеб.

Кирмаке, алқисса, дар ин марғзор
Буд ниҳон дар таки як бутта хор.

Не бару не қомати раъно дар ӯ,
Не сару не сурати зебо дар ӯ.

Ҳам яке парвонаи густох буд,
Гоҳ ба ин, гоҳ ба он шох буд.

Маст ба ҳар сӯйи чаман мечамид,
Гоҳ ба гул, гаҳ ба суман мечамид.

Ҳайъаташ аз ғояти озодагӣ
Зеб ба гулҳои чаман додагӣ,

Тобиши хуршед фитад бар параш,
Чун пари товус шавад ҳар параш,

Оби тароват чакад аз ҳайъаташ,
Бӯйи латофат расад аз ҷайъаташ.[1]

Гоҳ нишасташ зи сари ноз буд,
Гоҳ далерона ба парвоз буд.

Баски зи парвоз худаш маст буд,
Сарви баландаш ба назар паст буд.

Кирмаки бечора, ки парвона дид,
Зиндагии хеш фақирона дид.

Оҳ кашид аз сари аҷзу ниёз
Аз ғаму андуҳ фиғон кард соз.

Гуфт: «Ниҳодаст Худои алим
Бар ману парвона чи фарқе азим.

Ман кию парвонаи мағрур кӣ?
Зарраи беқадр кию ҳур кӣ?

Ман ба ҳама зиштию афтодагӣ
Ӯ ба ҳама хубию озодагӣ.

[1] **Ҷайъат** – омадан.

Ман натавонам шудан аз хок пок,
Ӯ зи сафо карда дили пок чок.

Маскани ман ҳаст ба лойи замин,
Ӯ ба фалак рафта ба ҷойи замин.

Ҳар ки маро дид, нуфур оварад,
Ӯ ба ҳама нозу ғурур оварад.

Ҷонваронем зи як обу хок,
Ӯ ҳама бедардию ман дарднок...»

Кирмаки бечора ба ин ҳасби ҳол,
Буд, ки бархост яке қилу қол.

Дид, ки ҷамъияти атфол буд,
Ҳар як аз ин ҷамъ ба як ҳол буд.

Он яке аз ғояти шодию шавқ,
Ёфта ҳар ҷойи чаман ҷойи завқ.

В-он дигар аз завқу сафо медавид,
Ҳамчу ғизолон ба чаман мечамид.

Фирқае машғули тамошои гул,
Фирқае гил хоста бар ҷойи гул.

Тифле аз ин ҷамъ чу парвона дид,
Сурати ӯ дилкашу ҷонона дид.

Шавқи гирифтан ба дилаш кард ҷӯш,
Ҷониби атфол яке зад хуруш:

«Ҳон бидавед ин чи бало дилкаш аст!
Зуд бигирем, ба бозӣ хуш аст...»

Ҷумла давиданд ба шавқу сурур
Аз пайи парвонаи соҳибғурур.

Ҳар қадар ин ҷонвар аз ҷон шитофт,
Аз кафи атфол халосӣ наёфт.

Кӯшишу шавқи талабу саъйи том
Сайди маонӣ бидарорад ба дом.

Аз талаби ҷиддии гирандагон
Чун раҳад ин ҷонвари нотавон?

Оқибат афтод ба чанголашон,
Шод аз ин сайд шуд аҳволашон.

Он яке аз бол кашид аз аҷаб
В-он дигар аз пой ба шавқу тараб.

Оқибат ин ҷонвари номурод
Мурду парешон шуду ҳар сӯ фитод.

Кирмаки бечора, ки ин ҳол дид,
Ҳолати худ муҷиби иқбол дид.

Гуфт ки: «Сад шукр, ки зебо наям,
Худсару мағруру худоро наям,

В-арна маро низ чунин буд ҳол,
Мешудам афтода ба ранҷу малол

Ибратам ин бас ба сарои сипанҷ,[1]
Қибру ғурур аст зи асбоби ранҷ.

Он, ки дар ин маърака худрой шуд,
Худсару худбину худорой шуд,

Оқибаташ ҳол бад ин сон шавад,
Маъракаи бозии тифлон шавад...»

Хомаи Айнӣ, ки ба ибрат сиришт,
Қиссаи парвонаву кирмак навишт.

[1] **Сарои сипанҷ** – дунёи даргузар.

ДАР ТАЗМИНИ

«Ҳар сарви сиҳӣ, ки боғбон кишт,
Охир ҳама ҳезум асту ангишт»,[1]

Ҳар сарвқаде, ки қад барафрохт,
Охир ба мағоки хок ҷо сохт.

Ҳар моҳрухе, ки рух барафрӯхт,
Охир ба шароаи фано сӯхт.

Ҳар гул, ки ба навбаҳор бишкуфт,
Охир ҳамаро хазон чу хас рӯфт.

Ҳар ҷост, ки обшору гулгашт,
Охир шуданист хушк чун дашт.

Ҳар қаср, ки сохт дасти меъмор,
Дар дасти фаност охири кор.

Ҳар моҳ, ки ёфт авҷи иқбол,
Гардид ҳилол охири ҳол.

Дар сафҳаи рӯзгор аз кас
Номи баду нек монаду бас.

Эй дил, чу гузаштанист айём,
Бар хурду бузург кому ноком,

Он беҳ, ба замини зиндагонӣ
Тухми амали наку фишонӣ.

Чун моҳ ба авҷи комронӣ
Бар рӯйи ҷаҳон зиё фишонӣ.

[1] Байт аз Саъдӣ мебошад.

Чун боғ ба вақти навбаҳорон
Бикшой дили ҳазини ёрон.

Чун сарв агар самар надорӣ,
Аз сояи худ бубахш боре.

Чун меҳр туро чу нест тобе,
Боре чун абр пош обе.

Чун абр гар оби дилкашат нест,
Охир на зи оҳ оташат нест.

Дар мавриди эҳтиёҷ оташ
Кам нест зи об хубу дилкаш.

Бахшой ба қадри иститоат
Аз умр ба хидмати ҷамоат.

Гуфтам ба ту, он чӣ гуфтанӣ буд,
Бод аз ту Худову халқ хушнуд!

ЁДИ МОЗӢ

Ёд бод он дам, ба ғафлат истироҳат доштам,
Не ғами ислому не парвои миллат доштам.

Шод будам, то зи аҳли илм будам бехабар,
Бо ҷаҳолатпешагони даҳр улфат доштам.

Баҳри фаҳми хутбаву дебоча мекардам ҷадал,
Бо касе гар филмасал аз илм суҳбат доштам.

Аз макотиб бо сияҳчоҳе ризомандим буд,
Аз мадорис бо хароботе қаноат доштам.

Хештанро аз ҳама масъуд мекардам гумон,
Танбалу отил[1] ба кунҷе истиқомат доштам.

Нафъи халқуллоҳ кай мекард бар ёдам гузар,
Баҳри нафъи хеш бо ёрон хусумат доштам.

Тарки кори дину дунё саҳл мепиндоштам,
То ба лаъби тахтаи шатранҷ одат доштам.

Ғофил аз таърихи исломию аҳволи умам,
Аз ҳикоятҳои «Зулобӣ» ҳикоят доштам.

Гаҳ ба айёрию доғулӣ ба ҳайрат мешудам,
Гаҳ зи меҳри ёди ялдо иститоат доштам.

Буд ҷойи рӯзнома «Замчинома» бар кафам,
Бо камоли шавқ «Абӯмуслим»[2] қироат доштам.

Рӯзгор охир зи хоби ғафлатам бедор кард,
Чун ба худ дидам, зи ҳоли худ хиҷолат доштам.

«Тарҷумонӣ кард «Аҳволи замон» аз ҳоли ман,
«Вақт»[3]-ро дар пеши худ миръоти ибрат доштам.

Дар ҷароидномаи аъмоли худ дидам аён,
Нек санҷидам, ки як олам қабоҳат доштам.

---

[1] **Отил** – бекормонда.
[2] **«Зулобӣ», «Замчинома», «Абӯмуслим»** – қиссаҳои машҳури он замон.
[3] **«Тарҷумон» ва «Вақт»** – рӯзномаҳои тоторӣ.

ИНҚИЛОБИ СУРХ
(Назира ба ғазали А. Лоҳутӣ)

Дар оташи ситам ҷигарам шуд кабоби сурх,
Аз хуни мустабид қадаҳе деҳ шароби сурх.

Аз инқилоби сурх расид ин хитоби сурх:
«К-эй зулмдидагон, сари шоҳу ҳисоби сурх!»

Бар сих зан дилу ҷигари ҷаврпешагон!
Кайфийяти шароб диҳад ин кабоби сурх.

Ҳар инқилоб рӯйи маро сурх кай кунад,
Аз Инқилоби сурх дамон офтоби сурх.

Шамшери интиқом маяндоз дар наём!
Сар то сари ҷаҳон накунӣ то туроби сурх.

Дар баҳри хуни ҷавру ситампешагон замин
Бояд ки изтироб кунад чун ҳубоби сурх.

Хезед, эй гурӯҳи ситамдидагон, ба азм!
Дар рӯзгори куҳна кунед Инқилоби сурх!

Резед хуни душмани синфии худ чу шер!
Аз дида буздилона чӣ резед оби сурх?

Айнӣ, ба як ғазал натавон шарҳи ҳол кард,
Бояд ба инқилоб навиштан китоби сурх.

МУҲАММАС БАР ҒАЗАЛИ КАМОЛИ ХУҶАНДӢ

Бар боғи ҷаҳон нахли шакарбори ман ин аст!
Дар хони амал лаълии хушбори ман ин аст!
Ҷони ману ҷонони ману ёри ман ин аст!
«Гӯ халқ бидонанд, ки дилдори ман ин аст!
Дилдори ҷафокори ситамгори ман ин аст!»

Эй бод, расон бар қадамаш мултамаси ман!
Шояд шавад ин лутфи ту фарёдраси ман!
Дар олами имкон ба ҷуз ӯ нест каси ман,
«Маҳбуби ману ҷони ману ҳамнафаси ман,
Хеши ману пайванди ману ёри ман ин аст!»

Ҳарчанд ки як бор накардӣ ту маро ёд,
Бе ёди ту ҳаргиз нашавад хотири ман шод,
Вақте ки дилам аз ғами ту буд ғамобод,
«Бӯйи сари зулфат ба ман оварад шабе бод,
Аз ҳамнафасон ёри ҳаводори ман ин аст!»

Айнӣ шуда дар анҷумани ишқ ғазалхон,
Хурсанд нишинад чи ба васлу чи ба ҳиҷрон,
Онҳо, ки надонанд сурури ғами ҷонон,
«Гӯянд: Камол, аз пайи ӯ чанд канӣ ҷон?
То ҳаст зи ҷонам рамақе, кори ман ин аст!»

МУХАММАС БАР ҒАЗАЛИ ҲОФИЗ

Сарам ҷуз хаёлат ҳавое надорад,
Ғамам бе висолат давое надорад,
Танам бе наволат навое надорад,
«Дилам бе ҷамолат сафое надорад
Чу бегонае, к-ошное надорад».

Гули рӯйи зебо, бару дӯши насрин,
Қади сарви раъно, тани софи симин,
Лаби лаъли гӯё, сари зулфи мушкин –
«Ҳама чиз дорад дилорому лекин
Дареғо, ки бо мо вафое надорад!»

Ба он рӯйи зебо, ба он холи мушкин,
Ба ин қадди раъно, ба ин зулфи пурчин
Супурдам дили хешро пок, лекин
«Матои дили поки ушшоқи мискин
Ба бозори ҳуснаш баҳое надорад».

Дили Айнӣ ошуфта гашта чу мӯят,
Шабу рӯз гардид дар ҷустуҷӯят,
Сафо ёфт охир зи рӯйи накӯят.
«Чу моҳ аст равшан, ки бе меҳри рӯят
Дилу ҷони Ҳофиз сафое надорад».

МУХАММАС БАР ҒАЗАЛИ ҲОФИЗ

Сайру гашти лолазорон ёд бод,
Афту хези майгусорон ёд бод,
Ишрати фасли баҳорон ёд бод,
«Рӯзи васли дӯстдорон ёд бод,
Ёд бод он рӯзгорон, ёд бод!»

Сӯхт ҳиҷрон хирмани бунёди ман,
Гашт вайрон хонаи ободи ман,
Нест фориғ хотири ношоди ман,
«Гарчи ёрон фориғанд аз ёди ман,
Аз ман эшонро ҳазорон ёд бод».

Дилбаронро фикри дилдорӣ намонд,
Ошиқонро қуввати зорӣ намонд,
Аз касе бар кас ғами ёрӣ намонд,
«Ин замон дар кас вафодорӣ намонд,
З-он вафодорону ёрон ёд бод!».

Он ки дил аз баҳри ӯ аз даҳр гашт,
Кори ӯ дар бораи ман қаҳр гашт,
Оби чашмам шоми ҳичрон наҳр гашт,
«Комам аз талхии ғам чун заҳр гашт,
Бонги нӯши бодахорон ёд бод!»

Нест дар ғурбат касе ғамхораам,
Дар назарҳо чун хасе бекораам,
Дар куҷо монам сари оворааам?
«Ман, ки дар тадбири ғам бечораам,
Чораи он ғамгусорон ёд бод!»

Мурд Айнӣ, дарди ӯ бинҳуфта монд,
Толеи носозгораш хуфта монд,
Ғунчаи уммедҳо нашкуфта монд,
«Рози Ҳофиз баъд аз ин ногуфта монд,
Эй дареғ, аз роздорон ёд бод!»

МУХАММАС БАР ҒАЗАЛИ СОИБ

Рафтам ба ҷустуҷӯяш дар кӯчаҳо давида,
Ҳам ҷома чок карда, ҳам пираҳан дарида,
Дар кӯйи ӯ фитодам дар хоку хун тапида,
«Он маҳлиқо баромад аз хона май кашида,
Моил ба уфтодан чун меваи расида».

Гесӯйи мушкбӯро тоби каманд дода,
Анворбахш рӯро хуршедсон кушода,
Дар ошиқ орзӯро карда басе зиёда,
«Нози баҳонаҷӯро дар як тараф ниҳода,
Шарми ситезахӯро дар хоку хун кашида».

Рӯйи чу маҳ гирифта андар паноҳи соид,
Бар маҳ фурӯғ дода аз тоби моҳи соид,
Бар қатли ишқбозон бикшода роҳи соид,
«Молида остинро то бӯсагоҳи соид,
То ноф пираҳанро чун субҳдам дарида».

Бурқаъ зи рӯ кушода, боғи ирам намуда,
Пайвастаабрувонро теғи дудам намуда,
Дилҳо ба дом баста, зулфон чу хам намуда,
«Барқе зи абр ҷаста ҳар ҷо карам намуда,
Сарве зи хок раста ҳар ҷо, ки орамида».

Қад – нахлаи назокат, тан – пайкари латофат,
Лаб – чашмаи ҳаловат, рӯ – матлаи саодат,
Айнӣ чу дида он маҳ боре ба ин қиёфат
«Дигар надида худро то домани қиёмат,
Соиб касе, ки ӯро масту хароб дида».

МУХАММАС БАР ҒАЗАЛИ ҲИЛОЛӢ

Эй моҳи ман, имшаб маҳи тобони кӣ будӣ?
Партавфигани гӯшаи айвони кӣ будӣ?
Ҷон аз ғамат омад ба лабам, ҷони кӣ будӣ?
«Дӯшина куҷо рафтию меҳмони кӣ будӣ?
Дил бе ту ба ҷон буд, ту ҷонони кӣ будӣ?»

Дил аз кафи ман бурдию дилдори кӣ гаштӣ?
Орому қарори дили бемори кӣ гаштӣ?
Ман мурдам аз ин ранҷ, ту худ ёри кӣ гаштӣ?
«Ин ғусса маро кушт, ки ғамхори кӣ гаштӣ?
В-ин дард маро сӯхт, ки дармони кӣ будӣ?»

Гуфтам зи раҳи лутф ба ин сӯхтаат соз,
Дар хонаи сабрам мазан оташ зи раҳи ноз,
Имрӯз сияҳрӯзтарам карда зи оғоз,
«Бо холи сияҳ мардуми чашми кӣ шудӣ боз?
Бо рӯйи чу маҳ шамъи шабистони кӣ будӣ?»

Имшаб ки зи ман орази гулгун бинуҳуфтӣ,
Рафтӣ ба рақибону ба ман ҳеҷ нагуфтӣ,
Эй ғунчаи сероб, ба бахти кӣ шукуфтӣ?
«Эй давлати бедор, ба паҳлуи кӣ хуфтӣ?
Эй бахти гурезанда, ба фармони кӣ будӣ?»

Афрӯхта рухсори ту аз оташи саҳбо,
Бигдохта аз оташи ин ашк дили мо,
Аз гиряи ман шӯри қиёмат шуда барпо,
«Шӯре ба дили сӯхта афтод, бифармо,
Имшаб намаки синаи бирёни кӣ будӣ?»

Афтодаам аз ҳаҷри ту андар тапишу таб,
Талх аст маро бе лаби ширини ту машраб,
Худ гӯй, кӣ нӯшид майи васл аз он лаб?
«Ман бо дили ошуфта чӣ донам, ки ту имшаб
Ҷамъияти аҳволи парешони кӣ будӣ?»

Айнисифат аз даст шуда кори Ҳилолӣ,
То чанд равӣ дар раҳи озори Ҳилолӣ?
Равшан накунӣ дидаи хунбори Ҳилолӣ?
«Дур аз ту сияҳ буд шаби тори Ҳилолӣ,
Эй моҳ, ту хуршеди дурахшони кӣ будӣ?»

МАРСИЯИ МУСАДДАС БА АБЁТИ ҲАЗРАТИ МАВЛОНОИ ҶОМӢ

Рафтӣ, эй гулбуни навраста, зи бустони падар,
Булбул омад ба фиғон аз дили нолони надар,
Зи фироқи ту зад оташ ба муҳиббони падар,
Дили бирёни падар, синаи сӯзони падар,
«Рехтӣ хуни дил аз дидаи гирёни падар,
Раҳм бар ҷони падар н-омадат, эй ҷони падар».

Баста будам ба ту дилро, ки ту худ дилбандӣ,
Чӣ шуд охир, ки ба якбора дил аз ман кандӣ?
Меҳри фарзандиву ойини ҷигарпайвандӣ
Ин буд оё, ки падарро ба бало афкандӣ?
«Сад раҳ аз дасти қазо сина ба нохун кандӣ,
Гар наяфтодӣ аз он рахна дар имони падар».

Дар баҳорон, ки шавад шод зи гул то хошок,
Дидаи мо шуда чун абри баҳорӣ намнок,
Сина гардида зи ғам чун гули сурӣ сад чок,
Зи чӣ рафтӣ ба таҳи хок ту, эй гулбуни пок?!
«Навбаҳор омаду гулҳо ҳама растанд зи хок,
Ту ҳам аз хок баро, эй гули хандони падар!»

Гар наёӣ сӯйи мо, боди саборо бифирист,
Хабаре таслияти хотири моро бифирист,
Дард з-андоза фузун гашт, даворо бифирист,
Тира шуд чашм зи ғам нури зиёро бифирист,
«Шуд маро дида чу Яъқуб, Худоро, бифирист
Бӯйи пироҳанат, эй Юсуфи канъони падар».

Ду-се соле рухи гулранг намоён кардӣ,
Хонаам аз гули рухсор гулистон кардӣ,
Падару хешу бародар – ҳама шодон кардӣ,
Зуд ҷамъияти ин силсила вайрон кардӣ,
«Хоб дидам, ки дили ҷамъ парешон кардӣ,
Оқибат рост шуд ин хоби парешони падар».

Вақти он буд, ки тавсифи ҳаётат гӯям,
Ҳарфи ширинею тарзи ҳаракотат гӯям,
Кай гумон доштам абёти мамотат гӯям,
Сухан аз талхии ҳоли сакаротат гӯям,
«Ҷигарам сӯхта» таърихи вафотат гӯям,
Дили модар шуда оташзада бар сони падар.

МУСАДДАС ДАР ТАЗМИН

Э ҷафоҷӯ, чӣ аламҳо, ки надидем аз ту,
Ғайри дашному ҳақорат нашунидем аз ту.
Ба таманнои дили худ нарасидем аз ту,
Оқибат ром нагаштию рамидем аз ту,
«Мо ба куллӣ тамаи васл буридем аз ту,
Дасти уммед ба якбора кашидем аз ту».

Дар раҳи ишқи ту як умр давидем ба сар,
Шуда расвои сари кӯчаву бозору гузар,
Нанамудӣ зи вафо ҷониби мо ҳеҷ назар,
Тобу тоқат ба ҷафои ту намондаст дигар,
«Мо ба куллӣ тамаи васл буридем аз ту,
Дасти уммед ба якбора кашидем аз ту».

Ба сари кӯйи ту кардем басе ҷӯшу хуруш,
Бори таъни касу нокас бикашидем ба дӯш,
Ошноӣ набаромад зи ту, пас палтару қӯш
Баргирифтем, то бо ғайр нишину май нӯш,
«Мо ба куллӣ тамаи васл буридем аз ту,
Дасти уммед ба якбора кашидем аз ту».

Дили бечора ба ҳичрони ту озор кашид,
Ҷони меҳнатзада озори ту бисёр кашид,
Дилу ҷон бар раҳи ту меҳнати бекор кашид,
Бодаи васл ба ҷоми тараб ағёр кашид,
«Мо ба куллӣ тамаи васл буридем аз ту,
Дасти уммед ба якбора кашидем аз ту».

Чанд кардем дил аз меҳнату ғамҳои ту хун,
Чанд гаштем ба дунболи ту ночору забун,
Дил хунук гашту бишуд фикри ту аз дил берун,
Дилкашолӣ ба ту моро набувад ҳеҷ кунун,
«Мо ба куллӣ тамаи васл буридем аз ту,
Дасти уммед ба якбора кашидем аз ту».

Ту мапиндор ки ин бор чу ҳар бори дигар,
Боз оему гузорем ҳама кори дигар,
Чун бирафтем, наҷӯйем туро бори дигар,
Баъд аз ин мову дилу пешаву атвори дигар,
«Мо ба куллӣ тамаи васл буридем аз ту,
Дасти уммед ба якбора кашидем аз ту».

Ману Айнӣ, ки зи ишқи ту қаландар гаштем,
Доғи ту бар дилу савдои ту бар сар гаштем,
Аҳд бисёр шикастӣ ту, ки музтар гаштем,
Аҳд мо ҳам бишикастем, зи ту баргаштем,
«Мо ба куллӣ тамаи васл буридем аз ту,
Дасти уммед ба якбора кашидем аз ту».

МУХАММАС БАР ҒАЗАЛИ А. ЛОҲУТӢ

Аз он рӯзе, ки бурдастӣ зи мо дил,
Надид аз илтифотат як адо дил,
Ба сад ғам гарчи гардид ошно дил,
«Нашуд як лаҳза аз ёдат ҷудо дил,
Зиҳӣ дил, офарин дил, марҳабо дил».

Дилам рафту зи пай сабру қарорам,
Кунун дар фикри дил ҷон месипорам,
Мапурседам ба дил чун аст корам,
«Зи дасташ як дам осоиш надорам,
Намедонам чӣ бояд кард бо дил».

Чӣ гӯям, дил ба ман охир чиҳо кард?
Маро дар орзӯи худ фидо кард,
Зи савдоят маро дил дар бало кард,
«Ба чашмонат маро дил мубтало кард,
Фалокат дил, мусибат дил, бало дил».

На ёрое, ки фарёде барорад,
На бахти он ки хун аз дида борад,
Ба ҳичронат кунун чун тоб орад?
«Даруни сина оҳе ҳам надорад,
Ситамкаш дил, парешон дил, гадо дил»,

Дар он вақте ки лофи ишқ мезад,
Муқаррар кард хуни хеш резад,
Чӣ ҷойи он ки аз домат гурезад,
«Бишуд хоку зи кӯят барнахезад,
Зиҳӣ собитқадам дил, бовафо дил».

Ба роҳи ишқ асар аз ман мапурсед,
Чу дил гум шуд, хабар аз ман мапурсед,
Чӣ ҷойи дил, зи сар аз ман мапурсед,
«Зи ақлу дил дигар аз ман мапурсед,
Чу ишқ омад куҷо ақлу куҷо дил?»

Намегӯям ҳақ аз дил, ботил аз ту,
Вале дилрост ҳоле мушкил аз ту,
Ту хун гаштӣ зи дил, дил – бисмил аз ту,
«Ту, Лоҳутӣ, зи дил нолӣ, дил аз ту,
Ҳаё кун, ё ту сокит бош, ё дил».

СУРУДИ МАКТАБ
(Саҳаргоҳон)

Саҳаргоҳон, ки булбул дар наво шуд,
Гул аз шодӣ шукуфту ғунча во шуд.

Шумо, эй булбулони боғи мактаб,
Саҳаргоҳон чаро хобед ҳар шаб?

Шумо ҳам дар наво оед бояд,
Ки то аз боғи маънӣ гул кушояд.

Саҳаргоҳон гулистони дабистон
Тароватбахш бошад чун гулистон.

Чаро аз ин гулистон гул начинед?
Чаро дар кунҷи бекорӣ нишинед?..

Биёед, эй шарикон, дарс хонем,
Ба бекорию нодонӣ намонем.

Ба олам ҳар касе бекор гардад,
Ба чашми аҳли олам хор гардад...

Биёед, эй рафиқони маонӣ,
Ба ҳам гардем ҷӯёни маонӣ.

Зи илму маърифат гар баҳра ёбем,
Тавон бозуи нодонӣ битобем.

Вагарна ҷаҳл бар мо ҳамла орад,
Димор аз рӯзгори мо барорад.

МАРШИ ҲУРРИЯТ

Эй ситамдидагон, эй асирон!
Вақти озодии мо расид.
Муждагонӣ диҳед, эй фақирон!
Дар ҷаҳон субҳи шодӣ дамид.

То ба кай ғусса хӯрдан ба ҳасрат,
Баъд аз ин шодмонӣ намо!
Бас ҷафо, бас ситам!.. Эй адолат!
Дар ҷаҳон ҳукмронӣ намо!

Интиқом! Интиқом! Эй рафиқон!
Эй ҷафодидагон! Эй шафиқон!
Баъд аз ин дар ҷаҳон ҳукмрон бод
Ранҷбар, барзгар бо тифоқ!

Хуни мо шуд ҳадар рӯзгорон,
Бар муроди ду-се нобакор.
Бар муроди дили дӯстдорон,
Ҷони ин нобакорон барор!

Дар ҷаҳон зулми золим намонад,
Ҳам ҷафо, ҳам ситам, ҳам нифоқ.
Дар ҳама шаҳди шодӣ чашонад
Ранҷбар, барзгар бо тифоқ!

Интиқом! Интиқом! Эй рафиқон!
Эй ҷафодидагон! Эй шафиқон!
Баъд аз ин дар ҷаҳон ҳукмрон бод
Ранҷбар, барзгар бо тифоқ!

Ҳар ситамгори дун хурраму шод
Солҳо ҷоми ишрат чашид.
Дар шаби тираи ҷавру бедод
Ҳар ситамдида меҳнат кашид.

Оқибат офтоби адолат
Бар сари бенавоён битофт.
Аз ҷаҳон нест шуд зулму зулмат,
Мустабид дар ҷаҳаннам шитофт.

Интиқом! Интиқом! Эй рафиқон!
Эй ҷафодидагон! Эй шафиқон!
Баъд аз ин дар ҷаҳон ҳукмрон бод
Ранҷбар, барзгар бо тифоқ!

МАРСИЯ
(Дар кушта шудани бародарам Ҳоҷӣ Сироҷ дар зиндони амир)

I

Дӯстон! Фоҷиаи сахт биёмад ба сарам,
Рафт аз ин фоҷиа рӯҳ аз тану нур аз басарам.

Хабаре омаду рафт аз дилу ҷон тоқату ҳуш.
Баъд аз ин кай шавад аз ҳушу дилу ҷон хабарам?!

Хабар ин аст, ки бо теғи ситам кушта шудаст
Додарам – қуввати рӯҳу дилу кутти ҷигарам.

Аз ҳуҷуми аламам қуввати фарёд намонд,
То чунин дашнаи бедод фалак зад ба сарам.

Ҷигарам об шуду рехт зи ду чашми тарам,
Ҷигарам, во ҷигарам, во ҷигарам, во ҷигарам!

II

Баъд аз ин тоқату ором мапурсед зи ман!
Баъд аз ин шодии айём мапурсед зи ман!

Субҳи шодӣ абадӣ дур шуд аз ман, пас аз ин
Ғайри шоми алам анҷом мапурсед зи ман!

Рӯзам аз шаб накунад фарқу сабоҳам аз шом,
Шабу рӯзу саҳару шом мапурсед зи ман!

Реза шуд пайкарам аз шиддати андуҳу алам,
Асари шиддати олом мапурсед зи ман!

Ҷигарам об шуду рехт зи ду чашми тарам,
Ҷигарам, во ҷигарам, во ҷигарам, во ҷигарам!

III

Эй ҷафопеша фалак, нолаву фарёд аз ту!
Нест ҷойе зи ту ободу диле шод аз ту!

Ҳар ниҳоле ки дар ин боғ барӯманд шуда,
Канда гардида ба бедод зи бунёд аз ту!

Бод, эй модари айём, насиби ту ҳалок!
Ки ҳама меҳнату андуҳу алам зод аз ту!

Дилу ҷону сару ҳушу хирадам рафт ба бод,
Хӯрдаам сахт чунон дашнаи бедод аз ту!

Ҷигарам об шуду рехт зи ду чашми тарам,
Ҷигарам, во ҷигарам, во ҷигарам, во ҷигарам!

IV

Ҷамъ гардида ба як ҷой ситамгоре чанд
Ба кушишхона чунонки саги хунхоре чанд,

Даври як золими мурдори ситамгори сафеҳ,
Гирд гардида ситампешаи мурдоре чанд,

Гӯсфандвор ба ханҷар зада сар инсонро
Бикашиданд зи хун соғари саршоре чанд.

Ҷон супурданд ба анвои ҷафову зорӣ,
Чанд озурдадил аз дасти дилозоре чанд.

Ҳам дар он маслахи аҳрор ҷигаргӯшаи ман
Кушта гардида ба фармудаи ашроре чанд.

Ҷигарам об шуду рехт зи ду чашми тарам,
Ҷигарам, во ҷигарам, во ҷигарам, во ҷигарам!

V

Ин шунидам, ки ду-се золими хунхори дурушт
Дасти он хастаи мазлум бубастанд ба пушт.

Раҳм н-оварда ба бечорагию бегунаҳиш,
Мезадандаш ҳама дам гаҳ ба лагад гоҳ ба мушт.

Ин ҳама зулм, ки он хукниҳодон карданд,
На ба оини маҷусасту на кеши Зардушт.

Ҳеҷ гаҳ мо нашунидем, ки инсонеро
Бабр ё хирс ва ё хук бад-ин ваҳшат кушт.

Ҷигарам об шуду рехт зи ду чашми тарам,
Ҷигарам, во ҷигарам, во ҷигарам, во ҷигарам!

VI

Ё Раб, он хонаи бедоду ситам вайрон бод!
Ё Раб, он маҳкамаи ҷавр мазористон бод!

Ё Раб, он тахт, ки шуд боиси бадбахтии мо,
Реза-реза шуда бо хоки сияҳ яксон бод!

Ё Раб, он тоҷ, ки зеби сари хунхоре шуд,
Бо сари соҳиби худ зебдеҳи зиндон бод!

Ё Раб, он қаср, ки ишратгаҳи ҷаллодон аст,
Пора-пора шуда дар зери замин пинҳон бод!

Ё Раб, он зумра, ки имрӯз таҳаккум дорад,
Даст баста ба дари маҳкамаҳо ҳайрон бод!

Ё Раб, он муфтию он қозию он шоҳу вазир
Сарнагун гашта ба хуни худашон ғалтон бод!

К-ин ҳама зулм ба даврон, ки бадин ваҳшат рафт,
Баҳри омодагии ишрати ин ҳазрат рафт.

ПАЙРАВ ЗИ МИЁН РАФТ

Пайрав, ки яке шоири шӯроии мо буд,
Сад ҳайф, ки дар айни ҷавонӣ зи ҷаҳон рафт.

Дар даҳр баҳор асту ҳазон аст, валекин
Афсӯс тавон хӯрд бар он гул, ки ҷавон рафт.

Аз маҳфили аҳбоб дар ин мотами ҷонсӯз
То абри сияҳ дудсифат оҳу фиғон рафт.

Лекин насазад нола, ки аз гулшани шӯро
Сад гул расад он рӯз, ки як гул ба хазон рафт.

Сад пайрави комил ивази ин бирасонем,
Як Пайрави наврастаи мо гар зи миён рафт.

ШАБИ ТАНҲОЙ

Шаби танҳоӣ дили ман хун шуд,
Дили ман хун шуд шаби танҳоӣ.
Дили шайдоӣ ба куҷо гум шуд?
Ба куҷо гум шуд дили шайдоӣ?

Ба кӣ мегӯям дили хунгашта?
Дили хунгашта ба кӣ мегӯям?
Зи кӣ меҷӯям дили гумгашта?
Дили гумгашта зи кӣ меҷӯям?

На маро ҳамдам, на маро мунис,
На маро мунис, на маро ҳамдам.
На маро маҳрам, на маро мушфиқ
На маро мушфиқ, на маро маҳрам.

Сари расвоӣ сари ман дорад,
Сари ман дорад сари расвоӣ.
Сари савдоӣ ба куҷо монам?
Ба куҷо монам сари савдоӣ?

На маро хона, на маро бистар,
На маро бистар, на маро хона.
На маро лона, на маро болин,
На маро болин, на маро лона.

Чӣ бало мушкил алами дурӣ?
Алами дурӣ чӣ бало мушкил?
Наравад аз дил ғами маҳҷурӣ,
Ғами маҳҷурӣ наравад аз дил.

Ғами ҳамзодон чӣ ситам бар ман?
Чӣ ситам бар ман ғами ҳамзодон?
Алами ҳичрон чӣ ҷафо бар ман?
Чӣ ҷафо бар ман алами ҳичрон?..

Чӣ кунам, ё Раб, шаби танҳоӣ?!
Сари савдоӣ, дили шайдоӣ.
Ба ҷаҳон бо ҳам зи ҷаҳон барҳам
Бихӯрад, ё Раб, шаби танҳоӣ!

ТО БА КАЙ?

То ба кай ошуфтаи зулфи парешон аст дил?
То ба кай хунгаштаи лаъли сухандон аст дил?

То ба кай қурбони бераҳмии ҷонон аст дил?
То ба кай вайрони истибдоди ҳиҷрон аст дил?

То ба кай аз ғусса гирён ҳамчу найсон аст чашм?
То ба кай аз доғ сӯзон ҳамчу нирон[1] аст дил?

То ба кай аз бекасӣ ҳамроҳи фарёд аст лаб?
То ба кай аз берафиқӣ ёри афғон аст дил?

То ба кай дар хоку хуни ҳаҷр ғалтон аст тан?
То ба кай дар сӯзу доғи ишқ бирён аст дил?

То ба кай аз хори роҳи ёр афгор аст пой?
То ба кай аз ҷавру зулми дӯст нолон аст дил?

То ба кай хам бар сари зонуи маъюсист сар?
То ба кай хун аз ҳуҷуми доғи ҳирмон аст дил?

Вақти он омад, ки дар саъю амал ҳиммат кунем.
Дар сари осудагии хеш худ хидмат кунем.

[1] **Нирон** – оташ.

ОВОЗИ ТОҶИК

Ба парда то ба чандин рози тоҷик,
Биё биншин, шунав овози тоҷик.

Чу қумрӣ месароям нағма, чунки
Гирифторам ба сарви нози тоҷик.

Ба зеҳни софу истеъдоди фитрӣ
Набошад дар ҷаҳон анбози тоҷик.

Суханро чун арӯсон зеб дода
Забони маърифатпардози тоҷик.

Ҳунарҳо, пешаҳо эҷод карда
Ба дунё қувваи ҷонбози тоҷик.

Якин донӣ, ки анҷомаш ба хайр аст,
Ба ёд орӣ агар оғози тоҷик.

Ҷаҳонро сар ба сар санҷида дида,
Ба аҳди рафта чашми бози тоҷик,

Фақат бемактабӣ дар аҳди ҳозир
Каме монеъ шуд аз парвози тоҷик.

Пас аз чанде ба хомӯшӣ ғунудан,
Баромад оқибат «Овози тоҷик».

ПАНД

Эй қуввати ҷисму қути ҷонам,
Осоиши ҷони нотавонам.

Бишнав зи ман ин хуҷистагуфтор:
Мафрӯш замини хеш зинҳор!

Мафрӯш замин, ки гавҳар аст ин,
Гавҳар чӣ, шафиқа модар аст ин.

Ин хоки сияҳ, ки мушкбез аст,
Мафрӯш, ки модари азиз аст.

Чун модари меҳрубони ҷонӣ
Парварда туро ба меҳрубонӣ.

Кас модари меҳрубон фурӯшад?!.
Аблаҳ бошад, ки он фурӯшад.

Ин хоки сияҳ бад-ин сиёҳӣ
Бахшад ба ту неъмати илоҳӣ...

Мафрӯш замин, ки хор гардӣ,
Берӯзию беқарор гардӣ.

Як парча замин, ки киштзор аст,
Бар тарзи маишатат мадор аст.

На ош хӯрад, на нон, на мева,
Бахшад ба ту ошу нону мева.

Ҳар тухм ба киштзор корӣ,
Даҳ мерӯяд ба лутфи борӣ.

Боғи ту, ки пур зи ангубин аст,
Хуррам ҷоясту дилнишин аст.

Ҳам себ туро диҳад, ҳам олу,
Шафтолую ноку олболу.

Ангур, ки ин қадар азиз аст,
Аз боғи ту муфт руста чиз аст.

Боғ аз чӣ сабаб ба зар фурӯшӣ?
Зар муфт равад, агар фурӯшӣ.

Ҳам боғ равад зи дасту ҳам зар,
Монӣ ба ҷаҳон харобу абтар.

Зар ҷамъ намо, замин ба даст ор,
Мекор замин, ки зар диҳад бор.

Бо зар ту гар эҳтиёҷ дорӣ,
Гандум мекор, то зар орӣ.

Зинҳор замину боғ мафрӯш!
Ин панди наку бигир дар гӯш!..

БОМДОДИ БАҲОРОН

Айёми баҳору бомдодӣ,
Вақти фараҳ асту гоҳи шодӣ.

Бар ҷониби марғзор бинӣ,
Ҳар сӯ гулу лолазор бинӣ,

Ҳаст оби равон, равон ба ҳар сӯ,
Сабз аст зи сабзаҳо лаби ҷӯ,

Аз бӯйи гулу гиёҳи навхез,
Боди саҳарист анбаромез,

Гул хурраму барги ток хуррам,
Аз сабза тамоми хок хуррам,

Бархоста сарв, гул шукуфта,
Наргис лекин ҳанӯз хуфта,

3-ин коҳилӣ асту бешуурӣ,
Машҳур шудаст ӯ ба кӯрӣ.

Занбӯри асал кашад зи ҳар сӯ,
Шира зи шукуфаҳои хушбӯ,

Гунҷишк ба саъйи хеш дона
Аз дашт барад ба сӯйи хона,

Хоҳ мӯр асту хоҳ мор аст,
Ғарқи амал аст, маҳви кор аст.

Айб аст, ки одамӣ дар ин ҳол
Бекор ба гӯшае бихобад,

Дунё гардидааст фаъол,
Ӯ бар коре набаршитобад.

* * *

Ҷаҳон то ҷаҳон аст, гарданда аст,
Бимирад, агар шоҳ, гар бандааст.

Ба дунё намонад касе ҷовидон,
Наёбем мо ҳам зи мурдан амон.

Бимирем чун кому ноком мо,
Ҳамон беҳ, ки мирем бо ном мо!

Ба номи наку кушта гаштан ба ҷанг
Беҳ аз зиндагонии бо айбу нанг.

Муҳаннас набошему нокас наем,
Гар аз марг тарсем, мо кас наем!

Бифармо, ки мо ҷонсупорӣ кунем,
Ба ҷанги ватан бар ту ёрӣ кунем!

Бифармо, ки мо дар сафи корзор
Барорем аз мағзи душман димор!

Бифармо, ки бо оташи ҷанг зуд
Барорем аз ҳастии хасм дуд!

Ту фармон деҳу қаҳрамонӣ бубин,
Зи мо ҷондиҳӣ, ҷонситонӣ бубин!

Ба оташ фиристӣ, самандар шавем,
Ба беша фиристӣ, ғазанфар шавем.

Ба дарё фиристӣ агар баҳри ҷанг,
Зи туфон натарсем ҳамчун наҳанг.

Агар мефиристӣ ба пайкори кӯҳ,
Чу вулкан зи мо кӯҳ гардад сутӯҳ.

Ситонем мо хуни хеш аз адӯ
Аз он пеш, ки хуни мо резад ӯ.

Чу кардем якчанд душман ҳалок,
Пас он гоҳ аз кушта гаштан чӣ бок?..

Ки ин маргамон умри сонӣ диҳад,
Ҳаёти нави ҷовидонӣ диҳад...

* * *

Эй дил, ба ғами ишқ гирифтор шудӣ,
Девона шудӣ, хаста шудӣ, хор шудӣ.
Якчанд қарини суҳбати ёр шудӣ,
Имрӯз ба як дидани ӯ зор шудӣ.

* * *

Айнӣ, ҳама завҷу фарди олам дидем,
Маҷмӯи давою дарди олам дидем.
Кам сохт ба мо ҷуз оҳи сарду дами гарм,
Бисёр зи гарму сарди олам дидем.

* * *

Ҳушёр шав, ин аҳди накуӣ гузарад,
Айёми баҳору тозарӯӣ гузарад.
Ҳарфе зи вафо ба безабонони чаман,
Гӯӣ гузарад, агар нагӯӣ, гузарад.

* * *

Мактаб ба ту ёд медиҳад илму адаб,
Мактаб зи ту мебарад ғаму ранҷу тааб,
Як нуктаи мухтасар зи мактаб гӯям:
Одам нашавад касе магар аз мактаб.

* * *

Он холи сияҳ, ки бар рухат ҷо дорад,
Ҳиндуст, вале ба хулд маъво дорад,
Гар ҳинду нест, аз чӣ аз роҳи ҷафо
Тороҷи матои дин тақозо дорад?

* * *

Шод аз ту шудам аввалу ғамгин охир,
Рафт аз кафи ман қарору тамкин охир.
Охир, зи сари раҳм гузаштан то кай?
Аз лутф дар ин миён яке бин, охир.

* * *

Дар мадраса ҳуҷраи қулай нест маро,
Дар майкада ваҷҳи нуқлу май нест маро.
То кай гӯям, ки ину вай нест маро?
Билҷумла ба даҳр ҳеҷ шай нест маро!

* * *

Зоҳид, ки ҳамеша таъни мастӣ мекард,
Бо шишаву бода сангдастӣ мекард.
Чун чашми туро дид, ки мастӣ мекард,
Мастӣ мекард, майпарастӣ мекард.

* * *

Ин боғ зи нахли куҳан оростаам,
В-он нахл ба теғи хома пиростаам.
Сайронгаҳе зиёда кардам ба шумо,
Ҳарчанд зи умри худ басе костаам.

* * *

Ин хона зи хишти куҳна андохтаам,
Дар вай ҷашне зи рафтагон сохтаам,
То аҳли замони мо бидонанд, ки ман
Як умри ҷавонӣ ба чӣ раҳ бохтаам.

МУНДАРИҶА

А. Кӯчарзода. Устод Айнӣ ва истиқлолияти миллии тоҷикон 5

Одина 19
Қисми якум 20
Қисми дувум 47
Қисми севум 70
Қисми чорум 108

Марги судхӯр 169

Аҳмади девбанд 346

Мактаби куҳна 376

Мунтахаби ашъор 416

«АХТАРОНИ АДАБ» (СИЛСИЛА)
ИБОРАТ АЗ 50 ҶИЛД

Ҷилди 40

Садриддин Айнӣ

МУНТАХАБОТ

(Китоб аз ҳисоби нақшаи соли 2019 нашр шудааст)

Муҳаррири ороиш *Ромиш Лоиқзода*
Муҳаррири саҳифабандӣ *Азиз Қурбонзода*
Мусаҳҳеҳ *Меҳрӣ Саидова*

Ба матбаа 26.10.2019 супурда шуд.
Чопаш 18.08.2020 ба имзо расид.
Ҷузъи чопӣ 30,0. Андозаи 60х90 $^{1}/_{16}$.
Адади нашр 5000 нусха

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қаробоев 17а

Дар чопхонаи ҶДММ «Илм» чоп шудааст.